**СОҶИДАИ МИРЗО**

# ФАРИШТА ДАР ДӮЗАХ

**Душанбе-2022**

ТДУ: 891.550-3
ТКБ: 84 тоҷик7-4
М-65

**Муаллиф:**
Соҷидаи Мирзо

**Муҳаррир:**
Олим Бухориев

**Соҷидаи Мирзо.** Фаришта Дар дӯзах.-Душанбе 2022:, ҶДММ «_____________», 480 саҳ.

Хонандаи арҷманд, китобе, ки ҳоло дар даст дорӣ, нахустин роман ва чаҳор ҳикояи журналисти маъруфи тоҷик Соҷидаи Мирзо аст. Романи “Фариштa дар дӯзах” аз сарнавишти духтаре ҳикоят мекунад, ки бархурдҳои ношӣ аз мавзеъгириҳои қолабӣ дар баробари як зан, ӯро ба моҷароҳои боварнокарданӣ гирифтор кард. Танҳо гуноҳаш ин буд, ки аз толеъи бад талабгори зиёд надошт ва дар хонаи падар мондагор шуд. Падар ба ӯ рӯи хуш намедод ва рӯзгорашро сиёҳ мекард. Саранҷом, аз тарси “ҳарфи мардум”, зиндагии духтарашро гӯё “сомон” дод ва ӯро бо як издивоҷи аҷулона ба гирдоби ғарибӣ, хориву зорӣ ва таҳқиру таҷовуз афканд. Дар он кишвар, ки аз қаҳрамони роман бардаи зархарид ва “ғариба” ном мебурданд, ӯ оташи дӯзахро дар ҷони худ имтиҳон кард. Аз ин беш намегӯем, то ҳаваси хондани роман аз байн наравад.

Чаҳор достони дигар низ аз сарнавишти инсонҳо ва чархиши ғайриинтизори зиндагӣ ҳикоят мекунанд. Муаллиф ин достонҳоро барои оммаи мухотабон ва бо намунае аз сабки зебои носирӣ пешкаш кардааст.

Муаллиф ин китобро ройгон ба хонандагонаш тақдим мекунад.

**ISBN:**

©

**(Роман)**

# ФАРИШТА ДАР ДӮЗАХ

Яке буд, яке набуд, зери гунбади кабуд, дар як замон дар як макон подшоҳе буд, ки панҷ духтар дошт. Як рӯяшон офтобу буду як рӯяшон моҳтоб ва овозаи ҳуснашон ба ҳафт иқлим мерасид.

Подшоҳ писар надошт ва ғами беписарӣ рӯзгорашро тира ва авқоташро нохуш мекард. Солҳо гузаштанду духтарҳо бузург шуданд. Подшоҳ чаҳор духтарашро ба шоҳзодаҳои мамлакатҳои ҳамсоя хонадор кард, илло духтари аз ҳама бузургашро, ки дар ҳусну ақлу хирад аз хоҳаронаш бартар буд ва номзадҳои хостаи падарро рад мекард. Шоҳзодаҳо боумед аз дарвозаи шаҳр ворид мешуданд ва ноумед бармегаштанд. Шоҳдухтар он қадр номзад рад кард, ки номаш аз забонҳо афтид ва дигар касе ба суроғаш наомад. Подшоҳ аз нозу бозорсозии духтараш хашмгин шуд ва савганд хӯрд, ки рӯзи якшанбеи аввали моҳ ҳар кӣ аввал аз дарвозаи шаҳр ворид шавад, ҳамонро ба домодӣ мепазирад. Духтар дигар илоҷ надошт, магар ба талаби падар сар фурорад. Ӯ чин дар ҷабин ва тарс дар дил интизори аввали моҳ шуд. Саҳари якшанбе худро оро дод ва пеш аз дигарон ба бурҷи баландтарини қаср рафт, то шавҳари ояндаашро бубинад. Вовайло, касе, ки аввал аз дарвозаи шаҳр ворид шуд, мӯйсафеди сарсафеде буд, бо қомати хамида, даҳони бедандон ва фисаш дар нӯги димоғаш овезон...

Духтари афсонагӯ барои таъсирбахшии достонаш лаб газиду “вой-вой” карду сар такон дод ва баъд гӯё роҳи ҳалли мушкили духтари шоҳро меҷӯста бошад, сохтакорона ба дуриҳои дур нигоҳ кард. Хоҳарзодааш, ки то ин дам бо марҷони гардани хола бозӣ мекарду бо даҳони боз қиссаи духтари подшоҳро мешунид, аз ҳаяҷон оби даҳонашро фурӯ

бурду бо дастони кӯчакаш даҳони холаро баст.

- Чаро? Намехоҳӣ давоми афсонаро бишнавӣ? Давомаш ҷолиб аст! Ман гӯяму ту бишнав!

- Қиссаи «Бузаки Ҷингилапо»-ро бигӯ! - дилтангӣ кард кӯдак.

- Боз ҳам бузаки Ҷингилапо? Дишаб бузакро гуфтам, парер бузакро гуфтам, биё давоми қиссаи духтари подшоҳро бигӯям.

- Не, нагӯ, подшоҳ бадҷаҳл аст, мисли бобом, духтарашро дӯст намедорад, бузак меҳрубон аст...

Хола хандаашро сар дод ва кӯдакро бағал карду ҳарду дар рӯи гилем ғел зададанд.

Ӯ ҳар шаб барои хоҳарзодаи панҷсолааш, ки аз деҳаи ҳамсоя ба меҳмонӣ омадааст, афсона мегӯяд, то кӯдакро хумори модар нагирад ва фиғонаш хобро аз чашми мардуми маҳалла напаронад. Модари кӯдак обистан асту дилбеҳузурӣ дорад ва духтарашро ба хонаи падариаш фиристод то “оқ-оқ”-и ӯро нашнавад.

-Чаро бобоpo хашмгин мегӯӣ? Магар дӯсташ намедорӣ? - аз даҳони кӯдак гап кашид духтар ва ҳавзи чашмони аз ашку ханда лабрезашро бо лаби доманаш хушк кард.

- Ин бобоpo мегӯӣ ё он бобоpo? - кӯдак лабонашро ғунча карду ҳиллагарона ба холааш чашм дӯхт. Манзураш бобои падарӣ ва бобои модариаш буд.

- Ҳардуро.

- Он бобо хуб аст, маро пуштора мекунад, дар китфаш мебардорад, ки аз дарахт гелос бичинам. Кӯдак ҷумлаашро давом надод.

- Ин бобо чӣ?

Кӯдак ба тиреза нигаристу ба холааш ишора кард, ки гӯшашро наздиктар биёрад.

- Ин бобо маро дӯст намедорад, ҳар бор биёям “ҳа, боз омадӣ?” мегӯяд, маро бағал намекунад, бозича ҳам намехарад. Он бобо бароям ду арӯсак харид!

Духтар ёд надорад, кай бори охир ба ин андоза аз таҳти дил хандида буд. Хандаи хола ба кӯдак гузашт, ҳарду хеле шодӣ карданд. Кӯдак аз ханда сер шуду ба тахти хоб парид ва чорзону заду афсонаи бузакро талаб кард.

- Бошад, бузакро мегӯям, чашмонатро бипӯш, то афсонаро хубтар бишнавӣ. Буд набуд, будгор буд, кулух набуд, шудгор буд...

Духтар афсонаи бузакро он қадар каш дод, ки хоби заргӯшии хоҳарзодааш аз раҳ расид ва ӯ бо чашмони нимабоз ба хоби ноз рафт. Духтар худро бо эҳтиёт аз хоҳарзодааш канор кашид, то ӯро бедор накунад. Чашмони худаш ғарқи хоб буданд, аммо ғарами косаҳои ношустаи ошхонаро ба ёд оварду бо дили нохоҳам аз ҷой баланд шуд.

Аҳли хонавода дар ин ҳавлии бузург, ки шаш дар хона ва як меҳмонхонаи барҳаво дорад, ҳама дар бистарҳои нарм хобида буданд. Аз дари бози меҳмонхона садои хурроси хеши дури падараш ба гӯш мерасид, ки дар арафаи Иди қурбон аз деҳа ба молбозор гӯсфанд овардаст ва барои кӯтоҳ кардани роҳ шабро дар хонаи онҳо рӯз мекунад. Меҳмон шикамашро сер карду хобид, аммо гӯсфандҳояш аз гуруснагӣ дар гирди дарахти зардолу сумбак мезаданд ва думбаҳои чун болишти офтобхӯрда дамкардаи худро ба чапу рост тоб медоданд.

-Мардаки беинсоф, худаш ду коса шурборо бо як фатир нӯши ҷон карду ин бечораҳоро аз ҳамон нимаи рӯз ба дарахти зардолу баста, дигар суроғ накард!-меҳмонро сарзаниш кард духтар ва аз каҳдони паҳлуи оғил халтаи алафи тарро, ки падараш бегоҳ аз саҳро оварда буд, бардошту тағораи лабшикастаро аз алаф пур кард. Бӯи алафи тар мавҷзанон ба атроф паҳн шуд ва гӯсфандҳоро, ки шикамҳои холиашон дар пушташон часпида буд, бетоқат кард. Модагови хонадон ҳам, ки то ҳол чорзону зада нухшор мекард, аз ҷой бархосту сарашро аз шикофи ҳаводарои оғил берун баровcovarда ҳаворо ҳарисона бӯй кашид. Модагов

ҳафтаи гузашта зоймон кард ва ҳоло шиками холишудаашро бо ғизо пур мекунад. Духтар аз тарсе, ки гов мабодо садо баланд накунад, як дарза алафро бо аҷала ба пешаш партофт.

-Аҷаб иштиҳое дорӣ, даҳонат бистучор соат меҷумбад! - гуфт ӯ ва алафи боқимондаро ба назди гӯсфандҳо бурд. Бо наздик шудани тағораи алаф чаҳор гӯсфанд мисли сарбозҳои ҷангӣ ба пеш давиданд ва агар духтар шитоб намекард, дарахти зардолу решакан мешуд.

- Оҳиста, омадам, маҳалларо ба сар набардоред охир! Гӯсфандҳо якдигарро тела дода, худро ба тағора заданд. Дили духтар ба ҳоли ин ҳайвонҳо сӯхт. Ӯ сари по нишасту ба онҳо чашм дӯхт. “Бечораҳо ҳис мекарда бошанд, ки фардо ё пасфардо кушта мешаванд?” Кампири Сокина – пиракии ботаҷрибаи маҳалла мегӯяд, ки мол даҳ рӯз пеш аз забҳ ба дарди сар гирифтор мешавад ва то рӯзи корд ба гулӯяш расидан, гарангу пакар мегардад. Сокина ба зӯр то синфи чор хондааст ва коғази нафақаашро ба ҷойи ӯ келинаш имзо мекунад, вале ба ҳама суол ҷавоб дорад, ангор ду донишгоҳ хатм кардааст. Нисфи марду занҳои деҳа дар рӯи дастони ӯ ба дунё омадаанд ва манаҳи даҳҳо сокини ба раҳмати Худо рафтаро ҳамин Сокина бастааст. Магар ба гапи ӯ мешавад бовар накард? Духтар хам шуду дар рӯшноии чароғи рӯи ҳавлӣ ба чашмони гӯсфандон нигоҳ кард. Аммо дар он чашмони асалии меҳрубон аз гарангиву пакарӣ хабаре набуд! Гӯсфандҳо бо иштиҳо алаф мехоиданд ва луқмаи нимхоида дар даҳон фукҳояшон дубора ба тағораи лабшикаста, ки солҳо боз дар хизмати гову моли хонадон аст, меғутид.

- Поёни умрашонро эҳсос намекунанд, вагарна бояд алаф дар гулӯяшон дармемонд. - хулоса кард духтар ва аз ҳавз барои онҳо об овард. Хеле ташна буданд, обро беист дам кашиданд, мисле, ки моҳҳо рӯи обро надидаанд. Шиками гӯсфандҳо аз обу алаф дам карду ором гирифтанд. Ин дам дар роҳрави торик ду ҷуфт чашм мисли кирми шабчароғ дурахшид.

Саги сиёҳ аз гӯшаи торикӣ ҳавлӣ ҷумбон-ҷумбон чун аз пардаи шаб берун омад. Ҷуфти чашмони фурӯзонаш гоҳ дар як тараф дурахшид, гоҳ ду қадам дуртар. Даҳ соли зиндагӣ бо ин хонавода ӯро рамузфаҳм кардааст, мекӯшид ба белу банду каланд, ки соҳибхона ҳар ҷо дилаш хост ҳаво медиҳад, барнахӯрад ва аз хашми ӯ эмин бимонад. Саг ба дари ошхона расиду тамаллуқкорона думликонӣ кард.

Ту чаро намехобӣ? Гуруснаӣ? Саги сиёҳ дар ҷавоб лаб лесид.

Духтар аз ғарами зарфҳои холиву нимхолӣ пораҳои гӯшту чарбро ҷудо карду ба косаи оҳание андохт, ки саги шикамчарон онро аз лесидан чун алмос суфтаву дурахшон кардааст. Оби даҳони саг аз гӯшаи лабонаш ба замин рехт, аммо наздик наомад, интизор шуд, ки духтар косаро ҳар чӣ бештар пур кунад. Чанд дақиқае, ки духтар дар ошхона барояш сарқут ҷамъ мекард, шояд дар назари саг мисли сол намуд.

- Биё, бигир ризқатро, - ӯ косаи пури ғизоро ба замин гузошт, аммо ҳанӯз пушт ба саг накарда буд, ки коса холӣ шуд.

- Мегӯӣ аз дарав омадаӣ! Бегоҳ худам шикаматро сер кардам. Саг лабонашро лесиду бо умед ба сӯи табақҳои ошхона нигоҳ кард.

Нигоҳ накун, дигар чизе нест, бирав бихоб. Саг чун гадои хира илтиҷоомез ба духтар нигоҳ карду дум ликонд, аммо чун дид, ки бӯи умеде нест, бо дили нохоҳам, ҷумбон-ҷумбон дар торикии шаб ғайб зад.

Духтар косаҳоро шусту ҷо баҷо кард. Дастонашро собун зад ва акнун мехост ба тахти хобаш баргардад, ки аз ҳуҷраи шафати хонаи хобаш садои падарашро шунид. Ӯ духтари кунҷков нест, боназокату тарбиядида аст, аммо аз суҳбати волидон, ки канда-канда ба гӯш мерасид, эҳсос кард, ки онҳо дар бораи ӯ баҳс мекунанд.

Падар бо ҳавобаландии ба худ хос, ки тарафи дигари

баҳсро одам намеҳисобад, мегуфт:

- Ин духтар чанд соли дигар доқ-доқу бо сари қоқ мегардад? Дар пеши дӯсту душман забонкӯтоҳ шудем.

Модараш бо садое, ки ба зӯр шунида мешуд, падарро тасаллӣ медод:

- Сабур бошед мардак, духтар пиру бахташ мир мегӯянд, ин ҳам рӯзе ҷуфташро пайдо мекунад, зиқ нашавед.

- Хари мир роҳашро гум кардааст, ки ба хонаи ту биёяд, ба кӣ даркор пирдухтар, як сол баъд саг ҳам тарафаш намеҷакад!- бо қаҳр ҷавоб дод падар ва аз пасту баланд шудани садояш маълум мешуд, ки пушташро ба тарафи занаш гардонд. Зан таънаи шавҳарашро беҷавоб гузошт ё шояд чун ҳамеша “ҷанҷол нашавад” гуфту худро ба хоб зад.

Дили духтар сиёҳ шуд, ӯ бесадо ба ҳуҷраи хоб баргашт ва дар паҳлуи хоҳарзодааш дароз кашид. Хоб аз дидагонаш парид, оҳи сард аз дили пурдард кашид ва ба сарнавишти худ нафрин хонд. Ӯ духтари бузурги ин хонадон аст ва акнун ба 29 қадам мегузошт. Ҳамсолонаш мисли тири фалахмон кайҳо аз хонаи падарҳояшон берун ҷаҳиданд. Танҳо пойи ӯ дар гили ин хонадон дармондааст. Ҳаждаҳсола буд, ки ӯро бо ҷавоне аз деҳаи ҳамсоя фотиҳа карданд. Ҷавони зебои қоматбаланд буд, дили духтар ба ӯ мекашид. Шабона рӯи тахти хоб ба пушт мезад ва дар боли рӯъёҳо ба куҷоҳое намепарид! Шаби арӯсиашро тасаввур мекарду аз ҳаяҷон нафас дар гулӯяш мепечид. Он ҷавонро бо тамоми вуҷудаш мехост. Барои ӯ дастмоли домодӣ медӯхт ва бо лолаҳои арғувонӣ оро медод, ба кӯрпаву болишти гулдузӣ пахта пур мекарду косаву табақ мехарид. То рӯзи тӯй ками дигар монда буд, ки мошини домод ба ҷарӣ афтид ва ӯ ҷавонмарг шуд. Духтар андуҳ гирифт, дилаш шикаст, орзуҳояш барбод рафт. Аммо аз тарсе, ки нагӯянд духтари беҳаё будааст, рӯякӣ механдиду ашкҳояшро фурӯ мебурд, вале дар танҳоӣ сар зери кӯрпа мекарду мӯя мекашид. Баъди гӯру чӯби ҷавон модари духтар ҷиҳози овардаи он худораҳматиро дар як

мошин бор карду ба хонаашон бурд. Модари домод ҷиҳозро диду фиғонаш ба осмон печид.

- Духтари бе пою қадамат писарамро ҷувонимарг кард. - гуфт ва бо ҳамин дари бахт ба рӯи духтар баста шуд.

Чанд сол касе ба хостгориаш наомад, баъдҳо як ду нафар пайдо шуд, ки ё занмурда буданд ё занҷалоб. Падараш аз издивоҷи духтари бузург умедашро канд ва хоҳарҳои ӯро баробари хатми мактаби миёна аҷулона пушти ҳам хонадор кард. Бо чеҳраи чун гул нозук, чашмони оҳуи рамида, қомати расо ва гесувони ба қадаш баробар духтари бузурги хонадон хори чашми падар ва боиси забонкӯтоҳии модар шуд.

Рӯзҳои зиндагиаш тӯлониву якранг шуданд, шабаш ба кундӣ рӯз мешуд ва рӯзаш ба сахтӣ шаб, на ишқе буд, на ошиқе. Умедашро аз издивоҷ канду хост ягон касб омӯзад, ки лоақал дастнигар нашавад. Аммо ҷуръат надошт бо падари бадҷаҳлаш маслиҳат кунад. Холаи душанбегиашро миёндаро кард. Падараш хоҳарзани таҳсилкардаашро бо эҳтиром “муаллима” мегуфт, аммо рӯзе, ки хола дар сари рули мошини “Jeep” аз дарвозаи дутабақа ворид шуд ва бо шӯхӣ “духтарамро бо худам ба шаҳр мебарам” гуфт, мард мисли саги аз занҷир раҳида девона шуду ба ӯ дарафтод. Косаву табақро ба сари занаш зад, аз остини меҳмон кашиду ӯро аз дар берун андохт. Холааш аз он рӯз дигар пой ба погаҳи дари хоҳараш нагузошт. Ба тӯи хоҳарзодаҳояш даъватӣ буд, аммо наомад.

- То он саги девона зинда аст, ман поямро ба он хона намегузорам! - гуфт.

Духтар акун хонанишин шудааст, барои маъракаи ҷавонҳо ӯ пир аст, барои пирҳо миёнсол. Ӯ номи зебое дорад – Фаришта. Аммо ҳаққу ҳамсояҳо ӯро пушти сараш “пирдухтари Сафар” мегӯянд. Инро борҳо бо гӯши худ шунидааст. Аз одамҳо мегурезад ва соатҳои бекориашро дар болохонаи пур аз китоби бобои худобиомурзаш сипарӣ мекунад ва аз воқеияти талх ба афсонаҳо паноҳ мебарад. Он

қадр китоби афсона хонд, ки ҳисоб надорад!

Ҳавлии онҳо бо боғи бузург ва панҷ ҳуҷраи қадимию як меҳмонхонаи навсохт, ки дар рӯи таххонаи баланд бунёд шудааст, дар саргаҳи роҳи бозори ноҳия ҷойгир аст. Хешу табор ва шиносу ношинос дар роҳи рафту бозгашт аз бозор “як пиёла чой бигирем” - гуфта бехабар “меҳмонӣ” меоянд ва ин “меҳмонӣ” баъзан ба рӯзҳо мекашад. Хоҳарони Фаришта дар деҳаҳои атроф маскун шудаанд. Онҳо бисёр вақт аз вақ-ваќи модаршӯ ва нозунузи хоҳаршавҳарҳои худ ба хонаи падар паноҳ мебаранд ва баъзан ҳафтаҳо мондагор мешаванд, гӯё аслан издивоҷ накардаанд. Аз ин рӯ, деги шӯрбо дар ин хона аз саҳар меҷӯшад ва оташи танӯр хомӯш намешавад. Фаришта ҳар саҳар пеш аз дигарон аз хоб мехезад, гов медӯшад, ҳавлӣ мерубад, барои падараш субҳона омода мекунад ва дар ҳуҷраи калон барои меҳмонҳои ногаҳонӣ дастархон мекушояд. Гоҳо фаромӯш мекунад, ки худаш об дар даҳон нагирифтааст Дилаш ғам дорад, шикамаш ба ёдаш намерасад.

Ин саҳар бо хотири ошуфта ва дили гирифта бедор шуд, аз фарёди хурӯси ҳамсоя бедор шуд. Хурӯси пир чанде боз ҳисоби вақтро гум карда, гоҳо дар офтобнишин фарёд мезанад, гоҳо дар нимаи рӯз. Аммо, ин саҳар сар-сари деворе, ки хонаи онҳоро аз ҳавлии ҳамсоя ҷудо мекунад, бовиқор қадам мезад ва бо садои гирифта ҷеғ мекашид. Фаришта ба назди панҷара омад.

Такшини ҳарфҳои шаби гузаштаи падараш, дар қалбаш вазнинӣ мекард, гӯё санги сиёҳе дар сина дошт. Аз ҳавлӣ сулфаи падараш баланд шуд, ки зоҳиран ҳолу ҳавои хубе надошт, зери лаб ғур-ғур мекард. Хурӯсро дар сари девор диду бештар асабонӣ шуд. Аз замин сангеро бардошту бо ғазаб ба тарафи хурус парт кард, вале тираш ба нишон нарасиду “ҳе, онаи туро...” гуфту санги калонтарро бардошт. Аммо хурӯс ҳам он қадар нодон набуд, ки аз санги ҳамсояи бадхӯ қурбон шавад. Ӯ худро моҳирона ба ҳавлии соҳибаш

партофт ва аз он сӯи девор барқасдона як “қӯ-қӯ-қӯ”-и дигар зад. Мард хурӯс ва соҳиби хурусро зери лаб ҳақорат карду ғур-ғуркунон ба тарафи кати зери сояи ангур қадам бардошт. “Барвақт бедор шудааст, кош модарам субҳонаашро мебурд.”- аз дил гузаронд духтар ва аз панҷара ба чаҳор гӯшаи ҳавлӣ нигоҳ кард, модараш наменамуд, бо дили нохоҳам ба ошхона рафту дар тараддуди омода кардани субҳона шуд.

Падараш марди шикамчаронест, ки назараш ҳар ғизоро намегирад. Агар субҳона ё шом табъи дилаш набошад, рӯзи ҳамаро сиёҳ мекунад. Барои ҳамин модару духтар ба истилоҳ гули хӯрокро ба пешаш мегузоранд ва дар гирдаш парвона мешаванд, ки мабодо димоғаш насӯзад. Ҳоло ҳам духтар чойники гармро бо пиёлаҳо рӯи синӣ чид ва косаи чиниро аз қаймоқи шири бегоҳ дӯшидааш пур кард, рӯи шир мисли лой ғафс буд, даҳонаш об кушод. Ин дам овози “шим-шим”-и говҷӯшии модараш аз оғил ба гӯш расид. Духтар ҳоло розӣ буд, ки як пода говро биҷӯшад, аммо бо падараш рӯ ба рӯ нашавад.

Илоҷи дигар надошт. Пойҳояшро базӯр кашида ба самти кат қадам бардошт.

Синиро дар гӯшаи кат гузошту нонрезаҳои дастархони шабмондаро рӯи алафҳои офтобхӯрда, ки аз гармои сахт ба замин ғел зада буданд, такид ва барои падараш суфра боз кард. Аввал косаи қаймоқро дар пеши ӯ гузошт. Қаймоқи рӯи ширро ҳар саҳар падар мехӯрад, ҳамеша ҳамин тавр буд. Дар кӯдакӣ хоҳарон баъди рафтани падар худро ба сари дастархон мезаданд ва косаи холии хомқаймоқро бо навбат мелесиданд. Модараш саршириро ҳамеша барои соҳиби хона нигоҳ медошт ва ба кӯдаконаш ширу равған медод. Аммо кӯдакон маззаи қаймоқро аз шир фарқ мекарданд.

Фаришта чойро се дафъа гардонду даст пеши бар пиёла чойи доғро, ки аз гармии ҳаво ҳавраш намебаромад, ба назди падар гузошт. Кулчаро пора кард ва косаи асалро ба пиёла

надик овард.

Падар мисли одамони қаҳрӣ аз духтараш рӯ метофт, духтар ба тарафи чапи кат равад ӯ рӯяшро ба сами рост мегардонд, ба тарафи рост гузарад, рӯяшро ба самти чап тоб медод. Ниҳоят нигоҳаш дар селаи гунҷишкҳои гурусна дармонд, ки барои нонрезаҳои такидаи духтар ба сари ҳам минқор мезаданд. Ӯ аз лаълӣ пораи қандеро бардошту ғазаболуд ба сари гунҷишкҳо зад. Паррандаҳо бо ҳарос ба шохаҳои ангур нишаста, аз он баландӣ ба сӯи мағзҳои нон чир-чир мекарданд.

- Ягон чизи дигар биёрам? - пурсид Фаришта бо садои паст, мисли ин ки бо худаш ҳарф мезад.

- Ҳеҷ чиз даркор нест! Падар бо қаҳр даст афшонд ва гӯё Фаришта гуноҳе карда бошад, аз ӯ рӯй тофт. Духтар барои худ чой нарехт, вақтҳои ахир чойи саҳар бо падар мисли шиканҷа шудааст. Бе ягон сабаб мисли пуфак дам мекунад, сурху сафед мешавад, пушт ба зану фарзанд мегардонад ва коре мекунад, ки онҳо гунаҳкорона сар хам кунанд.

Ин субҳ ҳам дам карда буд, абрӯвонаш аз хашм сар ба сар зада, ҳолаи сангинаш ҳаворо месӯзонд. Хушбахтона, модараш бо лаълии гӯшт аз ошпазхона берун шуд ва Фаришта оҳи сабуке кашид.

Баробари ба рӯи курпача нишастани модар азми рафтан кард.

Куҷо, духтарам? Бишин субҳона бихӯр. Модар болотар нишасту лаби катро барои духтар холӣ кард.

- Бемалол, эҳтимол Парвина бедор шудааст, агар маро набинад, гиря мекунад. Духтар бо баҳонаи хоҳарзодаааш бо қадамҳое, ки садо надоштанд, аз назди волидонаш дур шуд. Мард аз дастархон рӯ тофту бо ахмҳои гирифта аз пушти духтараш нигоҳ кард, дуру дароз нигоҳ кард. Чашмони дар зери абрувони серпашм ниҳонаш гармие надоштанд. Шояд агар камон медошт, ӯро сари як тир мекард. Аз суфраи пур нозу неъмати субҳона ҳам танаффур дошт. Нигоҳи

беҳаракаташ дурудароз дар як нуқта манъ мешуд ва оҳиста ба нуқтаи дигар мелағжид. Ниҳоят чӣ фикре кард, ки бо аҷала қаймоқро пеш кашиду як пора кулчаро ба коса ғутонд. Гиребони куртаи рах-рахаш аз кӯтоҳии гардан то гӯшаш мерасид ва ҳар бор ба сӯи дастархон гардан меёзонд шабеҳи сангпуште мешуд, ки дар майсазор сар аз хонаи пушташ берун мекунад.

Ӯро намешуд, марди баднамо гуфт, чашму биниву даҳонаш гӯё ба ҳам мутаносиб буданд, аммо нигоҳаш як сардие дошт, ки мӯйро дар пушти зану фарзандонаш рост мекард. Аз зоҳир синну солашро намешуд ҳадс зад, на пир буд на ҷавон. Аксҳои замони ҷавониаш аз аксҳои ҳозирааш зиёд фарқ намекарданд, гӯё аз модар бо ҳамин шакл ба дунё омада буд. Қошу қавоқи доимо гирифтааш, ҷӯяҳои ожангро дар пешониаш амиқтар мекарданд.

Зан бо остини васеъи куртаи читаш як орӯи хираро, ки виз-виз мекарду ҳар замон ба косаи асал нӯл мезад, аз сари суфра меронд ва гоҳ гоҳ дуздида ба шавҳараш менигарист, ҳолу ҳавои ӯро бо нигоҳ ламс мекард. Табассуми мармузе дар лабонаш сайр дошт, мисли одаме, ки ҳарфи аҷибе дорад ва агар он ҳарфро бигӯяд, ҳамсуҳбаташ аз ҳайрат ангушт мегазад. Ҳарфе ҳам надошт, танҳо мехост ба ин субҳонаи буғзкарда каме сафо диҳад.

Ӯ зани миёнсоли хушандомест, ки нишонаҳои ҳусни азалӣ ҳанӯз аз чеҳрааш нарафтааст ва ҳар кӣ чашмони бодомӣ, чеҳраи чун барф сафед ва камони абрӯвону раддаи мижгонҳои хамгаштаашро бубинад, ба худ мегӯяд, ки ин зан дар ҷавонӣ чӣ қалбҳоеро шикаста бошад! Аммо ӯ ба ҷуз ин марди бадқавоқ, ки на ҳуснашро мебинаду на худашро ва умре ӯро, ба истилоҳ, дар пучоқи писта ҷой додааст, марди дигареро намедонад. Онҳо ҳар саҳар мисли ҷуфтҳое, ки даҳсолаҳо дар як болин бо ҳам сар ниҳодаанд, якҷо субҳона мехӯрад, гӯё бо ҳам ҳарф мезананд, аммо дар асл ин суҳбат аз силсилаи саволҳои зан иборат аст, ки мард, агар хушаш

биёяд ба онҳо посух медиҳад, хушаш наояд рӯй турш мекунад.

Ин марди қадаш аз миёна паст, ки худро аз будаш бештар босалобат ва босиёсат нишон медиҳад, мироби калони колхоз аст ва дар зери дасташ даҳҳо коргар дорад. Дар фасли кишту кор соҳибони мазрааҳои хусусӣ даст пеши бар ӯро “акаи Сафар” садо мекунанд, тамаллуқ мезананд ва ҳатто ришва медиҳанд, аммо дар поёни мавсими обёрӣ ӯ боз “калтаи Сафар мешавад”. Аз бунёд хулқу хӯи хуб надорад ва азбас мардум эҳтиромаш намекунанд, бештар укдаӣ мешавад.

На дӯст дорад, на касеро дӯст медорад.

Зиндагиаш серу пур аст. Падараш боғдорӣ номӣ буд, ҳатто вазирҳо ба пешвозаш аз мошин пиёда мешуданд. Салобат дошт. Мегуфтӣ, раиси колхоз аст. Ҳамсари боғдор зани ранҷуре буд, ки дар миёнсолӣ барои ӯ як писар таваллуд кард ва дигар аз зоидан монд. Духтари холааш, ки буд, дили боғдор нашуд, ки ба болояш зан биёрад ва бо ҳамин як фарзанд қаноат кард. Чун ҳама тоқафарзандҳо эрка бузург шуд ин писар, бадхӯ буду аз ҳама норозӣ, созаш бо касе ҷӯр намешуд.

Ба синни бист қадам гузошта буд, ки мӯйсафед дар пайи ҷустуҷӯи арӯс шуд. Гуфт, шояд зан бигираду одам шавад. Барои ӯ духтари зеботарин, ҳамин зани ҳоло дар рӯ ба рӯяш нишастаро таги чашм кард, ки он замон ҳабдаҳсола буду дили даҳҳо ҷавони дигар дар ғамаш кабоб. Духтар номзади гаҳворабахш дошт ва дилаш барои ӯ гум мезад. Овози ҷавонро мешуниду мехост ин садои гӯшнавоз ҳеҷ гоҳ хомӯш нашавад, барояш хат менавишту дар сӯрохи девор мегузошт ва барои гирифтани ҷавоби хат соатҳо чашм аз девор намеканд. Аммо рӯзе, ки боғдар ба хосгорӣ омад, волидони духтар қариб аз хурсандӣ шодикаф шаванд. Модараш бошитоб кунда ва порчаи матоеро, ки зани ҳамсоя ҳабдаҳ сол пеш бо нияти пойбанд кардани духтар аз сари девори онҳо

парт карда буд, баргардонд.

- Дугона аз мо наранҷ насибу қисмат ҳамин будаст, - гуфт.

Духтар аз ғам тапиду пар-пар зад, аммо касеро парвои дарди ӯ набуд. Духтари моҳпакар, ки қоматаш сарви равонро мемонд, ба тақдир тан доду зани калтаи Сафар шуд.

Боғдор як замини калон ва тамоми дору надорашро ба писари ягонааш мерос гузошт. Рӯзи мурданаш писару келинашро ба сари болинаш хонд, ба писараш нигоҳ накард, аз домани келинаш гирифт.

- Ин бачаи бадфеълро одам кун, ман натавонистам, шояд ту тавонӣ, боғамро ба писарам ва писарамро ба ту супурдам, - гуфту бегоҳи ҳамон рӯз ҷон дод.

Марди укдаӣ на ҳаваси боғ дошт на аз роғ, мехост фармонфармой бошад. Боғро ба ду се коргар супурду худаш баъди хатми донишгоҳи зироатшиносӣ мироби калони колхоз шуд. Боғ шаҳомати пешинашро гум кард, аммо ҳоло ҳам хонаводааш аз маҳсули заҳматҳои боғдори пир рӯз мегузаронад. Харидорони умдафурӯш гелосу себу анору хурмояшро аз сари шох мебаранд. Оғили мард пури гову мол асту дастархонаш пури гӯшту ширу равған. Аммо чизе, ки авқоти ӯро талх мекунад, надоштани як писар аст.

Ҳамсараш барои ӯ панҷ духтар таваллуд кард, вале як писар ҳам ба бор наовард. Мардҳои маҳалла дар маъракаҳо ба якдигар чашмак зада, беписариашро ба рӯяш мекашанд ва мегӯянд:

- Аакаи Сафар заргари хуб аст, занаш фақат духтар мезояд.

Мард аз қаҳр сурху сафед мешавад, аммо гӯш ба карӣ мезанад ва шӯхиҳои нешдори мардумро ношунида мегирад. Солҳои аввал занашро гӯё дӯст медошт, бо ӯ шӯхӣ мекард, механдид. Аммо вақте пушти сари ҳам панҷ духтар таваллуд кард, дилаш аз ӯ монд. Шабҳое, ки ҳавои шаҳват бар ӯ ғолиб мешавад, занашро бе бӯсу канор “зин мезанад” ва хумори

худро мисли харгӯш дар ду сония мешиканад. Сипас пушт ба зан мекунад ва ҳавлӣ аз хурроси қаноатмандонааш пур мешавад.

Зан ҳам тадриҷан ба бадфеълии шавҳараш одат кард, бо дағалиаш канор омад. Ҳамзистияш бо ӯ мисли ҳамзистии ромкунанда бо паланг шуд. Зан барои сари нахи масъалаеро боз кардан фурсати муносиб мекобад, ҳолу ҳавои шавҳарашро меомӯзад, тамаллуқ мезанад ва сипас ҳарфашро мегузаронад. Барои ҳарфгузаронӣ гоҳҳо ҳафтаҳо пайт меҷӯяд.

Аз зиндагиаш шикоят надорад, хӯрдагиаш дар пешаш нахӯрдааш дар амбор, сад кас аз лаби дастархонаш нон мехӯрад. Аммо ишқи зебое, ки ба писари ҳамсоя дошт, чун ҷанини рушднакарда дар батнаш устухон шуд ва ҳоло гоҳ-гоҳ вақте танҳо гов меҷӯшад ё дӯғ мекашад он ишқ аз таҳхонаи қалбаш дар шакли рубоиҳои пуралам берун мехазад ва ашкҳояш дона-дона ба домонаш мерезад.

Кампири Сокина гоҳ-гоҳ мегӯяд:

- Ҳазор офаринат, зан, каси дигар ба ҷойи ту мебуд бо ин мардаки калтаи бадхӯ сабзаи хокаш як ваҷаб мешуд, туро як тори мӯй ҳам сафед нашудаст!

Зан ба гапҳои Сокина механдад. Қади кӯтоҳи шавҳараш то гӯшҳои зан мерасад ва гоҳ-гоҳ, ки ҳамроҳ ба бозор ё маъракае мераванд, мисли шикорчӣ бо сагаш, мард пеш-пеш ва занаш дуртар аз ӯ қадам мезанад.

Ин саҳар низ зан ҳарфе барои гуфтан дошт, аммо гуфтугӯи шаби гузаштаро ба ёд оварду аз фикраш гашт.

- Ҳар чӣ имрӯз шасти гармо паст шуд, вагарна мепухтем, аҷаб гарм омад ин тобистон, - гуфт зан ва занбӯреро, ки кайҳо париду рафт, ҳанӯз ҳам бо остини васеяш аз дастархон “дур” мекард.

Мард ҳарфи занашро об надод, ӯ косаи нимхолии қаймоқро як сӯ гузошту лаъличаи гӯштро пеш кашид. Порчаеро бардошт ва як гази калон гирифт. Равған аз гӯшаи

лабонаш ба риши нотарошидааш ва аз байни агуштонаш ба пушти дасташ шорид. Гӯшҳои хамидаи саги сиёҳ, ки ду се қадам дуртар дар зери дарахти себ пинак мерафт, сих шуданд ва забонаш чун нони чапотӣ аз танӯри даҳонаш берун баромад. Саг аз устухону лабони равғанолӯди соҳибаш чашм намеканд, вале мард устухонро он қадар хоид, ки дар он як пилта гӯшт ҳам намонд ва ниҳоят “ма, бигир!” гуфту устухонро ба сӯи саг ҳаво дод. Саг ба мисли бозигарони сирк устухонро аз ҳаво бардошт ва шитобон ба гӯшае дигари ҳавлӣ давид, то луқмаи лазизро дар хилват нӯши ҷон кунад. Мард аз чолокии саг завқ кард ва ба ними лаб хандид. Занаш аз ин табассуми нималабӣ фоли нек бардошту хост арӯс-талбони духтари хурдиро бо шавҳараш дар миён гузорад, аммо намедонист гапро аз чӣ сар кунад. Духтари хурдӣ ним сол пеш издивоҷ кард ва акнун ҳар рӯз ба модараш занг мезанад, ки кай ӯро бо домод ба хонаи падар “металабанд”. Маъракаи “талбон” хароҷот дорад, мисли як тӯйи хурд аст, мард дар авҷи киштукор ба гуфтаи худаш барои ин “нағмаҳо” вақт надорад.

- Фотима телефон кард, гуфт дадама ёд кардам, ҳар шаб ба хобам медарояд. ...гуфтам кори падарат бисёр аст, каме сабуктар шавад туро бо домод даъват мекунем. Шояд охири ҳамин моҳ даъват кунем духтарамро, чӣ гуфтед мардак? - бечораҳолона илтиҷо кард ӯ.

Мард гӯё саволи ӯро нашунид. Ба болишт каҷпахлу зада, гӯштҳои дар байни дандонҳояш дармондаро бо дандонхилол берун мекашид. То гӯшаҳои дандонҳои курсиашро кофт. Ниҳоят дандонхилоли хунолудро дар лаби дастархон гузошту даҳонашро бо як ҷуръа чойи нимасард чайқонда ба пушти кат туф кард.

Зан ҳис кард, ки имрӯз ҳам гапаш ба ин марди шахшул намегузарад ва риштаи суҳбатро ба тарафи дигар тоб дод.

- Имрӯз дар замини назди хирманҷо кор мекунед? - пурсид ӯ бо эҳтиёт.

- Замини назди хирманҷоро дирӯз тамом кардем, - ниҳоят гуфт мард ва аз ҷой бархост. Ҳамсараш кафшҳояшро пеши пояш гузошт.

- Либосҳои коритонро дар киф андохтам вақти рафтан аз ёдатон наравад. Имрӯз барвақтар меоед? -пурсид зан.

Мард чизе нагуфт, кифашро бардошту бовиқор аз ҳавлӣ берун шуд. Саволи зан дар ҳаво монд, ӯ ба ин муколамаҳои якҷониба одат кардааст. Гашта ба лаби кат нишасту чойи сардро ба кунҷе партофт ва барои худаш ҷойи гарм рехт. Гушна буд, аммо дандонхилоли хунолудро диду дилаш беҳузур шуд. “Феъли бадат дар гӯр!” гуфту дандонхилолро бо думи қошуқ аз дастархон берун партофт.

- Бачам, биё як пиёлаи чой бигир баъд дастархонро бардор, ки паша ҷамъ нашавад, - зан бо овози баланд духтарашро ба сари суфраи субҳона даъват кард.

Духтар дар пушти дари ҳуҷрааш мунтазири рафтани падар ва маътали ишораи модар буд, ки зуд ҳозир шуд.

- Чой сард шудааст, ту бишин ман худам чойро меорам, - гуфт зан ғамхорона ва дар тараддуди аз ҷой бархостан шуд.

- Иштиҳо надорам, шумо чоятонро нӯшед, ман суфраро ҷамъ мекунам. Ӯ аз модараш чашм намеканд. Зан худро ба карӣ зада нону асал мехӯрд.

Ниҳоят дили духтар танг шуду худаш сари нахи гапро кушод.

-Падарам аз ман нороҳат аст, ба рӯям нигоҳ намекунад, гап намезанад, намедонед чаро?

Зан ба хотири оромиши духтар худро бепарво вонамуд кард ва нохудогоҳ ба чойи нимасардаш ду қанд партофт.

- Ба дил нагир, кораш бисёр аст, мавсими обёрии мазрааҳо, ҷангу ҷанҷол, занозанӣ, мисли солҳои пеш, - гуфт ӯ ва қандҳоро, ки дар чойи сард ба сахтӣ об мешуданд, бо нӯги қошуқ хурд кард.

-Дишаб, ки косаҳоро мешустам, ҳарфҳояшро шунидам, на ин ки махсус гӯш кардам, тасодуфан шунидам, ҳавлӣ ором

буд, садоҳои шумо шунида мешуд...

Зан иштиҳои чойнӯшӣ надошт, аммо ин суҳбат ҳам барояш хушоянд набуд, баҳона мекофт, ки зеҳни духтарашро аз ин ҳарфҳо дур кунад. Ӯ аввал кулчаҳоро як-як тагу рӯ кард ва болои ҳам чид, пораҳои нонро рӯи кулчаҳо гузошту бо як гӯшаи дастархон пӯшонд. Баъд бо ҳавсала нонрезаҳоро бо ангуштонаш дар лаби дастархон гирд овард ва гӯё аз биринҷ шолӣ меҷӯста бошад, дубора парешон кард.

- Модар...

- Шунида бошӣ, дигар чӣ бигӯям? - гуфт ӯ бо дили нохоҳам. Дилаш зиқ аст, ки умрат дар ин хона хазон мешавад, мардум ҳам гап мезананд, аз ин хиҷил аст... Кош ягон хостгор меомаду аз ин ҳарфҳо халос мешудем.

Ашк дар чашмони маҳзуни Фариштa ҳалқа зад, чонааш аз буғзу алам ларзид.

- Ин қадар дар назари шумо шум шудам? Агар сарборӣ бошам, ба хонаи холаам меравам, чанд дафъа даъват кард, ки биёям, -гуфт ӯ ва ашкҳояшро бо пушти дасташ руфт.

- Гиря накун, дар ин дунё ягон зан бешавҳар намондаст, ки ту дуюмаш бошӣ, духтар пиру бахташ мир гуфтаанд.

Духтар, ки тоби шунидани матали забонзадаи модарро надошт, оҳиста аз сари суфра баланд шуд.

- Илтимос, дигар шумо барояш субҳона биёред, намехоҳам маро бинаду табъаш хира шавад, - гуфт ӯ ва бетобона ба сӯи хонаи хобаш рафт.

Модар ба қомати боло ва гесувони ба қад баробари духтараш бо ҳасрат нигоҳ кард.

-Чашми мардҳо кӯр шудаст, ки ин зебогиро намебинанд?”- гуфт ва пеш аз ғундоштани суфра як фотиҳаи дуру дароз хонд, ки бахти духтараш кушода шавад.

Духтар ҳамеша ин гуна ноумед набуд. Пештар, ҳатто баъди мурдани номзадаш орзу мекард, ки рӯзе аз хонаи падар бо карнаю сурнай ба хонаи шавҳар меравад ва баъд бо кӯдаконаш бо иззат ба меҳмонӣ меояд. Сандуқро боз

мекарду ҷиҳези арӯсиашро ҳаво медод ва бо ин баҳона дар хонаи хилват зару зевар мепӯшид, шоли зар ба сар меандохт, худро дар оинаи бақад тамошо мекард, рухсораҳояш сурх мешуданд ва ӯ ба ҳусни худ хира мешуд. Дар бораи робитаи зану мард аз хоҳаронаш шунидааст, ки баъди издивоҷ бешарм шуданд ва байни ҳам бепарда ҳарф мезананд. Ӯ гӯш ба карӣ мезад ва вонамуд мекард, ки ба ин гуфтугӯҳо шавқ надорад, аммо дар хилват даст ба лабонаш, ки то ҳол маззаи бӯсаи мардро начашидаанд, мебурд, синаҳои дастнохурдаашро ламс мекарду дилаш гум мезад, ронҳои чун аспи даванд мушакдору трангаш аз ҳаяҷон меларзиданд. Ниёзҳои ҷинсӣ бар шарму ҳаё боло мегирифт... Бо гузашти солҳо ин хоҳишҳои дарунӣ дар ҷисмаш ях бастанд. Ҳоло дилаш ба кӯдак гум мезанад, духтарони мижгондарози хоҳаронашро мебинаду об мешавад, хаёлаш, ки онҳоро соатҳо бағал кунад ва ба рӯяшон бӯса занад. Дар чунин ҳолатҳо синаҳояш аз шавқи модарӣ ба дард меоянд.

Ӯ болопӯши ғеҷидаи хоҳарзодаашро аз замин бардошт. Кӯдак беғамона, бо даҳони боз якпаҳлӯ мехобид, гӯшаҳои лабони гулобиаш гоҳ-гоҳ бо ҳавои лабханд мепариданд. Шояд афсонаеро хоб медид. Оҳиста аз ҷабинаш бӯсид. Дилаш нашуд бедораш кунад.

- Ҳаво гарм аст, - гуфту кӯрпаро канор гузошт ва патуи тунукро ба рӯи кӯдак андохт.

- Бигзор бихобад ва хобҳои ширин бинад, Худо кунад, ки мисли холааш паршикаставу нодаркор нашавад.

Рӯзи дарозе буд он рӯз, на ба кор кӯтоҳ мешуд, на ба фикру хаёл. Духтар ҳар қадар худро бо кор андармон мекард, аммо рӯз бегоҳ намешуд.

Падараш аз кор барвақт баргашт, соати чаҳор буд. Фаришта омаданашро аз панҷараи ошхона дид. Ҳаяҷониву саросема менамуд.

-Занак! - аз дами дар фарёд зад ӯ. Ҳамсараш “лаббай”-гӯён бо аҷала аз хона берун давид.

- Бегоҳ меҳмон меояд, ягон ғизои дуруст омода кунед.

- Кӣ меояд? Меҳмони худӣ ё бегона? - кунҷковӣ кард зан.

- Меҳмон, меҳмон аст, худиву бегона надорад! - гуфт ӯ ва почаҳои шимашро бар зада ба сӯи ҳаммом рафт.

- Либосҳои ҷоравии маро ба ҳаммом бубар!

Мард аслан парвои меҳмон надорад, на меҳмодӯстдор аст на меҳмонбадбин. Хешони дуру наздик, ҳатто бегонаҳо меоянду мераванд. Ӯ бо меҳмонҳо тавре саломуалейк мекунад, ки ангор онҳоро на дар хонаи худ, балки дар сари бозор дидааст. Хушаш наояд, тарафи меҳмонхона тоб намехӯрад. Меҳмонҳо ҳам феъли ӯро медонанд ва зиёд пурсупос намекунанд, "нағзи акаи Сафар", мегӯянду дар рӯи кӯрпачаҳои нарм кaҷпаҳлу мезананд. Хеле кам иттифоқ меафтад, ки ӯ барои хурокпазӣ дастур диҳад ё омадани меҳмонеро пешакӣ эълон кунад. Фаришта аз дари ошхона суоломез ба модараш нигоҳ кард ва бо ишораи сар пурсид, ки "кӣ меояд?" Модараш китф дарҳам кашид.

- Чӣ омода кунам?

- Шӯрбо дорем, як ду пиёла биринҷ тоза кун оши палав мепазем.-ҷавоб дод зан ва ба меҳмонхона даромад то дастархонро иваз кунад ва шириниву мағзу мавиз барорад.

Меҳмонҳо қариби шом омаданд.

Соҳибхона!- садо кард яке аз онҳо, ки аз саги сиёҳи бадвоҳима чашм намеканд. Саги дар байни ҳавлӣ ғелзада шояд нидои "соҳибхона"-ро бисёр шунидааст, ки ба меҳмонҳо як нигоҳи бепарвоёна андохту боз сар ба сукут рафт.

Меҳмонҳо мутамъин шуданд, ки саг бехатар аст ва боҷуръат ба ҳавлӣ даромаданд. Онҳо се нафар буданд, як пирамарди чун сӯфиҳо саропо сафедпӯш ва ду марди миёнсол, яке ҳавобаланду хушлибос ва дигаре хиҷолативу ахмзада. Оне, ки хушлибосу ҳавобаланд буд, даст дар миён бару дарозии ҳавлии бузургро мисли харидор бо нигоҳ чен

мекард. Чеҳраи боз дошт садои омирона, бо кафшҳои локзадааш омирона қадам мезад, мисли мардуми пулдор карру фар дошт, гӯё дар замин не, дар осмон мегашт. Марди дуюм чеҳраи хотирмон надошт, мисли одаме, ки даҳ бор бубинӣ ҳам дафъаи ёздаҳум мепурсӣ, ки “ин одам кӣ буд?”. Ӯ бо сари хам ва чеҳраи гирифта дуртар аз мӯйсафеди сӯфинамо меистод, сару либосаш ҳам муносиби меҳмонӣ набуд, муносиби синну солаш ҳам набуд, як пироҳани варзишӣ, ки рӯяш аксу навиштаҷот дошт ва шими васеи варзишӣ. Шабеҳи кӯҳнавардҳо буд ва тавре менамуд, ки ӯро аз кӯҳ иҷборан ба ин гурӯҳ ҳамроҳ карданд.

Ин дам соҳиби хона аз дари ҳуҷраи поёнӣ саромесавор сар бароварду “биёед, биёед, хуш омадед”- гуфт ва ба меҳмонон аломат дод, ки одамони ин хона аз омадани онҳо бохабаранд. Мехост зуд ба назди меҳмонҳо барояд, аммо аз ҳаҷони зиёд пойи чапу рости кафшҳояшро иштибоҳ гирифту каме дармонд. Пеш аз худаш бӯи атри арзонаш, ки онро дар ҳолатҳои хос ба сару рӯяш мепошид, ба пеши меҳмонҳо расид. Ӯ беҳтарин либосашро ба бар карда буд, тоқии баланди оҳарӣ қадашро аз будаш баландтар нишон медод. Марди ҳавобаланд ба сару либоси ҳамапӯши соҳибхона як нигоҳи кӯтоҳ афканду лабханди тамасхуромезе дар чеҳрааш сайр кард. Модару духтар аз панҷараи ошхона ба меҳмонҳо зул заданд, мисли ин ки ношинос буданд. Ё аз шаҳр омаданд, ё аз пойтахт. Фаришта ҳеҷ гоҳ падарашро ба ин андоза хушмуомилаву меҳмондӯст надида буд. Ӯ “чорқат” шуда ба меҳмонҳо салом кард

- Аз ин тараф гузаред, - гуфту онҳоро ба сӯи зинаҳои ҳуҷраи меҳмоннишин раҳбаладӣ кард. Марди хушлибос чолокона аз паллаҳо баланд шуд ва аз он баландӣ ба боғи калон чашм духт. Марди назарногир интизор шуд, то мӯйсафеди сӯфинамо, ки аз солмандӣ зинаҳоро шумурда роҳ мерафт, пеш гузарад.

Суҳбати меҳмонҳо тӯл кашид. Онҳо аввал як косаи

шӯрбо хурданд ва баъд табақи ош низ холӣ шуд. Чойники чой дар роҳи байни ошхона ва меҳмонхона пур мерафту холӣ бармегашт ва соҳибхонаи бовиқору ҳавобаланд шабеҳи ҷавони ҳаждаҳсола чолокона аз зинаҳо болову поён мешуд. Ҳар замон "зуд бошед, меваҳоро пӯст бигиред, чойро зудтар дам кунед" -мегуфту бетоқат мешуд, ки чаро об дер меҷӯшад. Модару духтар аз лаҳзаи омадани меҳмонҳо ошхонаро тарк накарданд. Кӯдаки бечора, ки шабҳои гузашта то ин дам аз афсонаҳои ширини холааш ҳаловат мебурд, аз танҳои дилтанг шуда ба гиря даромад, ки ӯро пеши модараш бубаранд.

- Бирав ба бачча бирас, косаҳоро шустаӣ, боқиашро саҳар мешӯӣ.

Фаришта бо камоли майл пешдоманашро кашиду аз ошхона баромад, аммо дар роҳ ба сӯи ҳуҷраи хобаш буд, ки дари меҳмонхона боз шуду падараш дав-давон аз зинаҳо поён фаромад.

- Духтарам чойро ту биёр, - гуфт ӯ ва чойники холиро ба дасташ дод.

Ӯ ин дафъа ба рӯи духтараш нигоҳ кард, чашмони ҳамеша дар зери абрӯвони ғафс пинҳонаш бозу шод буданд. Банди дили духтар ларзид, чойникро гирифту саросема ба тарафи ошхона давид.

- Чӣ шуд? Чаро баргаштӣ? - пурсид модар бо нигаронӣ.

- Мегӯяд, ки чойро ман ба назди меҳмонҳо дарорам, - овози духтар меларзид. Модар ба рӯи ӯ чашм духт, парешон шуд, аммо сир бой надод.

- Хайр, падарат хоста бошад, бубар чойро, - гуфт ӯ ва чойники пур аз чойро ба дасти духтараш дод.

- Бирав духтарам...

Аз дари бози меҳмонхона садои суҳбати меҳмонҳо ба гӯш мерасид. Фаришта дар долон манъ шуд.

- Падар чойро бигиред...

- Биё духтарам, биё, чойникро рӯи миз гузор.

Фаришта даст пеши бар ба меҳмонҳо салом дод. Мӯйсафеди сӯфинамо, ки аз бари боло нишаста буд ва бо сари хам тасбеҳ мегардонд, сар аз тасбеҳ бардошту “алекат бар салом, духтарам” гуфт. Марди ҳавобаланд аз духтар чашм намеканд, аз сар то пояшро меомӯхт. Чашмонаш аз шодӣ бозӣ мекарданд. Меҳмони хиҷолатӣ, ки гунаҳкорона ба зонуҳояш чашм дӯхта буд, бо дили нохоҳам ба Фаришта нигоҳ кард. Духтар чойникро бо эҳтиёт дар гӯшаи миз гузошт ва хост баргардад, аммо садои падараш ӯро боздошт.

- Чойро гардону баъд бирав духтарам.

Он қадар нарм ва бо меҳрубонӣ гуфт ин ҳарфҳоро, ки Фариштаро араќи сард пахш кард. Пойҳояш ларзиданд, ӯ чойро ба як ҳоле гардонд ва охиста аз дар баромад. Ба хонаи хобаш нарафт, ба ошхона баргашт, ранг дар рӯ надошт.

Зан корд дар даст тарбузу харбуза тилим мекард, духтарашро рангпарида диду аз ҷой бархост..

- Чаро меларзӣ? Магар чизе гуфтанд меҳмонҳо?

- Модар, ин одамҳо хостгоранд? - пурсид духтар бо изтироб.

- Намедонам, ҳар қадар кунҷковӣ кардам, падарат нагуфт, ки инҳо кистанд, аз куҷо омаданд. Хостгор мебуданд, моро хабар мекард, ақаллан либосатро иваз мекардӣ...

- Шояд ба назарам намуд, аммо ҳис кардам, ки се ҷуфт чашм аз сар то поямро чен мекарданд...

- Ягон нафараш ба домод монанд буд?

- Мардҳои калонсоланд, аз панҷоҳ ба боло...гуфт духтар, ки лаҳза ба лаҳза бештар ошуфта мешуд.

- Намедонам, ...ба Худо, аз даҳони ин мардак магар гап гирифта мешавад?

Меҳмонҳо вақте рафтанд, ки ҳама ҷуку ҷондор дар шикофҳои амн орамида аз кӯча ба ҷуз аккоси сагҳои дайду садое ба гӯш намерасид. Соҳиби хона онҳоро то назди мошин раҳбаладӣ кард, зуд барнагашт, гӯё ҳарфашон дар чаҳор панҷ соат соат тамом нашуда буд. Ниҳоят садои қуфли

дари оҳанӣ баланд шуд ва сояи падараш аз роҳрави торик ба рушнои бурӯз кард. Сояаш дар партави чароғ ду баробар аз худаш бузургтар менамуд. Ӯ як дам ба сояи қадбаландаш хира шуд. Тоқии бораҳояш баланд дар гардани борикаш мисли гумбаз менамуд. Тоқиро бо кароҳат аз сараш кашиду ба шохи ангур овехт. Дар байни ҳавлӣ хеле рост истод, фикрҳое зеҳнашро банд мекарданд. Сипас дастонашро дар лӯлаи оби сард шӯст ва рост ба хонаи хобаш гузашт.

Фаришта аз назди панҷара дур шуд, дилаш мехост ба ҳавлӣ бараояд ва ба суҳбати волидонаш гӯш диҳад, аммо чашмаш ба хоҳарзодааш афтид, ки дар интизори афсонаи бузак қанди нимхоида дар даҳон рӯи гилем хобаш бурдаст. Ашкҳояш дар нӯги мижгонҳои дарозаш медурахшиданд ва ширaи қанд аз даҳонаш ба замин мечакид. Аз пешонии кӯдак бӯсиду қандро аз даҳонаш берун овард, лабони часпакашро бо латтаи тар тоза кард ва хост ӯро ба тахти хоб бубарад, аммо кӯдак бедор шуду модарашро садо кард. Холааш дастпоча шуду кӯдакро ба оғӯш кашид ва хеле “алла” гуфт то хобаш бубарад. То кӯдакро хоб бурд, ки хурроси падараш дар ҳавлӣ танин андохт.

Азбаски дер хобаш бурд, саҳар дер бедор шуд. Аз фах-фахи дӯғкашии модараш бедор шуд, ки дӯғ мекашиду тарона мехонд ва чахчӯб бо оҳанги рубоиҳои аламии ӯ чарх мезаду мавҷи кафкҳои тиллорангро дар хурмаи сафолӣ баланд мекард.

Фаришта дасту рӯяшро шусту аз ҳавз об бардошт ва ҳавлиро шакарнам кард, то чанг нахезад. Соат ҳашти саҳар буд, падараш ҳоло бояд ба кор мерафт, аммо ғур-ғураш аз ҳуҷраи хоб ба гӯш мерасид. Вақташ хуш буд, кадом таронаи маъруфро, ки на матнашро дуруст медонист ва на мусиқиашро, ба равиши худ, чаппаву роста мехонд ва ҷойи матнҳои надонистаашро бо ғинг-ғингу ҳуштаккашӣ пур мекард.

Ҷорӯбро аз кунҷи ҳавлӣ бардошту хост поккориро аз

назди дарвоза шурӯъ кунад, аммо аз фикраш гашт. Ҷорӯб задани ин ҳавлии калон, ки ба андозаи саҳни мактаби деҳа бузург аст, вақт мегирад, ӯ таҳаммули як соату ним соатро надорад, дилаш беқарор аст. Ҷорӯбро партофту шитобон ба ошхона рафт. Модараш акнун корашро анҷом дода, чахчӯбро аз хурма берун меовард. Рӯғани ботароват чун абрҳои баҳорӣ дар сари дӯғи сафед туп зада, бӯи хуши олуда ба турширо ба атроф паҳн мекард. Зан маскаро бо кафлеси калони чӯбин, ки аз кӯҳнагӣ синну солаш маълум набуд, бардошту табақро пур кард. Аз бахри порчаҳои хурди рӯған, ки дар рӯи дӯғ шино мекарданд, гузашту рӯ ба духтараш овард.

- Биё, кумак кун, дӯғро ба халта бирезам.

Фаришта мехост дар бораи меҳмонҳои шаби гузашта аз модар суол кунад, аммо фузулӣ нашавад гуфта, аз ду гӯши хурмаи сафолӣ бардошт.

- Падарам имрӯз сари кор кор намеравад?- пурсид ӯ, ки ҳамзамон сари халтаи сафедро мебаст ва вонамуд мекард, ки ин суолро фақат аз рӯи кунҷкобӣ мепурсад.

- Кор мекунад, гуфт дертар меравад.

- Субҳонаашро омода кунам?

- Ту қаймоқро бардору чойро дам кун, нону тухмро худам мебарам. Зан дастархони шабмондаро дар бехи дарахти зардолу афшонд. Селаи гунҷишкҳои гурусна, ки интизори нонрезаҳо буданд, ба замин нишастанд ва якдигарро задаву куфта “субҳона” мехӯрданд. Саги сиёҳ ҷумбон-ҷумбону хамёзакашон аз роҳрав ба тарафи кат рафт ва дар ҳасрати устухон ду қадам дуртар каҷпаҳлу зад.

Марди хона субҳонаро таври маъмул аз қаймоқ оғоз кард, духтараш чойро се дафъа гардонду даст пеши бар дар назди падар гузошт ва ба қираи чашм ба ӯ назар андохт. Абрувони сермӯи мард ба макони азалиашон баргашта, чеҳраашро нармтар нишон медоданд. Бо нону дастархон меҳрубон буд. Фаришта саҳнаи субҳонаи падарашро дақиқа ба дақиқа аз ёд медонад. Мисли намоишномаи қадимӣ, ки

ҳунармандони театр ҳар мавсим такрори ба такрор иҷро мекунанд. Нақши духтар дар ин намоишнома бо расидани пойи модараш ба лаби кат тамом мешавад, ӯ оҳи сабук мекашад ва бо қадамҳои ношунаво ба ошхона бармегардад. Ана, модараш лаълилии чинӣ дар даст аз дур намоён шуд. Тухмбирёнро дар назди шавҳараш гузошту ҳанӯз пояш ба лаби кӯрпача нарасида овози шавҳараш баланд шуд.

- Гӯшт набуд?- пурсид ӯ норозиёна.

- Гӯшт ҳасту гуфтам, ки барои танаввӯъ имрӯз тухм бихӯрем.

- Ман тухм намехӯрам, дар ин гармӣ кӣ тухм мехӯрад?!

Пешонаи зан як лаҳза чин шуд, дар дил шавҳарашро ҳақорат дод. Аммо бо лабханди маҷбурӣ рӯ ба духтараш овард.

- Рав бачам аз яхчол як ду бурида гӯшт биёр,- гуфт.

- Худат биёр, ман ба духтарам кор дорам, гуфт мард ва табассуми мармузе дар лабонаш гул кард. Аз ин ҷумла дар пушти духтар мурғак дамид.

- Бишин духтарам, - гуфт ӯ ва ба чеҳраи рангпаридаи духтараш чашм дӯхт.

Фаришта аз ин меҳрубониҳо хубиеро чашмдор набуд ва оҳиста дар кунҷи кат нишаст.

Зан дав-давон ба ошхона рафт ва он қадар зуд баргашт, ки ҳанӯз як калима ҳам аз даҳони шавҳараш берун нашуда буд. Маълум буд, ки шавҳараш дар бораи меҳмонии шаби гузашта ба ӯ чизе нагуфтаст. Аз бари боло гузашту бо лаби остин худро шамол дод, ҳаш-ҳаши нафаскашиаш паст намешуд. Мард бо гӯшаи чашм ба занаш норозиёна нигоҳ кард. Хеле фозилона сукут кард, бо ангуштонаш нӯги мӯйлабашро тоб дод, он қадар, ки мӯйлабаш мисли думи муш борик шуд.

- Меҳмонҳои шаби гузашта хостгор буданд, - ниҳоят лаб ба сухан боз кард ӯ. Оҳиста гап мезад, ангор, мехост ҳар ҷумлааш нишонрас бошад ва касе натавонад ҳарфашро рад

кунад.

- Яке аз онҳо, ҳамоне, ки камгап буд, хотирхоҳат шудаст, мегӯянд одами хуб аст, аз панҷ панҷааш ҳунар мерезад. Чандин сол дар тарафҳои Русия будаст. Ҳамин рӯзҳо баргаштаст, хонаводаи сарватманд аст, мехоҳанд барояш ҷуфт бигиранд. Ман розигӣ додам... ту ҳам синну солат ба ҷойе расидааст, агар ҳоло шӯ накунӣ, як умр танҳо мемонӣ, - мард нутқи кӯтоҳашро ба итмом расонд ва сарашро ба рӯи лаълии гӯшт хам кард.

Фаришта сархаму хомӯш буд. Хомӯширо халтаи чакка халалдор мекард, ки зардоб аз шиками дамидааш қатра-қатра ба тағораи холӣ мечакид ва "тақ-тақ" садо мебаровард. Ашкҳои духтар бесадо ба доманаш чакиданд. Агар ашкҳояш набошанд, гумон мекардӣ, ки ӯ аз ҳарфҳои падар мутаассир шудааст ва аз ҳаё сар хам кардааст.

- Ту ба ин гап чӣ мегӯӣ? - пурсид ниҳоят мард ва устхони урёни бегӯштро ба тарафи саги сиёҳ ҳаво дод. Саг ин бор фирефта нашуд, устухонро ин тарафу он тараф тоб доду дид, ки гӯште надорад, ноумедона ба ҷояш нишаст ва рӯяшро тарафи дарвоза гардонд.

- Чаро гап намезанӣ? Бигӯ фикратро бишнавем!?

Фаришта аз ғусса бӯғз кард, чашмони аз гиря сурхшудааш бо гӯшаи остин пок карду рӯ ба падар овард.

- Падар, ман 29- солаам, аз рӯи инсоф аст, ки шумо маро ба марди шастсола ҷуфт мекунед?

- Кӣ гуфт, ки шастсола аст? Мумкин ба панҷоҳ нарасида бошад, ту ҳам он қадар ҷавон нестӣ, ки нозу нуз кунӣ. Ҳамсолонат ду сол баъд бача зан медиҳанд, ту на шӯ дорӣ, на кӯдак на хонаву дар!

- Наход ман ин қадар дармондаву пасмонда бошам, ки маро бо ҳар кӣ пеш омаду хушомад ба шавҳар медиҳед?

Чеҳраи мард аз хашм тира шуд. Ӯ дандон ба дандон месовид ва ҷумлаи муносиб мекофт, ки дами духатарашро батамом бубандад.

- Ман ба ин хостгорҳо розигӣ додам ва ҳарфамро пас намегирам, мехоҳӣ хамин, намехоҳӣ чор тарафат қибла аз баҳрат мегузарам, поюю қадамат дигар ин хонаро намебинад. Тайёриатро бин, ҳамин ҳафта барои маслиҳати тӯй меоянд.

Ӯ бо қаҳр аз ҳавлӣ баромад ва дарвозаи оҳанинро чунон сахт пӯшид, ки деворҳо ларзиданд.

- Шумо чаро хомӯшед? Чаро тарафи маро намегиред?- духтар баъди аз дарвоза берун шудани падар ба сари модараш тохт.

- Охир ин гӯрсӯхта то ҳамин соат ба ман чизе нагуфт, ақалан таку дарак мекардам, ки домод чӣ одам аст.

- Шумо бояд мегуфтед, ки ман духтарамро аз кӯча наёфтаам, ки ба марди пир ба занӣ диҳам, бигзор якумр дар хона бе шӯ монад, вале бо марди пир издивоҷ намекунад!

-Магар мешавад бо падари ту бо ин лаҳн гап зад, сангу сафолро дар сарам мешиканад, феълашро ку беҳтар аз ман медонӣ.

- Шумо як дафъа ҳам дар рӯ ба рӯи ӯ модарвор аз мо ҳимоят накардед, сарнавишти хоҳарҳоямро ба хости худаш ҳал кард, шумо хомӯш будед. Ҳоло навбати ман расид, шумо боз ҳам гӯш ба карӣ задаед. Худоё, чаро ман дар ин хонавода ба дунё омадам!? - духтар инро гуфту гирякунон ба тарафи ҳуҷрааш давид.

Зан хеле фикр кард. Эътирози духтараш каме ӯро ба худ овард, аммо паёмади ин баҳсро аз қабл медонист. Вақте барои духтари дуюмаш хостгор омад, духтарак акнун мактабро бо баҳои аъло хатм карда буд ва мехост ба донишгоҳи тиббӣ санад супорад. Хостгор аз рафиқони шавҳараш буд, ки барои писараш арӯс мекофт ва розигии падари арӯсро дар сари замини кишт гирифт.

Ҳатто аз духтараш напурсид, ки домодро мехоҳад ё не. Хостгорҳо бехабар омаданд, омаданду ба арӯс курта пӯшдонданд ва сурати домодро дар бағалаш гузоштанд. Духтари бечора аз гиря варам кард зорӣ кард, ки ояндаашро

насӯзонанд. Аммо ба кӣ мегӯӣ!

Вақте зан ба миён даромад, "духтарҳоро ту аз роҳ мебарорӣ" гуфт ва гесувони ӯ кашиду рӯ-рӯи замин аз хона то байни ҳавлӣ баровард. Духтар аз тарс ба пойи падараш афтод, зорӣ кард, ки модарашро назанад. Духтаре, ки акнун қадам ба ҳаждаҳ мегузошт ва дар дил ҳазор орзуву ҳавас дошт, ночор ба ин издивоҷ розӣ шуд. Зан як моҳи дигар натавонист сар шона кунад, аз сараш қабза-қабза мӯй мерехт. Ин ҳодиса алови чашми се духтари дигарро сахт гирифт ва онҳо амри издивоҷро бо сари хам ва ашк дар чашм пазируфтанд. Домодҳо одамони баде нестанд, аммо духтарҳо ба онҳо ишқу шавқ надоранд. Ҳафтаҳоро дар хонаи падар сипарӣ мекунанд ва шӯ ба ёдашон намерасад.

Зан хеле дар канори суфраи субҳона нишаст, он қадар нишаст, ки панҷаи офтоб ба рӯи кат расиду селаи пашаҳоро бо худ овард. Пашаҳои вақтсаркарда гоҳ дар пиёлаи асал дармемонданд гоҳ дар косаи қаймоқ. Зан талвосаи ҷонкании онҳоро медиду намедид. Сараш дар фикр гум буд, дилаш ба ҳоли духтараш месӯхт. "Наход духтари нозанинро ба як пиракӣ ба шавҳар диҳӣ? Инсофатро худо бигирад!" - мегуфт. Қарор кард, ки ҳарчӣ бодо бод бегоҳ бо шавҳараш суҳбат мекунад. "Чӣ корам мекунад? Як қабза мӯи дигарамро меканад, намекушад ку!"- гуфт ба худ ва дастархонро ба пашаҳо гузошта ба суроғи духтараш рафт.

Фариշта имрӯз аз хонаи хобаш берун нарафт, чизе ҳам нахӯрд, якчанд меҳмони аз бозор баргаштаро, ки "соҳибхона!" - гӯён бе пушт-пушт ба ҳавлӣ ворид шуданд, модараш дар ҳуҷраи боло пазирой кард ва барояш дастархон кушод. Зан меҳмондӯстдор аст, аммо ҳоло дилаш на меҳмон мехост, на косаву дастархон. Меҳмонҳо ҳам аз чеҳраи гирифтаи ӯ рамуз бардоштанд, ки оши шабмондаро хӯрданду омин карданд.

Бегоҳ баъди ғизои шом, вақте шавҳараш ба дандонкобӣ шурӯъ кард, ба ӯ гуфт, ки аз ин васлат мунсариф шавад.

-Духтарамро аз кӯча наёфтам, ки ба он пиракӣ диҳам. Бигзор пирдухтар бошад, вале сиёҳбахт нашавад.

Мард суханони занашро хомӯшона гӯш мекард, зоҳираш ором буд, вале дарунаш аз ғазаб мечӯшид. Даҳонашро чайқонду бо кароҳат ба пушти кат туф кард ва пиёлаи чойро бо шаст ба тарафи занаш партофт. Пиёла ба сутуни тараки ангур бархӯрду пора шуд ва як теғааш пешонаи занро шикоф кард. Ӯ аввал дардро эҳсос накард, гумон кард, ки чойи гарм аз пешонӣ ба рӯяш рехт. Кафидани пешонишро вақте дарк кард, ки домани куртаи сафедаш аз хун гулгун шуд.

- Илоҳи, дастат бишканад, беинсоф!

Ӯ пешонаи хуншорашро бо гӯшаи рӯймолаш пӯшонду бо фиғон ба сӯи хонаи духтараш давид. Хунравӣ то дер манъ нашуд ва ҷой захм варам кард. Фаришта пушаймон шуд, ки чаро модарашро ба гуфтугӯ бо падари ҷоҳилаш таҳрик дод ва ҷони ӯро дар хатар гузошт.

Оташи ҷанг дар хона як ҳафта хомӯш нашуд. Мард бо ҳар баҳона занашро танбеҳ медод, косаро ба табақ мезад, арбада мекард, ҷанг мекофт. Духтару набераҳояшро, ки дидорбинӣ омада буданд, рӯи рост аз хона бадар кард:

- Чӣ хабар аст ин ҷо, бишинед дар хонаҳои худ, як поятон ин ҷову пойи дигаратон он ҷо, зиндагӣ надоред шумо!?

На субҳона мехӯрд на хуроки шом, бо нону дастархон ҳам қаҳрӣ буд. Чунон кард, ки фазои хона барои ҳама танг шуд, на худаш рӯз дошт ва намегузошт, ки дигарон нафаси осуда бигиранд. Зан аз тарс ба ҳуҷраи духтараш кӯчид.

Як субҳ ду даст дар миён дар байни ҳавлӣ манъ шуду чунон ки сагро садо мекунанд, ҳамсарашро гуфт:

- Ҳой, ин ҷо биё!

Зан куртаи ларза дар тан аз хонаи хоби духтараш ба ҳавлӣ баромад. Мард ба ӯ наздик шуду ангушти ишораашро таҳдидомез дар зери димоғи ӯ такон дод.

- Духтаратро насиҳат накунӣ, дар миёни мардум

ҷавобатро медиҳам, бирав, бо духтарат куҷое меравӣ, чор тарафат қибла!- гуфт ва бо тантана аз ҳавлӣ берун рафт.

Зан аз нотавонӣ оҳиста ба замин ғеҷид ва бехудона зонувонашро бағал кард. Фариштa таҳдиди падарашро шунид, фаҳмид, ки ин охири кор аст ва ӯ ба ҷуз издивоҷ илоҷи дигар надорад. Дар паҳлуи модараш ба замин нишаст. Чеҳраи зан афсурдаву пажмурда буд ва чашмонаш нур надоштанд. Ӯ дар ин як ҳафта ба андозаи даҳ сол пир шуд. Модарро бағал карду аз пешониаш бӯсид ва бесадо ба ҳуҷра даромад. На фиғон кашид, на ашк рехт, гӯё ашк ҳам дигар бори ғами сангини ӯро намебардошт, ин кӯҳ буду он коҳ.

Мард ҳангоми ғуруб ба хона баргашт, дасту рӯяшро шусту либос иваз кард ва дар меҳмонхона ғел зад. Фаришта аз саҳар роҳи ӯро мепоид ва баробари баста шудани дари меҳмонхона бо қадамҳои устувор аз паллаҳо боло шуд.

Падараш дар такяи болишти баланд по рӯи по ба пушт хобида, бар чизе меандешид. Тоқиии чоргулашро рӯи синааш гузошта ва сарашро, ки мисли пӯстаки фарсуда гоҳ ҷояш пашм дошту гоҳ ҷояш аз бе мӯӣ ялақос мезад, бехудона мемолид. Ӯ ҳатто омадани духтарашро эҳсос накард. Фаришта аз ӯ чашм намеканд, гӯё ин мардро бори аввал медид, мисли бегонаҳо буд, ҳар қадар ҷуст, аммо дар ягон гӯшаи дилаш нисбат ба ӯ эҳсоси хубе пайдо накард. Ба ёд оварда натавонист, ки дар тӯли умри қариб сисола боре ҳам дилаш аз муҳаббати падар ҷӯш зада бошад.

Аз замоне, ки худро ёд дорад, ҳамеша аз ӯ метарсид. Вақте падар аз дар медаромад, панҷ хоҳар мисли аскар рост мешуданд. На сурмае на усмае на рангу боре, ҳамаи инҳо барои хоҳарон мамнӯъ буд. Боре хоҳари дуюмаш пинҳонӣ зулфонашро қайчӣ зад, хеле ба ӯ мезебид. Дар хона зулфонашро дар зери рӯймол пинҳон мекард, дар мактаб шона мезаду пар-пар мекард. Ҳамон шабу рӯз шохаҳои ангур аз серборӣ хам мезаданд ва падараш амр кард, ки духтарҳо хӯшаҳои пухтаро беозор аз шоха бардоранд. Хоҳараш аз навдаи баланди ток хӯшаҳои ангурро дар сабад ҷо мекард ва бо арқамчин ба поён

мефаровард. Падараш рӯи кат каҷпаҳлу зада пинак мерафт. Ин дам пойи хоҳар ғеҷиду бо сабади пури ангур аз баландӣ ба замин афтид. Беҳуш буду зулфҳои парпариаш аз зери рӯймол берун шуданд. Ба рӯяш як коса оби сард пошиданд, ранг дар рӯ надошт, дасташ шикаста буд. Аммо падарро дар болои сар диду бо ҳамон дасти шикаста ҳаросон рӯймолашро поён кашид ва зулфонашро пинҳон кард.

Тарси онҳо аз падар ба ин андоза бузург буд.

Аммо ҳоло духтари бузурги хонадон, оне, ки аз ҳама зебо ва боҳуш аст, вале аз бахти бадаш дуру дароз дар хонаи падар мондагор шуд, чашм аз ӯ намеканд ва эҳсос мекард, ки дигар аз ин мард наметарсад.

Духтар гулӯ тоза кард то падарро аз омаданаш огоҳ кунад. Мард саросема тоқиашро ба сар гузошту чорзону зад ва суоломез ба ӯ чашм дӯхт. Фаришта дар муқобили падар бо сари баланд мистод, гардани ҳамеша хамидааш шояд бори аввал ба ин андоза мағрурона баланд шуда буд.

- Шумо барои ман интихоби дигар нагузоштед, бароям нопадарӣ кардед, бошад, бо ҳамон марди пир издивоҷ мекунам. Аммо як шарт дорам.- Фаришта инро гуфту каме сукут кард. Хомӯшии ҳуҷраро чап-чапи даҳони падараш вайрон мекард, ки чормағзи нимпухтаро бо дандон мегазиду шираашро мемакид ва баҷаашро ба лаби дастрахон туф мекард.

- Чӣ шарт дори? - пурсид ӯ тамасхуромез.

Духтар бо танаффур ба падараш нигоҳ кард. Мехост ба рӯяш ханҷол занад, пой дар ҳалқумаш гузорад ва то ҳафа шудан сар надиҳад. Падар мавҷи нафратро дар чашмони духтараш диду аз тарсе, ки мабодо ӯ аз қавлаш нагардад, лаълии чормазро як тараф гузошт.

- Пурсидам чӣ шарт дорӣ?

- Тӯю тантана намехоҳам. Маслиҳати тӯй ҳам даркор нест, ҳар вақт, ки хост, маро ба хонааш бубарад.

- Чӣ хел? Магар бе тую тамошо мешавад? Мардум чӣ

мегӯяд?
- Ман ба мардум коре надорам, шарти маро ба он

пиракӣ расонед!

Фариштa дар хонаи торик, рӯи гилем, дар паҳлӯи модараш дароз кашид. Бо чашмони боз, ки торикӣ онҳоро бозтар мекард, ба сақфи хона хира шуд. Ин сақф солҳо оташи чашмони ӯро дар ҷони худ эҳсос кардааст. Чашмҳо аввал шод, пур аз шавқу шӯр, лабрези хоҳиш ва моломоли рӯъёҳо буданд. Аммо баъд баҳри пурталотум шуданд, ки мавҷи шӯраш сар ба соҳил мезад ва аз гӯшаи чашмонаш ба болишт сарозер мешуд. Аммо ин чашмон акнун мисли ду пораи ях сарду беҳис буданд. Нолиши модараш нигоҳи Фариштаро аз сақф поён овард. Ӯ аз рахти хоб як болиштро кашиду ба зери сари модараш гузошту рухсораҳои ӯро бо эҳтиёт навозиш кард. Зан хоболуд дасти духтарашро бӯсид. “Бечора модарам, дар зиндагӣ як рӯзи хуш надид!”

Ин дам модагови зотӣ, ки гӯсолаи навзод дошт, бо садои гӯшхароше фарёд зад, ба думболи гов садои заъифи гӯсолааш баланд шуд. Ногаҳон ба ёдаш расид, ки на шоми дирӯз ва на ин имрӯз даст ба пистони гов назадаст! Пойлуч ба гӯшаи дигари ҳавлӣ давид ва дар торики деворро палмосиду чароғи оғилро рушан кард. Модагови зотӣ, ки саҳару бегоҳ ду сатил шир медиҳад, ҳоли табоҳе дошт. Пистонаш мисли халтаи дӯғ варам, чочҳои тарангаш ба чор тараф парешон, танаш дар шошаву саргин тар ва шикамаш аз гуруснагӣ дар пушташ часпида буд. Гӯсолаи нимҷонаш низ аз гуруснагӣ базӯр овоз мебаровард. Модагов бо чашмони ало ба тарафи духтар шох кашид.

- Аз мо наранҷ, ин ҷо девонахона аст, шояд ягона махлуқи ҳушёр ту бошӣ, ки ғами шиками гушнаи фарзандатро мехурӣ, - гуфт духтар ва говро аз оғил берун оварду дар гӯшаи хушки ҳавлӣ баст ва гусоларо аз банд раҳо карду ба сӯи модараш тела дод.

- Бихӯр шири модаратро, ту бештар аз дигарон ба ин мустаҳақ ҳастӣ!

Гӯсола ба пистони модараш часпида, нуқӣ мезаду шир

мехӯрд. Аз чочҳои варамидаи модагов хун мечакид ва бачаааш ширу хуни модарро ҳарисона мемакид. Ҳайвони безабон нолиш мекард, аммо дилаш намешуд гӯсолаи гуруснаро аз пистонаш дур кунад:

- Фарзанддорӣ ба ту ҳалол! - гуфт духтар ва халтаи алафро бо сатили пуроб дар пеши модагов гузошт. Гӯсолаи ширмаст фукашро ба шиками модараш мемолид, ангор, аз шир сер шуда буду дилаш ҳавои навозиш дошт. Фаришта пешонаи қашқаи модаговро навозиш кард.

- Бихӯр сабзаи тарро, ошат шавад.

Лаби ҳавз нишасту пойҳои саргинолудашро ба об дароз кард ва чашмонашро пӯшид. Ҳеҷ гоҳ ба ин адоза хобро муштоқ набуд.

- Эй кош, бихобаму дигар барнахезам!

Боқии шабро бо карахтӣ рӯз кард, саҳар ҳам аз хонааш набаромад. Ҳавлӣ холӣ буд, на хоҳар монд на хоҳарзода, ҳама қаҳр карданду рафтанд. Селаи майнаҳо ҳавлиро хилват ёфта хӯшаҳои нимпухтаи ангурро лош мекарданд, мехӯрданду бо худ мебурданд. Фаришта рӯзе чанд дафъа ҳамели қуттиҳои оҳаниро, ки барои тарсонидани майнахо дар шохи дарахт овезон буд, такон медод ва паррандаҳоро метарсонд. Аммо имрӯз майнаҳо гӯё тӯй доштанд ва ғичим-ғичим ангурҳои хому пухтаро ба ҳавлӣ пош медоданд. Фаришта ногоҳ дарк кард, ки ҳама чиз барояш бетафовут шудааст, мисли одамоне, ки дардашон аз марзи дард мегузарад ва дигар нороҳатиеро эҳсос намекунанд, на ашк мерезанд ва на оҳ мекашанд, гӯё ҳайкали санг мешаванд.

Бо ҳамин, ӯ бегоҳи рӯзи дигар падарашро дид.

-Шарти туро ба домод расондам, розӣ шуд, рӯзи шанбе барои бурданат меояд, чизу чораатро ҷамъ кун, ягон камбудӣ бошад гап зан аз бозор мегирам, матое ,тилловорие, - гуфт падар ва пушти сарашро хорид.

- Ман ягон чизу чора намебарам, ҳамин куртаи танам кофист, бигӯед шабона биёяд, баъди хоби мардум.

- Мехоҳӣ обрӯи моро дар назди одамони баобрӯ дар замин бизанӣ?

- Мо магар обрӯ дорем? Фаришта мехост ҳар каломаш тирвор ба синаи падар бизанад ва ӯро захмӣ кунад.

Падар суханҳои духтарашро ношунида гирифт. Ӯ мехост ҳар чӣ зудтар Фариштаро ба “хонаи бахт” гусел кунад ва ҷонаш аз таънаи мардум халос шавад.

- Дар ин хона ягон одами зинда ҳаст, ки ба мо як даҳан нон бидиҳад!? - гуфт ӯ бо садои баланд ва сӯи ошпазхона нигоҳ кард. Фариштаву модараш ҳарду гӯш ба карӣ заданд.

- Имрӯз чандшанбе аст? - бо ҳарос пурсид модар, ки гуфтугӯи падару духтарро аз пушти дар мешунид

-Ҷумъа.

- Воҳ! Пагоҳ туро мебаранд? Ӯ худро ба оғӯши духтараш партофту мисле, ки мурдаро нола мекунанд, овоз андохт.

- Духтари бечораи ман, духтари бадбахти ман, духтари рӯзнодидаи ман...

- Нигарони ман набошед, шояд ҳолу рӯзам аз он чӣ дар ин хона кашидам бадтар нашавад. Фаришта модарашро бӯсид, сари дардмандашро навозиш кард.

Ба чеҳраи афсурда ва пешонии латтабанди модараш нигаристу дилаш реш шуд.

- Худоё, ба ман ҳар дарду доғе бифристӣ розиям, модарамро дар паноҳи раҳматат ҳифз кун.

Домод ҳамон тавр, ки духтар шарт гузошта буд, ними шаб омад, дар тан либоси домодӣ надошт, чеҳрааш мисли санг сарду дурушт буд, гӯё лабханд ҳеҷ гоҳ аз гирду гӯшаи лабонаш нагузаштааст. Танҳо набуд, ду ҳамроҳ дошт, - яке ҳамон марди ҳавобаланд, ки дафъаи гузашта хостгорӣ омад ва дигараш ҷавони 25-30-солаи болобаланду хушандом, ки ҳунармандони синаморо ба хотир меовард. Меҳмонҳо баромадани арӯсро дар кати рӯи ҳавлӣ интизор шуданд. Касе ба онҳо як пиёла чой ҳам пешкаш накард. Модар дар гирди духтараш парвона буд ва хоҳиш мекард, ки сандуқи

арӯсиашро бо худ бигирад.

- Хоҳиш мекунам, ба хотири ман, ба хотири падарат не, ҳамин куртаи махмали сабзро бипӯш ва ин чодари сафедро ба сарат парто, ҷонам фидоят не нагӯ, дили маро нашикан, - зори мекард зан. Фариштa хоҳиши модарро ба ҷо овард. Ӯро ба оғӯш гирифту ҷомадонро, ки як ду пероҳан дошт, сабук аз замин бардошт.

- Меравӣ? Ман ҳам бо ту меоям!

-Модар...

Фаришта худро базур аз оғӯши модар раҳо кард ва бе он ки ба меҳмонҳо нигоҳ кунад, ба кӯча баромад.

- Амак, хезед охир арӯс рафт - шӯхӣ кард ҷавони хушандом ва меҳмонҳо бо аҷала ба кӯча баромаданд.

- Ман бо мошини худам аз ақиби шумо меоям, -гуфт падари арӯс ва ба сӯи мошинаш қадам бардошт.

- Даркор нест! -фарёд зад духтар, - рафтани шумо зарур нест!

Мард дар ҷояш шах шуд, меҳмонҳо бо тааҷҷуб ба якдигар нигоҳ карданд.

- Янга рост мегӯяд, дар ин ними шаб саргардон нашавед, ман ӯро дарк мекунам, - гуфт ҷавон, ки мехост падари арӯсро аз ҳолати ногувор берун орад.

- Ин тавр бошад, як дуо диҳед мо роҳӣ шавем, - хоҳиш карданд меҳмонҳо.

Мард ошуфтаҳолона зери лаб ғурунгос заду даст ба рӯ кашид. Меҳмонҳо ҳам омин карданд.

Янга шумо ҳамроҳи амакам ба ин мошин нишинед, ман ронандагӣ мекунам, - гуфт ҷавон ва мошини сафеди канори роҳро нишон дод.

Ӯ мисли ҷавонмардони тарбиядида ҷомадонро аз дасти духтар гирифту дари мошинро барояш боз кард.

Домод аз дари дигар ворид шуд ва дар кунҷи дигари ин мошини бузург нишаст, ба арӯс нигоҳ накард, ангор ӯро ҳам маҷбур зан медоданд.

Баробари тоб хӯрдани калиди мошин садои мусиқӣ баланд шуд ва овозхоне бо садои ҳазин “Ҷонам ба лаб омад, аҷаб сабре ту дорӣ, ман, ки мурдам, пероҳанамро пора кун, ман бӯе аз Юсуф набурдам”- мехонд. Ҷавон ин таронаро аз ёд медонист, ки гоҳ-гоҳ бо овозхон ҳамовоз мешуд ва бо ангушт дар чамбари мошин доира мезад. Мошинаш бӯи атру ишқу ҷавонӣ медод. Арӯсу домод мисли ду мусофири тасодуфии мошини роҳ аз якдигар рӯ тофта, ба панҷараи тира чашм медӯхтанд, ки дар он ҷуз чеҳраи худи онҳо чизе наменамуд. Ҷавони хушандом, ки аз шеваи рафтор ва тарзи озодонаи гуфтораш эҳтимол писари ҳамон марди ҳавобаланд буд, бо суръати баланд мошин меронд ва гоҳ-гоҳ аз оина ба домоду арӯс нигоҳ мекарду лабханд мезад. Мошин аз ноҳияе, ки духтар анқариб сӣ соли умрашро дар он ҷо гузаронд, дур мешуд, кӯчаҳои шиносро растаҳои ношинос ва хонаҳои пастаки музофотиро сохтмонҳои барҳавои мардуми шаҳрнишин иваз мекард. Духтар дар тамоми умр, ба ҷуз як сафари кӯтоҳ ба хонаи холааш, ки дар пойтахт зиндагӣ мекунад, аз зодгоҳаш берун нарафтааст. Хонаи хоҳаронаш дар деҳкадаҳои канори ноҳия аст, ки агар танбалӣ накуни пойи пиёда ҳам ба онҳо мерасӣ. Ӯ ҳоло намедонист, ки домод аз куҷо аст ва ӯро ба куҷо мебаранд. Модар ёдаш омаду дилаш фишурда шуд, оҳи бадарде кашид.

- Янга оҳангҳои ман писанд наомад? Ягон овозхони дӯстдошта доред, бигӯед, таронаашро аз интернет пайдо кунам.

Фариштa ҳавсалаи суҳбат надошт, аммо дилаш нашуд ба ҷавони меҳрубон нописандӣ кунад.

- Ташаккур, мусиқиҳои шумо хубанд, -гуфт. Ҷавон ба қафо нигоҳ кард ва хост аз амакаш чизе пурсад, аммо чашмони ӯро баста диду аз фикраш гашт.

Боқии роҳро бо таронаҳои гоҳ ғамангезу гоҳ шод сипарӣ карданд. Роҳи дарозе буд, мошин гоҳ аз мавзеҳои чароғон ва гоҳ аз торикистон мегузашт. Ақрабаки соат 12:59-ро нишон

медод. Ниҳоят ба шаҳре расиданд, ки кӯчаҳояш аз рӯшноии чароғҳо мисли сандуқи ҷавоҳирот ҷило медод.

Чанд кӯчаву паскӯчаро гузаштанд ва ниҳоят мошин дар назди дарвозаи оҳании як хонаи барҳаво, ки тамоми чароғҳояш рушан буд ва аз дохил садои пою ба ҳам задани косаву табақ ба гӯш мерасид, манъ шуд. Ронанда буғ назад, бо телефон ба касе гуфт:

- Мо расидем.

Баъди чанд лаҳза дари калон боз шуд ва мошин бо домоду арӯс ба роҳрави бузурги ҳавлии барҳаво даромад. Ҳавлии ба ин бузургиро духтар бори аввал медид, аз ду тараф хонаҳои баланди ду ё сеошёна қад кашида ва дар гӯшае ҳам хонаҳои замонавии яккабата ҷойгир буд, ки шояд ошхона ва ганҷурхона буданд. Манзил зоҳиран ба ҳамон марди хушлибоси ҳавобаланд таалуқ дошт.

Зани миёнқади сергӯшт, ки дар даст як порча матои муҷаллал дошт чолокона аз зинаҳои бинои дасти чап поён шуду дар назди мошин, ҷойе, ки арӯсу домод нишаста буданд, пойандоз партофт. Фаришта дастпоча шуд, ӯ мехост ба хонае биравад, ки дар он ҷуз домоди пир касе набошад ва қиссаи пирдухтару домоди пир байни ҳарду бимонад. Аммо ин хона пур аз одам буд, даҳ дувоздаҳ нафар пиру ҷавон “инро бигир, инро биёр” доштанд. Аз панҷараи боз садои гиряи кӯдак ба гӯш мерасид. Зани миёнқад, ки эҳтимол руймол бастанро балад набуд ва гесувони кӯтоҳашро дам ба дам ба даруни рӯймоли кӯчакаш тела медод, дари мошинро боз карду “хуш омадӣ келин, қадамҳоят болои дида”-гуфт ва аз дасти Фариштаро гирифта ӯро аз мошин берун овард. Қомати соҳибхона то китфҳои Фаришта мерасид ва ӯ бо нӯки по баланд шуда аз ҷабини арӯс бӯсид. Ба думболи ӯ ду духтари ҷавон бо навбат арӯсро ба оғӯш кашиданд. Онҳо либосҳои замонавӣ доштанд ва бӯи атрашон одамро маст мекард. Аз ҳама охир пиразани сафедпӯши лоғарак ба истиқболи арӯс омад, ки чеҳрааш ҳам сафед буд ва мӯйҳояш

ҳам. Мисли як мушт пари қӯ, гӯё роҳ намерафт, шино мекард.

- Пушти фарзанди маро гарм мекунӣ, худо пуштатро гарм кунад, - гуфт. Кампир аз ҳарду бари рӯи Фаришта бӯсид.

Арӯсро ба як ҳуҷраи бузурги муҷаллал бурданд, ки дастархони шоҳона дошт ва аз ҳама боло рӯи ҳафт қабат кӯрпача ҳамон мӯйсафеди сӯфинамо менишаст. Ӯ бо сари хам тасбеҳ мегардонду лабонаш бесадо меҷумбиданд. Аз тарафи рости ӯ соҳибхона, ҳамон марди хушлибос ва аз тарафи чапаш домод бо сари хам менишаст.

- Ба меҳмон аввал ғизо надодед, баъд даст ба кор шавед? - норозиёна гуфт мӯйсафед ба соҳибхона, ки Фариштаро бағал карда ба хона даровард.

- Шаб дароз аст, амак, гуфтем, аввал кори хайр анҷом шавад баъд истироҳат кунанд. Аз калимаи истироҳат, ки феълаш шакли ҷамъ дошт, ба бадани духтар рашъа дамид. - Натарс ҷонам, ҳар чӣ ту бихоҳӣ, ҳамон мешавад, - гуфт меҳрубонона зани соҳибхона, ки ларзиши тани Фариштаро эҳсос мекард.

- Наздиктар биё духтарам, он ҷо бишин, - мӯйсафеди сӯфинамо, ки эҳтимол дар ин хонадон як ҳарфи ӯро касе ду намекунад, ба паҳлуи домод ишора кард. Фаришта аз ҷой наҷумбид, пойҳояш шах шуданд, баданашро араќи сард пахш кард. Соҳибхона камари ӯро оҳиста фишор дода, бо ишораи сар“пеш гузар” гуфт.

- Биё бишин духтарам, овози пиракии сӯфинамо ин дафъа қотеона садо дод. Духтар дар оғӯши зани соҳибхона пояш дар кӯрпачаҳо печидаву тоб хурда то паҳлуи домод расид. Зан домани куртаи ӯро поён кашиду омирона гуфт:

- Бишин!

Фаришта пушт ба домод рӯи кӯрпача нишаст. Кампири сафедпӯш, ки ин саҳнаро аз дур мушоҳида мекард, аз ҷояш бархосту бо қадамҳои чун пари қӯ сабук ба назди духтар

омад.

- Келин, шумо ҷиҳози никоҳро биёред, ман худам дар паҳлуи арӯсам мешинам, - гуфт ва оҳиставу мулоим дар пахлуи духтар нишаст. Дасти ӯро модарвор навозиш кард ва бо садои паст, ки танҳо духтар мешунид гуфт.

- Дилат дур наравад, писари ман каме одамгурез аст, аммо дили нарму зебо дорад, сарнавишташ ба ту кашида будаст, иншоаллоҳ бо ҳам хушбахт мешавед.

Ин дам мӯйсафед бо садои баланд ба қироати хутбаи никоҳ оғоз кард ва аввал рӯ ба ҷавон овард.

- Рашид писари Ҳомид дар шоҳидии ду нафар Фаришта духтари Сафарро ба занӣ қабул мекунӣ? Домод хомӯш буд. Мӯйсафед суолашро боз такрор кард, домод садо набаровард. Духтар на он рӯз дар меҳмонхонаи падараш ва на имрӯз, дар роҳи сафари чандсоата садои ӯро нашунид, домод ҳамеша сокит буд, гӯё забон надошт. Мӯйсафеди сӯфинамо ин дафъа бо асабоният пурсид:

- Писарам ин арӯсро мехоҳӣ ё не, маҷбурӣ нест, нахоҳӣ, аз ҳамин ҳоло бигӯ! - гуфт ӯ.

Ҳуҷраро хомӯшӣ фаро гирифт. Фаришта ба худ гуфт, агар домод никоҳро рад кунад, ӯ бо мошини роҳ худро ба хонаи холааш мерасонад ва ҷонаш халос мешавад. Холааш гуфта буд, ки ӯро дар ширкати қаннодиаш ба кор мегирад ва санадҳояшро барои хондан ба бахши ғоибонаи донишгоҳ месупорад.

- Эй кош "не" мегуфт!

– Писарам, ман ҳавсалаи то саҳар ин ҷо нишастан надорам… - мӯйсафед ҷумлаашро то охир нарасонда гуфта буд, ки домод "бале қабул мекунам"- гуфт.

Мӯйсафед қонеъ нашуд.

- Бигӯ хостам ва қабулаш кардам. Домод ҳарфи мӯйсафедро такрор кард.

- Боракалло, - гуфт пиракии сӯфинамо.

Баъди розигии домод ӯ як лаҳза ҳам манъ нашуд ва рӯ ба

духтар овард
- Фариштa духтари Сафар тану нафси худро ба Рашид писари Ҳомид бахшидӣ?
Мӯйсафед ин суолро се дафъа такрор кард. Хавоси духтар паршон шуд, аз дарки ҳолате, ки ҳоло як хонаи пури одам ба ӯ нигоҳ мекунанд, наздик буд беҳуш шавад.
- Духтарам, то ин ҷо бо пойи худ омадӣ, “бале”-ро бигӯю корро тамом кун! - гуфт мӯйсафед.
Кампир норозиёна ба мӯйсафед ишора кард, ки ба арӯс фишор наорад ва худаш китфони духтарро навозиш мекард, мисли аспбози моҳир, ки пеш аз зин задани аспи саркаш онро хору мол мекунад, эътимодашро ба даст меорад ва баъд ғофилгир мекунад.
-Бигӯ духтарам, баланд нагӯ, ман шунавам кофӣ аст, - мегуфт ӯ бо овози паст. Он қадар меҳрубониву навозиш кард, ки духтар ноилоҷ бо садои паст “бахшидам” - гуфт . “Бахшидам”- гуфту ногоҳ дарк кард, ки як боби достони зиндагиаш дар ҳамин ҷо ба поён расид.
“Ман пирдухтари 29-солаам, ки ба гуфтаи падарам, агар бо ҳамин пиракӣ издивоҷ намекардам, дигар саг ба тарафам намеҷакид. Ин мард бист сол аз ман бузург аст, қариб ҳамсоли падарам, вале таззодро бубин, ки ҳатто ӯ ҳам маро намехоҳад, чӣ сарнавишти масхарае дорам!”
Кампир чодари арӯсро каме боло карду косаи оби никоҳро ба дасташ дод. Духтар як ҷуръа нӯшид ва косаро ба кампир баргардонд.
- Косаро ба шавҳарат бидеҳ, бигзор ӯ ҳам бинӯшад. Духтар акнун ба ёд овард, ки пушт ба домод нишастааст. Ҳама ба ӯ нигоҳ мекарданд. Бо дили ноxоҳам аз ҷойи нишастааш тоб хӯрду пиёларо ба домод дод. Домод ҳам аз оби никоҳ нӯшид. Ҳама омин карданд ва занҳо як-як ба қуттиҳои хурду бузурги тухфаҳоро, ки аз рӯи ҳаҷму сохт эҳтимол ҷавоҳирот буданд, ба домани арӯс гузоштанд. Кампир ба келинаш чи ишорае кард, ки ӯ “ҳозир” гуфт ва

баъди чанде бо ҳамон ҷавони ронанда сандуқи пурнақшу нигорро ба хона овард. Кампир аз ҷой бархосту сандуқро кушод.

-Ин туҳфаи манубобоят ба шумо, гуфт ӯ ва ба тарафи мӯйсафеди сӯфинамо ишора кард. Соҳибхона туҳфаҳои арӯсро ҳам ба сандуқ гузошт, дарашро пӯшид ва калидашро ба Фариштa дароз кард. Фаришта калидро нагирифт. Кампир ба келинаш ишора кард, ки ба арӯс фишор наёрад.

- Арӯсро хонаи худаш бубар, каме истироҳат кунад, - гуфт ӯ.

Ҳуҷрае, ки духтар бо кумаки соҳибхона ба он ворид шуд, бо шукӯҳу шаҳомат аз меҳмонхонаи дидааш фарқ надошт, фақат тамоми ашё ва асбоби ороишоти ин хона, аз пардаву гилем то ҷевону қандилу гулдону зарфҳои рӯи миз ҳама ранги ғирмиз дошт. Тахти хоб бо бораҳои зарҳалӣ, болишту болопӯши шоҳӣ ва ду шабчароғи баланд, ки суроби марду зани ҳамоғӯшро ба ёд меовард, низ қирмизӣ буданд. Духтар хонаи ба ин зебоиро бори аввал медид. Ҳуҷраи ӯ дар хонаи падараш як ҳуҷраи соддае буд, ки як тахти хоб дошту як ҷевон. Аммо ин ҳуҷра бо панҷараҳои аз замин то шифт хонаи афсонавиро мемонд. Ӯ бо эҳтиёт ба гӯшаи тахти хоб нишаст. Ин дам касе ба дар ангушт зад, духтар ҳаросон чодарашро пеш кашид. Духтари лоғарандоми болобаланд, ки шалвори тангаш пойҳои нозукашро дарозтар нишон медод, дар як синӣ ғизо овард. Ӯ синиро рӯи миз гузошту наздик омад ва чодари арӯсро аз рӯяш бардошт. Дуру дароз ба чеҳраи Фаришта нигоҳ кард, нигоҳаш кунҷковона буд.

- Шумо хеле зебоед, ман ҳамеша мегӯфтам, ки амакам одами хуш шонс аст! - гуфт ниҳоят духтари почдароз.

- Ягон чиз бихӯред, гушна мондаед.

- Ташаккур, гурусна нестам.

- Шуморо дарк мекунам, хонаи ношинос, одамҳои ношинос, якбора никоҳу издивоҷ, ман ҳам дар ҷойи шумо мебудам шок мешудам. Падари маро медонед, ҳамроҳи

бобоям ба хонаи шумо хостгорӣ рафта буд. Бобо шавҳари аммаи ман аст, аммаамро ҳам медонед, дар маросими никоҳ паҳлуи шумо нишаста буд. Падарам ва амакамро аммаам бузург кардааст, дар хурдӣ ятим монданд. Аммаам фарзанд надорад. Падари маро ва амаки Рашидро фарзанд медонад. Амакам зангир набуд, ӯро аз Русия маҷбур оварданд, баргаштан намехост, оварданду зан доданд. Барои ҳамин асабонӣ аст, - духтар лабханд зад. Ӯ ба модараш монанд буд, шакли лоғар ва болобаланди модараш.

Ногоҳ дар кушода шуд ва духтари соҳибхона суҳбатро қатъ карду аз ҷой бархост. Кампир домодро ба назди арӯс овард ва ба наберааш ишора кард, ки аз хона барояд. Фаришта аз ҷой бархосту чодарашро дубора пеш кашид.

- Шаби никоҳ танҳо мондани арӯс хубӣ надорад, деву ҷуку ҷондор дар атроф мегардад, -гуфту домодро бо арӯс танҳо гузошта, ба думболи наберааш берун баромад.

Баробари аз дар берун шудани кампиру набера духтар боз пушт ба домод кард. Хеле гурусна буд, бӯи ғизоҳои синӣ иштиҳояшро бедор мекард. Ӯ бо ду даст шикамашро фишор дод, ки мабодо аз гуруснагӣ садо набарорад. Ҳузури домод ғаши ӯро меовард. "Агар ҳоло ин марди дар синну сол баробар бо падарам ба ман даст дароз кунад, чӣ кор кунам? Фарёд занам, худам шарманда мешавам, мегӯянд бо пойи худ омадӣ, мо туро маҷбур накардем, чӣ кор кунам??" - духтар нақшаи аксуламал ба дастдарозии домодро мекашид. Аммо домодро парвои арӯс набуд.

Ӯ дар гӯшаи дигари тахти хоб нишаста, бо телефонаш бозӣ мекард ё чизе менавишт. Духтар ором шуд ва аз хастагиву асабоният дар такяи девор хобаш бурд. Ёд надорад, чӣ қадар хобид. Як замон ҳис кард, ки касе китфашро такон медиҳад, ҳаросон чашм кушод.

- Натарсед келин, ин манам, – гуфт соҳибхонаи хандонрӯ, - омода шавед, бояд то баромадани офтоб ба роҳ бароед. Домод дар ҳуҷра набуд, зан ба ҷойгаҳи оҳарӣ, ки як

риштааш ҳам ғиҷим нашуда буд нигарист.

- Домодро роҳ надодед-а? - гуфт ӯ нимшӯхиву нимҷиддӣ. Фаришта ҷавоб надод.

-Хезед, дастшӯӣ он ҷост, ба рӯятон як панҷа оби хунук занед, хобатон мепарад. Ӯ ба даре, ки дар паҳлуи даромадгоҳ буд ишора кард. Фаришта бо аҷала аз ҷой баланд шуд, чодар аз сараш афтид. Соҳибхона аз қомати баланд ва гесувони ба қад баробари арӯс, ки акнун зани додаршӯяш ҳисоб мешуд, чашм намеканд. Ҳусни табии духтар ӯро мафтун мекард.

-Як пиёла чой нӯшида, баъд равед, роҳ тӯлонӣ аст, гурусна мешавед.

Фаришта напурсид, ки ин роҳи тӯлонӣ ӯро куҷо мебарад. Шоли сафедашро ба сар карду ба самти даромадгоҳ рафт. Зани соҳибхона бо тараҳҳум ба Фаришта нигоҳ мекард. Ӯ дар хостгориву интихоби келин ҳамроҳ набуд ва гумон дошт, духтар ягон иллат дорад, ки бо марди бист сол аз худаш бузург издивоҷ мекунад. Аммо ҳоло ба қомати баланд, чеҳраи нозук, абрувони думи мор ва мижгонҳои хамидаи духтар нигоҳ карду ҳайрон шуд, ки чаро волидонаш ба ин васлат розӣ шуданд.

То аз дастшӯи баргаштани Фаришта соҳибхона субҳона овард, чою ширу панир ва нону асал.

- Гуфтам ин ҷо роҳаттар аст бароят, чоятро бинӯш, то додаршӯйиям мошинашро омода кунад. Зан аз дар баромада буд, ки духтар ба дастархон часпид он қадар гурусна буд, ки ба гуфти худаш гӯё аз дарав омада буд. Ногоҳ саги сиёҳи ҳамеша гурусна ба ёдаш расиду ғами сангине синаашро фишор дод, гиря гулӯгираш кард. Нонро мегазиду ашк рӯяшро мешуст, нонро бо ашкҳои талх фурӯ мебурд. Хонаи падар бо модари мазлум, гови зотии чамбаршох, гусолаи ширмаст ва меҳмонҳои раҳгузар ба ёдаш расид. Субҳона дар комаш заҳр шуд.

Соҳибхона бо духтаронаш омаду бо худ шона ва асбоби ороиш овард, аммо ашкҳои шашқатори арӯсро дида, истиҳола кард. Духтари почадароз ӯро ба оғӯш кашид ва китфонашро навозиш кард. Алами Фаришта аз ин меҳрубонӣ бештар шуд. Ҳар се хомӯшона ба ҳиқ-ҳиқи ӯ гӯш медоданд, чеҳраи духтарҳои соҳибхона маҳзун буд, дилашон ба ҳоли арӯс месӯхт, аммо барои тасаллӣ ҳарфе надоштанд. Чӣ ҳам мегуфтанд!

Аз берун касе садо кард, ки мошин омодаи роҳ аст ва арӯс дар иҳотаи соҳибхона ва духтаронаш ба ҳавлӣ баромад. Дар берун мошини бадвоҳимаи шости баланд ғуррос мезад. Чунин мошинҳоро духтар дар телевизион дида буд, ки мавҷи хокро дар қумзаминҳо ба осмон бардошта, сабқат мекунанд. Сандуқи ҳадяҳо ва ҷомадонаш кайҳо дар дохили мошин буд.

Кампир дар як борхалтаи вазнин тӯшаи роҳ овард ва онро дар сандалии ақиб гузошт. Барои духтар дар сандалии пеши ронанда ҷо гузоштанд, аммо ӯ то даме, ки дари пуштиро боз накарданд, ба мошин нанишаст. Занҳо арӯсро ва мардҳо домодро ба оғӯш гирифта роҳи сафед хостанд. Мӯйсафеди сӯфинамо даст ба дуо бардошт ва ба онҳо фотиҳаи роҳ дод.

Мошин аз аз роҳрави барҳаво берун шуду Фаришта оҳи сабук кашид ва сар ба тиреза гузошт. Хаставу хоболуд буд, аммо нигарониву номуаянӣ бар хоб боло мегирифт. Чашмаш хоб буду дилаш бедор.

Ҷодаҳо хилвату торик буданд, гоҳ-гоҳ дар рӯшноии чароғи мошин чашмони гурбаҳои бесоҳиб барқ мезаданд ва сагҳои велгард қад-қади ҷодаҳо тани аз гуруснагӣ ва хастагӣ сангини худро ба куҷое мебурданд. Дар вуҷуди духтар аз қотеъяти ду рӯз пеш, ки бо ғурур ба рӯи падараш давиду шартгузорӣ кард, нишоне намонд. Ошуфтагиаш лаҳза ба лаҳза бештар мешуд. Дар дохили мошин торик ӯ танҳо суроби шавҳарашро медид, ки чун ҳайкали санг ноҷумбон буд ва чашм аз роҳ намеканд.

Чанд соат гузашт, шояд се соат ё чор соат, билохира субҳ дамид ва Фариштa, нимхобу нимбедор худро дар иҳотаи кӯҳҳои баланде дид, ки теғаи қуллаҳояшон ба синаи осмон мерасид. Абрҳои сафед ба тани харсангҳои урён такя зада, қисме ҳам даври сари қуллаҳо аммома мебастанд.

Мошин дар баландие буд, ки мешуд думи абрро гирифту "парвоз" кард. Худравҳои пур аз мусофир ин роҳи тангро, ки агар эҳтиёт накунӣ ба ҷарӣ меафтӣ, оҳиста убур мекарданд ва ронандаҳо бо чароғҳои фурӯзон ба якдигар чӣ аломатҳое медоданд. Аз ин баландӣ деҳкадаҳои поён мисли лонаи занбӯр ва рӯдхонаҳо мисли ҷӯбор менамуд. Мошини онҳо аз роҳҳои пасту баланди кӯҳистон босуръат ба ҳамворӣ мефаромад ва дубора мисли сангпушт ба ағба мехазид. Фариштa кӯҳҳои ба ин баландиро бори аввал медид. Ӯ бо таҳайюр ба атроф нигоҳ мекард, аммо ҷуръати пурсидан надошт, ки ин ҷо куҷо аст ва домод ӯро куҷо мебарад? Сараш аз бехобиву гуруснагӣ чарх мезад. Ногоҳ мошин суръаташро кунд кард ва кӯҳу камар дар паси пардаи ғафс нопадид шуд. "Наход то абрҳо баланд шудем?". Наздиктар нишасту аз тирезаи пеши мошин, ки гоҳ тира мешуду гоҳ рӯшан берунро дид. Гӯё замин кафидаву бузу гӯсфанду гову хар берун омадааст. Чӯпоне аспсавор, ки сурхии чеҳраи офтобхӯрдааш бо саллаи даҳмардагиаш ҳамранг буд, гову молашро аз ин ҷодаи танг ба кадом чарогоҳе мебурд. Қамчини дарозаш болои сари ҳайвонҳои хаста ҳуштак мекашид ва муҳим набуд, ки зарба кадомиро дарёб мекунад. Ҳайвонҳо якдигарро бо думбаву шоххҳояшон тела дода, афтону хезон пеш мерафтанд. Гоҳ ба як мошин бармехӯрданд гоҳ ба мошини дигар ва ронандаҳои ғазаболуд то ҳафт пушти чӯпону гову гӯсфандашро дашном медоданд. Чӯпон гӯш ба карӣ зада буд ва савори аспи гули бодом чунин бо ифтихор мерафт, ки гӯё хӯҷаини роҳу дараву кӯҳистон буд. Шояд медонист, ки одами ҳушёр танҳо барои муҷозоти як чӯпони аблаҳ худро ба сели бузу гӯсфанд намезанад, то аз

даҳ ҷояш зарба бихӯрад.

Гову гӯсолаву бузу гӯсфанду хару хингали хоколӯд чун сели баҳорӣ ба пеш мехазид ва аз ҳар ҷо, ки мегузашт, чанг ба осмон мехест. Рамаи бадбахте буд, лоғару сархаму музтар, шаттахӯр. Чупони беинсоф он қадар ба пушти харҳо бор зада буд, ки бечораҳо бо камари хамида базӯр меҷумбиданд. Қушқорҳои хашмгин ба думбаи қоқи харҳо шох мезаданд ва онҳоро маҷбур мекарданд, ки сареътар ҳаракат кунанд. Харҳо аз дард ҳангос мезаданд ва гирякунон пеш мерафтанд.

Домод шояд ин мавридҳоро бисёр дида буд ё шояд далеле барои шитоб надошт, ки сар ба болишти сандалӣ пинак мерафт. Шояд ӯ ҳам бехобӣ кашидааст. Бо Фаришта ҳарф намезад, гуё на ҳамсар, балки аз роҳ мусофир бардоштааст. Фаришта аввал фикр мекард, ки шояд домод аз тафовути синну сол шарм медорад, аммо баъдан, дар маросими никоҳ эҳсос кард, ки ин мард чӣ балои дигар дорад.

“Бало ба пасаш, ҳамон беҳ, ки гапназанад!”

Бори аввал чеҳраи шавҳарашро аз наздик дар оина дид. Ӯ дар чашм айнаки сиёҳ дошту дар сар кулоҳи лабдор. Либосаш ба синну солаш мутобиқат намекард, мисли ҷавонҳо либос мепӯшид, муйҳои дарози сиёҳу сафедашро мисли занҳо дар пушти сараш мебаст. Бе хаёли раммаву арӯси ҷавонаш буд, дар дунёи худ мезист. Ниҳоят рама рафту роҳ боз шуд, як ду гӯсфанди ланги аз саф монда дум-думи пардаи хок медавиданд, то рамаро гум накунанд. Дили Фариштаро ҳузн фаро гирифт, барраҳои қурбонии хеши падарашро ба ёд овард, ки бо шавқ алаф мехӯрданд ва намедонистанд, ки қассобе теғашро кайҳо барои онҳо қайроқ задааст. Ҳоло куҷо бошанд? Шояд куштанду пӯсташонро намак заданд ва калаву почаи бесоҳиби онҳо дар лаби ҷӯйбор ҳайрон мондааст? Саги сиёҳи ман чӣ ҳол дорад? Маро ёд мекарда бошад?

Рама рафту корвони мошинҳои пур аз чангу хок дубора

ба ҳаракат даромад. Мошини онҳо низ бо шаст такон хӯрду пешонии Фариштa ба сандалии пеши ронанда бархӯрд. Домод гашти мошинро суст кард ва бори аввал рӯ ба арӯс овард. Чизе нагуфт, танҳо як нигоҳи кӯтоҳ андохт, дубора суръати мошинро афзӯд ва радиоро рӯшан кард.

Дар радио барномаи таронаҳои бомдодӣ ҷараён дошт. Фариштa солҳо таҳти навоҳои ин барнома ҳавлӣ meруфту гов меҷӯшид, гоҳо бо овозхонҳо ҳамовозӣ мекард. Аммо ин ҳама акнун барояш он қадар дуру бегона буд, ки гӯё он рӯзгорро дар як зиндагии дигаре аз сар гузаронд. Дар он зиндагӣ ӯ чаҳор хоҳари чун парӣ зебо дошт, ки як рӯяшон офтоб буду як рӯяшон моҳтоб, модари меҳрубоне ҳам дошт, ки музтару дастнигар буд, аз падари номусалмонаш бисёр шаллоқ мехӯрд, аммо рӯзи дигараш механдид, гӯё, чизе нашудаст. Дар он зиндагӣ ӯ хушдори зебое дошт, ки аз дидани чашму абрувони базебаш дилаш меларзид ва нафас дар гулӯяш дармемонд. Аммо ӯ мурду руъёҳои арӯси нимароҳро бо худ бурд. Дар он зиндагӣ ӯ барои хоҳарзодаи мижгондарозаш афсонаи духтари подшоҳро мегуфт, ҳамонеро, ки ба мӯйсафеди кӯзапушт издивоҷ кард, бехабар аз ин ки достони зиндагии худро пешгӯӣ мекунад. Ӯ аз баландии ағбаҳои тарснок бегонавор ба зиндагии гузаштааш назар афканд. Ҳарчанд зеҳнашро тагу рӯ кард, хотироти хуше наёфт. Шояд дар кӯдакӣ рӯзҳои хубе дошт, аммо он ҳам дар зери гарду ғубори нохушии солҳои ахир нопадид шуд. Дар он зиндагӣ рӯзҳояш ҳама якранг буданд, балки беранг буданд, мисли таронаи як овозхони аз забонҳо афтода, ё мисли қатори роҳи оҳан, ки роҳи рафту баргашт дар ихтиёраш нест:

- Чӣ фарқ дорад, ки ин ҳаюло маро куҷо мебарад ва бо ман чӣ мекунад, барои инсони маҳкум ба бадбахтӣ чӣ фарқ дорад, ғуссаро дар хонаи падар мехӯрад ё дар хонаи шавҳар, - бо ин фикру хаёл ду ағбаи яке аз дигаре баландтар пушти сар шуд ва мошин ба оғӯши дашти бузурги хазонзада фаромад. Дашти бузурге буд, ки сару бар надошт, шояд моҳе

пеш гандумзор буд. Даравгарҳо заминро чунон “лесида” буданд, ки дар он ба ҷуз чойлобҳои бесоҳиб чизе дигаре наменамуд. Танҳо боди сӯзон буд, ки ҷавлон мезад ва аз хору хас туб месохту аз ин гӯшаи дашт ба гӯшаи дигар ғел медод. Баъзан аз дур хонаҳои пастаки лойи ба назар мерасид, ки агар торбанду либосҳои овезон набошад, хаёл мекардӣ, ки оғили гов аст. Дашти хушкидаи дилгире буд, доманаш ба ким куҷоҳо мерасид, одами ғамдорро бештар афсурда мекард. Қад-қадди роҳи ин кавири тафсон мусофирони дермонда бо ишораи даст мошин манъ мекарданд ва дар орзуи ронандаи савобҷӯ буданд. Мошинҳои холӣ башаст аз канори одамон рад мешуданд, вале касе дар пайи савоб набуд, касе дар ин дашти тафсон манъ шудан намехост, магар ин ки қазои ҳоҷат маҷбур кунад.

Як соат гузашт ё шояд ду соат, мошин ниҳоят он дашти сӯзонро пушти сар карду ба чорроҳаи серодаме расид, ки мисли бозори худгардон ҳазору як майда-чӯйда дошт. Яке себу анҷиру сабзавот мефурӯхт, дигаре либосу палос ва дару тиреза. Харидорон нарх мепурсиданду молро арзон мекарданд. Майдон пури кӯдак буд, онҳо низ моле доштанд ва дар ҳар мошини манъшуда барои худ бозору муштарӣ мекофтанд. Ҳамели пиставу мағз дар даст ба тарафи мошинҳои тозарасида медавиданду зорӣ мекарданд, ки мусофирон ақалан як ҳамел бихаранд, то савдояшон боз шавад. Ҳавои бозор бӯи пирошкӣ медод. Даҳони Фаришта об кушод, ӯ на шаб ва на саҳар ғизои дуруст нахӯрд. Домод мошинро дар як гӯшаи майдон нигаҳ дошт ва бе онки ба рӯи Фаришта нигоҳ кунад ба сӯи ғурфаи нимшикаста, ки дар як тарафаш ҳарфи “М” ва дар тарафи дигараш “Ж “ навишта буданд ишора кард.

- Дастшӯӣ он ҷост, агар хоҳед... Фаришта бо кароҳат рӯ турш кард.

Домод аз зинаи баланди мошин берун ҷаҳиду камарашро рост кард, пероҳани арақолуд дар пушташ часпида буд.

Ҳайкали ӯ ғаши духтарро меовард, аз ин хаёл, ки бо ин одам дар як болин сар мегузорад, дилаш сиёҳ шуд. Домод сигор рӯшан кард ва дудкунон ба сӯи растаи ордфурӯшҳо қадам бардошт, ки бозори гарм надошт ва савдогаронаш аз бекорӣ дар гӯшае туп зада мегуфтанду механдиданд. Ӯ аз он раста орду рӯған хариду ба аробае бор кард ва баъд дар байни тӯдаи харидорон нопадид шуд. "Эй кош ман ҷуръат медоштаму бо истифода аз ин фурсат мегурехтам, дар як гӯшаи ин диёр гум мешудам ё бо мошини раҳгузар худро то хонаи холаам мерасондам. Аммо мани тарсу куҷову фирор куҷо! Як умр беҷуръат будам, маро ҳатто сел бубарад ҳам даст ба шохае намезанам, ки худро халос кунам, сазои сарам, ки корам ба ин ҷо кашидааст!" Фаришта кафшҳояшро кашиду пойҳои хоббурдаашро ба сандалӣ ёзонд ва ба дари мошин такя зад. Чашмонаш беихтиёр пӯшида шуданд, ӯро ғанаб бурд. Хонаи падариашро хоб дид. Хоб дид, ки сарсону саргардон бо либосҳои ҷанда ба хонаи падараш баргаштаст, хоҳаронаш ҳайрон-ҳайрон ба ӯ нигоҳ мекарданд, "апа ту ин ҳама вақт куҷо будӣ, мо аз ғами ту мариз шудем"-мегуфтанд. Ӯ лол буд, ҷавоб намедод. "Апа, апа, апа?-хоҳари бузургаш китфҳои ӯро такон медод.

-Апа, багажро кушоед ман борро монам? Апа? Фаришта бо тарс бедор шуд. Писараки 13-14 сола, ки чашмони обиву мӯи мисли хӯшаи гандум зард дошт, бо ишора ба аробаи пурбор тирезаи мошинро мекуфт.

- Падартон гуфт, ки борҳоро дар мошин монам,- гуфт ӯ бо табассуми хиҷолатомез. Фаришта тирезаро боз кард.

-Ман намедонам багаж чӣ тавр боз мешавад, биё худат бозаш кун, агар тавонӣ, - гуфт.

- Калиди мошинро бинед, сурати багаж аст, ҳамонро зер кунед.

Фаришта нимхобу нимбедор дари пуштиро боз кард. Писарак маҳсулотро чолокона ба мошин гузошт, маълум буд, ки корашро балад аст. Мехост халтаи ордро бардорад, аммо

Фаришта бо ишора маънаш кард ва аз мошин берун шуд.

- Мехоҳӣ ин халтаи 60-килогиро танҳо бардорӣ?

- Ҳо апаҷон, ман аз ин ҳам вазнинашро мебардорам.

- Ин хел намешавад. Фаришта аз мошин берун шуду аз як гӯшаи халта бардошт.

Аробакаш саросемавор ба атроф нигарист, шояд намехост, ки соҳиби мошин халтабардории духтарро бубинад ва дастмузди ӯро кам кунад.

- Апаҷон яке падартон ҷанг накунад, халта вазнин аст.

- Ӯ падарам нест, шавҳарам аст...

Гунаҳои писараки аробакаш аз хиҷолат сурх шуданд ва ин сурхӣ чашмони обии ӯро рӯшантар ва мӯйҳои гандумрангашро зардтар кард. Дунафарӣ халта ва бушкаи рӯғанро дар пушти мошин ҷо карданд. Шиками мошин мисли дами аждаҳо бузург буд, ҳатто то нимаш пур нашуд.

- Раҳмат апа, -гуфт писарак ва аробаи сабукшудаашро чолокона тоб дода, аз назди мошин дур шуд. Раҳ ба раҳ чанд дафъа ба ақиб нигоҳ кард, шояд дар зеҳнаш чандсола будани духтарро ҳисоб мекард.

Фаришта ба мошин барнагашт, дилаш ҳавои тоза мехост. Офтоби тобистон як қад баланд шуда, чашмони хастаи ӯро нимроғ мекард. Дасташро соябон карду ба атроф нигарист, чашмаш ба шавҳараш афтод, ки ду се қадам дуртар бо марде, ки камони шикорӣ мефурӯхт қимати камонро савдо мекард. Ангор аз камон хушаш омада буд. Вазнашро чен кард, чашмонашро ба навбат пӯшиду миллаҳояшро санҷид, камонро ба ҳаво бардошту кулангро зер кард.

Фариштаро ваҳм гирифт. “Хонаи ин ҳаюло дар кадом кунҷи гӯр бошад, ки он ҷо на орд ҳасту на рӯған ва боз тиру камон ҳам даркор будаст!?”

-Ака, камони зурай, пул даркор аст, набошад намефурӯхтам, бигиред, пушаймон намешавед, агар нафорид, баргардонед, маро охири ҳафта дар ҳамин бозор меёбед. Марди камонфурӯш, ки ба ҷуз ҳамин камон дигар

моли фурӯшӣ надошт, харидорро шерак мекард.

Домод молро зиёд савдо накард, пули хостаи савдогарро доду камон дар китф, бо чеҳраи шод дари мошинро боз кард, аммо чашмаш ба Фариштa афтоду, табассум аз лабонаш ғайб зад.

Фаришта инро возеҳ дид. Тааҷҷуб кард, аммо нороҳат нашуд.

- Дуруст гуфтаанд, ки домод ба падарарӯс меравад! Панҷ соат боз дар роҳем, ақалан намепурсад, гушнаӣ, серӣ, об мехоҳӣ, нон мехоҳӣ, - бо қаҳр аз дил гузаронд духтар.

Мошин роҳашро дар чорроҳа каҷ накард, мустақим рафту баъди ягон даҳ километр ба тарафи рост тоб хурд, ба самти як кӯҳи баланд, ки дар чиллаи тобистон сафеду барфпӯш буд. Занҳои зиёде ба харсангҳои сафед часпида, чаккуш мезаданд. Поёнтар, дар домани кӯҳ, ки роҳаш ба ҷодаи калон мерасид, занҳои дигар сабадҳои сангин дар болои сар, мисли турнаҳо ба думболи якдигар мерафтанд. Рӯймолҳои зарду сурхи онҳо аз дур мисли гулҳои рангоранг менамуд.

Мошин гашташро суст кард, то занҳо хоку чанг нахӯранд. Яке аз занҳо бо ишораи даст мошинро манъ кард ва чизе гуфт. Ҷавону зебо буд, рухсораҳои арғувонияш аз шарме, ки бо марди бегона гап мезанад, сурхтар шуданд. Домод тирезаро кушод ва суоломез ба ӯ нигоҳ кард.

- Амакӣ намак намехарен? Намаки сангӣ, барои куфтани шакароб ё ба гову мол медиҳед, мелесанд, касал намешаванд...

Духтар акнун фаҳмид, он кӯҳи сафед кӯҳи намак будаст.

- Гов надорем.

- Айлоқ рафтанӣ бошен, бовар кунен, намак даркортон мешава,- зани ҷавон бо ҳар роҳе мехост намакашро фурӯшад. Мард зиёд фикр накард.

- Бошад, биёр, намакро.

Зан сурхинарӯ сабади вазнинро ба замин гузошту ду

похса намакро ба назди тиреза овард.

Домод сангҳоро гирифту ба зери сандалии паҳлуяш гузошт ва як искиноси 50-сумаро ба намакфурӯш дароз кард.

Бечора зани ҷавон гоҳ ба пул нигоҳ мекард гоҳ ба харидор, чеҳраи хандонаш маҳзун шуд.

- Амакӣ ман пули майда надорам, бақия дода наметавонам, - гуфт ӯ гунаҳкорона.

- Мушкиле нест, пеши худат бошад, як вақти дигар бармегардонӣ. Ӯ мошинро рӯшан кард. Намакфурӯш дудила шуд.

- Не, ин хел намешавад, як дақиқа истед, илтимос.

- Духтарҳо, ягон кас пули майда дорад?

Занҳо қариб ба роҳи калон расида буданд, аммо бо шунидани садои ҳамкори худ бо сабадҳои вазин ҳамзамон ба тарафи ӯ тоб хӯрданд.

Яке аз занҳо сабадашро ба замин гузошту гиреҳи гӯшаи рӯймолашро кушод.

- Ман пули майда дорам, биё бигир!

Зани намакфурӯш ба тарафи дугонааш давид, чангу хок аз пайи кафшҳояш ба осмон мехест. Мошин маътали зани намакфурӯш наистод, бо шаст ба ҳаракат даромад.

Зан аз қафои онҳо хеле давид, дасти росташро алвонҷ медод, мехост мошин манъ шавад. Фаришта давидани ӯро аз тирезаи пуштӣ медид, хеле давид, билохира хаста шуду аз роҳаш гашт. Рӯймоли сурхаш дар паси пардаи чангу хок, ки аз зери чархи мошин мехест, аз назарҳо нопадид шуд.

"Хуб шуд, ки пули он занро нагирифт, кори савоб кард, он бечора муҳтоҷ аст, вагарна теша дар даст дар бари кӯҳ чӣ мекобад?"

Роҳ танҳо то домани кӯҳ ҳамвор буд. Аз он ба баъд теппа буду ғурроси муҳаррик. Мошин гоҳ дар як чола мезад, гоҳ дар чолаи дигар, аммо ин теппа ҳам мисли он дашти сӯзон тамомӣ надошт. Қариб якуним соат боло бароmaданд то мошин ба ҳамворӣ расид ва дар назди як хонаи лойи маън

шуда, ки зоҳиран фурӯшгоҳ буд ва дар гирду пешаш ғарам-ғарам халтаҳои пиёзу картошка мехобид. Ҳатто деворҳои рангкардаи бино низ ба он намуди муносиб намедод. Се-чаҳор марди ҷавон, ки дар чиллаи тобистон дар тан ҷома доштанд, дастҳо дар зери бағал дар назди фурӯшгоҳ суҳбати гарме ороста, гоҳ гоҳ ба якдигар чак дода, баланд механдиданд. Онҳо мошинро диданду ҳамзамон чашм ба сӯи ҷода дӯхтанд. Яке аз он мардҳо дастҳояшро аз зери бағалаш берун овард ва ба тарафи мошин қадам бардошт.

- Хуш омадӣ акаи Рашид! Гуфт он мард ва ба сӯи домод, ки баробари аз мошин фаромадан, сигор рӯшан мекард, оғӯш кушод. Мардҳои дигар бо ӯ дастакӣ салом карданд. Онҳо ҳамагӣ ҷавону хушандом буданд.

- Билохира, янгара овардед? - кунҷкобӣ кард он мард, ки ҳанӯз дасти меҳмонро такон медод. Домод бо дили нохоҳам "овардем" - гуфт ва ба сӯи мошин ишора кард. Фаришта рӯймолашро пеш кашиду сар хам кард.

Мардҳо дуздида ба ӯ як нигоҳи кӯтоҳ андохтанд, вале сареъ пушт гардонда, дуртар рафтанд.

-Нағз кардед, ки янгаро овардед, - гуфт он мард бо садои шунаво.

Оилаи ман даҳ бор пурсид, ки акаи Рашид янгаро кай меоранд, ки як ҷо вақт гузаронанд, бечора аз танҳоӣ зиқ мешавад, - ӯ лабханд заду меҳмонро дубора бағал кард, шояд дар ин мавзеи камодам ташнаи меҳмон буд.

- Ака дар вақташ омадед, мо ҳар рӯз гаштак дорем, оши туппаву шакароб, кайф мекунед. Домод бо аломати хушнудӣ ба китфи марди чақчақӣ тап-тап заду ӯро ба сӯи дари мағоза тела дод. Мардҳо суҳбаткунон ба "мағоза" даромаданд.

Фаришта рӯймолашро пас кашиду ба давру бараш назар андохт, вале ба ҷуз се чаҳор ҳавливу хонаҳои пастаки лойи дигар сохтмоне надид.

-Шояд ягона ҷойи тафреҳи бошандагони ин мавзеъ тамошои ҳамин фурӯшгоҳ бошад, - аз дил гузаронд ӯ.

Фурӯшгоҳ дар баландие ҷойгир буд ва дар поёни он бешаи анбӯҳ доман паҳн мекард. Ҳама ҷо пур аз долу дарахт буд, ҳатто синаи харсангҳо. Ҳар қадар ба беша нигоҳ кард, вале ҷондореро надид, долу дарахт мисли гесувони фирфирӣ ба ҳам печида, сӯзан ҷойе барои афтидан надошт. Аз ин баландӣ бешазор мисли гилеми сабз менамуд, ки онро барои офтоб хӯрдан густурда буданд. Хеле зебо буд.

Ниҳоят мардҳо аз мағоза берун шуданд ва домод мошинро ба назди бушкаи бузурге бурд, ки дар баданаш бо ҳарфҳои каҷукилеб “бинзин” навишта буданд. Даҳ-понздақ дақиқа сӯзишворӣ гирифт ва баъд бо аҳолии кӯчаки деққада оғӯш ба оғӯш худоҳофизӣ карду “хона биёед”- гуфт.

- Янга паю қадами нек доштаст, ширкати мобили дар баландӣ мавҷгир насб кард, акнун баҳузур аз саҳар то бегоҳ бо телефон гап мезанему видео мебинем, - чашмак зад ҳамон марди кушодачеҳра.

Мард ба манзури “олӣ аст” нарангушти дасташро баланд кард.

Мошин рӯ ба боло ҷодаеро убур мекард, ки дар ду самти он дарахтҳои олучаву зардолу аз серборӣ хам зада, замин аз рангҳои зарду сурху сабз қолипӯш буд. Меваҳои тар дар зери чархҳои бузурги мошин хурд шуда, садои ҳазин мебароварданд. Дар самти рости ҷода, киштаҳои хурду бузурги наску нахуд доман паҳн мекард, ки аз ин баландӣ мисли ҷиҳезаи арӯсон рангоранг менамуд. Нимаи аввали рӯз барои деҳқон беҳтарин вақти кор аст, аммо дар ин киштаҳо касе каланд намезад. Танҳо хӯсаҳои баланди ҷомапӯш буданд, ки аз ин мазраъаҳо посбонӣ мекарданд. Онҳо бо гардиши бод ба чапу рост тоб хурда, бо садои қуттиҳои даври кардани худ паррандаҳоро аз киштаҳо дур мекарданд.

- Расидем, - гуфт ниҳоят домод баъди ним соат ва мошинро дар рӯ ба рӯи як дарвозаи оҳанин манъ кард, ки ранги осмонӣ дошт. Хона эҳтимол дар баландтарин нуқтаи ин мавзеъ ҷойгир буд ва аз ин баландӣ роҳи тайкардаи онҳо

мисли ҷарӣ ваҳшатнок менамуд. Домод чолокона аз мошин берун ҷаҳиду дарро боз кард ва ҳуштаккашон мошинро ба ҳавлӣ даровард. Чеҳраи гирифтааш боз шуд, ингор ба оғӯши унсури худ баргашт.

Фаришта беҷуръатона аз сандалӣ фаромаду дар назди чархи мошин шах шуд. Он чӣ аз шаб то ин лаҳза аз сараш гузашт боварнакарданӣ буд. Зане, ки шаби гузашта бо аҷала аз даҳонаш “бале”-ро берун кашиданд, субҳ нодамида аз хона берун карданд ва ба ин гӯшаи беодам оварданд, гӯё ӯ набуд, каси дигар буд.

- Чӣ гуна ман бо ин моҷароҷӯӣ мувофиқат кардам? - аз худ мепурсид ӯ. Гӯё то ҳол хоб буду акнун касе ба сараш як сатил оби хунук пошиду бедораш кард. –Ин ҷо куҷо аст? Ин одам кӣ аст? Ман ин ҷо чӣ кор мекунам!? -ин суолҳо гаштаву баргашта дар зеҳнаш чарх мезаданд. Ҷойе, ки ин мард ӯро овард ҳавлӣ набуд, оғози як ҷангали бесару бар буд, ки диданаш одамро дар рӯз ҳам ба ҳарос меовард.

Бо шигифтӣ ба давру бараш нигоҳ кард.

Ҳавлиро аз ҷангал наҳри тезҷараёни арзаш ҳудудан се метр ҷудо мекард, ки соҳил надошт, ба замин баробар буд, ором ҷорӣ мешуд ва селаи паррандаҳо чун ибодаткунандаҳои намози дастаҷамъӣ дар канори он саф кашида, ҳамзамон сар хам мекардphysical ба об нул мезаданд ва бо ҳам дар шохаҳои анбӯҳи дарахтони қадпаст ҳамели марҷон мешуданд. Атроф пур аз тарона буд, парандаҳо бо сад оҳанг овоз мехонданд.

Домод дуздида ба Фаришта нигоҳ мекард, эҳсос кард, ки аз дидани ин манзара гиҷ шудааст, аммо ҳарфе назад ва ҳуштаккашон сандуқи ӯро аз мошин бароварду дар канори айвон гузошт.

Хона бузург набуд, як айвон дошту се ҳуҷраи ҷудогона, аммо бо дарҳои замонавии оҳанӣ, деворҳои сафед, панҷараҳои пластикӣ ва боми оҳанинаш дар қолаби тасвири ин бешазори пур аз долу дарахти ваҳшӣ намегунҷид. Таҳхонаи мустахками бетонии зери ҳуҷраҳо ба назар се

чаҳор метр баландӣ дошт ва мисли ошёнаи аввал менамуд. Домод дари ҳар се ҳуҷраро боз карду ҷиҳези духтарро ба ҳуҷраи мобайнӣ, борхалтаи худро ба ҳуҷраи сари роҳ ва орду маҳсулоти дигарро дар таҳхона гузошт. Сареъ кор мекард, гуё умре ҳаммол буд. Чанд дафъа аз паҳлӯи Фаришта рад шуд, ки ба мошин такя зада ба равуои ӯ халал мерасонд, аммо лаб накушод.

Ниҳоят пушти мошин холӣ шуду ӯ ба сутуни айвон такя заду сигор рӯшан кард. Дуди аввалро кашиду зуд сар надод, назараш ба дуриҳо буд, сипас рӯ ба осмон оварду дудро сар дод. Якбора андуҳгин шуд, мисли одами ғамдор. Духтар хаёл кард, ки ӯ ҳоло лаб ба насиҳат мекушояд ва мегӯяд:

- Коре, ки бояд намешуд иттифоқ афтод, бо ин воқеият бояд канор омад, биёед имтиҳон кунем, шояд бо ҳам унс бигирем ва зиндагии хубе бунед кунем.  Ман ба ӯ бояд чӣ ҷавоб диҳам? -духтар худро ба ин суҳбати нохуш омода мекард. - Шояд бигӯям, ки як ба синну солат нигоҳ кун, ҳамсоли падари манӣ! Ҷавобамро бидеҳ, маро то сари роҳи калон бубар, он тарафаш паноҳамон бар Худо!

Аммо ӯ чизе нагуфт, пушти ҳам ду сигор кашиду баъд ба лаби наҳр рафт, ба рӯяш ду панҷа об зад ва ду ангушташро ба даҳон гузошта ҳуштак кашид. Садои ҳуштаки ӯ селаи паррандаҳоро ба хониш даровард. Як ҷуфт аз он хайл ҷудо шуду ду қадам дуртар ба шохаи дарахти лаби наҳр нишаст. Он ҷуфти рангинбол беҳарос аз шоха ба шохае мепарид ва чириқ-чириқ чизе мегуфт, гӯё ин мардро мешинохтанд. Ӯ дасташро ба сӯи паррандаҳо дароз кард ва он ҷуфт бо навбат ба пушти дасташ нишастанд ва ба ангуштонаш нул заданд. Хеле бо ҳам “ишқварзӣ” карданд.

Ниҳоят мурғҳоро сар доду рӯ ба айвон овард.

- Боло бароед, ҳуҷраро ба шумо нишон диҳам, - гуфт ӯ бо садои хиррии хоси одамони сигорӣ. Фаришта аз ҷой наҷумбид. Домод, шояд ба эътирозҳои арӯс одат мекард, ки дигар чизе нагуфт, оромона ба ҳуҷрааш даромад ва дарро

пӯшид. Аз дохили садои мусиқӣ баланд шуд, таронаи тоҷикӣ набуд, кадом овозхони рус месуруд.

Вазъият тадриҷан барои Фариштa рӯшан мешуд:

- Ин одам хотирхоҳи ман нест, шояд никоҳи шаби гузашта барояш як созиши маҷбурӣ бо хонаводааш буд. ...пас ин издивоҷ эҳтимол умри тӯлонӣ надорад.

Фариштa намедонист дар ин шароит чӣ гуна рафтор кунад. Хомӯш монаду шавҳарашро нодида бигирад ё бо ӯ ҳарф бизанаду дарди дилашро бигӯяд? Ӯ аз замин баланд шуду доманашро афшонд ва аз паллаҳо ба айвони баланд баромад. Айвон дидбонгоҳро мемонд. Аз ин баландӣ ҷангали анбӯҳ бо дарахтҳои кутула ва бо гургу хирси шояд дар зери буттаҳо пинҳон, бо гилемҳои рангоранги меваи тар ва бо селаи паррандаҳои ғазалхон чун пояндоз дар зери пой мехобид.

- Макони узлатнишинӣ, паноҳгоҳи онҳое, ки дилашон аз одаму олам мондааст. Магар барои гум шудан дар ин сарзамин ва рафтан аз ёдҳо беҳтар аз ин ҷойе ҳаст? Кош ин издивоҷи аҳмақона баҳам мехӯрду ин хонаро ба ман медоданд, ман инҷоро обод мекардам, бузу гӯсфанд мепарваридам, сабзавот кишт мекардам, ширинӣ мепухтам ва баъд модарам ва саги сиёҳро меовардам. Зиндагӣ аҷаб ширин мешуд!

Ҳуҷраи миёна, ки домод ҷиҳози духтарро дар он гузошт, ҳам хонаи хоб буд, ҳам нишемангоҳ. Тахти хоби дунафара, ҷевони калони қирмизӣ ва қолини нарме дошт, ки пойи одам дар патҳояш меғутид:

- Аҷаб, ин хонавода ошиқи ранги қирмиз будаст. Ин ранг барояшон чӣ хосият дошта бошад? - дар ин бора зиёд фикр накард, чун наметавонист ба ин суол ва даҳҳо суоли дигар, ки аз дирӯз дар зеҳнаш чарх мезананд, посух пайдо кунад. Аз дишаб худро ба муқовимати тӯлонӣ ва таънаву ҷангу ҷанҷол омода мекард, аммо ангор зарурате барои муқовимат нест. Домод ба ӯ таваҷҷуҳ надорад, хонаи хобашро аз ҳоло ҷудо

кард ва аломат дод, ки “то ин ҷо якҷо омадем, аз ин ба баъд ту медониву дави аспат.”

Фаришта ба сандуқи тухфаҳои хонаводаи домод даст назад, ҷомадонро боз карду хост ду се куртаи бо худ овардаашро дар ҷевон гузорад. Аммо дарро боз карду ҳайрон шуд. Ҷевон холӣ набуд, як чанд куртаи занона дошт, куртаҳои дӯхти аврупоӣ ва дар рафҳояш тагпӯшҳои ҳарири занона. Тагпӯшҳорро бо эҳтиёт ва муҳаббат тавре чида буданд, ки гӯё онҳоро ба фурӯш баровардаанд:

- Шояд ин ҳама моли иҷоранишинҳои қаблӣ бошад, вагарна кадом зани деҳотӣ либоси аврупоӣ мепӯшад!

Дари ҷевонро пӯшиду либосҳояҳшро дар такягоҳи курсӣ овехт. Дилаш мехост куртаи махмали сабзро, ки аз дишаб чанд дафъа дар обу арақ тару хушк шуд, аз танаш дур андозад ва шӯрии арақу хоку чанги роҳҳро бо собун бишӯяд. Ӯ дар ҷустуҷӯи ҳаммом ба айвон баромад, дар атроф на ҳаммоме менамуд, на ҳоҷатхонае:

- Наход ҷойи қазои ҳоҷат беша ва макони саршӯи лаби наҳр бошад? - саросемавор ба атроф нигоҳ кард ва чашмаш ба ҳуҷраи сеюм афтид. Рӯзҳои ахир ҳеҷ чизе ба андозаи ҳуҷраи сеюм ӯро шод накарда буд. Ин ҳуҷра ошхонаи муҷаҳҳазе буд, ки мизу курсиву ҷевони пур аз зарф дошт ва ду дари дигар, ки яке ба ташноб мебурд дигаре ба ҳоҷатхона. Дегхона ҳам дошт, пас оби гарм ҳам дорад. Ин кашфиёт Фариштаро хурсанд кард, мехост ҳар чӣ зудтар душ бигирад ва луқмае бихӯрад. Нигоҳаш ба борхалтаи рӯи миз афтод, ки пиразани нуронӣ ба сандалии пеши мошин гузошта буд. Ӯ ба борхалта даст назад, шарм дошт:

- Боз нагӯяд, ки ғизоҳои додаи модарамро танҳо хурдӣ.

Дегхонаро ба барқ васл карду интизор шуд то об гарм шавад. Ниҳоят гуруснагӣ бар шарму ҳаё ғолиб омад ва даҳони борхалтаро боз кард. Чӣ хурданиҳое буд! Кулчаву гӯшти яхнӣ, панир, мурғбирён, қандҳои рангоранг, шарбат, меваҳои тару тоза. Дилаш кулчаву гӯшти яхнӣ хост, ҳамон

ғизое, ки ҳар субҳ дар хонаи падараш мехӯрд. Як порча гӯшту ним пора кулчаро бардошт ва ғизоҳои дигарро ба борхалта баргардонд. Аммо сер нашуд дубора бозаш карду ин дафъа кулчаву паниру ангур бардошт ва вазни борхалтаро чен кард, ки мабодо сабук шуда бошад.

Дегхона ҳанӯз сард буд, шояд онро дер боз истифода накардаанд. Атроф ҳам пур аз гарду хок буд.

- Аввал аввал давру барамро тоза кунам, баъд ба хотири ҷамъ сар мешӯям, - гуфт ба худ. Поккориро оғоз карду ҳаммом аз ёдаш рафт. Аз замоне, ки худро ёд дорад, кори хона ҳамеша бар дӯшаш буд. Одат надорад, ки бекор ғел бизанад ва танбалӣ кунад. Баъди марги номзадаш кору бори хона зеҳни ӯро банд мекард ва аз ғусса наҷот медод. Ҳоло ҳам мехост танҳо давру бари худро тамиз кунад, аммо аз хонаи хоб ба ошхона ва аз ошхона ба рӯбучини ҳавлӣ гузашт. Рӯи ҳавлӣ то зинаҳои долон ҳама пур аз меваҳои тару хушк буд, маълум буд, ҳавлӣ моҳҳо рӯи ҷорубро надидааст. Зардолуву гелосҳои сиҳатро дар як сабад гузошт ва меваҳои пӯсидаро руфту ба наҳр андохт. Ду-се соати вақташ дар рӯбучини ҳавлӣ гузашт. Домод дигар аз ҳуҷрааш берун нашуд, шояд хобаш бурдааст.

Ҳамом бузург набуд, душ дошту як дастшӯӣ, аммо рафҳояш мисли дукони аттор аз собуну шампун ва крему равғанҳои хушбӯй пур буд.

-Соҳиби ин хушбӯиҳо ва он либосҳои зебо эҳтимол бо аҷала аз ин хона рафтааст, вагарна ин молҳои қиматро ҷо намегузошт, - хулоса кард. - Худо баракатат диҳад, ман бо худ як кулча собун ҳам нагиирифтам, агар ин ҳама моли атторӣ намебуд, дар ин ҷангал аз чирк мепӯсидам!

Як соат шустушӯ кард, мӯи ба қадаш баробарро шустан осон набуд, то як тарафашро шона мезаду ҳамвор мекард, тарафи дигараш ба ҳам мепечид. Оби ширгарму собуни хушбӯй куфти роҳро аз баданаш баровард, вақташ каме хуш шуд. Сарашро бо дастмол басту ба берун баромад то

гесӯвонашро дар гармии офтоб хушк кунад. Хуршед рӯ ба ғуруб оварда буд ва бо панҷаҳои нармаш гӯё гесӯвони печ дар печи бешазорро шона мезад ва харсангҳои урён аз шуои офтоб чун сандуқи ҷавоҳирот медурахшиданд. Ин рӯзи ниҳоят тӯлонӣ ва аҷибу ғариб, ки на мантиқ дошту на маънӣ билохира ба поён мерасид. Духтар сар ба болин гузошту чашмонашро пӯшид.

Хоби нооромe дошт. Нисфи шаб аз садои шикастани шохаҳо бедор шуд, садо аз он сӯи наҳр меомад. Аз панҷара ба берун нигоҳ карду аввал ду ҷуфт чашми дурахшонро дид ва баъд ду ҳайвони бузургҷуссаро дид, ки шояд хук буданд ё хирс, ки ба ҳам дарафтода хуни якдигарро мерехтанд. Гоҳ дандон ба гулӯи ҳам зада то лаби наҳр ҷар мешуданд ва гоҳ хир-хири онҳо аз байни дарахтҳо ба гӯш мерасид. Аз дур чуғзе беист фарёд мезад ва муҳитро ваҳшатноктар мекард. Ин дам дари хонаи аввал боз шуду домод берун омад ва ба сӯи беша тир кушод. Он ду ҳайвони бузургҷусса гурехтанд, аммо чуғз ҳамоно фарёд мезад. Хоб аз дидагони Фаришта парид. Чанд соат дар бистар печу тоб хӯрд, ниҳоят қарибиҳои саҳар хобаш бурд.

Саҳар аз хоб бо майнаи гиҷ ва дарди сар бедор шуд, ҳануз бедор набуд, нимхобу нимбедор буд. Бо чашмони нимабоз, ки атрофро хира медид, ба сақф чашм духту хаёл кард дар хонаи падараш аст. Ба садоҳои атроф гӯш дод, аммо на шим-шими ширҷӯшии модараш ба гӯш мерасид, на аккоси саги сиёҳ ва на ғур-ғури падари аз ҳама норозӣ. Чанд дафъа мижа ба ҳам зад, ниҳоят пардаи меҳ аз чашмаш дур шуд ва ҳодисоти рӯзҳои охир як-як дар зеҳнаш бурӯз кард:

- Вой бар ман! Зани марди пире шудам, ки маро бо худ ба он лаби дунё бурд. Хонааш, ангор, дар пушти кӯҳи Қоф аст, ки парранда пар занад, параш ва дарранда по гузорад, пояш месӯзад. Бо овардан овард, аммо намедонад бо ман чӣ кор кунад. Шояд ман барояш мисли “астарӣ” будам, як моли

камхаридор, ки фурӯшанда онро ҳамчун сарбории матои хушхарид маҷбур ба муштарӣ мефурӯшад ва таҳдид мекунад, ки “агар инро нагирӣ онро намефурӯшам!” Фақат намедонам, ки мавзӯи муомилоти ин мард бо хешовандонаш чӣ буд. Аҷаб, хор шудам, ба касе даркор нестам, ҳама маро фаромӯш кардаанд, гӯё ин ҳама сол дар ин дунё набудам! - духтар рӯ ба болишт гузошту хост буғзи гулӯяшро бо ашк берун оварад. Аммо касе ҳалқа бар дар зад.

-Янга, ҳо янга? - садо кард овози занонае.

Фаришта аз ҷой бархосту тахти хобро бо рӯтахтӣ пушонд, мӯйҳои парешонашро бо қаламе, ки дар рӯи миз мехобид, дар тепаи сараш ҷамъ кард ва ба бо хотири мушавваш, ки пинҳон карданаш душвор буд, ба айвон баромад. Домод гум буд, Фаришта ӯро бори охир нимашаб замоне дид, ки ӯ ба сӯи беша шиллик мекард.

Соҳиби овоз зани ҷавони чеҳрахандон буд, ки дар тан пероҳани шоҳии рангоранг ва дар сар рӯсарии сурх дошт. Бо ханда ба ҳавлӣ қадам гузошт, ангор, сад сол боз Фариштаро мешиносад. Дар як даст кӯдаки якуним дусола ва дасти дигараш як табақи калон дошт. Кӯдак сар ба китфи модар гузошта, бо чашмони нимабоз пистонак мемакид.

-Меҳмонои нохондара қабул мекунен? - гуфту баланд хандид.

Фаришта бо меҳмонҳои нохонда бузург шудааст, як хона одам ҳам муроқибат мекунад. Вале ҳоло дастпоча шуд, ӯ табақи вазнинро аз зери бағали меҳмон бардошту дар лаби айвон гузошт.

-Янга, мебахшӣ, ки бехабар омадам, мо деҳотиҳо даъватро интизор намешавем, меҳмон, ки омад, худамон ба диданаш меравем, - гуфт зани ҷавон бо ханда ва раддаи дандонҳои сафедаш дар муқобили гунаҳои сурхаш ҷило доданд.

Фаришта, ки худро на соҳибхона медонист ва на бунадори ин манзил, бо лабханди базуракӣ ба меҳмони

саҳаргоҳӣ “биёед, хуш омадед”- гуфт.

- Ширбиринҷи болорӯған карда будам, отаи кӯдакҳо ҳамин тараф меомад, илтимос кардам, ки маро бо мошин то хонаи шумо бубарад, гуфтам дина шалпар будӣ, шояд гушна хоб рафтӣ... - зан ҳамоно омаданашро тавҷеҳ мекард.

“Отаи кӯдакҳо” эҳтимол ҳамон мардест, ки рӯзи гузашта бо шавҳари ӯ дар назди мағоза бо оғӯши боз бародарсалом мекард.

Меҳмонро ба ҳуҷраи худаш бурду табақи ширбиринҷро дар рӯи мизи ошхона гузошт ва чойники барқиро рӯшан кард. Каме ҳаяҷон дошт. “Агар меҳмон фузулӣ кунаду аз домоду туйю издивоҷ пурсад, дар ҷавоб чӣ бигӯям?” Фаришта сохтакориву нақшбозиро аз бунёд намедонад, аҳли чақ-чақу дугонабозӣ ҳам нест. Солҳои ахир ӯ бештар ба танҳоӣ ва гуфтугӯ бо худ унс гирифт. Аммо ҳоло бояд нақши арӯси навро мебозид ва обрӯи худашу шавҳарашро мехарид.

Меҳмон дар ин ҳуҷра эҳсоси бегонагӣ намекард, гӯё бахше аз ин хонадон буд. Ӯ бачаашро рӯи тахт хобонду дар паҳлуяш дароз кашид ва бе хиҷолат синаи монанди ҳандалак калонашро аз гиребони курта берун овард. Бача баробари дидиани синаи сафеди модараш дасту почак заду “ҳандалак”-ро бо ду даст маҳкам гирифта, пояшро дар камари модар ҳалқа кард. Бо сару садо ва ҳарисона пистон мемакид, нафасаш аз саросемагӣ дар гулӯяш дармемонд, аммо пистонро сар намедод, гӯё бо ҷараёни тези шири модар сабқат мекард.

Фаришта суфра боз карду ширбиринҷи меҳмонро якҷо бо гӯшту кулчаи борхалтаи кампир дар рӯи миз гузошт ва дар сандалии канори миз нишаст. Меҳмон чанд дафъа хост пистонашро аз даҳони кӯдак берун биёрад, аммо бача ҳар бор бедор мешуду зуқ-зуқ мекард. Ниҳоят кӯдакро хоб бурду худаш пистони модарро сар дод.

-Хайрият хобаш бурд, кӯдаки инҷиқ несту лекин як моҳ шуд дандон мебарорад, на шаб хоб дорад, на рӯз, - гуфт зан

хиҷолатомез ва гиребони пероҳанашро, ки аз шири сина часпак шуда буд, бо сузанак басту ба сандалии рӯ ба рӯи духтар нишаст.

-Аз ширбиринҷ бигир, хунук шавад маззааш мепарад, гуфт ӯ ва лаълиро ба тарафи Фариштa тела дод. Фариштa ба қабати ғафси равғани зард, ки ширу биринҷро пинҳон мекард, як-ду дафъа қошуқ заду табақро ба тарафи меҳмон тела дод.

-Бисёр хушмазза аст, шумо ҳам бигиред.

-Мо саҳар бо отаи бачаҳову акаи Рашид як табақ ширбиринҷ хӯрдем, инро барои худат овардам. Онҳо шикор рафтанд, акаи Рашид шаб тур партофта буд, шояд сайди хубе ба дом афтад. Отаи кӯдакҳо дар роҳи бозгашт маро бо худ мегирад. Гуфтам, шояд танҳо зиқ мешавӣ...барои ҳамин омадам.

Духтар чизе нагуфт, мехост, ки меҳмон лаб аз калом набандад, меҳмон беист суҳбат кунад ва аз зиндагии ӯ чизе напурсад. Ҳис мекард, ки ин зан аз шавҳари ӯ хабарҳое дорад ва ҳоло мехоҳад аз зери забони арӯси нав гап бигирад. Ин эҳсос ӯро бештар ошуфта мекард.

Меҳмон аз камгапии соҳибхона хиҷолат кашид. Ӯ гоҳ ба рӯғани яхбастаи рӯи ширбринҷ нигоҳ мекард ва гоҳ ба соати рӯи девор, ки ақрабакаш аз ҷой намеҷумбид, хаёлаш, ки меҳмони нохонда ба соҳибхона нафорид.

- Бечора занак, аз ин қадар роҳ барои ман ғизо овардаст, маро бубин, ки ҳунари ду даҳан гап заданро надорам!

Меҳмон зани одамдӯстдору дастархондор менамуд. Чоқ набуд, устухонҳои паҳн дошт, зани меҳнатӣ метофт, аз қаблии занҳое, ки бо шавҳарҳои худ хишт мерезанду девор мебардоранд, дар замин календ мезананд ва ҳам гову молдорӣ мекунанд. Дар тан пероҳани шоҳӣ дошт ва ҳар гоҳ нохудогоҳ даст ба пероҳанаш мезад, наххои нозуки шоҳӣ дар панҷаҳои шахшулаш мечаспиданду ғоз медоданд.

-Шумо намедонед, пештар дар ин хона кӣ зиндагӣ

мекард? - пурсид Фаришта ва шод шуд, ки ниҳоят барои суҳбат мавзӯъ ёфт.

Меҳмон интизори ин суол набуд, ки каме дастпоча шуд, забон хоид, ба сақф чашм духт ва вонамуд кард, ки хотираашро такурӯ мекунад.

-Не-е, намедонам, мо ин тарафҳо бисёр намоем, як ду дафъа барои мӯйсафеди хусурат равғани суғур овардам, бо кампираш танҳо буд, пояш дард мекард. Ин ҷо суғур зиёд аст, зимистон то дари хона меоянд. Меҳмон гӯё худогоҳ риштаи суҳбатро ба сӯи дигар тоб дод.

Беша пури хуки ваҳшиву гуругу шағол аст, ҳатто хирс ҳам дорад. Як зимистон хирс аз тирпарронии шикорчиҳо бедор шуду қариб буд ҳамсояи моро пора кунад, ҳайрият, ки ҳамроҳонаш расида омаданду он хирсро куштанд. Модахирс буд, шавҳараш то чанд соли дигар ба одамҳо ҳамла мекард, интиқоми занашро мегирифт. Шикорчиҳо борҳо дидаанд, ки он хирс сарашро ба дарахтҳо мезаду нола мекард.

-Дар ҷевон либосҳои занонаро ҷо гузоштанд, гуфтам шояд иҷоранишинҳои пешина фаромӯш карданд...

-Намедонам... Мо се сол пеш ба ин ҷо кӯчидем, пештар дар шаҳр зиндагӣ доштем, додаршӯям зан гирифту мо занҳои ҳевар бо ҳам соз наомадем. Гузаштагони шавҳарам аз ҳамин деҳкадаҳо буданд, онҳо мурданду хонаву заминҳояшон бесоҳиб монд, мо маҷбур ба инҷо кӯчидем.

Зан чойи сардшудаашро дам кашиду мисли талабае, ки дарсро аз худ накардааст ва барои хок пошидан ба чашми муаллим ҳар чӣ аз даҳонаш омад ҳамонро гуфт, хиҷолатомез ба духтар нигоҳ кард.

-Шояд барои чизу чорааш баргардад, чун як ҳаммом пури атру крему собун аст, - гуфт духтар, ки аз бемавзӯӣ гапи иҷоранишини пешинро гаштаву баргашта дар миён мегузошт.

-Намедонам, ...шояд – бо дили ноxоҳам гуфт меҳмон.

Ҳарду хомӯш шуданд. Агар садои чап-чап пистонаки

кӯдак намебуд, хаёл мекардӣ, ки дар хона касе нест.

-Инҷо барои зиндагӣ макони хуб аст, - ниҳоят гуфт меҳмон, - замину меваи фаровон дорад, аммо одамаш кам аст, мардуми ҳамаи деҳаҳоро ҷамъ куни чор панҷ оила беш нест. Вақте отаи кӯдакҳо гуфт, ки акаи Рашид зан гирифтасту базудӣ ба хонаи падариаш мекӯчад, ман аз хурсанди рӯз мешумурдам. Ин ҷо кас аз беодамӣ зиқ мешавад. Хайрият, ки шумо омадед..

Меҳмон бо шодӣ ба Фаришта чашм дӯхт, гӯё интизори як ҳарфи гарму самимӣ буд. Фаришта хиҷолатомез лабханд зад ва бо аломати тасдиқ такон дод.

Фаришта, худат чандсолай? - меҳмон ва бодиққат ба ба рӯи Фаришта нигоҳ кард.

-Шумо номи маро аз куҷо медонед?

-Аз акаи Рашид пурсидам, гуфт, ки номат Фаришта аст. Ман Нигина ном дорам, духтари калонам Таҳмина ва ин духтаракам Сабрина.

-Нагуфтӣ чанд солай.

-Ҳамин сол ба 29 қадам гузоштам.

-Ҳамсол будаем, ...гуфт зан маънидорона. -Ман дар ҳаждаҳсолагӣ издивоҷ кардам, шавҳарам он вақт 25 сола буд. Холааш дар кӯчаи мо зиндагӣ мекард, гоҳ гоҳ меҳмонӣ меомад, маро як ду бор диду ошиқ шуд, одам равон кард, падарам “не” нагуфт. Инсони хуб аст, ман баъдтар ошиқаш шудам, -гуфт Нигина бо ифтихор.

-Худат то издивоҷ бо акаи Рашид ягон бор шавҳар накарда будӣ?- пурсид меҳмон ва кунҷковона ба чеҳраи духтар чашм дӯхт.

-Не, духтари хона будам, -гуфт Фаришта бо дили нохоҳам ва абрӯ чин кард. Меҳмон мехост чизи дигаре ҳам пурсад, аммо қиёфаи духтарро диду истиҳола кард.

-Акаи Рашид бисёр инсони хуб аст, баъзе одамҳо дар ҷайбашон ду танга пайдо шавад, заминро аз осмон фарқ намекунанд, аммо ин мадак бо ин ҳама давлату савлат бисёр

хоксору дасткушод аст. Зиндагии шаҳрро монда, омада дар як кунҷи кӯҳистон маскан гирифт. Мӯйсафеди хусурат ҳам одами хуб аст, ӯро дар ин мавзеъҳо бисёр эҳтиром мекунанд, “шайх” мегӯянд, аз баракати ӯ ба деҳа барқ омад, мавҷгири телефон насб шуд.

-Дирӯз қад-қади роҳ киштаҳои зиёд дидам, дар ин заминҳо кӣ кор мекунад?-пурсид Фаришта, ки мехост ситоиши “акаи Рашид” зудтар хотима ёбад.

-Шаҳриҳо ҳавасакӣ дар ин ҷо замин хариданду наску нахуд кишт кардаанд, аммо дер-дер хабар мегиранд, то мерасанд, ки наску нахудашон туъмаи гурозҳои ваҳшӣ мешавад.

- Гурозҳо одамро ҳам мехӯранд?

- Намедонам мехӯранд ё не, аммо ҳамла мекунанд, шабона ба хонаҳо наздик мешаванд, барои ҳамин мардум дарҳоро аз шом қуфл мезананд ва шабона танҳо берун намебароянд. Ту ҳам эҳтиёт кун, хонаат дар дохили беша аст.

Духтар ҳодисаи шабонаро ба ёд овард, мехост онро ба Нигина нақл кунад, аммо кӯдак гиря карду модараш сӯзани гиребонашро бозкунон ба тарафи бачааш давид. Фаришта ба дастархон нигоҳ кард.

- Шояд ягон хӯрок омода кунам?- пурсид ӯ аз Нигина

- Хӯрок даркор нест, шикорчиҳо ҳамин соатҳо мерасанд ё кабк меоранд ё нахчир, якҷо кабоб мепазем.

Шавҳари Нигина ҳамроҳ бо Рашид ва ду марди дигар, ки ҳар яке дар китф камон доштанд, аз беша бо лошаи мисли ғуноҷин бузург баргаштанд. Лошаро аз дасту painяш дар чӯби ғафсе баста, ҷасади овезонашро, ки аз он қатра- қатра хун мечакид чоркаса ба ҳавлӣ даровარданд.

- Келин, як дастархон биёред, - раҳ ба раҳ фарёд зад яке аз шикорчиҳо, ки дасту пойи сайди дар замин хобидаро аз чӯб раҳо мекард. Духтар осемасар дар ҷустуҷӯи дастархон ба сӯи ошхона давид, вале чизе наёфт.

- Дастархонҳошон ба назарам дар таҳхона аст, - гуфт

Нигина, ки бачааш дар сари даст ҷумбуҷули шикорчиҳоро аз айвон тамошо мекард.

-Аз ҳама гӯру бало бохабар аст ин зан, - ба худ гуфт Фаришта ва аз пайи дастархон ба таҳхона даромад.Таҳхона ба андозаи се ҳуҷраи боло бузург ва хушку ороста буд, бӯи заҳ намедод, чароғи калони тубмонанд таҳхонаро мисли рӯз рӯшан мекард. Дар рафҳои чӯбин ба ҷуз якчанд шишаи туршӣ ва мураббо, ки шояд аз соли гузашта боқӣ мондаанд ва орду равғани дирӯза, ки шавҳараш аз бозори сари роҳ харид, дигар чизе набуд. Нигина рост мегуфт, ғарами дастрахону дастмол рӯи халтаҳое, ки маълум набуд чӣ доранд, мехобид. Ӯ як дастархони нимдоштро бардошту ба назди шикорчиҳо рафт, ки як қадам дуртар аз лоша сигор дуд медоданд.

Дастархонро дар рӯи сабза гузошту мехост баргардад, аммо чашмаш ба лоша афтиду ба баданаш рашъа дамид. Шикорчиҳо бузи кӯҳиро сайд карда буданд. Нигоҳи бузи кӯҳӣ сӯи осмон буд ва ашкҳояш ҳанӯз дар гӯшаи чашмони асалиаш медурахшиданд. Ангор зинда буд, танаш бӯи алафи сабз медод. Шохҳои чапгаштааш чун кокули занҳо дар пушти сараш мехобид ва аз пистонҳои варамидааш қатра-қатра шир мечакид.

- Беҳуда задемаш, ба фикрам бордор аст, -гуфт яке аз шикорчиҳо, ки шиками сайдро даст-даст мекард. Гӯшҳои духтар аз ин ҳарфи шикорчӣ қуфл заданд, ӯ дар ҷояш шах шуд, гоҳ ба сайд нигоҳ мекард, гоҳ ба шикорчиҳо. Ниҳоят бехудона ба пойи ҳайкали зебои бузи кӯҳӣ афтид.

Пешонии сиёҳу тани гандумгунашро навозиш кард. Зӯр зад, то чашмони лошаро пӯшонад, аммо натавонист, он чашмҳо ҳамоно рӯ ба осмон боз мешуданд. Ба Фаришта ҳолате рух дод, ки замони наврасиаш рух дода буд. Ғуноҷине дошт бо номи Гулон, ки аз хурдӣ бузургаш карда буд ва Гулон ҳам ӯро шояд модар мепиндошт, ки ҳар ҷо ба думболаш мерафт ва шаб то садояшро нашнавад хобаш

намебурд. Фаришта рӯзе аз мактаб баргашту ҷисми Гулонро дар шохи дарахти анҷир овезон дид ва сари зебояшро дар лаби ҷӯ. Чашмони бози Гулон нур надоштанд ва пардаи кабуде рӯи он чашмҳо доман афканда буд. Ҷувздонаш аз дасташ афтид ва лаби ҷӯбори пур аз хун аз ҳуш рафт. Як моҳ ба худ наомад, аз табиб то муллои маҳалла сари болинаш буданд. Ёд надорад, чӣ гуна сиҳат шуд, аммо аз он рӯз ба баъд ҳар бор дар ҳавлӣ молеро забҳ кунанд, ӯро вараҷа мегирад. Ҳоло ҳам ҳамон мавҷи сард аз нуки по то ба сараш бурӯз мекард, ангуштонаш карахт мешуданд, эҳсосе дошт, ки пӯст аз танаш ҷудо мешавад. Мехост нафас бигирад, аммо ҳаво аз гулӯяш поён намерафт. Аз шоххои зебои сайд мекашид, ки "бархез!". Шикорчиҳо сигорҳои нимкашидаи худро ба кунҷе партофта, бо ҳайрат ба Фаришта чашм дӯхтанд.

- Ин бечора «ғашӣ" будаст, - гуфт кадоме аз онҳо ва ба сӯи осмон ду дафъа тир кушод. Кӯдаки Нигина аз тарс чиррос зад.

- Ҳеҷ гап нест, тарсро бо тарс мебароранд, ҳоло дуруст мешавад, - гуфт ҳамон шикорчие, ки аз камон шиллик карда буд ва бо таассуф ба китфи Рашид тап-тап зад. Фаришта сар ба тани лоша, мегузошту гиря мекард.

Домод сар хам кард. Шикорчиҳо каме ақб рафтанд, то Рашид хиҷолат накашад.

- Нигина, янгаро хона дарор, -нидо кард ниҳоят кадоме аз шикорчиҳо. Зан кӯдакашро ба ҳамон мард доду аз китфи духтар бардошт, аммо ӯ гардан намедод, ангор, ба тани бузи кӯҳи сабзида буд.

-Айб аст, биё хона дароем, - гуфт Нигина ва ин дафъа бо бозувони қавияш тани нозуки Фариштаро бардошту ӯро ба сӯи хона кашонд.

Фаришта бехуду бе ёд рӯи тахт мехобид, таб дошту ҳазён мегуфт, чанд дафъа ба ҳуш омаду Нигинаро дид, ки барояш дору медод, ба пешонии тафсонаш латтаи тар

мегузошт ва зери лаб дуо мехонд.

Ӯ тамоми шаб сари болини ӯ бемордорӣ кард, гоҳ ба ба бачааш мерасид, гоҳ ба сари болини Фаришта медавид. То саҳар ҳазёнашро гӯш кард, пароканда ҳарф мезад, ҳарчанд гӯш фаро дод, аммо як ҷумлаи сиҳат ҳам нашунид. Танҳо ҳаминро фаҳмид, ки дӯстӣ бо ин духтари дарундор кори осон нест.

Таби Фаришта қарибиҳои саҳар паст шуд, эҳсос кард, ки забонаш аз ташнагӣ дар комаш часпидааст ва нафаси тафсон гулӯяшро месӯзонад. Хост аз ҷой бархезад, аммо аз беҳолӣ дубора ба бистар афтид. Нигина зани ҳушёрхоб будааст, зуд бедор шуду бачаашро аз пистонаш раҳо кард ва ба сари болини бемор шитофт.

- Чӣ мехоҳӣ, Фаришта, ҳолат беҳтар шуд?

- Об...

Нигина аз ошхона як коса об оварду дар паҳлуи бемор нишаст. Фаришта обро ба як дам нӯшид, лабашро бо остинаш тоза кард ва дубора сар ба болин гузошт.

-Худоро шукр, таб надорӣ, дишаб беҳуш будӣ, ҳамаро тарсондӣ. Нигина гапро давом додани буд, аммо Фаришта рӯ ба тарафи девор гардонд. На тоби дилбардорӣ дошт, на тавони сипосгузорӣ. Эҳсоси пучӣ мекард, гӯё саропо як халои бузурге буд, ҳатто вазни дилу ҷигар ва гурдаву рӯдаашро эҳсос намекард, мисле, ки шикамаш ҳам холӣ буд.

То зуҳр хобид ва агар Нигина бедораш намекард то рӯзи дигар аз ҷой баланд намешуд.

-Як ду қошуқ аз ин атола бихӯр, ҳолат беҳтар мешавад,- гуфт Нигина ва косаи умочро ба даҳони ӯ назик овард. Фаришта иштиҳо надошт, аммо намехост ба ин зани бегона, ки тамоми шаб бемордораш буд беэҳтиромӣ кунад.

Ӯ оҳиста аз тахти хоб баланд шуд, тамоми баданаш дард мекард, гӯё то субҳ замин ҷуфт карда буд. Нигина аз ӯ чашм намеканд.

-Чӣ қадар духтари зебо аст, ҳатто ранги парида ва чеҳраи

хастаааш ба ӯ мезебад, - ба худ гуфт ӯ ва қуттиҳои доруро, ки Рашид оварда буд, аз рӯи миз бардошт, то Фаришта набинад. Нигина гӯё аз аз ин издивоҷи маҷбурӣ хабар дошт.

- Узр, ки барои ман шуда ба заҳмат афтодед. Фаришта бо сари хам қошуқро дар косаи атола тоб медод ва аз хиҷолат ба рӯи меҳмон нигоҳ намекард.

- Заҳмати чӣ, мо инҷо ҳама мисли хешу таборем,- ҳозирҷавобӣ кард Нигина ва мехост чизе бигӯяд, аммо забон хоиду хомӯш шуд. Фаришта суоломез ба ӯ нигоҳ кард.

-Акаи Рашид аз гушти бузи кӯҳӣ як порча ҳам нагирифт, ҳамаро ба шикорчиҳо дод, гуфт заминеро, ки хуни сайд рехта буд, бишӯям. Гуфт, намедонист, ки ту ба шикору лоша ҳассосият дорӣ...

Кӯдак дар ҳуҷраи дигар чиррас мезад, эҳтимол милкҳои варамидааш дард мекарданд.

-Нигина, шумо ба кӯдак бирасед, ман хубам, бахудо, атоларо мехураму боз беҳтар мешавам...хоҳиш мекунам...

Нигина нобоварона ба ӯ нигоҳ кард.

-Атолара бихур, ман зуд бармегардам...

Пистонҳои пурширин Нигина барои бачааш беҳтарин дору буд, ки кӯдак зуд ором шуд. Шавҳари Нигина ва Рашид ба айвон баромаданд, то модар пистонашро роҳат аз гиребонаш берун кунад.

Атолаи пухтаи Нигина воқеан ҳоли Фариштаро беҳтар кард, ӯ аз ҷой бархосту рӯи мизу рахти хобашро ба сомон овард ва косаҳои ошхонаро шӯст.

Нигина нимаи рӯз азми рафтан кард.

-Бачаҳора ба ҳамсоя вогузор карда будам, биравам, ки эҳтимол хонаи Мастураро ба сар бардоштаанд.

Нигина дар як даст кӯдаки гирён, ки оби даҳонаш ба китфи модараш мерехт ва дар дасти дигар табақи холии ширбиринҷи дирӯза, ба мошини шавҳараш нишаст.

- Охири ҳафта хонаи мо меҳмонӣ биёед, - гуфту дари мошинро бо дастони боқувваташ сахт пӯшид.

Фаришта баъди рафтани меҳмонҳо каме дар айвон нишасту манзараҳои атрофро тамошо кард. Афсурдагӣ дошту ҳама чиз дар ин мавзеъ барояш бегона менамуд, одамон, беша, наҳру паррандаҳо..., чизе ба дилаш намегунҷид, хаёлаш, ки кӯрпаро ба сар бикашаду дигар барнахезад. “Кампири Сокина мегуфт, ки ҳеҷ чизе ба андозаи ғусса одамро осону зебо намекушад, месӯзонаду об мекунад ва ҷон ба атса задан аз димоғ берун мешавад. Чун ҳамеша воҳима мекунад, кампир, агар рост мебуд, ман ҳамон соле, ки дар зери бори ғами марги номзадам маҷақ мешудам, бояд кайҳо мурда будам. Ҳоло дигар бо ғусса одат кардам, ғусса дар ман сабзиду реша давонд, буданаш як ҳолати маъмулии ман шудааст, набуданаш ғайри маъмул”. Фаришта бо ин хаёлҳои тира ба хонаи хобаш баргашту болопӯшро ба сар кашид.

-Иҷозат ҳаст?- ӯ садои тақ-тақи дар ва сипас овози Рашидро шуниду бо ҳарос аз ҷой баланд шуд. Дар як сония сад фикр аз сараш гузашт.

-Худоё, чӣ мехоста бошад? Мабодо бигӯяд, бас аст нозу нуз, ту зани шариатии ман ҳастӣ ва бояд вазифаатро иҷро кунӣ... Ё шояд бигӯяд, ки ту дирӯз маро дар назди мардҳо беобрӯ карда, бирав чор тарафат қибла.

Дарро боз карду як тараф истод то Рашид ба ҳуҷра ворид шавад.

-Иҷозат ҳаст бишинам?

Фаришта аввал дастпоча шуд, ранги рӯяш канд, аммо баъд тамоми ҷуръаташро ҷамъ карду сарашро бо ишораи “бале” такон дод.

Рашид ба яке аз курсиҳои канори миз нишаст, хеле ба замин нигарист, гӯё намедонист суҳбатро аз куҷо шурӯъ кунад, ҳоли одамеро дошт, ки достони тӯлонӣ дорад ва барои таъсирбахшии он пешгуфтор мебофад. Ниҳоят сар аз замин бардошту оҳиста ба гап даромад.

– Фаришта, агар хаёл карда бошед, ки шуморо барои як

зиндагии заношӯӣ ба ин макони хилват овардам, иштибоҳ мекунед. Масъала он тавре нест, ки шумо мепиндоред. Оҳиставу ботамкин суҳбат мекард, садояш ҳаяҷон надошт, мисле, ки ин матнро борҳо тамрин кардааст.

-Ман 20 сол дар Русия зиндагӣ кардам, донишгоҳ хондам, зиндагиям хуб буд, кори хуб доштам, аз ҳама муҳим, занеро дӯст доштам, ки бароям бисёр азиз аст ва надиданашро басахтӣ таҳаммул мекунам. Ӯ ҳам маро дӯст медорад, духтур аст, ҷойи кори хуб дошт, аммо ба ҳама шарту шароит розӣ буд, ки бо ман бимонад. Мӯйсафеди падарам, аз куҷое шунид, ки ман бо зани рус издивоҷ мекунам... ба Русия омаду маҷбур кард, ки баргардам. Арвоҳи волидонамро ба миён кашид, қасам хӯрд, ки агар барнагардам аз баҳрам мегузарад, аммо дар бораи он зан чизе напурсид. Гӯё чизе намедонист. Қавл додам, ки бармегардам.

Рашид хомӯш шуд, ангор, ин хотирот аламашро тоза мекард. Ӯ аз ҷайбаш қутти сигорро баровард.

- Иҷозат аст сигор бикашам?

- Ман бо сигори шумо мушкил надорам...

Мард дар ҷустуҷӯи хокистардон ба чор тараф нигоҳ кард, аммо чизе наёфту лаъличаи холии рӯи мизро пеш кашид. Сигорро рӯшан карду як дуди амиқ гирифт ва дар ҳоле, ки фаввораи дуд аз даҳонаш берун мешуд, достонашро идома дод.

- Ман бехабар баргаштам ва он занро ҳам бо худ овардам, ба ҳамин хона. Ин хонаи орзӯҳои ман аст, аз хурди ошиқи табиату шикор будам ва муйсафеди падарам, ки решаҳояш аз ҳамин минтақа буданд, бароям замин хариду ман ин хонаро бо дастони худ сохтам, мисли хонаҳои шаҳрӣ шароит фароҳам кардам. Хостам онеро, ки дӯсташ медорам ба ҳамин хона биёрам. Тобистон буд, мисли ҳоло ҳама ҷо сабзу хуррам. Баробари расидан ва дидани ин манзараҳои зебо, ба табиати ин ҷо ошиқ шуд, гуфт дар ҳамин ҷо мемонад. Як моҳ зиндагии ширин доштем ва ман

хушбахттарин инсони дунё будам. Барояш ҷойи кор пайдо кардем, дар ситоди низомиҳои сарҳадбон. Гуфт корро оғоз мекунад ва мо дар ин ҷо барои худ зиндагии зебое месозем. Ҳамаи машваратҳоро кардему мехостам ба шаҳр баргардам ва барои издивоҷ розигии хонаводаро бигирам. Аммо мӯйсафед як бегоҳ бехабар омад, моро диду доду фарёд бардошт, занро дашном дод, таҳдид кард, ки агар ӯро пас нафиристам маро оқ мекунад. Мӯйсафед як одами мазҳабӣ аст, издивоҷ бо ғайримусалмонро қабул надорад. Маҷбур шудем шабро дар хонаи Нигина рӯз кунем. Фардои он рӯз бо дили хиҷил билет харидаму зани дӯстдоштаамро ба Русия фиристодам. Хеле гиря кард, гуфт дигар барнамегардад, аммо маро дар Русия интизор мешавад. Як моҳ базур тоқат кардаму боз гурехта рафтам. Қариб як сол дар Русия будам ва аҳд кардам, ки беиҷозати бузургон издивоҷ мекунам, шояд як рӯз не як рӯз моро бубахшанд. Аммо мӯйсафед ин дафъа бародарамро ба суроғам фиристод. Бародарам пеш аз он ки маро бубинад бо он зан мулоқот кард, намедонам ба ӯ чӣ гуфт, ки бегоҳ аз кор баргашту худаш маро рад кард, гуфт бо ман издивоҷ намекунад ва ин ишқу ошиқӣ сарфи беҳудаи вақт аст, аз пайи зиндагиам шавам. Ҳар қадар талош кардам, нашуд. Ӯ аз ман фирор мекард. Оғози тобистон буд, як моҳ пакару беҳадаф дар Русия гаштам, вале билохира ба фишори мӯйсафед тоб наовардам ва ба ватан баргаштам. Рашид достонашро дар ин ҷо қатъ карду сигори дуюмро аз қуттӣ баровард. Панҷаи хуршед ҳарири дудро дар фазои хона алвонҷ медод ва домани онро ба сӯи панҷараи боз мекашонд.

Чеҳраи отобхӯрдаи Рашид бо ҳар сигор тиратар мешуд ва бори ғаму андуҳ шонаҳояшро хам мекард. Ӯ як дуди амиқ гирифту ба достонаш идома дод.

-Маро аз фурӯдгоҳ рост ба хонаи шумо бурданд. Бародарам одами замонавӣ аст, ҳоли маро дарк мекард, аммо наметавонист рӯи ҳарфи муйсафед, ки ба мо ҳаққи падарӣ дорад, ҳарф бизанад. Дар хилват ба ман гуфт, ки ин издивоҷ

ба эҳтироми волидонамон аст ва баъди марги онҳо ман медонаму дави аспам. Хаёл кардам бароям ҳамсаре интихоб кардаанд, ки бева аст ё зани талоқшуда, ки агар аз ӯ ҷудо шавам, барояш сахт нагзарад. Аммо шуморо дидаму фаҳмидам, ки агар ин издивоҷ сар бигирад, корам печидатар мешавад. Эътирозам алайҳи шумо нест, аз хонаводаам дилхӯрам, ки чунин вазъияти ногуворро ба миён овард. Ман ин ҳарфҳоро бояд рӯзи аввал мегуфтам, иштибоҳ кардам, ки нагуфтам, дирӯз шумо дучори ваҳшатзадагӣ шудед, ман тарсидам, зеро медонам, ки аз ин ҳолат то девонагӣ як қадам роҳ аст... Медонам, ки шумо ҳам аз ин ҳолат нороҳат ҳастед, эҳсоси бадбахтӣ мекунед, аммо бароям ҳанӯз суол аст, ки чаро як духтари ҷавону зебо розӣ шуд ҳамсари як марди аз худаш 20 сол бузург шавад?

Ӯ сар бардошту рост ба чашмони Фаришта нигоҳ кард.

-Чаро?

Духтар хомӯшона сар ба зер афканд, ашк дар чашмонаш ҳалқа зад ва манаҳаш аз алам ларзид. Ӯ ашкҳояшро бо дастмоли пояи сандалӣ пок карду оҳиста ба гап даромад.

- Магар аз одами маҳкум ба марг мепурсанд, ки мурдан мехоҳад ё не? Ҳалқаи дорро дар гарданаш меандозанд ва сандалиро аз зери пояш мебардоранд. Шумо мепурсед, ки чаро ба ин издивоҷ розӣ шудам? Ҳаргиз розӣ набудам! Аммо касе аз ман пурсид, ки чӣ мехоҳам? Ман дар ҳаждаҳсолагӣ номзади марди ҷавоне будам, ки хеле дӯсташ медоштам. Ӯ бевафоӣ карду як ҳафта пеш аз тӯй дар садамае ҷон ба ҷонофарин супурд ва маро дар нимароҳ ҳайрону сарсон гузошт. Ман мондаму як дили аз ғусса садпора ва як домани пур аз ашкҳои талх. Дар оташи сӯги ӯ пинҳон сӯхтаму пар-пар задам, вале рӯ ба мардум хандидам, то нагӯянд, ки духтари беҳаё будаст. Марги он ҷавон қадами наҳси ман талаққӣ шуду дигар касе маро нахост, то ки баъди ёздаҳсол шумо пайдо шудед. Мепурсед чаро ба издивоҷ бо марди бист сол аз худам бузург розӣ шудам? Шумо дар бораи хонаводаи

ман чизеро намедонед. Ин издивоҷ тазмине барои амнияти модарам буд. Агар талаби падарамро рад мекардам, модари мазлумам дар зери лагадҳои он марди ҷоҳил мемурд. Тавре мебинед, достонҳои мо бо баъзе тафовут шабеҳи ҳаманд. Дунё хеле ноодил аст, ба мани 29-сола мегӯянд пирдухтари аз даҳон афтода, ки саг ҳам дигар ба сӯяш намеояд, аммо ба шумои панҷоҳсола мегӯянд, ки “мард пирӣ надорад”, метавонад зани ҷавон бигирад! Ҳоло ман дар рӯ ба рӯи шумо нишастаам, аммо ҳушу ёдам дар ким куҷои дигар аст, раҳгум задаам, намедонам ин ҷо чӣ кор мекунам, намедонам ба куҷо равонаам, намедонам фардоям чӣ мешавад, ҳатто намедонам имрӯзам чи гуна ба поён мерасад.

Фариштa ашкҳояшро бо дастмол карду дар гулҳои беранги он хира шуд. Сарчоқро лӯла мекарду тоб медод ва боз мекарду дубора лӯла месохт. Риштаеро аз он берун оварду дар нуки ангушташ печонд ва ба мисли кинабарорҳо пай дар пай гиреҳ андохт. Тамоми сарнавишташ дубора аз пеши назараш мегузашт.

Рашид достони ӯро бо сари хам ва дуд дар гулӯ шунид. Пушти сари ҳам сигор кашиду лаъличаро аз хокистару таҳсигорӣ пур кард. Хона ба ҳадде дудолуд шуд, ки онҳо чеҳраи якдигарро басахтӣ медиданд. Ӯ ногаҳон аз ҷой бархосту ба айвон баромад ва бо қадамҳои беназм ин тарафу он тараф гашт ва мушти маҳкаме ба сутуни айвон зад. Он қадар сахт куфт, ки духтар як қад парид. Баъд садои қадамҳояш аз паллаҳо ба гӯш расид, ки дошт поён мешуд. Ӯ баъди ним соат баргашт. Сару рӯяш тар буд ва қатраҳои об аз мӯйҳои то кифт хамидааш ба куртааш мечакид.

-Агар гӯям, ки достони зиндагии шумо маро мутаассир кард, дурӯғ мебуд. Сарнавишти шумо маро такон дод. Хеле афсӯс мехӯрам, ки тамъи бадбахтиро бисёр барвақт чашидаед. Бисёр пушаймонам, ки напурсидаву надониста рӯзгори шуморо аз будаш бадтар кардам, ҳатман ҷуброн мекунам, қавл медиҳам. Ин издивоҷи аҳмақона бояд ба як

шевае хотима ёбад. То баҳор ин ҷо мемонем, медонам, ки дӯстии маро қабул надоред, ҳаддиақал метавонем бидуни ҳеҷ таахҳуде, мисли ду ҳамсоя зери як сақф зиндагӣ кунем. Барои дигарон, махсусан барои Нигина ва шавҳараш, ки бо хонаводаи ман робита доранд, мо нақши зану шавҳари хубро мебозем, барои ҳамин хоҳиш дар ҳузури онҳо маро "шумо" садо накунед, бигзор ба хонаводаи ман гузориш диҳанд, ки мо бо ин издивоҷ канор омадем. Баҳор ба Душанбе меравем, барои шумо хона мехарам ва ба хонаводаам мегӯям, ки ситораҳоямон бо ҳам мувофиқ наомаду ҷудо шудем. Бовар дорам, ки дар шаҳр роҳи зиндагии худро пайдо мекунед...

Ман дар шаҳр хола дорам, ӯ ба ман кӯмак мекунад, соҳибкор аст, гуфт буд бароям ҷойи кор меёбад ва ба шуъбаи ғоибонаи донишгоҳ мебарад, - Фаришта, ки аз хурсандӣ намедонист дар куҷои ҷумлааш нуқта гузорад.

-Боз беҳтар.

-Шумо маро умедвор кардед... Фаришта аз хушҳолӣ мехост ба пойи шавҳараш афтад.

-Агар ҳама кор аз рӯи гуфтаи шумо амалӣ шавад, ман умре дуои ҷонатонро хоҳам кард.

Ҳарду хомӯш шуданд, шояд рӯзеро тасаввур мекарданд, ки ин издивоҷ баҳам мехӯраду онҳо бо ҳам хайрухуш мекунанд ва ҳар яке бо роҳи худ меравад. "Худо чӣ қадар тулонӣ аст, расидан то баҳор!" Хомӯширо Фаришта вайрон кард.

-Акаи Рашид, як савол дорам...- гуфт ӯ беҷуръатона.

-Бипурсед...

-Чаро маро ба ин ҷо овардед? Рашид маҳзунона лабханд зад.

-Аввалан, ин яке аз шартҳои падарам буд, ӯ метарсид, ки агар шумо дар шаҳр бимонед, ман зани дӯстдоштаамро пинҳонӣ ба ин хона меорам ва бо ӯ издивоҷ мекунам. Сониян, худам ҳам ҷонибдори овоза шудани ин издивоҷ набудам, медонистам, ки ин ҷуфтгирии маҷбурӣ умри тӯлони

надорад. Хоҳиш кардам, дигар “шумо” нагӯӣ, аз ҳоло бояд хеле мувозиби рафтору гуфторат бошаӣ, агар хонаводаи ман ба воқеъӣ будани заношӯии мо заррае шубҳа кунанд, ин барномаи мо барбод меравад. Ҳоло бо ман биё, туро бо дӯстонам ошно мекунам, -гуфту духтарро ба лаби наҳр даъват кард.

-Тобистони гузашта як ҷуфт паррандаи ошиқро ром кардам, онхо хеле зебову дӯстдоштанианд, вафодор, меҳрубон, хушгуфтор. Ман ин ҷуфтро ба ту ҳадя мекунам. Рашид ҳуштак кашиду ду паррандаи рангинбол, ки Фаришта онҳоро рӯзи авали ба ин хона расидан, дида буд, болзанон аз лобалои шохаҳои пур аз мурғакони ваҳшӣ ба шохи дарахти канори наҳр нишастанд. Онҳо бо чанд нағма овоз мехонданд.

Фаришта дудила шуд, аммо қадам ба пеш гузошт.

-Инҳо бо шумо унс гирифтаанд, шояд маро нахоҳанд..

-Наздиктар биё ва дастатро дароз кун, мебини, ки мехоҳанд ё не.

Фаришта ба дарахт наздик шуду ба сӯи шохае, ки дар он ҷуфти ошиқ менишаст, даст дароз кард. Мурғакони хушбол, ки парҳояшон ҳазор ранг дошт, рамиданд ва ба шохаи баландтар нишастанд.

-Гуфтам, ки маро намехоҳанд...

-Зуд таслим нашав, дубора ба онҳо даст бидеҳ, ягон ҳарфи ширин бигӯ.

-Ширинсуханиро балад нестам, акаи Рашид, вагарна ҳоло ин ҷо набудам, - гуфт Фаришта бо лабханд ва эҳсос кард, ки дилаш кушода мешавад. Дубора ба сӯи паррандаҳо даст дароз кард ва пурсид, ки кадоме аз инҳо мода аст.

-Ҳамоне, ки минқораш сурх аст, ангор, ба лабонаш ранги сурх молидааст, - гуфт ӯ бо ҳаяҷон.

-Хушгилхонум, биё бишин ба дасти ман, аз нӯлакат мучӣ кунам, аз думакат қайчӣ кунам. - Фаришта баланд хандид.

-Ин шеърро дар соли аввали дабистон аз бар карда будам, имрӯз ба кор омад!

Оне, ки минқораш сурх буд ба шохаи поёнтар фаромад ва каме ҳуштак кашиду суруд хонд ва ба кафи дасти духтар нишаст. Зуд рому ором шуд, аммо ҷуфти ӯ бетоқатона аз як шоха ба шохаи дигар мепарид ва беист чиррас мезад.

-Натарс, ман мӯрчаро озор намедиҳам, чӣ бирасад ба ин хушгилхонуми шумо, -гуфт Фаришта ва кафи бозашро ба сӯи парранда дароз карду ӯро аз шоха бардошт, ҳардуро ба чеҳрааш наздик оварду ба рухсораҳояш молид. Ҷуфти ошиқ бо ширинтарин лаҳн барояш тарона хонданд. Гоҳ бо як оҳанг гоҳ бо оҳанги дигар.

-Инҳо булбулҳои ваҳшиянд, - тавзеҳ дод Рашид ва аз духтар хоҳиш кард, ки ҳар рӯз дар лаби айвон барояшон дон гузорад, то унс бигиранд.

-Тобистони гузашта зани дӯстдоштаи ман ҳар рӯз барояшон дон медод ва ин ҷуфти ошиқ аз айвони мо дур намешуданд, беист овоз мехонданд, ба айвон ки мебаромад ба сару шонаҳояш менишастан ва гунаҳояшро мебӯсиданд...

Ӯ рафту булбулҳо ғусса хӯрданд, дигар овозашон намебаромад, чанд муддат тоқат карданду баъд ба беша багаштанд акнун бо ту унс мегиранд ва ба шонаҳои ту менишинанд. Ту ҳам меравию ин бечораҳо боз афсурдагӣ мегиранд.

Он рӯз барои Фаришта яке аз беҳтарин рӯзҳои зиндагиаш буд. Мегӯянд одами ғарқшаванда аз хас ҳам мадад меҷӯяд, Фаришта дар симои ин мард як муттакоро медид, ки пушти холиашро пур мекард.

Зиндагиаш тадриҷан ранги дигар мегирифт, манзараҳо низ барояш дилнишин мешуданд, ӯ худро ба кор мезад, мерӯфту мешуст, мева хушк мекард, ширинӣ мепухт, хӯришҳои зимистониро дар зарфҳои шишагӣ қатор мекард.

-Фаришта, чаро ин ҳама ширинӣ мепазӣ? Кӣ мехӯрад ин ҳамаро? - мепурсид Рашид.

Ман ин шириниҳоро барои туву зани дӯстдоштаат мепазам, вақте ӯро ба ин хона бармегардонӣ, мехоҳам заҳмат

накашад, аз ин хӯришҳову ширинихо нӯши ҷон кунад. Ин ҳарфҳо ба Рашид мефорид ва ӯ хаёломез лабханд мезад.

Ҷуфти булбулҳои ваҳшӣ дигар аз болои сари Фариштa дур намешуданд. Дар лаби айвон барояш тарона мехонданд ва ҳар ҷо, ки равад ба думболаш мерафтанд. Гоҳо бо Рашид якҷо дар айвон қаҳванӯшӣ мекунанд. Рашид устоди қаҳвапазӣ аст, кафки болои қаҳвааш чӣ маззае дорад!

Ҳарду бо ҳам то дер суҳбат мекунанд. Рашид аз хотираҳои зиндагиаш дар Русияро қиссаҳои хандадор нақл мекунад.

-Акаи Рашид, зани дӯстдоштаат чӣ ном дорад?

-Исмаш Мария аст, ман ӯро Марям садо мекунам, хушаш меояд.

-Ин қадар сол бо ҳам будед, бача надоред?

-Марям аз издивоҷи аввалаш як писар дорад, ҳафтсола буд, ки ман бо модараш шинос шудам, ҳоло ӯ понздаҳсола аст, ман ӯро ҳамчун фарзанд дӯст медорам. Орзу доштем, ки як духтари зарринкокул ба дунё биёрем, аммо нашуд, Марям дигар таваллуд кардан нахост, ман ҳам маҷбураш накардам. Муҳим нест фарзанд аз кӣ таваллуд мешавад, муҳим ин аст, ки ӯро кӣ бузург мекунад. Ман дар хурдӣ ятим мондам, маро шавҳари амаам мисли фарзанди худаш бузург кард, тамоми нозҳоямро мебардошт, бе ман субҳона намехӯрд. Боре ҳам нашудааст, ки ман чизе бихоҳаму язнаам “на” бигӯяд. Бо ӯ ҳаргиз бепадариро эҳсос накардам. Аммаам модарам шуду язнаам ҷойи падарамро гирифт. Барои ҳамин намехоҳам онҳоро озурда кунам.

Фаришта ба достони садоқати як падар ба фарзандро бо тааҷҷуб гӯш дод ва ба ёди падари худаш афтод, ки бадқавоқ, аз ҳама норозӣ ва бераҳм буд, дилсӯзиро намедонист.

Инсони шариф будааст язнаи шумо, ман аз падарам хотироти хубе надорам. Аз синни панҷ-шашсолагиам баъзе саҳнаҳои ҷолиб дар ёдам мондааст, аммо падарам дар ҳеҷ яки ин хотираҳо нест. Дугонае доштам, ки панҷ хоҳару се

бародар дошт, гоҳ-гоҳ вақте ба хонаи онҳо мерафтам медидам, ки падараш хоҳаронашро сари зонуяш мегирифт ва "духтар ба нози дада" мегуфту онҳоро болои сараш мебардошт ва барояшон суруд мехонд. Ҳавасам меомад, дар хона худро чун гурба ба зонуи падарам мемолидам. Ӯ хашмгин мешуд ва ҳамон тавр, ки як гурбаро меронанд, маро ба пушти даст аз худ дур мекард. Намедонам иллаташ чӣ буд, шояд ба ин далел, ки модарам фақат духтар ба дунё меовард вале падарам дар ҳасрати як писар буд?

Ивазаш модарам ҳамаи муҳаббаташро ба мо панҷ хоҳар медод, дӯстдорӣ мекард, ҷонашро дар ҷонамон мегузошт. Мегуфт:

- Ба падарат чаққа нашавед, аз кор омадааст, хаста аст"- ӯ бо ин ҳарфҳо ба дағалии падарам нисбат ба мо сарпӯш мегузошт.

-Одамҳо мутафовитанд, бархе эҳсоси худро озодона иброз мекунанд, бархи дигар ё шарм медоранд, ё бовар доранд, ки лутфи аз ҳад беш кӯдакро пуррӯ мекунад... Ба дил нагир. Дар зимн, мо хонаи Нигина даъват шудаем, баъди ним соат ба роҳ мебароем, омода шав.

Хонаи Нигина мисли соҳибаш гарму нарму самимӣ буд. Ҷиҳози замонавӣ надошт, аммо муҳити дилкушое дошт.

-Дугона моро айб накунӣ боз, хонаи "фасон" надорем, гилему болишту курпачаҳое, ки мебинӣ, аз замони арӯсиям боқӣ мондаанд. Отаи кӯдако ҷевону тахти хоб фармоиш додааст, худо хоҳад то баҳор мерасанд. Гунаҳои Нигина аз хиҷолат сурх шуданд.

-Хонаи бисёр зебову барҳаво доред, ҳолу ҳавои одамро дигар мекунад. Дилам барои нишастан рӯи курпача ва такя задан ба болишт танг шуда буд,- гуфт Фаришта ва аз бари боло гузашту рӯи курпача чорзону зад.

-Бовар надоштам, ки меоӣ.. - гуфт Нигина ва болиштҳои нармро ба Фаришта дароз кард. - Охир он рӯз ҳолат хуб набуд... Рӯзи шикори бузи кӯҳиро мегӯям.

Фаришта дид, ки дугонааш даст бардоштанӣ нест, гапро ба шӯхӣ бурд.

-Магар метавонистам наоям, ту аввалин одамизоде будӣ, ки ман дар ин пушти Кӯҳи Қоф дидам. Нигина шӯхиро нафаҳмид.

-Кадом пушти Кӯҳи Қоф?

-Ҳамон ҷой, ки парранда пар занад параш ва дарранда қадам гузорад пояш месӯзад, - гуфт Фаришта, ки аз соддагии дугонааш завқ мекард.

- Ҳа-а, акнун фаҳмидам, ту мо қишлоқиҳоро масхара мекунӣ! - гуфт Нигина ва мисли занҳои ҷангара дастонашро дар миён гузошту вонамуд кард, ки озурда шудааст. Ҳарду бо овози баланд хандиданд. Бачаи Нигина, ки дар рӯи гилем ба шикам роҳ мерафт ва "гиғу-биғ" суруд мехонд, аз хандаи баланди занҳо ҳаяҷонӣ шуда, ғелзанон ба назди модараш омад. Хушҳол буд, шояд дандонҳояш неш заданд. Нигина дастархони зебое орост, ки ба гуфтаи кампири Сокина "ҳазор нӯшу неъмат" дошт. Меваи хушку тар, мағзу мавиз хӯришҳои алафӣ, хуллас ҳар чӣ дар ин дастархон буд, ҳамаашро табиати ҳамин диёр ройгон ба онҳо медод. Дилашон гӯшт бихоҳад, ба беша шикор мераванд, меваҳои хушку тарро аз дарахтҳо мегиранд, наску нахуду сабзаҷотро аз киштаҳо мебардоранд. Ҳамин аст, ки мағозаи сари роҳ ба ҷуз либосу палоси сохти Чин дигар чизе надорад. Нигина мегӯяд, ки соҳибаш дӯконро бастани буд, аммо бахташ баландӣ карду маҳвораи ширкати мобилӣ ба кор даромад ва ӯ пур кардани ҳисоби муштариҳои ин деҳа ва се деҳаи атрофро бар дӯш гирифт.

Соҳибхона бо гушти кабк оши палав омода кард, дастпухташ ҳарф надошт. Гуфт, зиёд нахӯрем, оши бурида дар роҳ аст.

-Нигина, агар ҳар дафъа барои мо чунин суфраи шоҳона боз кунӣ, ману Фаришта маҷбур мешавем дарвозаи хонаамонро бузургтар кунем, - шӯхӣ кард Рашид ва ҳама

баробар хандиданд.

Хандаи Фаришта аз ҳама балантар садо дод. Нигина ва шавҳараш аз замони расидани меҳмонҳо чашм аз онҳо барнамедоштанд, гӯё, имтиҳон мекарданд, ки ин ду нафар бо ҳам чӣ тавр муносибат мекунанд. Ғайри чашмдошти онҳо Рашиду Фаришта бо ҳам меҳрубон буданд ва мегуфтанду механдиданд. Зану шавҳар маънидорона ба ҳам нигоҳ карданд.

Бегоҳ вақте бозгашт Нигина барои меҳмонҳо дар як табақ ош ва дар як баста гӯшти кабк дод, меҳмонҳоро ҷавоб додан намехост, хаёлаш, ки шабро дар хонаи ӯ рӯз кунанд.

- Барои одами чақ-чақӣ танҳоӣ воқеан сахт аст”, - аз дил гузаронд Фаришта ва Нигинаро самимона бағал кард.

Ӯ мехост торик нашуда ба хона баргардад.

Рӯз дар ин мавзеи афсонавӣ ба ҳазор ранг ҷилва мекунад ва бо ҳазор лаҳн садо мебарорад, аммо шабаш бо дурахши чашмони гурозҳои ваҳшӣ ва уллоси гургу шағол ваҳмангез аст.

Фаришта рӯзҳои аввал аз садои тир ба ваҳшат меафтод, гӯшҳояшро бо дасташ мебаст, аммо тадриҷан одат кард. Гоҳ-гоҳ шикорчиҳои ношинос, ки дар пушт халтаҳои калон доранд, дар мекӯбанд ва обу нон мепурсанд. Халтаҳои вазнинро ба замин мегузоранду нону об мехӯранд. Хуни лошаҳо аз халтахо ба замин метаровад ва замини ташна хуни гармро дам мекашад.

Фаришта ба шикорчиҳо наздик намешавад, нону чойро дар лаби долон мегузораду ба хонаи хобаш мегузарад, нафаси амиқ мегирад ва дастонашро маҳс мекунад, то дубора ваҳшатзада нашавад.

Бегоҳе, ки онҳо аз хонаи Нигина бармегаштанд, дар роҳ сарҳадбонҳои мусаллаҳро диданд, ки чеҳраҳояшон мисли ҳайкалҳои сангӣ сарду гирифта буд. Се нафар дар болои зиреҳпӯш менишаст ва чеҳраи як ду нафари дигар аз дохили мошин менамуд. Сарбози малламӯе аз болои зиреҳпӯш берун

ҷаҳида мошини Рашидро манъ кард ва даст ба пешонӣ бурду бо шеваи низомӣ салом дод.

Куда едем? Кто это с вами?- пурсид ӯ бо забони русӣ.

-Мы едем домой, эта моя жена, мы живем на холме, были в гостях у друзей, в нижнем кишлаке,- гуфт Рашид ва санадҳояшро ба марзбон дарз кард. Марзбон аз шунидани калимаи “жена” бори дигар аз панҷара ба духтар нигоҳ кард ва дар лабонаш табассуми тамасхуромез пайдо шуд.

-Это вы живете, в том белом доме с голубой воротой.

-Да, это наш дом.

-Будьте осторожны, есть информация, что афганские наркодиллеры орудуют ва заброшенных кишлаках вдоль границы. Они все тропинки знают наизусть...так что, бдительность не помешает,- гуфт сарбоз ва санадҳои Рашидро баргардонд.

-Что мы должны делать? Мы живем там одни...у меня только охотничье ружье.

-Подождите минуточку, - гуфт сарбоз ва тавассути дастгоҳи мухобирот ба ҳамроҳонаш дар дохили зиреҳпӯш чизе гуфт ва суҳбаткунон ба назди онҳо рафт. Ӯ баъди чанде дар даст таппонча баргашт.

- Это не боевое оружие, это сигнальный пистолет. Если в обнаружите чего то, или кого то, дайте сигнал, мы приедем на помощ. Сарбоз дасташро ба пешониаш бурду худоҳофизӣ кард ва чолокона ба болои зиреҳпӯш ҷаҳид.

Рашид то дергоҳ аз ҷояш наҷумбид, таппончаро таку рӯ кард, ва баъд ба Фаришта дод.

-Дар дасти ту бошад беҳтар аст, умедворам ҳеҷ гоҳ даркор нашавад,- гуфт ӯ ва ба фикр фурӯ рафт. Духтар ҳарфҳои сарбозро фаҳмид, чизе напурсид, ҳамон рӯзе, ки Нигина гуфт аз деҳкадаҳои валангори назди марз кишоварзони афғонро тамошо мекунанд, аз дилаш гузашта буд, ки ин минтақа чандон амн нест.

Дидори тасодуфӣ бо марзбонҳо хотири Фариштаро чанд

рӯз мушавваш кард, аммо баъд ба корҳои хона мушғул шуду он рӯз аз ёдаш рафт.

Фаришта ошиқи ҷуфти булбулҳои ваҳшӣ шуд. Бо садои онҳо бедор мешуд ва бо хониши онҳо ба хоб мерафт. Мурғакон он қадар ба духтар ром шуданд, ки дурӣ аз ӯ барояшон сахтӣ мекард.

Онҳо аз хайли паррандаҳо буриданд ва шабхоро дар тоқи айвон рӯз мекарданд.

-Вақте баргаштем, ман инҳоро бо худ мебарам, - гуфт рӯзе Фаришта.

-Инҳо булбули ваҳшиянд, дар шароити шаҳр зинда намемонанд, -гуфт бо таассуф Рашид.

-Пас ҳоли инҳо чӣ мешавад?

-Як муддат дилтанг мешаванд, афсурдагӣ мегиранд, аммо беша ба дардашон даво мебахшад. Баъдан инҳо аввали тирамоҳ ба кишварҳои гарм мераванд ва фасли баҳор бармегарданд. Агар насиби дидор бошад, баҳорон онҳоро боз мебинӣ.

Чашмони Фаришта пури ашк шуд.

-Кай мераванд?

-Эҳтимол баъди даҳ-понздаҳ рӯз. Зиёд ба онҳо начасп, бигзор каме бо хайли худ бошанд, аз муҳоҷират қафо намонанд.

Тирамоҳ ҳам фаро расиду қолини сабзи беша бо гилеми зарду ҷигарӣ иваз шуд. Булбулҳои Фаришта як ҳафта пеш муҳоҷират карданд. Саҳар буд, онҳо гирди сари Фаришта чарх заданд, дар шонаҳояш нишастанд, барояш суруд хонаданд ва баъд ба селаи паррандаҳо, ки дар фарози беша чарх мезад, пайвастанд. Селаи мурғон дар осмон гоҳ ҳарфи “З” мешуд, гоҳ “А” ва гоҳ “М” ва ниҳоят ба як хати борик табдил ёфту аз назарҳо нопадид шуд.

Тирамоҳи ин мавзеъ мисли тобистонаш зебо, аммо пур аз бодҳои сард будаст. Шамоли сарди кӯҳистон чун гургҳои гурусна уллос мекашад, дарахтҳоро урён мекунад ва баргҳои

тиллоиро то домани кӯҳ мекашонад. Мардҳои ин деҳаи аз дунё бурида, ки баҳору тобистон анборҳои худро бо заҳмат аз наску нахуд ва гушти кабку бузи кӯҳӣ пур кардаанд, акнун аз бекорӣ ҳар саҳар бо навбат дар манзили якдигар гаштаки қурутоб доштанд ва шикорчиҳои раҳгузарро низ зиёфат медоданд. Рашид ба маъракаи қурутобхӯрӣ ҳамроҳ мешуд, аммо зиёд намехӯрд, бо шӯхӣ мегуфт, мардуми кӯҳистон ба ин ғизо он қадар рӯған мерезанд, ки бо ин сӯзишворӣ то Душанбе расидан мумкин. Дар ин деҳкадаи начандон бузург, ки теъдоди бошандагонаш бо ангуштони як даст тамом мешавад қурутобро танҳо тирамоҳу зимистон мехӯранд. Рисолати занҳо бо пухтани фатир ва об кардани қурут тамом мешавад. Бақияи кор бар души худи мардҳост. Онҳо фатирҳои “сангакӣ”-ро субҳ нодамида дастаҷамъона пора мекунанд, ҳам меҳмон, ҳам шикорчиҳои раҳгузар ва ҳам соҳиби хона. Он қадар нон хӯрд мекарданд, ки ангор, як артиш ба қурутобхӯрӣ даъват шудааст. Нонҳоро ба оби қурӯт меадозанд, аз болояш аввал пиёзи бунафш ва сипас рӯғани зардро бебаркаш мерезанд. Равған очунон доғ аст, ки вақти рехтан ба рӯи пиёз ҳавру дудаш ба сақфи хона мерасад. Занҳо он қадар қурутобдӯстдор набудаанд ва соатҳое, ки мардҳо баъди хӯрдани ғизои равғанин то ними рӯз даҳҳо чойник чойро бо қанду мавизу зардолуи хушк холӣ мекунанд, Нигина ва ҳамсояҳояш аз чолаву ҷӯйборҳо сатил-сатил чормағз мебардоранд. Ин деҳа он қадар дарахти чормағз дошт, ки ба чидан тамом намешуд. Фариштa ҳам як халта чормағз ҷамъ кард. Рашид гуфт, беҳуда заҳмат кашид, таҳхона пури чормағз аст.

Бо ин меҳмониравиҳо ва гаштаку маъракаҳои қурутобу кашку кочӣ, зимистон бехабар фаро расид ва гилеми зарди бешаро курпаи сафед иваз кард. Бузҳои кӯҳи аз тарси шикорчиҳо ва бабри барфӣ, дар қуллаҳои кӯҳ маскан гирифтанд ва гурозҳои ваҳшӣ нотарсона шабҳо ба анборҳои мардум ҳамла мекарданд. Фаришта дурахши чашмони

ваҳшии онҳоро аз он сӯи наҳр, ки ҷараёнаш то рафт кунд мешуд, медид ва ба баданаш рашъа медамид. Худо мегуфт, ки то баҳор ҷон ба саломат бубуранд.

Аммо баъд ҳодисае рух дод, ки шабеҳи филмҳои ҳолливудӣ буд ва ҳайвонҳои ваҳшӣ дар муқоиса бо он мусичаҳои бегуноҳ буданд.

Шом буду ҳаво сард, беист барфи тар меборид, Фаришта дар ҳуҷраи худ китоб мехонд. Китобҳое, ки Мария ҷо гузошта буд. Бархе китобҳо марбути соҳаи тибб буданд, бархе асарҳои бадеӣ. Фаришта ба истилоҳҳои тиббӣ сарфаҳм намерафт, лекин аммо аз хондан даст намекашид.

Ин дам ҳуши ӯро садое парешон кард, ки аз тарафи дарвоза баланд мешуд, гӯё касе аз сари дарвоза ба ҳавлӣ парид. Ба думболи ин садо дари ҳуҷраи Рашид ҳам боз шуд. Дар ин мавзеъ садоҳои ваҳшатнок ва фиғони чуғзу бумҳо дар дили шаб ҳодисаи маъмулӣ аст. Аммо ин садо шабеҳи намоди нохушӣ буд, муқаддимаи ҳодисаи нохуше, ки инсон онро қабл аз вуқӯъяш эҳсос мекунад. Ба тани Фаришта рашъа дамид, ӯ оҳиста ба панҷара наздик шуд ва он чӣ дар берун дид, ӯро дар ҷояш қоқ кард. Се марди мусаллаҳи салоҳдор, ки чеҳраашон дар ришу фаш гум буд ва танҳо чашмони хашмгинашон дар торикӣ барқ мезад, мили камонҳои худро ба тарафи Рашид рост карда, талаб доштанд, ки бо онҳо биёяд. Рашид хомӯшона ба онҳо нигоҳ мекард.

-Мо ба ту коре надорем, и қумандонои шумо бародари мора асир гирифтан, унамура озод кунан, мо тура ба уно таслим мекунем.

-Аз куҷо медонӣ, ки командирҳо маро ба бародари ту иваз мекунанд? Ҳеҷ гоҳ ин корро намекунанд, - дар садои Рашид тарсу ҳарос эҳсос намешуд.

-Озод накнунан, ту ҳам дар дасти мо асир мемонӣ, мебаремат ба у тарафи дарё.

-Дар и хона дига кас нест? - ногоҳ пурсид яке аз мусаллаҳон ва рост ба чеҳраи Рашид нигоҳ кард, эҳтимол дар

чашмони ӯ ҳаросро дид, ки ба дари бастаи ҳуҷраи духтар як лагади маҳкам зад ва амр кард, ки ин дарро боз кунад. Фариишта бесадо аз назди панҷара дур шуд ва фикре, ки чун барқ дар зеҳаш рӯшан шуд, таппончаи сарбози марзбон буд. Ӯ дар торики такягоҳи сандалиҳоро ламс кард ва камзулашро ёфту таппончаро бо эҳтиёт берун овард. Тарзи истифодаи ин силоҳро бо Рашид тамрин карда буд.

-Аз ту пурсидам да и хона касе нест? -

-Касе нест, ман худам танҳоям, маро бурданӣ бошед, пеш дароед, - Рашид мехост мусаллаҳон духтарро набинанд.

-Дара воз ку хо, бинум читу танҳоӣ, - пофишорӣ кард афғони мусаллаҳ

-Калид надорам, калидаш дасти мӯйсафеди падарам аст,

Афғон мили камонашро ба сурохи калид гузошт ва хост дарро бо силоҳ боз кунад, аммо Рашид ӯро тела дод.

-Чаро дарро мешиканӣ, гуфтам, ку танҳоям!

Фариишта бо таппонча ба назди панҷарае тарафи кӯча рафт, аммо афғони дигарро дар назди дарвоза диду тир накушод. Дар айвон афғони мусаллаҳ бо Рашид даргир буд, амр мекард, ки дарро боз кунад. Фариишта дигар тоқат накарду дарро кушод.

Афғонҳо духтарро диданду аз хурсандӣ чашмонашони хунгирифтаашон барқ зад.

-Гуфтӣ танҳоюм, хо и занака киста? - гуфт афғон ва аз остини духтар кашид.

-Занам аст, шумо мусалмон ҳастед, ба зани бегона чӣ кор доред?

-Чӣ рақам занат аст, ки ай ту ҷудо хав мекуна? -гуфт ӯ бо тамасхур.

-Ба занам кордор нашав, ман болопӯшамро мегираму бо шумо меравам, -гуфт Рашид ва ба сӯи ҳуҷрааш қадам бардошт. Ҳуши мардҳои мусаллаҳ ба зебогии духтар банд шуд ва онҳо надиданд, ки чӣ тавр Рашид ба хона даромад. Ӯ аз ҳуҷра бо камон баргашт, афғонҳо духтарро гирд карда

буданд ва ангор мехостанд ӯро зинда фурӯ баранд.

-Даст касифатро бардор вагарна тир мекушоям!

Афғони дигар, ки авзои берунро таҳти назорат дошт, худро ба ҳавлӣ расонд ва миллаи калашниковро ба сӯи Рашид баланд кард.

-Силоҳта дар замин мон, падарсаг, агарна занакара файр мекунум! - гуфт ӯ ва ду қадам пеш гузошт. Рашид дар ҳоле, ки аз афғон чашм намеканд, камонро оҳиста ба замин гузошт.

Қочоқбар мисли бабр хез заду бо қундоқи автомат ба сари Рашид зад ва ӯро аз пой афтонд. Хун аз пешонаи Рашид фаввора зад.

-Ҳаромзодаҳо, ӯро куштед! - фарёд зад Фариштa ва худро аз дасти афғони сеюм раҳо карда ба назди Рашид давид ва сари ӯро ба бағал гирифт. Рӯймолашро аз сар кашиду пешонии хуншори ӯро баст.

-Шавҳарам духтур кор дорад, вагарна мемирад, гуфт ӯ. Чашмонаш аз тарсу ҳарос бузург шуданд.

-Ҳиҷ балош намеша, мурд як саги кофир кам, - афғони автоматдор бо мӯзаҳояш ба пойи Рашид шатта зад то бубинад ки мурда аст ё зинда.

-Дар хона дору дорам, илтимос монед захмашро доруву дармон кунам, - ба зорӣ даромад духтар, ин писари одами калон аст, агар бо ӯ иттифоқе афтад, хонаводааш дунёро ба по мехезонад.

Афғони мусаллаҳ ба ду ҳамроҳаш норозиёна нигоҳ кард

-Чиро зуд хез мезанӣ? Кор бояд бехун тамом мешуд. Ира читарӣ мебарем? Нимкушта кади!

-Буру биёр доруҳота, - гуфт ӯ ва Фариштa зуд ба хона баргашту аз қуттии дорӯҳо пахтаву бинту малҳами зидди уфунат бардошт. Афғонҳои мусаллаҳ ҳар чаҳор нафар дар ҳавлӣ буданд. Духтар тирезаи пуштиро боз карду бетардид ба ҳаво тир кушод. Тапончаро дар кисаи дохили камзулаш гузошту зуд ба айвон баромад. Афғонҳо дар талвоса

афтоданд, нафаҳмиданд тир аз куҷо садо дод. Онҳо гоҳ ба духтар нигоҳ мекарданд, гоҳ ба Рашиди маҷрӯҳ.

Фаришта фаҳмид, ки бояд аҷала кунад, ӯ захми Рашидро бо дорӯи зидди уфунат шусту малҳам молид ва бинтпеч кард, Рашид ҳоло ҳам беҳуш буд.

-Мардакара мон, ҳами аврата бо худ мебарем, нафари мора озод карданд, ира метем, накардан, ба оғо саиб тақдимуш мекунем, ӯ болои мо қарз дора.

-Хонуми қашанг, буру либосои гарми худа пӯш, роҳ тӯлонӣ аст, сардут меша.

Фаришта гӯш ба карӣ мезад, вақтро тул медод, то марзбонҳо бирасанд ва онҳоро аз чанги ин хунхорҳо наҷот диҳанд.

-Буланд шу! -афғони мусаллаҳ ин дафъа китфи духтарро бо пошнаи камон тела дод.

Илтимос мекунам, моро ба ҳоли худ гузоред, - ба зорӣ дароад духтар ва сари Рашидро сахт бағал кард, гӯё аз ӯ кӯмак мехост. - Мо ба касе намегӯем, ки шумо дар деҳа будед.

Сабри афғонҳо лабрез шуд.

-Буланд ша, модарсаг, агарне ин шуҳари кофирта сари як тир мекунум! Гуфт яке аз афғонҳо ва аз гесувони духатар гирифту ӯро ба самти дарвоза кашид.

Аз сарбозҳо хабаре набуд, шояд посбонеро, ки бояд сигналро мешунид, хобаш бурд?

-Зориву тавалло мекунам, маро набаред, охир шумо ба як зан чӣ кор доред? Шумо хоҳару модар надоред?

-Натарс, мо тура озор наметем, биродари мора озод кунан, тура ба сарбозо таслим мекунем.

-Ақалан шавҳарма хона дароред, дар ин сардӣ мемирад.

-Ҳиҷ балош намезана, буру, буру!

-Ақаллан монед болопӯшамро бигирам!

Сарбозе, ки аз мӯи духтар мекашид, суоломез ба саркардаи худ нигарист.

-Вақт надорем, ачала кун амоли сарбозо мерасанд!

Афғонҳо духтарро ба сандалии пеши мошини “Нива, ки каме дуртар аз хона манъ шуда буд, тела доданд ва ҳар чаҳор худро ба сандалиии ақиб партофтанд.

-Кадом тараф ҳай кунам, - пурсид ронанда, ки дар торики симояш наменамуд, аммо аз оҳанги гуфтораш тоҷик буд.

-Тарафи қамишзор ҳай ку, марза амёли бигзарем беҳтар меша.

Духтар аз сарнавишти талхи худ ҳарчиро интизор буд, аммо на қочоқбару асорату убури марзро. Он чӣ бо ӯ рух дод, мисли хобу хаёл буд. Намедонист ӯро куҷо мебаранд, сарнавишташ чӣ мешавад, ҳатто намдонист, ки зинда мемонад, ё ӯро мекушанду мурдашро дар ин кӯҳистони беодам шағолҳо мехуранд. Аз сарбозҳо ҳам умедашро канд, агар меомаданд, дар ин ним соат расида буданд.

Бо мошин роҳи тӯлониеро тай карданд, ин ҷода дар назари духтар ба андозаи си соли умраш дароз буд, солҳои умраш, аз замоне, ки худро ёд дорад, аз пеши назараш мегузаштанд, модараш, хоҳаронаш, кампири Сокина, саги сиёҳи хонадон ва падараш ки ӯро ба ин рӯз гирифтор кард ва Рашид, ки ӯро ба он деҳаи аз дунё бурида овард. Ногаҳон эҳсос кард, ки аз касе чизе намехоҳад, касеро нафрин намекунад, аз касе ёриеро интизор нест, ангор киштии умрашро бидуни бодбону киштибон ба баҳри бекарон сар дод ва барояш муҳим набуд, ки он ба пастобе мерасад, ё дар коми мавҷҳои бузург гум мешавад. Мошин, ки ин ҳама роҳро куркурона бечароғ тай мекард, дар пояи теппаҳои хурде истод.

-Чаро истод кадӣ?

-Ман шуморо то ҳамин ҷо ба гардан гирифта будам, он тараф барои ман бехатар нест, нурафканҳо мошинро мебинанд, то қамишзор ду қадам роҳ аст, худатон меравед,- гуфт ронанда ва мошинро ақибакӣ ҳай кард.

-Падарсагҳо, пайсара мегиран, кора то охир

намерасонан! - афғони мусаллаҳ, ки зоҳиран раҳбари ин даста буд, авлоди ронандаро ҳақорат кард ва рӯ ба ҳамроҳонаш овард.

– Сареътар ҳаракат кунен, чуп шавен садо баланд накунен!

Ҳаво сард буду замин пур аз барф, онҳо хазидаву ғеҷида пеш мерафтанд. Духтар ҳатто дар по ҷӯроб надошт, ӯро бо ҳар чӣ дар танаш буд, ба дохили мошин партофтанд. Ӯ мутеъона аз думболи гаравгонҳо мерафт. Фикри фирорро дарҳол аз сар дур кард, магар мешуд аз ин дастаи мусаллаҳ фирор кард? Мижгонҳояш ях баста мисли хор чашмонашро озор медоданд, оби димоғаш дар лабҳояш ях мебаст.

-Як дақика сабр кун, -гуфт ба роҳбалад як афғоне, ки ба думболи Фаришта меомад, -Ина сару даҳанша пушен, ки сармош мезана! Оне, ки саркардаи гурӯҳ буд, аз халтаи пушташ як рӯймоли патунаморо берун овард ва ба пушт ҳаво дод.

Дастони духтар чизеро ҳис намекарданд, ҳатто баланд намешуданд. Ӯ мисли дарахти табархӯрда оҳиста ба замин афтид.

-Ғулом сайб, сайъ ку, ба и зан чӣ шуд?

Саркарда норозиёна ба пушт нигоҳ кард.

-То қойиқ ду қадам монда, кумак кунед, буланд шава!

Ду афғон аз ду китфи духтар гирифта рӯ рӯи барф кашиданд. Замини яхбаста лағжидани ӯро осонтар мекард. Ёд надорад, чӣ қадар ӯро каш-кашон бурдан, як замон пояш ба об ғутид, об ширгарм буд, ҳарорати ҳаворо банди пояш, ки дар зери почаи шалвор сармо нахурда буд, ҳис кард, пойҳояш на гармиро эҳсос мекарданд на сардиро.

Ӯро мисли халтаи орд ба қоиқи на чандон бузург, ки шояд то даҳ нафарро меғунҷонд, бор карданд.

-Сарои худа хам кунен, нурафканҳо шумора набина, -амр дод саркардаи гурӯҳ.

-Бо сари хам бел бизанем?- гуфт кадоме аз афғонҳо

норозиёна,

-Хо, агар.. сарат дар китфат бори зиётӣ боша.. бардорушу бел бизан. Даҳони саркарда аз сарди гапро намегирифт.

Ҳама ба қоиқ нишастанду сарҳои худро дар байни зонуҳояшон пинҳон карданд. Ду нафар ба пушт хобида, бел мезаданд, қоиқ аз байни найистон пеш мерафт.

-Аҷаб, одам бояд чанд ҷон дошта бошад, ки ин қадар азият бикашаду намирад? - Фаришта пойҳои сармозадаашро дар зери домани тараш пинҳон кард ва дар як гӯшаи қоиқ мисли калоба ба худ печид. Хонаи Рашид, хандаҳои Нигина, чормағзҳои рӯи роҳ, хониши булбулҳои ошиқ акнун дар назараш биҳишти гумшударо мемонд. "Афсӯс, ки наметавонам сар бардорам ва бори ахир ба он деҳаи пушти Кӯҳи Қоф хайрбод бигӯям... Кампири Сокина мегуфт, дарду ғамро Парвардигор ба андозаи тавони инсон медиҳад, на бештар аз он.

-Шояд Парвардигор тавоноиҳои маро аз ҳад беш арзёбӣ мекунад.

Нурафкани марзбонҳо дар фарози дарё чарх мезад ва ҳалқа ҳалқа рӯшноӣ мепартофт, аммо на тире, на садое, ангор қоиқро дар ин дарёи бузург намедид. Сармо буд ё ваҳшату хастагӣ, ки Фариштаро ғанаб бурд.

Дигар чизеро эҳсос намекард, на сардиро на дардро, бадани вазнинаш мисли пари қӯ сабук шуд ва хоби ширине пардаи чашмонашро поён мекашид, мисли хобҳое, ки паҳлавонро ҳам аз по меафканад.

Баъд овози занеро шунид, садо мавҷзанон аз дур меомад ва то расидан ба гӯшаш акси садо мешуд, маълум набуд чӣ мегӯяд. Садо лаппиш мехӯрд ва бӯи нохушеро ба димоғи духтар мерсонд, бӯи тухми луқ ва пиёзи пӯсида. Ин бӯй пардаи хоби ширинашро медарид ва дилашро беҳузур мекард, мехост қай кунад аммо касе чанд силлӣ ба рӯяш зад. Аз роғи чашмҳои нимабоз чеҳраи саркардаи қочоқбарҳоро дид.

-Ира чӣ рақамӣ овардӣ, додаршуҳар, и зан ҷон дар бадан надора? - садои занона возеҳтар ба гӯш расид.

-Ин хонум киста? Чаро сару либосаш тар шуда?

-Хонуми тоҷикӣ аст, ура гаравгон гирифтем, ки бо сарҳадбоно муомила кунем, у падарсаго Вайсиддинро гаравгон гирифтан, агар озодии и хонума бихоҳан, бародари моро озод кунан.

Зан таҳти шуои чароғи керосинӣ чеҳраи духтарро муоина мекард, ӯ бо шунидани калимаи “тоҷикӣ” чароғро ба рӯи мард наздик овард ва норозиёна ба тарафи ӯ ғуррид.

-Чиро ура хонаи худут намебарӣ? Порсол барои ту шуда хонама тирборон кардан, ина бо хонуми тоҷикира овардӣ, ки болои сармон бомба паротоян??

-Вақ-вақ накун, и занака инҷа бисёр намемона, марзбонои тоҷик ура мегиран. Тоҷико ғайратиан, намемонан заношон дасти ба даст шава.

Фариштa аз силлиҳое, ки ба рӯяш мезаданд чашмашро боз кард.

-Худоро шукр, чашмаша боз кард, я рақам таб дора, ки дар алов месӯза. Ҳамшира чӣ ҳол дорӣ? Хубӣ?

Фаришта бо чашмони нимабоз ва бо зеҳне, ки қодири дарки воқеъият набуд, ба ин зани ношинос нигоҳ мекард, чеҳраи ӯро дуруст намедид, гӯё, аз паси панҷараи буғкарда ба ӯ менигарист.

-Ма иҷа ҳиҷ доруву дармон надорум, ин зан бе кумаки дуктур то саҳар намераса. Буру Фазлиддина биёр ира доруву дармон куна, бо мурдаш дарди сари ма наша!

-Фазлиддин гапа овоза мекуна, агар хавар ба гӯши мақомот бураса худшон ира ба тоҷико метан, -гуфт саркардаи қочоқбарҳо андешамандона, аммо аз сукуташ маълум мешуд, ки чораи дигар надорад, магар Фазлиддинро биёрад.

Духтар чашмонашро дубора пӯшиду ба ғори тираву торе ҷар шуд, ҳар қадар меғелид, аммо то охири ғор намерасид.

Ғор аз бӯи тухми луқ ва пиёзи пӯсида пур буд.

Бори дуввум аз аз дарде дар рагҳои танаш бедор шуд. Марди ношиносе сӯзани қатрачаконро ба шарёни ӯ ворид мекард, рагҳояшро ба осонӣ намеёфт ва бо асабоният сӯзанро берун мекашиду дубора ворид мекард. Ниҳоят рагашро пайдо кард, дард ҳам рафъ шуд. Фаришта дубора ба ғори тираву тор ғелид.

Он ғор ногаҳон пур аз садо шуд, садоҳои ошно, овози модарашро шунид, ки шим- шим мегуфту гов меҷушиду ва бо алам дубайтӣ мехонд, хандаҳои хоҳарзодаашро, ки мегуфт афсонаи бузакро бигӯ, аккоси саги сиёҳро, ки оби даҳонаш овезон бо ҳасрат уллос мекашид ва садои мӯйсафеди сӯфинаморо, ки хутбаи никоҳ мехонд. Садоҳо тадриҷан хомӯш шуданд ва ӯ дар интиҳои ғор рӯшноиро дид.

-Хола, мариз чашмоша воз кад, - фарёд зад касе. Садо кӯдакона буд ва хабари ба худ омадани беморро ба берун мерасонд.

Чашм кушоду зани сиёҳчурдаеро дид, ки бо чашмони пур аз сурма ва чеҳраи пур аз холҳои кабуд бо тараҳҳум ба ӯ нигоҳ мекард.

-Алҳамдуллилоҳ, хонуми тоҷикӣ бедор шудӣ, и чӣ рақам беҳушӣ буд? Шабу рӯз дуои ҷонета мекадем, -гуфт ӯ бо лабханде, ки даҳони тақрибан бедандонашро ба намоиш мегузошт. Ӯ зуд даҳонашро бо лаби рӯймолаш пӯшонд ва ҳарфашро мисли мардуми бедандони укдай аз зери остинаш идома дод.

-Фазлиддин, ами духтури рустои мо гуфт, ки илтиҳоби шуш доштӣ ва зинда монданат як муъҷиза буд. Ҳоло бояд ғизо бухурӣ, ки ҷон бигирӣ. Зан дар воқеъ аз беҳтар шудани сиҳатии ин зани ғариб аз тахти дил шодӣ мекард.

Фаришта бо таҳайюр гоҳ ба чеҳраи ноошнои ин зани холдор нигоҳ мекард ва гоҳ ба дами дар, ки кӯдаке аз он калла мекашиду зуд пинҳон мешуд.

Намедонист, ки ин ҷо куҷо аст ва ин одамҳо кӣ ҳастанд.

Чашмонашро дубора пӯшиду ба зеҳнаш фишор овард, саҳнаҳои гаравгонгириву убури дарёи бузург пора-пора ба ёдаш омад. Мисли хорпушт худро дарун кашид ва сарашро зери кӯрпа кард.

Соҳибхона аз ӯ чашм намекард, шояд пай бурд, ки духтар бо воқеият рӯ ба рӯ шудааст. Хам шуду китфҳои ӯро, ки дар зери курпа аз гиря меларзиданд, навозиш кард.

-Худо мехрубон аст, духтар, ноумед наша, буланд шу, худову расул бугу, иншооллоҳ гиреҳи мушкилат боз меша. Буланд шу, як каме ғизо буху, ин рақамӣ ҳолат вахим меша.

Фаришта дар бехи бухории начандон бузург мехобид. Кундаи тар дар бухорӣ оҳиста месӯхту нолаҳои ҳазин мебаровард ва кафки зард аз мағзи ҷонаш бурун мешуду аз лаби бухорӣ ба замин мерехт..

-Довудҷон, буру бачем аз ошхона ҳезуми қоқ биёр, ки ин чӯбҳои тар хуб намесӯзан.

Бачаи тахминан 7-8 сола, ки то ҳол аз пушти дар дуздида ба Фаришта нигоҳ мекард, наздиктар омад ва дар ҳоле, ки аз Фаришта чашм намеканд, халтаи холиро аз пеши бухорӣ бардошт.

Дастонаш аз сарди сурху шахшулу пурожанг буд ва дар пояш ҷӯроб надошт. Аз ҳаври даҳонаш маълум мешуд, ки гармии бухорӣ танҳо ба як ду метр мерасид ва он тарафи ҳуҷра хабар надорад, ки дар ин кунҷ бухорие ҳаст. Ӯ дилсӯзона ба Фаришта чашм дӯхт, ангор, бадбахтии ӯро дарк мекард.

Ҳуҷра аз хонаи хоби ӯ дар деҳкадаи Рашид се баробар бузург буду гилеми яклухт надошт, порчаҳои ҳархела дошт, ним палосу ним намади обшӯстаи рангаш ба ҳам омехта, ки фарши гилини ин ҳуҷраи бузургро намепӯшонд. Ранги сафеди деворҳои гаҷнохурда, мисли упо дар чеҳраи пурожанг, ноҳамвору хокистарӣ буд. Сақфи чӯбин тахтаҳои нотарошида ва ҳоилҳои носуфта дошт, гӯё созандагонаш ду

се дарахти сари роҳро бо аҷала бурида, таротар ба ин сақф заданд.

-Девори и хонара худораҳматии шуҳарам ба ҳавас бардошт, ура куштану хона нимкора монд, тобистон ҳамсояҳо кумак карданду бомша пӯшондем, - гуфт соҳибхона хиҷолатомез.

-Зани бемардинара ҳолуш ҳамина.

Фаришта хунук хӯрду дубора ба зери курпа даромад, устухонҳояш аз дард зуқ-зуқ мекарданд.

-Хонумҷон, пусту устухон шуди, сайъ ку я кам ғизо буху, қувва бигирӣ, ҷонут ҷӯр шава, и рақам аз по меафтӣ, - гуфт он зан ва лаби дастархонро ба бемор наздиктар кашид. Ӯ косаи сӯзони ғизоро аз рӯи бухорӣ бардошту дар назди бемор гузошт. Духтар аз гурусагӣ беҳол буд, аммо ба косаи пур аз алафҳои сабз нигаристу ба он даст назад.

-И алафо амаш бари одами сармозада доруворианд, дилут дур нарава, буху, мо ҳам инсонем, нахо ба ту осеб расонем. - гуфт ӯ бо самимият, аммо шояд вазъияти духтар ба ёдаш омаду зуд хомӯш шуд.

Фаришта бо кӯмаки зан аз ҷой бархосту косаро, ки қошуқ надошт, ба даст гирифт ва обашро дам кашид. Ғизо мазаи бад надошт, мисли оши бурида ҷурғот дошту тезу туршак буд. Иштиҳояш боз шуд.

Ҳезумҳои овардаи Довуд хонаро зуд гарм кард ва рашъаи бадани Фаришта ҳам рафъ шуд. Соҳибхона дар як лаълӣ хокаи шабеҳи сабӯс овард ва дар косаи дигар рӯғани зард. Ҳардуро ба ҳам омехту аз он лӯлаҳои хурд сохт.

-Ин талқон аст, буху, ҷонта ҷӯр мекуна, сармора аз танут меброра, - ӯ худаш як лӯларо гоз гирифту хеле баҳ-баҳу чаҳ-чаҳ кард ва якеро ба дасти Фаришта дод. Маззаи ношинос дошт, талқон, аммо бадхур набуд, аз хушкӣ дар гулӯ дармемонд.

-Довудҷон, биё бачем, дами дар истод наша, биё талқон буху, бачем.

Писарак шармида пеш омад ва дар паҳлӯи соҳибхона чорзонӯ зад. Зан ду се дона талқонро дар як лаълича дар пеши писарак гузошту сари ӯро модарвор навозиш кард.

-И Довудҷон дастёри манай, об меора, ҳезум мешкана, худо умракша дароз куна, бачаи хуба, буху бачем, каме гарм мешӣ. Падар надора, як хоҳару як модар дора, тифлак..

Сари писарак хам шуд, гӯё, аз бепадариаш хиҷолат кашид. Ӯ лӯлаи талқонро дар кафи дастони аз сардӣ кафидаву пур ожангаш чанд дафъа фишурд, аммо иштиҳояш гурехт, ки онро гашта ба лаълича гузошт. Чашмонаш ғарқи об шуданд. Ин дам касе аз берун "Довуд" садо карду писаракро аз ҳолати ноҳинҷор берун баровард ва ӯ чолокона аз ҷой хез зад ба тарафи дар давид.

-И бечораҳо мисли мо бисёр фақиран, худо мадад карду хоҳараш Зармина дар як созмони хориҷӣ кор ёфт, дар Кобул кор мекуна, як моҳ як бор меоя, пайса меора, орду биринҷ меора. Ҳоли бия, ма тура бо ӯ ошно мекунум, духтари хубест. Бигӣ, ҷонам, талқонта буху, модар.

Фариштa як талқонро бо чой хурд, арақ фаровард, пероҳанаш нам кашид.

Соҳибхона ноаён аз хона бадар рафт ва баъди чанде бо як даста либосҳои обшуста баргашт.

-И пераҳан нав нест, аммо тозаст, либосота бадар кун, инора бупуш, - ӯ куртаву тоқиву чодари шолро рӯи зонуҳои Фаришта гузошта, косаи холиро аз лаби дастархон бардошту аз хона берун шуд, то меҳмон роҳат либос иваз кунад.

Фаришта либосҳоро ба бар карду дар такяи девор ба долон баромад. Дар оинаи қадимии девори долон худро диду нашинохт, зане, ки аз оина ба ӯ нигоҳ мекард, бо панҷобии миёнтанги шабеҳи пероҳани арӯсакҳо, дар назараш ноошно буд. Аз оина ба ӯ зане нигоҳ мекард, ки чеҳраи чун барги заъфарон зард, устурхонҳои сураташ барҷаста ва чашмони фурӯрафта дошт.

Ӯ аз дари долон ба берун нигоҳ кард, соҳибхона

наменамуд, аммо ҳавлии начандон бузург бӯи алови дегдон ва нони гарм медод, шояд соҳибхона нон мепухт. Ҳавлӣ на ангур дошт на долу дарахт ва аз ҳолу ҳавояш маълум набуд, ки кадом фасли сол аст, охири зимистон аст ё аввали баҳор. Фаришта аз ҳавои сард сина пур кард, ингор мехост фасли солро аз ҳаво ламс кунад.

Аммо на бӯи барфро эҳсос кард на бӯи баҳорро.

-Мошоллоҳ, хуб шуд, ки аз ҷот булунд шудӣ, и як моҳ хобидӣ бас нест мага, хонумҷон?- Соҳибхона аз чордеворие, ки дар надошт ва эҳтимол ошхона буд, бо як даста нони гарм берун омад, биё хонаи поён гармтар аст, биё ин ҷо мешинем,- гуфт.

“Як моҳ беҳушу бе ёд будам?? Ӯ аз паси соҳибхона ба ҳуҷраи пастаки паҳлуи ошхона даромад, ки як пилтачароғ дошт ва онро бухории чӯянӣ гарм мекард. Панҷараи кӯчаки ҳуҷра, ки бештар ба мӯрӣ шабоҳат дошт, аз буғи оби ҷӯшони қумғонҳои рӯи бухорӣ арақ карда, хонаро ториктар мекард.

-Дар ин як моҳ касе маро суроғ накард?- пурсид Фаришта бо садое, ки рӯҳ надошт.

-Не валлоҳ, у додаршӯи хунхорам фомид, ки ҳолат сангин шуда, худа гуму гур кард. Оли бшнава, ки хуб шудӣ, бо ҳозир меша.

Фаришта ноумед шуд, нигоҳи ботараҳҳуми соҳибхона аламашро бештар кард ва ӯ домани гиряро сар дод. Сар ба зонӯи ғам гузошту ҳой-ҳой гирист. Дили соҳибхона аз ин нолаву фиғон об шуд, паҳлӯи Фаришта нишасту сарашро навозиш кард, барои таскини ӯ ҳарфе намеёфт ва “хонаи бедодгар бусӯза”, - мегуфт.

-Доимо яксон намонад кори даврон ғам махӯр, мега шоире, дилам рӯшан аст, ки корот хуб меша. Диқ наку, бачем, мариз мешӣ.

-Бубин, и оба барои ту мондам, буланд шу муҳойта бушуӣ, як моҳ шуд об ба танут назадӣ.

-Ҳаммом куҷост?- пурсид Фаришта, ки ҳиқ-ҳиқи гиря

садояшро мебуррид. Мехост каме ҳам бошад танҳо бимонд. Ӯ ба ин зани меҳрубон эҳтиром қоил буд, аммо ҳоло дилаш на тасаллиро мебардошт на насиҳатро.

Соҳибхона шарми даҳони бедандонашро аз ёд бурду лабханд зад.

-Духтарҷон, ҳаммом куҷо буд, як патура ба дари ошхона мезанум гармтар меша, ҳамуҷа ҷонта бушу, бачем.

-Маро мебахшед, номи шуморо намедонам..

-Номам Рӯгул, ту мара амма ё хола садо кун, чизе, ки дилат мехоя.

-Шумо чанд солаед?

-Инами баҳор қадам ба 38 қадам мемонум.

-Аз ман ҳашт сол бузургтар будаед, Рӯгул.

-Не воллоҳ!

-Бале, мо қариб ҳамсолем, номи ман Фаришта аст.

-Чиқа хуб мондӣ Фариштаҷон, ман баъди фавти шуҳараму писарам, пири фартут шудум, дандонм рехт, дига миҷаву абру намонд, мариз шудум.

Фаришта бо тараҳҳум ба Рӯгул нигоҳ кард, аммо ҷуръат накард ҳодисаро пурсон шавад. Рӯзгул худаш сарнавишташро нақл кард.

Ҳар чӣ кард бо мо ами гӯрсухтаи Ғуломрасул кад. Ҳашт сол пеш ами биродаруш шуҳари мана, писарма бурд дар ами қочоқ ворид кард, ҳардушам дар марз куштан. Рӯгул ашкҳояшро бо лаби рӯймолаш пок кард. Худо ҷазоша бута!

-Дигар фарзанд надоред?

-Чиро, дорам, як духтар дорам, худо умраша бута, шуҳар карду Кобул рафт, соле як бор мия, ё ма пешуш мерам.

-Мехой кумакут кунум, сарта бушуӣ? И рақами зудтар меша, мегум бо дар у сарди мариз нашӣ. Фаришта соҳибхонаро мутақоид кард, ки худаш аз ӯҳдаи оббозӣ мебарояд.

Рӯгул қумғонҳоро ба ошхона оварду ҳамроҳ бо ду сатил оби гарми дохили танӯр, ба як бушкаи калон рехт.

-И собуни ироқира бигӣ, бӯи хуш дора, ав басанда аст, роҳат мӯҳои худа бушӯ, -гуфту патуи ғафсро ба дари ошхона зад.

-Кор доштӣ, садом кун, пушти дар мебошум.

Ошхона ҳавои сард надошт, шояд нафаси гарми танӯр ҳанӯз фурӯкаш накарда буд. “Ҳаммом”-и Рӯгулро аз ошхона як пардаи пластикӣ ҷудо мекард. Заминаш сементӣ буд ва мағзоба аз ҷубораки худсохте ба берун мерехт. “Бечора зан, барои худаш шароите сохтаст”. Эҳтирому тараҳҳуми Фариштa ба ин зан бештар мешуд ва ӯ аз дил гузаронд, ки кош то ба суроғаш омадани марзбонҳо бо Рӯгул мемонд. Фаришта бовар дошт, ки агар Рашид зинда бошад, ҳатман ҳамаро ба по мехезонад ва ӯро пайдо мекунад.”Шояд ман зиёд хушбин ҳастам? Шояд Рашид “мушкилам ба ин шева ҳал шуд” гуфту кайҳо худро ба пеши Мария расонд? Сарнавишти ноҳамвор Фариштаи афсонагӯро ба вуҷуди муъҷиза нобовар мекард.

Сиҳатии ӯ бакундӣ барқарор мешуд ва ҳанӯз ҳам сулфа азияташ медод. Намехост аз меҳмондӯстии Рӯгул суиистифода кунад ва даст ба корҳои хона мезад, аммо зуд аз ҳол мерафту дар таяки девор ба замин менишаст. Рӯгул мегуфт ин хона он қадар кори зиёд надорад ва маҷбур мекард, ки Фаришта аз бистар баланд нашавад.

Ӯ Фариштаро ба ҳамсояҳои кунҷковаш, ки бо ҳар баҳона сар зада, кӣ будани меҳмонро мепурсиданд, хоҳари домоди кобулиаш муаррифӣ кард. Гуфт, ки аз меҳмон чизе напурсанд ва ӯро хиҷолатзада накунанд, чун забонаш “лакнат” дорад. Фаришта ҳам ба ҳамсояҳо хомӯшона салом мекард ва дар кунҷе хомӯш менишасту ба сухбати онҳо гӯш медод.

Ҳамсояҳои Рӯгул ҳама фақир ва аксаран беваҳои бесаробонанд. Ҳамсарони онҳо ё дар қочоқи маводи мухаддир кушта шудаанд, ё дар ҷангҳои тӯлонии ин кишвар. Ҳамсоли Рӯгуланд ва мисли ӯ дар даҳон дандон надоранд. На

шикамашон нони сериро мебинад, на танашон либоси хубро.

Бо ин ҳол мегӯянду механданд, гӯё сатҳи бадбахтии худро эҳсос намекунанд. Рӯгул мегӯяд, ки ин занҳо дар даҳ-дувоздарсолагӣ издивоҷ карда, аз зоймони барвақтӣ маъюб шудаанд ва бешавҳарӣ барояшон беҳтарин мукофот аст.

Рӯгул бо як модагови сершир, ки ба гуфтаи худаш насл ба насл дар хизмати хонаводааш буд ва ду се халта орд, ки духтараш аз Кобул барояш мефиристод, дар муқоиса ба ҳамсояҳояш шароити беҳтар дорад. Зани саховатманду худотарс аст, пораи нонро дар танҳоӣ намехӯрад. Ҳафтае як бор нон мепазаду ҳамсояҳоро бо бачаҳояшон садо мекунад, ки ба серӣ нону мост бихӯранд.

Бачаҳо он қадр гуруснаанд, ки як луқмаро ба даҳон ва пораи дигарро зери бағал мезананд ва боз ба дастархон чашм медӯзанд. Фаришта ба ин кӯдакони гуруснаи нимаурён нигоҳ мекарду нон дар гулӯяш дармемонд.

Шомгоҳон Рӯгул дар бехи бухорӣ дар рӯшноии чароғи пилтагӣ чодар гулдузӣ мекард ва зери лаб овоз мехонд. Садояш ширин буду таронаҳояш пуралам.

Баҳори зиндагӣ ранги хазонай,
Зи чашмам сели ашк ҳар шав равонай.
Худоҷоне, ба фарёди дилам рас,
Ки ин бечораи ғамгин ҷавонай.

Фаришта ба садои ҳазини Рӯгул гӯш медод ва ба рӯзгори худ меандешид. “Аз сарнавишт ҷойи гурез нест, аммо бояд роҳи халосиро ҷӯст, вагарна дар ин дӯзах нобуд мешавам” -мегуфт пеши худ. “Як роҳ фирор аст, аммо фирор ба куҷо? Ин ҷо ҳама ба дасти якдигар об мерезанд ва гумон аст, ки касе барои халосии ҷони як зани ғариба бо қочоқбарҳои мусаллаҳ сар ба сар шавад. Аз рӯи нақлҳои Рӯгул аз ин ҷо то марзи Тоҷикистон ду-се соат роҳ аст, чӣ гуна ноаён худро то марз расонам? Магар мешавад? Ку замонате, ки марзбонҳои афғон маро дубора ба дасти қочоқбарҳо насупоранд!” Фаришта роҳи фирорро аз дафтари

зеҳнаш хат мезад ва роҳи дигар меҷӯст. Чанде боз фикри дигаре зеҳнашро машғул кардааст, ки шояд ба воситаи Зармина, хоҳари бузурги Довуд ба сафорати Тоҷикистон нома бифристад ва аз онҳо кӯмак бихоҳад. “Рӯгул гуфт, ки Зармина охири ҳафта мееояд, эй кош “не” нагӯяд!”

Зармина ҳамон тавр, ки Рӯгул мегуфт охири ҳафта омад. Духтараки чоқи хандонрӯе будаст. Ду чуқураки бари рӯяш ба ӯ ҳусни барзиёдӣ медод. Фаришта дар набудани Рӯгул бо Зармина дидор кард. Ба Рӯгул эътимод дошт, аммо метарсид, ки мабодо ба фишори додаршӯяш тоб наорад.

Зармина достони Фариштаро шуниду андӯҳгин шуд.

-Хуб кадӣ, ки дар набудани хола Рӯгул пешам омадӣ, зани хуб аст, аммо аз додаршӯяш ҳарос дора. Агар қочоқбаро фоман, ки ма номаи тур ба мақомот бурдам, сар ай танум ҷудо мекунан.

Фаришта дудила шуд.

-Агар ин кори хатарнок бошад, пас аз бахраш мегузарем, - гуфт ӯ бо садои гирифта ва аз ин ки охирин умедаш барбод меравад, ба гирдоби ғам фурӯ рафт.

Чеҳраи ғамзадаи Фаришта дили Зарминаро реш кард ва ӯ баъди лаҳзае қотеона гуфт, ки номаро ба сафорат мерасонад.

-Фариштаҷон, чаро занг назанем? Коди кишварта медонӣ?

-Не воллоҳ, ман аз зодгоҳам берун нарафта будам, кодро аз куҷо бидонам.

-Ишкол надора, ма ба як дӯстум дар Кобул занг мезанум кода меёба. Нумраи телефона аз ёд медонӣ?

Фаришта ба ёд овард, ки Рашид барояш телефони ҳамроҳ харид ва рақамашро дар як коғаз навишт, танҳо ҳамон рақам дар хотираш мондааст. Ӯ пеши ин духтари ҳушёру зирак аз ақибмондагии худ хиҷолат кашид.

-Рақами телефони худамро медонам, телефонам дар хона монд, агар бо шавҳарам иттифоқе наафтода бошад, бояд гӯширо бардорад.

Зармина рақми телефонро ёддошт кард.

-Шуҳарут чӣ ном дора?

-Рашид..

-Агар гӯшира бардора чӣ бигам? Ҷойи будубошата бигам ва бигам, ки худа зудтар бирасона?

-Оре, ҳаминро бигӯ.

Зармина баъди ним соат баргашт, гуфт, ки зангҳо мегузаранд, аммо касе гӯширо намебардорад.

-Пас ӯ зинда нест, агар зинда мебуд гӯширо мебардошт, ман ӯро медонам,- Фаришта беҳолона ба девор такя кард ва чеҳрашро бо дастонаш пӯшонд.

-Фикрои бад наку, духтар, мумкин телефон дар мутараш бошад, ё шояд дар мут бошад, яъне садоша махсус паст карда. Дига рақам надорӣ?

-Чизе ба ёдам намеояд.

-Ишкол надора, ма ягон нумри телефона ёд надурум, ту хо ай ма беҳтар будаӣ, ки нумри телефони худа медонӣ. Ту хуб фикр кун, шод чизе пайдо кунӣ. Ина, қаламу коғаза бигӣ ва зуд номата бнавис, ки хола Рӯгул амиоли пайдо меша.

Фаришта ҳодисаро дар се ҷумла навишт, нишонии маконро Зармина дикта кард. Ӯ намояндагони сафорат хоҳиш кард, ҳар чӣ зудтар ба додаш бирасанд.

Зармина номаро дар дохили синабандаш гузошт.

-Баъзан дар роҳ мусаллаҳон кифу борхалтаҳоро тафтиш мекунан, ин ҷо амнтар аст,- гуфт ӯ ва тарафи Фаришта чашмак зад. Ӯ номаро бурду гӯё санги вазнинеро аз синаи Фаришта бардошт, ӯ бори аввал ба наҷоти худ аз ин варта умедвор шуд.

Рӯзҳояш дар хонаи Рӯгул ба оҳистагӣ тир мешуданд. Рӯзҳоро ба сахтӣ ба то шаб мерасонд, аммо вой аз шабҳои ваҳмангезу тӯлонӣ! Баъзан то саҳар хобаш намебурд, гурги танҳоӣ дар синааш уллос мекашид, аз ҳар садо ба ваҳшат меомад ва бо ҳарос китфи Рӯгулро такон медод.

- Бихез, дар берун касе ҳаст. Зани бечора ҳар бор барои

оромиши хотири Фариштa ҳавлиро давр мезад.

- Нигарон набош, гурбаи бесоҳиб бари худ ғизо мекофт.

Фаришта аз замони ба Кобул баргаштани Зармина рӯз мешумурд, чанд дафъа аз Довуд пурсид, ки хоҳараш кай меояд, писарак ҳар бор китф дар ҳам мекашид. Рӯгул, сайъ мекард Фариштаро машғули коре кунад, то андешаҳои бад аз зеҳнаш дур шаванд.

-Фариштаҷон, ай аму ғизоҳои хушмаззаи тоҷикӣ баром бипаз, маза кунем, чӣ гуфтӣ бачем?- мегуфту худаш қатори ӯ ҷумбуҷул мекард.

Фаришта иштиҳо надошт, Рӯгул медид, ки ин зани ғариб рӯз то рӯз дар пеши чашмаш об мешавад. Бо ҳар баҳона мехост дили ӯро шод кунад, чодари гулдӯзиро, ки шабҳо дар рӯшноии пилтачароғ медӯхт, ба Фаришта тақдим кард, аз бозор барояш ҷӯробу як кафши арзонак харид. Меҳрубониҳои ин зани бегона алами Фариштаро тоза мекард, хориаш меомад:

- Куҷоянд падару модари ман то духтари хору зори худро бубинанд, бубинанд, ки ба чӣ рӯз афтодааст, - мегуфту сар зери кӯрпа мекард ва бесадо мегирист.

Гӯш ба овоз буд, ки аз хонаи Зармина садои ханда ва “хуш омадӣ бачем” -ро бишнавад. Аммо аз Зармина ҳамоно хабар набуд.

Шабе аз садои дар бедор шуд, дилаш аз ҳарос ба ларза даромад.

-Ғуломрасул омад!- гуфту аз тарс домани Рӯгулро гирифт.

-Натарс, модар, ма ов бухӯ, ӯ худозада, ҳиҷ вақт дар намезана, мисли шағол ай сари девор мепара. Рӯгул чароғро гирифту берун баромад. Фаришта дар хонаи торик танҳо монд. Ин зани меҳрубон ҳоло дар тамоми дунё ягона такягоҳаш буд. Лаҳзае Рӯгулро набинад, мисли кӯдаке, ки аз гум кардани модараш метарсад, ба талвоса меафтад. Рӯгул дер кард, Фаришта дар хомӯшии шаб ба садоҳои кӯча гӯш

медод, аммо овозеро нашунид. Такя ба девор заду ангуштҳои аз ҳаяҷон сардшудаашро зери бағал гузошт. Аз тарс мезакаш гирифт, аммо ҷуръат надошт берун барояд, ҷонаш дар азоб буд. Ниҳоят Рӯгул баргашт, Довуд ҳамроҳаш буд. Гуфт, ки дафтари созмони хориҷиро дар Кобул "терур" каданд, ними коргарҳо мурданд, ниме захмиву ниме гумном.

Мурдаву зинда будани Зармина маълум нест, модараш гирёну бирён ба Кобул рафт.

- Номаи маро ба сафорат расонда бошад? - аз дил гузаронд Фаришта, ки зеҳнаш ин лаҳза ба ҷуз андешаи раҳоӣ ва бозгашт ба ватан дигар чизи дигароеро қабул намекард. - Эй Худо, ин духтар охирин умеди ман буд!

-Довуда овардам, тифлак танҳо дар у хона диқ мекуна, биё бачем, дар бари ма бихоб. Рӯгул барои Довуд дар паҳлуи худ ҷогаҳ андохт. Писарак дар назди бухорӣ чорозону зада, бо сари хам менишаст, гӯё бори ғами дунё дар дӯшаш буд, ки шонаҳояш монанди шонаҳои пирамардҳо хамида, ашкҳояш дар рӯшноии чароғи пилтагӣ медурахшиданд.

Фаришта ҳолати ғамангези писарро дид ва аз худхоҳии худ хиҷолат кашид. Ба Довуд наздик шуду ӯро бағал кард. Навозиши ин зани бегона хории писаракро овард ва ӯ домани гиряро сар дод. Фаришта ҳам мӯя кашид, хонаи Рӯгул ғамхона шуд, яке аз ғами бесоҳибиву бечорагӣ менолид, дигаре барои марги азизе..

-Диқ наку бачем, инҳшоаллоҳ, бахайр аст, бигӣ, я каме бихоб, саҳар дидӣ, ки хабари хуш мераса. Бихоб, оли бомдод нашуда.

"Номаи маро ба сафорат расонда бошад?" Фикри нома аз зеҳни фаришта дур намешуд. "Агар фурсат наёфта бошад, вой бар ҳолам! Худо кунад, ки Зармина зинда бошад."

Модари Зармина баъди як ҳафта баргашт.

-Худоро шукр, Зарминаҷонум зинда монда, тано захмӣ шуда, доктар гуфта, ки табобатуш тӯл мекаша, ма гуфтум, ами ки духтарум зинда монд, бари ма давлати бузург аст,

дига муҳим неста, ки табобатуш чиқа тӯл мекаша.

Хабари зинда будани Зармина додараки ӯ Довудро ба ҳадде шод кард, ки наметавонист сели ашкҳояшро фурӯ нишонад. Дар паси модараш пинҳон буду оби чашмашро бо лаби чодари ӯ пок мекард, бо даст даҳонашро мепӯшид, аммо ҳиқ-ҳиқи гиряаш аз кадом сӯрохи дигар берун меомад.

-Омадум, ки Довуда бо худ ба Кобул бубарум, мехом наздики духтарум бошум, - гуфт модари Зармина, ки дар ин як ҳафта чашмонаш аз ғусса фурӯ рафта, сараш сафед шуда буд.

-Дар Кобул дар куҷо истод мешӣ, ҷо дорӣ? - пурсид Рӯгул, ки мехост Довуду модараш дар хонаи духтари ӯ меҳмон шаванд.

-Бародаршуҳарам дар саракои Кобул зиндагӣ мекуна, гуфт ҳиҷо нара, рост хонаи худум биё.

Рӯгул дар як бухча нону талқон овард, то сафаракиҳо дар роҳ гушна намонанд. Худоҳофизиашон тӯл кашид ва ниҳоят Довуд пеш-пеш ва модараш аз думболи ӯ ба сӯи роҳи калон раҳсипор шуданд.

-Худо кунад, ки ягон ронандаи савобҷӯ инора то Кобул брасона, - гуфт Рӯгул ва рӯ ба осмон овард, ки абрҳои сиёҳаш ваъдаи борон доштанд.

Соатҳо рӯз шуданд, рӯзҳо ҳафта ва ҳафтаҳо моҳ. Умеди Фариштa барои бозгашт ба ватан ба ноумеди табдил мешуд ва дилбардориҳои Рӯгул ҳам дигар ӯро рӯҳбаланд намекард. Дилаш сиёҳ буду ҳар шаб кобус медид, кобусҳояш пур аз мардҳои ришакии мусаллаҳ ва садои гиряи кӯдаки ширхор буд. Ӯ кӯдакро дар сина пахш мекарду афтону хезон мегурехт, аммо ҳар бор худро дар ҳамон макони аввала медид. Бо ҳарос бедор мешуду таъбири хобашро меҷуст. Рӯгул он хобҳои ваҳшатнокро ба таври худ таъбир мекард ва мегуфт, ки хонааш дар гузаргоҳи лашкари деву парӣ аст ва сояи он лашкар ба рӯи касе афтад кобус мебинад.

Ғуломрасул се моҳ баъд, замоне пайдо шуд, ки борони сел меборид ва садои ваҳшатноки тундар замину замонро мезарзонд. Ӯ ногаҳон омад, мисли паланг аз сари девор ба ҳавлӣ парид. Фаришта омадани Ғуломрасулро бо пусту устухонаш эҳсос кард.

-Рӯгул, буланд шав Ғуломрасул омад! - гуфту ба кунҷи хонаи ниматорик хазид.

Рӯгул ин дафъа ӯро ором накард, ӯ сояи пакули Ғуломрасулро аз панҷара дид. “Ло ҳавла ва ло қуввата иллоҳ биллоҳ”- гуфту аз ҷой бархост.

-И чӣ рақам омадан буд, мисли дузд аз сари девор мепарӣ? - бо қаҳр гуфт ӯ.

-Буру гумша, аҷуза, куҷост, у занака, бгӯ берун бурояǃ Ғуломрасул дарро бо лагад зад. Гулӯи Фаришта аз тарс хушк шуд, нафасаш поён намерафт, хаёл кард, ки ҷон аз баданаш берун меравад.

Ғуломрасул мисли девонаҳо буд, кафк аз даҳон мепарронд ва додгоҳи Тоҷикистонро ҳақорат мекард, мегуфт:

- Падарсагҳо пайсара гирифтану бdatabaseдарма ба панҷ сол зиндонӣ кадан.

Интизор нашуд, ки Фаришта аз хона берун шавад, дарро боз карду аз аз гесувонаш гирифту ӯро ба рӯи ҳавлӣ баровад. Фаришта дар рӯшноии радду барқ чеҳраи чун девонаҳо каҷу килебшудаи Ғуломрасулро диду фаҳмид, ки кораш тамом аст.

Рӯгул ба пояи додаршӯяш афтоду ба зорӣ даромад.

-Ба рӯҳи бародарат қасам, Ғуломрасул, и духтара бимон беста, ма танҳоюм, дасёрум меша, марги шуҳару писарма мебахшум, тура ба Худо, раҳм кун, гуноҳ надора и духта.

Борон аз сару рӯяш мерехт ва зулфони сиёҳу сафеди тобдорашро ҳамвор мекард, укдаи бедандонӣ аз ёдаш рафта буд ва беист ҳарф мезаду зорӣ мекард.

-Буру гумша, дар ами сари қаҳрум пеши ма пайдо наша,

бо як тир дар пешонит файр накунум! Рӯгул ҳам фаҳмид, ки илтиҷо ба ин марди хунхор беҳуда аст, ӯ Фариштаро аз замин бардошт.

-Мара бубахш Фариштаҷон, ага медонистум, ки и ҷурӣ меша, худум фирорит медодум. Фаришта ҳам гардани Рӯгулро гирифту гиря кард.

-Рӯгул, медонам, ки рӯзе ба суроғам меоянд, агар аз ту пурсанд, хоҳиш мекунам натарс, роҳбаладӣ кун, кумак кун, ман ба ватанам баргардам, - гуфт ӯ дар гӯши Рӯгул. Ғуломрасул Рӯгулро ба кунҷе тела доду Фариштаро ба замин хобонда дасту пояшро бо ресмон баст ва ду марди дигар ӯро мисли гӯсфанди қурбонӣ ба пушти мошине, ки пур аз ришакиҳои мусаллаҳ буд, партофтанд. Онҳо як-як хам шуда ба духтар нигоҳ мекарданд, чашмони хашмгину хунгирифтае доштанд, дандонҳои баъзеяшон аз шавқ ба ҳам бархӯрда садо мебаровард ва бӯи даҳони ношустаашон мошинро пур мекард.

-Биё як синаша биҷафум, кам намеша хо!- гуфт як ришакии бадбӯй ва даст ба зери домани Фаришта дароварду синаҳои ӯро дар муштҳои сангинаш фишор дод, гӯё девона шуд, ки худро аз сандалии ақиб ба ба болои Фаришта партофт. Марди дуюм ӯро як тараф партофту бо ду даст думбаи Фариштаро молиш дод.

Агар Ғуломрасул намерасид, мардҳо Фариштаро дар дохили мошин таҷовуз мекарданд.

-Явош, ваҳшиҳо и чӣ рақам кор буд? Мага нагуфтум, ки и хонума бари Гул-оғо мебарем?

-Гулоғо аз куҷо мефома, бо и зан хав кадем, як бор, ки ишкол надора!

-Намеша, буру пойин!

Ғуломрасул он ду ғӯлбангро, ки дастҳояшон акнун дар дохили шалворашон буд, басахтӣ ба сандалии пуштӣ шинонд.

Ӯ халтаеро ба сари Фаришта кашиду даҳонашро бо

искоч баст. Мардони мусаллаҳ бо силоҳҳои омодаи шиллик қисме пушт ба роҳ ва дигарон рӯ ба роҳ нишастанд ва мошин башиддат ҳаракат кард. Рӯгули ба ашку обу лой олӯда, бо кулбаи гилин вале қалби чун дарё бузургаш пушти сар монд.

Фаришта аз ҷой намеҷумбид, ҳатто талош намекард, ки худро аз банд раҳо кунад, магар метавонист аз чанголи ин хунхорҳо фирор кунад? Дигар умеди раҳоӣ надошт, умеди бозгашт ба ватан низ чун афсонаи духтари подшоҳ, ки мӯйсафеди бедандонро мебӯсад ва ӯ табдил ба як шоҳзодаи зебо мешавад, дурӯғ баромад. Акнун сарнавишташ дар дасти ин ришакиҳои мусаллаҳ аст, ки шояд ҷойи хилвате меёбанду ӯро бонавбат таҷовуз мекунанд ва баъд тире ба пешонияш мезананд ва дар кавири тафсон мепартоянд, то хӯроки зоғу заған шавад.

Тасвири ин саҳнаҳои ваҳшатнок буд ё ва нарасидани ҳаво, ки Фаришта аз ҳуш рафт ва ба ҳамон ғори торик, ки аввал дошту анҷом не, ҷар шуд. Меғелиду дилаш ҳаво мегирифт, аз ҳавли ҷон ханҷон ба девори ғор мезад, аммо деворе набуд, ханҷорҳояш дар фазои холӣ мушт мешуд ва нохунҳояш дар гӯшти нарми дастонаш фурӯ мерафтанд, дилаш ҳаво мегирифту беҳузур мешуд. Ногоҳ аз куҷое борон омад ва сару рӯи ӯро хис кард.

-Даҳонша чиро бастӣ? Молум аст, чӣ мекунӣ? Гулоғо бари ҷасад хо муомила намекуна! Шаш соат роҳи дига да пеш аст! Касе ин ҳарфҳоро мегуфту ба рӯяш об мепошид.

-Ҳичиш нашуда, и аз тарс ғаш када. Садои аввал ношнос буд, кадоме аз ришакиҳои мусаллаҳ даъво мекард, аммо садои дуюмро шинохт, ин овози хиррии Ғуломрасул буд. Фаришта ин садоро, ки тамоми зиндагиашро ба бод додааст, ҳеҷ гоҳ аз ёд намебарад.

Вақте халтаро аз сараш ва искочро аз лабонаш дур карданд дар болои сараш Ғуломрасулро дид, пеш аз он ки ӯро бубинад, ҳамон нафаси бадбӯяшро шамид, ки бӯи пиёзи гандида медод.

-Боз кун, дасту пойи маро, агар гурехтанӣ будам, то ҳол даҳ бор мегурехтам. Садои Фаришта басахтӣ аз гулӯяш мебаромад.

Ғуломрасул нобоварона ба ӯ нигоҳ кард, аммо бандро кушоду шишаи обро дар бағалаш гузошт.

-Чуп, садо наброр, ага дар берун одама дидӣ, сари худа хам ку.

Фаришта дасту пойи аз беҳаракатӣ шахшудаашро молиш доду сар ба рӯи зонувонаш гузошт, мошин бо суръат аз даштҳои чун кафи даст ҳамвор ва деҳкадаҳои камодами бе долу дахт убур мекард. Хонаҳои гилини пастак, ки на манзили зист, балки макони ковишҳои осори таърихиро ба ёд меовард, аз ҷафсӣ гӯё дар бағали якдигар хуфта буданд ва борони сел бомҳои ҳамворро дубора андова мекарду лоёбаи як хонаро ба хонаи дигар мерехт. Ҳама ҷо ранги хокистарӣ дошт ва бӯи факрро ба машом мерасонд.

Аз панҷароҳои муримонанд баъзан нури хираи пилтачароғҳо чун ситораи дур чашмак мезад, вале рӯшноие надошт. Аз симчӯбу барқ хабаре набуд, роҳро танҳо чароғи мошинҳо рӯшан мекард. Он қадар роҳ рафт мошин, ки Фаришта хаёл кард ӯро ба кадом мамлакати дигар буданд. Аз фишору хастагӣ хобаш бурд.

Ниҳоят мошин суръатро суст карду ба самти чап, ба сӯи як шаҳри нисбатан чароғон тоб хӯрд. Дохили мошин аз нури чароғҳои ҷода равшан шуд ва Фаришта сар бардошту аз панҷара ба берун нигоҳ кард. Забони аломатҳои роҳ форсӣ буд ва Фаришта намедонист ин кадом минтақа аст. Ду тарафи ҷода хонаҳои чароғон дошт, баъзе сохтмонҳо ободу баланду барҳаво, вале баъзеи дигар мисли харобазор вайрону валангор буданд. Моҳвораҳои хурду бузург чун чағораҳои баҳорӣ дар бомҳои пасту баланд шукуфта, аз панҷараи баъзе хонаҳо экрани телевизион чашмак мезад. Ба назар ҷойи ободе буд.

Мошин чандин ҷодаро убур кард ва ниҳоят дар як мавзеи

рустомонанд, дар назди бинои бузурге манъ шуд, ки дижро мемонд ва деворҳои баланд дошт.

Ғуломрасул аз мошин берун ҷаҳиду ба назди дарвозаи дутабақа рафт ва акнун мехост дар бизанад, ки “кист он ҷо” пурсид касе аз дохил.

-Ғуломрасул астум, ба Гулоғо сайиб кор дорум.

-Оғо сайб масруф аст, буру фардо биё.

-Ба оғо бугу Ғуломрасул омада, худуш мефома, - исрор варзид ӯ.

Баъди каме таваққуф шарфаи по аз назди дар дур шуду Ғуломрасул ба мошин баргашт.

-Чӣ мега? - пурсид марди мусаллаҳе, ки дар сандалии паҳлуи ронанда менишаст.

-Пеши Гулоғо рафт, бош бинем, чӣ мега.

-Гуфтӣ, ки чиро омадем?

-Гуфтам, иқа суол наку дига! - Ғуломрасул асабонӣ буд. Фариштa аз панҷараи мошин ба ин сохтмони баланд, ки сояааш атрофро пахш мекард, чашм дӯхт. “Инҷо куҷо бошад? Лонаи таҷаммӯи қочоқбарон ё мақари гурӯҳи шибҳанизомӣ? Магар ғайри ин аст? Ин малъун танҳо бо олами ҷиноӣ сару кор дорад.” Шиками Фаришта аз гуруснагӣ доғ мешуд ва танаш аз сардӣ меларзид. Ӯ хомӯшона ба садои шиками холиаш гӯш медоду даҳҳо фарзияи ба ин ҷо оварданашро ҳадс мезад.

Нигаҳбон одамони дохили мошинро хеле маътал кард. Ришакиҳои мусаллаҳ бетоқатона зери лаб кадом оғоеро дашном медоданд.

Ниҳоят нигаҳбони мусаллаҳ, марди шофбурути чоқ, ки шиками бузургаш аз рӯи камарбани низомияш хамида буд, бо як сарбоз баргашт, аммо дари бузурги мошингузарро, боз накард.

-Оғо гуфт танҳо Ғуломрасул дохил шава. Ришакиҳои мусаллаҳ бо ғазаб аз мошин берун ҷаҳида ба сари нигаҳбон тохтанд.

-И оғо ба мо як пиёла чоям намета? Мусулмонӣ куҷо шуда!- фарёд зад ҳамоне, ки дар мошин паҳлӯи Ғуломрасул менишаст.

-Шумову мусалмонӣ!? Бубин, кӣ даъвои мусалмонӣ мекунад! - бо тамасхур аз дил гузаронд Фаришта.

Садои куланги силоҳҳо ва чашмони хунгирифтаи ришакиҳои мусаллаҳ, ки агар онҳоро битарошанд аз пашму пучоқашон даҳ гилем мешуд бофт, пинаки нигаҳбонро вайрон накард.

-Пушти дар як артиш сарбоз дорем, як шиллик бикунӣ, хоктона мебеза! Ҳамутуре, ки оғо гуфт, танҳо як нафар биёяя.

Ғуломрасул бо узру маъзур ҳамсафарҳояшро базур ором кард, ки ӯро дар беруни ҳавлӣ интизор шаванд ва аз остини Фаришта кашид, ки мошин фарояд.

Марди шофбурӯт ба Фаришта як нигоҳи кӯтоҳ афканд, аммо аз ин ки қочоқбарон ӯро бо худ ба ин диж оварданд, ҳайрон нашуд. Ӯ ба ҳамроҳаш амр дод, ки аз назди дарвоза дур нашавад.

-Харияти  и қочоқбарора ма хуб медонум, ҳушор бошен. Ғуломрасул гапи нигаҳбонро ношунида гирифт ва ӯ пеш-пешу Фаришта аз пушт дар паси деворҳои баланд нопадид шуданд.

Ҳавлии бузург се сохтмони алоҳида дошт, ки на танҳо мошини Шомаҳмад, балки чандин чунин мошини бузургро меғунҷонд. Биноҳо дар торикии шаб ва рӯшноии чароғҳо аз андозаи худ бузургтар ба назар мерасиданд.

Нигаҳбон онҳоро ба охирин сохтмони ин ҳавлии бузург бурд, ки даҳҳо чароғи фурӯзон дошт ва шуои нарми чароғҳо мисли ҳаври шири навдӯшида ҳавлиро пур мекард. Дар долони муҷаллали бино, ки шояд макони истироҳати соҳиби хона буд, нигаҳбон ба лойҳои хушкидаи домони Фаришта нигоҳ кард.

-Ира бо и пироҳани чатал пеши оғо мебарӣ? - гуфт ӯ

норозиёна.

-Борон буд дига...

-Ту буру дохил, и хонум иҷа мебоша, то оқо сайиб амр куна. Аз дохил садои мусиқӣ ва суҳбати мардҳо ба гӯш мерасид. Ғуломрасул шонаи хурдеро аз ҷайбаш берун оварду хост риши чун дастаи ҷорӯб паҳну парешонро дар оинаи долон ба тартиб биёрад. Аммо шояд сару рӯяшро дергоҳ нашуста буд, ки дандонҳои шона дар риши часпакаш дармемонд. Асабонӣ шуду шонаро дубора ба ҷайб зад, ришашро бо панҷааш хилол карду аз паси нигаҳбон ба меҳмонхона даромад.

Фариштa рӯи сандалие нишаст, ки нигаҳбон бо ишораи ангушт нишон дод. Хун ба пойҳои карахташ сарозер мешуд ва чун сӯзан ба мушакҳояш фурӯ мерафт. Пойҳои хоббурдаашро молиш доду пеш ёзонд, то кардахтиаш рафъ шавад. Ӯ бо кафшҳои кӯҳна, домони пур аз лой ва сару рӯи ношуста дар манзараи ин долони зарҳалӣ намеғунҷид.

Долон бо фарши чун шоҳӣ нарм, дару девори гаҷандуд, қобҳои бузурги акси мардон ва занони хушлибос ва гулдонҳои зарҳалӣ, шабеҳи осорхона буд. Аз аксҳои бузурги рӯи девор чеҳраҳои гирифтаи ба ҳам монанд бо чашмони сарди пур аз ғурур ба Фариштa нигоҳ мекарданд. Аз қобҳои дигар ҳунармандони синамои Ҳинд лабханд мезаданд. Ранги дару тиреза ва фаршу девор бо якдигар ҳамоҳанг ва нарму оромибахш буд. Сандалиҳои баланд ва мизи начандон бузург, ки якчанд маҷаллаи ранга дошт, аз ин гувоҳӣ медод, ки меҳмонҳо қабл аз даромадан ба ҳузури соҳибхона ин ҷо интизорӣ мекашанд ва маҷалла варақ мезананд. Фариштa эҳсос кард, ки ӯ дар ин долон танҳо нест. Гурбаи соҳибхона, ки дар яке аз сандалиҳои роҳат бо ноз мехобид, меҳмонро диду ба замин лағжид ва бо қадамҳои барозанда ба самти ӯ ҳаракат кард. Аввал бо чашмони обияш ба чеҳраи Фариштa хира шуд, баъд ғел заду сарашро ба кафшҳои лойолӯди ӯ молид.

-Азизам, кафшҳои ман касифанд, дуртар бирав, боз дар балои соҳибат намонам, -гуфт Фаришта зери лаб ва ӯро бо эҳтиёт аз кафшҳояш дур кард. Аммо гурбаи хира, ки шояд ба хору мол одат кардааст, гардан надод, Фаришта хам шуду пашми махмалини ӯро навозиш кард, аммо фикраш ҷойи дигар буд.

Аз ҳарфҳои Ғуломрасул бо он ришакиҳои мусаллаҳ ҳаминро дарёфт, ки онҳо мехоҳанд ӯро ба ин оғои сарватманд бифурӯшанд.

“Охир ин одамонро бо ман чӣ кор? Ман парии афсонавӣ набошам, ки оғо барои ман пулу пайса харҷ кунад, духтари одами сарватманд набошам, ки ба ивази озодиам аз падарам боҷ бистонад, ҳунарманд набошам, ки барояш тарона бихонам, духтур набошам, ки ҳар саҳар заррабони қалбашро бисанҷам, охир ман ба чӣ дардӣ инҳо мехурам!?”

Гурба хуморашро шикасту ба сандалии роҳат баргашт. Фаришта ду бари доманашро ба ҳам молиду лойи хушкидаро орд кард ва ба гӯшаи долон, ки аз тозагӣ медурахшид, афшонд. “Бечора Рӯгул, пероҳани беҳтаринашро ба ман пӯшонд ва орзу дошт чодари зарҳалиашро ба сар кунаму маро ба тамошои бозор бубарад. Ёдат ба хайр, зани биҳиштӣ, ки аз мани ғариб муроқибат кардӣ ва барои халосии ман бо Ғуломрасули хунхор даст ба гиребон шудӣ”.

Фаришта дар пушти дари ҳуҷрае, ки дар он шояд фурӯшандаву харидор нархи ӯро пасту баланд мекарданд, бо сари хам менишаст.

“Аҷаб сарнавиште насибам шуд. Охир ман куҷову ин ҷо куҷо!? Мисли хобу хаёл аст, ба Худо! Ангор, ман филм мебинам, филме, ки худам қаҳрамони аслиаш шудаам. Ҳар рӯз як моҷарои ҷадид. Агар падарам маро таҳаммул мекард, ҳоло дар гирди гову молам палмосида мегаштам. Бо Рашид забон ёфтаму бо ҳам нақшаи озодиро кашидем, ки гаравгон шудам. Зарминаро розӣ кардам, ки номаамро ба сафорат бубарад, идораи ӯро тарконданду номаи ман норасида монд.

Бо Рӯгул тоза унс мегирифтам, ки маро ба хонаи ин бойбобо оварданд. Чӣ ранҷҳои дигарро бояд бикашам ва чӣ талхиҳоеро таҷруба кунам? Ин сарнавишти бадтар аз номодарӣ маро ба куҷо мебарад?

Дар ин фикру хаёл буд, ки дар боз шуд ва Ғуломрасул бо даҳони пур аз ханда берун омад, чашмонаш аз шодӣ медурахшиданд. Аз остини Фаришта кашиду ӯро ба дохили ҳуҷра тела дод.

-Явош беадаб! - чашмони нигаҳбони шофбурут аз ғазаб танг шуданд, - мисли бачаи одам рафтор кун!

Фаришта аз забони Рӯгул дар бораи мунҳарифии пулмастҳои ин сарзамин қиссаҳои ваҳшатнок мешунид. Мегуфт, ки инсоф надоранд, барои қонеъ кардани шаҳвати худ на ба писаракҳо раҳм мекунанд на ба духтарбачаҳо, чашмашон серӣ надорад.

Дар ин ҳуҷраи бузург, ки бахше аз он бо сабки урупоӣ ва бахши дигар бо сабки шарқӣ муҷаҳҳаз буд, панҷ-шаш марди миёнсол, ки дар бар пероҳанҳои домандор ва дар сар саллаҳои шатранҷӣ доштанд, ба болиштҳои мулоими зарҳалӣ такя зада, қалён мекашиданд ва абрҳои дуд аз димоғу даҳонашон фаввора мезад. Ҳар бор аз лӯла қуллоб мекашиданд, сиёҳии чамонашон дар зери пилкҳои варамида нопадид мешуд ва чеҳраҳои равғанини онҳо дар рӯшноии қандили бузург барқ мезад. Пардаи ғафси дуд, ки дар зери сақф овезон буд, бо кушода ва пӯшида шудани дар албонҷ мехӯрду доманаш медарид, аммо боз баҳам меомад ва бо дуде, ки он мардҳо аз даҳону димоғ сар медоданд, ғафстар мешуд.

-Хонуме, ки гуфтӣ ҳамин аст? - ниҳоят пурсид, марде, ки аз ҳама боло менишаст ва бо пероҳани сафеду риши кӯтоҳ ва мӯйҳои то китф овезон кадом ҳунарманди филми ҳиндиро ба ёд меовард. Ӯ даст рӯи зону якпаҳлу менишаст ва ҳалқаи ангушти ишоратиашро бо нарангушт чапу рост тоб медод.

-Наздиктар биё хонум, исмат чийе?

Фаришта як қадам пеш гузошту манъ шуд. Марди сафедпӯш аз сар то пойи ӯро меомӯхт, вале исрор накард, ки боз ҳам наздиктар биёяд. Мардҳои дигар нигоҳи чашмони хумори худро аз синаҳои Фаришта, ки панҷобии танг онҳоро бузургтар нишон медод, намеканданд.

-Гуфтӣ ин хонум аз Шӯравӣ аст? Чӣ рақам иҷа омада? - пурсид яке аз нишастаҳо.

-Бале, оғо, и хонум ай шӯрависта, Ма ира гаравгон гирифтум, ки биродарма ай маҳбаси Тоҷикистон халос кунум, корум барор накад. Дига иҷа мондагор шуд.

-Чиро ӯро барнамегардонӣ, гуноҳ дора.

-У падарсаго пайсаҳои мана гирифтану биродарма панҷ сол зиндонӣ кардан, чиро ма ира раҳо кунум, хисоротма кӣ ҷуброн мекуна?

-Эй падарсаги маккор, - шӯхӣ кард ҳамон мард ва Ғуломрасул бо завқ хандид.

-Ага оғо сайиб и хонума хуш надошта боша, ма худум мехарумуш,- гуфт як марди чоқ, ки дам ба дам хиштаки эзорашро ламс мекард. Ҳалқаи сиёҳи атрофи чашмони бузургаш чеҳраи ӯро тиратар ва сафедии чашмонашро рӯшантар мекард. Ӯ калавида аз ҷой бархосту ба Фаришта наздик шуд. Шиками дамидааш аз зери пероҳани домандор ӯро ба занҳои ҳомила монанд мекард ва қомати начандон баландашро кӯтоҳтар нишон медод. Ӯ бо нӯги ангушти шабеҳи ҳасиб сару бараш баробар чонаи Фариштаро боло бардошту гӯё, дар бозори бардафурӯшӣ каниз мехарида бошад, сар то пойи ӯро аз назар гузаронд. Аз даҳонаш бӯи шароб меомад. Бешармона даст ба пеши бари Фаришта зад ва синаашро мисли андор дар кафаш фишурд. Фаришта “вой” гуфт худро ақиб кашид. Рамидани Фаришта ангезаи ӯро бештар кард, ки дубора ба ӯ наздик шуд ва хост доманашро боло кунад.

Фаришта дасти ӯро тела доду дар паси надими шофбурӯт пинҳон шуд.

-Шумо мусалмон нестед? Модару хоҳар надоред? Чаро ин бадахлоқиро нисбат ба ман раво мебинед? Ӯ аз тарсу шарму ғазаб мелarзид. Мард чоқ бештар шавқманд.

-Буру Шопур, кайфи мара напарон, - гуфту надими шофбурутро, ки Фариштаро аз чанги ин мард пинҳон мекард, ба беруни дар тела дод.

-Бас аст дига, коре ба коруш надошта бош,- омирона дастур дод марди сафедпӯш, ки мӯйҳои сиёҳи фирфириаш дар рӯшноии қандили чилчароғ медурахшиданд. Оғое, ки Ғуломрасул барояш "бор" оварда буд, эҳтимол ҳамин мард буд.

-Бачаи коко, шавқи мара нагардон, валлоҳ ду баробари нархша пардохт мекунум! Марди пашмини бадбӯй паст намеомад.

-Шопур! - садо кард марди сафедпӯш, ки зоҳиран аз рафтори меҳмони бадахлоқ хушаш наомад.

-Бале сайиб, - марди шофбурӯт гӯё дар паси фолгӯш меистод, ки бо шунидани исми худ чун сарбоз сареъ ҳозир шуд.

-И хонума ба хола Наврӯз бсупор, бугӯ, барош ягон кор пайдо куна.

-Чашм сайиб.

Фаришта оҳи сабук кашиду ба думболи Шопур аз ҳучра берун шуд. Шопур ӯро ба хонае бурд, ки дар оғози бино ҷой дошт ва дар назари аввал анборро ба хотир меовард, вале аз рӯи асбобу анҷомаш зоҳиран ошхонаи тозаву мураттаб буд, ки бӯи биринҷу заъфарон мекард. Шиками Фаришта дубора гарм шуд ва даҳонаш об кушод.

-Хонумо ҳама хобан, имшаб ин ҷа бош, то бинем фардо Худо чӣ мета.

Шопур азми рафтан кард, аммо чизе ба зеҳнаш расид, ки рӯ ба Фаришта овард.

-Гуруснаӣ?

Фаришта хомӯшона ба кафшҳои лоёлӯдаш чашм дӯхт.

-Ошхона беғазо намеша ин ҷову он ҷоро бубин, хиҷолат накаш, як чизе бихӯр.

Фаришта аз гуруснагӣ меларзид, наздик буд ғаш кунад. Баробари аз дар берун шудани Шопур ба чаҳор тараф чашм дӯхт. Бӯи биринҷу заъфарон ӯро ба сари дегҳои калон овард, ки яке биринҷ ва дигаре кабоб дошт. Косаро пури ғизо карду қошуқи пурро ба даҳон бурд, дастонаш меларзиданд, косаро дар як они воҳид холӣ карду мехост як кафгир биринҷ бигирад. Аммо тарсид, ки мабодо соҳибхонаҳо ӯро барои ин худсарӣ муҷозот кунанд.

Дар гӯшаи наздик ба танӯр, ки ҳанӯз аз он гармӣ меомад, як дасташро болишт карду дар рӯи курпача дароз кашид, аз серии шикамаш буд ё аз хастагии роҳ, ки дарҳол хобаш бурд.

Чӣ аҷинахобе дид дар он ошхонаи гарм! Модараш ба хобаш омад, ки дар тан либоси кабӯд дошт ва гесувони дарозаш ба қадаш овезон, “падаратро гур кардем”- мегуфт. Хоҳаронаш мӯю рӯй меканданд, вале кампири Сокина дар байни ҳавли остинҳои весеяшро бод медоду арғушт мерафт. Дар байни ин рӯъёи аҷибу ғариб буд, ки садои зани ношиносе ба гӯшаш расид, ки ӯро “хонумҷон, хонумҷон” садо мекард.

Пардаи рӯъё оҳиста тунук шуду Фаришта болои сараш ду чашми чун ангишт сиёҳро, дид, ки аз аз паси анбӯҳи мижгонҳои дароз ба ӯ нигоҳ мекард. Духтараки лоғаре, ки сару сураташро чун арабҳои бодиянишин бо русарии сиёҳ танг баста буд, китфи Фариштаро танкон медод ва “буланд шу!” мегуфт.

-Хонумҷон, ту чаро иҷа хобидӣ, булан ша, амиёли хола Наврӯз бия ҷанҷол мекна, - Фаришта гунаҳкорона аз ҷой бархост, намедонист берун барояд ё то омадани “хола Наврӯз”, ки ин духтар бо тарс аз ӯ ёдовар шуд, дар ошхона бимонад.

Духтари чодарпӯш инро гуфту дигар ба Фаришта таваҷҷуҳ накард, аз кунҷи ошхона сатилеро бардошту ба

ҳавлӣ давид ва баъди чанде хиш-хиши ҷорӯб кашиданаш баланд шуд.

Ошхонае, ки Фариштa шабро дар он ҷо саҳар кард, воқеан анбори бузургу тозаву мураттаб буд, ки анвои озуқа дошт. Маълум мешуд, ки кормандонаш қабл аз хоб онро ба истилоҳ “пок мелесанд” ва баъд мураххас мешаванд. Ин ҷо ҳам мисли меҳмонхонаи соҳиби сохтмон ним шарқиву ним замонавӣ буд, чароғ дошту яхчолҳои бузург ва лӯлаи обу гоз ва ҳамзамон дегдону танӯр ва мӯриву ҳезуму зуғол. Деворҳои ошхонаро ҳамели занҷабил, райҳон, сиру пиёз ва рафҳои хурду бузурги пур аз чиниворӣ зеб медод. Гилеми сурх ва суфраи чӯбини як гӯшаи ошхона эҳтимол маконе буд, ки хизматгорҳои ин дарбор дар гирди ҳамин суфра ҷамъ мешавад ва субҳонаву шом мехуранд.

Фариштa дар интизори маъмури ин ошхона, ки духтараки чашмсиёҳ аз ӯ хола Наврӯз ном бурд, дар байни тануру дегдон, ҳамонҷойе, ки шаб хобида буд, рост меистод ва ҷуръати нишастан намекард. Хизматгорҳои ошхона як-як ҷамъ шуда, кунҷковона ба ӯ нигоҳ мекарданд ва баъд бо аҷала ба кор мечаспиданд. Яке аз пайи хамиру фатир шуд, яке гӯшт пора мекард, яке дар синӣ субҳона мечид. Гоҳ-гоҳ дуздида ба Фариштa нигоҳ мекарданд, вале касе аз ӯ чизе намепурсид. Фариштa ҳадс зад, ки дар ин ошхона ҳеҷ кас бидуни иҷозаи хола Наврӯз ҳарфи изофӣ намезанад ва бо нигаронӣ омадани ӯро интизор шуд.

Хола Наврӯзе, ки хизматгорҳоро ба истилоҳ чун най рост кардааст, билохира дар дами дар пайдо шуд. Омадани ӯро Фариштa аз ваҷоҳати хизматгорҳо фаҳмид, ки сарҳои худро хам карда, чолоктар ба кор часпиданд.

-Субҳонаи оғора зудтар омода кунен, ки дер шуд, бари наҳор обгӯшт, чапли кабобу биринҷ омода кунен, як каме ба мазраа, саисхона ва посбоно ҳам бубарен, - дастур дод хола ба хизматгорҳо. Бераҳму сахтгир ба назар мерасид, вонамуд мекард, ки Фариштаи қадбаландро намебинад. Ниҳоят амру

фармонҳояшро анҷом доду ба Фаришта зул зад. Рафтораш тавре буд, ки ангор, бо як нигоҳ тамоми достони зиндагии инсонро аз чеҳрааш мехонад.

Хола Наврӯз як зани ҳудудан 75-солаи қадпасте будааст, ки аз лоғарӣ гӯшт дар устухон надошт ва чеҳраи пур аз ожангаш коғази ғиҷимшударо мемонд. Хатту холи сунъие, ки шояд дар ҷавонӣ ба сураташ зада буд, аз тоқи абру ва гунаҳои фурӯрафтааш пойин хамида, дар миёни ин ҳама чину чурук шакл гум карданд. Як шабоҳате ба Рӯгул дошт, аммо Рӯгул дигар буд, аз чашмонаш нуру меҳр меборид. Он чӣ ин пиразани лоғарро қавӣ нишон медод, нигоҳи пармавораш буд, ки беибо ба ҷони одам фурӯ мерафт ва росту дурӯғашро берун мекашид.

Дили Фаришта аз пешомади нохуше гувоҳӣ дод, аммо даст пеши бар ба хола салом гуфт.

Хола саломи Фариштаро бе алейк гузошт ва омирона "бо ма биё!" гуфт. Ҳарду рӯи гилеми сурхи ҷигарӣ, ки гӯё ҳамин ҳоло аз дӯкони қолибоф берун омада буд, рӯ ба рӯи ҳам нишастанд. Хола аз лойҳои хушкидаи домани Фаришта чашм намеканд.

-Исмат чийе духтар? - ниҳоят пурсид ӯ. Тавре пурсид, ки ангор, мехост бигӯяд, ту боз аз кадом гӯре пайдо шудӣ!

-Исмам Фаришта аст... гуфту гӯё Фаришта будан гуноҳ дошт, ки бечораҳолона сарашро пойин андохт.

-Худо куна, ки худут ам Фаришта бошӣ. Чашмота боло ку бинум!

Фаришта мутеона ба кампир чашм дӯхт. Ӯ акнун ба чунин талабҳои таҳқиромез одат мекард. Кампир монанди духтури чашм гоҳ ба самти рост ва гоҳ чап хам мешуд ва Фариштаро аз "дастгоҳи дурӯғсанҷӣ"-и худ мегузаронд", саранҷом аз чашмони ӯ даст бардошту ба сару танаш часпид.

-Чаро пироҳанат касиф шуда?

Фаришта домани куртаи лоёлудашро зери зонувонаш пинҳон кард ва худро аз қолии сурхи оҳарӣ ба замини

бепалос кашид. Чашмонаш пури об шуд.

Кампир ҳаракатҳои ӯро бодиққат назорат мекард.

-Шопур дар бораи ту чизое гуфт, аммо ма дуруст нафомидум, чӣ ту шуд, ки ай Шӯравӣ иҷа омадӣ?

Фаришта фишурдаи достони зиндагии худро бо ашкҳои гулӯгир ба хола Наврӯз нақл кард. Ҳарчанд мехост гиря накунад, аммо миҷа зада буд, ки сели сиришк ба гунаҳояш рехт. Лаби остини начандон дарозашро поён кашиду ашкҳояшро пок кард. Хеле бадбахту бечора буд. Шояд хато кунад, аммо ба назараш расид, ки баъди шунидани достони зиндагиаш чеҳраи сангини хола Наврӯз нармтар шуд. Дилаш ба ҳоли ин зани ғариб сӯхт, ки наздиктар нишасту китфони ӯро навозиш кард.

-Илоҳӣ, хонат бисӯза қочоқбар, и чӣ рақам кор буд, ки бо и зани бечора кадӣ!? Оли нана бобот диқ кардан, аз ғусса афгор шудан, шуҳари бечорат чӣ шуда?..

Фариштаи муҳтоҷи тараҳҳум сар ба домани хола гузошту ашкҳои ҷамъшудаашро сарозер кард.

-Гиря наку бачем, Худо меҳрубон аст, оли сарнавиштут боз меша, мага ғайри ина?

Занҳои хизматгор ин саҳнаро аз дур медиданд ва ба худ мегуфтанд ин зан чӣ достоне гуфт, ки дили санггаштаи хола об шуд!

-Малола, куҷостӣ?

-Инҷоям хола Наврӯзҷон, чӣ кор кунам?- булбулвор гуфт як духтари резапайкар, ки бо дастони пур аз кафк косаву табақ мешӯст.

-Дастои худа бишӯ ва и хонума ҳаммом бубар, пероҳани тозара Фаҳима барот меяара.

Духтари роҳбалад Фариштаро аз канори ду бинои яке ду ошёна ва дигаре баландтар ба ҳаммом мебурд. Биноҳои сафед бо панҷараҳои бузург ва пардаҳои ҳарир он қадр сокит буданд, ки гӯё бошандае надоштанд. Танҳо хизматгорҳо буданд, ки дар гирду атроф равуо доштанд.

Ҳаммом дуртар аз биноҳо дар гӯшаи аз назарҳо пинҳони ин ҳавлии бузург воқеъ буд ва на дуд дошт, на дудбарое. Фаршу деворҳои кошинкорӣ ва тахтаҳои мармарӣ дошт.

Фаришта гармобаи ба ин хубиву гармӣ ва обу собуни фаровонро баъди хонаи Рашид бори аввал медид. Чӣ қадр барои инсон зарӯр будани обу собунро акнун эҳсос кард.

Малола, ҳамон духтараки резапайкар аз пушти дар ҳар лаҳза мепурсид, ки чизе лозим дорад?

-Мехой пуштата пок кунум? Фаришта нахост меҳрубонии духтаракро нодида бигирад ва ӯро ба дохил даъват кард. Ӯ ҳам ташнаи ҳаммом будаст, ки зуд либосҳояшро кашиду пушти Фариштаро аз ёд бурд ва ба сару тани худ собун зад.

-Ин ҳаммом моли соҳибои сохтмон аст ва мо бандаҳои хокӣ ба иҷа раҳ надорем, - гуфт Малола, ки сару тани худро бо аҷала собун мезад. Чунон аҷала дошт, ки гӯё касе ӯро думбол мекард, бо сатил ба сару тани худ об рехт ва мисли варзишгаре, ки пеш аз дигарон ба пойгаҳ расидааст, нафас рост кард ва чашмаш ба бадани шабеҳи мармар сафеди Фаришта афтод.

-Ҷонат чи қашанг аст, хонумҷон! Бия, ма пуштата лиф бизанум.

-Накун ин корро, ман хиҷолат мекашам, беҳтараш ман ба пушти ту собун мезанам. Тани духтараки сиёҳҷурда ҳанӯз ҳамчун як зан рушд нокарда буд ва синаҳояш мисли ғурраи себи пешпазак акнун сар мекашиданд. Он қадар лоғар буд, ки дандаҳояшро як-як мешуд шумурд. Фаришта даст ба тани духтар заду нохудогоҳ худро ақиб кашид, пушти ӯ тасма-тасма захм дошт.

-Ба пуштат чӣ шудаст!?

-Чизеш нест, ... гуфт ӯ ва хам шуду зонувони лоғарашро собун зад. Аммо чун дид, ки Фаришта аз захмҳои пушти ӯ маҳбут шудааст, табассуми гунаҳкоронае дар лабонаш бурӯз кард.

-Достони хубеш нест... 11 солам буд, ки нанам мурд ва сол нагзашта падарам бари ману ду додараком номодарӣ овард. Зани хубуш набуд, бераҳм, дилсиёҳ буд. Бо худ додарша овард, ки 20 солаш буд ва мара доим гӯё хувавор дасмол мекад. Ман намефомидум, чӣ мекна. Як рӯз саргини гав тоза мекадум, ки омад ва да аму оғил мара таҷовуз кад. Доду фарёд кардум, беҳуш шудум.

Ҳамсояҳо омадан, номодарим ба падарам гуфт, ки ма дар гардани у мардак авезон шудум, ки бо ма амхоба шава. И захмои пушти ма зарби қамчини падарум буда, ки ба гапи номодарим бовард кад. Ду сол баъдуш мара ба оғо бахшидан. Фазли Худо, иҷа рӯзум беҳтар шуда.

Фаришта аз достони ин духтаки бадбахт мутаассир шуд, аммо дигар чизе напурсид, пушти ӯро оҳиставу модарвор навозиш кард ва лиф зад.

-Валлоҳ мара шарманда кадӣ, - механдид духтар, вале пушташро дур намекард. Малола пушти Фариштаро ҳам лиф зад, ҳарду аз гарми сурху сабук шуданд.

Либосе, ки хола Наврӯз барои Фаришта фиристод, нав набуд, аммо қомати баланд ва камари борики ӯро барҷаста мекард. Малолаи пастаку лоғарак ба чеҳраи зебо, гесувони дароз ва камари борики Фаришта хира шуд.

-Чашми бад дур хонумҷон, чи тур мақбул астӣ!

Фаришта, ки дар ин чанд моҳ баъзе лутфҳои афғониро омӯхта буд - чашмот мақбул аст, Малолаҷон, маро Фаришта садо кун, - гуфт.

Ҳарду баъди ҳаммоми гарм сабук ва бо офият ба сӯи ошхона мерафтанд, ки хонуми хушлибосе дар сари роҳашон сабз шуд. Ончунон зебо буд, ки гӯё нaққош ҳар хати чеҳраашро бо ишқ наққошӣ кардааст. Абрувони баланд, чашмони хумории оҳумонанд, пусти чун шир сафед, гесувони чун шаб сиёҳ, лабҳои чун ғунчаи нимшукуфта ва дандонҳои чун шаддаи марҷон дурахшон дошт он зан. Гӯё фариштаи ҳусн аз осмон поён шуда буд. Фаришта мафтуни

ин зебоӣ шуд ва наметавонист нигоҳашро аз чеҳраи ӯ дур кунад. Аммо Малола, ки дасташро дар соиди Фаришта ҳалқа карда аз гармоба то ин ҷо беист ҳарф мезад, якбора дастпоча шуд.

-Салом хонумҷон, -гуфт ӯ бо аҷала ва аз остини Фаришта кашид, ки роҳӣ шавад.

-Явош, куҷо аҷала дорӣ? И хонуми ношинос кист?

-И хонум, хизматгори нав аст, хола Наврӯз гуфт ӯра ба ҳаммом бубарум. Малола аз ҳаяҷон лаб мегазид.

-Хонум забон надора, ки ту ба ҷойи ӯ ҳарф мезанӣ?

-Хонумҷон, и зан як камак хиҷолатист... Хола Наврӯз баретон мега оли..

-Исмат чист? -хонум қотеъона ба Фаришта нигоҳ кард.

-Исмам Фаришта аст, хонуми зебо...

Сифати зебо ба хонуми сабзпӯш форид, ки каме нарм шуд.

-Шеваи гуфторат мисли мо нест, аз кадом қавмӣ?

-Аз Тоҷикистонам, аз Шӯравӣ.

-Аз Шӯравӣ? Хонуми сабзпӯш воқеан шигифтзада шуд. -Шӯравӣ куҷову ин ҷо куҷо! Чи тур ин ҷа омадӣ?

Фаришта ҷавоб надод ва бо хиҷолат ба кафшҳои даридаи худ чашм дӯхт. Хонум ҳам барои посух гирифтан пофишорӣ накард ва рӯ ба Малола овард.

-Ба хола бигӯ кораш дорам. Ӯ бо чодари сабзи шоҳӣ, ки бод онро чун пари товус албонҷ медод, хиромон ба зинаҳои сохтмони дуошёна баланд шуд.

-Роша, роша, Фариштаҷон, аз и мор худа канор бигир, -пичиррос зад Малола ва Фриштаро ба сӯи ошхона тела дод.

Хола Наврӯз ва хизматгорони ошхона бо дидани Фариштаи тару тоза “мошоллоҳ” гуфтанд, вале аз ранги паридаи Малола нигарон шуданд.

-Чӣ шуд? Чаро меларзӣ? - Хола Наврӯз Малоларо ба гӯшае бурд ва тавре суҳбат мекард, ки садояшро кас нашнавад. Фаришта пай бурд, ки он зан эҳтимол ҳамсари оғо

аст ва хизматгорҳо аз ӯ метарсанд. Хола рӯмоли обиашро ба сар карду бе он ки чизе бигӯяд, аз ошхона баромад.

-Хола пеши хонум рафт, - дар гӯши Фаришта пичиррос зад Малола, - Худо оқибатша ба хайр куна.

Аммо хола зуд баргашт ва гӯё чизе нашуда бошад нонҳои сангакиро, ки занҳо аз танӯр меканданд ба ду дастархони алоҳида ҷудо кард, нонҳои солиму хушпухтаро дар як дастархон ва нонҳои нимсӯхтаро дар дастархони дигар.

-Оғо имшаб меҳмон дора, и нонои хуба хонаи оғо бубар, гуфт ба яке аз занҳо ва ниҳоят рӯ ба Фаришта овард, ки аз нороҳатӣ ба гуфтаи Малола "диқ" мекард.

-Мошоллоҳ, бизанум ба тахта, гуфт хола Наврӯз, ки мехост Фариштаро дилбардорӣ кунад, - бо и қаду басту и чеҳраи мақбул чӣ тур бушқоб бишӯӣ?

-Ҳар коре бифармоед, иҷро мекунам холаҷон, - Фаришта аз меҳрубонии хола рӯҳбаланд мешуд. Таваҷҷуҳи хола ба Фаришта танҳо дилсӯзӣ набуд, ин зани зирак, ки солҳо одамони зиёдеро дар ин дарбор пазируфтаву гусел кардааст, шояд ақлу заковат ва покии Фариштаро аз нигоҳи аввал дарк кард. Фаришта зотан одами камгап аст ва дар ин муҳити бегона ҳарфи изофӣ намезад, чашмаш ба сӯи хола Наврӯз буд, ки ӯ чӣ амр мекунад. Хола занҳои маҳмадоноро дӯст намедорад, ӯ мегӯяд:

- Зани афғона нон нате, бугӯ ҳарф бизана, валлоҳ то рӯз хомӯш намеша.

-Либосшӯи ва уту кардана баладӣ? - пурсид ӯ аз Фаришта.

-Бале хола, хуб ҳам мешӯям ва уту ҳам мекунам.

-Оғо доим шикоят мекуна, ки зано пероҳаноша тоза намешӯван ва хуб уту намезанан, и кора ту бигӣ, меган заноi Шӯравӣ покизакоран, ку ҳунарта нишон бите.

-Бошад, холаҷон, ҳар чӣ шумо бигӯед. Либосҳоро бо мошин бишӯям ё бо даст?

-Пероҳанои оғо сайиб куллаш кори дастӣ аст, бо даст бишӯ, муҳраву тукмаҳошо лиф бизан. Эҳтиёт кун, ӯ курта, пачамаҳош, тумбанош бисёр гарон астан.

-Чашм, кӯшиш мекунам.

Хизматгорҳои дигар, ки аз соати пайдо шудани Фаришта дар ошхона ҳар қадами ӯро назорат мекарданд, ба якдигар чашмак мезаданд ва ба лаҳҷаи Фаришта механдиданд.

Либосҳои Гулоғо монанди ороишоти хонааш ним шарқиву ним аврпупоиянд. Пероҳанҳои аврпуоияш моли Фаронсаву Итолиё ва либосҳои суннатиаш моли Покистону Аморати Аараб. Чӣ қадар худашро дӯст медоштаст ин мардак! Як куртаро як рӯз мепӯшад! Либосҳояш ҳатто оби аввалро тира намекунанд. Шояд хизматгорҳо ҳам ин одати ӯро медонистанд, ки пероҳанҳояшро бо як об мешустанд.

Либосҳои оғоро Шопур ҳар рӯз дар халтаи сафед меовард ва таъкид мекард, ки вақти хушк кардан рӯи пероҳанҳоро бо дока пӯшонад, то гард нагиранд. Колоҳои оғоро бо собуни махсус мешӯстанд, ки бӯи атр мекард ва ҳар гоҳ Фаришта баъди ҷомашӯӣ ба ошхона бармегашт занҳо мегуфтанд, ки ӯ бӯи оғоро бо худ овард.

Фаришта корашро балад буд, ӯ либосҳои сафедро алоҳида дар тағора тар мекард ва шалворҳоро дар тағораи дигар. Тумбонҳои зарҳалкорро бо эҳтиёт каф мезад, то мабодо нигине аз онҳо канда нашавад. Як ҳафта аз шуғли наваш гузашта буд, ки рӯзе вақте шалворҳоро каф мезад, якеаш дар назараш вазнин намуд ва ӯ даст ба ҷайби шалвор бурд. Як даста пули хориҷӣ буд ва як ангуштарини бузург, ки нигинаш дар офтоб ба сад ранг ҷило медод. Ӯ шалворро ба замин гузошту бо аҷала аз ҷой баланд шуд, метарсид, ки мабодо ба ӯ баргумон шаванд. Аз хонаи либосшӯӣ берун рафт то хола Наврӯзро пайдо кунад, аммо чашмаш ба Шопур афтод, ки дами дар бо касе суҳбат мекард.

-Оғо Шопур сайиб, - надими оғоро нидо кард ва ҳамзамон бо дасташ ишора кард, ки зудтар биёяд.

-Хайру хайрият аст хонум? Чӣ шуда?

Фариштa, ки ранг дар рӯ надошт, дасташро аз зери бағалаш берун овард ва пулу ангуштариро ба Шопур дароз кард.

-Инҳо дар шалвори оға буданд, мабодо гум нашаванд, лутфан инро ба оға бирасонед.

Надим тааҷҷуб кард, гоҳ ба бастаи пул нигарист, гоҳ ба Фаришта.

-Оға фаромушхотир шуда, бисёр пайса гум мекуна. Хизматгорои дига пайсаҳоша дар ҷайби худ мезаданд. Ту чиро и кора накадӣ?

-Магар мешавад? Ин моли каси дигар аст, молаш ба худаш насиб кунад, - гуфт Фаришта ва андешае барқвор аз зеҳнаш гузашт, ки шояд бо бастаи пул ва ангуштарӣ онҳо мехостан садоқати ӯро имтиҳон кунанд. Аммо чашмони пур аз миннатдорӣ ва эҳтироми Шопурро диду шод шуд.

-Боракалло хонум, дасту дилат пок буда, и пайсаву ангуштар барои оғои мо муҳим нест, аммо барои ту муҳим буд, тура барои мо хубтар ошно кард. Ма ира ҳатман ба оға мегӯм.

-Ташаккур оға Шопур сайиб. Надими оға баланд хандид.

-Ма ку оға нестум, Шопур сайиб бугӯ, кофӣ аст.

-Бошад, Шопур сайиб, - гуфт Фаришта, ки аз хиҷолат ба гунаҳои рангпаридааш сурхӣ дамид. Фаришта саҳар ҳавлии бузургро дар ҳамдастӣ бо Малола ҷорӯб мезад, сипас либосҳои оғоро, рахти хобашро, дастмолу хилъатҳои ҳаммомравиашро мешусту уту мезад ва то хушк шудани либосҳо ба занҳои ошхона кӯмак мекард. Оға зоҳиран аз кори ӯ шикоят надошт. Хола Наврӯз чун кӯҳ дар пушташ буд ва занҳои дигар низ бо ӯ муомилаи хуб доштанд. Оҳиставу ба тадриҷ ба муҳити ин хонавода одат мекард. Хонумҳои оға зиёд ба ошхона сар намезаданд, онҳо ҳар яке дар хонаҳои худ ошхонаҳои замонавӣ ва ошпази махсус доранд, аммо гоҳо ҳангоми ба ҷойе рафтан бо либосҳои муҷаллал ва зару зевари

аз ҳад беш аз паҳлӯи хизматгорҳо, ки чашмонаш аз дидани ин ҳама тилову алмос хира мешавад, бо виқор мегузаранд.

Таббохони ошхонаи бузург барои оғову меҳмонҳояш, муҳофизонаш, кормандони фермаву саисхонааш ғизо омода мекунанд.

Тӯли ду моҳи зиндагӣ дар ин хонадон Фаришта Гулоғоро танҳо ду дафъа дид, - бори аввал шабе, ки қочоқбарҳо ӯро ба ивази қарзашон ба ин ин оғо бахшиданд ва бори дувум як саҳари барвақт, вақте ҳавлӣ ҷорӯб мезад. Хиш-хиши ҷорӯб ӯро ба ёди хонаи падараш мебурд, ба ёди чеҳраи маъсуми модараш, хоҳарони зебояш, долу дарахти барояш азиз. “Мешуда бошад рӯзе, ки рӯзе дубора ба дидори онҳо бирасам”- мегуфт пеши худ ва шодии он дидорро тасаввур мекард. Ҳеҷ гумон намекард, ки рӯзе ҳасрати хонаи падарро мехӯрад.

-Ту кӣ астӣ? - пурсид садои мардонае. Ин овоз дар оромии субҳидам мисли тундар садо дод ва Фаришта монанди моргазидае, ки аз ресмони ало метарсад, нохудогоҳ даст ба чоки гиребонаш бурд ва хост ба тарафи ошхона фирор кунад.

-Натарс, ин ҷо каси бегона нест, -гуфт соҳиби овоз ва Фаришта баргашту дар рӯ ба рӯяш Гулоғоро дид. Оғо дар тан тунбону камзули норинҷӣ дошт ва ба мӯяш он қадар жел молида буд, ки гӯё, як бушкаи руғанро ба сараш рехтааст. Фаришта чеҳраи ин мардро, ки рӯз то бегоҳ исмашро сад бор аз даҳони ходиму надим мешунавад, бори аввал аз фосилаи наздик медид. Бар хилофи мардҳои сиёҳчурдаи серпашму пайвастаабрӯ, ки аз хонаи Рӯгул то ин ҷо дидааст, оғо як марди сафедпӯсти хушқиёфа буд. Қомати аз миёна баландтар, лабу даҳони нозук риши кӯтоҳу чашмони қаҳваӣ дошт ва бо ин зоҳири латифу зариф бештар шабеҳи занҳо буд.

-Исмат чӣ аст? - оғо чашмонашро нимпӯш кард ва ба зеҳнаш фишор овард, то ба хотир биёрад, ки ин занро дар

куҷо дидаст.

Фаришта зуд ҷавоб надод, ҳанӯз ҳам аз тарс меларзид. Тарс аз қочоқбарони одамробо дар мағз мағзи ҷонаш нишаста буд.

-Исмам Фаришта аст.

-Ҳамоне нестӣ, ки Ғуломрасул овард... Хонуми тоҷикӣ?

-Бале оғо...

-Чӣ тур астӣ? Касе тура азият намекуна?- оғо гӯё тараҳҳум нишон дод.

-Не оғо... ҳама чӣ хуб аст... муташакирам, - садои Фаришта он ғадар ғаму андуҳ дошт, ки оғо наметавонист дурӯғ будани ин миннатдориро дарк накунад.

-Ростӣ, достонта як рӯз ба ма бигӯ, бояд ҳайратангез боша.

Фаришта ҷавоб надод. “Серро чӣ парвои гурусна! Ту чӣ медонӣ ман чӣ мекашам!”

-Агар коре доштӣ ё мушкиле пеш омад ба ма бигӯ, хиҷолат накаш, иҷара мисли хонаи худут бидон.

-Ташаккур оғо...

Оғо аз камгапии Фаришта дилгир шуд, ё шояд ҳам аҷала дошт, ки дигар ҳарфе назад ва ба сӯи дарвоза қадам бардошт.

“Рӯят сиёҳ, агар ин қадар дилсӯз мебудӣ, мегуфтӣ, ки нороҳат набош, туро то марз мебарам ва ба дасти соҳибонат месупорам. Хола Наврӯз медонад, ки чӣ мегӯяд. Ӯ мегуфт:

- Фиреби чеҳраи латифи оғоро нахӯред, ӯ рӯбоҳи маккорест, ки одама ташна лаби чашма мебара ва ташна删 бармегардона.

Фаришта аз ошхонаи Гулоғо, ки “хабаргузорӣ”-ро мемонад, дар бораи хонаводаи ӯ достонҳои зиёде шунид. Занҳои ошпазу нонпаз ва канизҳои тамизкор ҳамагӣ ташнаи ғайбат буданд ва дар симои Фаришта мухотаби нав ёфтанд, ки ҳарфи якдигарро бурида дар бораи аҳли хонавода дона-дона достон мегуфтанд ва то хола Наврӯз «чуп!» -яъне даматонро бигиред, нагӯяд, онҳо ҳарф мезаданду ҳарф

мезаданд.

Бисёри онҳо аҳли деҳоти атрофанд ва шабона ба хонаҳои худ бармегарданд. Ин ҷо танҳо духтарҳои ҷавон мемонанд, ки хонаводаҳояшон онҳоро дар ивази қарзҳои нопардохта ба Гулоғо бахшиданд. Оғо ба ин духтарҳо коре надорад, ҳатто онҳоро намешиносад.

Занҳо аз саҳар мерӯбанду мешӯянду мепазанд ва хирман-хирман либос уту мекунанд. Масъулияти нигоҳубини муҳофизони оғо, ки дар хонаи якошоёнаи назди дарвоза пойгоҳ доштанд, бар дӯши занҳо буд ва саисхонаву фермаи молпарварии оғо низ аз ҳамин ошхона ғизо мебурд.

Занҳои деҳотӣ духтарҳои ноболиғи худро, ки баъзе барвақт бева шудаанд, бо худ ба хонаи оғо меоранд, то шикамсерӣ ғизо бихӯранд ва ҳам ба модарҳои худ кумак кунанд. Фариштa бори аввал духтари дувоздаҳсолаи бордорро дар ҳамин хона диду шок шуд. Аввал хаёл кард, ки мариз асту дамиш овардааст. Аммо вақте фаҳмид, ки ин наврас соле пеш издивоҷ кардаву ду моҳ баъд бача ба дунё меорад, ҳуш аз сараш парид. Баъдҳо чашмаш ба дидани наврасҳои бордор, ки ба пиракиҳо издивоҷ карда, барвақт бева мондаанд, одат кард. Фаришта аз ин муттаҳайир мешуд, ки модарҳо дар ҳузури духтарҳои ноболиғ ғайбат мекунанду ҳатто ҳарфҳои маҳрамона мезананд ва кӯдакҳо низ ба суҳбати калонсолон ҳамроҳ шуда, баъзан модарҳои худро ислоҳ мекунанд, ки “модар, иҷойи ҳодисаро нодуруст қисса кадӣ”. Ин духтаракҳо чунон пухтаву доно буданд, ки Фариштаро лаби чашма ташна мебурданду меоварданд.

Занҳои ошпазхона ҳама ошиқи Гулоғо буданд, дар барои ӯ ҳарф мезаданду оби даҳонашон мерафт. Духтарҳои муқими хонаи оғо дар орзуе буданд, ки боре онҳоро ба хилвати худ бихонад ё ба онҳо нигоҳе кунад. Мегуфтанд, ки Гулоғо сарватмантарин марди минтақа аст, вале бо ин ҳама ҷалолу ҷабаррут ба зан мардум чандон таваҷҷуҳ надорад. Синну солашро касе намедонад. Хола Наврӯз мегӯяд:

- Ма сӣ сол доштум, ки да иҷа ба кор омадум, ӯ сол оғо уштук буд.

Хола ҳоло 75-сола аст, пас синни он “уштук” бояд аз чиҳил гузашта бошад. Ин ҷо касе соли таваллуди худро намедонад, кампири ҳафтодсола даъво мекунад, ки панҷоҳ сол дорад ва зани сисола мегӯяд, ки “валлоҳ, 18 солам аст.” Вақте Фаришта синни воқеии худро ба занҳо гуфт, хонуми Марзия, зане, ки аз деҳа барои кор ба хонаи оғо меояд, бо оҳанги ҷиддӣ гуфт:

- Фариштаҷон чиро синну солта ба ҳама мегӣ, бугӯ, бист сол дорӣ, ҳама боваруш меша.

Вале оғо воқеан аз синну солаш ҷавонтар менамояд, шояд ба ин далел, ки ӯ аз пусту мӯи худ бисёр муроқибат мекунад ва баста-баста крему гулобҳои шифоӣ мехарад.

Ӯ шефтаи хусни худаш аст, ҳеҷ хонае дар ин сохтмон ба андозаи хонаи ӯ оинаи бисёр надорад ва ҳеҷ зане аз зоҳири худ ба андозаи ӯ муроқибат намекунад. Мегӯянд дар кадом донишгоҳи Ҳиндустон таҳсил кардааст, аз ҳуҷрааш ҳамеша садои мусиқии ҳиндӣ ба гӯш мерасад ва худаш низ монанди ҳунармандони филмҳои ҳиндӣ либос мепӯшад, монанди онҳо роҳ меравад, монанди онҳо риш мемонад ва мӯйҳои фирфирии чун қатрон сиёҳаш низ нусхае аз кадом бозигарӣ ҳиндӣ аст. Зоҳири ӯ ба ҳеҷ ваҷҳ ба як тоҷири муваффақ, ки мероси аз падар мондаро дар як замони кӯтоҳ чанд баробар афзун кардааст, мувофиқат намекунад. Аз он чӣ Фаришта шунид, оғо дар Майдоншаҳр даҳҳо дукону фурӯшгоҳ дорад, як пояш дар Дубай асту пойи дигараш дар Бомбей, ба домдорӣ ва тавлиди маҳсулоти ширӣ машғул аст, заминҳои бузурги кишти полизӣ дорад ва маҳсулоти атторӣ ҳам тавлид мекунад.

Аммо айёш асту атрофаш пур аз мардуми сарсарӣ, ки меоянду меравand, ҳамнишини доимӣ надорад. Ӯ бо рафиқонаш баъзе шабҳоро бо нӯшонӯшиву қалёнкашӣ ва рақсу суруд ба саҳар мерасонад. Панҷараҳои боз дуди ғализи

нашъаву тарёкро ба берун тела медиҳанд ва ҷавонакҳои навхат аз саисхонаи оғо дар пушти панҷара дӯди нашъаи арзонро мешаманд. Шопур ин нағмаҳои хоҷаашро хуш надорад ва шабҳои меҳмондорӣ дуртар аз дуду тафт бо ахмҳои гирифта рӯи ҳавлӣ қадам мезанад, вале ҳар лаҳза нидои “Шопур куҷостӣ”? - ро шунида, бо шиками дамида аз зинаҳои меҳмонхонаи оғо боло мехазад.

Гоҳо ба ин базмҳо писарони зансуратро даъват мекунанд, ки дар тан пероҳани занона доранд ва дар гӯшу гардан зару зевар. Бо чашмҳои сурмасо ва гунаҳои гулобӣ шабеҳи духтаронанд, танҳо муйҳои кӯтоҳашон писар будани онҳоро ошкор мекунад. Наврасони духтарсурат то субҳ сумбак мезананду синаҳои сохтаи худро меларзонанд ва меҳмонҳои шаҳватхоҳ аз шавқ ғирев мекашанд ва аз сари ин писаракҳо танга меафшонанд.

Дар чунин шабҳо хизматгорҳо чашм ба тирезаи хонаи оғо базми бепул тамошо мекунанд.

Гулоғо чаҳор дафъа издивоҷ кардааст ва ҳамаи занҳояш дар ҳамин сохтмон басар мебаранд. Бо се ҳамсари қадимиаш аслан сару кораш нест, аммо ба хонаи зани хурдӣ гоҳ-гоҳ сар мезанад.

Жило, зани бузурги Гулоғо ва хеши дури хола Наврӯз, як хонуми чиҳилсолаи болобаландест, ки аз пушт сарви равонро мемонад, аммо аз пеш як ҳайкали дар оташ сӯхтаро. Шояд замоне зани зебое буд, аммо акнун аз лоғарӣ пуст дар устухон дорад ва ҳусни азалияш об шуда, танҳо сояи он чун ниқоби тира дар устухонҳои барҷастаи чеҳрааш часпидааст. Духтарамуи оғо аст, оғо ӯро дар пуштораш бузург кардааст. Мегӯянд, ки Гулоғо маҷнуни Жило буд ва аз сар то пояш тилло мерехт, ӯро ба ҳар мамлакате, ки дилаш мехост ба сайру тамошо мебурд. Аммо баъд ишқи онҳо сӯхту хокистар шуд ва ҳарду аз якдигар хаставу дур. Жило дар ин хона ба касе кор надорад, на ҳукм меронад ва на талаби хизматгузорӣ дорад, мисли иҷоранишин аст. Гоҳ аз ҳуҷрааш берун меояд

ва ба канизу хизматгорҳо меҳрубонона салом медиҳад, ҳолпурсӣ мекунад, гоҳи дигар бо мӯйҳои парешон ва як бари рӯсариаш ба қадаш овезон, аз паҳлӯи онҳо чун “арвоҳ” бесадо мегузарад ва касеро намебинад. Хола Наврӯз чизе намегӯяд, аммо хизматгорҳо миш-миш мекунанд, ки хонум тарёкӣ аст. Ӯ барои Гулоғо чаҳор фарзанд, се духтару як писар ба дунё овард, духтарҳояш баъди издивоҷ дар Дубаю Амрикову Конодо зиндагӣ мекунанд, аз фарзандҳо танҳо писараш Амир ба тиҷорат шавқ дорад ва дастёри падар шудааст. Фарзандони Жило қайсару густоханд ва бар сари падар нуфуз доранд. Ин аст, ки оғо ба ҳамсараш кордор нест ва касе ёд надорад, ки ӯ бори охир кай дари ҳуҷраи Жилоро боз карда буд. Аз чаҳор ҳамсари гузаштаву ҳозираи оғо беозортарин ҳамин Жило аст. Бо Фаришта меҳрубон аст, шояд Хола Нарӯз ба ӯ чизе гуфтааст, ки рӯзе барои барои Фаришта як даста либоси наву кӯҳна фиристод.

Исми ҳамсари дуюми оғо Маҳваш аст, аммо бо чеҳраи дурушти пур аз доғ ва гавдаи чун бахмут бузург, на аз моҳ бӯе бурдааст, на аз ваш рӯе. Ӯ шабеҳи ҳайкали нимсохтаи кунҷи устохонаи муҷассамасоз аст дағал, берӯҳ, носуфта ва пур аз чуқуру пастӣ. Маҳваши зиштрӯ аз хонаводаи бонуфӯзи пулдор аст ва ҳарчанд овозаи зиштрӯияш ба қову қавсар расида буд, падари оғо ӯро ба нишони оштии қавмӣ, аз ночорӣ ба никоҳи писараш даровард. Ҳафт шабу ҳафт рӯз тӯй доданд ва арӯсро бо корвони мошинҳои шик ба қасри оғо оварданд. Мегӯянд, ки шаби ақд оғоро бо чӯбдаст ба ҳуҷраи арӯс бурданд ва то саҳар дар дами дар посбон гузоштанд, ки мабодо нагурезад. Хола Наврӯз мегӯяд, ки дили мӯйсафед ба писараш месӯхт, Маҳвашро медиду гиребони тавба мегирифт, аммо аз қабилаи ӯ метарсид ва ҳар бор назорат мекард, ки бистари хонум сард намонад ва адолати хуфту хоб риоя шавад. Оғо бо дили нохоҳам ба ҳуҷраи ҳамсари дуввумаш мерафт, вале баробари по гузоштан ба остона чароғҳоро хомӯш мекард. Дилсардии оғо сабаб шуд ё иллати

дигар, ки хонум безурёт баромад. Саранҷом, оғо илоҷи раҳоӣ аз ҳамхобагӣ бо Маҳвашро ёфт ва ӯро бо тавофи секаратаи хонаи Каъба хунсо кард.

Маҳваш се дафъа ба зиёрати хонаи Худо рафту унвони “ҳоҷибону”-ро гирифт ва акнун бо ҳамсараш аз пушти парда ҳарф мезанад. Оғо ҳам бо давр задани ҳуҷраи Маҳваш, роҳат бо зани ҷавонаш хилват мекунад.

Оне, ки дар ин ҳавлии бузург куртаро бо эзор ҷанг меандозад ва аз ҳеҷ берӯӣ ибо намекунад, Зарандуд - зани сеюми Гулоғо аст. Ҳамоне, ки Фариштa дар роҳи гармоба ӯро дида буд. Дар ҳусну малоҳат моҳро мемонад, қоматбаланд, камонабрӯ, пистадаҳон, аммо дар дасисаву дом гузоштан бар дигарон, касе бар пояаш намерасад. Оғоро бо зердастонаш ҷанг меандозад, хизматгорҳоро бо ҳамсарони пешини оғо, аз як ҳодисаи кӯчак хабари бузург месозад ва агар хабаре набошад, аз пеши худ хабар мебофад. Забони ширин дорад, шабеҳи мор аст, мисли мор беовоз пайдо мешавад, бо ноз ҳарф мезанад ва чун мор печутоб мехӯрад. Зарандуд монанди ҳамсарони дигари оғо ашрофзода нест, пушту паноҳи мустаҳкам низ надорад, хоҳари дӯсти донишгоҳии Гулоғо аст. Падари оғо баъди издивоҷи писараш бо Маҳваши девсурат, ба хотири соф кардани гуноҳи худ, ба издивоҷи писараш бо духтаре, ки ба ҷуз ҳусн дороии дигаре надошт, иҷоза дод. Зарандуд торҳои нозуки қалби оғоро хуб омӯхт ва ӯро хеле дар нуги ангушт бозӣ доронд. Агар як хона одам ба як овоз мегуфт, ки Зарандуд шайтони дасисабоз аст, оғо бовар намекард.

Зарандуд аз оғо як духтари панҷсолаи маъюби модарзод дорад, ки гоҳо фиғони нимашабиаш мӯйро дар тани бошандагони қаср рост мекунад. Ҳамин кӯдак сабаб шуд ё дар воқеъ ишқи оғо ба занҳояш соату замони оғозу анҷом дорад, ки ин зани зебо низ аз даҳон афтид. Азбаскӣ ҷойгоҳи мустаҳкам надорад ва агар оғо бихоҳад дар як лаҳза пояшро аз ин хона меканад, ғайбату дасисаву шӯрандозӣ ва ҷалби

таваҷҷуҳи мардум ба шӯру ғавғоро замонати бақояш дар ин хонадон медонад. Хола Наврӯз мегӯяд:

- Ага ҷанги сеюми ҷаҳонӣ сар шуд, будонен, ки кори дасти Зарандуд аст.

Занҳои хизматгор он қадар аз оға наметарсанд, ки аз Зарандуд ибо мекунанд. Мегӯянд, Шакило, ҳамон духтари хизматгорро, ки рӯяшро бо шоли сиёҳ мепушонад ва танҳо чашмони зебояш менамояд, Зарандуд ба ин рӯз гирифтор шуд. Якчанд сол пеш, дуруст замоне, ки Зарандуд ҳамсари дӯстдоштаи оға буд, хонаводааш Шакилои наврасро ба ивази қарзи нопардохта ба оға бахшид. Ҳузури ин духтараки ноз, ки пусти тираи махмалин ва чашмони чун оҳӯи рамида дошт, хоби Зарандудро ҳаром кард ва ҳамон моҳҳо буд, ки касе нимашабӣ ба рӯи Шакило осид пошид ва фиғони ӯ сохтмонро такон дод. Пӯсти рӯи духтар дар пеши назари ҳама об шуду ба пероҳанаш рехт ва танҳо гушти сурх боқӣ монд. Ҳама медонист, ки ин кори Зарандуд аст, аммо касе аз тарс садо баланд накард, ҳатто хола Наврӯз. Зарандуди морсурат ва морсиришт ваҳмро дар дили мурдуми қаср ҷо карда буд.

Аз ин чаҳор зан, ҳамсари воқеъии оға Нағмаи 17-сола аст, ки соати тамомшавии муҳаббати оға ба ӯ то ҳол тик-тик накардааст. Қадаш баробари қади оға аст, пӯсти сафеду чашмони танги обӣ дорад ва ранги кабуд дар ин чашмони танг ҳусни ӯро ғайриоддиву ҷаззоб ҷилва медиҳад.

Хоҳарзодаи кадом қумандони номии Ҳазораҷот аст ва андозаи манзалати худро дар ин хонадон медонад. Оға ӯро гоҳ-гоҳ ҳамроҳи худ ба меҳмонӣ мебарад ва занҳо ҳама ба тамошояш мебароянд, то алмосҳояшро ҳисоб кунанд. Бӯи атраш ҳавлиро пур ва Зарандудро девона мекунад. Аммо оға аз ин зани ҷавон низ шабҳо ҷудо мехобад, ӯ гоҳ-гоҳ рӯзона ба ҳуҷраи Нағма сар мезанад.

Тасаввури хизматгорҳо, ки оға алоқаи каме ба занҳо дорад, эҳтимол асос дорад. Нағма ҳам арӯси сӯхта кабоб нест

ва хилвати шавҳарашро танҳо барои холӣ кардани ҷайбҳои ӯ дӯст медорад. Дурӯғ аст ё рост, баъзе занҳо миш-миш мекунанд, ки Нағма аз Амир - писари бузурги оғо хушаш меояд. Шояд дурӯғ бошад, ё шояд ҳам рост, дар ин хонадон ҳар иттифоқе имконпазир аст.

Фаришта худро аз занҳои оғо карнор мегирад, дар ҳавли бесадо роҳ меравад ва сайъ мекунад ба чашми онҳо нанамояд. Аммо ҳайҳот! Дар ин ҷо ҳам аз бало эмин намонд.

Фаришта ҳадафи хашми Маҳваш қарор гирифт ва нафаре, ки Маҳвашро ба ӯ шӯронд, "коко", ё амаки Гулоғо буд.

Ҳашматулло, "коко"-и Гул-оғо, як марди занмурдаи тахминан ҳаштодсола аст, аммо исрор меварзад, ки баҳории имсол ба шаст қадам гузошт. Осори пириро дар ришу абрувонаш бо ҳино мепӯшонад ва мӯйрагҳои дар рухсораҳояш тури сурх танида, чеҳраашро бо ришу абрӯвонаш ҳамранг мекунанд.

Чашмони чуқур дорад, ангор, дар мағзи сараш фурӯ рафтаанд ва аз сурмаи барзиёдӣ дар зери абрувони сурхаш чун ду ҳалқаи сиёҳи берӯҳ метобанд. Бо салобат роҳ меравад ва носеҳона ҳарф мезанад. Вақте роҳ меравад, почаҳои шалвори васеъаш заминро мерӯбанд ва як гӯшаи дастори рахдораш чун тоҷи хурӯс дар теппаи сараш алвонҷ мехӯрад. Ба ғайр аз оғову писараш ва Шопур аз мардҳо фақат ҳамин коко ҳақи вуруд ба қисмати занонаи ҳавлиро дорад ва ҳар вақт дилаш хост бе сулфаву "ё оллоҳ" ҳозир мешавад.

Аз рӯи нақли занҳои ошхона, Ҳашматулло се ҳамсар дошт, вале чашмаш ҳамеша ба сӯи занҳои бегона буд, ҳасрат мекард, ки аз дасти ин занҳои ҳар сол обистан, умре бистари гармро надидаст.

Хола Наврӯз мегӯяд, ки коко дар гузашта ягон-ягон ба ҳавлии занҳо сар мезад, рахтҳои чиркинашро меовард ё ягон ғизо фармоиш медод, аммо ҳафтаҳои ахир "визитҳояш" рӯздармиён шуданд. Хола тавре ба Фаришта нигоҳ кард, ки

гӯё манзуре дошт.

Коко бо Фариштa меҳрубон буд.

- Мо авғоно мардуми ғарибнавозем, то вахте ма зиндаюм иҷа тура касе озор намета, -мегуфт.

Бо ӯ суҳбат мекард, ҳолу аҳвол мепурсид, сураҳои намозро барояш тафсир мекард ва "ту хувари қуръонии манӣ"- мегуфт.

- Ма да Шӯравӣ будум, мамлакати бой аст, тартибу низом дора, занош қашанган, мисли худут, бо мо дастакӣ салом мекадан"- мегуфт. Ҳар бор меомаду "и хувари қуръонии ман куҷоста" мегуфту бо нигоҳи чашмони берӯҳаш Фариштаро меҷуст. Духтар ҳам ба эҳтироми ӯ корашро канор мегузошту ба истиқболаш мешитофт. "Чӣ ҳол дорӣ хувари қанд?, мегуфт пиракӣ ва дудаста бо Фариштa салом мекард, дастҳои ӯро дар кафҳои паҷмурдааш мефишурду чашмони дар сурма ғутидааш хуморӣ мешуданд, тунд тунд нафас мекашид ва баъд "буру ай пайи корат шу", мегуфт ва тарафи ҳоҷатхона медавид. Фариштa хаёл мекард, ки масонаи мӯйсафед мушкил дорад.

Ин ҳол як моҳ давом кард ва билохира рӯзе хола Наврӯз ба Фариштa фаҳмонд, ки дигар ба ин пиракӣ даст надиҳад.

-Намедонум дар шӯравӣ чӣ тур аст, аммо дар мамлакати мо зано ба мардо даст наметан.

-Чаро? Чӣ ишкол дорад? Ӯ барои ман монанди як падар аст.

-Бача нашу, духтар, ин пираки дасти тура мегира ва таҳрик меша, ҳоҷатхона медава ки худша холӣ куна, ту да куҷо бузург шудӣ, ки ақлат и чизора намегира?

Фариштa аз суханони хола Наврӯз моту маҳбут шуд. Дилаш шӯрид, худро базур то ташноб расонд ва он чӣ саҳар хурда буд, берун овард.

Ба ёд овард, ки коко ҳафтае се дафъа пайдо мешавад ва агар ӯро дар рӯи ҳавлӣ набинад сабраш сар меояд ва бетоқатона ба ошхонаву ганҷурхона сар мезанад. Фариштa

ин рафтори мӯйсафедро дилбастагии падарона мепиндошт ва ба ӯ эҳтиром дошт.

-Охир чӣ тавр мумкин аст? Коко Қуръон мехонад, маро хоҳар мегӯяд, наход чунин русвоиро ба худ раво бубинад?-гуфт ӯ бо садои гиряолӯд.

-Мӯйсафед зан мекова, оли мегӯм, бо хотирхот меша, ҳушор бош, сари роҳуш пайдо наша, -гуфт хола Нарӯз, ки бо чашмона нимпӯш лахчаҳои сӯзонро бо ловшӯр аз зери деги палов берун мекашид.

Коко баъди се рӯз боз пайдо шуд. Фаришта омадани кокоро диду худро ба кунҷи ошхона зад.

-И хувари қуръонии мо куҷоста? - Коко чашмони фурӯрафташро нимапӯш карда, хаму рост мешуд ва аз дари бози ошхона суроби Фариштаро меҷуст.

-Фаришта намоз мехона, коко. Хола Наврӯз пушт ба коко ин ҳарфҳоро гуфт ва зери лаб ӯро дашном дод.

-Намоз мехона? Пешин гузашта, то аср оли вақт аст, читу намоз мехона?

-Кораш бисер буд, коко, пешина қазо карда.

Мӯйсафед бо қомати хамида ва китфҳои шикаста аз дари ошхона дур шуду дар лаби суфраи ҳавлӣ нишаст, хеле интизорӣ кашид. Фаришта ғарами либосҳои ношустаро дар кунҷи ҷомашӯӣ гузошта буд ва мехост ҷомашӯи кунад, аммо мӯйсафед азми рафтан надошт.

-Чӣ кор кунам хола? Либосҳоро нашӯям то бегоҳ хушк намешаванд.

-Як каме бош ку, бинем, ин пирсаг чӣ мекуна.

Фаришта дар паҳлӯи хола нишасту зуволаҳои хамири рост кардаи ӯро мухпар зад, аммо нигоҳаш ба дар буд. Дилаш аз коко беҳузур мешуд.

Ҳашматулло нороҳат буду лабу лунҷаш аз нокомӣ овезон. Хеле нишаст, на чой хост на ғизо, баъд оҳиста бархосту бо почаҳои шалвори васеяш заминро руфта аз ҳавлӣ берун рафт.

-Хайрият, ки рафт, -гуфт Фаришта ва бо аҷала ба сари тағораи либосҳои ношуста давид. Коко рӯзи дигар бехабар омад, Фариштаро дар рӯи ҳавлӣ диду хушҳол шуд.

-Э хувари қуръонӣ, диқ кардам барот, куҷо будӣ?- гуфту ҳарду дасташро барои салом дароз кард Фаришта ба ӯ салом дод ва осемасар дастонашро дар пушташ пинҳон кард.

-Коко, ман намоз мехонам, бо марди номаҳрам салом карданам раво нест, бубахшед.. Ҳашматулло нохудогоҳ табассум кард, аммо лабаш аз қаҳру ноилоҷӣ каҷ шуд.

-О и чӣ тур меша, мо тура хувар хондем! Чашмони сурмазадааш аз қаъри сараш берун ҷаҳиданд.

-Ҳар чӣ бошад... мамнӯъ аст.

Ҳашматулло напурсид, ки ин фатворо кӣ додаст, ӯ пушт гардонду азми рафтан кард, аммо чизе ба зеҳнаш расид ва башиддат рӯ ба Фаришта овард, лабонаш меларзиданд, риши ҳинозадааш низ.

-Шумо фоишаҳои шӯравира мардо дар кӯча шалвортона мекашан парво надорен, бо ту бари ма иҷа покдоман шудӣ!- Ҳашматулло ба рӯи Фаришта туф карду рафт.

Фаришта чизе нагуфт, чӣ ҳам мегуфт! Коко амаки Гулоғо аст, ва ҳукмаш дар ин хонадон раво, Фаришта бошад як бардаи зархарид, ки ҳар касу нокас метавонад озораш диҳад ва силие ба сураташ бизанад.

-Пиракии фосид, ту куҷову занҳои покдомани тоҷик куҷо, номи мусалмон бар ту ҳаром! -гуфту аз Насим, ки баҳси Ҳашматулло бо Фариштаро аз назди дари ошхона назора мекард обу собун хост то туфи бадбӯи кокоро аз чеҳрааш бишӯяд.

Бо ҳамин пайи Ҳашматулло аз сохтмони занҳо канда шуд, аммо хола Наврӯз гуфт, ки Фаришта ҳушёр бошад, мӯйсафед хеле қасосгир аст.

Интиқоми коко дер накашид. Рӯзи дигар вақте Фаришта бо хола Наврӯз барои маросими мавлудхонии Маҳваш кулча мепухт, сояи ғафси Маҳваш дар дами ошхона пайдо шуд.

-И духта кийе? - пурсид ӯ бо қаҳр, дар ҳоле, ки аз пӯсти сафеду гардани баланд ва гунаҳои дар оташи танӯр гулгун шудаи Фаришта чашм намеканд. Хола Наврӯз чолокона аз ҷой ҷаҳиду нимтаъзим кард.

-И тифлак як ғарибаст, ира ай Шӯравӣ қочоқ кардан, инами қочоқбаро ба оғо додан.

Бо шунидани калимаи “шӯравӣ” чеҳраи буҷури хонум турш шуд, бинии гӯштиаш, ки аз бузургӣ рӯи чашму лабу даҳон соя меафканд, дам кард ва ожанг дар ҷабини дамидааш ҷӯя кашид.

-Шӯравӣ? О иё кофирастан, намоз намехонан! Ира гум ку ай ошхана, дегу бушқобора ҳаром мекуна! Садои гушхароши зани дуввуми Гулоғо, ки аз даҳони чун ангуштпона танги ӯ берун меомад, Фариштаро тарсонд. Ӯ ноаён ба гӯшаи дури ошхонаи бузург хазид, ки нури чароғ ба онҷо намерасид.

-Боша хонумҷон, боша хонумҷон, нороат нашу хонумҷон, - Хола Наврӯз, ки дар баробари ин зани бузургҷусса мисли арӯсак хурду реза менамуд, чорқат мешуду ӯро ором мекард, то балоеро бар сари Фаришта гардон накунад.

-Куҷоста и кофири шӯравӣ, буру берун, ира ҷош оғилхонае!- оташи ғазаби ҳоҷии секарата ҳеҷ фурӯкаш намекард, оби даҳонаш ба ҳар тараф мепарид ва ғабғаби чун думбаи гӯсфанд овезонаш аз қаҳр меларзид.

-Ту буру хонумҷон, диқ наку, пустат хазон меша, мо амиёли ира бадар мекунем.

-Буру берун, кофари шӯравӣ, иёра куштан савобай!

Хола Наврӯз дигар илоҷ надошт, ки бо дили нохоҳам “Фаришта” садо кард.

Фаришта аз гӯшаи торики ошхона ба рӯшноӣ омад ва бо сари хам ва бо чашмони чун оҳӯи рамида зебояш дар рӯ ба рӯи Маҳваши зиштрӯ қарор гирифт. Хола Наврӯз пушт ба хонум меистод ва бо чашму абру ба Фаришта ишора кард, ки

“ нигарон набош”.

-Кофари падарсаг, буру, ки чашмом тура дига набина! Маҳваш ҷуссаи бузургашро аз дами дар як тараф кашид то мабодо лаби чодараш ба тани Фариштa нарасад.

-Ага я бори дига ира да амиҷо бубинум, ошхонаро кати шумо оташ мезанум, фомиден!? Ҳоҷибону пушти монанди ҷевон бузургашро ба занҳо карду рафт, занҳо акнун ба ғайбати ӯ лаб мекушоданд, ки дубора ҷуссаи баҳмудмонандаш роҳи нурҳои офтобро баст.

-Ҳарчира, ки и кофари шӯравӣ даст зада, бо собун бишуен!

-Боша хонумҷон, ҳар чӣ ту бихой. Хола ба думболи Маҳваш бо аломати “паят канда шавад” бо даҳ панҷааш оф кашид ва “кокои худозада қасосша грифт”- гуфт.

Ҳамон рӯз Шопур Фариштаро ба макони домдорӣ ва саисхона бурд, ки каме дуртар аз хонаи оғо, дар як гӯшаи деҳкада ҷойгир буд. Хола Наврӯз қабл аз ба мошин нишастани Фариштa ӯро бағал карду ашкҳояшро бо лаби остинаш руфт.

-Диқ наку ма тура ба у хона бармегардонум, ама гапа ба оғо қисса мекунм, оли оғо баргарда ҳамаш хуб меша, - гуфт хола.

Фермаи чорвопарварӣ ва галлаи аспҳои давандро як зану шавҳар идора мекарданд, ки ҳафт бача ва ҳафт келин доштанд. Онҳо ё аз қавми барлос буданд ё чағатоӣ. Авлод ба авлод чорводор буданд ва падари оғо солҳо пеш онҳоро бо пайсаи калон аз Мазори Шариф ба ин ҷо овард.

Мӯйсафеду ҳамсараш пир шуданд, ҳоло ҳафт писару ҳафт келин дар як рӯз то сад говро меҷӯшанду ширу қаймоқашро ба дӯконҳо тақсим мекунанд.

Рӯзе, ки Шопур Фариштаро ба ин макон овард, ҳавлӣ хилват буд ва дар пешгоҳи хонаи пастак, ки бештар ганҷурхонаро мемонд, ба ҷуз пиру кампир каси дигаре набуд. Садои маъоси говҳо ва шиъаи аспҳо аз самти шипанги бузург

ба гӯш мерасид, ки дар фосилаи дусадметрии ин хона ҷойгир буд. Ҳавои ин макон бӯи коҳу алафи сабз, саргини гов ва ширу панир медод. Шопур Фариштаро оварду “баротон корманди нав овардум, аз ӯ хуб муроқибат кунен”- гуфту зуд баргашт.

Мӯйсафеди харобаки кӯсариш, ки синнашро аз андоми лоғараш ҳадс задан душвор буд, бо кулоҳи намадии фарсуда ва патуи даври танаш хӯсаи бедастро мемонд. Ӯ аз сар то пойи Фариштаро бо чашмони тангаш омӯхту мисли деги даля ба ҷӯш омад. Ғур-ғур мекарду ба сари занаш метохт аз қаҳр ҷойи нишастан намеёфт. Мӯйсафед аз изофа шудани як зани бегона ба хайли фарзандонаш хушҳол набуд. Ҳамсари мӯйсафед, зани чоқи рафидарӯе будаст, ки бо вуҷуди синни баланд чеҳрааш як ожанг ҳам надошт, “дасти изофӣ ба мо зарар намекна”- гуфту лабханд зад ва ба Фаришта салом дод. Шеваи гуфтораш аз занҳои хонаи оғо фарқ мекард, ҳарфҳоро каш медод. Аз фарбеҳӣ нафасаш мегирифту ними калимаҳо дар ҳалқаш дармемонд. Чашмони тангашро, ангор, бо нӯги теғ боз кардаанд.

Фариштаи хаста аз ин оворагиву саргардониҳои бепоён, бо буғчаи иборат аз ду се пероҳани нимдошт дар саҳни ҳавлӣ гунаҳкорона сар хам карда, ҳарфе барои гуфтан намеёфт.

-Хонумҷон, агар коре бошад, бигӯед иҷро кунам, - гуфт ӯ илтиҷоомез.

-Шитаб наку духта, али барои кару хастагӣ вақти бисярай, буру ҷиҳази худа ҷа ба ҷа ку, як пияла чай бигӣ, баъд бинам, ки чи мекнӣ. Номат чӣ аста?

-Фаришта.

-Ма Алтанхатун нам дарум. Бия, хана дараем, чизата бмон.

Ин суҳбати кӯтоҳ Фариштаро каме ором кард. Ӯ ба думболи Алтанхотун акнун ба сӯи хонаи пастак қадам мебардошт, ки садое хиррие ба гӯшаш расид.

-Пеш биё бинам тура, ғариба, аз куҷо астӣ? – садо аз кадом кунҷи ҳавлӣ баланд мешуд. Фаришта ҳаросон ба атроф нигарист.

-Сайъ ку, уҷара бин, -хотун ба сӯи дарахти бузурге ишора мекард, ки шохаҳои сабзаш мисли ҳайма ба замин мерасиданд, - и овази мадаршӯи ма буд, саду бист солаша, - чашмони танги Алтанхатун аз хандаи самимона дар рӯи рафидамонандаш ду хати борик кашиданд.

Фаришта ба думболи ангушти ишоратии зан ба самти дарахт нигоҳ кард. Зери дарахт, дар тахти хоби андозаи қади бачаи шаш-ҳафтсоласола, кампираке менишаст, ки агар мижа назанад, хаёл мекунӣ ҷасади мумишидаи фиръавни Мисри бостон аст. Андоми аҷибе дошт, ки ҳам ваҳмро дар дил ҷо мекард ва ҳам намешуд аз ӯ чашм канд. Фаришта дар умраш чунин чеҳраи пур аз чину чурукро надида буд, чеҳра набуд, як кавири хокистарии хушкида буд, ки ҳазор сафоли шикаста дошт. Чашмони тангаш дар зери бори пилкҳои овезон базӯр боз мешуданад ва монанди пилтачароғи мурии гармоба нури хирае доштанд. Рагҳои дастони лоғараш чун решаи бараҳнаи як дарахти пир берун ҷаста, пӯсташ низ кайҳо аз гӯшту устухонаш ҷудо зиндагӣ мекард. Дар дастҳои лоғараш хармуҳра ва дар мӯйҳои хокистариаш пари уқоб дошт. Шабеҳи аҷузаҳои афсонавӣ буд.

Ӯ пилкҳои овезонашро басахтӣ бардошту ба Фаришта чашм дӯхт, тавре нигоҳ кард, ки гӯё ӯро мешинохт.

Тахтапушти Фаришта аз тарс ях баст, хаёл кард, ки аҷуза бо нигоҳаш тамоми неруи ӯро мебалъад.

-Парии обӣ, аз рӯдхона берун шудӣ, аҳли ин ҷо нестӣ, дар и мамлакат чӣ мекобӣ?- аҷуза ниҳоят лаб ба сухан во кард. Кампир форсӣ ҳарф мезад ва қариб лаҳҷа надошт.

Ӯ дасти хушкидаашро ба самти офтоббаро баланд кард.

-Решаҳот дар он сӯи Ҷайҳун монда...

Фаришта шабеҳи одаме, ки пояшон дар алафзор ногоҳ ба

тани сарди мор бармехӯрад, нохудогоҳ худо бо шаст ақиб кашид. Дар лабони чуркидаи пиразан лабханди тамасхуромезе зоҳир шуд.

-Аз тақдир ҷойи гурез нест, ғариба...

Пиразан чонаашро ба рӯи зонувони лоғараш гузошт чашмони тангашро пӯшид, пилкҳояш намеларзиданд, гӯё дар як лаҳза ба хоби амиқ рафт.

Фаришта суломез ба Алтанхатун нигоҳ кард. Хотун агушт ба лаб бурд, ки “хомӯш бош”.

-Модаршӯи шумо чӣ мегуфт? Ҳарфҳояш аҷиб буд, - гуфт Фаришта вақте онҳо аз назди кампир дур мешуданд.

-Кампир кати арваҳаи гзаштаи ма гап мизана, мидана чи мега, …илми шомонӣ мидана. Натарс, кампир беозораст.

Фаришта аз лӯлаи лаби ҳота, ки обчакориҳои соҳиби хонаро шодоб мекард, ба рӯяш як панҷа об кашиду ба думболи Алтанхотун ба хона даромад.

Хонаи Алтанхотун ду утоқ бештар надошт ва дасти одам роҳат ба сақфаш мерасид.

-Шопур гуфт, ки шумо ҳафт келин доред, онҳо дар ин хонаи танг чӣ тавр мегунҷанд?

-Келина кати бачаҳам шабана хана меран, пеши бачаҳашан, иҷа ма меманом кати мадаршӯям, Мӯсафеди ма шав дар ферма хав мекна, ки аспара касе надузда.

Ҳуҷрае, ки Алтинхотун Фариштро дар он танҳо гузошт, тозаву озода буд, кӯрпаву болиштҳои тамиз ва фарши нарм дошт.

Соҳибхона то аз кор баргаштани келинҳояш дар як деги бузург обгӯшт пухт ва сипас дар рӯи кати ҳавлӣ суфра боз карду нони таҳдегӣ ва буғурсоқу қаймоқ баровард. Ҳақи писаронашро, ки ҷудо аз занҳояшон дар ферма ғизо мехӯранд, аз ошхонаи бузурги оғо мефиристанд.

Келинҳои Алтанхотун, ки чашмони яке аз дигаре тангтар, чеҳраи яке аз дигаре сурхтар ва гавдаи яке аз дигаре бузургтар буд, вақти наҳор омаданд ва чун лашкари гурснаи

Чингизхон ба суфраи мураттаби Алтанхотун тохтанд. Хонумҳои гавдадоре буданд. Қаду басташон аз якдигар фарқ мекард, аммо дар рангу рӯ нусхаи якдигар буданд, гӯё аз як модар ба дунё омадаанд.

Бузургтарини онҳо 30-35-сола ва ҷавонтаринаш 17-18-сола буд. Сару либосашон аз занҳои афғон фарқ мекард. Дар тан куртаҳои кушоду камзулҳои кӯтоҳи беостин ва дар сар қалпоқҳои шоҳии бораҳояшон пашмӣ доштанд. Гушворҳои сангинашон то китф ва тангаҳои даври гарданашон то сари сина мерасид. Вақте ба дастархон ҳам мешудан тангаву гушворашон ҷаранг-ҷаранг садо мебаровард. Бадқавоқ буданд, гӯё ханда аз гирду гӯшаи лабонашон намегузашт.

Онҳо косаҳои пур аз гӯшту устухонро, ки модаршӯяшон дар лаби кат қатор чида буд, бо аҷала сари даст карда, оби шӯрборо бе қошуқ дам кашиданд ва гӯшту равғанро дар нони тунук лула карда бо иштиҳо гоз гирифтанд. Фариштa аз дирӯз баъди ҷанҷоли Маҳваш иштиҳо надошт ва ҳоло аз гурӯснагӣ оби даҳонашро фурӯ мебурд.

Алтанхотун шиками келинҳояшро сер карду ба қумғони бузургро, ки дар таги деги обгӯшт меҷӯшид, як мушт чойи хушк партофту ба назди келинҳояш гузошт.

Баъди тановули гӯшту рӯған ва чойи доғ чеҳраҳои рафидамонади келинҳо арақшор шуд. Бо дастмоли сафеде, ки модаршӯяшон дар лаби дастархон гузошта буд, бо навбат арақи рӯю гардани худро худро пок карданд, дастмоли сафед то расидан ба дасти нафари охирин мисли латтаи пушти дар қаҳваранг шуд.

Алтанхотун ҳам аз давcurrently хаста шуда, думбаи ғафсашро акнун ба лаби кат гузоштанӣ буд, ки меҳмон ба ёдаш расид.

-Фариштаҷан, биё бо ма биши, ғазо бухӯ, -гуфт ва ба сӯи панҷара даст афшонд.

Бо шунидани номи зани бегона келинҳо мисли оҳувоне, ки аз садои шикастани шохае эҳсоси хатар мекунанд, ҳамзамон ба самти ҳуҷраи хоб тоб хӯрданд.

Фаришта бечуръатона аз хона берун шуду ба занҳо салом дод.

Саломи ӯро касе алек нагирифт, ҳафт ҷуфт чашм аз зери қавоқҳои дамида мисли гург ба барраи навзод нигоҳ мекард.

Алтанхотун келинҳояшро хуб медонистаст, ки зуд ба байн даромад ва гуфт, ки меҳмонро аз ҳавлии оғо фиристоданд.

-Кӣ фиристода? -пурсид ба қаҳр зане, ки синнаш аз дигарҳо бузургтар буд. Алтанхотун посух надод, аммо ҳамсояи дасти рости зан дар гӯши ӯ чизе хонд, ки ӯ якбора дар гирифт.

-Маҳвашхонум ғалат карда! У зани бадқавора хонумои қашанга ай шуҳари худ дур мекуна, баъд пеши шуарои мо узот мекна? Ӯ аз ҷой нимхез шуда мисли саркардаи тазоҳурот дастак мезад ва хонумҳои дигарро таҳрик медод. Шикофҳои бинии кӯтоҳаш ва чашмҳои тангаш то ҳадде, ки зӯрашон мерасид гушод шуданд.

-Бабухан рост мега. И зан чи мекна иҷа? Ира пас бфристен ба хонаи аға!- гуфт келини дигари Алтанхотун, ки аз Бабухон ҷавонтар буд. Занҳо як-як ба нишони эътироз садо баланд мекарданд, ҳавлӣ мисли боғи зоғон шуд. Танҳо як духтари бисёр ҷавон, ки шояд келини хурдии Алтанхотун буд, ба ин даъвоҳо ҳамроҳ нашуд. Фаришта бо ранги парида ва шонаҳои аз ғусса уфтода мисли муттаҳаме, ки дар додгоҳи худсарона мурофиъа мешавад, сар аз замин барнамедошт ва Худо мегуфт, ки келинҳои Алтанхотун ӯро пора накунанд.

Гулӯяш буғз кард, мехост фиғон бикашад, достони ҳузнангези зиндагиашро ба так-таки ин занҳо бигӯяд ва дилҳои сангини онҳоро нарм кунад. Бигӯяд, ки ман як зани бадбахтам ва кирои рашк намекунам, ман бо шумо қобили сабқат нестам. Шумо шабро дар бағали шӯҳои худ рӯз мекунем, ман то бомдод хоби мурданамро мебинам. Дар шарёнҳои шумо хуни зиндае ҷӯш мезанад ва гунаҳои шуморо чун анори расида сурх мекунад, ман бо ранги заҳир

гоҳо садои набзамро намешунавам. Шумо дар сарзаминҳои ишқу осоиш реша давондаед, ман нахли нимҷонам, ки решаамро гум кардаам ва хушкидани тани берешаамро ҳар рӯз бо чашми сар мебинам. Шуморо ба мани бадбахт чӣ кор!

-Мачим и ай кадом авлода, чӣ рақам одама, мо намедонем, амиёли гум шава, брава хонаи оғо, ага и гум нашава мо ай ичҷа мерем ва шӯҳарҳои худа ҳам мебарем!- шарт гузорӣ карданд келинҳои Алтанхотун. Шӯру валвала ва нидоҳои "бале Тингрӣ дуруст мега!" ба ҳаво печид.

-Чуп, каргасҳаи мурдахор! - садои хирии аҷӯза, ки ду қадам дуртар аз занҳо бо сари хам дарунгарой дошт ва пасу пеш такон мехӯрд, мисли чӯбдасти дерижер ин "ансамбл"-и ба шӯромадаро хомӯш кард.

Занҳо мисли барраҳое, ки садои уллоси гургро аз наздик мешунаванд, ҳаросон бо ҳам ҷафс шуда, сарҳои худро ба доманҳояшон хам карданд. Як сари мӯи онҳо намеҷумбид, ангор, на одамони зинда, балки наққошии бари девор буданд.

-Ҳар кӣ бо и ғариба чақа шуд, ба ма тараф меша! - таҳдид кард аҷуза ва оҳиста сар ба сукут рафт.

Муддате дар хомӯшӣ гузашт, баъд занҳо як-як сар бардошта илтиҷоомез ба Алтанхотун нигоҳ карданд.

-Ғазотона хӯрда башен ай пайи кар шавен, - амр дод хотун, ки аз хашми модашӯ ба келинҳо эҳсоси қаноатмандӣ мекард. Занҳо бесадо рафтанд. Хотун зуд ба сари дег давиду барои Фаришта дар як коса обгӯшт овард.

-Бия, бишӣ, Фариштаҷон ғазата бухӯ, -гуфт ӯ бо лаҳне, ки гӯё чизе нашуда бошад.

Фаришта дар рӯ ба рӯи Алтанхатун дар лаби кат нишаст. Баъди ин ҳама фишору шӯру ғавҳо иштиҳо надошт, аммо ба хотири меҳрубониҳои хотун косаи шӯрборо мисли келинҳои ӯ сари даст карду оби шӯрборо дам кашид. Шикамаш холияш гарм шуд. Соҳибхона дар бушқоби калонтар барои худ обгӯшт овард ва ними як фатири калонро дар оби шӯрбо тарит кард. Косаи бузург бо ҳаш-ҳашу фаш-фаши хотун дар

як воҳиди он холӣ шуд.

Фаришта оби шӯрборо ҷуръа-ҷуръа дам мекашид ва ҳайрон буд, ки рӯзгораш бо ин занҳои чи мешавад.

Аз рӯзе, ки он дарёи бузургро убур карду ба ин ғамкада афтид, чанд дафъа худро дар ҳолате дарёфт, ки мурданро беҳтарин роҳи халосӣ аз таҳқиру ҳақорату азиятҳо медид.

Бори аввал, вақте, ки дар хонаи Рӯгул ба ҳуш омад ва фаҳмид, ки дар як моҳ касе ба суроғаш наомадаст. Бори дуввум, дар мошин, вақте, ки мусаллаҳони бадбӯй бо дастони касифашон тани ӯро макруҳ карданд ва баъд чун мол ба Гул-оғо фурӯхтанд. Бори сеюм, вақте, ки Ҳашматулло, он пиракии шаҳватпараст ба рӯяш туф кард ва занҳои ватанашро фоҳиша хонд. Аз ин андешаҳои хатарнок Фариштаро танҳо як шӯълаи кӯчаки умед, ки шояд рӯзе битавонад ба хона баргардад, нигоҳ медошт. Ӯ бо худ аҳд баст, ки новобаста аз ҳар иттифоқ бояд зинда бимонад, ҳама сахтиҳоро таҳаммул кунад ва роҳи бозгаштро биҷӯяд.

-Нигаран нашу, келино дига туда кардар намешан, уво кампира миданан, душманша ҷаду мекна, коре мекна, ки адам аз хав мемана, - гуфт Алтанхатун, ки аз бадрафтории келинҳояш хиҷолат мекашид.

Фаришта ноаён ба аҷуза нигоҳ кард. Ӯ чона рӯи зонувони устухониаш гузошта буд ва аз гулӯяш садое берун мешуд, ки шабеҳи садои худаш набуд.

Алтанхатун, ларзиши дастони Фариштаро диду лабханд зад. "Али адат мекунӣ", - гуфту дар бораи модаршӯяш достони ҷолибе нақл кард.

Аз рӯи нақли хотун, модарарӯсаш аз ҷавонӣ хаёлпардоз буд, бо одамон хӯ намегирифт, ҳафтаҳо дар кӯҳҳои атроф нопадид мешуд ва баъд хаставу лакот ба деҳа бармегашт. Ҳеҷ марде ҳозир нашуд ин духтари хулро ба зани бигирад. Яккаписараш, шавҳари Алтанхотунро дар панҷоҳсолагӣ аз марде зойид, ки ӯро ҳеҷ кас надидаст. Шаби дарди зоймонаш ба кӯҳ рафт ва саҳар бо тафли парпеч баргашт. Кӯдакро

танҳо мегузошту ҳафтаҳо нопадид мешуд, мардум ҳайрон мешуданд, ки рӯзҳои ғайбати модар кӯдак ором мехобид, шикамаш сер буд ва овоз намебаровард.

-Зиндагии и мадаршӯи ма як асрарест, ки ма ӯра худум намедонум, шӯи ма ҳам намефома. Фақат амира меданум, ки адами адӣ неста, баъзан хатарнаке, мара мега буру, гирди ма чарх назан, арваҳара нараҳат наку.

“Хотун афсона мебофад!” - ба худ гуфт Фаришта аммо нишон надод, ки ба ин ҳарфҳо бовар надорад. Алтанхотун бо ҷиддияти том мегуфт, ки вақти гуфтугӯи аҷуза бо гузаштагон, танаш дар кати хоб мемонад, аммо рӯҳаш бо онҳо меравад, ба сайри дунёи дигар. Он рӯзҳо ӯ ғизо намехӯрад, бо садои як марди ҷавон ҳарф мезанад. Рӯҳи он мард, ки шояд аз ҳамқавмҳояш бошад, солҳост дар тани кампир маскан гирифта, ба неру медиҳад ва умрашро дароз мекунад. “Тавба, магар мешавад ба ин афсона бовар кард!?”

-Ҳама фикр мекуна, ки и кампир ай ҷаш буланд намеша, аммо ма мебинам, ура буланд мекунанд, танша мешӯянд, барош ғазо метиян.

“Аҷаб хонаводае, келинҳо мисли аспҳои сарҳуй, модарарӯс як аҷузаи афсонавӣ! Хайрият Алтанхотум одами дуруст будаст!”

-Модаршӯи шумо аз рӯҳи гузаштагонаш чӣ мехоҳад?

-Дар бораи яган мушкил мега, маслаҳат мепурса, ӯ хонадани мара ҳифазат мекуна. Баъд, боз ба худ меая ва бисёр ҳадисаҳора пешгӯӣ мекна.

-Ту ай кампири ма назарс, тура нағз дид, ӯ ага адама нағз дид, то ахир нағз мебина, ганда дид, адама ай хана берун мекна. “Ту гуфтиву ман бовар кардам!”

-Алтанхатун, шумо вазифаи маро мушаххас кунед, ман машғули кор шавам, гов меҷӯшам, ҷурғот мехобонам, либос мешӯям, ғизо мепазам, ҳамаи ин корҳоро хуб баладам, - гуфт Фаришта, ки аз афсонаи аҷуза хаста шуда буд.

-Нигаран набаш духта, кар да и хана бисёра, бо хаста ҳам

мешӣ.

-Келинҳои шумо форсӣ ҳарф мезананд, онҳо мактаб хондаанд?

-Як яа ду сол мадраса рафтан, фарсӣ хондан, баъд издивац кардан. Ахи и келино шабу руз телевизиан мебина, радио мешнава, албат ки забан медана!

-Алтанхотун, шумо телевизиор надоред? Дар хонаи оғо телевизор буд, аммо хизматгорҳо ҳақи тамошо надоштанд...

-На бачем, телевизар гуҷа буд! Ма агар телевизиат тамаша кунем, ҳама кару бар мемана.

Фаришта ҳаминро фаҳмид, ки дар фермаи чорвопарварии оғо масъулияти говдӯшиву ҷамоварии қаймоқ, пухтани панир бар дӯши занҳост. Дар як рӯз то сад модаговро меҷӯшанд. Мардҳо зери пойи говҳоро пок мекунанд ва ба онҳо ғизо медиҳанд, говҳоро ба чарогоҳ мебаранд ва ширу панирро ба мағозаҳо.

-Шояд ман оғилҳоро тоза кунам?- пешниҳод кард Фаришта.

Хотун ба фикр фурӯ рафт, эҳтимол мехост кореро ба Фаришта супорад, ки бо келинҳо ва писаронаш рӯ ба рӯ нашавад ва шарр нахезад.

Ниҳоят гуфт, ки пойҳояш дардманд шудаанд ва басахтӣ роҳ меравад ва беҳтар аст агар Фаришта ҳамин ҷо бимонад ва корҳои хонаро анҷом диҳад.

-Шояд ба назарам намуд, аммо эҳсос кардам, ки омаданаи ман ба мӯйсафеди шумо нафорид...

-Фикри мӯсафеди мара наку, ӯ адами хубай, ай ами ҷанҷала метарсид. Дар қиссаи мӯсафеди ма набаш, ӯ да ҳаму ферма хав мекуна.

Шом шуду Алтанхатун ба ҳуҷрааш даромад ва баъди як дақиқа садои хурросаш ӯ ба осмон печид. Фаришта ҳам сар ба болин гузошт. “Чӣ рӯзи ваҳшатноке буд имрӯз, аз як сӯ эътирози мӯйсафеди хӯсамонанд, аз як сӯ шӯриши арӯсон ва аз сӯи дигар аҷузаи “миёнрави байни ин дунёву он дунё”,

худо оқибати маро дар ин макон ба хайр кунад”- гуфт пеши худ ва чашмони хастаашро оҳиста пӯшид.

Агар садои аҷузаро, ки то саҳар гоҳ чун парранда фарёд мекашид ва гоҳ табл мезаду гоҳ хиррос мекашид, сарфи назар кунем, ба сурати умум шаб ором гузашт.

Фариштa саҳари барвақт аз хоб баданд шуду ҳавлиро ҷорӯб кашид, оташи дегдонро рӯшан кард, дар қумғони чӯянӣ об ҷӯшонд ва дар рӯи кат суфра кушод. Алтанахтун шояд ба шикам хобид, ки дигар хуррак намекашид, мӯйсафедаш гуму гӯр буд. Сукути ин маконро хониши паррандаҳо ва садои кампири девонаавзо мешикаст, ки зонувони лоғарашро чун пойҳои ғӯк ба ду тараф афканда сари урёнашро такон медод ва доира мезаду садоҳои аҷибу ғариб мебаровард.

Фариштa мехост атрофи кати аҷӯзаро ҷоруб занад, вале ду қадам дуртар аз кампир манъ шуду “астағфурулло” гуфт ва даст ба гиребон бурд. Мехост аз ӯ дур шавад. Аммо натавонист, пойҳояш гӯё дар замин сабз шуданд, наметавонист аз ҷой такон бихурад. Эҳсоси тарс гум шуду ҳиссе монанд ба оромиш вуҷудашро фаро мегирифт. Танаш чун пари қӯ сабук ва равонаш аз фишор озод мешуд. Эҳсоси ошно ва гуворое аз гузаштаи дур меомад ва тани ӯро дар ҳарири роҳат мепечонд. Дар он ҳалқа, ки давру бари ӯ шакл мегирифт, на қочоқбар буду на дарё, на Маҳваш буду на Ҳашматулло. Хоҳарони мижгонсиёҳаш буданд, ки бо ҳам “панҷакбозӣ” мекарданд, сарҳои кӯчакашон хаму рост мешуд, арақ мекарданд ва зулфакони печдорашон дар пешониашон мечаспид. Ва модараш буд, ки гесувони дарози Фариштaро шона мезад ва мегуфт, ки “духтари ман ба хироҷи мамлакат меарзад”. Кампири Сокина буд, ки дар айвон барои онҳо кӯрпа медӯхт ва пахтаҳои офтобхӯрдаро бо чӯби душоха бод медод. Фазо пур аз атри ваҷду осоиш буд. Ӯ дар он ҷо эҳсоси хушиву саодат дошт!

Ҳалқаи сархушкунандаро, ки Фариштaро маст карда буд,

овози ваҳмноки Алтанхотун рахна кард.

-Фариштаҷан, ту уҷа чӣ мекинӣ? Зуд қафа бугард!

Фаришта мисли мусофири рафтанӣ аз пушти шонаҳояш ба Алтанхотун нигоҳ карду пушт ба ӯ гардонд.

Алтанхотун бо ҷуссаи сангинаш, ки басахтӣ меҷумбид, мисли тир ба тарафи Фаришта парид ва ӯро кашон ба саҳни ҳавлӣ овард.

-Чара ба мадаршӯи ма наздик шудӣ? Ахи и бари ту хатар дора! Хотун ба рӯи Фаришта як панҷа оби сард, пошид, ҳаш-ҳаш нафас мегирифту шонаҳои Фариштаи хоболӯдро такон медод. Хеле вақт гузашт, Фаришта ниҳоят ба худ омаду бо чашмони аз ҳайрат бузург ба давру бараш назар кард, худро боз дар ҳамон ғамкада диду сар ба шонаҳои паҳни хотун гузошт ва инони гиряро сар дод.

Хотун сари ӯро бо дастони шахшулаш навозиш мекард. Бо ин ҳама бадбахтӣ, Фаришта боз ҳам мавриди лутфи сарнавишт буд, ки инсонҳое мисли Рӯгул, Хола Наврӯз ва Алтанхотун бо ӯ меҳрубон буданд.

-Фариштаҷан, ага мадаршӯи ма ба арваҳа гап мезана ба ӯ наздик нашу, уво тура тарафи худ мекашан, худа канар бигир, фомидӣ?

Фаришта сарашро бо аломати тасдиқ такон дод. Намехост дигар дар он мавзӯъ суҳбат кунад.

-Мехоҳед имрӯз барои келинҳо палови тоҷикӣ бипазам?

-Чира не, бипаз, зано хуш мешан, ува ай авгушти пухтаи ма безар шидан. Хотун Фариштаро ба “ошхона” бурд, ошхона набуд, як чордевории бомаш пур аз роғҳои бузург буд, ки як дегдони лойи ва як танӯри заминии ҷағида дошт. Дуруст монанди ошхонаи Рӯгул. “Бечора Алтанхотун шояд дар фасли зимистон дар ин гузаргоҳи боду борон ғизо пухта, тарбод гирифтааст, ки аз дарди пой шикоят мекунад. Хотун халтаи биринҷу бушкаи рӯған ва як пойи гӯсфанди ҳанӯз хунаш хушкнашударо, ки дар мехи каҷи бари девор овезон буд, ба Фаришта нишон дод.

-Фариштаҷан, иҷаза метӣ пешут бошум, ку бинум таҷико чӣ рақамӣ аш мепазан.

Фаришта оши дегдониро, ки каме бӯи дуд медиҳад, ҳунармандона мепазад. Аммо ҳоло нигарон буд, ки келинҳои пархошгари хотун оши пухтаи ӯро барқасдона таҳрим накунанд.

-Яке оши пухтаи ман ба келинҳо хуш наояд...

-Нигаран набош, ина ҳиҷ вахт шиками худа халӣ намемонан, али мебинӣ. Алтанхатун рӯи сандали пастаке нишаста, оташи дегдонро тагурӯ мекард.

Зани аҷиб аст хотун, гарму нарм, мисли кӯрпае, ки дар фасли сармо ба сар мекашӣ ва ҳавои гарму сардро тавозун мекунӣ. Он қадар содаву беозор аст, ки келинҳо дар тори сараш дойра мезананд. Фузул нест, дар якшабонарӯзи будубоши Фаришта дар ин хона, як бор ҳам напурсид, ки ту аз куҷоӣ, чӣ тавр то ин ҷо расидӣ? “Беақл нест, медонад, ки ман як ғариба ҳастам ва бо хости худ ба ин сарзамин наомадаам, аммо тараҳҳум нишон медиҳад ва ба захмҳои ман намак намепошад.”

Фаришта сареъ кор мекард, меҳмонҳои бешумори хонаи падар ӯро устоди ошхона карданд.

-Чашм нараса, Фариштаҷан, ту читу чақан кор мекунӣ, кашки ма ранги ту келин медаштум, - шӯхӣ кард ӯ.

-Шумо ҳафт келин доред, ки мушт ба девор зананд талқон мешавад, - Фаришта ҳам шӯхӣ кард, ҳарду хандиданд.

-Ростӣ, хотунҷон, келинҳои шумо шабеҳи ҳамдигаранд, ман наметаванам онҳоро аз якдигар фарқ кунам, бо якдигар хешутаборанд? Хотун аз ин суоли Фаришта завқ кард.

-Келино ҳамаш амубачаву холабачаан, панҷташ хеши мана дуташ хеши мӯсафед.

-Ун духтараки ширинрӯи ҷавон зани писари хурдӣ аст?

-На, Аргина зани писари калониай.

-Магар зани писари калони Бабухон нест?

-Аргина хаҳари Бабухонай, ҳардушан зани бачаи каланӣ.

Фаришта аз ин хабар шигифтзада шуд, аммо сир бой надод ва аз Алтанхотун шарҳу тафсир ҳам напурсид. Хотун худаш достонро идома дод ва Фариштаро бештар ҳайрон кард.

Бабухан як зани гарданшахи бефарзанд аст, ки дар тӯли дувоздаҳ соли зиндагӣ бо писари хотун, Тулга, ҳашт дафъа обистан шуда, ягон фарзандро зинда ба даст наовард. Ӯ хоҳарзодаи Алтанхотун аст. Аз рӯзи аввали арӯсӣ, ситораи Бабухон бо аҷуза рост наомад. Бо ӯ пархош мекард, мегуфтаст, кампир девонааст ва ӯро бояд ба тимористон бубаранд. Аҷуза ба хотири Алтанхотун Бабуро таҳаммул мекард. Аммо арӯси шашмоҳа як шаб ногаҳон нопадид шуд. Хурду калон, хешу табор ҳама ба ҷустуҷӯ баромаданд, ҷойи накофта намонд, ӯ гӯё об шуда, ба зери замин рафта буд. Хешонаш саранҷом аз ёфтани ӯ ноумед шуда, гуфтанд шояд Бабуро гург хурдаст ё ӯро лӯлиҳо бурданд. Аммо Бабу баъди як ҳафта бо пойи худ баргашт, ҳоле дошт, ки мурғони ҳаво ба ҳолаш мегиристанд. Мӯйҳояш парешон, лабу даҳон пур аз обила, либосашро гӯё саг хоида буд, ки ҷойи обод надошт. Чашмонаш беҷо буд ва ҳазён мегуфт.

Аҷузаро дар рӯи тахти хоб диду мӯйҳояш дар сараш рост шуданд, фиғон кашиду аз ҳуш рафт. Беҳтарин ҷинбарорҳоро ба сари болинаш оварданд, ӯро бо занҷир ба дахт бастанду бо бели сӯзон ба танаш заданд, он қадар куфтанд, ки билохира сиҳат шуду ба по хест, аммо ҳомиладориҳояш бо ҷогаҳу ҷома сипарӣ мешуд ва дар дувоздаҳ сол як қабристонро пур аз мурда кард.

-Бабухон ба касе нагуфт, ки аз сараш чӣ гузашт?

-На хайр, даҳануш чуп буда. Намеход да и бара гап зана, ҳар бар, ки мепурсидем, ӯ бечора ғаш мекад, мо ҳам дига ура ба ҳалеш мандем. Ҳаҷат ба гуфтар несташ, ҳама медананд, ки кари мадаршӯи ма буда.

-Чӣ тавр хоҳараш розӣ шуд, ки барои Бабухон ҳаву шавад?- пурсид Фаришта, ки ошро акнун дам партофта аз

пайи салат мешуд.

-Ма Бабура фаряд кадум кати шуҳаруш, гуфтум, ки Бабу, буру ба ханейе мадарут, и бача баяд зан бигира. Ӯ гиря кад, фиған кашид, ки намеход рафтан. Баъд гуфт, мара нафристен, Тулга хаҳарма зан куна. Ба хайр шуд, Аргина хела гирян кад, бад мачим дилуш ба апаш сӯхт, ки разӣ шуд.

Инамитари ҳардуш да я хана зиндагӣ дара. Тулга кати Бабухан хав намекна, дилуш пеши Аргинаай. Мадаршӯи ма Аргинара дӯст медара.

“Бечора Бабухан, чӣ ранҷҳое мекашад!” - гуфт пеши худ Фариштa, ки чунин хонадорӣ дар тасаввураш намегунҷид.

Занҳо вақти наҳор расиданд, чунон дуздона омаданд, на пояшон садо дошт на гарданбандҳои сангини даври гарданашон. Тахти хоби аҷузаро давр зада, аз пуши ҳота ба лаби кат расиданд ва суфраи рангоранги пур аз мосту салат ва гашничу райҳонро дида, тааҷуб карданд. Аҷуза ҳам ангор аз сайри “дунёи мурдаҳо” баргашта буд, ки ҳаракати занҳоро бо чашмони нимроғ таъқиб мекард. Фариштa ҳиссаи писарони Алтанхотунро дар табақи бузург бардошту ба дасти бачаи подабон ба молхона фиристод. Барои занҳо дар ду лаълӣ ош кашиду бо як даста қошуқ ба рӯи дастархон гузошт. Занҳо назокат нишон медоданд, аз фаш-фашу чап-чапи дирӯза нишоне набуд, тавре рафтор мекарданд, ки гӯй ба меҳмонии ашрофона даъват шудаанд.

-Бигиред, нӯши ҷон, ош хунук нашавад, - гуфт Фариштa ва аз пайи чой рафт, аммо ду қадам нагузошта буд, ки садои ба лаълӣ бархӯрдани қошуқҳо баланд шуд.

Лабханди ширине дар лабҳои Фариштa шукуфт. Вақте бори дуюм бо қумғони пури чой ва қанду мураббо баргашт, дастархон мисли полези галлачарида холӣ буд.

Келинҳои Алтанхотун чойро ҳам нӯшиданду ба ошпаз ҳатто ташаккур нагуфтанд. Монанди хонаводаи замбури асал якбора аз ҷой баланд шуда, бо ҳамон роҳи омадаашон пас гаштанд.

-Алтанхотун, ба момобузург ғизо намедиҳем? Мисле, ки бедор шудаанд...

-Нигарани мамабузург набаш, ӯ биринҷ намехӯра, яган бар авгӯшт мехӯра, унам хеле кам, ӯра пирош сер мекунан.

-Шабона дар ҳавлӣ танҳо мехобад, магар наметарсад?

-Аз чӣ битарсад? У иқа пасбан дара, ки шоҳи Авғанистан надара. То зимистан ин ҷа мехаба, баъд бо ма ханада хав мекуна.

-Агар момобузург ба ташноб ё оббозӣ ниёз дошта бошад, ба ман бигӯед, метавонам кумакаш кунам.

-Аҷаб адами хубе астӣ, аз черат молум меша. Дар бараи мадаршӯи ма бисяр фикр наку, у кампир саҳиб дара, ав ҳам метан, ғиза ҳам, аббазӣ ҳам. Зиндагии аҷиб ғариб дара, ки оли иҷа башӣ, адат мекунӣ.

Зиндагии Фаришта дар ин хонадон ба тадриҷ қобили таҳаммул мешуд. Келинҳои Алтахотун бо ӯ дӯст набуданд, аммо ошкоро хусумат ҳам намекарданд. Шод буданд, ки ҷонашон аз обгӯшти Алтанхотун халос шуду акнун ҳар рӯз ошу кабоб ва мантуву дамлама мехӯранд. Аммо фарҳанги миннатдорӣ надоштанд, гӯё Фаришта хизматгорашон бошад.

Мӯйсафед низ дигар бо дидани Фаришта ахм намекард, гоҳ-гоҳ либосҳояшро барои шӯстан меовард ва рахти либосҳои утузадаро аз дасти Фаришта мегирифту “боракалло” мегуфт.

Аз ҳузури Фаришта бештар аз дигарон Алтанхотунро шод буд, ки аз кори хона ва пухту паз пурра озод шуда, акнун соатҳо дар лаби кат пинак мерафт.

Фаришта ба ҳузури аҷуза ҳам одат мекард, садоҳое, ки аз гулӯи кампир мебаромад дигар мисли пештар ваҳмангез набуданд. Шабҳое, ки аҷуза то рӯз лабчанг менавохт ё дурудароз табл мезад, ҳавои хона сангин мешуд ва Фаришта кобус медид. Дар он рӯъёҳо мардҳои бузургҷуссаи чеҳраҳояшон дар зери ниқоби гургу хирс ё уқоб ниҳон, сарҳои худро такон медоданд ва дасти ба даст гирди ӯ чарх

мезаданд. Фаришта мисли ҳайкали санг мешуд ва нафас дар гулӯяш дармемонд. Гоҳе авқот марзи рӯъё ва воқеиятро аз даст медод ва сарфаҳм намерафт, ки хоб аст ё бедор.

Баъзе шабҳо, вақте аҷуза ором мегирифт ва Алтанхотун ҳам, ки акнун рӯзона ба истироҳати комил гузашта, шабона ором мехобид, Фаришта мекӯшид чеҳраҳои бегонаро, ки акнун зиндагиашро пур кардаанд, аз зеҳнаш дур кунад ва симои азизонашро ба ёд биёрад. Аммо, ҳайҳот! Чеҳраи модару хоҳаронаш дар пардаи меғ бурӯз мекард, Фаришта танҳо шабаҳи онҳоро медид, на хату холе на чашмони оҳӯмонанде на лабханди ширине. Ингор сад сол гузашта буд, ва хотироти он зиндагӣ дар зеҳнаш хира мешуд. На танҳо чеҳраи хоҳаронаш, балки симои худаш низ барояш бегона шудааст. Гоҳо нигоҳаш тасодуфан ба оинае меафтад ва як лаҳза гиҷ мешавад, ки ин зан кӣ бошад? “Эй кош як бори дигар ватанамро бубинам, агар бимирам ҳам беормон мемирам”, - мегуфт ӯ ба худ ва кӯрпаро ба сараш мекашид, то ҳиқ-ҳиқи гиряаш Алтанхотунро бедор накунад.

Ба ин зани меҳрубон муҳаббат дорад. Хеле самимиву сода аст, аз доштаҳои худ розиву хушбахт аст ва талаби бештаре намекунад. Фаришта аз Худо мехост, ки дур аз тавтеаҳои хонаи Гулоғо бо Алтанхотун бимонад. Аммо як ҳиссе дошт, ки ин оромиш низ чун дафъаҳои гузашта дуру дароз давом намекунад.

Кампири Сокина вақте аз шикастҳояш қисса мекард, мегуфт, “ҳар ҷойе рафтам дидам, ки бахти сиёҳам чодари сафед дар сар пеш аз ман аз бари боло нишастааст. Фаришта ҳарфи кампирро он замон дарк намекард, аммо ҳоло дарк мекунад.

Яке аз рӯзҳо Фаришта дар ошхона бо сари хам зирбаки ошро тагу рӯ мекард, ки шарфаи пойе ба гӯшаш расид. Хаёл кард, ки чун ҳамеша ҳавсалаи Алтанхотун сар рафту барои суҳбат ба ошхона омадаст. Аммо дилаш каме дур рафт, хотун дуздона намеояд, нафасҳои тунду сангинаш пеш аз худаш

мерасанд. Хост ба ақиб нигоҳ кунад, аммо дасти мардонае ӯро аз пушт ӯро сахт бағал карду ба думбааш часпид ва синаҳояшро дар кафҳои сангинаш фишор дод. Кафлез аз дасти Фаришта ба дег афтид ва равғани тафсон дастонашро сӯзонд. Ӯ аз дард чунон фиғон кашид, ки овозаш ба дуриҳо рафт. Ҳар қадар худро канор мекашид, он мард ба ҳамон андоза ба думбаи ӯ ҷафс мешуд ва бо як даст синаҳояшро мефушурду бо дасти дигар шалворашро поён мекард.

Фаришта бо тамоми неру ӯро тела дод ва худаш аз болову он мард аз зер ба кунҷе ғелиданд. Он мард ду пояшро дар камари Фаришта ҳалқа кард. Тунд тунд нафас мекашид ва туфаш ба ҳар тараф мепарид. Фаришта дар талвосаи раҳоӣ бо тамоми неру банди дасти ӯро гоз гирифт, он чунон маҳкам, ки даҳонаш шӯр шуд ва фаввораи хун ба рӯяш парид. Мард камару синаҳои Фариштаро раҳо кард ва нолишкунон якпаҳлӯ ғелид. Фаришта сареъ аз ҷой париду бо аввалин чизе, ки зери дасташ омад ба сари он мард куфт. Фарёди ҷонкоҳ ошхонаро пур кард, зарбаи дуюмро таҳаммул надошт, ки ба нишони таслим ҳарду дасташро боло бардошт. Он хокбарсар Ҳашматулло, кокои Гулоғо буд.

Алтанхотун ҳам фиғони Фариштаро шунида, бо суръате, ки худаш интизор надошт, ҳашуфашкунон ба самти ошхона давид. Хотун Ҳашматуллои бе саллаву дасторро, ки дар муқобили Фариштаи чӯб ба даст мисли асирҳои ҷанг талаби шафқат мекард, диду лол шуд.

Пиракии шаҳватталаб ҳоле дошт! Ӯ худро ба гӯшае кашида, мисли саги кутаккхӯрда нолиш мекард. Хуни сари кафидааш ба ришу абрувони рангкардааш мерехт ва онҳоро сурхтар мекард. Шалвори то зону хамидааш пойҳои каҷи пур аз чину ожангашро, ки аз тарс меларзиданд, урён мекард. Хиштаки шалвораш тар буд, шояд аз тарс шошид, ё нутфаи абзори шаҳватталабаш берун омад.

Фаришта хиштаки шалвори ӯро диду аз ғазабу нафрат чӯбро ба кунҷе партофт ва аз ошхона берун давид.

Алтанхотуни моту маҳбут аз мӯйсафед чашм намеканд ва оташи таги дегро бо аловшӯр берун мекашид, ки зирбак насӯзад.

Фариштa бехудона ба самти об давид ва дастони дар равғани доғ сӯхтаашро, ки ҷойе пусткандаву ҷойе чун ҳубоб дамида буданд, ба тағораи пуроб ғутонд ва ҷонашро аз шиддати дард роҳат кард. Баданаш аз шиддати қаҳру ғазаб меларзид.

-Хонаат бисӯзад, пирхари беҳаё, илоҳо рӯзи хушро набинӣ, илоҳо ҷисми палидат хӯроки зоғу заған шавад! - ба садои баланд Ҳишматуллоро дуои бад мекард ӯ.

Аҷуза чашм аз Фаришта намеканд ва ба манзури “бигзор гуфти ту шавад”, сарашро такон медод.

Фаришта шлангро боло бардошту даҳони хунолудашро обгардон кард ва фаввораи обро ба сараш рехт, хаёлаш ин ҳама об қудрати шустанди нақши дастони касифи Ҳашматуллоро надорад. Ӯ ба дасту рӯяш собун мезад ва ба худ мегуфт:

- Эй кош, чашмро ҳам бо собун шуста мешуд то чеҳраҳои манфурро ки зеҳнатро озор медиҳанд дигар набинӣ!

Алтанхотун аз саҳнаи дар ошхона дидааш ҳанӯз ба худ наомада буд ва “туф-туф” мегуфту гиребони тавбаро сар намедод. Бовараш намеомад, ки ин ҳодиса дар хонаи аз назарҳо пинҳони ӯ рух додааст. Хотун мӯйсафедро ба ҳоли худ гузошту барои Фаришта сарчоқу пату овард, ӯро базӯр зери об берун кашиду патуро дар китфонаш андохт.

-Биё духтарам, иҷа бишин, и чойи даға бигӣ, ки сардут меша, мариз меши- гуфту ӯро дар гӯшаи кат нишонд.

-Фариштаҷан, ма и адама куҷайе дидам, амма ядам намеяд, ту ира мешнасӣ ?

-Оре, мешиносам, кокои Гулоғо аст... Тарсу ҳароси Фаришта акнун ба хиҷолат табдил мешуд. Ӯ дар бораи шилқиниҳои коко ба Алтанхатун нақл кард. Кампир аз

баҳаёии мӯйсафеди ҳаштодсола дар шигифт монд.

-Ма рафтари и падарсага ба аға гап мезанум, и дуня бесаҳиб неста! Фариштa аз тараҳҳуми хотун ба риққат омададу бечораҳолона лабханд зад.

-Хотунҷон ин дунё он қадар бесоҳиб будаст, ки ман нагӯяму ту нашунав! Агар дунё соҳиб медошт, ман магар чунин хору залил мешудам? Гунҷишк набудам, ки гум шуданамро пайхас накунанд, аммо касеро парвои ман нест! На ҳукуматамро, на хонаводаамро, на шавҳарамро. Гӯё ман аслан вуҷуд надоштам.

Хотун бо лаби остони куртаи васеъаш ашкҳои Фариштаро пок мекард ва бо забони модариаш ба Ҳашматоғо нафрин мефиристод. Фариштаро тасаллӣ медод ва ба дастони обилакардаи ӯ равғани ғоз мемолид. Дили Алтанхотун воқеъан ба ҳоли ин ғариба месӯхт.

Ҳашматулло кай рафту аз кадом роҳ рафт ва ба куҷо рафт, занҳо бехабар монданд.

-Ту бра хана каме дам бигӣ, ма бари келина яган чи мепазум, нигаран нашу.

Аз ин ҳодиса як ҳафта гузашта буд, ки рӯзе хола Наврӯз ба дидорбинии Фаришта омад ва дар байни хабарҳои дигари хонаи оғо гуфт, ки Ҳашматулло мариз аст ва имрӯзаш то рӯзи дигар намекашад.

Фаришта абрӯ дарҳам кашид ва ангор ҳарфи наҷосат дар миён бошад, дилаш беҳузур шуд.

Хола Наврӯз, ки ба гуфтаи занҳои ошхонаи Гулоғо мӯри нарро аз мода фарқ мекунад, санҷида ба Фаришта нигоҳ кард ва абрӯвони хамидаашро, ки замоне дар ду бари холҳои кабудаш бол мезаданд, ба манзури “чӣ хабар аст?” боло бардошт.

Фаришта чизе нагуфт, ва ба дастҳои доғдораш чашм дӯхт, ки обилаҳояш акнун хушк шуда, пӯст мепартофтанд. Ҳодисаро Алтанхотун бо шеваи худ, ҳарфи “о”-ро ба “а” иваз карда нақл кард ва дили холаро, ки ними ҳарфҳои ӯро

намефаҳмид, танг кард.

Алтанхотун дастҳои Фариштаро аз зери остини ӯ берун овард ва обилаҳои хушкшударо ба хола Наврӯз нишон дод.

-И дастара бин, Худо раҳм када ва илла Фариштаҷон дар деги роған кабаб мешид. У мурдака худа балаи Фариштаҷан партофт.

Хола Наврӯз китфҳои хамидаи Фариштаро бо тараҳҳум навозиш кард.

-Ту духтар дар кӯдаки пистони модарта гоз гирифтӣ, ки сарнавиштут и рақам шӯр шуда?

Гӯшаҳои лабони Фаришта дар зери бори гиряи гулӯгир хам заданд ва ҷонааш аз алам ларзид. Мехост ашкҳояшро фурӯ барад, аммо гулӯи танг қудрати нигаҳдории он сели бузургро надошт, ки саранҷом инони гиряро сар дод.

-Диқ наку бачем, ӯ пирсага Худо ҷазоша мета. Меган сакта када, оғо барош дуктур оварда, аммо фоида надора, мӯсафед саранҷом мемира, ина ма...

-Ту магар худоӣ, ки медонӣ кӣ кадом вақт мемира? Ин дунё соҳиб дорад, ту фузулӣ накун! Аҷуза мисли ровии родио бо садои чун махмал нарм ва бо шеваи сирф форсӣ ҳарф зад. Каломи хола Наврӯз дар даҳонаш нимкора монд ва ӯ бо ҳайрат ба атроф нигарист.

-Валлоҳ модар заҳракаф шудам, и чӣ рақам садо буд? Одам буд ё родиё буд? -Хола Наврӯз гиребони куртаашро бардошту “туф-туф” кард. Чашмони Алтанхотун аз завқи ханда нопадид шуданд ва синаҳои мисли халтаи дуғ бузургаш, ки ҳангоми нишастанаш ба зонуҳояш мерасанд, аз хандаи ӯ ба ду тараф ғелиданд.

-Наврӯзҷан и аму мадаршӯи моай, ёдат аст, гуфт зизила меша, касе бавaруш накад, баъд зилзила шуду замину замана хараб кад.

-И амёли аму модаршӯи девонаавзот буд? Ё тавба, ё тавба, и чанд солаша? Соле, ки шумо омаден, сад солеш буд!

-Бале модаршӯи ма буд, -гуфт Алтанхотун, ки хандааш ҳеҷ фурӯкаш намекард, - худуш мега саду бистсалаша.

Ин гуфтугӯ ба аҷуза нафорид, ки аз занҳо рӯй тофт.

Алтанхотун даҳони пурхандаашро бо кафи даст пӯшид ва бо абрӯвони қариб нонамоёнаш ишора кард, ки кампир нороҳат шудаст, дигар номашро нагиред.

-Фариштаҷон, меҳмонит иҷа тӯл кашид, баргард ба хона бачем, кулли кор дорем, дасти зано ба ҳама коро намераса. Роша, амиёли брем.

Фариштаро аз ин пешниҳод пешонӣ ҷинҷ кард. Зиндагӣ бо Алтанхотун ва хушдомани девонаавзояш барояш беҳтар аз зиндагӣ дар хонаи оғо буд, ки намедонист аз куҷо зарба ба сараш меояд. Мехост хоҳиши холаро бо эҳтиёт рад кунад, аммо Алтанхотун ба ӯ фурсат надод.

-Хаҳиш мекнум и духтара биман амиҷа беста, ма маризоволум поҳам дард дора, келина кори бисяр даран. И ғазо мепеза, либос мешува, ба мара кумак мекна, и набаша ма чӣ мекунум? Иҷа амниятуш томинай.

Хола Наврӯз нигоҳашро аз Алтанхотун канду ба чашмони Фаришта нигарист, ки ҳарфҳои хотунро илтиҷоомез тасдиқ мекард.

-Бошад, ҳар чӣ дилат буход. Шоядам иҷа беҳтар боша, оғо ҳам гоҳ-гоҳ ба ин ҷо сар мезана, фурсат ёфти дарди дилта бареш бугӯ, хубӣ ай оғо байид аст, аммо кӣ медона, шояд раҳм куна ва тура ба ватанут баргардона. Фаришта ва Алтанхотун бо шодмоние, ки пинҳон карданаш душвор буд, ба якдигар нигоҳ карданд. Фаришта ба рӯи холдори хола Наврӯз бӯса заду ҷисми лоғараки ӯро бағал кард.

-Дилам барот танг шуда буд, хола, э кош ин ҷо мемондӣ!

-Духтари хиёнаткор ишқи мара ба Алтанхотун додӣ, бо лоф мезанӣ, ки “дилум барот танг шуда!” Хола адои Фариштаро даровард ва ҳарсе бо овози баланд хандиданд.

Равғани ғоз ба обилаҳои дастони Фаришта шифо бахшид ва он ҳодиса акнун ба андозаи пешин воҳимаангез

наменамуд. Танҳо чизе, ки хотири Фариштаро мушавваш мекард, ин буд, ки мабодо нохудогоҳ сабаби марги мӯйсафед шавад.

-Дунё чархишҳои аҷибе дорад, нафаре, ки аз ӯ мутанафирӣ, рӯзе ягона гузинаи наҷот ход буд.

Фаришта садои мардонаеро, ки гоҳ-гоҳ аз гулӯи аҷуза берун мешуд, дар шаби хоб ҳам ташхис медод, ин садоро намешуд бо овози каси дигар иштибоҳ гирифт.. Ӯ бо даҳони аз ҳайрат боз ва чашмони аз тарс бузургшуда оҳиста ба рӯи дарзаи ҳезум, ки мӯйсафеди Алтанхотун дирӯз оварда буд, афтид.

-Алтанхотун куҷоед!? - нохудогоҳ фарёд зад ӯ.

-Явош, ғариба, дар ин хона ман шояд бештар аз дигарон ҳавои туро дорам. Аз ман натарс, битарс аз касе, ки ширинзабонӣ мекунад ва чун мор ба доманат ҷо мешавад. Он рӯз наздик аст, ки садаф марворид биёварад. Аҷуза хандае essmармузе кард, ки агар суроби Алтанхотун дар дами дари ошхона бурӯз намекард, Фаришта яқин аз ҳуш мерафт.

-Чира фаряд мезанӣ? Чи шуда? - гуфт хотун, ки аз ҳаяҷон нафасаш то охир намерафт ва аз ними гулӯяш бо сулфа бармегашт.

Фаришта тавони сухан гуфтан надошт ва ангушти ишораро ба сӯи пиразан, ки аз ҷойи истодаи Алтанхотун наменамуд, баланд кард. Хотун як қадам ҷулӯтар гузошту модаршӯяшро дид. Ҳеҷ ҳайрон нашуд ва суоломез ба Фаришта нигоҳ кард.

-Чира ҷиғ задӣ? Мага и кампира нав мебинӣ? - гуфт ӯ норозиёна, ки гумон дошт ба сари Фаришта фалокати дигаре омадаст.

-Намедонистам роҳ мераванд, садош бегона буд, ... ҳарфҳои мармуз мезад, ман тарсидам. Фаришта аз ин ки Алтанхотунро тарсонд, хиҷолат кашид.

-Бибахшед, ... дигар такрор намекунам, - гуфт ӯ бо сари хам, - намдонистам, ки модаршӯӣ шумо аз ҷояш баланд

мешавад.

-Кампир карҳаера баладай, ки беҳтар аст, ту наданӣ, - гуфт хотун бо лабханди ифтихоромез ва Фариштаро бо модаршӯяш танҳо гузошт.

Аҷуза дар даст асои дуруште дошт, асо набуд, шохаи нотарошидаи дарахте буд, ки баргҳои паҷмурдаву сархамаш ҳанӯз сабз буданд. Ӯ ба асо такя намекард, гӯё онро барои зебаш гирифта буд. Бо қомати мисли най рост, гардани баланд ва хирнойи барҷаста, ки ҳар муҳраашро мешуд шумурд дар рӯ ба рӯи Фаришта қад кашид. Дарозии пероҳани гушодаш то ба зону ва чоки гиребошаш то нофаш мерасид ва қафаси синаи фурӯрафтаашро, ки дар он як коса об меғунҷид, намоиш медод. Дар тан шалвор надошт, пойҳояш шабеҳи пойи гунҷишк борику хушк буданд.

Фаришта боре ҳам надида буд, ки Алтанхотун аз сару рӯи модаршӯяш муроқибат кунад ва ҳамеша тааҷҷуб мекард, ки гесувони аҷузаро кӣ мебофаду бо риштаҳои рангоранд “чилбанд мекунад”.

-Наздиктар биё, натарс... Садои аҷуза мисли махмал нарм буд.

Фаришта як қадам пеш гузошту дастонашро дар пушташ пинҳон кард, то кампир изтироби ӯро набинад.

-Мехоҳӣ ба хонаат баргардӣ, ...медонам, бисёр мехоҳӣ, аммо ба ин содагӣ нест, қурбонӣ мехоҳад, Оё ҳозир астӣ қурбонӣ бидиҳӣ?

-Чӣ қурбоние? Ман ки ба ҷуз як ҷони нимбисмил чизи дигаре надорам, агар моли арзишманде медоштам барои расидан ба дидори азизонам қурбон мекардам.

-Пас розӣ ҳастӣ? Ин муомилот роҳи баргашт надора...

-Бале, агар бидонам, ки барои бозгашт ҳатто ними имконро дорам, ҳар чӣ дорам фидо мекардам,- гуфт Фаришта бо итминон.

Аҷуза бо нигоҳи олуда ба тараҳҳуму таассуф дуру дароз ба ӯ нигарист.

-Як солу шаш моҳ... - гуфт ӯ андешамандона, - аз ҳамин лаҳза рӯзшуморӣ кун.

-Баъди як солу шаш моҳ бармегардам?- бо умед пурсид Фаришта, ки аз ҳаяҷон садояш меларзид. Кампир дигар чиз нагуфт, ҳамон тавре ки ноаён омад, ба ҳамон шева аз ошхона нопадид шуд.

Такшини гуфтугӯ бо аҷуза чанд рӯз Фариштаро саргарм кард. Ӯ гоҳо дар боли фоли аҷуза худро дар ватан медидиду дилаш аз ҳаяҷон меларзид. Гоҳи дигар ноумед мешуд ва ба худ мегуфт:

- Магар ба гапи ин кампири девонаавзо мешавад бовар кард?

Дар суҳбат бо Алтанхотун кuҷков мешуд ва дар бораи тавоноиҳои кампир суол мекард. Алтанхотун худро ба нодонӣ мезад ва аз ин гуфтугӯҳо фирор мекард. Аммо рӯзе як ду ҷумлаи мармузро ба забон овард ва Фариштаро бештар гиҷ кард.

-Мабада бо кампир яган маомила накунӣ, ки баъд тавонша мегира, фомидӣ?

Фаришта аз ин таъкид дар ҳарос афтод, вале хомӯшона сар хам кард ва дар бораи муомилааш бо кампир ба Алтанхотун лаб накушод.

Аз байн чанд рӯз гузашт, пухтупазу шустушӯ ва корҳои дигари хонаи хотун, ки ҳеҷ тамомӣ надошт, таъсири гуфтугӯ бо аҷузаро тадриҷан камранг кард. Кампир гоҳ-гоҳ аз паси пилкҳои бодкардааш, ки дар рӯшноии офтоб шаффоф мешуданд, дурудароз ба Фаришта нигоҳ мекард ва сарашро бо таассуф такон медод.

Фаришта ҳам ин нигоҳҳоро ба унвони дилсӯзии аҷуза ба як ғариба мепазириуфт ва бечораҳолона гардан каҷ мекард.

Як саҳар вақте дар зери дарахти лаби об зарфҳоро мешӯст, садои ошноеро шунид. Ду мурғаки рангинбол аз шохе ба шохе менишастанд ва бо сад лаҳн нағмасароӣ мекарданд. Айни булбулҳои Рашид! Фаришта аз шодӣ

нафасгир шуд. Деҳкадаи “пушти Кӯҳи Қоф” бо чеҳраи файласуфонаи Рашид, ҷангали анбӯҳ, шаддаи мурғакони ғазалхон ва хандаҳои беғаши Нигина пеши назараш омад ва бӯи фатири гарм ва қурутобу равғани зард ба димоғаш расид. Гӯё биҳишти гумшударо пайдо кард, ки дилаш дар сина ба бозӣ даромад.

Косаву табақро як сӯ партофту дастони кафколӯдашро ба сӯи шохаҳо дароз кард

-Хушгилхонум, пешам биё, маро ёд дорӣ? Дар он хонаи лаби наҳр, бароят дона медодам ва ту барои ман тарона мехондӣ. Ёдат ҳаст? Он ҷо як марди хуб буд, ошиқ, дилшикаста, вале ба шумо муҳаббат дошт. Ту намедонӣ оё он мард зинда аст? Он ду мурғак гӯё сабри Фариштаро имтиҳон мекарданд, ки ҳар қадар кафи ӯ ба шохаҳо назик мешуд, онҳо ба навдаҳои балантар мепариданд.

Фаришта бо аҷала ба ошхона давиду осемасар чанд халтаро боз кард, дар яке гандум ёфт ва бо мушти пур ба зери дарахт баргашт.

-Хушгилхонум, биё, ман бароят дона овардам, донаҳоро бихӯру нағмасарой кун. Бароям ҳамон таронаҳоеро бихон, ки дар лаби наҳр мехондӣ. Ёдат ҳаст?

Паррандаҳо ба дона таваҷҷуҳ накарданд, онҳо аввал ба шохаҳои баландтар ва баъд ба дарахти шафатӣ нишаста, саранҷом аз назар нопадид шуданд. Дасти пур аз гандуми Фаришта дар байни шохаҳо ҳайрон монд ва донаҳои гандум аз шикофи остини гушод ба танаш рехтанд.

-Хонуми тоҷикӣ, забони мурғонро ҳам баладӣ?

Фаришта ҳанӯз дар банди дидори ногаҳонӣ бо он ду булбули ваҳшӣ буд ва тааҷуб кард, ки чаро аз садои мардона дар ин хонаи бемардина наҳаросид. Ӯ ба пушт нигоҳ карду аз ҳайрат гиҷ шуд ва бо аҷала “салом оғо” гуфт.

Гулоғо бо либоси саворӣ, мӯзаҳои чармини то зону баланд, мӯйҳои фирфирии чун қатрон сиёҳ ва чашмоне, ки оташи ҳилла дар онҳо бозӣ мекард, гӯё аз ҷилди як маҷаллаи

бarроқ берун омада буд.

-Ту ба он мурғакон чӣ мегуфтӣ? - пурсид ӯ бо лабханди ишвагарона.

Фариштa абрӯ дарҳам кашид, хост ба ин марди фориғбол ҳарфи сахте бигӯяд, аммо хашмро фурӯ нишонду лабханди тамасхуромез дар лабонаш бурӯз кард.

-Як замоне, дар як деҳкадаи чун биҳишт сабзу хуррам, бо ҷуфти булбулони ошиқ ошно будам, онҳоро дастомӯз кардам, барояшон обу дон медодам ва он мурғакон низ сипосгузорона барои ман тарона мехонданд. Баъд зимистон омаду он ҷуфт маро падруд гуфт ва бо хайли хешони худ ба кишварҳои гарм рафт. Ман аз он замон дигар онҳоро надидам. Муддатҳо пеш буд, пеш аз оне, ки қочоқбарҳо маро рабуданд ва ба канизии шумо фурӯхтанд. Хаёлам, ки аз он замон сад сол гузаштаст...

Фариштa хомӯш шуд ва ба кафшҳои кӯҳнаи аз обу хокистару алов судашудааш чашм дӯхт, ки шояд пасмондаи Жилохонум буд ё аз Нағма.

Гул-оғо аз чеҳраи ғамгин, вале бисёр ҷаззоби Фариштa чашм намеканд, аз сар то пояшро назора мекард ва мутаваҷҷеҳ шуд, ки либосҳои занони маҳаллӣ дар тани ин ғариба эҳсоси бегонагӣ мекунанд.

-Хонуми тоҷикӣ, ман ба бадие, ки мардум дар бораам ҳарф мезананд, нестам. Агар туро ба ивази қарзе, ки рӯи Ғуломрасул доштам, пазируфтам, ба маъное нест, ки муҳтоҷи хизматгор будам.

Дилам ба ҳолат сӯхт, хостам аз дасти қочоқбарҳо наҷотат диҳам. Ман он тоифаро хуб мешиносам, бо онҳо азият мешудӣ... Ин ҷо ҳаддиақал амниятат томин аст.

-Ҳақ бар ҷониби шумост...

-Ту чӣ тур ба дасти қочоқбарҳо афтидӣ? Достонта ба ма бигӯ бишнавам.

-Достони ман шавқовар нест, шояд шуниданаш хотири шуморо мушавваш кунад.

-Унша ман худам қазоват мекунам, бигӯ.

-Сарнавишти ман як достони талхи тӯлонӣ аст, шумо мехоҳед, онро рӯи по бишнавед?

Гулоғо лабханде зад ва мехост ба рӯи курпачаи лаби кат нишинад, аммо ба мӯзаҳои савориаш нигаристу аз фикраш гашт.

-Мехоҳӣ бо ҳам то саисхона чакар бизанем?

Фаришта аз паси раддаи мижгонҳои хамгашта суоломез ба оғо нигоҳ кард.

-Роҳ то саисхона дур нест, як ҳавое ҳам мехурӣ...

-Бояд барои келинҳои Алтанхотун ғизо омода кунам.

Оғо ба умеди дидани Алтанхотун ба чаҳорсӯи ҳавлӣ нигоҳ кард. Хотун наменамуд.

-Аз сарнавишт ҷойи гурез нест ё бо ин роҳ, ё бо роҳи дигар ба масире бармегардӣ, ки дар пешониат навиштаанд... Садои аҷуза Фариштаро ҳайрон накард, аммо Гулоғо гиҷ шуд.

-Ин кӣ буд?- пурсид ӯ бо ҳайрат.

-Модарарӯси Алтанхотун аст, - гуфт Фаришта ва ба сӯи дарахти сада ишора кард. Абрувони оғо аз тааҷҷуб боло шуданд.

-Ин пиразан ҳоло ҳам зинда аст?

Фаришта бо аломати тасдиқ сарашро такон дод ва ба аҷуза нигарист, ки рӯяш ба тарафи боғча гӯё бо худ гуфтугӯ мекард.

Фаришта гандуми боқимондаро ба ҷӯбор ҳаво доду мутеъона ба думболи оғо рафт. Нафаҳмид, ки чӣ тавр осон ба пешниҳоди ин марди айёш розӣ шуд.

Чанд дақиқа хомӯшона роҳ рафтанд. Фаришта бо дастони аз пухтупазу шустушӯ шахшул, нохунҳои шикаста ва чеҳрае, ки ҳафтаҳо оинаро надида буд, дар паҳлуи ин марди олуфта, ки бӯи атраш аз як фарсах ба машом мерасид, эҳсоси нороҳатӣ мекард. Кафшҳояш аз фарсудагӣ ғиж-ғиж садо мебароварданд ва ӯ аз шарм то баногӯш сурх мешуд.

Онҳо ба саисхона наздик омаданд, аммо Фариштa ҳамоно хомӯш буд.

-Мегӯӣ достонта ё хайр? - пурсид оғо бо садои нарми хоҳишомез.

Фаришта ҳавои қиссагӯи надошт, аммо ҷумлаи аввалро оғоз карду дигар натавонист манъ шавад. Ангор, достони пурмоҷарои худро на ба Гулоғо мегуфт, балки ранҷҳои кашидаашро дубора барои худ зинда мекард.

-Чӣ бигӯям оғо, ман як инсонеам, ки замону маконро гум кардаам, намедонам имрӯз чандшанбе аст ва ҳоло кадом моҳ асту кадом сол. Бисёр ҳисҳоямро ҳам аз даст додам, хотираам танҳо ҳодисаҳои дарднокро ҳифз мекунад, вале тасвири чеҳраҳои бароям бисёр азизро бераҳмона мезудояд. Ман акнун рӯзгори пешинамро ба сахтӣ пеши назар меорам, гӯё, хобу хаёле буд, ки гузашт. Он ҳам бидуни ин ки бидонам, чӣ муддати дигар дар ин ғамкада басар хоҳам кард.

Бадбахтиҳои ман муддатҳо пеш, қабл аз он ки қочоқбарон дар як шаби сарди зимистон маро бо як пероҳан ва пойи бекафш аз хонаам рабуданд, оғоз шуд. Дар хонаи падариям, ки мебоист амнтарин макон барои як духтар бошад...

Фаришта достони худро аз ибтидо то интиҳо ба Гулоғо таъриф кард. Чеҳраи оғо, ки шояд дар интизори шунидани як достони пурмоҷарои монанд ба филмҳои ҳоливудӣ буд, ҳар лаҳза тиратар мешуд. Нигоҳи чашмони ҳайратзадааш дар чеҳраи маъсуми Фаришта часбида буд ва забони чун булбули гӯёяш аз гуфтор монд. Фаришта рост ба чашмони оғо нигоҳ кард, умедвор набуд, ки сарнавишти талхаш ба рӯҳияи ин молики зиндагӣ таъсир гузорад ва ӯро ба кори хайре ташвиқ кунад. Аммо дилаш каме холӣ шуд, муддатҳо боз ба касе дарди дил накарда буд.

-Намехоҳӣ ба хонаи ман баргардӣ? Оғо аз галаи аспҳои болобаланди сафеду сиёҳу холдор, ки дар майдони чаҳор тарафаш баста гоҳ шӯхона ба думболи якдигар медавиданду

шиҳа мекашиданд ва гоҳо дандон гиз мекарданду аз гардани якдигр гоз мегирифтанд, чашм намеканд, аммо маълум мешуд, ки достони Фаришта ӯро таҳти таъсир қарор додаст.

Ин дам аспе баланд шиҳа кашиду аз хайли ҳамтоҳояш ҷудо шуд ва гардани баландашро ба самти Оғо чархонд. Асп ду қадам пеш гузошту манъ шуд, гӯё мехост мутмаин шавад, ки марди канори ҳисор соҳиби ӯст. Сипас ду пойи пешашро "чироғпоя" кард ва бо суръат ба самти ҳисор давид. Пӯсти сиёҳаш дар офтоб барқ мезад ва ёли чун гесӯвони занҳо дарозу мавҷдораш дар панҷаи бод печутоб мехӯрд. Рафтораш ошиқона буд. Ба лаби ҳисор расиду гардани баландашро ба китфи Оғо гузошт ва бетоқатона пой бар замин кӯфт. Сару рӯи ӯро мебӯид ва гӯё сер намешуд, ки ба қабзаи мӯйҳои фирфирашро дандон мезад. Оғо механдиду рӯяшро аз лабҳои нами асп, ки даҳонаш аз шавқ кафк карда буд, канор мекашид, асп ҳам кам намеомад ва сару рӯи ӯро бӯсаборон мекард.

Оғо дар гӯши асп чизе мехонд, сару рӯяшро навозиш мекард, ёли дарозашро бо панҷаҳояш шона мезад. Ҳар бор мехост дасташро дур кунад, асп дасти ӯро оҳиста мегазид ва сар хам мекард, ки "идома бидеҳ".

"Чиқадр марди хушқиёфа аст, гӯё наққоши азал чеҳраи ҷаззоби ӯро ошиқона офаридаст", - ба худ гуфт Фаришта ва аз ин ки ҳаваси марди бегонаро мехӯрад, хиҷолат кашид. Ӯ ҳеҷ гоҳ ба ҳеҷ марде ба ин андоза харидорона нигоҳ нигоҳ накарда буд. Вуҷудашро ҳисси аҷибе фаро гирифт, гарм ва дилпазир.

Оғо даст ба ҷайб бурд ва асп ҳам бетоқатона пӯзаи худро ба ҷайби ӯ даровард.

-Явош Шабдиз, - гуфт ӯ ва ду дона қанди сафедро аз ҷайбаш берун овард. Асп қандро ашрофона ва бешитоб аз кафи соҳибаш бардошту каме дуртар рафт.

-Тамоми ин ишқварзӣ ба хотири ҳамин ду пора қанд буд?- шӯхӣ кард Фаришта, ки аз ҷуръати худ дар шигифт

мешуд.

-Ин дунё, як дунёи бидеҳу бистон аст ва ишқ ҳам харидаву фурӯхта меша, магар интур нест? Фаришта қадре сукут кард, мехост чун ҳамеша “ҳақ бо шумост” бигӯяд, аммо ноходогоҳ ба баҳси ишқу ошиқии оғо ворид шуд.

-Эҳтимол шумо дар ишқ таҷрибаи бештар андӯхтаед, аммо ба назари ман ишқ як рағбати гузаштан аз худ, комилан ва беғаразона таслим шудан ба маъшуқ ва дар иваз чизе нахостан аст. Ишқи воқеъиро наметавон бо пулу мол харид, қиматаш хеле баланд аст, онро бояд сазовор шуд.

-Номи Худо, хеле “романтик” ҳастӣ, хонуми тоҷикӣ, он чӣ ту мегӯӣ, моли замони гузашта аст, ишқҳои имрӯза бо пулу мол чен меша.

Аспи оғо, ки эҳтимол муштоқи хору мол буд, ба“ҳирру-фих” даромад ва сарашро ба китфи соҳибаш гузошту дар байни ӯ ва Фаришта фосила эҷод кард.

-Сайъ ку, рашк мекуна, падарсӯхта, - гуфт оғо ва гардани аспро бағал кард, - нигарон набош, и хонум ишқша ба мо намета, мега, қиматуш гаронай, мега пулу моли ту кофӣ нест.

Гунаҳои Фаришта аз ин ҳарфҳо оташ гирифтанд, ӯ нигоҳи чашмони чун ғизоли рамидаашро аз оғо гурезонд ва вонамуд кард, ки ҳарфҳои ӯро нашунидаст. Аммо эҳсосе дошт, ки ангор дар соқаи хушкидаи ҷисмаш пунбаҳо обила мекунанд, баргҳои сабз во мешаванд ва хамёзакашон ба сӯи қалби холияш мехазанд.

Оғо мисли харидори моли антиқа, ки баъди солҳо интизорӣ ниҳоят ба ашёи нодире даст ёфтааст, сар то пойи Фариштаро бо нигоҳ навозиш мекард.

-Касе то ҳол ба ту гуфта, ки бисёр мақбул астӣ?

Сари Фаришта аз ин каламоти ширин чарх зад, синааш аз ҳаяҷон пасту баланд мешуд ва мавҷи оташине аз нӯги по то решаҳои мӯяш мехазид.

Оғо мисли сайёде, ки қасди ҷони оҳуи ба дом афтода надорад ва танҳо аз тапиданҳояш лаззат мебарад, Фариштаро

бозӣ медоронд ва нурҳои шайтоние дар чашмонаш барқ мезаданд.

-Хеле ҷаззобӣ, неша шудам, мехом дар баҳри чашмои сиёҳат ғарқ бишам, иҷоза медӣ?

Фаришта ин лутфҳои ошиқона дар умраш аз марде нашунида буд ва кам монда буд ғаш кунад. Бо ақлаш дарк мекард, ки оғо барои ӯ мисли як меваи мамнуъ аст ва чашиданаш зарбаи ҳазор сангу сафолро ба думбол дорад, аммо дилаш мехост, оғо лаб фурӯ набандад ва ин лаҳза ба охир нарасад.

Мард он қадар ба Фаришта наздик шуд, ки нафасҳояшон ба ҳам печиданд.

-Девонам кардӣ, имшаб бе ту чӣ тур бихобам, - гуфт ӯ ва аз бари рӯи оташгирифтаи ӯ як бӯса ситонд. Фаришта як қадам ақиб рафт ва рост ба чашмони оғо нигоҳ кард.

-Чаро ин корро бо ман мекунед? Шумо ҳатто номи маро намедонед, чи бирасад ба алоқамандӣ.

-Номат Фаришта аст, ина хо медонум! Оғо чунон баланд хандид, ки аспи ором истода якбора рамид ва чанд қадам ақибнокӣ рафт.

-Аз и чашмои бегуноҳат хушам меояд, сайъ ку, Фариштаҷон, дорам ошиқат мешам! Фаришта лабонашро ба ҳам фишурд, то лабханд назанад ва ба оғо ҷасорати бештар надиҳад. Аммо ғунчаи лабонаш худ ба худ во шуда, табассуми зебое дар чеҳрааш гул кард.

-Ма и чашмора аму шабе, ки оварданут, писандидум. Мисли оҳуи рамида будӣ. Алоқамандӣ дига чи рақам боша? Бугӯ, тура аз мо хушат меоя?

-Ин ҳарфҳоро нагӯед, маро ошуфта мекунед.

-Хаёлат ман дорам чӣ кор мекунум? Мехом ошуфта шавӣ, шефта шавӣ, бигӯӣ, вой, ман бе ту наметонум! Оғо боз баланд хандид. Фаришта ин дафъа гиҷ шуд, аз зеҳнаш гузашт, ки ин мард ӯро масхара мекунад. Лаб аз ханда басту азми рафтан кард.

-Чӣ шуд? Сари ма қор шудӣ? Мага чизи баде гуфтам? Гуфтам аз ту хушам меояд, дурӯғ, ки нагуфтум!

-Эй шайтонак, турам аз ма хушат меоя, ӯ чашмот мега, оғо аз суратам як мочи дига биги! - Фаришта пушт ба оғо карду рӯяшро бо дастонаш пӯшонд, то оғо хоҳиши даҳҳо бӯсаро дар чашмони ӯ нахонад.

Аммо оғои бало корашро балад буд.

-Ага имшаб ин ҷо бимонум, пешам меоӣ?

-Имкон надорад...

-Чаро?

-Наметавонам, ихтиёрам бо худам нест.

Оғо чизе гуфтанӣ буд, аммо писари навраси подабонро, ки дастафшон ба тарафи онҳо меомад, диду ҳарфаш дар даҳонаш монд.

-Марде саисхона омада, ба шумо кор дора, оғосайиб, - гуфт писари подабон, ки тунд-тунд нафас мегирифт. Донаҳои арақ аз лобалои мӯйҳояш, ки дар офтоб сӯхта мисли пахол зард шудаанд, ба рӯяш мечакид. Фариштаро диду хиҷолат кашид ва сару рӯяшро бо остини куртаи бетугмааш пок кард.

-Боша, буру, ман амиёли мерасум.

-Бобом гуфт, шуморо бо худ биёрам, меҳмон нафари муҳим аста.

Оғо ба манзури суҳбат боқист ба Фаришта нигоҳи рамздоре карду ҳамроҳ бо писари подабон рафт.

Фаришта монду накҳати оғо ва каломи ширини ӯ, ки дар гӯшҳои “бокира”-и духтар садо медод ва дарунитарин хоҳишҳояшро урён мекард. Хумор дошт, пойҳояш сангин буданд, аз ҷой ҷумбидан намехост. Бо дили нохоҳам аз дари ҳисор дур шуд ва дар боли хаёлҳои ширин чӣ тавр то хонаи Алтанхотун расиданашро надонист.

-Куҷа будӣ Фариштаҷан? Чара рӯят қермиз шуда? - пурсид хотун бо нигаронӣ, ки аз сарнавишти ин ғариба ҳамеша хавотир буд.

-Чизе нашуда, хотун, биравам ғизо омода кунам, каме

дер шуд имрӯз.

Ӯ ҳезумҳои хушкро зери дегдон партофту оташро рӯшан кард ва нохудогоҳ дар рӯ ба рӯи алангаҳои оташ сари по нишаст. Аммо на оташро медид ва на қарс-қарс шикастани устухонҳои ҳезуми хушкро. Худаш баргашту ҳушу ёдаш дар лаби ҳисори галаи аспҳои оғо монд.

“Худоё, ин чӣ васвасаест! Магар ман инро хоста будам? Тамоми зориву тавалоям ба даргоҳат танҳо барои бозгашт ба ватан буд, ки ангор шуданӣ нест. Нагзор, ки ин васваса охири корам шавад.”

-Фариштаҷан, алава мандиву дег намандӣ, аҷала накунӣ авладаи ма гӯшна меманан. Фаришта акнун мутаваҷҷеҳ шуд, ки ҳезум барҳадар месӯзад. Ӯ аз нигоҳҳои кунҷковонаи Алтанхотун ба дегу коса паноҳ бурд. Дегро болои дегдон гузошту равғанро рехт ва пораҳои гӯштро, ки саҳар ҷудо карда буд ба дег андохт. “Хайрият, ки чашмони хотун танг аст, вагарна ман ба ин нигоҳи сӯрохкунанда тоб намеовардам ва ӯ мегуфтам, ки оре, як чизем шуда, шояд девона шудам!”

Он мулоқот, ки ҳеҷ қавли маҳкамеро ба думбол надошт, сабру қарорро аз дили Фаришта ва хобро аз дидагонаш рабуд. Чеҳраи ҷаззоб, чашмони дурахшон, лабҳои хандон ва мӯйҳои фирфирии оғоро пеши назараш меоварду дилаш беҳол мешуд, гӯё ҷиғ-ҷиғ медарид.

Ҳеҷ гоҳ чунин як эҳсоси пуршӯрро таҷруба накарда буд, ҳатто солҳо пеш, замоне, ки номзад дошт ва ба он ҷавон ошиқ шуд. Он ишқ як эҳсоси сода ва поку беолоиши духтараки наврасе буд, ки пеши бараш акнун медамид ва хаёли як бӯса ҳади аксари рӯъёҳояш буд. Ин васваса, ки аз замири як зани болиғ берун меомад ва ношӣ аз хоҳишҳои пургуноҳ ва ғайримашруъ буд, ҷисми ӯро алоҳида аз қалбаш дар тобаи шавқу ҳавас месӯзонд.

Фаришта бартариҳои оғоро бо худ қиёс мекарду ноумед мешуд ва норозиёна аз оинаи шикастаи ҷевони Алтанхотун рӯ метофт. Ӯ дар он оина зани заҷркашидаеро медид, ки ба

Фариштаи пешин монанд набуд. Аз ҳусни зотие, ки модари моҳрӯяш ба ӯ дод, танҳо як чеҳраи афсурда мондааст ва аз гесувони ҳалқа-ҳалқаи ба қад баробар як мӯи жулидае, ки рӯзҳо дандони шона ба торҳояш намерасад.

Ҳаракатҳои номураттабе дошт он рӯзҳо. Дар пайи ҷустуҷӯи таровати гумшуда об гарм кард ва дар ҳаммоми сарпӯшидаи Алтанхотун, ки ягона гӯшаи арзишманди ин макон буд, гармобаи муфассал гирифт. Боз ба пойи оина баргашт ва ба сурати худ чашм дӯхт. “Мисле, ки пир шудаам ё ба назарам менамояд? Чеҳраашро ба оина наздиктар овард ва ба чашмони худ хира шуд. Чӣ берӯҳ буданд он чашмҳо! Гӯё, тамоми зачрҳои кашидааш мисли сармои қаҳратун дар шишаи чашмонаш нақш бастанд. “Дуруст мегуфтанд, ки чашм оина рӯҳи инсон аст, он чӣ рӯҳ мекашад, чун навори филми аккосӣ дар хонаи торики чашмҳо зоҳир мешавад”, - бо таассуф аз дил гузаронд ӯ.

Фаришта монанди як зани фақир, ки соатҳо дар пушти шишаи дӯкони гаронбаҳо чашм аз пероҳани дилхоҳаш намеканад, дар оғӯши рӯъёҳои ғайривоқеъӣ ғарқ мешуд ва соатҳо берун намеомад.

Ҳамин рӯзҳо буд, ки Аргина, келини хурдии Алтанхотун, як халта рангубори ороишӣ овард ва гуфт, ки инҳоро кадом дӯсташ барои фурӯш додааст. Келинҳои хотун чашмҳои танги худро то ҳади имкон боз карда, бо ҳаяҷон даст ба халта мезаданд ва қуттиҳои баррокро аз панҷаҳои якдигар рабуда, сурхиву сафедиро дар пӯсти якдигар имтиҳон мекарданд. Чеҳраҳои беранги онҳо мисли коғази нонавишта буд, ки дар он мешуд ҳар суратеро кашид. Гунаҳо дар як они воҳид гулобӣ шуданду чашмҳо сурмасо ва лабҳо мисли гулбаргҳои навшукуфт. Хонумҳо аз хурсандӣ шукуфтанд. Пайсаҳои арақолӯд аз синабандҳои онҳо берун ва дар домани Аргина ғарам мешуд. Алтанхотун аз ҷаззобияти келинҳояш, ки ҳамагӣ хоҳарзодаву додарзодаҳояш буданд, ифтихор мекард ва “бала дур” гуфта, даври сари онҳо сипанд дуд медод.

Фаришта ин бозори худгардонро аз дур бо ҳавас тамошо мекард, аммо наздик намешуд, пуле ҳам надошт, ки чизе харидорӣ кунад.

Ин дам аҷуза ба Алтанхотун чӣ ишорае кард, ки хотун аз дасти Фаришта гирифту ӯро ба лаби кат овард.

-Ҳар чӣ дилат бход биги пайсаша ма худум метум, - гуфт ӯ. Келинҳо аз меҳрубонии модаршӯ ба ин зани ғариба пешонӣ чин карданд.

Биё Фариштаҷон, хубуша барот метум, - гуфт Аргина, ки ба Фаришта эҳтиром дошт ва ороишотеро, ки барои худ интихоб карда буд, ба пеши ӯ гузошт. - Бигӣ, куллаш моли Дубай аст. Келинҳои дигар ҳасудона чашм ба ин ороишот дӯхтанд. Фаришта акнун мехост ҷаъбаеро бардорад, ки кадоме аз хонумҳо дасти ӯро тела дод.

-Инора чиро ба мо нишон надодӣ? - гуфт зани чоқи гарданкулуфт, ки ранги лаб дандондонҳояшро монанди хуношомҳо қирмиз карда буд. - На хайр, аввал мо интихаб мекунем, боқиша ба у занака бидеҳ.

Фаришта дасташро пас кашид ва ноаён аз пеши занҳо дур шуд.

-Чуп, инҳо моли мананд, Фариштаҷон, пеш биё, доманта боз ку, - гуфт Аргина ва аз ҷой бархосту ҷаъбаҳои рангорангро ба домани Фаришта рехт. -Ту худут мақбул астӣ, бо и ороишот мақбултар мешӣ, и занои ҳевари ма ай ҳасудӣ месӯзан, - ӯ бо ханда ва ба сӯи Фаришта чашмак зад. Фаришта ҳеҷ гоҳ аҳли ороишот набуд, аммо ҳоло он қадар шод шуд, ки ангор, барояш дунёро доданд, мехост зудтар ба хона дарояд ва ҷаъбаҳоро дар танҳоӣ як-як боз кунад. Раҳ ба раҳ хандаи бечораҳолонае дар лабонаш зоҳир шуд, саги сиёҳ ба ёдаш омад, ки устухони партофтаи падарро аз осмон мебардошт ва ба гӯшае медавид, то хилваташро касе халадор накунад. “Чи ҳақиру садақахӯр шудаӣ, Фаришта!”

Аз гуфтугӯи лаби ҳисор бо Гул-оғо як ҳафта гузашт, вале ӯ дигар пайдо нашуд. Фаришта ҳар саҳар ҳавлӣ ҷорӯб мезаду

гоҳ-гоҳ қоматашро рост мекард ва дуру дароз ба самти саисхонаи оғо чашм медӯхт. Шиҳаи аспҳоро мешуниду дилаш гум мезад. Аммо рӯзҳо мегузаштанду шавқу шӯрро яъсу намедӣ ва хаёлҳои хомро мантиқу хирад иваз мекард. Ӯ, ҳамон тавр ки аз шавқ то ба арши аъло баланд шуда буд, бо ҳамон шаст поён фаромад ва акнун ҳар бор дилаш барои дидани оғо гум мезад, лагоми хоҳишҳояшро мекашид ва ба худ мегуфт: “Оғо туро масхара кард, туро аз шодӣ пойҳоятро об бурд!”.

Алтунхотун акнун аз бекорӣ пойҳои вармосидаашро дар рӯи кат дароз мекарду то омадани келинҳояш пинак мерафт. Шояд ҳам бедор буд, аммо Фаришта хобу бедории ӯро ҳеҷ фарқ намекард, ангор, чашмони хотун доимо баста буданд. Ӯ намедонист, аз сари Фаришта чӣ мегузарад, агар чизеро пайхас мекард, шояд кунҷкоб мешуд. Танҳо аҷуза буд, ки ҳар як ҳаракати Фариштаро мӯшикофона таъқиб мекард, гӯё филми пурмоҷароеро медид, ки саропо гӯшу ҳуш буд ва аз ӯ чашм намеканд. Фаришта эҳсос мекард, ки аҷуза аз он сӯи достони ӯ гузаштааст ва бо хиҷолат худро аз кампир канор мегирифт.

Оғо чун дафъаи қаблӣ бехабар омад.

Дар тан тумбони сабзи мошӣ дошт ва дар даври гарданаш гарданбанди сиёҳ, ки як ҷо бо мӯйҳои қатронияш чеҳраи ӯро пурҷило мекард. Ӯ дар ҳавлии холӣ касеро надид. Алтанхотун аз саҳар ба дидори мӯйсафедаш рафта буд, ки вақтҳои охир бисёр танбал шудаст ва либосҳои чиркинашро барои шустан ба дасти писари галабон мефиристад. Фаришта омадани оғоро, қабл аз он ки садояшро бишнавад, эҳсос кард. Мисли ҳайвонҳо, ки вуқӯи зилзиларо қабл аз такон хурдани замин ҳис мекунанд. Дар тобаи рӯи дегдон нон мепӯхт, ки якбора дар ҷояш карахт шуд ва занги борику тӯлоние дар гӯшҳояш садо дод. Дастпоча шуд, нонҳои гармро, ки барои ҳавохурӣ паҳн карда буд, бо аҷала рӯи ҳам гузошт, аммо боз аз фикраш гашту нонҳоро дубора ба рӯи дастархон паҳн

кард. На ҷуръате дошт, ки берун барояд ва на сабре, ки дар ошхона бимонад.

Рӯи нонҳоро бо як дастархон пӯшонду аз дари пуштӣ ба сӯи хона давид. Бо аҷала либосҳои дудолудашро аз тан кашиду пероҳани наверо, ки хола Наврӯз дар буғчаи ӯ гузошта буд, ба бар кард. Пероҳани кӯчӣ миёни борик ва синаҳои дамидаи ӯро монанди тандиси занҳои антиқӣ барҷаста мекард. Бо аҷала ба чашмонаш, ки аз ҳаяҷон барқ мезаданд, сурма заду ба лабҳояш ранги гулобӣ, зулфони тобдорашро аз пушти гӯшаш озод кард ва ду гӯшаи рӯсарии ҳарирро ба китфонаш партофт. Шуд ҳамон Фариштаи қадим, ҷаззоб, ширин, чун меваи расида. Худро дар оина диду гунаҳояш аз хиҷолат сурх шуданд.

“Худоё, ман чӣ кор мекунам! Оғо хар нест, ҳатман мефаҳмад, ки ин зебу зиннат ба хотири ӯст! Ӯ бо ҳамон аҷала пироҳани навро аз тан кашиду дубора ҳамон куртаи дудолударо ба бар кард. Сурмаву сурхии ба гуфтаи Аргина моли Дубай, ҳатто бо латтаи тар тоза нашуд, аммо рангҳои нафису табиӣ ба Фаришта зебид. Ӯ то остона расиду пойҳояш ларзиданд, беҳолона ба чӯби дар такя зад ва бо гардани каҷ ба оғои хушқиёфа хира шуд. Он қадр ташнаи дидори ин мард буд, ки пинҳон карданаш имкон надошт.

-Да и хона касе ба мо ав намета? - гуфт оғо бо лаҳҷаи омиёна ва бе он ки посухеро интизор шавад, лаб ба лаби шланги канори ҷӯй гузошт, ки обаш шабу рӯз боғчаи Аалтанхотунро шодоб мекунад. Фишори об он субҳ баланд буд ва об фаввора заду ришу пироҳани ӯро тар кард.

-Буру бобо, мо танҳо ав хоста будем, на ҳаммом – гуфт ӯ бо ханда ва шлангро ба гӯшае парт кард.

-Дар и хона касе нест?

-Ба кас чӣ кор дорӣ? Мага ба суроғӣ он ғариба наомадӣ?- гуфт аҷуза бо садои хиррӣ ва дигарбора оғоро ғофилгир кард.

Оғо бо даҳони аз ҳайрат нимабоз ба самти дарахти сада қадам бардошт ва кампирро дид, ки монанди як мушт

устухони дудхӯрда дар худ печида аст.

Оғо аз писарони Алтанхотун мешунид, ки модарбузурги онҳо илми ҷодуро медонад, аммо бовар намекард ва ҳоло бо дидани кампир кунҷков шуд.

-Чӣ тур астӣ модар, ҷонат ҷӯр аст?

Кампир посух надод, ӯ лабчанг менавохт ва навое мебаровард, ки шабеҳи уллоси шамол буд ё пажвоки овои танҳо дар байни кӯҳҳо.

-Ростӣ, наваҳот меган, илми ҷоду баладӣ, рост меган?

Аҷуза пузхандро дар садои оғо эҳсос карду пилкҳои сангинаш тангтар шуданд. Ба шиддат рӯи забонаки лабчанг ангушт мезад ва монанди навозандаҳое, ки аз сози худ ба самоъ мерасанд, сарашро такон медод. Оғо, ки лаҳзае пеш бо кампир тамассхуромез ҳарф мезад, акнун мисли афсуншудаҳо чашм аз ӯ барнамедошт.

-Чиро мехоҳӣ, бидонӣ? - гуфт аҷуза ва лабчангро канор гузошта, аз зери абрӯвони шикастаи бемӯй, ки танҳо қолаби абрӯ буданд, ба оғо нигарист. Мехоҳӣ бидонӣ, кай мемирӣ? - пурсид ӯ бо киноя.

-На воллоҳ, агар инро бидонам, ангезаи зиндагима аз даст медам.

-Пас чӣ мехоҳӣ?

-Велаш кун, чизе намехом.

-Мехоҳӣ бидонӣ, корат бо и ғариба ба куҷо мекаша? Кампир ба сӯи Фариштa ишора кард, ки аз остонаи дар ба он ду нафар менигарист, вале садои онҳоро намешунид.

Чашми оғо ба Фаришта афтоду пешониаш чин шуд.

-Ман ба и зан коре надорум, бо ӯ аз рӯи тараҳҳум ҳарф мезанум, ва илло... Аҷуза сухани ӯро бо қаҳр бурид.

-Ман аз чизҳое огаҳам, ки ту наметавонӣ бидонӣ. Метавонӣ худро гул бизанӣ, аммо на маро.

-Мегӯӣ тараҳҳум дорӣ? Пас ӯро бубар ба назди он рӯди бузург ва бигзор ба сарзаминаш баргардад. Шояд ҷонеро аз мурдан наҷот бидиҳӣ...

Оғо аз ҳарфҳои берабти аҷуза гиҷ шуд.

-Чӣ мегӯи ту!? - таҳаммулро аз даст дод ӯ ва ба аҷуза садо баланд кард.

-Аммо ту ҳиммат надорӣ, хеле худхоҳӣ, ҳайфи касе, ки ба чун туе дил бибозад! Буру, хаста шудам аз ту! - гуфт аҷуза ва бо танаффур аз оғо рӯй тофт.

Гулоғо монанди одаме, ки ҷанги лафзиро мебозад ва барои зарбаи ниҳоӣ аз зеҳни карахт шудааш ҳарфи маҳкаме меҷӯяд, даст ба чона мебурд ва нохудогоҳ риши кӯтоҳашро шона мезад. Дар лабонаш табассуми бечораҳолонае сайр мекард, ду қадам аз назди кампир дур мешуду боз дубора ба зери дарахти сада бармегашт. Оғои пулдоре, ки касе як ҳарфашро ду намекунад ва ҳама дар пешаш дуқат мешаванд, аз густохии як кампир нимҷон гиҷ шуда буд. Саранҷом, ҳарфе ба ёдаш наомад ё нахост бо аҷуза сар ба сар шавад, ки даст афшонду бе он ки ба Фариштa нигоҳе кунад, бо аҷала сӯи саисхона рафт.

Оғо рафт ва ба пушташ нигоҳ ҳам накард. Қомати зебои ӯ дар паси ҷуворизори баланди пайроҳаи борики сӯи саисхона нопадид шуду дили Фариштаро ҳузни тоқатнопазир фаро гирифт, комаш аз алам талх шуд. Ба сӯи боми молхонаву саисхона, ки ҳоло барояш беҳтару муҷаллалтар аз ҳар кохе буд, бо ҳасрат нигоҳ мекарду хоҳиши девонаворе дар дилаш пайдо мешуд, ки ба думболи оғо бидавад. «Шояд бо баҳонаи дидани Алтанхотун то ферма биравам? Ё шояд ба хонаи оғо баргардам? Зеҳнаш ҳам як далеле пеш намеовард, ки чаро Фаришта бояд ин корҳоро накунад».

Аҷуза аз ӯ чашм намеканд, нигоҳаш қазоватомез буд, лабонаш аз қаҳр дар байни комҳои бедандонаш фурӯ рафтанд ва ҷилди овезони рӯяш аз чаҳор тараф дар гирди биниву даҳонаш бурма мешуд.

Фаришта эҳсос мекард, ки кампир зеҳни ӯро мисли як китоби боз мехонад, шояд аз гузаштааш огоҳ аст ва аз ояндааш низ як чизҳое медонад. То чанд рӯзи пеш аз

ҳарфҳои гоҳ-гоҳӣ ва берабти аҷуза, ки ногаҳон мисли тарошае аз бом меафтанд, барои худ пайғом мебардошт ва дар он ҳарфҳои берабт калиди мушкили худро меҷӯст. Аммо аз як ҷойе эҳсос кард, ки дигар на аҷуза барояш муҳим аст на каломи мармузаш. Дар гирдоби васвасаи нобаҳангом, ки аз ӯ як инсони барои худаш ҳам ношиносро меофарид, чарх мезад ва парво надошт, ки пиразан чи амреро ба зеҳни ӯ таҳмил мекунад. Бо аҷала ба хона даромаду ҳамон куртаи навашро ба бар кард ва ба сӯи пайроҳаи борик байни чуворизор гом бардошт.

-Инсонеро ба ин аблаҳӣ надида будам, ки бо чунин суръат ба истиқболи бадбахтии худ биштобад, - гуфт аҷуза бо зарда ва дар тахти хобаш, ки ҳам хонааш буду ҳам хобгоҳаш, ба пушт зад. Сурати турши ӯ дар паси зонуҳои лоғараш, ки монанди ходаи гури бесоҳиб хушку рост буданд, нопадид шуд.

Аммо “тираш” ба ҳадаф расид. Фариштa дар фосилаи ду қадам аз саисхона якбора манъ шуд. “Худоё, дорам чӣ кор мекунам?” - гуфт ба худ ва бо ҳасрат ба ҷодае нигарист, ки лаҳзае пеш маъшуқи бепарвояш аз он қадам мебардошт. Мехост баргардад, аммо дилаш тавтеа мекард ва дар гӯшаш мехонд, ки “ба думболи ман биё". Монанди говмеши занҷирбанд буд, ки зӯр мезаду ба пеш мехазид, вале занҷир ӯро ба ақиб, ба сӯи саисхона мекашонд. Саранҷом, бо сари хам ва бо дили шикаста ба кулбаи хотун баргашт.

Алтанхотун вақти наҳор якҷо бо келинҳояш омад, хурсанд буд. Гуфт, ки аспи дӯстдоштаи оғо обистан аст ва ӯ аз хотун хоҳиш кардааст, ки то зоймони асп як ду-се ҳафта дар молхона бимонад ва шавҳарашро ҳамроҳӣ кунад. Хотун мӯйсафедашро пазмон шуда буд.

-Гурбаи моҳурӯз барои худ хилват меҷӯяд, ту чаро ин қадар хингӣ!?

-Бо мо будӣ мадар? -Алтанхотун акнун дошт араки сару рӯяшро бо остонаш пок мекард ва ҳаш-ҳашкунон думбаи

бузургашро ба рӯи тушак (кӯрпача) мефуровард, ки овози қаҳролӯди хушдоманашро шуниду мисли арӯси чилрӯза дастпоча шуд ва сареъ ба пушти дарахти сада гузашт.

Келину хушдоман байни худ бо забони қавмиашон ҳарф мезаданд ва Фаришта ҳарчанд гӯшу ҳуш шуд, аммо як калима ҳам нафаҳмид. Хотун бо ҳавоси парешон баргашт.

-Ғизара бикаш, Фариштаҷон, духтаро зуд наҳар бухӯрану аз пайи кор шаван, - гуфт ӯ. Рафтораш мисли одаме буд, ки хабари муҳимме шунидааст ва агар онро ба касе нагӯяд, мунфаҷир мешавад.

Келинҳои хотун наволаҳои охирро аз табақи кӯфтакабоб бардошта, акнун мехостанд маросими дандонкобии дастаҷамъонаро оғоз кунанд, ки модаршӯ саросемавор дастархонро бардошт.

-Ғазатона хӯрден, аку буланд шен, бурен ай пайи кар, чая да аму сари кар бнӯшен.

Хотун келинҳои норозиашро аз даври дастархон, ҳамон тавре ки гунҷишкҳоро бо чӯби борики душоха аз дарахти гелос мехезонад, пеш карду худаш ба рӯи тушак ғелид ва ҷойро банд кард, то онҳо натавонанд ба гирди суфра баргарданд. Хонумҳо ахм карданду ғур заданд ва як-як аз лаби кат поён ҷаҳида, дар пайроҳаи борик турнақатор ба самти ферма роҳӣ шуданд. Ба маҳзи дур шудани садои занҳо Алтанхотун бо аҷала кӯшиши бархостан кард, аммо тани мисли хирмани гӯшт сангинаш гардан намедод, ӯ ду-се бор ғел заду билохара бо кумаки дастаи кат аз ҷой бархост.

-Куҷостӣ Фариштаҷан?

Фаришта банди андешаҳои худ акнун косаву табақоро дар лаби об лиф мезад, ки садои хотунро шуниду аз пушти дарахти гелос ба ӯ нигоҳ кард.

-Ин ҷостам, ба ман коре доштед, Алтанхотун?

-И аға бари чӣ амада буд? Аға ба ту чӣ кар дара? Шикофҳои бинии кӯтоҳи хотуни меҳрубон аз ҳаяҷон шукуфтанд ва лабони сергӯшташ, ки бе ин ҳам бо димоғаш

фосилаи қобили мулоҳиза доранд, гоҳ фушурда мешуданд ва гоҳ зери дандонҳояш мерафтанд. Ваҷоҳати хотун беш аз суолоти ӯ тарс илқо мекард. Фариштаи бо дастони кафколӯд, ки ларзиши онҳо аз назари хотун пинҳон намонд, хомӯшона дар лаби кат нишаст. Гӯшаҳои лабонаш аз алами дарунӣ поин рафтанд ва сели ашк радаи мижгонҳояшро рахна карду сарозер шуд. Алтанхотун, ки зотан як зани бисёр раҳмдил аст ва ҳатто бо шунидани “афсонаи сесона” ҳам оби чашмаш равон мешавад, хории Фариштаро диду дастпоча шуд.

-Воллоҳ ман чӣ гуфтам? Чара гирян мекунӣ? Номи хода манзуре надаштам, шанидам аға амад, гофтам пурсам, ки каре дошт, ки амад, - гуфт хотун бо нармӣ ва гилеми рӯи катро бо думбааш кашолакунон ба сӯи Фаришта хазид.

Китфҳои Фариштаро навозиш кард, ашки чашмони ӯро бо лаби остинаш рӯфт ва бо овози паст дар гӯшаш гуфт, ки “ҳамаш мегзара диқ наку”. Фаришта бори аввал сарфаҳм намерафт, ки барои чӣ буғз кардааст? Барои қочоқ шуданаш? Барои дуруштии Алтанхотун? Ё барои нописандии дирӯзаи оғо? Ба фоҷеаи қочоқ, ҳамон тавре ки як бемор бо маризии лоилоҷ канор меояд, одат кард. Дуруштии Алтанхотун ҳам ӯро озурда намекунад, Фаришта ин воқеъиятро, ки бардаро ҳар касу нокас озор медиҳад, дарк мекунад. Ашкҳои Фаришта аз ғуссаи оғои хушсурат буд, ки ӯро ошиқ карду худро канор кашид. Хеле гирист, то ки дилаш холӣ шуд ва чашм аз домани пероҳанаш бардошту аз зери мижгонҳои тар гунаҳкорона ба Алтанхотун нигоҳ кард.

Агар хотун то ин лаҳза алоқамандии Фариштаро ба оғо кори ношуданӣ медонист, пас аз дидани ин нигоҳи гунаҳкорона ҳама чиз барояш рушан шуд.

-Худая мора аз и афат аман бидеҳ...

Ӯ ва бо таассуф ба Фаришта нигоҳ мекард ва мардумаки чашмонаш чун моҳии дар тангно афтода фир -фир ба чапу рост тоб мехӯрданд, даст ба зону мезаду сарашро такон медод.

-Ай, ханаи ишқ бисӯза... ашиқ шудӣ Фариштаҷан? Ахи чара ба и аға? Мага дига ағае набуд? Ном хода, ага занои ханаи калон бохабар шаван, сар аз танут ҷуда меша, фомидӣ чи мегам?

-Алтанхотун, нигарон набошед, байни мову оғо чизе нест, танҳо як дафъа бо ӯ то саисхона чакар задам... ман барои худ як рӯъёҳое бофтам, аммо бовар кунед, чизе бештар аз рӯъё нест, ба Худо рост мегам...

-Боракалло, худа ай и аға дур бикаш, номи Худо, тура мисли муш базӣ мета ва да кунҷ мепартая. И аға ҳардамхаёл аста, у занои худа нига намекуна...меган ай мардо хушаш меая... туба...туба!

Хотун аз чоки гиребон борони туфро ба сари синаааш рехт ва нармии гушашро кашид.

-Омадани.. оғоро.. аз куҷо фаҳмидед? -пурсид Фаришта, ки ҳоло ҳам аз алам ҳиқ-ҳиқ мекард.

-Мадаршӯи ма нигаранат шуда, мега, и ғариба ашиқ шуда, мега, аға тура бадбахт мекуна.

-Нигарон набошед, Алтанхотун, байни ману оғо аз замин то моҳ роҳ аст, ман ҷойгоҳи худро медонам, оғо бо ман як лаҳза шӯхиву дилхушӣ карду ҳамон лаҳза аз ёд бурд. Дигар намеояд, ман медонам...

Ҳарфи охир Фаришта ноумедона буд, вале бештар ҳамчун хоҳиши “эй кош меомад” садо дод ва Алтанхотун фаҳмид, ки кори ин духтар аз насиҳат гузаштааст ва агар оғо ҳамин ҳоло сари роҳаш сабз шавад, худро ба оғӯшаш меафканад.

-Ай ма гуфтан буд, Фариштаҷан, он тарафаша ход данӣ.

Алтанхотун бегоҳ вазнин-вазнин қадам бардошта, аз пайроҳаи борик ба сӯи саисхона рафт, бо хотири парешон рафт, чанд дафъа ба ақиб нигоҳ кард, гӯё дудила буд, ки биравад ё баргардад. Аммо саранҷом роҳашро идома дод.

Фаришта монду модаршӯи Алтанхотун. Аҷуза хаставу заъиф менамуд, на чанг менавохт ва на табл мезад, неруе

надошт, мисли латтаи обшӯста ҷинҷу овезон буд. Хотун боре мегуфт, агар кампир бо ёронаш баҳс кунад, онҳо неруяшро мебалъанд ва ҳолашро табоҳ мекунанд то ҳарфашон ба кампир таҳмил шавад. Фариштa як ҳиссе дошт, ки аҷуза аз пушти ӯ ба ин ҳол афтодааст. Дилаш ба ҳоли аҷуза сӯхт ва дар ӯ хоҳише пайдо шуд, ки ҷисми кӯчаки кампирро ба оғӯш бигираду мӯйҳои хокистариашро навозиш кунад. Ин хоҳиш ӯро то пушти дарахти сада бурд, аммо ҷуръат надод, ки ба кампир наздик шавад. Ӯ дар такяи дарахт нишасту ба сурати беҷони кампур хира шуд.

-Бубахшед, ки бепурсиш омадам, - гуфт ӯ, - хостам бигӯям, ки ғами маро нахӯред, ҳамон тавр ки гуфтед, аз сарнавишт ҷойи гурез нест...

Кампир сарашро баланд карду паси пардаи хираи чашмони хастааш тавре ба Фаришта зул зад, ки гӯё ӯро бори аввал медид, сипас дасташро беҳолона бардошту ишора кард, ки “бирав”. Ӯ хир- хир садо мебаровард ва кафки сафед дар гӯшаи лабонаш баланд мешуд, гӯё дарди хафакон дошт. Фаришта оҳиста аз ҷой бархост. Ин дам хир-хири кампир баландтар шуд, сараш ақиб рафту то шонаҳояш расид ва гардани борикаш ба андозаи тани як мурғи фарбеҳ вармосид. Чун фирфирак ба чархиш даромад. Он қадр сареъ тоб мехӯрд, ки Фаришта саргиҷа шуд ва хаёл кард хона замину замон меларзад. Кампир ниҳоят ором гирифт ва аз гӯлӯяш ҳамон садои мардона берун омад.

-Аҳду паймон роҳи баргашт надорад, духтар...

Дили Фаришта аз ҳарос лағжиду то нуки пояш расид ва мӯй дар баданаш рост шуд, хаёлаш, ки пӯст аз танаш ҷудо мешавад. Ӯ аз кампир наметарсид, аз садои мардонае метарсид, ки аз гулӯи кампир берун меомад ва аз кобусҳое дар ҳарос буд, ки шабҳои девонагии аҷӯза дар шакли мардҳои ниқобпӯши ҷӯлидамӯ ба сари болинаш меоянд ва дар гирдаш чарх мезаданду ӯро ба рақс мекашанд.

-Ба ҳеҷ ваҷҳ, имшаб дар ин хона намехобам, - гуфту ба

сӯи пайроҳае давид, ки соате пеш хотун аз он вазнин-вазнин қадам зада ба дидори шӯяш мерафт.

Фаришта дар роҳи санглох пешпо мехӯрду медавид ва ҳар дам ба пушти сараш нигоҳ мекард, гӯё касе ба думблаш буд. Аз рӯ ба рӯ шудан бо келинҳои Алтанхотун истиҳола мекард, аз ин рӯ дар сероҳаи байни саисхонаву молхона ва чарогоҳ ба самти хонаи сафед тоб хӯрд, ки дур аз бӯю тафти молхона наздик ба шипанги аспҳои зотии оғо ҷойгир буд. Дар лаби ҳисор як ҷавонаки галабон дастонашро дар таёқи дарози сари шонаҳояш ҳамел кашида, ба дуриҳо менигарист ва оҳангеро замзама мекард.

Болиғ набуд, вале осори кӯдакӯ акнун аз чеҳрааш зудуда мешуд. Пашми нармаке дар гунаҳои офтобхурда ва пушти лаби араққардааш чун гандуми баҳорӣ медурахшид. Ду дандони пешаш аз бузургӣ дар даҳони тангаш намеғунҷид ва азбас рӯ ба офтоб бо чашмони нимапӯш ва даҳони нимабоз тарона мехонд, ҳар кӣ ӯро аз дур медид, хаёл мекард, ки ҷавонак худ бо худ механдад.

-Салом, намедонӣ Алтанхотун куҷост?

Ҷавон, ки акнун ба авҷи таронаи худ мерасид, якбора дам ба дарун заду абрувони гандумрангаш аз тааҷҷуб боло рафтанд. Ӯ бо лабханди хиҷолатомез пушти сарашро хорид ва монанди мӯйсафедҳо ба таёқаш такя зад.

-Хотун он ҷост,- гуфт ва ангушти ишораро ба сӯи хонаи сафеди барҳаво баланд кард.

-Бигӯ биёяд, кораш дорам.

-Хонумҷон, то он хотуни чоқ ба ин ҷа мераса, ки рӯз бегоҳ меша, худут буру, осонтар ход буд.

Фаришта норозиёна абрӯ ба ҳам кашид.

-Аз кадом роҳ биравам?

-Аз дохили молхона.

-Роҳи дигаре нест?

-Чаро? Ҳаст, аммо дурат меша.

-Муҳим нест, роҳа бари ман нишон медӣ?

-Чаро не, я хонуми зебо аз мо кумак бхоҳаву мо на бигем, роша бирем, -лабханд зад писарак

-Он ҷо ба ҷуз Алтанхотун ва шавҳараш каси дигаре ҳаст?

Ҷавонак ҳиллагарона лабханд зад.

-Агар мехой бидонӣ, ки оға он ҷост, мегам на, - ӯ рӯяшро тарафи дигар гардонд, то Фариштa хандаашро набинад.

Фаришта аз хиҷолат то баногӯш сурх шуд. Ҳадс зад, ки ин ҷавон бародари бузурги ҳамон писарест, ки ӯро бо оға дар лаби ҳисор дида буд.

-Маро ба оға чӣ кор! Ба хотун кор дорам. Ҷавони ҳозирҷавоб эҳсос кард, ки нохудогоҳ хонуми зеборо ранҷонд ва узромез гардан каҷ кард.

-Боша, ҳар чӣ шумо биген. Ӯ бо давр задани фермаи молпарварӣ Фариштаро то дами дарвозаи хонаи сафед, ки як табақаш боз буд, раҳбаладӣ кард.

-Кори дигаре надорӣ хонум?- ҷавонак сайъ кард дандонҳои харгӯшмонандашро зери лабҳои борикаш пинҳон кунад, аммо шайтон дар гарданаш савор буд, ки хандааш ҷӯш мезад ва аз чашму даҳонаш мерехт.

Фаришта хашмгин шуд, абрӯвонаш аз алам гирех заданд, аммо лаб зери дандон гузошт, то ҳарфи баде аз даҳонаш берун наояд. Ӯ пушт ба ҷавонак карду аз дари нимабоз ба ҳавлӣ даромад.

Бинои барҳавои яктабақа бо чаҳор панҷараи бузурги бо пардаҳои ҳарир ороёфта дар сояи дарахтони баланд воқеъ буд. Гулу гулзори рангорангаш аз ду обнамое баҳра мебардошт, ки дар ду тарафи ин ҳавлии начандон бузург, вале хеле бонизом фаввора мезаданд. Дар ин макон ҷонзоде ба назар намерасид ва хомӯшии атрофро “ку-ку-ку”-и қумриҳо халалдор мекард, ки аз нурҳои сӯзони офтоб ба шохаҳои сербарги дарахтон паноҳ мебурданд. Ғами сангине қалби Фариштаро фишурд, хонаи падар ба ёдаш расид ва гармои тамузу хониши қумриҳо.

Тобистонҳо вақте модару хоҳаронаш аз гармои нимарӯз

ба хонаҳо салқин паноҳ мебурданд, Фаришта дар ҳавлӣ танҳо мемонд ва дар лаби ҳавз менишасту косаву табақҳои сурфаи наҳорро мешӯст ва ба садои ҳазини мӯсича гӯш медод. Аз бозе, ки худро шинохт “ку-ку-ку”-и ин паррандаҳои беозор дар дилаш андуҳи бекасӣ ва ноилоҷиро бедор мекард, махсусан солҳои охир, ки хонаи бузурги падар барояш танг шуда буд. Ӯ ба хониши паррандаҳо гӯш медод ва ба қадамҳои беовоз ба айвони баланди хонаи сафед наздик мешуд.

Аз пой гузоштан ба маконе, ки оғои аспбоз соатҳои умрашро дар он сипарӣ мекунад, ҳаяҷонӣ мешуд, мисли он рӯз, ки оғо ба рӯяш бӯса зад.

-Алтанхотун, - садо кард ӯ ва каме дуртар сабурона омадани хотунро интизор шуд. Аз хотун дарак набуд. “Шояд дар саисхона бошад?” аз дил гузаронд Фаришта ва дасташро дар пешона соябон карду ба сӯи шипанги баланд, ки якчанд нафар дар паҳлуи дарвозаи бозаш хирманеро бод медоданд, нигоҳ кард. Шипанг холӣ менамуд ва шиҳаи аспҳо аз сӯи чарогоҳ баланд мешуд.

-Чит шуда, Фариштаҷан, ту иҷа чӣ кар мекунӣ? Алтанхотун тани сергӯшти худро аз дари утоқи нишеман, ки ба далеле намехост пурра бозаш кунад, базӯр берун кашид ва норозиёна ба Фаришта нигоҳ кард.

-Хайру хайрият аст?

Хотун дар тан пероҳани нафиси остингушод дошт, ки синаҳои бузурги то ноф овезонашро намоиш медод. Як почаи шалвори чаппа пӯшидааш болотар аз зонӯ дармонда, банди шалвораш намоён буд. Фаришта хотунро ҳеҷ гоҳ бе тоқичаи пӯпакдор, ки ангор, дар сараш сабзида буд, тасаввур намекард ва ҳоло ба сари урён ба мӯйҳои сиёҳу сафеди ӯ, ки то думбаи бузургаш мерасид, бо ҳайрат менигарист. Гунаҳои сергӯшти хотун аз сурхӣ барқ мезаданд.

-Туро Худо, хонумҷон, ман аз танҳо мондан бо модаршӯи шумо метарсам, - гуфт Фаришта узрхоҳона, ки

дарк мекард, бемавқеъ музоҳими хотун шудааст.

-Чӣ шуда, ба мадаршӯи ма?

Намедонам... чарх мезанаду ғаш мекунад, кафк аз лабонаш мерезад ва бо ҳамон садои мардона ҳарф мезанад, заҳракаф шудам. Хоҳиш мекунам баргардед, маро танҳо нагузоред. Фариштa боэҳтиёт аз канори гулҳо убур карду ба долон наздик шуд. Дилаш мехост хотун бигӯяд, ки “бошад, инҷо бимон.”

-Ахи, чара метрасӣ? Мадаршӯи мара хо меданӣ, ӯ ҳич гаҳ ба ту осиб намерасана. - хотун акнун мутаваҷҷеҳи сару либоси худ шуд ва гиребони пероҳани ҳарирро, ки чокаш то сари синааш мерасид хиҷолатомез дар мушташ фишурд. Фариштаро ба дохил даъват накард, худаш даст рӯи зону лангида аз зинаҳои начандон баланд якто-якто поён фаромад.

-Ма ага хана бурам аға сарум қор меша, номи Худо буру, я камак сабур баш, аспи аға зайуман кад, ма худум хана мерам, баша, ҷани ма? - гуфт ӯ бо оҳанги илтиҷо.

-Буру, хайр аст, бачем...буру

Фаришта аз меҳмонбезории хотун, ки мехост ӯро ҳар чӣ зудтар аз ин хона берун кунад, нороҳат шуд, аммо чорае надошт, ба ҷуз ин ки бигӯяд “бошад” ва аз ҳамон роҳи омадааш пас гардад.

Аҷала надошт, мехост дертар баргардад то аҷуза бехуду беёд шавад ва дигар оламу одамро нашиносад.

Аз дами дарвоза ба сӯи дашти сабз, ки аз дурӣ чун баҳр мавҷ мезад, нигоҳ кард. Галаи аспҳои оғо аз нурҳои офтоб ба сояҳо паноҳ бурда, рӯи по ғанаб мерафтанд ва кураҳои ширмасти онҳо дар зери пойи модарони худ рӯи майсазор ғел мезаданд. Дар ин гармои тафсон, дар ин дашти сабз, танҳо як нариён аз пушти модиён медавид ва болои он хез мезад. Модиён ҳавои бозӣ дошт, ки аспи нарро аз паси худ ба дуриҳо мебурд, манъ мешуду тани араққардаи ӯро бӯй мекашид ва баъд ногаҳ аз ҷой ҷаҳида, ба сӯи дашти бекарон фирор мекард. Аспи нар ду бор фиреб хӯрд, вале бори сеюм,

дигар аз ҷой наҷумбид, каме аз паси модиён нигоҳ карду сипас ба гала баргашт.

Галабонҳои ҷавон бо истифода аз оромиши аспҳо рӯи сабзаҳо дароз кашида, мегуфтанду механдиданд. Танҳо галабони пир дар такяи бед най менавохт ва гоҳ-гоҳ навозишро қатъ мекарду пашшаҳои хираро аз сару рӯяш меронд.

Навои ҳузнангези най гоҳо дар зери хандаҳои осмоншикофи писарони ӯ, ки бинии бародари пинакрафтаи худо бо хасе мехориданд, гум мешуд.

Роҳи Фаришта аз канори ҳамон ҳисоре мегузашт, ки бо оғо “чакар” зада буд. Ӯ огоҳона ба ҳамон макон омад ва ларзиши гувороеро дар танаш эҳсос кард, хам шуду сар ба лаби ҳисор гузошт, ба ҳамон ҷойе, ки оғо такя мезад. Хаёл буд ё воқеъият, ки ин макон бӯи атри оғоро ба машомаш расонд ва ӯро махмур кард. Ин дам аспе аз галаи аспҳои ғунуда сар бардошту шиҳа кашид ва дав-давон ба сӯи ҳисор шитоф. Асп дар фосилаи кӯтоҳ манъ шуда, фукашро баланд карду ҳаворо бӯй кашид. Ин ҳамон аспи ошно буд.

-Шабдиз, маро шинохтӣ? Қурбони зеҳнат шавам, пешам биё, наздиктар биё.

Фаришта аз дидани асп он қадр шод шуд, ки гӯё, соҳиби аспро дида бошад.

-Ман мисли оғои ту қанд надорам, аммо ба мӯйҳои зебоят шона мезанам, биё ҷонам.

Асп гӯё забони Фариштаро мефаҳмид, ки ду қадам пеш гузошт ва нафаси гармаш бо бӯи алафи тар ба рӯи Фаришта зад.

Ӯ даст ба пешонаи қашқаи асп бурд ва ёлҳои чун шаб сиёҳашро сила кард, ин навозишҳо ба асп форид ва оҳиста сар ба китфи Фаришта гузошт. Ҳавои гарм аз сӯрохиҳои бинии асп фаввора мезад ва зулфҳои Фариштаро парешон мекард. Асп забони аз алаф сабзшудаашро берун бароварду гардани Фариштаро лесид. Дили Фаришта аз ин меҳрубонӣ

об шуд.

-Азизам, ин дилбариҳо аз кӣ омӯхтӣ, аз он оғои сияҳмӯи бевафо? Ӯ бо дасти чап сари аспро бағал кард ва бо дасти рост ба ёлҳояш панҷа зад. Асп бо чашмони нимпӯш нафас мекашид ва гардани Фариштаро нам мекард. Ҳарду мисли ду ошиқи ба васл расида асири ин оромиш буданд.

-Ай хиёнаткор, чӣ тур тонистӣ, лаб ба зулфҳои маъшуқаи ман бизанӣ?

Асп садоро шинохт ва Фариштаи аз ҳаяҷон шах шударо тела доду бо гӯшҳои сих ва чашмони аз ҳайрат бузург соҳиби овозро ҷӯст. Оғоро диду аз шодӣ ба рақс даромад, сарашро то зонувонаш хам мекарду ба чаҳор по сумбак мезад ва нимтаъзим дар гирди худ мечархид. Билохира қоматашро рост карду пештар омад ва пӯзаашро ба ҷойби соҳибаш дароз кард.

-Буру, буру, ту дига дӯсти ма нестӣ, - оғо вонамуд мекард, ки озурдахотир шудааст ва дастҳояшро зери бағал, аз Шабдиз рӯ метофт. Асп ҳам дилбарӣ мекарду пеш меомад ва сар ба бозувони соҳибаш мемолиду манаҳи ӯро ба сӯи худ мечархонд.

- Сайъ ку, Фаришта, ту мегӣ ишқ фурӯхта намеша. Инами калак уштук буд, ки ма бузургуш кадум, ина ба хотири ту ба ма осон хиёнат кард. Агар зуд намерасидам, ном Худо, намедонам, и бо ту чӣ мекад. Оғо чашмак заду баланд хандид. Асп аз хандаи баланд нарамид ва ҳамоно сумбак мезаду мисли раққосаҳои тӯйгард таваҷҷуҳ мехост. Саранҷом дили сахти оғо нарм шуду сари аспро бағал кард.

Ӯ дар бар пероҳану шалвори сабуки ҳошияааш зарҳалӣ дошт, шабеҳи либоси домод дар шаби висол. Кафшҳои нармаш низ барои гардиши ҷодаи санглох муносиб набуданд.

Боварат меша, хоб будам, ки садое дар гӯшам гуфт, буланд шу, маъшуқат дар лаби ҳисор аст. Тасодуфӣ омадам, и сару либоса мебинӣ? Оғои олуфта хам шуда, почаи шалвори сафедашро аз алафҳои ҳарз, ки келинҳои

Алтанхотун ҳар рӯз аз ин пайроҳа дар эзорҳои худ ба хона меоварданд, тоза кард. Баъд чанд бор пой бар замин куфту гарди кафшҳояшро афшонд.

-Гуфтам биравам давоми хобама бо ту бубинам... - гуфт ва Шабдизро, ки сараш аз сӯрохи девори чӯбини ҳисор берун оварда, мӯйҳои фирфирии соҳибашро “мечарид”, бағал кард ва аз пушти сари асп ба Фаришта нигарист.

Нигоҳи бараҳнааш дар ҳайкали нозуки духтар сайр мекард, ханда аз чеҳрааш дур шуд, лабаш дар зери дандонҳои сефед фишор мехӯрд. Ӯ нохудогоҳ аспро аз худ дур карду Фариштаро пеш кашид ва аз ҷабинаш бӯсид.

-Дилам барот танг шуда буд... қашанги ман...

Фаришта оғоро танҳо дар рӯъёҳо бағал мекард ва ҳоло аз эҳсоси гармии лабони ӯ дар пӯсташ нафасгир шуд. Қалбаш аз қафаси сина берун ҷаҳида, гоҳ дар гулӯяш метапид ва гоҳ дар шикамаш пар-пар мезад, ангор мехост ин хабари шигифтангезро ба ҳар гӯшаи танаш бирасонад. Сухани оғо дар гӯши ӯ чун пажвоки тӯлонӣ дар кӯҳҳо овоз медод, дур мешуду дубора бо садоҳои такрорӣ бармегашт, гӯё як ҷумла набуд, як дунё ҳарф буд.

-Хонуми сангиндил, ҳеҷ бар ман фикр кардӣ? Оғои қадбаланд хам шуду чонаи духтарро бо ду ангушт бардошт ва дурудароз ба чашмони ӯ нигоҳ кард.

Чашмони Фаришта вулқони ҷӯшонро мемонд, ки шарораҳояш гунаҳои ӯро дар кураи оташ месӯзонд. Гулбарги лабонаш аз ҳаяҷон меларзид ва шавқи оғоро ба туғён меовард. Ашки шавқ дар ҳавзи чашмони Фаришта ҳалқа мезад ва гунаҳояш ранг мебурданду ранг меоварданд. Дилаш мехост оғоро ба оғӯш бигирад ва дар гӯшаш бигӯяд: “Он ҳама шабҳо, ки то субҳ тасвири хаёлиятро мебӯсидам ва сар ба синаи ҳавасҳои ботил мегузоштам, ту куҷо будӣ?». Аммо ҳарфе ба забон наовард ва чашмони худро дар зери раддаи мижгонҳои махмалин пинҳон кард.

Оғо ногоҳ ба манаҳи Фариштаро раҳо карду як қадам

ақибтар рафт, аммо ҳамоно аз ӯ чашм намеканд, гӯё андешаи муҳимме ба зеҳнаш омада буд ва агар чашм аз рӯи Фариштa бардорад, риштаи андешааш гусаста мешавад. Ӯ ду ангуштро ба даҳон гузошту ҳуштак кашид. Писарони галабон, ки ҳарсе мисли аскар якбора аз ҷой баланд шуданд. Оғо ба онҳо чӣ ишорае кард.

Писари хурдии галабон сареъ аз ҷой ҷаҳида, ба сӯи саройи гӯшаи ҳисор давид. Мӯйсафед ҳам лаб аз най бардошту аз ҷой нимхез шуд, то мутмаин шавад, ки писараш амри оғоро дуруст иҷро мекунад. Баъди чанд лаҳза писарак як зини нарми чармӣ ва қоличаи махмалин дар бағал майдони аз суми аспҳо шудгоршударо дав-давон убур кард. Гунаҳои пур аз доғи магасаки ӯ аз давидан сурх шуда, арақ аз лобалои мӯйҳои гандумрангаш ба абрувонаш саросер мешуд. Аммо кори худро балад буд, қолинчаи нармро аз зери зин ба пушти асп партофт, сипас тасмаҳои чарминро таранг кашид ва лаҷомашро дар чӯби барҷастаи лаби ҳисор баст.

- Хизмати дигаре нест, сайиб? - гуфт ӯ ва даст рӯи сина нимтаъзим кард.

Оғо ба ҷайби пероҳани писарак ду се танга гузошт ва ишора кард, ки биравад. Писарак аз шодӣ пар парзанон ба сӯи бародаронаш медавид ва раҳ ба раҳ даст ба сари сина мебурд, ки мабодо инъоми оғо аз ҷайбаш наафтад.

-Мехоҳӣ Шабдизро саворӣ кунӣ? - пурсид оғо ва ҷилави аспро, ки аз шодии гардиш бо соҳибаш хурупуф мекард ва дари бастаи ҳисорро бо исрор тела медод, ба даст гирифт.

Дили Фариштa аз шодӣ гум зад. Духтари шармгину бо иффат, ки аз сайри кӯча бо сояи худ истиҳола мекард, акнун парвои одаму олам надошт, ҳатто ба сӯи молхона, ки шабаҳи келинҳои Алтанхотун гоҳ-гоҳ дар саҳни он зоҳир мешуд, нигоҳ накард ва ба сӯи Шабдиз қадам бардошт. Ин мард он чунон нуфӯзе рӯи Фариштa дошт, ки агар ӯро ба ақсои олам фаро мехонд, бе ҳеҷ тардид ба думболаш мерафт.

Ӯ домани васеи пероҳани кучиашро каме боло бардошт,

лагомро аз дасти оғо гирифт, пойи чап бар рикоб гузошта, дар такяи зин хез зада ба асп нишаст. Даҳони оғо аз тааҷҷуб боз шуд.

Фаришта солҳо аспҳои зотии аз бобои номдораш ба мерос мондаро нигоҳубин мекард, курраҳои онҳоро ба воя мерасонд ва пинҳон аз назари падар ҳамроҳи хоҳаронаш аспҳоро зин мезаду дар ҳошияи боғи бузург соатҳо саворӣ мекард, он қадр ки "дабба" мешуд ва лангида роҳ мегашт.

Ӯ бо эътимод рӯи зин нишасту лаҷоми Шабдизро суст кард ва бо кафи даст оҳиста ба гардани асп зад, ки ҳаракат кунад. Аммо асп аз ҷой наҷумбид ва сарашро чархонду ба соҳибаш нигоҳ кард.

-Буру ҷигар, ту чӣ фикр кардӣ? Магар ман метавонам ин хонуми мақбулро ба ту бисупорам? - бо ханда гуфт оғо ва аспро ба пеш тела дод. Сумҳои наълзадаи Шабдиз ба сангҳои ҷодаи ноҳамвор бархӯрда, монанди кафши пошнабаланди зани шабгард дар кӯчаи сокит туқ-туқ садо баровард. Асп ба раҳбалад ниёз надошт, роҳро аз ёд медонист, ин пайроҳа ё ба меҳмонхонаи оғо мебурд, ё ба дашти бузург, ки доманаш аз лаби ҳисор оғоз мегирифт.

Шабдиз аз паҳлуи молхонаву саисхона убур мекард ва ба замини чарогоҳ, ки алафҳои дадонзадааш чун пати гилеми обшӯста пасту баланд буданд, қадам мегузошт. Аспҳои дигар Шабдизро аз дур дида, сумбак заданду шиҳа кашиданд. Писарони галабонро ҳиси кунҷковӣ боло мегирифт, онҳо гоҳе аз пушти аспҳо калла мекашиданд ва маънидорона ба якдигар нигоҳ мекарданд. Оғо по ба пойи асп қадам мезад ва гоҳе пушти ӯро навозиш мекард, то ногаҳон бузраг нашавад ва саворро дур наяндозад. Аммо аз ҷасорати духтар, ки лаҷоми аспро суст карда бо итминон рӯи зин менишаст, тааҷҷуб кард.

Фаришта аз баландии зини асп ба атроф менигаристу вуҷудашро васвасаи махмуркунандае фаро мегирифт, худро шоҳдухтари афсонавӣ мепиндошт, ғуссаҳояш ангор дуд

шуданду ба осмон рафтанд ва дасти бадбахтиҳо, ангор, дар ин баландӣ ба доманаш намерасид. Оғоро дар паҳлуи худ медиду дилаш аз шавқ боғ-боғ мешукуфт, на насиҳати Алтанхотун ба гӯшаш мерасид ва на таъкидҳои хола Наврӯз, на чеҳраи баҳмутии Маҳвашро медид ва на чашмони пур аз ҳиллаи Зарандудро, шабеҳи гурги гурусна, ки на аз ҳайбати чӯпон метарсид, на аз саги чӯпон.

Ногоҳ дар зеҳнаш тасвире пайдо шуд, ки ин ҳолатро дар гузашта аз сар гузаронидааст ё дар китобе хондааст ва давоми ин мулоқоти ногаҳониро медонад. Дилаш аз пешомади гуворое ба бозӣ даромад.

Фариштa савораву оғо пиёда қад қади ҳисор хеле роҳ рафтанд. Галаву галабонҳо пушти сар шуд, молхона дар пасманзари ин дашти бузург чун кулбаи деҳотиён назарногир менамуд. Дар ин дашт ҷонзоде ба назар намерсид, танҳо гоҳе галаи аспҳои даванд чун бод аз фосилаи наздик мегузашт ва Шабдиз манъ мешуду гарданашро баланд мекард, ҳаяҷонӣ мешуд, шодона шиҳа мекашид ва дурудароз аз паси аспҳои бодпо нигоҳ мекард. Оғо аспро навозиш мекард ва гоҳо гӯё тасодуфӣ даст ба ронҳои Фаришта мебурд, дар чунин мавридҳо духтар дар кураи оташ печутоб мехӯрд, нафасгир мешуд ва худро басахтӣ дар рӯи зин нигаҳ медошт.

-Духтар, ту ба ин содагие, ки менамоӣ, нестӣ, аспсаворӣ аз кӣ омӯхтӣ? - Оғо аз лаби рӯсарии Фаришта кашид. Мавҷе аз гесувони хам андар хам монанди обшор аз пушти Фаришта ба поён рехт ва бо думи сиёҳи Шабдиз даромехт. Фаришта ба парии обие монанд шуд ки бо аспи сиёҳ ва гесувони мушкбез аз кафки дарё баланд шудааст. Оғо аз ин тасвир чашм намеканд, ин зан дар ӯ шавқу шӯреро бедор мекард, ки лаззаташро солҳо боз начашидаст. Хонумҳои хонадонаш якрангу хастакунанда буданд ва дар ӯ эҳсосеро ба ҷуз таассуф бедор намекарданд. Яке пулу мол мехосту яке ҷойгоҳ, яке дар нашъа ғарқ буду дигаре дар рашку ҳасад. Ин ҳама ӯро хаста мекард. Ӯ моҷаро мехост, моҷарои ошиқона,

ки тану ҷонашро дар тобаи шавқ бисӯзонад ва нолаҳои шаҳвонияшро то осмон бардорад. Шабе, ки қочоқбарҳо Фариштаи ҷӯлидамуйю лойолудро дар рӯ ба рӯяш қарор доданд, ӯ ҳатто наметавонист тасаввур кунад, ки рӯзе ин зани ғариба қалби яхзадаи ӯро ба тапиш медарорад.

Ба тасвири ин парии дарёи хира мешуд, аммо барои ком ситондан аз ӯ шитоб намекард, мехост ӯро ба шӯр биёрад, дар оташи ишқ обаш кунад, нафасҳояшро дам бикашад ва чун хун дар рагҳояш ҷорӣ шавад.

Оғо ногоҳ лаҷоми аспро кашиду Шабдизро манъ кард, гесувони Фариштаро аз пушт ба пеш партофту бо як ҷаҳиш худро ба пушти асп гирифт ва тани доғаш ба пушти Фаришта часпид. Вой, ин чӣ оташ буд, ки сар то пойи Фариштаро сӯзонд! Хаёлаш пӯсту устухонаш сӯхт, комаш хушк шуд ва эҳсоси ташнагии тоқатфарсо вуҷудашро фаро гирифт. Лаҷоми асп аз дасташ рафт ва ӯ бехудона ба синаи оғо такя зад. Оғо дастонашро дар камари ӯ ҳалқа кард ва аз баногӯши сафедаш бӯсид. Нафасаш он чунон доғ буд, ки Фаришта хаёл кард пӯсташ хокистар шуду гардаш ба ҳаво печид. Оғо бо ташнагии як мусофир, ки шабро дар биёбони хушк рӯз кардааст, лаб аз баёзи гардани Фаришта барнамедошт ва панҷаҳояш аз даври камари духтар ба сӯи синаҳои дамидаи ӯ мехазиданд. Он қадр ба ҳам часпиданд, ки ангор як тану як ҷон шуданд.

Шабдиз гӯё бори пурарзиши ишқро дар пушт эҳсос мекард, ки оромонаву боэҳтиёт пеш мерафт ва лагоми ба замин овезонаш алафҳои ҳарзро ба думболи худ мемебурд. Асп гоҳ-гоҳ тупаки алафҳоии сабзро медиду иштиҳояш боло мегирифт, аммо манъ намешуд, ба алафҳо даҳон мезаду роҳашро идома медод.

Хеле роҳ рафт, шояд ним соат ё бештар, ниҳоят ин ду танро, ки мисли гули ишқи печон дар ҳам сабзида буданд, ба сояи як дарахти бузург овард. Ба чатр монанд буд он дарахт ва сояи ғафс дошт. Хеле куҳансол буд. Аз куҷое садои

резиши об ба гӯш мерасид.

Асп мисли худраве, ки мусофиронро ба истгоҳи охир мерасонад, дар сояи ҳамон дарахт манъ шуд ва дигар аз ҷой наҷумбид. Селаи паррандаҳои хурду бузурги дар лобалои шохаҳо пинҳон, бо дидани аспу саворонаш хонахез ба ҳаво париданд, Шабдиз рамиду каме канор рафт, аммо саворонашро дар пушташ нигоҳ дошт.

Чамани дилкушое буд яклухту якнавохт, мавҷ мезаду чашмро мебурд. Дарахт он қадр пир буд, ки решаҳои урёнаш мисли зани аз шавҳар бедил худро аз оғӯши ӯ дур кашида, ба сари худ мезистанд. Оғо аз асп пойин шуду Фариштаро, ки бо гесувони печ дар печ, чашмони чун оҳуи рамида, мижгонҳои хамида ва пусти чун булур сафед, шабеҳи парии хобида буд, рӯи махмали сабзаҳо нишонд.

Дили Фаришта аз ҳаяҷон метапид ва танаш аз эҳтимоли навозишҳое, ки ҳеҷ гоҳ надидааасту начашидааст, гоҳ оташ мегирифту гоҳ сард мешуд. Дунё дар назараш ба андозаи ҳамин дашти сарзабз хурд шуд, ки дар он ба ҷуз ӯ ва ишқаш каси дигар набуд. Танҳо насими форам буд, ки гесувони сабзи даштро парешон мекард ва хуршед буд, ки аз лобалои шохаҳои дарахти пир бо сад ранг ҷило медод. Ва чашмони зебои оғо, ки аз оташи шавқ медурахшиданд.

-Хонуми тоҷикӣ, ту бо ма чӣ кадӣ? Мара ҷоду кадӣ? Ҳама ҷо чашмои мақбули тура мебинум, дилам ба думболат мера...ма, и рақамӣ набудум. Ту чӣ дорӣ, ки ма тура набинум, рӯзум сиёҳ меша?

Фаришта пушт бар оғо нишаста буд ва чеҳраи ӯро намедид. Дилаш аз меҳрубониҳо ин мард, ки маълум набуд чӣ замоне шӯхӣ мекунад ва чӣ замоне ҷиддӣ ҳарф мезанад об шуд. Ӯ рӯ ба оғо оварду дастонашро дар гардани ӯ ҳалқа кард ва ба шонаҳои доғаш сар ниҳод. Нохудогоҳ гиряаш омад.

-Азизам, чаро гиря мекунӣ? Магар ма ҳарфи баде гуфтум? Фаришта бо аломати инкор сар такон дод ва ҳалқи

дастонашро даври гардани ӯ тангтар кард. Оғо оҳиста рӯи сабзаҳо дароз кашид ва духтарро ҳам ба думболаш бурд. Ҳарду ҳамоғӯш шуданд, чун гулҳои ишқи печон. Оғо ашкҳои Фариштаро бо лаби патуи даври гарданаш пок кард ва лаб ба барги забони гулобиаш гузошт.

Бӯсае буд тӯлонӣ ва мадҳушкунанда. Фаришта он қадар сархуш шуд, ки дигар заминро аз осмон фарқ намекард Тани барангехтаи ӯ чун мор дар бадани оғо мепечиду метапид, майлу хоҳишҳои ҷинсӣ, ки солҳо дар худ саркӯб мекард, чун ҷин аз кӯза берун мешуд ва пардаи шарму ҳаёро медарид. Оғо тугмаҳои пероҳани Фариштаро як-як боз кард, шалворашро низ бадар овард ва ба синаҳои чун шир сафедаш бӯса зад, дар пайи ҳар бӯса гули лола мешукуфт. Ҳарду ба сарҳади мадҳушӣ расиданд ва тани оташгирифтаи онҳо дигар тоқати дурӣ надошт, мехостанд дар якдигар гум шаванд, яктану якҷон шаванд. Оғо пероҳанашро кашиду зери сари Фаришта гузошт ва чунон ки Шабдизро саворӣ мекунад, худро болои Фаришта гирифт.

Фарёди ҳарду селаи мурғонро дубора ба ҳаво баланд кард.

Оғоро дар сари зонуи Фаришта хоб бурд. Фаришта мӯйҳои фирфирии ӯро бо ангуштонаш шона мезад ва хам мешуда аз лабони нимабозаш мебӯсид. Лабҳои оғо маззаи асал дошт. Фаришта ҳеҷ гоҳ ба ин андоза хушбахт набуд. Ангор, дунёро ба ӯ доданд. Ӯ чашм аз рӯи оғо намеканд, рӯю мӯй, мижаву абрӯ, ҳамаро мебӯсид, ҷойи набӯсида намонд. Дилаш мехост замон мутавақиф шавад ва ақрабаки соати оғо дигар чарх назанад ва ҳарду якумр дар ин макон дар канори якдигар бимонанд.

-Гули нози ман...

Оғо сар аз зонӯи Фаришта бардошту аз ҷабинаш бӯсид.

-Ма қасрҳо дорам, даҳҳо бистари пари қӯ дорам, аммо нармтару роҳаттар аз канори ту ҷойе надидам. Онҳо дубора ба ҳам даромехтанд ва хаставу лакот хобашон бурд то офтоб

рӯ ба ғурӯб овард ва шафақ чун гунаҳои Фаришта лолагун шуд.

Ниҳоят оғо аз ҷой бархост ва дар ҷустуҷӯи Шабдиз ба чапу рост нигоҳ кард. Аспро надиду баланд ҳуштак кашид. Шабдиз дар гузаргоҳи аспҳои ваҳшӣ машғули чаро буд, гоҳо садоеро мешуниду гӯшҳояш сих мешуданд ва ба тарафи роҳи убуркардаи галаи бесоҳиб шиҳа мекашид. Садои ҳуштаки соҳибашро шуниду бо дили нохоҳам ба зери дарахт баргашт.

Оғо аспро дар шохаи хамида дарахти пир тавела кард.

-Як камаки дига сабур бош ма и хонуми зебора лаби об бубарам, - гуфт ӯ ва сару рӯи Шабдизро навозиш кард.

Фариашта дасти ба сӯяш дарозкардаи оғоро гирифту аз ҷой бархост. Ҳарду ба сӯе рафтанд, ки садои резиши об аз онҷо баланд мешуд. Ҳавзе буд софу покиза, ки мисли дег меҷӯшид ва регҳои қаъраш ҳубобвор дам мекарданду мекафиданд. Дар ин мавзеъ на рӯдхонае буд на обшоре ва садои резиши об аз гӯшаҳои ин ҳавзи “ҷӯшон” баланд мешуд. Бораҳояш суда шудаи ҳавз обро ба замин мерехт ва ҷӯяи борик мекашиду ба ким куҷое мебурд.

Дар фарози ҳавз ду дарахти бе баргу боре буд, ки дар шохаҳои мисли ангушти гирифтори тарбод качукилеби онҳо, садҳо риштаи рангоранг ва пораҳои матоъ алвонҷ мехӯрд.

-Ин ҷо мазор аст? - пурсид Фариашта бо ҳарос.

-На хайр, и гармчашма аст, меган авуш муъҷиза дора, нигарон набош, ман полут истод мешам. Оғо Фариштаро рӯи даст бардошту то байни ҳавз бурд ва чун моҳӣ ба об сар дод. Фариашта бо бадани чун ширмоҳи сафед ва гесувони чун шаб сиёҳ дар оби софи ҳавз, ки то гулӯяш мерасид, ғӯта мезад ва оғоро мафтун мекард. Оғо ӯро бағал мекарду мебӯсид, ҳарду аз якдигар серӣ надоштанд.

Офтоб ғурӯб карду атроф оҳиста торик шуд. Фариашта дарк мекард, ки ин афсона дар ҳамин ҷо ба охир мерасад ва ӯ мисли духтари шоҳи париён дубора ҷомаи қӯ ба бар мекунад ва ба сӯи ғамкадаи худ бол мезанад. Дурӣ аз оғо дарде буд

тоқатфарсо ва Фаришта ин дардро басахтӣ таҳаммул мекард. Чашмонаш нам кашиданд.

Ҳарду аспсавор хомӯшона ба ҳамон лаби ҳисор баргаштанд.

-Худо ҳофиз, гули нози ман, фардо баъди зуҳр да амиҷа интизорут мешам,- гуфт оғо ва аз ҷабини Фаришта бӯсиду ба сӯи хонаи сафед равона шуд. Фаришта нахост рафтани оғоро бубинад, ӯ сарашро пойин андохту ба сӯи хонаи Алтанхотун рафт. Шонаҳояш сангин шуданд, гӯё бори ғами дунёро дар дӯш дошт. Дар фосилаи ду қадам аз оғо зиндагӣ дар назараш бемаънӣ шуд.

Роҳи кӯтоҳро хеле тӯлонӣ тай кард ва замоне, ки билохира пой бар остонаи хонаи хотун гузошт, моҳи комил нурҳои чун шир сафедашро бар ҳаёт ва тахти аҷӯза мерехт.

Кампир чун ғуки дар об афтода бо шиками урёну зонуҳои беҷон масти хоб буд ва танҳо як чашми нимабозаш чун мурдоби тира дар рӯшноии мохтоб медурахшид. Фаришта аз паҳлуи тахти ӯ ба шиддат рад шуд ва ба ҳуҷра даромаду дарро аз пушти худ баст. Гурусна буд, аммо майли ғизо надошт, мехост зудтар сар ба болин гузорад, ҳодисаи имрӯзро аз аввал то охир ба ёд биёрад ва чун одами парҳезшикан ин ғизои музирро пинҳон аз назари дигарон биошомад.

Дар ин ҳуҷраи торик, ки нури моҳтоб танҳо девори рӯ ба панҷараро рӯшан мекард ва сояи барги дарахтон чун панҷаи тифли навзод дар девор беназм такон мехурд, Фаришта хушбахтарин лаҳзаи зиндагиашро ба ёд меовард. Лабони аз бӯсаҳои беҳисоб варамидааш моил ба табассум буданд, аз ҳар ҷойи баданаш бӯи оғо баланд мешуд ва дар ҳар ҷойи баданаш гармии дастони ӯро эҳсос мекард. Хобаш намебурд, мехост имрӯзро дубора зиндагӣ кунад. Ҳар қадар ҷузъиёти он рӯзро ба ёд меовард, ба ҳамон андоза васвосиву ҳаяҷонӣ мешуд:

- Дорам девона мешавам ё моҳи комил маро гирифтори

ҷунуни қамарӣ мекунад?

Замоне хобаш бурд, ки шаб аз нисф гузашт ва садои хурӯсҳои барвақтӣ аз рустоҳои атроф шунида шуд. Чашм ба ҳам гузошту кобусе дид, ки мӯйро дар танаш рост мекард. Дар он олами рӯъё ҷангале анбӯҳе дид бе роҳу пайроҳа пур аз дарахтони ба ҳам печида. Раҳгум зада буд ва дошт аз гуруснагӣ беҳол мешуд. Хеле сарсону саргардон роҳ паймуд ва ниҳоят ба зери дарахте расид, ки аз баданаш асал метаровид. Тани дарахтро лесиду гуруснагиашро рафъ кард, аммо ин дам анбӯҳи занбӯрҳои ҷангалӣ аз синаи дарахт берун шуда, ба ӯ дарафтоданд. Афтону хезон аз ин селаи хашмгин, ки гоҳо монанди калоба ва гоҳе чун қифи бузург гирди сари ӯ чарх мезад, даргурез буд. Он қадр давид, ки хаста шуду ба замин афтид ва занбӯрҳо лӯлае шуданду аз даҳону димоғ ба шикамаш даромаданд. Шикамаш мисли модагови моҳурӯз бузург шуд, он қадр ки садои шикастни устухони косашро бармало мешунид. Фарёд мекашид ва заминро бо нохунҳояш ханҷол мезад. Аз дард буд ё аз тарс, ки чашмонаш якбора во шуданд. Ӯ ҳеҷ гоҳ аз дидани сақфи бӯрёпечи хонаи Алтанхотун ба ин андоза хушҳол нашуда буд. Осемасар шикамаи нарму ҳамворашро ламс кард ва зери лаб “худоро шукр” гуфт.

Фаришта дар хонаи падариаш аҳёнан хоб медид. Он рӯъёҳои гоҳ-гоҳӣ зебо буданд. Ӯ дар он рӯъёҳо парвоз мекард, то абрҳо мерасид ва ба замин нигоҳ мекарду дилаш ҳаво мегирифт.

Кампири Сокина мегуфт, ки одамони бегуноҳ дар хоб парвоз мекунанд, гунаҳкорон кобус мебинанд.

Сар аз панҷара берун оварду нафаси амиқ кашид. Моҳи комил чун фонус дар гӯшаи осмон нурафшонӣ мекард ва домани субҳ аз гушаи дигар баланд мешуд. Фаришта мунтазири дамидани субҳ нанишаста, аз пайи рубучини ҳавлӣ шуд, то вақт зудтар бигзарад.

Дуруст мегуфтаанд, ки чашми ошиқ кӯр мешудаст.

Ишқи оғо зеҳни Фариштаро тира ва воқеъиятҳои зиштро дар назараш камранг мекард.

Тамоми рӯз мисли девонаҳо худ ба худ лабханд мезад, зери лаб мӯсиқӣ замзама мекард. Чашмонаш аз хушбахтӣ мисли алмос медурахшиданд.

Келинҳои хотун Фариштаро на одам меҳисобиданд ва на ба ӯ таваҷҷуҳ доштанд. Фаришта барои онҳо табақи ош буду косаи кабоб. Тағйири авзои ӯро танҳо Аргина эҳсос кард, ки ба фарқ аз занҳои ҳевараш бо Фаришта меҳрубон буд.

Фариштаҷон аз чеҳраат нур мебора, чӣ шуда?

-Чизе нест, хонумҷон, аз ин шодам, ки ғазо ба шумоҳо хуш омада. Аргина нобоварона лаб инҷ кард.

-Ээ-э, бо ма хаёл кадум, ки барот кадом хабари хуш расида.

Занҳои дигар бо ахмҳои гирифта бо гӯшаҳои чашмони танги худ ба Фаришта нигоҳ карданд, аммо чизи ҷолибе надиданд ва сарҳояшон дубора рӯи табақ хам шуд.

Келинҳо рафтанду Фаришта худро ба ҳаммом зад, тару тоза шуд, чеҳраашро оро дод, гесувонашро аз банд раҳо кард, ягона пероҳани зебояшро пӯшид ва ба лаби ҳисор давид. Оғо ӯро танг дар оғӯш гирифт, дастонашро бӯсид ва Фаришта боз худро духтари шоҳи париён эҳсос кард. Шабдизи бо зину абзор худаш ба лаби ҳисор омад ва ҳардуро пуштора карду ба дашти аз назарҳо дур бурд. Ба зери дарахти пиру хаставу гирифтори фаромушхотирӣ, ки эҳтимол меҳмонҳои дирӯзаро аз имрӯза фарқ намекунад. Он рӯз ҳам бо ишқварзӣ гузашт, рӯзҳои дигар низ. Як моҳ бо ишқу бӯсу канор дар он дашти сабзу хуррам гузашт, то ки аспи оғо зоймон кард ва келинҳои хотун хабар додад, ки модаршӯи онҳо фардо бармегардад.

Он рӯз барои Фаришта рӯзи сиёҳе буд. Бо ҳоли парешон ба назди маъшуқаш рафт ва гуфт, ки хотун фардо бармегардад.

-Ман эҳтимол дигар натавонам ба лаби ҳисор биёям, - инро гуфту имдодталабона ба чашмони оғо нигоҳ кард.

-Пас бояд ба хона баргардӣ, онҷо ҳар рӯз якдигарро мебинем.

-Ба хонаи шумо? Дар зери заррабини он қадар чашм магар мешавад шуморо дид? - пурсид ӯ нобоварона.

-Гули нози ма, нигарон набош, роҳша пайдо мекунум. Мага ма метонум тура набинум?

Оғо ай ҷайбаш ҷаъбаи хурдеро берун овард.

-Чишота бубанд, гули нози ман. Фаришта чашмонашро баст ва оғо аз пушт гузашту занҷири нозукеро дар гарданаш ҳамоил кард. Фаришта аз хиҷолат сурх шуд.

-Ҳадя зарӯр набуд, ман аҳли тиллову танга нестам.

-И гарданбанди маъмули нест, сайъ ку, шаклаша бубин? Фомиди маъноша? Фаришта овезаи занҷирро дар байни ангуштонаш тагу рӯ суоломез ба оғо нигарист.

-Хеле зебо аст, бояд нархаш гарон бошад...

-Ном Худо нафомидӣ?

-Нахайр. Фаришта аз хингии худ хиҷолат кашид ва бечораҳолона лабханд зад.

-И панҷаи Марям аст, ҳар зане ира бупӯша, хушбахт меша. Мехом ту хушбахт бошӣ, гули нози ман. Оғо гунаҳои аз хиҷолат рангин шудаи Фариштаро бӯсид.

-Ман ошиқи ин маъсумият ва самимияти ту шудам, медонӣ?

Фаришта панҷаи Марямро, ки дар воқеъ мисли панҷаи як зан буд, бӯсиду дар зери пероҳанаш пинҳон кард.

-Фардо Шопура мефиристум, тура бо худ мебара, сайист?

Фаришта ба хонаи Алтанхотун одат карда буд, аммо таҳаммули дурӣ аз оғоро надошт.

-Бошад, ҳар чӣ шумо фармоед, - гуфт ӯ, аммо эҳсос мекард, ки ҳеҷ чиз дигар мисли имрӯз нахоҳад шуд. Дар ин дашт Фаришта духтари шоҳи париён буду оғо шоҳзодаи ошиқ, ки маъшуқаашро рӯи даст мебардошт ва хоки пояшро мебӯсид. Дар он ҳавлӣ Фаришта як канизест, ки оғо аз

баландии қасраш шояд будану набуданашро дар байни селаи хизматгорҳо эҳсос накунад.

Аз бозгашти Фаришта ба хонаи оғо ду ҳафта сипарӣ шуд, ӯ дар ин муддат оғоро як дафъа аз дур дид, ки бо ахмҳояш гирифа ҳамроҳи Шопур аз дарвоза берун мешуд. Ба сӯи Фаришта нимнигоҳе ҳам накард. "Шояд нахост, ки Шопур аз робитаи байни мо огоҳ шавад"- худро таскин медод Фаришта, вале яъсу ноумедӣ рӯз ба рӯз бар ӯ чира мешуд.

Хола Наврӯз аз бозгашти ғайриинтизори Фаришта бештар аз дигарон хушҳол буд. Даври сараш парвона мешуд, меҳрубонӣ мекард, ва ҳар лаҳза мепурсид, ки мабодо гурусна набошад.

-Чаро диқ кадӣ ё дилат бари хонаи Алтанхотун танг шуда? - мепурсид ва ба чашмони Фаришта нигоҳ мекард, ки мабодо дурӯғ нагӯяд.

-Он ҷо одат кардам, аммо дилам барои шумо танг мешуд, - дилёбӣ мекард Фаришта.

Ғами ишқи оғо ӯро рӯз то рӯз афсурдаву лоғар мекард. Ягона таскини дилаш хотираи рӯзҳое буд, ки савори аспи сиёҳмушкин ба зери дарахти пир мерафт ва бо оғо, мисли ду қӯи ошиқ дар ҳавзи мусаффо бол мезаду ишқварзӣ мекард.

Ғами ҳиҷрон аст ё маризии дигар, ки Фаришта рӯзҳои ахир зуд-зуд беҳол мешавад, сараш чарх мезанад ва гунаҳояш ранги заъфаронӣ мегиранд. Имрӯз ҳам аз субҳ эҳсоси хастагӣ кард. Худро базӯр то дари ошхона расонду беҳолона ба девор такя зад. Хизматгоре дар деги бузург равған доғ мекард ва бӯю тафи равған ба деворҳои ошхона ва сару либоси хизматгорҳо менишаст.

Фаришта ҳанӯз ба дохил по нагузошта дилбеҳузурӣ гирифт ва даҳонашро бо лаби рӯсарӣ пӯшонду ба сӯи ташноб давид. Занҳо аз ноҷурии Фаришта нигарон шуданд:

- Тифлак, и бадбахтиҳош кам буд, ки бо маризовол шуда,- гуфт кадоме аз занҳо ва дигарон дар гӯши якдигар фишфиш карданд.

Хола Наврӯз, ки ҳеҷ ҳаракату ҳеҷ каломе дар ин ошхона аз назари ӯ пинҳон намемонд, дилбеҳузурии Фариштаро диду нигарон шуд.

Абрувони шикастааш аз тааҷҷуб ба сӯи пешонии холзадааш бол кашиданд ва гӯшаи лабонаш пойин фаромад. Аммо сареъ ба худ омад ва пеш аз он ки занҳо аз “афсӯсу ҳайдареғ” маъмулӣ ба баррасии густарда бигзаранд, ба сари онҳо тохт.

-Имрӯз иҷа касе кор мекуна ё хайр!? Хизматгорҳо мисли мурғакони лаби хирман дони нимхӯрдаашон дар гулӯ ҳар тараф парешон шуданд. Хола бо гумонҳои баде дар зеҳн дошт, ноаён аз паси Фаришта ба ташноб рафт.

Фаришта бо як даст ба девор такя зада буд ва бо дасти дигар ба сару рӯяш об мепошид.

-Чит шуда Фариштаҷон? Амиёли хуб будӣ якбора дилбадӣ гирифтӣ..

-Чизе нест, хола, аз саҳар чизе нахӯрдам, шояд аз гуруснагӣ дилам шӯрид.

-Бия бирем хо ягон нон бухӯ, -гуфт хола, ки аз Фаришта чашм намекард.

-На, ғизо намехӯрам, аммо агар як коса мост боша...

-Мост? Дар и саҳарӣ?

-Мегӯянд шикамро тоза мекунад, - гуфт Фаришта бо итминон ва хола ҳам каме ором шуд.

-Роша, бирем, барот мост бидам.

Фаришта пой бар остонаи ошхона гузошта буд, ки дилаш дубора беҷо шуд.

-Иҷа бишин мостра худам барот меорум, - гуфт хола ва Фариштаро дар беруни дар гузошту ба сӯи яхчол рафт. Раҳ ба раҳ занҳоро ором кард, ки “ҳичиш нашуда, саруш офтоб зада, и моста бхура хуб меша.”

Фаришта косаи мостро бо ҳирс дам кашид.

-Буру, як кам дам бигӣ, барот дору медам, иншоаллоҳ хуб мешӣ.

Фаришта то бегоҳ хобид, беҳолиаш гузашт, аммо шикамаш аз гуруснаги дар пушташ часпид. “Эй кош ҳоло як коса мастоба мебуд”- гуфт ба худ, аммо нахост холаро бо ин хоҳиш безобита кунад. Оби дар даҳонаш ҷамъшударо фурӯ бурду дубора ба хоб рафт.

Субҳи дигар хола бо синии субҳона барои ҳолпурсӣ омад ва Фариштаро ҳангоми оқу вок дар ташноб дарёфту машкук шуд.

-Биё ширу равған бухӯ, ҳолат хуб меша, - гуфт хола ва синиро дар пеши Фаришта гузошт.

-Ташаккур холаҷон, иштиҳо надорам, агар аз мости дирӯза баром медодед... Хола рафту бо косаи мост баргашт.

-Дилут фақат туршӣ мехоя? - пурсид хола вақте Фаришта косаи холиро баргардонд.

-Хаёлам дарунам оташ дорад, фақат мост мехоҳам...

Хола бо нигоҳи чашмони тангшудааш синчакорона ба Фаришта нигоҳ мекард ва гӯшаи лабони аз хашму ҳайрат хамзадааш то ба манаҳаш расидаанд.

-Ба ошхона нару, буру, колоҳоро уту бизан, аз уҷа берун нашу то ма пешут биям! Нигоҳи хола сард ва мисли наштар озордиҳанда буд.

Фаришта аз бархӯрди хола, ки дар хонадони пур аз душман пушту паноҳаш буд, шигифтзада шуд, аммо сарфаҳм намерафт, ки кадом рафтораш боиси малоли хотири ин зан шудааст.

Ғарами колои шӯста то ним нарасида буд, ки дар боз шуду хола осемасар ба ҳуҷра даромад ва дарро аз пушти худ баст. Гиребони Фариштаро бо ду даст пеш кашиду ӯро дар кунҷи ҳуҷра ба девор пахш кард ва рост ба чашмони ваҳшатзадааш нигарист.

-Бубин духта, ма тура мисли фарзанд дӯст доштум, ҳар хубие аз дасту омад барет анҷом додум, ҳозир дар амиҷа ба ма мегӣ, чира аз ма пут мекунӣ, чӣ шуда, ки мисли занои сарторик оқу вок дорӣ??

Пойҳои Фаришта аз ҳаяҷону изтироб ларзиданд. Бори танаш ба пойҳои ларзонаш вазнинӣ кард, ки гиребонаш дар панҷаҳои сингини хола Наврӯз монду танаш ба замин лағжид. Хола гиребони ӯро бо кароҳат раҳо кард.

-Хаёл мекадум, ки аз ту поктар касе нест, ҳайҳот иштибоҳ кадум, турам ҷинсут хароб буда! Да қори Худо шавӣ! Зери ки поҳота буланд кадӣ, ки и бача дар шикамут пайдо шуда?

Фаришта акнун андозаи бадбахтии худро эҳсос кард, чашмонаш аз таҳайюр бузург шуданд. Ногаҳон фикре чун барқ аз зеҳаш гузашт, ки як моҳ боз ҳайз надидааст

“Худоё ин чӣ рӯзест ба сарам омад! Вой, вой!”

- Оли и оғози бадбахтит астак, рӯзе, ки шикамат моълум меша, оғо тура мисли саги дайду ай и хона бадар мекуна, ту бо уштуки шикамут куҷо мерӣ, ғарибаи бадбахт!?

Фариштаи сархуш аз ишқу висол, ки барои худ дунёи дигаре сохта буд ва ҳафтаҳо дар он дунё ширинтарин рӯзҳоро зиндагӣ мекард, акнун меваи талхи он рӯзгорро мечашид. Рӯзеро тасаввур кард, ки парда аз рӯи асрораш бардошта мешавад ва ҳама бо кароҳат ба рӯяш туф мекунанд.

Чеҳраи хашини Маҳваш ва чашмони маккори Зарандудро пеши назар оварду ваҳшати тасаввурнопазир вуҷудашро фаро гирифт. Аз тарс ҳайкали санг шуд, нигоҳи чашмони аз ҳайрат шах шудааш дар чеҳраи хола дармонд.

-Духтар, ба ту мегӯм, мефомӣ чӣ ба сарат омада!? - хола китфи Фариштаро башиддат такон дод. Аммо посухе нашунид, - хок ба сарут, бадбахт!- гуфту бо қаҳр аз ӯ рӯ гардонд. Фаҳмид, ки хабари бордорӣ барои худи Фаришта мисли тундар дар авҷи тобистон буд ва муҳол аст, ки ҳоло ҳарфе аз забони шахшудааш берун биёяд.

-Дар ошхона пайдот наша, аз и ҳуҷра берун нару, дара ай дохил бубанд, садота баланд накун, то кас нашнава. Худам миям, дара се дафъа ангушт мезанум.

Ӯ ба Фариштаи моту маҳбут як нигоҳи пур аз таассуф

афканду аз дар берун шуд.

Хола рафту Фаришта мисли одамони хобгард, бехудона аз ҷой бархосту ба сари тахтаи утузанӣ омад. Пероҳанҳоро бо эҳтиёт ва моҳирона ҳамвор мекард, ангор муҳимтар аз утузанӣ масъалае надошт.

Солҳое, ки ба гуфти падараш аз забонҳо афтиду дигар саг ба тарафаш намеҷакид, орзуи доштани як духтараки мижгонсиёҳи шайтонакро мекард. Шабонгоҳ, вақте аҳли хонавода ба хоб мерафт, ӯ ин рӯёро аз қаъри дилаш берун меовард, хаёлан дар гӯшаш лолой мехонд, зулфакони сиёҳашро дар ангуштонаш тоб медод ва мижгонҳои махмалинашро бӯса мезад. Баъд хоҳаронаш пушти ҳам бачадор шуданду Фаришта армонҳояшро дар хоҳарзодаҳои мижгонсиёҳаш мешикаст. Аммо ҳоло на зеҳнаш ва на раҳмаш хабари бордориашро намепазируфтанд.

Вақте колоҳоро уту заду ба бахшҳо ҷудо кард, ин рӯзи тӯлонии ҳомили ваъдаи моҷароҳои бештар низ рӯ ба шом овард. Чароғҳои сохтмон пушти ҳам рӯшан шуданд ва хизматгорони беруна буғчаҳои ғизо зери кашу рӯи сар, турнақатор ба назди бачу качи худ баргаштанд.

Хола ҳамон тавр, ки таъкид карда буд, дарро се дафъа ангушт зад, дар остона ба чаҳор тараф нигаристу дуздона ба ҳуҷра даромад. Дасти ба сӯи тугмаи чароғ дарозшудаи Фариштаро дар ҳаво бардошт ва ӯро ба дарунтари хона тела дод. Фаришта дар рӯшноии чароғе, ки аз нишемангоҳи сохтмони оғо нур мепошид, чеҳраи хашмгин ва лабҳои фишурдаи холаро диду гӯиё лахчаи оташро фурӯ бурда бошад, шиками гуруснааш якбора доғ шуд.

-Бишин духтар... пичиррос зад хола. Овози нимшунавои ӯ дар хонаи нимарӯшан мисли тундар садо дод. Фаришта мутеъона сарипой дар кунҷи хона нишаст. Нигоҳаш аз хола фирор мекард, сояи бузурги ӯро дар девори муқобил медид, ки бо димоғи уқобӣ, чолҳои кашол ва пушти хамида шабеҳи арӯсакҳои теотри кӯчагӣ буд. Нафрати беандозаи хола ҳатто

дар сояааш эҳсос мешуд.

Ӯ тунд тунд нафас мекашид, мехост бадтарин тавҳинро ба сари Фаришта бирезад ва дили худро холӣ кунад.

-Мо иҷа ҳарду танҳоем, касе садомона намешнава, бгӯ, ки падари и уштуки ҳаромӣ кӣ аста? Фақат чуп набош, ки бо ами дастом хафат мекунум!

Фаришта мисли занҳои шаллоқӣ, ки аз сояи даст сари худро мисли сангпушт ба дарун мекашанд, ба девор ҷафс шуду пойҳояшро дар зери доманаш пинҳон кард.

-Бигу! Садои хашмолӯди хола ин бор аз байни дандонҳои зиреҳбастааш берун омад ва Фаришта эҳсос кард, ки агар воқеъиятро нагӯяд, хола бе тардид ӯро бо дастони худ хафа мекунад.

Истиҳолааш бештар аз ин буд, ки хола бо ҳамсари калонии оғо хешигарӣ дорад ва баъид нест, ки баъди шунидани ин достон сояи Фариштаро аз девор битарошад.

Аммо ҳоло дигар чора надошт..

-Холаҷон... шумо достони зиндагии маро медонед...

-Ҳошия нару, ҳарфи аслира бугу!

Фаришта гӯё садои холаро нашунид, ки достонашро идома дод.

-Аз ҳад беш заҷр кашидаам, шояд ҳамин буд, ки худро барои доштани як пора хушбахтӣ мустаҳҳақ донистам, иродаамро аз даст додам, ошиқ шудам. Хушбахтарин лаҳзаҳоро бо касе, ки аз ҷонам бештар дӯсташ медорам, зиндагӣ кардам, пушаймон нестам. Ҳар чӣ бодо бод...

-Ба кӣ ошиқ шудӣ??

…

-У одам исм дора?

-Оғоро дӯст доштам...

Холаро ангор барқ гирифт, ки якбора шах шуд. Сояаш низ бо ангуштони омодаи хафа кардани Фаришта дар девор нақш баст. Моту маҳбут шуду ба замин лағжид, ҳатто нафасҳояш шунида намешуд.

-Ло ҳавла ва ла қуввата илла биллаҳ... хола ниҳоят ба худ омад ва гиребони пероҳанашро он қадр танг кашид, ки садо дар гулӯяш дармонд.

-То и қадарша фикр накада будум... гуфтум шояд ошиқут писари Алтанхотун боша ё кадом нархари галабон... Оғо? Охи и чӣ ту меша!?

Фаришта гунакорона оҳ кашид, шукр мекард, ки дар ин ҳуҷраи торик хола чеҳраи пардадаридаи ӯро намебинад.

-Оғо? Шӯи Маҳвашу Зарандуд? Худоё наҷотмон бидеҳ...

-Оғо дӯстам медорад, намегузорад ба ман осеб бирасад, нигарон набошед, -гуфт Фаришта бо итминон.

-Духтари беақл, оғо касера ба ҷуз худуш дӯст надора. Гуфта бошам, оғо ҳаму рӯзе занош ай и достон хавар шаван, пушти тура холӣ мекуна, и хат и нишон! Хола ангуш ба даҳон заду дар девор хате кашид.

-Аз сарнавишт ҷойи гурез нест, Худованд чизе дар ҷабинам навишта бошад, ҳамонро мебинам...

Хола, гӯё ҳарфҳои Фариштаро намешунид, худ ба худ ҳарф мезад.

-Дига и хона ҷойи ту неста, бояд ай иҷа бирӣ. Хонаи Алтанхотун буру. Уҷа бехтарай. То ма чорае бароят пайдо кунум. Хотун и достона медона?

-Нахайр, касе чизе намедонад.

-Ишаба ин ҷа бихоб, сабо Шопура мегум, тура пеши хотун бубара. Уҷа бош то бинам чи хоке ба сарам бизанум.

Холаи резапайкар, ки ҳамеша мисли оҳу аз ҷой меҷаст, ҳоло мисли бемори барҷомонда калавида бархост ва дар такяи девор аз хонаи торик берун шуд.

Фаришта оҳи сабук кашид. Ҳарфҳои хола барои ӯ мисли ҳангоси хар дар гӯши кар буд, зеҳнаш ба ҷуз андешаи оғо фикри дигареро намепазируфт. Он рӯз, ки оғоро аз дур дид, чеҳрааш аз шодӣ шукуфт. Аммо оғо бо аҷала рафт. Фаришта хеле маъюс шуд, тамоми рӯз бадбахту ғамзада буд.

Гоҳо худфиребӣ мекард, ки шояд оғо ӯро надидаст.

“Магар мумкин аст, ки маро бубинаду “гули нозам” нагӯяд?” Гоҳи дигар дарди оғо чун ғамбода дар сари дилаш бузург мешуд ва роҳи нафасашро мебаст. Фаришта сар ба панҷараи оҳанин гузошту бо ҳасрат ба айвони баланди оғо, ки бо қандилҳои булурин ва чилчароғҳояш бо сад ранг медурахшид, чашм дӯхт. Оғоро аз Фаришта ба қавли маъруф як ваҷаб роҳ ҷудо мекард, ки даст дароз кунӣ баҳам мерасӣ. “Эй кош меомаду маро бо худ ба бистари шоҳонааш мебурд”- орзу мекард ӯ.

Саранҷом, дар оғӯши панҷаи рушноӣ, ки аз тирезаи оғо ба ҳуҷраи ҷомашӯӣ медаромад, хобаш бурд.

Хола субҳидам Фариштаро то мошини Шопур ҳамроҳӣ кард. Нигоҳи чашмони аз бехобӣ фурӯрафтааш дар дасту домани Фаришта мепечид, аммо аз рӯяш парҳез мекард. Хола ошиқи маъсумияти ин духтари ғариба буд ва ҳоло шояд тасвири ишқварзии ӯ бо оғо дар зеҳнаш бурӯз мекард, ки абрӯ дарҳам кашида буд.

-Туро ба худо месупорам, ғариба, боша, ки ба ҳолут раҳм куна, - гуфту дари мошинро башиддат пӯшид.

Шопури ҳамеша меҳрубон низ ин саҳар ахмзада менамуд. Шояд аз хоб носер буд, ё чизеро медонист, ки хомӯшона мошин меронд ва гоҳо оинаро тоб медоду аз паси анбӯҳи абрувони сиёҳаш duздида ба Фаришта нигоҳ мекард.

Аммо касе, ки аз дидани Фаришта чун боғ шукуфт, Алтанхотун буд. Хотуни бехабар аз дунё ӯро диду чашмонаш аз шодӣ дар рӯи рафидамонандаш нопадид шуданд.

-Валлаҳ пазманат шудам, хуб ки амадӣ, агана ба аға мегофтам, ки тура баспас бида. Ӯ Фариштаро бағал карду боддиқат ба чеҳрааш нигарист.

-Лағар шидӣ чӣ бала, маризавол хо нестӣ?

-На, хубам хотунҷон, нигарон набошед.

И келинаи ма ғазаи тура пазман шидан, меган, ӯ хануми таҷикӣ караш ҳарф надаштак. Валла, хуб кадӣ, ки амадӣ.

Ҳавлии пур аз баргу шираи ангур ва ғарами косаҳои

ношустаи лаби об самимияти шодии хотунро собит мекард. Алтанхотун нигоҳи Фариштаро ба сӯи бушқобҳои ношуста диду гунаҳкорона лабханд зад ва даст ба зонувони дардмандаш бурд.

-Ба хиял накнӣ, ки тура барои кари хана пазман шудум, ном Хода, адат кадум ба ту.

-Медонам холаҷон, медонам...

Поккории ҳавливу хона ва шустушӯи либосу косаву табақ ду се соат вақт гирифт.

-Фариштаҷан, саат даҳбаҷа шуда, ғазои келинои мо ядут нара.

-Ёдам ҳаст, ҳоло аз пояш мешавам.

Хотун чавкии пастакро аз лаби об бардошту мехост ҳамроҳи Фаришта ба ошхона биравад. Ӯ суҳбатҳои сари дегу табақ бо ин ғарибаро пазмон шуда буд. Аммо Фаришта аз тарси ин ки мабодо хотун ҳам шоҳиди оқу воқаш шавад, ӯро сареъ ба лаби кат баргардонд, барояш чою ширинӣ овард ва гуфт, ки истироҳат кунад.

Хушбахтона ошхонаи чаҳор тарафаш бози Алтанхотун бӯи равғанро дафъатан берун мебурд ва Фаришта ба роҳатӣ ғизои занҳои говҷӯшро омода кард.

Тамоми ин муддат ӯро як андеша ором намегузошт, ки чаро оғо дигар суроғаш накард. “Худо кунад, ки ҳарфҳои хола Наврӯз ғалат бошанд”, мегуфт ба худ. Қарор кард, ки баъди рафтани келинҳои хотун ба лаби ҳисор меравад.

Занҳо Фариштаро гарм истиқбол карданд, ҳатто келини калонӣ, ки ӯро бедалел чашми дидан надошт.

- Хуб шуд, ки амадӣ, ҷот халӣ буд”, - гуфт.

-Фариштаҷон и хона бе ту зеб надошт, аҷаб хуш омадӣ, - гуфт Аргина ва аз гунаҳои Фаришта бӯсид. - барет я хабари хуш дорум, ма бордор шудум, шуҳарум аз шодӣ бари ма и гарданбанди тиллора харид, вазнша сайъ ку, тиллои асил аст. Аргина вазни гарданбандро дар “тарозӯ”-и дастонаш чен мекарду аз шодӣ мисли кӯдак ба завқ меомад. Барои ӯ

эҳтимол вазни гарданбанд аз бачае, ки дар раҳмаш месабзид, муҳимтар буд.

Фаришта нохудогоҳ ба Бабухон, хоҳарбузурги Аргина нигоҳ кард, ки пӯсти рӯяш аз алам кабуд ва лаккадор мешуд. Дили Фаришта ба ҳоли ӯ сӯхт. Бабуро диду аҷуза ба ёдаш расид! “Худоё, чигуна тавонистам кампирро фаромуш кунам? Ин саҳар даҳ бор аз пеши тахти хобаш рад шудам!”

-Алтанхотун, модарбузург сиҳату саломат аст?- пурсид ӯ ва бетоқатона аз остини хотун кашид. Аммо хотун аз бордоршавии Аргина он қадар хушҳол буд, ки агар остинашро мекандӣ ҳам хабар намеёфт. Ӯ ҳар лаҳза “қурбонсадақа”-и Аригина мешуду ғофилона ханҷар ба ҷигари Бабухон мезад.

Фаришта хам шуду лабонашро ба гӯши хотун наздик овард.

-Алтанхотун, модаршӯи шумо чӣ ҳол дорад? Чаро садояш дарнамеояд?

-Чӣ бигам, - гуфт хотун бо дили хохоҳам, -кампир яган ҳушяру яган беҳуш метаба, гаҳ хаву гаҳ бидар.

Вақте келинҳо рафтанду ҳавли хилват шуд, Фаришта бесадо ба назди аҷуза рафт, ҷуръат накард наздик шавад, аз дур ӯро назора кард. Кампир якпаҳлу мехобид ва нигоҳи чашмони беҳаракаташ ба решаҳои барҷастаи дарахти сада хира мешуд. Гӯшаи лабони хокистариаш монанди як гӯшти изофӣ дар кунҷи манаҳаш везон буд ва оби даҳонаш аз лаби кат ба замин ғоз медод. Хаставу пиртар ба назар мерасид, гӯё дар сакарот буд.

Фаришта ба думболи чашмони берӯҳи кампир ба пойи дарахти сада нигарист. Гунҷишкеро дид, ки рӯи бачаи мурдааш пар-пар мезаду “қиғ-қиғ” фиғон мекашид, гоҳ дур мепариду ҳамроҳонашро садо мекард ва гоҳ ҷонаш месӯхту поён меомад ва сайъ мекард чӯҷаро аз чолаи бехи дарахт берун оварад. Корвони мӯрҳои хурду бузург аз тани дарахт то ҷисми чӯҷа роҳ мекашиданд. Дили Фаришта аз дидани ин

саҳна доғ шуд. Хост ба мурғак кӯмак кунад ва ҷасадро аз чола берун бикашад. Аммо гунҷишк нияти неки Фариштаро нафҳмиду ба ӯ ҳамла кард ва бари рӯяшро бо минқори тез харошид.

Дили Фаришта сиёҳ шуд, на барои рӯи харош хурдааш, ӯро беэътиноии аҷуза озурда кард. Эҳсос кард, ки пушташ холӣ шудааст. Аҷуза бо ҳама рафтору гуфтори аҷибу ғарибаш, ки дар қолаби дарки як инсони заминӣ намеғунҷид, ба далели танҳо барои худаш маълум, аз оғоз ба ин зани ғариба назари хайр дошт. Фариштаро аз кампир хуш намеомад, аз ӯ метарсид, аммо эҳсос мекард, ки сарнавишти ҳарду ба гунае бо ҳам гиреҳ хурдааст. Кампир бо лашкари пиру арвоҳҳои гузаштагонаш, рост ё дурӯғ, барои Фаришта мисли як шафоатгар буд.

“Чаро оғо наомад? Худоё, дорам девона мешавам, бояд ӯро бубинам.” мегуфт ба худ Фаришта ва мунтазири лаҳзаи муносиб буд, ки ҳавлӣ холӣ шавад ва ҳеҷ кас ба думболаш нагардад.

Вақте Алтанхотун “муҳаи худа бишум” гуфту бо як хурма ҷурғот ба ҳаммом даромад, Фаришта ҳам ба сӯи саисхона давид.

Дар лаби ҳисор касе набуд, хеле интизорӣ кашид, се чаҳор дафъа то хонаи сафед рафту дубора ба ҷойи мулоқоти ҳамешагӣ баргашт. Писарони галабонро дид, ки рӯи табақе ҳам шуда наҳор мехӯрданд. Галабони пир ҳамоно най менавохт. Фаришта нахост онҳоро нофор кунад, ӯ ба замин нишаст, то пероҳани рангааш таваҷҷӯҳи галабонҳоро ба худ накашад. Ниҳоят ҷавонакҳо ангуштони худро лесида, як-як аз сари суфраи нон бархостанд ва Фаришта бо ишораи даст якеро ба сӯи худ хонд. Ҳамон ҷавонаки чеҳрааш пур аз доғи магазак дав-давон омад. Ӯ лабони равғанолӯдашро бо остини пероҳани рангпаридааш пок карду амиқ бинӣ кашид.

-Шабдиз ин ҷо нест?- пурсид Фаришта, ки аз шарм дастпоча мешуд ва вонамуд мекард, ки гӯё ба дидани асп

омадааст.

-Нахайр хонум, оғо Шабдиза бурд.

-Куҷо бурд?

-Инаш бари мо молум нест.

-Кай Шабдиза бурд?

Писарак пушти сар хорид ва гӯё соати рафтани аспу оғоро ба ёд меоварда бошад, як ба сӯи дашт назар карду як ба сӯи хонаи сафед.

Валлоҳ ёдам нест..

-Нагуфт кай бармегарданд?

-На хайр хонум.

“Аз забони ин бачаи зирак гап кашида намешавад.”Фаришта дудила буд, суоле дошт, ки агар онро напурсад шаб хобаш намебарад.

-Оғо имрӯз ба ин макон наомад?

-На хайр, агар меомад, ма ӯра медидум.

-Дирӯз ҳам наомад?

-Дирӯз? Писарак ба фикр фурӯ рафт. –На хайр дирӯзам набуд.

Ҳарду хомӯш шуданд, писарак кунҷковона ба Фаришта нигоҳ мекард, Фаришта бечораҳолона лабханд зад.

-Дига суоле надорӣ хонум?

-На, суоле нест...

Писари галабон ҳуштаккашон ба сӯи бародаронаш давид, ки бо фурӯкаш кардани гармо, аспҳоро ба таҳдашт мебурданд.

Фаришта беҳолона ба чӯби ҳисор такя заду аз паси гала ба сӯи таҳдашт чашм дӯхт. Мӯйсафеди галабон коҳилона аз ҷо бархосту ба сари суфраи наҳор омад. Табақи ғизоро, ки писаронаш пок лесида буданд, як сӯ гузошту сар ба дастархон фурӯ бурд. Пораҳои нони боқимондаро ба даҳон мебурду дуздида ба тарафи Фаришта нигоҳ мекард. Фаришта бо хиҷолат аз лаби ҳисор дур шуд. Як сар дошту сад хаёл. Гоҳ бар таҳдидҳои хола Наврӯз меандешиду афсурда мешуд

ва гоҳ ширингуфториҳои оғо ба ёдаш меомаду дилашро ларзаи ширин фаро мегирифт. “Хола Наврӯз ба оғо туҳмат мезанад, аз алами хешдухтараш ба ӯ бадгӯи мекунад. Агар оғо аз баҳри ман бигзарад, аз ғусса мемирам, вой, чӣ қадр дилам барош танг шудаст!”

Таъсири ин хаёлҳо буд ё гармии ҳаво, ё шояд тахмини хола Наврӯз дар бораи бордорӣ воқеъият дошт, ки дили Фаришта якбора беҳузур шуду пораи нонеро, ки саҳар бо дили нохоҳам ошомида буд, берун овард, сараш чарх заду ба ҷӯяи ҷувории канори роҳ афтид. Ёд надорад, ки чанд муддат бехуду беёд хобид. Ӯ аз шарфаи пой ва ба ҳам бархурдани регҳои ҷода ба худ омад.

Раҳгузарро надид, касе буд, ки аҷала дошту заминро бо кафшҳояш харошида рад мешуд.

Фаришта коҳилона аз ҷода рӯ гардонд ва бо ҳамон бемайлӣ рӯ ба осмон овард. Бод мевазид ва осмон ҳам мисли замини ҷуворизор дар ҳаракат буд. Чашмони берӯҳаш дар анбӯҳи абрҳое гир кард, ки монандии ғулҳои афсонавӣ гоҳ ба сӯи якдигар шино шино мекарданд ва гоҳ аз якдигар мегурехтанд. Абре шабеҳи хирси сафед пойи абри кӯчакро дар даҳон дошт ва он қадр ба дуболаш рафт, ки саранҷом ӯро фурӯ бурд ва ҳарду калобае шуданду бо ғӯлҳои бузург гаравиданд. Фаришта дар кӯдаки бо хоҳаронаш гоҳо дар чаманзори боғи бобоӣ рӯ ба осмон дароз мекашид ва нигоҳаш аз пушти абрҳои равон сайр мекард. Он абрҳо дигар буданд, сафову оромиш медоданд. Хоҳараш абрҳоро пахтақанд мепиндошт ва мегуфт, вақте ба хирмани сафеди осмон нигоҳ мекунад, даҳонаш ширин мешавад. “Хоҳарони ҷингиламӯи ман, шумо ҳам дигар бароям афсонае шудед.”

Оромиши ҷуворизор бо ҳолати равонии ӯ созгор буд, ки оҳиста ба худ омад. Бод риши норанҷии ҷувориҳои нимпазро парешон мекард ва баргҳои забондароз ба ҳам бархӯрда, монанди занҳои ғайбатгар “хиш-хиш” ба гӯши якдигар чизе мегуфтанд. Фаришта ба як ниҳоли ҷуворӣ, ки баргҳои

хамзадааш гунаҳои рангпаридаи ӯро навозиш мекарданд, хира шуд. Он нахл бӯи зиндагиву ҷавонӣ медод ва тани сабзаш дар оғӯши бод печутоб мехӯрд. Соқаи ниҳолро ламс кард ва як ду бор нохун заду пушти ҳам нақши ҳилол кашид. Ҳаракатҳояш берабт буданд, на ниҳолро медид, на соқаашро. Нигоҳаш аз ҷуворизор фаротарро медид. Он дарахти пирро ва аспи сиёҳмушкинро, оғои зеборо ва ҳавзи шифоро, оғӯши тафсонро ва бӯсаҳои ширинро, ки тамъи асал доштанд. Ин ҳама барояш дигар он қадр дастнорас буд, ки гоҳо ба воқеъияти онҳо машкук мешуд.

Як малахи сабз чирросзанон аз шохае ба шохае ҷастухез карду дар навдаи рӯ ба рӯи Фаришта нишаст ва бо баргҳои сабз ҳамранг шуд. Агар зул назанӣ муҳол аст бидонӣ, ки дар ин шоха мавҷуде нишастааст. Малах бо чашмони сиёҳаш, ки шабеҳи ду нуқтаи беҷон дар ду гӯшаи пешониаш часпида буд, ба ӯ нигоҳ мекард. Фаришта нимахез ба малах наздик шуд. "Ҳеҷ медонӣ, ки ман ба зиндагии озоди ту ҳасад мебарам? Ту ҳар ҷойе дилат хост, менишинӣ, хоҳӣ мастур мешавӣ ва касе ради поятро намеёбад, ба ҳар ҷое бихоҳӣ, парвоз мекунӣ, ҳатто сар-сари найистони рӯди бузург то ба ватани ман мерасӣ... Эй кош малах мебудам..." Ӯ бо нияти навозиш даст ба сӯи барги ҷуворӣ дароз кард, аммо малах тасиду чирос зад ва дар байни шохаҳои сабз нопадид шуд.

-Фариштаҷан? И туӣ? Ма ду бар да иҷа чакар задум тура кафтум, ага и гӯшаи пераҳанта намедидум, валлаҳ хаял мекадум, ки чӣ балае сарут амада!

Алтанхотун ранг дар рӯ надошт ва аз хиш-хиши гулӯяш маълум буд, ки хеле давутоз кардааст.

-Чира да и замини нам хабидӣ, иҷара бабат дина ав дада буд, мариз шудӣ мага?

-Чизем нашуда, дидам осмон софу зебост, гуфтам каме рӯ ба осмони дароз бикашам.

-Ба ман коре доштед? Чӣ шуда?

Хотун хост сари по нишинаду нафас рост кунад, аммо

зонуи карахташ гардан надод ва ӯ худро мисли ҷуволи гӯшт ба замин партофту пойҳояшро дар ҷӯяи намкашидаи ҷуворӣ дароз кард.

-Меданӣ чӣ? Наврӯз амада, на салам на алайк, ахмаш гирифта, гуфт и духта куҷоста, зуд пайдош кун!

Фариштa аз дидор бо хола Наврӯз интизороти хубе надошт, вонамуд ҳам накард, ки аз хабари ахмҳои гирифтаи хола шигифтзада шудааст.

-Бошад, буланд шавед биравем, - гуфт ӯ ва аз зери бағали Алтанхотун бардошт.

-Нимеданӣ, чара Наврӯз мисли саги девана шуда?- кунчковӣ кард хотун.

-Намедонам, шояд аз ман нораҳат аст.

-Мага меша, аз ту нараҳат буд? Валлоҳ ту як инсани меҳрабану беназир астӣ. Ага Наврӯз ба ту бад гуфт, ном Хода, чашмаша дармеярум.

Фаришта мутаассир шуд, ӯ роҳравон сар ба китфи нарми хотун гузошт ва аз бари рӯяш бӯсид. Ҳеҷ касе дар ин мамлакат ба андозаи ин зан бо ӯ меҳрубону нармрафтор набуд.

Хола Наврӯз дар лаби кат покашол менишаст, Фариштаро диду аз ҷой баланд шуд.

-Куҷо будӣ духтар, аз нигаронӣ мурдем, -гуфт ӯ бо лабханд ва ба сӯи Фаришта бағал кушод. Фаришта ҳам холаро бағал кард, аммо гӯё ба санг бархӯрда бошад, оҳиста худро ақиб кашид. Оғӯши хола бегонаву сард буд, лабхандаш низ.

Тағйири авзои хола Алтанхотунро гиҷ кард, ӯ гоҳ ба даҳони пур аз хандаву оғӯши бози хола Наврӯз ва гоҳ ба чеҳраи афсурдаи Фаришта нигоҳ мекард.

-Алтанхотун ту буру бари ма як чой дуруст кун, ғазоҳои хушмазата бурор, ма каме бо Фаришта чакар бизанум. Ӯ хотунро дар байни ҳавлӣ моту маҳбут гузошту аз зери бағали Фаришта гирифта, ӯро ба сӯи ҳодаи молхона бурд.

Фариштa гунаҳкорона сар аз замин баланд намекард. Хола ларзиши тани ӯро эҳсос карду дасташро берун кашид. То ба лаби ҳисор норасида хола лаб ба сухан боз кард.

-Ма дишаб то саҳар фикр кадум, ки чи рақам ҷони тура аз и бадбахтӣ халос кунум. Дидум, ки як роҳ бештар надорӣ...

Фаришта аз тарс дам ба дарун зад.

-Ту бояд бедаранг издивоҷ букунӣ, ...ба аму нафаре издивоҷ букунӣ, ки тура пушту паноҳ шава. Нафаре, ки ам падарут боша, ам шуҳарут, то касе натона тарафи ту каҷ ниго куна. Бордоршавита кас надона, ӯ нафарам надона, мон, ки мисли бачаи худ бузургуш куна.

Унаму коко Ҳашматулло хотирхот буда, бо дилу ҷон қабулут мекуна...

Хола номи додмодро ба забон оварду эҳтиёткорона ба чеҳраи мисли санг шахшудаи Фаришта нигоҳ кард.

Ӯ машварат намедод, мисли қозӣ ҳукм мекард. Фаришта медонист, ки ҳарфи хола як гапи ҳавоӣ нест, ӯ пушти ҳар карораш мисли кӯҳ меистад. Дунё, ангор, ба сараш чаппагардон шуд.

Девонавор сарашро ба чапу рост такон медод ва мисли бачаи думрав, ки модар ӯро бо худ ба меҳмонӣ набурдаст, рӯи хок ба зону зада, сар ба санг мекӯфт. Зеҳнаш ин пешомадро, ки ногузир ҳамсари Ҳашматуллои манфур мешавад, қабул намекард. Хола бар сари Фаришта хам шуда, ангушти ҳушдорро дар бехи гӯши ӯ такон медод.

-Хуб гӯш ку, ма ба ту чӣ мегум, оғо бари ту нест! Оғо як мардаки касифи занбозай! Ина худут бугӯ, ду ҳафтара да хонаи калон тир кадӣ, ду шав да и хона будӣ, як борам шуда, тура суроғ кад??

Пага шикамут то дамоғут баланд меша, инами оғо пеш ай дигаро як лағад да пасут мезана. Ма и тоифара хуб мешиносум. Ага занои оғо хабар ёбан, ки шӯи ӯво шиками тура пур карда, валло зиндат намемонан. Ёдут рафта, ки Зарандуд читу ба рӯи ӯ духтараки бегуноҳ осид пошид? Оли ту ҷурми бадтар аз ура муртакиб шудӣ.

Хола билохира хаста шуду дар паҳлуи Фаришта нишаст ва дилсӯзона хасу хорро аз мӯйҳои ӯ берун овард, чеҳраи хоколӯдашро бо гӯшаи чодур пок кард ва сарашро рӯи зону гирифт.

Ашкҳои ӯро хушк мекарду аз сарнавиштҳои шабеҳи Фаришта намунаҳои хуб меовард ва гӯши ӯро аз ҳарфи ҳамсарӣ бо Ҳашматулло пур мекард.

-Фариштаҷон, медонӣ, ки ма ай рӯзи аввали пайдо шуданут дар хонаи оғо дӯстут доштум, мисли духтари худум. Бари ту бадӣ намехом. Ай рӯзе, ки фомидум сарторик шудӣ, хав ай чашмум парида, ки мушкили тура чӣ рақам ҳал кунум. Ҳашматулло дар саруш санг набаста, имрӯз ё сабо дидӣ, ки мурд. Ту меши як беваи сарватманд, ки ҳам бачат пешата ва ҳам метонӣ ба ватанут баргардӣ. Мефомӣ, чӣ

мегам?

Хола гумон мекард, ки ҳарфҳояш то гӯши Фаришта намерасанд ва ҳар бор мепурсид, ки “фомидӣ, чӣ гуфтам?” Фаришта суханони холаро мешунид. Ин саҳна меҳмонхонаи падарашро ба ёдаш овард, ки бӯи чормағзи нимпухта мекард ва забони Фариштро ба сӯзиш меовард. Падараш чормағзи нимхомро хуш дошт, пӯсти норасидаро бо дандон меканд ва лабонаш қаҳваӣ мешуданд. Ҳамон падаре, ки пой дар гулӯи модари бечорааш гузошту Фариштаро ба издивоҷ бо марди панҷоҳсола маҷбур кард, ки саранҷом кораш ба ин ҷо кашид. Издивоҷи маҷбурӣ бо Рашид бо бӯи ҳамон меҳмонхонаи падар дар ёдаш монд.

Хотираҳои талху ширини Фаришта бӯй доранд ва гоҳе авқот ин бӯйҳо ногаҳон аз ҳеҷкуҷо пайдо мешаванд.

Ёди модараш бӯи шири навдӯшида мекунад. Келинҳои Алтанхотун ин бӯйро дар пероҳанҳои васеъ ва кулоҳҳои пашмиашон меоранд. Фаришта ҳарисона аз бӯи шири навдӯшида нафас мекашад ва хумори модарро мешиканад. Ишқи аввал, ки бо он ҷавони худубиомурз меварзид, бо бӯи кулчаҳои хонаводаи он ҷавон дар димоғаш монд, ки хотирхоҳаш буд ва модарашро бо табақу тавсин ба хостгорӣ фиристод.

Достони қочоқ шуданаш бӯи барф мекунад, ки ҳанӯз дар мағзу устухонаш ях баста, ёдовариаш дар гармои тафсон низ танашро ба ларза меорад.

Ва агар Фаришта зинда бимонад, ёди хола Наврӯз бо бӯи ҷуворӣ ва ин суҳбати талх дар зеҳнаш нақш хоҳад баст.

Аз лаҳзае, ки номи издивоҷу Ҳишматуллоро шунид, гардани худро дар чӯби дор медид. Ҳеҷ гоҳ ба ин ҳаду андоза ба худкушӣ фикр накарда буд. Ҷасади беҷон ва гардани шикастаи худро возеҳ медид, чеҳраи ғамгину гунаҳкори хола Наврӯзро, чашмони намкашидаи Алтанхотунро, афсӯсу надомати хизматгоҳои оғо ва ангуштони ғафси Шопурро, ки ҷасади ӯро аз чӯби дор пойин меоварd. Ва ин навори кӯтоҳ аз

достони талхи зиндагии як ғариба баъди чанд соат ба фаромӯшӣ меравад. Занҳо бо сарҳои хам ба ошхона бармегарданд, то барои оғову ҳамсаронаш ғизо омода кунанд, Хола Наврӯз каме худхурӣ мекунад ва сипас аз пайи ҳисобу китоби хароҷоти хурду хӯрок мешавад, Шопӯр ҷасадро ба даште мебарад, то пинҳон аз чашми ғайр ба рӯяш ду се бел хок бикашад ва ҳеҷ кас ба ҷуз ар-ари каргасҳои мурдахор, ки рафтани Шопурро мепоянд, бар турбати ӯ овоз намеандозад.

Танҳо як нафар, ки шояд он субҳ кобус мебинад, модари сахтсари ӯст, ки субҳ надамида бо косаи ҷурғот ба хонаи кампири Сокина меравад то хобашро таъбир кунад.

Хола Наврӯзи сукути тӯлонии Фаришторо аломати ризо пиндошт ва оҳи сабуке кашид.

-Мошоллоҳ, духтари оқили ман, буланд шу, бирем, роша, бо хотун ба ту машкук наша, ёдат боша, чизе бареш нагӯ, и роз бояд байни худмон бмона. Имшаб ҳамиҷа хав ша, ма бояд бо Ҳашматулло ҳарф бизанум... Ту ӯ ришсафеда қариб кушта будӣ, Худо кунад, ки ёдаш рафта боша!

Хола Наврӯз ба суфраи чидаи Алтанхотун таваҷҷуҳ накард, рӯи по чойи сардро дам кашиду ба тарафи Шопур рафт, ки ба чӣ далеле нахост аз мошин берун биёяд.

Алтанхотуни аз ин достон бехабар аз паси хола Наврӯз бо тааҷҷуб нигоҳ кард ва баробари пӯшида шудани дари мошин акнун лаб ба ғайбат мекушод, ки чеҳраи хоколӯда ва аз ғусса сиёҳшудаи Фариштаро диду хомӯш монд. Одобу назокати ин хотун, ки мегӯяд дар қутани гӯсфандон бузург шудааст, ҳамеша Фариштаро мафтун мекард. Сукути хотун ҳоло беш аз ҳар вақти дигар ба дардаш мехӯрд. Бо эҳтироме, ки ба ин зан дошт, намехост барояш достони дурӯғин тавсиф кунад, аммо барои гуфтани воқеъият на тавон дошт, на ҷуръат. Ҳарду сари суфра хомӯш менишастанд. Хотун чашм аз пиёлаи чойи сардшуда намеканд, Фаришта аз пошнаи кафшҳои Алтанхотун, ки азбас заминро харошида роҳ

меравад зуд-зуд суда мешаванд. Чандон хомӯш нишастанд, ки хотунро дар такяи чӯбаи кат ғанаб бурд ва ӯ мисли чойҷӯши рӯи оташ аз гӯшаи лабонаш пуф-пуф садо баровард.

-Фаришта...

Камари хамидаи Фаришта аз ин садо, ки дошт аз ҳалқуми аҷуза берун меомад, мисли най рост шуд ва араќи сарде аз паси гадан то охирин муҳраи сутуни фақароташ дамид. Бори аввал аҷуза аз ӯ ном мегирифт.

Садоии хиррии кампир Фариштаро ҳамеша ба ҳарос меовард, аммо ин садо ҳоло мисли хасе буд дар баҳри тӯфонӣ, ки сари роҳи ғарқшаванда сабз мешавад. Кампир сари ҳол буду аз беҳолии дирӯза нишоне надошт. Дар лаби тахти хобаш амонат менишаст, дар тан васкати беостини пашмин дошту дар по калӯш, гӯиё ҷойе мерафт.

-Духтари қашанги дарё, полуи ман бишин...

Кампир ҳеҷ касро ба ҷуз Алтанхотун ба худ наздик шудан намемонд, дигарон ҳатто агар биҳоҳанд, муҳол буд, қадаме ба пеш бигузоранд.

Ҳолаи тарсноке дошт ҳарими кампир, ки дарун-даруни Фариштаро ба ларза меовард он қадр, ки садои баҳам бархӯрдани дандонҳояшро мешунид. Аҷуза дасти чапи ӯро дар байни панҷаҳои шабеҳи чӯби хушкидааш молиш медод ва бо чашмоне, ки аз тирагӣ ранге хосе надоштанд, бар ӯ хира мешуд. Аз дастони кампир гармие берун меомад, монанди бухории тафсон ва ин гармӣ ба рагҳои Фаришта нумуъ мекард. Ногаҳон изтиробаш рафъ шуд ва вуҷудашро оромиши комил фаро гирифт. Гармӣ дар рагу пояш мавҷзанон пеш мерафт ва андешаҳои мағшушро аз зеҳнаш пок мекард. Мағзи аз фикру хаёлу ночорӣ вармосидааш мисли шабнами субҳгоҳӣ поку дурахшон мешуд.

-Ғариба, рӯзе фаро мерасад, ки чун бод аз фарози рӯдхонаи бузург мегузарӣ ва онгоҳ ба пушти сарат менигарию мебинӣ, ки чи ганҷеро дар хоки ин сарзамин ҷо гузоштӣ... Таноберо, ки хаёлан даври гардани хеш мепечӣ,

фаромуш кун... Ҳар бадбахтӣ ибтидову интиҳо дорад. Ёдат бошад, ки аз сарнавишт ҷои гурез нест...

Аҷуза дасти Фариштаро раҳо карду худро канор кашид. Мавҷи тафсоне, ки дар рагу пайванди Фаришта меҷӯшид, мисли реги соати шанӣ фурӯ нишаст. Кампир ба кунҷе хазиду баъди лаҳзае хирхири дарунгароияш баланд шуд.

Он рӯз Фаришта бори дуввум ба худ аҳд кард, ки ба ҳар қимате зинда мемонад ва худро аз ин ғамкада ба ватан мерасонад.“Агар роҳи раҳоӣ издивоҷ бо Ҳашматоғо аст, бигзор бошад”.

Фаришта ин воқеяти ногузирро, ки базудӣ саҳифаи наве дар зиндагиномаи ӯ оғоз мешавад, дарк мекард. Саҳифае бо номи Ҳашматоғо, ки эй кош хок ӯро фурӯ мебурд!

Розӣ кардани Ҳашматулло кори душвор набудаст. Хола Наврӯз рӯзи дигар бо бастаи сару либосу ороишоти занона баргашт ва гуфт, ки мӯйсафед бо шунидани ин хабар аз хушҳолӣ наздик буд ғаш кунад.

-Коко мехоя туйи калон куна, аммо ма гуфтум, як маъракаи хурд басанда аста. Ту чӣ мегӣ?

Фаришта монанди гунги хобдида садҳо ҳарфи гуфтанӣ дошт, аммо дар ин дунёи суту кӯр чӣ касе ба ҳарфи дили як канизак гӯш медиҳад? Хола беист ҳарф мезад, гоҳ аз боғ мегуфту гоҳ аз роғ. Хушҳоливу хандааш сохтакорона буд, аммо чашмонаш достони дигар мегуфтанд, беист ҳарф мезад, то сукути Фариштаро нашнавад. Ниҳоят ором шуд ва бо панҷаҳои шахшулаш гунаҳои ӯро модарвор навозиш кард.

-Духтари қашанги ма, хиёл мекунӣ, қалби Наврӯз ай сангай, дарди тура намефома? Дилум хун шуда, вале чи кунум, ки дига чора надорум. Ту бояд ба хонаи худут, пеши нанат бирӣ. Сабур бош, иншоаллоҳ ҳамаш хуб меша, дили ма рушанай.

Фаришта хомӯшона сар ба домани хола гузошт.

-Сайъ ку чӣ мегам, бо Ҳашматулло меҳрубон бош, калиди халосит да дасти аму ришсафед аст дига... Шави

никоҳ бо ӯ ҳамхоба ша, на нагӯ, и кора ага накунӣ, талошомон барҳадар мера, ҷони ма, бо Ҳашматулло мисли ҳамсар рафтор ку то машкук наша, фомидӣ? Рӯзаи сукут нагӣ духта, бугӯ, ки фомидӣ чӣ гуфтам?

-Холаҷон, оғора надидед?...

Хола интизори ҳар суолеро дошт, магар ин якеро. Ӯ бо асабоният абрӯ дарҳам кашид ва чашмони аз нороҳатӣ тангшудааш дар байни тӯри ожангҳои бешумор нопадид шуданд. Лаб зери дандон гузошт то ҳарфи баде аз даҳонаш берун наояд.

-Охи тура ба оғо чӣ кор?! Ило ку яхаи оғора! Амиёлиам нафомидӣ, ки ту бари оғо як дилхушии дурӯза будӣ? Агар мехой ай ма бишнавӣ, мегӯм рӯи ӯ оғора мурдашӯ бибина! Номи ӯ номарда дига пеши ма нагӣ, валлоҳ, дига рута намебинум!

-Ҳарчӣ шумо бигӯед, хола ман дигар тавҷеҳе надорам...

Фаришта сарашро дубора рӯи домони хола гузошту чашмонашро пӯшид. Издивоҷ бо Ҳашматуллои манфур ва ҳатто кӯдаки нохостааш, дар баробари вазни ғуссае, ки ҳиҷрони оғо дар дилаш гузошт, кӯчак буданд.

-Васоилта ҷамъ ку, роша, хона мерем!

-Холаҷон, иҷоза бидиҳед ҳамин имшабро дар хонаи хотун бимонам, фардо саҳар бармегардам, хоҳиш мекунам...

Хола бо шубҳа ба Фришта нигоҳ кард.

-Чӣ дар сар дорӣ, духтар? Бо коре накунӣ, ки шармандаи ду олам бишем.

-Нигарон набошед, аз хати кашидаи шумо берун намеравам.

-Ба ҳарфот бовар кунам?

-Ба Худо қасам...

Хола бо ҷингир-ҷингири бастаи калидҳои анбору ганҷурхонаи оғо, ки онҳоро ҳатто дар шаби хобаш аз ҷайб берун намекунад, аз ҷой бархост ва баъди лаҳзае садояш аз ҳавлӣ баланд шуд, ки ба Алтан хотун хабари издивоҷи

Фариштаро мерасонд. Фаришта аз панҷара ба берун нигарист.

Хола ба манзури муборак шавад, ба китфи хотун тап-тап заду гунаҳкорона аз ӯ чашм гурезонд ва бодвор аз ҳавлӣ берун рафт.

Алтанхотуни моту маҳбут дергоҳ ба худ наомад. Гоҳ ба сурати маҳзуни Фаришта, ки пушти панҷара шах шуда буд, нигоҳ мекард, гоҳ ба бодвор рафтани хола Наврӯз. Гӯиё хабари марги азизеро шунида бошад, ки хам мешуду даст ба зону мезад ва "вой, вой, ахи чара?!" мегуфт.

-Алтанхотун! - Фаришта ба хотун ишора кард, ки ба ошхона биёяд.

Хотунончунон дар худ фурӯ рафта буд, ки бо шунидани номаш як қад парид ва баъд зонузанон ба сӯи ошхона рафт. Ҳуш дар сараш набуд, дар дами ошхона ба ёдаш расид, ки чавкиашро нагирифтаст.

-Фариштаҷан, ахӣ чира, ...ахӣ чира ба и издиваҷ разӣ шудӣ? - мегуфт хотун, ки аз ошуфтагӣ ҷойи ҳамешагии сандалиашро гум карда, чаҳор тараф чарх мезаду намедонист дар куҷо бинишинад.

Фаришта дегро рӯи оташдон гузошту оташро рӯшан накард, сарипоӣ рӯ ба рӯи хотун нишаст.

-Достони ғамангезе дорам, Алтанхотун, ки аз гуфтанаш оҷизӣ мекашам. Шояд шумо ҳам баъди шунидани ин достон аз ман мутанаффир шавед.

-Ном Хода, мага меша, -ҳайрати Алтанхотун лаҳза бештар мешуд.

-Розеро ба шумо мегӯям, ки барои маҳрам доштанаш пеши хола Наврӯз савганд хӯрдам. Гирифтории бузурге дорам, ки зиндагиро дар назарам ночиз ва маргро арзишманд мекунад.

-Хода накуна...

-Ман ба оғо ошиқ шудам, девонавор, ба ҳадде, ки агар бигӯяд, бимир, бетардид мемирам. Шабу рӯзе, ки шумо дар

саисхона аз аспи бордори ӯ муроқибат мекардед, ман то дили шаб дар таҳдашт бо оғо ишқ меварзидам ва ... ва... бордор шудам...

Ин розро ба хотире ифшо кардам, ки агар фалокате ба сарам омад, ба оғо бигӯед, ки ман аз ӯ обистан будам...

Алтанхотун, ки ҳанӯз аз хабари издивоҷи Фариштa бо Ҳашматулло ба худ наомада буд, бо шунидани ҳарфи ҳомиладорӣ лол гашт. Чашмони тангаш, ки ду қатра ашк дар онҳо ба зӯр меғунҷид, ҳавзи пур об шуд. Ӯ Фариштаро модарвор бағал кард.

-Ҷани мадар, ма ага ҳазир ба ядут биярум, ки тура ай ӯ аға хабардар када будум, дига и файида надара. Кор ай кор гузашта.

-Алтанхотун, Худо шоҳид, пушаймон нестам, агар ҳамин ҳоло оғо пеши рӯям пайдо шавад ва маро бо худ ба таҳдашт бихонад, боз ҳам ба думболаш меравам. Ӯ тамоми зиндагии ман аст ва ман то ба ҳол азизтар аз ӯ касеро надоштам. Намедонам шумо маро дарк мекунед ё хайр.

Алтанхотун пушти ҳам мижа мезад ва бо ҳайрат ба ҳарфҳои Фаришта гӯш медод. Эҳтимол саъй мекард ба ёд биёрад, ки оё ӯ низ дар тӯли умраш чунин дилбастагии девонаворро боре таҷруба кардааст ё хайр.

-Издиваҷ ба Ҳашматулла и пешниҳади Наврӯз буда?

-Оре, хола нигарон аст, ки агар ҳамсарҳои оғо аз қазия огоҳ шаванд, интиқомҷӯӣ мекунанд...

-И нигараниш дуруста, амма ахи чаро ба Ҳашмат? Мага адами дига набуда?

-Хотунҷон, оғӯши ҳар марди дигар, пир ё ҷавон, ба ҷуз оғӯши оғо бароям ҷаҳаннам аст. Аммо хола сарнавиштеро баром рақам зад, ки ҳазор бор бадтар аз мурдан ба дасти занҳои оғост.

-Аға чӣ мега? Мидана ту бардар шудӣ?

-На хайр, оғоро ду ҳафта боз надидам, ангор, об шудаву ба қаъри ба замин рафтаст. Имрӯз бо умед то саисхона

рафтам, гуфтанд рӯзҳо боз пайдош нест... Шояд амдан аз ман канорачӯӣ мекунад. Надидани ӯ сангинтар аз ҳама балоҳоест, ки ба сарам омада...

Алтанхотун каме сукут кард, аммо ногаҳон чашмони ашколӯдаш барқ заданд ва чеҳраи афсӯрдааш рӯшан шуд.

-Фариштаҷан, ма адами пайсадар нестум, аммо да ханаи ма як даҳан нан бари уштуки ту яфт меша, ба у ришсафеди таҷавузгар издиваҷ наку, амиҷа пеши худум биман, чи гуфтӣ?

Фаришта дастҳои Алтанхотунро бӯсиду ба гунаҳояш молид.

-Эй кош мешуд! Аммо ман як бардаам, магар касе хостаи бардаро иҷобат мекунад? Имшабро бо зорӣ аз хола Наврӯз иҷоза гирифтам, ки ин ҷо бимонам, мехоҳам як бори дигар то таҳдашт биравам ва бо макони ишқу хушбахтиҳоям падрӯд бигӯям...

Фаришта шохаҳои хушкидаро зери дегдон гузошту гугирд зад, забони дарози оташ сару бари дегдонро мелесиду чӯбҳоро хокситар мекард ва дуд аз димоғи деги сиёҳ баланд мешуд.

-Алтанхотун, биравед, ҳавои дудолуд барои саломатии шумо хуб нест ... нигарони наҳори келинҳо набошед, то омодан онҳо суфраро омода мекунам.

Хотун бо дили нохоҳам аз ҷой баланд шуд, ҳарфе барои гуфтан дошт, аммо дудила шуду лаб фурӯ баст.

Пероҳани рангаи Фаришта баъд аз зухр дар лаби ҳисор намудор шуду писарони галабон маънидорона ба якдигар нигоҳ карданд. Фаришта садои онҳоро аз фосилаи даҳ-понздаҳ қадам намешунид, аммо мутаваҷҷеҳ шуд, ки галабони пир чизе ба писаронаш мегуфт, ки онҳо сарҳои худро пойин андохтанд.

Фаришта шиҳаи Шабдизро аз дӯр шунид ва сипас гардани баландаш дар байни аспҳои дигар намудор шуд. Ба умеде, ки асп ҳам ӯро бишиносад, дар имтидоди ҳисор

мерафту меомад.

Саранҷом, Шабдиз низ ӯро дид ва аз гала ҷудо шуду баланд шиҳа кашид. Асп чашм аз дари ҳисор намеканд, бесаброна заминро лагад мезад ва ба писари галабон, ки мехост ӯро ба аспҳои дигар ҳамроҳ кунад, гардан намедод.

Галабони пир ба сӯи писаронаш чӣ ишорае кард, ки ҳамон навраси харгӯшдандон, коҳилона ба сӯи Фаришта омад. Лабханди мармузе дандонҳои бузургашро урён мекард.

-Салом хонум, амре доштӣ?

-Амр куҷо буд, ман, ки омир нестам, хостам Шабдизро бубинам ва каме беҳеш сайру гашт кунам...

-На хайр хонум, иҷоза нест... агар балое ба саруш биёя, оғо аз мо домангир меша.

-Ту ҳам метонӣ бо ма биёӣ...

Иҷоза нест хонум, падар нороҳат меша.

Фаришта хиҷолатомез ба тарафи галабони пир нигоҳ кард. Пирамард нимхез шуда, аз писараш чашм намеканд.

-Оҳой бача!- фарёд зад ӯ ногаҳон ва ҷавонак чангу хоки майдони дави аспҳоро бо кафшҳои даридааш боло бардошта, осемасар ба сӯи падар давид.

Фаришта ба дидори Шабдиз низ ноумед шуд ва тани танҳо лаб-лаби ҳисор ба сӯи таҳдашт қадам бардошт.

-Хонууумм!

Садои писари галабон ӯро дар нимаи роҳ дарёб кард. Фаришта баргашту Шабдизро дид, ки юрғакунон ба дарвозаи хисор наздик мешуд. Ҷавони наврас лаҷоми аспро дар гӯшаи зин басту ақиб баргашт. Фаришта аз хайрхоҳии галабони пир мутаассир шуд ва даст пеши бар ба сӯи ӯ таъзим кард. Пирамард бо ишораи “бирав паноҳат ба худо” даст афшон ва бо ҳаёҳуй аз пайи ҷамъоварии якчанд аспи саркаш шуд, ки ба думболи Шабдиз медавиданд. Шояд ӯ саргармиҳои кӯтоҳмуддати хоҷаашро медонист ва барои ин зан, ки соатҳо дар лаби ҳисор интизорӣ мекашад, мутаассиф буд, ё шояд эҳсос мекард, ки ӯ аз раҳпоии беҳуда хаста шудааст ва барои

охирин бор дар ин маконҳо офтобӣ мешавад.

Баробари берун шудан аз дарвозаи ҳисор аз хушҳолии Шабдиз осоре намонд. Асп бо хотири ошуфта ба чаҳор тараф зул мезад, гоҳ фукушро баланд мекарду ҳаворо бӯ мекашид ва гоҳ сар хам мекарду сангҳоро ба чапу рост тела медод.

-Писари қашанг, оне ки ту меҷӯӣ, инҷо нест. Оғо дигар нест...

Асп бо нигаронӣ сар бардошт ва ба сӯи гала шиҳа кашид, дудила буд, ки бимонад ё биравад. Фаришта пӯсти барроқи Шабдизро навозиш кард ва як мушт қандро, ки бо худ гирифта буд, аз ҷайб берун овард. Асп қандҳоро бӯй кашиду бетафовут ба самти таҳдашт нигоҳ кард.

-Бигир, ман инҳоро барои ту овардам ё қанде, ки он оғо меорад, ширинтар аст? Асп каме фахуфих кард ва сипас дар ҷодаи ошно қадам бардошт. Фаришта маъюс шуд. Рафтори асп бо ӯ хасмона набуд, аммо гармии қаблиро ҳам надошт, ба навозишҳо посух намедод. Гӯё аз тамоми рӯзҳои ошноӣ бо Фаришта танҳо ҳамин ҷода дар ёдаш монда буд, ки вазнин-вазнин ба ҳамон самт мерафт.

Фаришта мехост савори асп шавад ва сареътар ба чаманистони орзуҳояш бирасад ба маконе, ки дар онҷо ӯ духтари шоҳи париён буду шоҳзодаи афсонавӣ пойбӯсаш. Аммо рафтори бегонавори Шабдизро диду ҷуръат накард. Лаҷомро ба даст гирифту баробари асп қадам зад.

Пирамард то дергоҳ аз паси онҳо нигоҳ кард ва сипас найро ба лаб гузошту дуди дилаш дар пардаҳои оҳанги ғамангезе печид.

-Чаро бо ман сард шудӣ? Ёдат рафта, ки сар аз кифтам барнамедоштӣ ва мӯйҳоямро мисли алаф мечаридӣ? Шабдиз гӯш ба карӣ зада, бо гардани баланд дар ҷодаи ошно пеш мерафт.

"Ин шайтон аз оғо пайравӣ мекунад, оғо ба ҳар кӣ ишқ варзид, Шабдиз низ ба ӯ дил мебандад то соҳибашро хушҳол кунад кунад". Фаришта ёли зебои Шабдизро бо панҷаҳояш

шона зад.

-Эй ҳайвони дилёб, кош ҳама чун ту содиқ мебуданд..

Хеле роҳ рафтанд ва билохира Шабдиз ӯро ба чаманистони ошно овард.

Дашт дар оғӯши гармсел хомӯшона метапид ва гулу гиёҳ шабеҳи занҳои сарторик аз бемадорӣ ба якдигар такя мезаданд.

Ин макон бидуни оғо суту кӯр буд ва ҳатто хониши паррандаҳо низ наметавонист ба сукути маргбораш ҷон бубахшад.

Фаришта хаёл мекард, ки зиёрати ин макон ба рӯҳи латмадидааш илтиём мебахшад ва эҳсоси он рӯзҳои шодро дубора зинда мекунад, вале ба ҷуз як ҳалои бузург дар ҷони худ ва ҳам дар қалби ин дашти бекарон, дигар чизе наёфт.

Макон, ҳамон макон буд, аммо ангор рӯҳ надошт.

Дарахти ошно чун пирамардон дар такяи решаҳои ковоки худ гӯё беҳолона пинак мерафт ва ба дунёи пуршӯри паррандаҳо, ки дар лобалои шохаҳояш овоз мехонданд ва ишқварзӣ мекарданд, коре надошт. Селаи гунҷишкҳои густоҳ пораҳои пӯсти дарахтро аз тани пираш ба замин парт мекарданд ва нулзанон аз сӯе ба сӯе мекашиданд.

Чамани зери дарахт, ки бистари махмалини ишқварзии Фаришта буд, дигар таровате надошт. Гӯё тӯфоне аз ин макон гузашта буд, ки на ба ҷони сабза раҳм мекард, на ба ҷони себарга. “Чӣ дунёи хаёлие бароям сохтӣ, оғо, ки ту набошӣ ин дунё ҳам нест. Сеҳри ин макон дар бозтоби ҷаззобияти ту буд, вагарна ғамкадае беш набудаст.”

Фаришта бо он чӣ дар тан дошт, ба ҳавз даромад, оғӯши лабрези ҳавз низ бе оғо холӣ буд, меҷӯшиду гармӣ намедод. Ҳавзро убур карду ба зери дарахтҳои хушкида рафт. Бод дуову нийоиши корафтодаҳоро, ки бо латтаву риштаҳои рангоранг ба шохаҳои хушкидаи дарахтҳо гиреҳ карда буданд, чун парчами дарида алвонҷ медод. Фаришта лаби рӯсарии сабзашро пора карду ба шохаи наздиктарин овехт.

“Мегӯянд, ки шохаҳои хушкидаи ту мӯъҷизаи исоӣ доранд, агар ин афсонае беш нест, илтиҷо дорам, шафоат бикун оғоро ба ман ва маро ба ватанам баргардон.”

Фаришта беш аз ин таҳаммули будан дар чаманистони холӣ аз шоҳзодаи афсонавиро надошт, аммо нахост бо пероҳани тар ба хона баргардад, гӯшаи офтобии чаманзорро интихоб карду рӯ ба офтоб дароз кашид. Шиҳаи Шабдиз аз дур ба гӯш мерасид. Шояд аз дидани галаи аспҳои ваҳшӣ ба ваҷд меомад. Бехобии шабҳои гузашта, дибеҳузурӣ ва фишори равонӣ Фариштаро беҳол карда буд ва ин аст, ки пилки чашмонаш оҳиста ба ҳам омад ва аз оламу одам бурида шуд.

Як замон навозишеро дар гунаҳояш эҳсос карду бо ҳаяҷон чашм кушод. Шабдизро дид, ки бо забони дурушташ сару рӯи ӯро мелесид. Фаришта сари аспро бағал карду аз пешонии қашқааш бӯсид. “Маро фаромӯш накун, азизам, рӯзҳое, ки ба думболи маъшуқи ваҳшият ин даштро убур мекунӣ, маро ба ёд биёр, мани ғарибаро, ки дар ин ғамкада дӯстони зиёд надорам ва ту беҳтарини онҳоӣ. Агар рӯзе ба ватанам баргаштам, бароят кокулҳои зарин мефиристам, то дар гӯшаҳои афзорат биовезӣ ва дар назди маъшуқаи ваҳшият худнамоӣ кунӣ.”

Асп гӯё ҳарфҳои Фариштаро мефаҳмид, ки маҳзунона сар хам кард ва сипас сар ба сари Фаришта гузошту ӯро тела дод, ки аз ҷой баланд шавад.

Галабони пир дар лаби ҳисор бесаброна пасу пеш мерафт ва худ ба худ ғур-ғур мекард, ангор аз хайрхоҳии худ пушаймон буд. Шабдизи солимро диду лабханди ширине даҳони бедандонашро ба намоиш гузошт. Пирамард нахост бо Фаришта рӯ ба рӯ шавад, шояд намехост ӯро дар хиҷолат гузорад, пушт гардонду аз лаби ҳисор дур шуд. Фаришта лаҷоми Шабдизро дар назди дарвоза сар дод. Асп як бор ба пушти сараш нигоҳ карду юрғакунон ба сӯи гала рафт... “Ту ҳам рафтӣ, паноҳат бар Худо!”

-Дер кадӣ, бачем, дилам гумани бад кад, - Алтанхотун Фариштаро дар саргаҳи ҷодаи ҷуворизор истиқбол кард ва бо эҳтиёт ба чеҳрааш нигарист.

-Гушна шудӣ, нан мехурӣ? Ту баяд гушна намони ахи, ҳали у уштуки бечара чӣ меша?

-Ташаккур хотунҷон иштиҳо надорам, аммо аз як коса мост рӯ наметобам.

-Ҳар қадар ки дилат бихая, буру ба хона, барет маст меарум.

Фаришта мостро дам кашиду тасфи дарунаш фурӯ нишаст. Хотун бо тараҳҳуми як модар, ки ба духтари сиёҳбахт нигоҳ мекунад, чашм аз рӯи Фаришта барнамедошт. Нигоҳи ӯ буғзро дар гулӯи Фаришта ҷамъ мекард ва хорияшро меовард.

-Фариштаҷан, мехом бари ту як дастана худа бугум. Амиялӣ ту фекр мекунӣ, ки дуня ба ахир расида ва дига чизе хуб намеша. Итурӣ неста. Ҳамачӣ дига меша, дуня мичарха. Ма ай бачагӣ сағира мандум, падару мадарам барвахт ба раҳмати Худа рафтан. Мора бо хаҳарум як барадари лавда даштем, аму кати зануш, ки як аёяли бисяр бадфеъл буда, нигаҳу бин мекад. Нигаҳубини чӣ! Хуни мора мехӯрдан. Бача будем, амма ай саҳар та бега рамабанӣ мекардем ва бегаҳ либас мешустему хана таза мекадем. Янгаи ма ба бародарум шикаят мекад, ки хаҳарот бисяр нан мехӯра ва кар намекунан, барадармон мора ба қамчин мезад ва мегуфт бари ино дига нан надеҳ. Мо даим гушна будем. Хаҳарам кучактар буд, аз гушнагӣ гирян мекад, ма мегуфтум ангушти даста бимак, хиял кун, ки қанд баша. Дар зимистан ҳуҷраи мо аташдан надошт, янга аташ намедод. Ма кати хаҳарум шабои сард якдигара бағал мекадем, ки ай хунакӣ намурем. Як саҳар дасти хаҳарма гирифтум, ки бедар шава, дидум, ки кабуд шуда, хаҳаракум аз гушнагиву хунукӣ мурдаст. Ҳашт салаш буд.

Алтанхотунро ашк гулугир кард, ӯ буғзи гулӯяшро қурт

медоду ҳиқ-ҳиқи гиряашро фурӯ менишонд, вале шонаҳояш аз алам меларзиданд. Хеле сукут кард, то билохира ором шуд ва достонашро идома дод.

-Дувоздаҳсала пур накада будум, олӣ пеши барам надамида буд, ки мара ба бағали мардаки бист сал ай худум калантар партафтан. Ӯ барадари лавдаи ма, худа гунаҳаша бубахша, мара ба авази панҷ гусфанд ба у мардак ба занӣ дад. Ма алӣ ҳайз надида будум, бача будум. Шави никаҳ у мардак бо ма хав шид, и тани ма дар тайи пойи у марди барзангӣ то саҳар лахтаву пара шуд. Аз ҳуш рафтум, мардак хаял када, ки ма ҷан дадум, саҳарӣ мара нимҷан авраду пеши дари барадарум партафт. Маюб шудум, айбам боша, як маҳ ахлотум ай пеш мебарамад, ...хаял кардум зидагӣ тамам шуда. Пасан, дидан, ки дига намеша, мара шафахана бурдан, амал кардану духтан, ду маҳ да шафахана будум.

Се сал бадуш ами мусафеди шуҳарум, ки аялуш қаза када буд, бари ма хастгар шуд. Ма иқа ай мардак метарсидум, ки дасту паҳома баста бу ханаи шуҳар бурдан. Фазли худа, адами хуб барамад, шаш маҳ мада кардар нашуд, ай ма муроқабат кард, ма ба ӯ дил бастум. Барош ҳафт бача авардум, зиндагим хуб шуд. Ами мадаршӯям ба ма бисяр кумак карда, аму рӯзи авал гуфт:

- Духтар, ба марди хубе шуҳар кардӣ, ҳафт бача ба дунё меорӣ, аз зиндагит розӣ мешӣ. Гуфтаи ҳами кампир шуд. И гапара бари и мегам, ки ту биданӣ, дуня даим яксан намемана, ту баяд таваккул ба худа кунӣ ва сабур башӣ. Яд бигир, ки дарди худу фурӯ барӣ ва ба касе нишан надӣ..

Достони талхи Алтанхотун Фариштаро мутаассир кард. Ӯ мӯйҳои мошу биринҷи хотунро, ки бо қалпоқи хокистариаш ҳамранг буданд, навозиш кард. Ҳатто наметавонист тасаввур кунад, ки ин зани меҳрубону дилсӯз чунин рӯзҳои талхро аз сар гузаронидааст.

-Алтанхотун, тақдири бародаратон чӣ шуд?

-Худа шаҳид, мо уро ҳиҷ вақте дуъаи бад накадум, аммо

дар ами бачаи сеюм ҳамила будум, ки писаруш гиря када амад. Гуфт падарума кати гусфандаш ав бурд. Дига мурдашам наёфтан.

Ҳарду то ними шаб дарди дил карданд. Фаришта эҳсоси аҷибе дошт, гӯё шикамсерӣ бо модари худ суҳбат кард. Мисли ҳамеша Алтанхотунро ногаҳон хоб бурд. Фаришта қалпоқи аз сараш лағжидаи ӯро бо муҳаббат бардошу рӯи болишт гузошт ва дар паҳлуи ӯ дароз кашид.

Саҳар акнун чойники доғро рӯи суфраи субҳона мегузошт, ки аввал садои мошин, баъд ҷангир ҷингири калидҳои ҷайби хола Наврӯз ба гӯш расид ва ба думбол қомати резааш дар дами дар зоҳир шуд. Аз хонаи калон то молхона роҳ тӯлони нест, мешавад пиёда рафту баргашт. Аммо хола Наврӯз барои таъкиди мақому манзалаташ роҳи даҳдақиқагиро савори мошин меояд.

Фаришта зоҳиран ором менамуд, аммо дар ботин тӯфоне дошт харобиовар, ки ҳамаро баҳам мезаду чаманистони ишқу умедҳояшро решакан мекард. Ӯ интизори саломуалейк нашуд, хомӯшона ба хона даромад ва баъди лаҳзае буғчае дар даст аз дар берун шуд.

Хола Наврӯз аз ҷабини Фаришта бӯсиду "мошоллоҳ духтари оқили ман" гуфт. Ғамангезтарин лаҳза худоҳофизи бо Алтанхотун буд, Фаришта қавл дод, ки дигар барои бадбахтиҳои худ ашк намерезад, аммо чашмони нами хотунро диду гиряааш омад.

-Заҳматҳоятонро бубахшед, Алтанхотун, то вақте зиндаам барои шумо дуо мекунам...

Хотун гардани Фариштаро раҳо карду ҳунгасзанон худро ба тушаки рӯи кат партофт. Қалби нозуки ӯ таҳаммули дидани мусибатҳои беохири ин ғарибаро, ки барояш аз хеш ҳам қаринтар шуда буд, надошт.

Хола Наврӯз аҷала дошт ва ҳар лаҳза маънидорона овоз рушан мекард, гӯё агар Фаришта ду дақиқа дер кунад дунё аз бордориаш бохабар мешавад.

Фаришта ба асабонияти хола Наврӯз, ки ба маънои “биҷумб духтар!” гоҳ бо чашму гоҳ бо абрӯ ишора мекард, аҳаммият надод ва бетардид ба сӯи тахти хоби аҷуза рафт. Кампир рӯи тахташ сокит менишаст, гӯё гӯшу ҳуш буд, ки дар ҳавлӣ чӣ мегузарад.

-Худо нигаҳдор модарбузург, ман меравам... - овози Фаришта ларзид. Аҷуза ба гӯшаи чашмони шилпуқаш ба ӯ нигоҳе ғазаболӯде афканд.

-Нолаву шикварo дар зиндони қалбат маҳбус кун, ғариба, қавӣ бош, то аз ин варта раҳо шавӣ. Онеро, ки барояш ҷонсарак шудаӣ, парвои ту нест... шаҳдро бо ӯ чашидӣ, пиёлаи заҳрро танҳо нӯш мекунӣ, то позаҳр ҳам бирасад... Ёдат бошад, саранҷом худро пайдо мекунӣ...

Фаришта хам шуд, то дасти рости аҷузаро бибӯсад, аммо пиразан худро ақиб кашиду дасти чапашро рӯи сари ӯ гузошт ва зери лаб дуоеро бо забони номафҳум замзама кард.

Мошини Шопӯр чангу хоки кӯчаро ба осмон бардошта, бо шитоб ҳаракат кард, гӯё мехост аз ин макони олуда ба дарду ғусса дуртар биравад. Фаришта аз тирезаи пуштӣ бори охир ба Алтанхотун, ба боми баланди молхона, ба ҷодае, ки ӯро борҳо ба чаманистони висол мебурд, нигоҳ кард. “Оҳ, оғо, ғами ту саранҷом маро мекушад.” Хотун давида наметавонст, аммо аз паси мошин тунд-тунд қадам мезаду дастафшонӣ мекард, шояд бовар дошт, ки ҳанӯз метавонад чизеро тағйир диҳад. Кулбаи назарногири Алтанхотуни хушқалб дар паси пардаи чанги мошини Шопур аз назарҳо нопадид шуд.

Дарбон мошинро аз дур диду калиди барқиро, ки рандаоҳани найзамонанди болову пойни дарро ба замину сақфи филизӣ мечаспонд, фишор дод ва чархои оҳанин табақҳои дари бузургро бо садои нофорам оҳиста аз ҳам дур кард. Шопур сар ба рӯи чамбари мошин гузошта бар чизе меандешид ва чашмонаш дар нуқтаи номаълуме гир карда, “роҳ” медиданд. Ниҳоят дар пурра боз шуду хола бо ангушт

ба китфи Шопур хала зад, ки роҳӣ шавад. Шопур муҳаррикро дар саҳни ҳавлии пур аз давутозу омодагӣ ба маросими никоҳ, хомӯш кард ва аз оина ба Фариштa чашм дӯхт, лабони нимабозаш омодаи гуфтани хабаре буданд, аммо нигоҳи маънидори хола Наврӯзро диду хомӯш шуд.

-Роша, бачем, кулли кор дорем, - гуфт хола ва аз сандалии назди ронанда сабук ба берун ҷаҳид. Фаришта шабеҳи саге, ки базӯр ба шикор мебарандаш, ба кунҷи сандалии мошин паноҳ бурд.

Хола даст дароз карду домани Фариштаро кашид, аммо ӯ хорпуштвор ба худ печиду ба гӯшаи дуртар рафт, дасти хола ба он ҷо намерасид. Хола то миён ба мошин ворид шуду бо ишораи абрӯ пурсид, ки “чӣ хабар аст?”.

Фаришта сарашро такон дод ва бо кафи даст даҳонашро пӯшид, то фиғон накашад.

Шопури аз ҳама гуру бало бахабар гунгакбозии холаву Фариштаро аз дур назора мекарду бурутҳои сар ба болояш оҳиста ба гӯшаи лабонаш механдиданд. Дилаш ба ҳоли ин ғариба месӯхт, пушт ба ҳарду гардонд, ки ин саҳнаро набинад. Ӯ марди сигорӣ нест, аммо барои ҳолатҳои дилтангӣ як ду нахро дар ҷайбаш нигоҳ медорад. Сигорро рӯшан карду дуртар аз мошин сари по нишаст.

Хола Наврӯз бо асабоният банди дасти Фариштаро маҳкам фишурд.

-Сайъ ку, чӣ мегам! Ҳама чӣ тамом шуда, дига раҳи бозгашт надорӣ. Бари ма сар такон нате, и ма набудам, ки тура зери пойи оғо хобондум, буланд шу, ва илло худа канор мекашум, ту медониву бадбахтиҳот!

Фаришта ноилоҷ аз ҷой такон хурд. Ҷанини батнаш эҳтимол беш аз як қатра об вазн надошт, аммо сангинии як зани моҳу рӯзро ба модараш медод, ки бод кардаву базӯр вз ҷой меҷунбад. Занҳои хизматгор бо духтарони қадраси худ рӯбучину пухтупаз доштанд ва курсиҳои нармро дар атрофи кат чида, ҳавлиро барои қабули Ҳашматулло омода

мекарданд. Онҳо маҳзи аз мошин берун шудани Фаришта гӯё ҳайкали санг шуданд. Аз он чеҳраҳои сангин ҳасрату ҳамдардӣ ва таассуф ба зулму беинсофӣ хонда мешуд. Зимоми мизбонӣ дар дасти Маҳваш буд, ки овози дупустааш ошхонаро меларзонд. Ҳанӯз ними тани ӯ аз дари ошхона берун нашуда, ҳайкалҳои сангӣ ба ҳаракат даромаданд ва дубора ба кор часпиданд.

Зарандуд аз панҷараи хонаи хобаш, дар қабати дуюми бинои васат, сар берун оварда, ба давутози хизматгорҳо назора мекард ва хушҳолии худро аз издивоҷи Фаришта бо Ҳашматулло бо шӯхиҳои ноҷо пардапӯш менамуд. Аз ҳамон рӯзи аввал дилаш аз ин зани ғариба дур рафта буд. Ӯ завқи шавҳарашро медонист ва ҳамеша хавотир буд, ки саранҷом оғо ин хонуми тоҷикиро ба дом меафтонад. Аз ҳамсари хурдии оғо нигарон набуд, чун медид, ки оғо ба ӯ дилбастагӣ надорад ва он хонум ҳам як моҳ ин ҷо асту даҳ моҳ дар хонаи волидонаш. Аммо аз Фаришта хавотир буд.

Рӯзе, ки Маҳваш Фариштаро ба молхона бадарға кард, Зарандуд шод шуд. “Мошоллоҳ, хонумҷун, корои хубам балад будай” гуфт. Ӯ ҳоло шӯхӣ мекарду танҳо худаш ба шӯхиҳояш мехадид.

-Чолаҳора ҳамвор кунен, ки мабодо домоди ҳаждаҳсола аз ҳаяҷон пешпо нахӯра, - мегуфт ӯ ба хизматгоре, ки ҳавлиро ҷорӯб мезад.

-Дар маъракае, ки Маҳвашхонум саркор бошад, иншоаллоҳ арӯсу домод ба пойи ҳам пир мешаванд ва як хона бачу кач мезоян. Хизматгор даҳонашро бо рӯсарӣ баста буд ва сарашро хам мекард, то Маҳваш хандаи чашмонашро набинад. Зарандуд ба шӯхии худ баланд хандиду Маҳвашро хашмгин кард.

-У каллаи бемағзта дарун дарор, ки агар ма буланд шавум сар ай гарданут ҷудо мекунум, мори заҳрогин!

-Мор мутааллиқ ба клоси ҷонварои боҳуш аст, вой аз баҳмут, ки бо он ҷуссаи бузург як қошуқ мағз дорад,

намунаша хо ай мо беҳтар медонӣ.

Чашмони ба ҳам наздики Маҳваш аз асабоният ба устухони барҷастаи бинии сергушташ наздиктар ва даҳони шабеҳи ангуштпонааш тангтар шуд. Ӯ аз ғазаб меларзид, аммо гуфти худаш “кулли кор дошт” ва намехост вақташро сарфи арбада бо Зарандуд кунад. Маҳваш худро аз муридҳои Ҳашматулло медонист ва намехост маъракаи ӯ бо ҷанҷол олӯда шавад.

-Оли бош и маърака бигзара, ма медонаму ту! - гуфт ӯ ва гӯшаи чодарашро бо қаҳр зери дандон гирифт. Ӯ бо ҷуссаи бузург ва хилъати васеъи дароз ба марде монанд буд, ки либоси занона ба бар кардааст. Омадани Фариштаро диду бо кароҳат аз ӯ рӯй тофт ва дар паси дари ошхона нопадид шуд.

Ҳавливу хонаҳо ҳамоне буданд, ки Фаришта борҳо дидааст, аммо чизе тағйир карда буд, чизе, ки Фаришта ба фаҳмаш намерафт. “Шояд ман тағйир кардаам, ки ҳар қадр ҷулутар меравам, дилам бештар метапад. “Фазои ҳавелӣ моломоли атри оғо ва заминаш пур аз нақши кафшҳои ӯст. Ҳар ҷо ки менигарам, нишонаҳои ӯро мебинам. Оғои қалби афгори ман, агар як бори дигар туро бағал мекардам ва мӯйҳои фирфириатро мебӯсидам, армоне дар дилам намемонд.”

Хола мисли кабутаре, ки бачаашро аз боша ҳимоят мекунад, дар гирду пеши Фаришта пар-пар мезад, то касе ба ӯ наздик нашвад. Шояд метарсид, ки асрораш фош мешавад ё нигарон буд, ки мабодо занҳо ӯро ба ин издивоҷ дудила кунанд. Фариштаро мустақим ба гармоба бурд ва “бош, ки барот колои тоза биёрам” гуфту дарро аз пушт баст. Эҳсос мешуд, ки изтироб дорад:

-Бечора хола Наврӯз, гумон дорад, ки ба ман некӣ мекунад, аммо намедонад, ки бо нияти хайраш маро ба ҷаҳаннам мефиристад.

Он чӣ аз сари Фаришта мегузашт барои худаш ва атрофиён таассуфовар буд, ҳатто барои занҳои ошхона, ки

аксаран дар чордаҳ-понздаҳсолагӣ ҳамсари мардҳои чилсола шудаанд ва баъзеи онҳо бо ҳамсарони дуюму сеюми шуҳарҳояшон зери як сақф мезистанд. Фаришта танҳо аз ин тасвир ки дастони касифи мӯйсафеди ҳаштодсола бадани ӯро ламс мекунанд, ба ларза меомад:

- Худоё маро аз ин кобус бедор кун, бубар ба зери ҳамон дарахти пир, агар мурдан насибам бошад, бигзор он ҷо бимирам!

Ҳавзи бузурги гармоба, ки чаҳор-панҷ метр сару бар ва умқи аз қадди Фаришта балантар дошт, лабрези оби ширгарм буд. Фаришта ҳавои саршӯӣ надошт, ӯ аз зинаҳои мармарӣ худро ба ҳавз партофту сарашро зери об кард. Қасди худкушӣ надошт, қавлеро, ки ба аҷуза дод, ёдаш аст.

Танҳо мехост садоҳои атрофро, ки дам аз тую маърака мезаданд, нашнавад.

Хола ӯро аз ҳамом ба ҳуҷраи рӯшану барҳавое бурд, ки эҳтимол хонумҳои оғо баъди гармоба дар сандалиҳои нармаш истироҳат мекунанд. Агар имтиёзи издивоҷ бо Ҳашматулло намебуд, Фаришта ҳатто ба погаҳи ин ҳуҷраи бошукӯҳ роҳ намеёфт. Дар ин ҳуҷра сандалиҳо аз ҳам фосила доштанд ва зарфҳои рӯи мизи қаҳванӯшӣ низ бо салиқаҳои муахталиф интихоб шуда буд. Ҳама зарфҳо зебову гаронбаҳо буданд, аммо чойнику финҷонҳои булурии мизи васат чашмро хира мекард.

-И миз моли Зарандудай, сайъ ку, акси худу оғора дар зарфо ҳаккокӣ када, ки занои дигара ҳасудишон шава ва пасон ҷанҷол бихеза. Оҳ каждуми зери бурё, ага пош ай ами хона канда мешуд, ном Худо чил шабу чил рӯз тӯй медодум!

Хола Фариштаро дар сандалии канори тиреза нишонд ва гуфт, ки ин моли Жилост. Панҷараи бузурги ҳуҷра ба тарафи меҳмонхонаи оғо боз мешуд. Нишемане, ки аз тирезаҳои ҳамеша бозаш садои мусиқӣ ва хандаҳои мастона ба гӯш мерасид, акнун суту кӯр буд, гӯё соҳибаш моҳҳо дари хонаашро боз накардааст. Танҳо шуъои хуршед дар шишаи

панҷараҳо мунъакис мешуд ва ба намуди он хонаи матрука ҷон мебахшид.

Фаришта аз тирезаи бастаи оғо чашм намеканд, метарсид, мижа ба ҳам бизанад, то мабодо ларзиши пардаҳо, ё бозгашти оғо аз назараш дур бимонад. Қатраҳои об аз гесувони тараш сарозер мешуд ва рангҳои пероҳани зебоеро, ки хола Наврӯз ҳамчун ҳадяи арӯсӣ овард, ба ҳам меомехт. Як дард надошт, сад дард дошт, аммо ӯ ҳамин якеро эҳсос мекард – набудани оғоро. Хаёлаш ки агар ҳоло оғо пайдо шавад, дардҳои дигар худ ба худ шифо меёбанд. “Мегуфт, ту гули нози манӣ, туро набинам диқ мекунам... шояд дурӯғ мегуфт, аммо чӣ дурӯғи ширине мегуфт!”

-Фаришта дарро боз ку, бачем, Жило хонум бари табрикат омада, - хола Наврӯз мисли ҷосуси эҳтиёткор се дафъа ба дар ангушт зад. Ниқоби хушҳолии сохта он қадр дар чеҳрааш часпида буд, ки беҳудаву баҳуда лабханд мезад, ангор, худаш издивоҷ мекард. “Бечора хола, саранҷом барояш дарди сар шудам!”

Жило бо бастаи ҳадяҳои туёна ба думболи хола вориди ҳуҷра шуд. Чеҳраи хокистариаш тиратар аз рӯзҳои пешин буд, гӯё на ба табрики издивоҷ, балки барои таъзия омадааст.

Ӯ бо таассуф гунаҳои Фариштаро навозиш кард ва мисли табибе, ки аломатҳои амрозро аз мариз мепурсад, суоломез ба ӯ чашм дӯхт.

-Чаро ба и арӯсӣ розӣ шудӣ? Касе маҷбурат када?

-На хонумҷон, касе маҷбур накард, ...сарнавиштам будаст...

-И чӣ рақам сарнавишт аст, ки зани ҷавону зебое мисли ту бояд ба и пиракии шаҳватпараст издивоҷ куна?

-Шояд аз хизматгорӣ беҳтар бошад, - гуфт Фаришта, ки сайъ мекард ба чашмони ӯ нигоҳ накунад.

Жило хело сукут кард, гӯё арзиши хизматгорӣ ва ҳамсарӣ бо Ҳашматуллоро дар тарозӯи ақл бармекашид.

-Ҷойи афсӯсу надомат аст, аммо худ донӣ, - гуфт ӯ

андешамандона ва ба нақшу нигори фарши зери по хира шуд.

-И гилема кай овардан? - пурсид ӯ бо ҳайрат.

-Як сол шуд хонумҷон, ира оғо ай Эрон оварда.

-Аҷаб, ма ира амиёли дидум... қашанг аст, рангош чашма навозиш мекуна. Жило нақшҳои фарши эрониро дуру дароз тамошо кард, баъд якбора ба худ омад ва ба Фаришта рӯ овард.

-Мага дар и мамлакат марди дига набуда?

Хола Наврӯз, ки Фариштаро ба сад заҳмат то инҷо расонда буд, намедонист даҳони Жилоро чигуна бубандад.

-Жилоҷон, мехой бугӯм, барот як қаҳва биёран, ай аму қаҳвае, ки дӯст дорӣ? Жило ҳарфи холаро нашунид.

-Ага и пиракӣ азиятут кад, ба ма бугӯ, ма медонум ура чӣ ту ҷазо бутум, - гуфт Жило ва зулфони тари Фариштаро бо лаби чодараш хушк кард.

-Аз тиреза бод мейод, бо мариз нашӣ... Муҳот қашанге, мисли шаб, мисли мӯи ҷодугарҳо...

Фаришта аз дилсӯзии Жило хиҷолат мекашид, аз ишқварзие, ки бо оғо дашт танҳо пеши Жилои беозор эҳсоси гуноҳ мекард.

Панҷаи сарди ин зани савдоӣ мисли харчанги раҳгумзада дар байни гунаҳои қирмиз ва гесувони нами Фаришта мехазид, аммо нигоҳи чашмони холияш дар кимкуҷои дигар буд. Ӯ ногаҳон дасташро аз мӯйҳои Фаришта берун кашид ва мисли одаме, ки дар ними роҳ утуи хомӯшнакарда ба ёдаш расидааст, як қад париду бо аҷла аз хона берун шуд.

Хола Наврӯз бо қомати резааш, ки то камари Жило мерасид, дум-думи ӯ медавиду дастакзанон чизе мегуфт, дақиқан мисли одами дурӯғгӯ, ки барои хок пошидан ба чашми ҳамсуҳбат далелҳои нестандарҷаҳон меорад. Хола Жилоро мисли фарзанд дӯст медорад, роздони ӯст ва аз ӯ ҳарфи пинҳонӣ надорад, аммо ҳоло вазъият фарқ мекунад, ҳоло пойи оғо дар миён аст. Эҳтимол намехоҳад ба равони заъифи хонуми калонӣ зиёни бештар ворид шавад.

Фаришта баъди рафтани Жило оҳи сабук кашид ва Худо мегуфт, рӯяш ба рӯи Зарандуду Маҳваш наафтад. “Аммо мага меша!” Зарандуд мисли товус замоне аз назди панҷараи хонаи истироҳати занҳо хиромон мегузашт, ки Фаришта чашм бар нишемани оғо дошт. Он қадр ғарқи хаёлҳои худ буд, ки ҳатто пероҳани зарҳалии Зарандудро, ки дар оғӯши нурҳои хуршеди рӯ ба ғурӯб шаъшаа мепошид, надид. Аммо Зарандуд дар рости панҷара манъ шуду Фариштаро хуб тамошо кард. Ба думболи нигоҳи ӯ рафту чашмаш ба панҷараи хонаи шавҳараш афтод. Дилаш якбора оташ гирифт. Ӯ як нафаси амиқ кашиду бе он ки ангӯшт бизанад, дарро бо нуги кафш боз кард.

Лабханди заҳролӯд дошт ва дар чашмонаш шарораҳои макру ҳиял медурахшиданд.

-Баҳ-баҳ, арӯси гул, бари дидани шоҳдомод лаҳзашуморӣ мекунӣ? - гуфту баланд хандид. Фаришта бо ҳарос аз панҷара дур шуд ва чашм ба замин дӯхт.

-Гуфтам хуб нест, ки дар ин хона маърака бошаву ма ба табрики арӯсхонум наравум. Ҳадяра пасон равон мекунум. Як киреми хуб дорум, ки дар шаби никоҳ ба дардут мехӯра. Ура ҳамрои шуҳарум дар Фаронса харидем. Фаришта эҳсос мекард, ки ин ҳошияравиҳо пешгуфтори ҳарфҳои ҷиддитар аст.

-Хуб... и издивоҷи аҷулона бо и ришсафеди фартут чӣ далел дошт, ки якбора сар зад?

-Аҷулона набуд, хонумҷон, билохира бояд рӯзе издивоҷ мекардам, кӣ беҳтар аз Ҳашматоғо, ки ҳам сарватманд асту ҳам танҳо.

-Ту гуфтиву ма бовар кардум!

-Ихтиёр дорен...

-У моҳҳое, ки хонаи Алтанхотун будӣ, чӣ мекадӣ?

-Корҳои хона, пухтупаз, шустушӯ...

-Оғора медидӣ? Меган рӯзои охир у тарафо бисёр мерафт.

Пойҳои Фаришта аз изтироб ларзиданд, ӯ ба дастаи сандалӣ такя зад, то наафтад. Ҳеҷ як ҳаракаташ аз назари Зарандуд, ки тамоми аъзои баданаш як чашми бузург шуда буд, пинҳон намемонд.

-На хонум, ман ҳеҷ гоҳ ба молхона нарафтаам, ҷойи корам ошхонаи хотун буд, барои келинҳои ӯ ғизо мепухтам, - гуфт Фаришта.

-Молхонара намегам, мегӯян оғо ба хонаи хотун ҳам сар мезадаст.

-Ҳеҷ гоҳ оғоро дар хонаи хотун надидам...он ҷо хотун буду ман ва модаршӯи пираш.

-Ҳмм, ...ба мехмонхонаи оғо чира нига мекадӣ? Нигоҳут сода набуд, кадом дарде доштӣ...

-Ҳеҷ... он панҷараро дидаму қочоқбарҳо ба ёдам омаданад, ки маро дар ҳамон нишеман бо пул иваз карданд... ва ман, бадбахтона, ин ҷо мондагор шудам. Фаришта аз тарс ҳарферо ба забон овард, ки аслан дар зеҳнаш набуд.

Лабханди тамасхуромезе дар лабони Зарандуд зоҳир шуд.

-Хеле зарангӣ, ...аммо ман аз ту зарагтарам ва и достона то тагуш мерам.

Фаришта дошт аз тарс ғаш мекард, ки ғур-ғури худ ба худ гап задани хола Наврӯз аз пушти дар ба гӯш расид..

Ӯ Зарандудро диду ангор, деви ҳафтсарро дида бошад, рангаш парид. Медонист, ки аз забони Фаришта гап кашидан барои ин зани маккор осонтарин кор аст.

-Э, ... хонумҷон ту иҷа астӣ? Бари табрики Фариштаҷон омадӣ? Иншоаллоҳ, ишаб хонаи бахтуш мера.

-И хонаи бахта ту бари ӯ сохтӣ?

-На, ...ма иҷа чи кораюм, Фариштаҷон худаш хоста, коко Ҳашматулло чанд дафа пешуш рафт хонаи хотун, мисли ин ки амуҷа гапошон пухта.

-Эҳсоси ма инаста, ки Ҳашмат тано касе набуда, ки ба хонаи хотун сар мезада! Зарандуд ба тақлид аз шеваи

гуфтори хола ӯро масхара кард.

Мушакҳои сурати хола якбора аз ғазаб таранг шуданд. Ӯ дер боз мехост ба ин зани шаттоҳ адаб омӯзад ва билохира ин фурсат фаро расид. Ду даст дар миён ба Зарандуд наздик шуд, дар ҳоле ки дандонҳояш аз ғазаб ба ҳам бармехӯрданд, ангушти таҳдидро дар зери димоғи ӯ такон дод.

-Бубин, хонум, ай имрӯз иборатан Фаришта ҳамсари Ҳашматулло меша, Ҳашмат кокои шуҳари ту аста, агар ҳарфи баде дар ҳақи ҳамсари Ҳашмат мегӣ, валлоҳ ма рост пеши шуҳарут мерам ва ҳарчира, ки аз кирдорут медонум руку рост пешуш момонум. Ту медонӣ, ки да и хона чизе ай назари ма пинҳон неста. Хиёл кадӣ, ма надидум читу ба рӯи у духтари бадбахт осид пошидӣ? Ё ӯ беваи ҷавона, ки бари кор омада буд, читу дар танӯр тела додиву куштӣ? Бозам бигам?

Дами Зарандуд якбора ба дарун зад. Аз лабханди тамасхуромезаш нишоне намонд. Пеши бараш башиддат пасту баланд мешуд, аммо садои нафаскашиаш ба гӯш намерасид. Пӯсти сафеди мармаринаш дар пеши чашми холаву Фаришта якбора ранги сурх гирифт ва ин сурхӣ аз бари рӯ ба гарданаш сарозер шуд. Донаҳои араҳи ҷабин ва пушти лабаш дар рӯшноии чароғ дурахшиданд ва нафасаш кутаҳӣ кард. Ҳунари ҳозирҷавобиаш куҷое шуд, ки ба додаш нарасид ва ӯ музтарибона лабханд зад.

-Хо-хо, хоола Наврӯз, ...шумо иштибоҳ гирифтед. Ма ҳарфи баде нагуфтум, фақат пурсидум, ки зиндагиш дар мазраа чӣ рақам буда. Бубахшед, ага нохудогоҳ ба ӯ тавҳин када бошум...

Зарандуд инро гуфту бо шонаҳои шикаставу сари хамида аз ҳуҷра баромад. Дареро, ки чанд лаҳза беш бо нуги по боз карда буд, ончунон эҳтиёткорона пӯшид, ки ангор намехост гӯшҳои хола озор ёбанд.

-Дидӣ, бо кӣ тараф шудӣ? И мор ором намеша, ду се рӯз худа гум мекуна, то захр ҷамъ куна. Ҳушор бош, ки ай

думболут шуда. Ҷойе бари ту намонда магар хонаи Ҳашматулло, зиндагит фақат амуҷа ҷӯр меша. Зӯри Зарандуд ба ӯ намераса.

Ин таҳдидҳо ваҳшати издивоҷ бо пиракии шарурро кам мекард ё шояд дар назари хола Наврӯз чунин менамуд, ки ӯ банди зарҳалии бастаи колоҳоеро, ки бо худ оварда буд, боҷуръатона боз кард.

-Инора Ҳашматулло бари ту фиристода, куллагиш моли хориҷа аста. Буланд ша, меҳмоно амиёли мерасан.

Хола пероҳани сафеди шерозаҳояш зарҳалиро, ки шабеҳи пӯшиши хонумҳои оғо буд ба сари Фариштa кашид. Фаришта аз ҷой наҷумбид.

-Кумак ку, бачем, қади пасти ма то болои ту намераса охи! - асабонӣ шуд ӯ. Фаришта аз ҷой намеҷумбид ва дастони шахшудааш боло намерафт.

Ин саҳна ӯро ба ёди арӯсакбозии замони кӯдакиаш бурд, ки бо хоҳаронаш аз чӯбу ресмонҳои ранга арӯсак месохт ва барояш курта медӯхт. Он чӯби беҳаракат пероҳанро осон ба тан намекард ва хоҳарон қаҳр мекарданду арӯсакро ба кунҷе мепартофтанд.

-Кош, хола ҳам аз мани арӯсак бигзарад ва муште ба сарам бизанаду ба кунҷе партояд, ба зери баргҳои хушк, ба зери пӯсти хок, ки дигар на Ҳашмате даркор бошад, на издивоҷе.

Аммо хола кори худро балад буд, сабурона пероҳанро ба тани Фаришта пӯшонд, тоҷи зарринро ба сараш гузошт, кафшҳои пошнабаландро пеши рояш гузошт ва чодари ҳарирро ба сараш кашид.

Аз берун садои “шаҳхел омад, шаҳхел омад!” баланд шуд, ки аз омаданаи домоду ҳамроҳонаш дарак медод.

Коко Ҳашматулло дар тан пероҳан, тумбону шалвори сафед, камзули беостини абрешимӣ, ва дар сар аммомаи сиёҳи рахдор дошт, ки як гӯшаи он чун ҳамеша мисли бодбезак дар теппаи сараш алвонҷ мехӯрд. Гунаҳои сурх ва

ришу мӯйлаби тоза рангзадааш мисли анори расида медурахшид. “Ё оллоҳ” гуфту бо пойҳои ларзон ба ҳавлӣ ворид шуд. Як пиракии ҳамсиннаш ва ду марди миёнсол ӯро ҳамроҳӣ мекарданд.

Занҳои хизматгор пухту пазу шустушӯро анҷом дода, мебоист акнун ба хонаҳои худ баргарданд, аммо ин шом аҷала надоштанд ва кунҷковона аз дари ошхона калла мекашиданд.

Ҳашматуллои ҳаштодсола барои издивоҷ бо Фаришта хеле пул харҷ кард, барои арӯс он қадар пероҳану чодур ва зарузевар овард, ки дар се сандуқ базур мегунҷид.

Ҷиҳози арӯсро барои намоиш дар рӯи ҳавлӣ чида, дари сандуқҳоро боз карданд. Аз рӯи русуми ин мардум бояд хонаводаи духтар ва дугонаҳояш бо «баҳ-баҳу чаҳ-чаҳ» колоҳоро берун кашида, ба ҳиммати домод баҳогузорӣ мекарданд. Чашмони хизматгорҳои ҷавон, ки ин миқдор коло ва зару зеварро дар шаби хоб ҳам намедиданд, аз шавқ дурахшид ва онҳо аз остини якдигар кашида ба назди сандуқҳо омаданд, то зару зеварро аз наздик бубинанд ва бо ангушт ламс кунанд.

-Ҳушор бошен, бо чизера набардорен, чорчашма нигоҳтон дорум, - фарёд зад Маҳваш ва занҳо оҳиста аз назди сандуқҳо дур шуданд.

-Хола Наврӯз, у занакара бугӯ аҷала куна, чордаҳсола нест, ки аз пайи гулу гулоб бурава! - бо қаҳр гуфт Маҳваш.

-Никоҳ байни асру шом дуруст неста, намози шомра бухонем баъд даст ба кор шем, - гуфт кадоме аз ҳамроҳони домод. Фаришта ин хабарро аз хола Наврӯз шуниду оҳи сабук кашид, гӯё қарор буд дар ин як соат муъҷизае рух диҳад ва ӯ аз зери бори ҳамсарии Ҳашматулло раҳо шавад. Фаришта бо асабоният ба тик-тики соати рӯи девор гӯш медод ва аз назди панҷара дур намерафт. Ҳаво оҳиста торик мешуд ва садои бигиру биёр низ камтар ба гӯш мерасид. Ногоҳ Шопурро дид, ки бастаи бузурге дар даст аз паллаҳои

нишемани оғо боло мерафт.

-Оғо Шопур! - ҷонсарак фарёд зад Фаришта.

Шопур дар паллаҳо манъ шуду ба сӯе, ки садо аз он ҷо баланд мешуд, нигоҳ кард. Фариштаро бо чодару либосҳои муаҷаллали арӯсӣ диду дар ҷояш шах шуд. Фаришта аз панҷараи боз ба сӯи Шопур даст афшонд.

-Ман ин ҷоям оғо Шопур!

Шопӯр ба чаҳор тараф нигоҳ карду оҳиста аз паллаҳо поён омад. Медонист, ки Фаришта чӣ мехоҳад, аммо худро ба нодонӣ мезад.

-Амре доштӣ хонум?- пурсид ӯ бегонавор ва бо қавораи ҷиддӣ.

Фаришта оҳанги сардро дар садои Шопури меҳрубон зуд ташхис дод. Аммо ҳоло дигар ҷойи истиҳола набуд, вақт мисли оби равон шитоб дошт ва Шопур ягона нафаре буд, ки метавонист ба суоли Фаришта ҷавоб бигӯяд.

-Шуморо ба ҳар муқаддасоте, ки доред, савганд медиҳам, бигӯед оғо куҷост?

-Воллоҳ, куҷо будани оғоро ма намедонум, ӯ бари ма ҳисобот намета. Фақат медонам, ки ин ҷо нест.

-Оғо медонад, ки маро ба Ҳашматоғо никоҳ мекунанд?

Шопур чизе гуфтанӣ буд, ки ин дам садои азони намози шом баланд шуд ва ӯ Фариштаро моту маҳбут гузошту ба сӯи паллаҳо давид.

-Оғо Шопур, ин корро бо ман накунед, хоҳиш мекунам!

Шопур дар нимаи роҳ манъ шуду ангушт ба лаб гузошт ва сарашро такон дод. Бастаро аз дари нишеман ба дарун партофту шитобон пас гашт ва бо аҷала аз назди панҷара рад шуд.

Фаришта аз ишораи Шопур чизе нагирифт. “Шояд мегуфт дар ин бора лаб накушо? Ё мегуфт оғо аз ин издивоҷ хабар надорад?”

Бо рафтани Шопур охирин умеди Фаришта барои як муъҷиза, ки битавонад ин никоҳи беинсофонаро баҳам

бизанад, барбод рафт. Ӯ сар ба оҳани панҷара гузошту чашмонашро пӯшид.

-Духтар, аҷала кун, домулло интизори туст, хутбаи никора мехона.

Фариштa дигар муқовимат накард ва аз паси хола Наврӯз ба ҳавлӣ баромад. Ӯ бо гесӯвони печ дар печи чун шаб сиёҳ, пероҳани сафеди саропо лаълу марворид, чодари зарҳалӣ ва кафшҳои пошнадор, ки қомати бе ин ҳам баландашро баландтар нишон медод, мисли парӣ зебо буд.

Занҳои хизматгор бо дидани Фариштаи зебо ангушт ҳайрат газиданд, вале ӯро дар бағали Ҳашматулло тасаввур мекарданду дилашон беҳузур мешуд.

Меҳмонҳо дар боғчаи ҳавлӣ рӯи курсиҳои роҳат менишастанд. Барои ин маросим Маҳваш беҳтарин курсиҳои роҳату ва суфраи меҳмонхонаашро ба боғ баровард. Ҳашматулло аз бари боло менишаст ва аз шиддати ҳаяҷон ҳардам бинӣ мекашид. Баробари дидани Фаришта ларзон-ларзон аз ҷой нимхез шуд ва табассуми нозебе дандонҳои мисли дандони асп зардшудаашро урён кард.

Хола Наврӯз Фариштаро дар курсии нарми паҳлуи домод нишонд ва дар дил худо мегуфт, ки ин маросим зудтар, бе ягон ҳодиса хатм шавад.

Фаришта сар аз замин барнамедошт, то чашмаш ба Ҳашматуло наафтад ва бо фиғон тоҷи арӯсиро аз сар дур наяндозад. Ӯ боре дар айни чунин маросим ноилоҷ ба хотири осоиши модараш ба никоҳи Рашид даромад, ҳоло ба хотири тифли бадбахте, ки дар шикамаш бузург мешавад, худро қурбон мекунад. Рашид ошиқи ӯ набуд, қасди ҳамхобагӣ ҳам надошт, одами хубе буд. Аммо ин яке фарқ мекунад, Ҳашмат бо як мушт эҳсоси мардона, ки дар кимкуҷои тани фарсудааш банд мондааст, висол мехоҳад ва ин Фариштаро девона мекард:

-Э кош, дар ҳамин шаби никоҳ ҷон аз танаш бадар мешуду маро беваи сиёҳпӯш мекард!

Домулло хутбаи никоҳ оғоз карду гӯши Фаришта қуфл зад. Боқии маросим дар назараш мисли филмҳои сиёҳу сафеди қадимӣ босуръат гузашт. Чизеро ёд надорад, вақте ба худ омад, ки хола бо ангушт ба бозуяш хала мезад ва дар гӯшаш мегуфт, ки “бале” бигӯяд. Ҳама хомӯш чашм ба даҳони Фаришта дӯхтанд. Хола бозуи Фариштаро бо тамоми неру фишор дод ва бо овози танҳо барои Фаришта шунаво “чуп нашу, аблаҳ, бгӯ, ки розӣ астӣ! - гуфт. Фаришта бо ишораи сар “бале” гуфт ва домулло ақди ӯро бо Ҳашматулло эълон кард.

“Алвидоъ, оғои қалби дардманди ман, молики ҷону тани ман, маҳбуби ман, ягонаи ман. Алвидоъ, духтари шоҳи париён, алвидоъ, дарахти пир, шоҳиди ишқварзиҳои ман, алвидоъ, Шабдизи ошиқи аспҳои ваҳшӣ, алвидоъ, ҳавзи лабрези атри тани маҳбуби ман. Шуморо ба худои бузург месупорам. Гоҳе ҳам аз ман ёд кунед, аз мане, ки буду шудамро ба он оғои зебо ҳадя кардам ва хушбахттарин рӯзҳоро бо ӯ ба сар бурдам. Алвидоъ, афсонаи ширину мондагор!”

Меҳмонҳо омин карданду аз ҷой бархостанд ва хола акнун панҷаҳои оҳанинашро аз бозуи Фаришта бардошт. Ӯ Фариштаро модарвор бӯсид, чашмонаш ғарқи об буданд ва чонаи холдораш аз ашки гулугир меларзид.

-Туро ба Худои мутаъол месупорам Фариштаҷон, Худо аз ама балову офат ҳифзат кунад!

Мардҳо пеш пешу занҳо ба думбол бо сарҳои хам мисли иштирокдорони маросими ҷаноза аз дар берун шуданд. Дар ин хайл танҳо як нафар, ки аз хушбахтӣ чун шабнами саҳаргоҳ медурахшид ва ба ҳар тараф чашмак мезад, Ҳашматулло буд. Ӯ дасташро зери чодари арӯс даровარду мисли шуллук ба панҷаҳои Фаришта часпид ва оҳи сабук кашид. Дасташ мисли шохаи хор хушку сард буд.

Арӯсу домод мошинсавор ва “шаххелҳо” пиёда ба манзили Ҳашматулло, ки дар дусадметрии хонаи оғо ҷой

дошт, расиданд.

Хонаи коко бо як сохтмони ду ошёна ва ду сохтмони яккабата шакли кӯчактари хонаи додарзодааш будааст. Аз ин се сохтмон танҳо бинои дуошёна чароғон буд ва дар он суроби зане ба назар мерасид, ки кӯрпаву болишт дар даст аз як ҳуҷра ба ҳуҷраи дигар медавид. На хизматгоре буд на надиме.

Шаҳхелҳо дар саҳни ҳавелии барҳаво, ки дараххҳои баланди ношиносаш ба ҳам печида, шабеҳи чатри бузург аз воруди нури моҳ ба ин хонаи торик ҷилавгирӣ мекарданд, даст ба дуо бардошта, ба домод хушбахтӣ хостанд.

Ҳашматулло дасти Фариштаро сар намедод ва азбас дасти росташ дар дохили чодари арӯс буд, дасти чапашро барои хайрухуш ба меҳмонҳо дароз кард. Кадоме аз онҳо "и шаб оғо дига, шаби худата!"- гуфту хандакунон ба китфи Ҳашмат-оғо тап-тап зад. Фаришта дасти Ҳашматуллоро тела намедод, ӯ ангор, аз баҳри ҷисми худ гузашта буд ва барояш муҳим набуд, ки Ҳашмат бо ин дасту ин тан чӣ мекунад. Ба худ мегуфт, "сахтатрин шаб, ҳамин шаб аст, агар имшаб намираму то ба субҳ бирасам, фикр кун, ки ҷон ба саломат бурдам."

Зане, ки суробаш аз ошёнаи дуюм менамуд, хоҳари Ҳашматулло ва зоҳиран ягона ҷонзоди зинда дар ин ҳавлии бузург буд. Ӯ Фариштаро дар долони ошёнаи дуюм истиқбол кард ва чодари арӯсиро аз чеҳрааш бардошт. Хонум бо чашмони фурӯрафта, ки аз ғояти сурмаи зиёд мисли ду лахчаи сиёҳ дар қаъри сараш ҷой доштанд, чеҳраи пур аз доғи чечак, димоғи бургутмонанд ва дандонҳои ашкала, шакли занонаи бародараш буд. Ба як дидан тақрибан ҳафтодсола менамуд. Аммо мисли ҷавонзанҳо либосҳои рангоранг дошт ва дар сару дасту гардан зару зевари бешумор. Ангор, мехост сарвату савлаташро ба арӯси нав нишон диҳад.

-Ма Марворидум, хоҳари Ҳашматуулло, и бародари мо

иқа ошиқат шуда, ки имшав хонара ай хадиму надим холӣ кад, то катит тано боша. Мо гуфтем, пот ба лаби гӯр расида, охи тура чиву зан чӣ, гӯш накад.

-Бисё ҳарф наза, Марворид, сайъ ку, чӣ мегам, хонума бубар ба хонаи хоб, ма намози хуфтана мехонуму бармегардум.

-О и тифлак як даҳан нон намехӯра, ки арақуш хушк нашуда хонаи хобуш мебарӣ? - хоҳари Ҳашматулло норозиёна рӯ турш кард.

Ҳашматулло ҳарфҳои хоҳарашро ношунида гирифт ва банди шалворашро бозкунон бо ачала ба кунҷи дигари долон рафт.

-Роша, арӯсхонум. Марворид бо ахмҳои гирифта пеш гузашт ва Фариштаро ба хонаи хоби арӯсу домод бурд ва хост чароғро рӯшан кунад.

-Чароғро рӯшан накунед, хонумҷон, торикӣ беҳтар аст.

Зан аз хоҳиши Фаришта ҳайрон нашуд, зери лаб ғур-ғур карду аз ҳуҷра бадар рафт.

Ҳашматулло намози хуфтанро бо ачала хонд ва мисли рӯзадоре, ки нишастани офтобро бесаброна интизорӣ мекашад, ҳанӯз Фаришта кафшҳояшро накашида буд, ки суроби саллаи бузургаш дар дами дар пайдо шуд.

-Э-э, чаро дар торикӣ истод кадӣ? Хаста шудӣ, бишин ҷонам, - гуфту даст ба сӯи тугмаи чароғ дароз кард.

-Чароғро рӯшан накунед, коко, аз рӯшноӣ хушам намеояд.

-Боша, ҷони ма, ҳар чӣ дили тангут биход.

Ҳашматулло, ангор, дурбини шаб дошт, ки дасти дасти Фариштаро дар торикӣ осон пайдо карду ӯро ба сӯи тахти хоб бурд.

-Ма дига бари ту коко нестум, пераҳанта во ку ҷигар, мо хо дига бо ҳам маҳрам шудем. Фаришта хомӯшона либосашро берун оварду дар тахти хоб дароз кашид ва

чашмонашро сахт пӯшид, мехост чашм боз кунаду бубинад, ки шиканҷаи ҳамхобагӣ бо Ҳашматулло ба охир расидааст.

Ҳашматулло перҳантумбони домодиро бо дастони ларзон аз он тани пиру фартуташ берун овард. Устухони пушти ӯ кӯҳони уштур ва сандуқи дилаш қафаси синаи мурғро мемонд. Бо шалвори хиштакдоре, ки банди тавеламонандаш то зону мерасид, дар паҳлуи Фаришта дароз кашид ва мисли харчанг ба тани ӯ часпид. Ҳаш-ҳаши нафаскашиҳояш гӯши Фариштаро озор медод. Ӯ бо дастони ларзон мӯю рӯи Фариштаро мепалмосид, синаҳои чун шир сафедашро молиш медод, бо даҳони тӯфолудааш пақ-паҳ ӯро мебӯсид ва саранҷом монанди аспбози барҷомонда, ғеҷидаву афтида ӯро савор шуд. Пешу қафо такон хурду такон хӯрд, оби даҳонаш ғоз медоду ба рӯи синаи Фаришта мерехт. Бечора арӯс дошт оқ мекард, ки билохира Ҳашматулло мисли шағоли тирхӯрда ғингос заду мурдавор аз ҳаракат монд.

Фаришта худро бо кароҳат аз зери тани ӯ берун овард ва рӯ ба девор даҳони ин ҳама муддат пӯшидаашро боз карду ҳарисона нафас кашид. Ҳавои хона бӯи даҳони носолӯдаи Ҳашматулло мекард ва Фаришта бо аҷала ба айвон давида, сар аз панҷара берун кард.

-Ҳаммом унҷаста, арӯсхонум. Марворид, ки эҳтимол ин ҳама вақт пушти дар фолгӯш меистод, бо ангушт ба гӯшаи айвон ишора кард. Фаришта бо аломати фаҳмидам сар такон дод ва бо тани нимаурён ба сӯи дари ишоракардаи Марворид давид. Раҳ ба раҳ нигоҳи тирвори ӯро дар пушти худ эҳсос мекард.

Аз сар то пояшро чанд дафъа собун заду бо лиф шӯст, зери шарашараи об истод, аммо бӯи Ҳашматулло ҳамоно аз димоғаш дур намешуд. Саранҷом беҳол шуду рӯи суфаи мармарии ҳаммоми гарм, ки шояд Марворид аз бегоҳ омода карда буд, хобаш бурд.

Қариби хурусфарёд аз садои ғиҷироси дар бедор шуд.

-Арӯсхонум бари ту сарчоқу пату овардам, инора бигиру

дар гармоба зиёд гир нашу, бари саломатит зарар дора.

Фариштa дигар ба хонаи хоб барнагашт. Гиҷ шуда буд, намедонист чигуна рафтор кунад. Гесувони намкашидааш ба танаш часпида, ҳавои сарди аввали тирамоҳро дар назараш сардтар мекард. Ба патуи овардаи Марворид печиду дар гӯшаи курсии роҳати айвон ҳалқа зад. Баданаш зуд гарм шуд ва пилкҳои сангинаш беихтиёр ба ҳам омаданд. Шояд ба ин роҳатӣ то зуҳр мехобид, аммо бо чашмони пӯшида тири нигоҳеро дар чеҳрааш эҳсос карду чашмонаш бо ҳарос боз шуданд. Дар айвони нимарӯшан Марворидро дид, ки аз зери пешонаи барҷастааш ба ӯ нигоҳ мекард. Фариштa бо аҷала аз ҷой бархосту гунаҳкорона сар хам кард.

-Чаро иҷа хав кадӣ?

-Бубахшед, пату танамро гарм кард, нохудогоҳ ин ҷо хобам бурд...

-Чиро полуи шуҳарут нарафтӣ?

-Ҳашмат-оғо хоб буд, нахостам нороҳаташ кунам...

-Ҳмм... буру хо бедоруш ку, намози бомдода қазо накуна!

Ҳашматулло пойҳои урёнашро ба ду тараф партофта бо даҳони боз хуррак мекашид. Нафасаш бо пуф аз даҳонаш берун мешуд ва кафки сафеди ҷамъшуда дар кунҷи лабашро пасту баланд мекард. Агар Фариштa ин тасвирро замони дигар медид, шояд дилаш беҳузур мешуду ҳар он чӣ дар шикамаш дошт ба рӯи Ҳашматулло мерехт. Аммо ҳоло аз тарси Марворид китфи Ҳашматуллоро такон дод.

-Ҳашмат-оғо, баланд шавед, вақти намози бомдод аст.

Мӯйсафед чашмони фурӯрафтаашро, ки чун чароғи нимсӯхта дар қаъри сараш милт-милт мекарданд, бузургтар боз кард ва Фариштaро диду даҳонаш аз хушҳолӣ гиз шуд. Нимхез аз аз домани ӯ кишид.

-Биё полуи ман, намоза қазо мехонум ҷигар, худо мара мебахша. Ӯ Фариштaро ба тахти хоб кашиду худро ба

болояш андохт. Тӯлонитар аз шаби гузашта ҷумбуҷул кард ва саранҷом як “қиғғ” гуфту мурдавор ором гирифт. Фаришта дар дами дар боз бо Марворид рӯ ба рӯ шуд, ки авзояш беҷо буд. Ӯ хомӯшона сарчоқи сари китфашро ба Фаришта дароз карду бо ишораи сар ӯро ба ҳаммом фиристод.

“Агар бо ин зан забон наёбам ҳолам хароб мешавад”- ба худ гуфт Фаришта ва қарор кард, ки бо Марворид наздиктар шавад, аз ӯ дилҷӯӣ кунад. Ӯ либос иваз карду ба назди Марворид фаромад, ки дар қабати аввали бино дар ошхона субҳона омода мекард.

-Хонумҷон, ман ба бекорӣ одат накардаам, агар иҷозат бидиҳед ба шумо кӯмак кунам. Ҳар коре бошад ба ман бигӯед, иҷро мекунам.

-Кора чӣ мекунӣ! Ту дига хонуми и хонаӣ, и моем,ки бояд хизмати тура кунем! Забони Марворид он қадр заҳру зуқум дошт, ки талхиашро намешуд эҳсос накард.

Фаришта тӯли хизматгориаш, мисли ҳамаи дастнигарҳо илмеро ёд гирифт, ки дар ҳар шароит ба дардаш мехӯрд. Ӯ ёд гирифт, ки худро кӯчак нишон диҳад ва ҷониби муқобилро ба арш бардорад.

-Интур нагӯед, хонумҷон, шумо бузурги ин хонадонед, ман бояд дар хизмати шумо бошам. Фаришта инро гуфту ҷорӯбу сатилро бардошт ва мехост ба ҳавлӣ фарояд. Дилҷӯиҳои Фаришта ба Марворид форид, ӯ каме нармтар шуд.

-Арӯсхонум, ҷорӯву сатила дар ҷош бумон, пероҳани худа касиф наку, ҳавлира хизматгор тоза мекуна, ага хоҳӣ, ба ма кӯмак кун, субҳонара омода кунем. Фаришта зуд ба кор часпид, Марворид аз ҳаракатҳои ӯ чашм намеканд, аммо ҳеҷ баҳонае барои киноя задан пайдо накард.

-И шуҳарут хизматгора ило кад, хиёлуш, ки ма иҷа муқимӣ мешам, мега ба арӯси ма хизмат кун. Мага ма хонаву дар надорум? Марворид зери лаб ғур-ғур мекард ва ба арӯси

нав мешунавонд, ки аз ӯ таваққӯъи зиёд надошта бошад.

Фаришта хомӯшона сабзиҷотро пора карду тухму асалу қаймоқро рӯи синӣ чид. Ҳарду субҳонаи шоҳонае омода карданд.

-Буру шуҳарта бедор кун, намоза қазо када, субҳонарам қазо накуна. Марворид аз зарофати худ кайф кард, ки чеҳраи буҷуриаш аз ханда шукуфт. Аммо нигоҳи имдодталабонаи Фариштаро диду, бештар хандааш омад.

Чие? Метарсӣ, ки тура бо зери пош мекаша? И биродари ма ай бағали зан серӣ надора. Занои худобиомурзаш ай амхобагӣ бо Ҳашмат иқа безор шудан, ки барои ҷонхалосӣ ҳар сол бача мезоидан. Оли бахти ту баланд буда, ки нерӯш намонда ва илло то саҳар хоб надоштӣ.

Марворид бо ифтихор тавоноиҳои ҷинсии бародарашро тавсиф мекард. Ӯ даҳон пур карду мехост ҳарфашро идома диҳад, ки ин дам хола Наврӯз табақи бузурге зери бағал аз дари ҳавлӣ ворид шуд.

-Меҳмони нохондара қабул мекуне, -гуфт ӯ ва табақро ба замин гузошту даст дар пешонӣ ба тарафи айвон чашм дӯхт.

-Фаришта, биё бачем табақи мана боло бубар, ки дига қуватум намонда.

Фаришта аз дидани хола он қадр шод шуд, ки ангор, дар зиндон буду баъди солҳо ба дидори азизе расидааст. Хола ӯро бағал карду дар гӯшаш пичиррос зад:

-Шаб читур гузашт, бо Ҳашмат хав кадӣ?

-Бале,..азоби гӯрро аз сар гузаронидам.

Хола оҳи сабуке кашиду аз ҷабини Фаришта бӯсид.

-Шаб хав аз дидаҳом парид, сад андешаву хаёл дар сарум чарх мезад, ба зур то субҳ расидум, фақат дар фикри ту будум. Иншоаллоҳ дига ҳама чи хуб меша. Худо меҳрубон аст.

Фаришта бечораҳолона сар такон дод.

-Табақа бардор, барот гӯшбирёну мост овардам, туро худо ба мост начаспӣ, хеле эҳтиёт ку, оқу воқ надорӣ?

-Бовар кунед хола, аз тарс дилбеҳузуриям гум шуд.

-Бардор табақа бирем, ки и Марвориди бадфеъл бо чи фикри баде накуна.

-Баҳ-баҳ, аҷаб хуб мондӣ, Марворид, амиёлиям мисли духтари ҳаждаҳсола мақбулу тару тозай, ном Худо!

Чеҳраи мухпарзади Марворид аз шодӣ лолагун шуд. Ӯ холаро аз боло нишонду чою шириниро дар пешаш гузошт.

-Хуш омадӣ Наврӯз, шарофати арӯси нав намебуд, валлоҳ, ки ба и хона по намегузоштӣ!

Фаришта табақи гуштбирён ва хурмаи мостро рӯи дастархон гузошту сари суфра орият нишаст. Дар дил мегуфт, зиндагӣ дар ин хонадон бад намебуд, агар Ҳашмате вуҷуд намедошт. Эй кош намебуд!

Аммо дар кушода шуду Ҳашматулло бо қомати нимахамида, сари качали бедастор, ки кадӯи дар офтоб сӯхтаро мемонд ва яктаҳи сафед, ки доманаш то зонуҳои урёнаш мерасид, аз ҳуҷра берун омад. Хола Наврӯзро диду даступоча шуд.

Э, Наврӯз ту иҷа астӣ, - гуфту бо аҷала пас гашт ва баъди лаҳзае бо дастору хилъат берун омад. Марворид пушт ба бародараш гардонду чодарашро рӯи чашмонаш кашид.

Ҳашматулло мехост бо хола Наврӯз саломуалейк кунад, вале рафтори хоҳарашро диду аз фикраш гашт ва ба тарафи ҳаммом рафт.

-Арӯсхонум, бари шуҳарат сарчоқу пату бубар, бо ай ҳаммом лухт пеши мо ҳозир наша, - гӯё шӯхӣ кард Марворид ва ба сӯи хола чашмак зад.

Ӯ андам Фариштаро ба ҳаммом фиристод, эҳсос мекард, ки оғӯши Ҳашматулло барои ин зани зебо мисли ҷаҳаннам аст. Аммо ба худ мегуфт, “шӯҳари пири пулдор, ки хостӣ, азобешам бикаш!”

Хушҳолие, ки аз дидори хола Наврӯз дар чеҳраи Фаришта гул мекард, бо шунидани амри Марворид оҳиста фурӯкаш кард, ӯ ноилоҷ аз ҷой бархост. Хола Наврӯз, ки ба

гуфтаи худаш мӯри нарро аз мода фарқ мекунад, вонамуд кард, ки ин саҳнаро намебинад. Ӯ худро ба нодонӣ заду аз гуштбирёни овардааш як луқма бардошт.

-Ай и кабоб бигӣ, Марворид, маза мета.

-Наврӯз, ту як зани доноӣ, ира ҳама медона, ба ма бугӯ, ки чӣ рақам и духтари қашанг ба и бародари ришсафеди ма издивоҷ када?

-Далели сода дора, Марворид, и духтар як ғариба аст, пушту пано надора, ҳар кас мехоя, як мушт ба саруш мезана. Хаста шуда ай канизӣ, мехоя зиндагиша сомон бута. Мага Ҳашматулло бетарин номзад нест бари як ғарибаи бесоиб?

-Шояд ам ҳарфи ту дуруст боша. Зиндагӣ да у хонаи додарзодаи ма, бо Маҳвашу Зарандуд мисоли дӯзах аста. Охи и зана бача намефора? Уштукои дигара бина авасуш намера?

Хола Наврӯз вонамуд кард, ки аз ханда нафасгир мешавад.

-Кӣ мега, ки бачадор намеша? Худованд уқа тухми уштукора дар олоти Ҳашмат кишта, ки бари як артиш басанда аста!

-Валло рост мегӣ, и биродари мо зани безурёта мезоёна, то рӯз аз болои и духтар пойин нашуд, садои оҳу нолашон ба гӯши ҳамсояҳо ҳам расид, оли дидӣ ки пагоҳ ҳомила меша.

Ҳарфҳои Марворид бар захми хола Наврӯз мисли марҳам буд ва ӯ аз шодӣ қоҳ-қоҳ хандид. Марворид ҳам хандакунон ба ошёни аввал фаромад, то чойи гарм биёрад. Фаришта дари ҳаммомро бо аҷала пӯшиду худро ба назди хола расонд.

-Худо меҳрабон аст, иншоаллоҳ корот хуб меша, - гуфт хола ва ба чаҳор тараф нигоҳ карду осемасар хурмаи мостро ба Фаришта дароз кард.

-Бигӣ, зуд бухӯ, то кас набина!

Фаришта мостро duздона дам кашид, зиёд нахурд, як ду ҷуръа нӯш карду хурмаро рӯи дастархон гузошт. Нигоҳаш ба чашмони хола буд, мехост аз оғо чизе бишнавад. Медонист, ки шунидани ҳарфи оғо аз даҳони хола кори ношуданист,

аммо боз ҳам пеши ӯ гардан kaҷ мекард.

Хола хеле гӯш ба карӣ зад ва чун ҳамеша гуфт:

- Бирам, ки кулли кор дорум, - мунтазири чойи гарми Марворид нашуду сареъ аз ҷой бархост.

-Хола...

Хола медонист ки Фаришта мехоҳад аз оғо аҳвол бигирад, бинобар ин суҳбатро амдан ба самти дигар кашид.

-Фардо ага фурсат шуд, барот ошу нон меорам... бо и Марворид нага, ки ту саробон надорӣ..

Хола пушт ба Фаришта карду сареъ аз зинаҳо пойин шуд ва раҳ ба раҳ "дар паноҳи худованд бошӣ, духтар!"- гуфт.

"Чӣ сангиндил будаӣ хола, як пора хабари он азизро аз мо дареғ доштӣ.."

Зиндагии Фаришта дар хонаи Ҳашматулло кобусеро мемонд, ки на шаб тамомӣ дошт на рӯз. Он кобус Ҳашматулло буд, ки шаб то саҳар нимхобу нимбедор ё ба думбаи Фаришта мечаспид ё ба болояш хез мезад ва рӯзона намозашро қазо мекарду ӯро кашон ба хонаи хоб мебурд.

-Ҳашмат-оғо, ман кор дорам, лутфан...

-Кора чи мекунӣ духта, ма тура бари кор нагирифтам, роша, ки тоқатум намонда! Дар чунин мавридҳо дар дили Фаришта хоҳише пайдо мешуд, ки бо лагади сангин ончунон байни ронҳои Ҳашмат бикӯбад, ки олоти мардиаш дигар сар набардорад. Аммо "астағфуруллоҳ" мегуфт ва бо лабханди сохта ӯро аз худ дур мекард.

Рӯзҳо ба навъе аз ин мӯйсафеди равонӣ раҳоӣ меёфт, аммо войи шабҳо! Суфраи шомро то дергоҳ намебардошт, то Ҳашматулло хаста шаваду хобаш бубарад, аммо хоб куҷо буд! Ӯ ҳар дам бо чашмони чуқураш ба Фаришта чашмак мезанаду бо сари качалаш ба сӯи хонаи хоб ишора мекард. Ин пиракӣ аз зан серӣ надошт!

-Арӯсхонум буру, баҳонаҷӯӣ наку, ки бародари мо сабрша аз даст дода, - мегуфт Марворид ва садои қоҳ-қоҳаш айвони шишагиро ба ларза меоварад. Хоҳару бародар на

танҳо дар зоҳир, балки дар хулқу атвор низ шабеҳи якдигаранд. Ҳар шаб, вақте Фаришта аз зери бори устухонҳои чун хордарза дурушти Ҳашмат берун меояд ва бо аҷала ба сӯи ҳаммом мешитобад, дар дами дар бо Марворид сар ба сар мезанад. Фаришта аввалҳо фикр мекард, ки Марворид бародардорӣ мекунад ва бо сарчоқу патӯ пушти дар меистад то домоду арӯс роҳат ба ҳаммом бираванд. Аммо чанд маврид Марворидро пушти дар нишаста дид, ки даст зери домон ронҳои хушкида ва синаҳои паҷмурдаи худро навозиш мекард. Мардумаки чашмони фурӯрафтааш аз ҳаловат дар пардаи тунуки пилки болоияш дармонда, аз даҳони нимабозаш оҳҳои сӯзон сар медод. Баъд, субҳ аз хоб, ки баланд мешуд, табъи болида дошт ва зери лаб тарона замзама мекард.

Хола Наврӯз дар бораи Марворид ҳарфҳои ҷолиб мегуфт. Марвориди ҳафтодсола як зани безурётаст, ки ду дафъа издивоҷ карда, ду дафъа ҳам бева мондаст, бори аввал дар биступанҷсолагӣ ва бори дувум вақте чиҳил сол дошт. Дар ҷавонӣ он қадар шаҳватпараст будаст, ки ҳамсаронашро беҳол ва аз худ гурезон мекард. Шавҳари дувумаш, ҳамоне ки ӯро дар чилсолагӣ бева кард, гоҳо шабҳо рӯи бом мехобид, то аз дастдарозиҳои Марворид роҳат шавад. Овозаи носерамии Марворид ба гӯши падар ва бародаронаш ҳам расида буд, ки онҳо хосгорҳои Марворид ноумед карданд ва тарҷеҳ доданд, ки ӯ барои якумр бева бимонад.

Мегӯянд, ки Марворид дар маҳалли сарватмандҳои Кобул хонаи барҳаво дорад, аммо аз тарси писари Ҳашматулло, ки дар ҳамсоягии ӯ зиндагӣ мекунад, наметавонад хоҳишҳои шаҳвониашро бароварда созад.

Дилтангӣ ба оғӯши мард дар так-таки ҳаракатҳои Марворид - дар пероҳанҳои рангоранг, нозҳои “духтарона”ва абрӯпарониву чашмакзаниҳояш эҳсос мешавад. Бадтар аз ҳама, Марворид ҳанӯз ҳам бовар дорад, ки ӯ як зани ҷавони ҷаззоб аст.

-Арӯсхонум ту чандсола астӣ? -боре пурсид аз Фаришта.

-Сисола ҳастам хонумҷон.

-Қариб амсол будем,- гуфт ӯ бо ишва.

Ӯ ба ҳар марде, ки аз дари хона ворид мешавад, бо назари харидорӣ нигоҳ мекунад ва чашмонаш аз хушҳолӣ барқ мезаданд. Ҳашматулло ду ҳафта пеш як ҷавони танумандро барои нигоҳубини аспҳояш ва поккории ҳавлӣ истихдом кард, ки қомати баланд, шонаҳои васеъ, пусти сафед ва чашмони обӣ дорад, хеле хушқиёфа аст. Марворид он ҷавонро мебинаду аз ҳаяҷон меларзад, бетоқат мешавад, дар тӯли рӯз чанд дафъа либос иваз мекунад ва бо ҳар баҳона дар зинаҳо болову поён меравад:

-Як пора нон бари и хизматгора барум, гушна шуда, гуноҳ дора, - мегӯяд ва соатҳо гуму гӯр мешавад.

Хола Наврӯз рӯз дар миён аз Фаришта хабар мегирифт, ғизоҳои хушмаза меовард, афсурдагии ӯро аз зоҳираш мехонаду маънидорона мижа мезад, ки "сабур бош, ҳамаш хуб меша, каме дигаш монда." Фаришта ноумедона сар хам мекард.

-Ман кайҳо аз баҳри танам гузаштаам, хола, шабҳо, ки ин пиракии шаҳватпараст маро азият мекунад, ангор, рӯҳ аз танам ҷудо мешавад ва аз сақфи хона ба ҳоли танам гиря мекунад. Маро дигар ашке намонда. Як бори дигар агар оғоро медидам...

-У достон тамом шуда, духтар, кош медонистӣ, ки оғо ба ту арзише қоил нест! Хола сарзанишомез ба Фаришта нигоҳ карду бехайрухуш рафт.

Фаришта намехост холаро норoҳат кунад, хола ягона пайванди ӯ бо оғо буд, чашмони хола ҳар рӯз оғоро мебинанд, дастонаш барои ӯ ғизо омода мекунанд, дар мошини Шопур дар ҷойи оғо менишинад, бо ҳар омаданаш бӯи оғоро бо худ меорад. "Амон аз он рӯз, ки хола дигар наояд", - бо ҳарос меандешид Фаришта. Аммо хола рӯз дар миён бо табақи ғизо ва даҳони пур аз ханда меомад ва

Фаришта аз хушҳолӣ нафасгир мешуд.

-Ман ҳисоби рӯзу моҳро гум кардаам, хола, чанд рӯз боз ин ҷоям?

-Сабо як моҳ пур меша, иншооллоҳ ҳафтаи оянда хабари ҳомиладорита ба Ҳашмату Марворид мерасонем.

-Худоё ҳамаш хуб бигзарад, ман метарсам..

-Нигарон набош, бузургтарин қурбонира кардӣ, ун тарфуш Худо меҳрабон аст.

Субҳ борони гарм борид ва дарахтҳои болобаланди боғи Ҳашматуллоро шустушӯ дод. Аҷаб дархтҳое дорад ин боғ, решаҷудо, аммо шохаҳояшон ба ҳам омехта. Дар ин ҳавлӣ чаҳор ҳамсари Ҳашмат-оғо умр ба сар бурданд, бача зоиданд ва то сини panҷоҳ нарасида аз дунё гузаштанд. Аммо хона ин эҳсосро медод, ки гӯё ин занҳо аслан ин ҷо набуданд. Ҳашматулло аз даҳ фарзанд танҳо чаҳор нафар, аз ҳар ҳамсар якфарзандӣ -ду духтару ду писарро зинда ба даст овард, боқӣ дар синни кӯдакӣ мурданд. Ду духтару як писараш дар Аморати Арабӣ ва писари аз ҳама бузургаш дар Кобул зиндагӣ мекунад. Марворид гуфт, ки онҳо бо ҳам тифоқ нестанд, бо падар низ.

Ӯ гоҳ бо бародараш ҷанг мекунад ва сари ӯ ҷиғ мекашад, таъна мезанад, ки "сари чаҳор зана ба бод дода". Бародараш ҳам паст намеояд, бо даҳони аз хашм кафккарда хоҳарашро дашном медиҳад. Ҳарду мисли девонаанд.

-Хонаат мурдахона шава, ришсафеди лавда, - мегӯяд Марворид ва ба азми Кобул ҷомадонашро омода мекунад. Баъд, қаҳри ҳарду паст мешаваду бародараш "гули ягонаи ман, маҳтоби хонаи ман" - мегӯяд ва Марворидро ба оғӯш мегирад.

Марворид ҳам кӯдакона ноз мекунад ва сар ба шонаҳои бегӯшти бародараш мегузорад. Аз тамоми авлод шояд ҳамин Марворид аст, ки аз бародараш муроқибат мекунад ва оғо, ки Ҳашмат-оғоро ҷойгузини падараш медонад.

Як субҳ Фаришта дертар аз хоб баланд шуду касеро дар

хона пайдо накард. Ҳавои тирамоҳ ғаримаъмул гарм буд, офтоб намедурахшид, аммо гармии сӯзонаш аз паси абрҳо низ эҳсос мешуд. Ҳашматулло гуму гӯр буд ва Марворид низ ба назар наменамуд. “Ин хоҳару бародар, ки мисли мокиёни курк аз хона берун намешуданд, дар ин субҳи дилгирифт куҷо рафтанд? -ба худ гуфт Фариште. Тамоми рӯз дар хона танҳо буд, то нимаи рӯз ба корҳои хона андармон шуд ва нимаи дигари рӯз чашм ба роҳи хола Наврӯз нишаст. Хола дирӯз наомад, имрӯз бояд меомад, то ҳомиладории Фариштаро эълон кунад. Аммо аз ӯ дарак набуд.

Бародару хоҳар бегоҳ бо чеҳраҳои шод ва бо ду хизматгору як қафаси бузург ва ҷаъбаҳои зараҳалӣ баргаштанд. Хизматгорҳо қафасро дар замин гузошта, рӯ ба Ҳашматуллои хасис оварданд, ки агар вақти дигар мебуд бо ҳазор баҳона аз пардохти музди меҳнати хизматгорҳо шона холӣ мекард.. Аммо ҳоло хушҳолу саховатмандона даст ба ҷайб бурду як мушт тангаро ба кафи хизматгорҳо рехт. Фариштa ин саҳнаро аз паси шишаи айвон тамошо мекард, вале нигоҳи Ҳашмат-оғоро ба сӯи панҷара диду бо аҷала ба курсии роҳат нишаст, то он ришсафед фикр накунанд, ки арӯси нав аз паси соҳибхонаҳо мепояд.

-Фариштаҷон, биё поён, ҷигар ма барот ҳадя овардум, -фарёд зад Ҳашмат-оғо, ки бо як даст аммомаашро аз уфтодан нигаҳ медошт ва дасти дигар дар пешонӣ ба панҷараи айвони баланд нигоҳ мекард.

-Буду ҷигар, бин бари ту чӣ овардум!

Фариштa бо дили нохоҳам ва лабханди сохта аз зинаҳо поин шуд. Ҳашматулло Фариштаро диду дари қафасро кушод ва ду паранадаи хушрангро, ки думи дарозашон дар қафаси танг чорқатъ шуда буд, раҳо кард.

-И мурғои қашанга оғо бари ту фиристод, гуфт, ки ай мо бари Фариштa ҳадя бубар.

Фариштаро гӯё барқ зад, пойҳояш ба ҳам печиданд ва дар васати паллаҳо шах шуд, танаш аз ҳаяҷон меларзид ва

қалбаш гӯё аз сина берун меҷаҳид. Надонист, ки чӣ тавр то назди Ҳашматулло расид. Он ду паррандаи хушранг ҷуфти товуси хуштоҷ буд, ки яке, ангор, ба тан махмали кабуд кашида буд ва дигаре ранги хокистарӣ, аммо думи дарози хушранг дошт. Фаришта қадаме пеш гузошту хост он мурғҳоро ба оғӯш бигирад. Аммо товусҳо баробари аз қафас раҳо шудан тоҷҳои худро такон даданд ва ба сӯи дарахтҳои баланд бол кушоданд.

Ҳашматулло чӯби дарозеро бардошту хост товусҳоро аз шохаҳо поён биёрад. Чӯбро гоҳ дар як шоха мехалонд, гоҳ дар шохаи дигар, аммо қомати пасташ ба шохаҳои баланд намерасид.

Аммомааш аз сараш уфтоду мисли пойандози дароз дар рӯи ҳавлӣ паҳн шуд.

-Чӣ мекунӣ? Мон бандахудоҳо ором бигиран, гушна ки шудан, ба замин мефуроян, - гуфт Марворид ва чӯбро аз дасти бародараш дур андохт.

-Исмат, пеши қафаси товусҳо обу дон бимон, шаб, бо гушна намонан, дадарзодаам бари инҳо кулли пул харҷ када. Марворид инро бо ишва гуфту танашро ба бозуи хизматгори хушқиёфа молида ба сӯи паллаҳо рафт.

-Арӯсхонум бари мо хо як чой биёр, ки тамоми рӯз ошу кабоб хӯрдем, -гуфт ӯ раҳ ба раҳ.

Фаришта аз ҷой наҷумбид, ҳушу ёдаш ба он ду товус буд, ки бо вуҷуди шоми нимарӯшан чашмонашон мисли марворид медурахшид.

-Диқ наку ҷигар, фардо бо онҳо кулли бозӣ мекунӣ, биё бирем хона, ки дилам барот танг шуда.

Фаришта ноилоҷ аз паси Ҳашматулло ба хонаи хоб рафт, аммо ҳушу ёдаш ба он ду мурғи хушпару бол буд. Шаб чанд дафъа аз панҷараи айвон ба берун нигарист, ки шояд товусҳо аз шохаҳо пойн шуда бошанд. Аммо ҳадяи оғо мисли худаш ҳамоно дастнорас буд. Билохира рӯи курсии роҳат хобаш бурд. Саҳар ӯро садои гурбамонанде аз хоб бедор кард. Он

ду мурғи хушболу парро дид, ки рӯи ҳавлӣ хиромон қадам мезаданд. Осемасар аз зинаҳо ба саҳни ҳавлӣ давид. Яке аз товусҳо, оне, ки дар тан "пероҳан"-е аз махмали кабуд дошт, думашро мисли бодбезак такон дода, бо ноз роҳ мерафт ва дигаре ба думболаш мегашту мисли гурба бузург садо мебаровард. Он думи рангоранг ҳалқа ҳалқа чашм дошт, ангор дасте он чашмҳоро пушти сари ҳам наққошӣ карда буд.

Товуси хокиранг як лаҳза ҳам аз ҷуфти худ дур намешуд, аз садои ларзиши парҳои бозшуда ба ваҷд меомад ва тоҷи рӯи сараш хаму рост мешуд.

-Якеш зан асту дигаре мард. Ун товуси кабуд занеш аст, ...гуфт ҷавони хизматгор, ки дар ин саҳари муллоазон ҳавлиро аз порӯи товусҳои хушхиром тамиз мекард.

-Оғо ин товусҳоро аз куҷо оварда бошад? Фаришта мехост аз даҳони ҷавони хизматгор гап бикашад.

-Хонум мегуфт, ки оғо товусҳоро аз Дубай овардаст. Дигеша намедонум.

Фаришта мехост товусҳоро бағал кунад ва алами дилтангии оғоро аз онҳо аз онҳо бигирад. "Оғо фаромушам накардаст, хола дурӯғ мегӯяд, ки оғо бехаёли ман шудааст, оғо маро дӯст медорад, вагарна чаро бояд бароям чунин ҳадяи шоҳона бифиристад!" Хаёлҳои ширини ӯро садои ҷарангосии Марворид пароканда кард.

-Ангор, аз ҳадяи оғо хушат омада, ки шаби дарозро пушти панҷара рӯз кардӣ!

"Оҳ ҷосуси бехоб, чизе аз назари ту пинҳон намемонад! Фаришта бо лабханди иҷборӣ "хеле мақбуланд"- гуфт.

-Ҳмм...

-Ба и мурғако наздик наша, у хизматгор худуш аз уво муроқибат мекуна, фомидӣ? Садои Марворид оҳанги таҳдид дошт.

-Бале хонумҷон, фаҳмидам...

Ӯ аз тарси Марворид дигар ба товусҳо наздик нашуд,

аммо зери панҷараи долон дон мепартофту онҳоро ба сӯи худ мехонд.

Хола Наврӯз нимаи аввали рӯз бо табақу тавсин омад, товусҳоро диду бо кароҳат аз онҳо рӯ гардонд.

-Товусҳоро оғо бароям ҳадя фиристод, ...Ҳашмат-оғо гуфт...

-Иқа дилта хуш наку, да у хонаи калон мардум ай овози и товусо ба дод омадан, оғо маҷбур шуд инора ба и хоҳару бародари хинг "ҳадя" куна.

"Ҳарфи хуш дар бораи оғо аз ту байид аст, холаҷон!"

-Аз и када да и фикр бош, ки читури имрӯз ҳомиладорита ба Ҳашмат эълон кунем!

Аз ин хабар ба тани Фаришта рашъа дамид ва сараш чарх заду аз тарс дар паллаи аввали зинаҳо ғаш кард.

-Буду Марворид, Ҳашматулло кучоӣ, буду поён Фаришта ғаш када!

Марворид чун ҳамеша дар пушти дар буд, ки аз панҷара калла кашид ва сареъ бо косаи об поён давид.

-Чӣ шуда ба арӯсхонум?

-Нафомидум, якбора ғаш кад, гуфт хола бо нигаронӣ ба рӯи Фаришта як панҷа об зад. - бардор ира боло бубарем!

Хола Наврӯз ва Марворид дар такопуи аз паллаҳо боло бурдани Фаришта буданд, ки каллаи кадумонанди Ҳашматулло аз панҷара намоён шуд. Ӯ Фариштаи дар замин хобидаро диду беҳолона ба погаҳи айвон ғеҷид.

-Чӣ шуда ба зани ма? Садояш меларзид ва пойҳояш мисли пахта нарму беҷон шуданд.

-Валло, зури мо ба бардоштани арусхонум намераса, у ҷавони хизмтгора садо кун, ки ба мо кумак куна? Марворид дар ҷустуҷӯи хизматгор ба чаҳор сӯи ҳавлӣ нигоҳ кард, аммо аз ӯ дарак набуд.

-Хизматгоре даркор нест, Марворид, ҳолаш хуб меша.

Ӯ сари Фариштаро рӯи зонувонаш гузошта ба рӯяш об пошид ва бо лаби рӯсарӣ ба даҳонаш об чаконд. Фаришта

оҳиста ба ҳуш омад.

-Духтар, ту хостӣ холата аз тарс букушӣ? И чӣ рақам меҳмондорӣ буд?- Шӯхӣ кард хола Наврӯз ва сари Фариштаро болотар бардошт. -Буланд шу, як каме рӯи долон бихоб, ҳолат хуб меша.

Фаришта бо кумаки ҳарду аз паллаҳо баланд шуд, ранг дар рӯ надошт.

-Ҳашмат-оғо, худа канор бикаш, як маризи нимҷон бари мо кофӣ аст! Амр кард хола ва Ҳашматулло нолишкунун аз сари роҳи занҳо дур шуд.

Хола Фариштаро рӯи долон хобонду даст ба сару шикамаш зад, мисли табибҳо инсую онсуро ламс кард ва ниҳоят хам шуду гӯё аз Фаришта чизеро пурсид. Марворид бо чашмони аз ҳайрату нигронӣ шукуфтааш ҳаракатҳои холаро таъқиб мекард.

Хола баргашту ба сӯи Марворид чашмак зад.

Бахайр аст, Марворид, мошоллоҳ бо соҳиби як додарзодаи дига мешӣ! Хола аз чунин сурат гирифтани кор, ки маросими эълони ҳомиладории Фариштаро барояш осону табиӣ мекард, хушҳол шуд. Марворид хост лабханд бизанад, аммо чеҳрааш аз ҳайрату нобоварӣ качукилеб шуд.

-Рост мегӣ? Ҳомила шуда?

-Дурӯғ чаро? Мега аз омаданаш ба и хона дига ҳайз надида. Марворид, и биродари ту аз рӯи занака поён намеша, мехостӣ чӣ шава дига?

-Ҳашмат, шунидӣ Наврӯз чӣ мега? Мега занут ҳомила шуда! Чеҳраи Марворид аз шодӣ шукуфт ва осемасар ба утоқи худ давид. Бо ҳама камиву костӣ, Марворид каме содалавҳ буд ва маъмулан ба ростии ҳарфи ҳамсуҳбат шубҳа намекард. Ӯ зуд баргашту бо худ як чодари зарҳалиашро онеро аз ҳад беш дӯст медошт, ба сари Фаришта пӯшонд. Аз ин ки чодари дӯстдоштаашро барои чунин рӯзе қурбон кардааст, чашмонаш аз ифтихор медурахшиданд.

Ҳашматуллои беҳол, ки мисли пирамарди бачамурда сар

ба зонуи ғам дар такяи девор менишаст, бо шунидани хабари ҳомиладории Фаришта гӯё ҷони тоза гирифт, ки “қурбони у чашмои қашангут бишам, духтар!”- гуфту бо дастони ларзон аз ҷайбаш як дарза пулро берун овараду ба ҳаво пош дод. Марвориду Хола Наврӯз бо хандаву шӯхӣ пулҳоро аз рӯи долон бардошта, “бо иқа пул ҷонут халос намеша, Ҳашмат-оғо!” - мегуфтанду пирамардро ба саховатмандӣ таҳрик мекарданд.

Фаришта ҳам беҳолона лабханд мезад, на барои қадршиносии Ҳашмат-оғо, ӯ аз ин шод буд, ки эълони ҳомиладориаш осону бидуни шакку шубҳа пушти сар шуд. “Парвардигоро, беадад шукр ба даргоҳат, ки мушкиламро осон кардӣ, илтиҷо дорам, идомаашро ҳам чунин осон бигардон!”

Хола Наврӯз бо меҳра ба чеҳраи рангпаридаи Фаришта чашм дӯхт ва баъд чизе гӯё ба хотираш расид, ки рӯ ба Ҳашматулло овард.

-Дига хонума зиёд азият наку, занут уштука бояд хуб ба бор биёра, фомидӣ? Ҳаматулло шабеҳи кӯдаке, ки бозичаашро аз дасташ мегиранд, сарашро хам карду лабу дунҷаш овезон шуд. Ӯ безори кӯдак буд, вале “чашм, ҳар чӣ ту бигӣ Наврӯз”, гуфт бо овози нимшунаво.

Ҳашмат ба аҳдаш вафо кард, ӯ намегузошт, ки Фаришта даст ба оби хунук бизанад, барои корҳои хона хизматгори нав овард.

Бо омадани хизматгори нав Марворид ҷомадони кайҳо омодаашро бардошту озими Кобул шуд.

-Наравед хонумҷон, ман дар ин хонаи бузург бе шумо диқ мекунам,- зорӣ кард Фаришта, ки ҳеҷ намехост рӯзи дароз бо Ҳашматоғо танҳо бимонад.

Марворид аз хушҳолӣ сурх шуд.

-Рост мегӣ арӯсхонум? Дилут баром танг меша?

-Худо шоҳид, хонумҷон, шумо бари ман мисли хоҳар шудед...

-Итурӣ, ки боша, бари як ҳафта мерум! Бародар буру, ба оғо бугӯ, мошиши Шопура бари ма омода куна!

Фаришта исми Шопурро шуниду чашмонаш аз шодӣ барқ заданд. Дилаш мехост як бор ба чашмони Шопур нигоҳ кунад ва аз ӯ бипурсад, ки чаро оғо пушташро холӣ кард.

Шопур нимаи рӯз омаду ба ҳавлӣ ворид нашуд, мошинаш ду-се дафъа буғ заду Марворид пешо пеш ва хизматгари ҷавон ҷомандонҳои ӯ дар пушт, ба кӯча баромаданд.

Марворид рафту хона холӣ шуд. Хизматгори нав, ки Ҳашматулло ӯро Хадича садо мекард, як зани миёнсоли камгапу абус буд, ки ба чашми одам нигоҳ намекард. Қомати мисли шамшод росту базеб вале чеҳраи сиёҳранги чун хишт дурушт дошт. Аз лаҳзаи аввал ба Фаришта каҷ-каҷ нигоҳ кард ва аз ҳузури ӯ дар ошхона хушаш наомад.

-Хонуми кӯчак, ма оли и тавона дорум, ки корои хонара тано саранҷом кунум, буру ба хонат, пирҳанут бӯи руған мегира, -гуфт ӯ бо ахмҳои гирифта. Шояд аз ин нигарон буд, ки агар Фаришта ба ӯ кумак кунад, Ҳашматулло аз маошаш мезанад ё аз гузаштаи Фаришта хабар доштy нописандӣ мекард.

Ҳарфу каломи ӯ бо Фаришта танҳо бо ҷумлаи “хонум ғазота овардум, буланд шу” маҳдуд мешуд. Фаришта эҳсоси танҳоӣ мекард ва нон аз гулӯяш намегузашт. Чанд дафъа Хадичаро сари суфраи субҳона даъват кард, аммо ӯ “ма нонма амиҷа мехӯрум” гуфту аз ошпазхона берун нашуд.Тамоми кори хонаро бар дӯш гирифт, зани тозакоре баромад, мепухту мешуст ва ҳамаҷоро соатҳо тамиз мекард. Бо Фариштаву Ҳашматулло ҳарф намезад, гоҳ-гоҳ ҷавони хизматгорро садо мекарду ба ӯ нон медод, бо он ҷавонак мисли модар меҳрубон буд. Ҳашматулло ҳам ба ҳарфаш вафо кард, бештар аз гузашта бо Фаришта меҳрубон буд. Гоҳо хумори бӯсу канораш мегирифту мисли саги хапгир аз пушт ба думбаи Фаришта мечаспид, зорӣ мекард, ки “аз

барои Худо як моч биде”. Фаришта бо баҳонаи дилбеҳузурӣ аз ӯ мегурехт, вале гоҳо бо даҳони баста сураташро ба лабҳои носолудаи Ҳашмат наздик меовард ва бо чашмони пӯшида ба ӯ “моч” медод, то ҷонаш аз ин пирамарди шилқин халос шавад.

Хола Наврӯз ҳам, ангор, рисолаташ ба поён расид, ки дигар ба Фаришта зиёд сар намезад. Боре омаду гуфт, ки Ҳашмат-оғо ҳомиладории Фариштаро ба аҳли хонаи калон эълон кард ва аз оғо севанчӣ гирифт.

-Валлоҳ, касе айрон нашуд, оғо аз ханда нафасгир шуду як даста пайсара ба ӯ дод. Лабони Фаришта алам пир-пир париданд ва чашмонаш ғарқи об шуд.

-Чиро гирён мекунӣ? Мага ма ту нагуфта будум, ки ӯ рӯбоҳи маккор яхаи тура ило мекуна? Кадом бузурге дар пуштат буда, ки аз ӯ осон халос шудӣ! “Чаро маро озор медиҳӣ, хола, эй кош, баром дурӯғ мегуфтӣ, мегуфтӣ, ки оғо маро фаромӯш накардаст, ҳанӯзам дӯстам медорад. Ман аз ин дурӯғ шод мешудаму ин зиндагии тоқатфарсоро таҳаммул мекардам.”

Рӯзҳои Фаришта акнун бо хоб сипарӣ мешуд, коҳилона меҷубмид, дасту пояш аз беҳаракатӣ варам мекард ва рӯзҳо дар назараш мисли моҳ тӯлонӣ менамуд.

Ӯ гоҳо аз зинаҳо пойн мешуду ба товусҳо дон медод. Ин мурғакони хушбол ба Фаришта меҳр бастанд, аз кафаш дон мебардоштанд ва баробари дидани ӯ парҳои рангоранги худро боз карда, даври ӯ хиромон чарх мезаданд. Ҷавони хизматгор боре гуфт, ки товусҳо одамшиносанд ва ба ҳама ром намешаванд.

-Валлоҳ, и товусо ба шумо дил бастан, хизматгорои хонаи калон мегуфтан, ки инҳо касра ба худ наздик шудан намемондан, шабу рӯз фарёд мекашидан... аммо шуморо дӯст доштан.

-Ман ҳам инҳоро дӯст медорам... гуфт Фаришта ва пеш аз он ки ҷавони шармгин аз наздаш дур шавад аз ӯ дар бораи

Хадиҷа пурсид.

-Шумо ин хонумро мешиносед? Ба назарам одамҳоро хуш надорад, одамгурез аст... ё шоядба назари ман чунин менамояд.

Ҷавон эҳтиёткорона ба атроф нигаристу ба Фаришта наздиктар омад.

-Ма ира ба шумо мегум, аммо ном Худо ба касе наген. Хадиҷа сарнавишти бисёр талх дора, и доим итурӣ набуда, фоҷеае саруш омад, даҳ соли умрша дар зиндон тир када...

-Чӣ фоҷеъа?

Одам кушта...

-Ваҳ!

-Шумо натарсен, дига ба касе озоруш намераса, шӯи худа кушта буд ва хубам кард! У номарди тарёкӣ духтарои ноболиғи худа таҷовуз када, Хадиҷа хабар шуду бо табар ба саруш зад. Даҳ сол дар зиндон буда..., то хориҷ шуд, ки духтарош аз гуруснагиву маризӣ мурданд, ба ғайри ғам дига кас надора, дилуш мисли санг шуда. Ай хешои дури модирим меша, ма ай оғо тавалло кадум, ки ӯра ба кор бигира, ки шояд саруш ба кор банд шава ва ғамоша каме аз ёд бубара.

Я кулбаи вайрона дора, ки на ав дора на оташ, тифлак хеле муҳтоҷ аст.

Фаришта мутаассир шуд, дилаш ба ҳоли Хадиҷа сӯхт, аммо метарсид аз ӯ дилҷӯи кунад, бо раҳм ба ӯ нигоҳ мекард ва бечораҳолона лабханд мезад.

-Чӣ шуда хонум? Чаро ба ма итурӣ ниго мекунӣ? Мага иштибоҳе муртакиб шудум? - гуфт ниҳоят Хадиҷа, ки шояд ба нигоҳҳои пайвастаи Фаришта машкук шуда буд.

-Чизе нест, гуфтам, агар дар хона коре надоред, шабҳо ин ҷо бимонед, Ҳашмат-оғо баъзан дер бармегардад, росташ ман аз танҳоӣ метарсам... шумо бароям қуввати дил мешавед...

Хадича бори аввал ба рӯи хонуми хона нигоҳ кард. Нигоҳаш сарду теғдор буд. Чашмони обиаш дар зери раддаи

мижгонҳои чун ёли асп дурушт, мисли ду пора яхи сафед менамуд. Тупаки абрувони пайвандиаш, ки шояд замоне дар тоқи баланди пешонияш ҷой дошт, акнун ба саргаҳи димоғи нозукаш механид.

Аз чеҳраи хушку дурушти ӯ намешуд маъние бардошт. Маълум буд, ки ба касе эътимод надорадад ва дар ҳар нияти нек низ макр меҷӯяд. Хомӯшӣ он қадр тӯл кашид, ки Фаришта безобита шуду аз ҷой бархост.

-Хушҳол мешавам, агар бо мо бимонед... дар паҳлуи ошпазхона утоқи муҷаҳҳазе ҳаст, хоҳед он ҷо бихобед, нахоҳед, боло бароед он ҷо ҳам чанд ҳуҷраи холӣ аст, якеро интихоб кунед.

Хадиҷа лаб накушод, аммо шом ҷойе нарафт, чароғи рӯшани ҳуҷраи паҳлуи ошпазхона аз ин аломат медод, ки ӯ пешниҳодро қабул кардааст. Фаришта ҳам будубоши доимии Хадиҷаро дар ин хона ба Ҳашматулло тавҷеҳ кард.

-Ман як зани ҳомилаам, танҳо мондан бароям хуб нест, аз Хадиҷа хостам шабҳо ин ҷо бимонад..., ту хо аз и нороҳат нестӣ?

-Хуб коре кардӣ, дига аз танҳои диқ намекунӣ.

Он чӣ дар ин хонаи бузург намерасид, қаҳ-қаҳи осмоншикофи Марворид буд, ки қавли бозгашт доду як ҳафтаи ваъдагиаш ба моҳҳо кашид, тирамоҳ ба поён мерасиду аз ӯ дарак набуд, шояд дар Кобул дилгармии беҳтаре пайдо кард. Бо фарорасии сардиҳо ҳавлии мисли гӯристон дилгири Ҳашмат-оғо дилгиртар мешуд. Рӯз дар миён борон меборид ва боди сард бӯи барфро аз ҳамин наздикиҳо меовард. Роҳраву паллаҳои яхбаста гувоҳи фарорасии як зимистони сард буданд. Ҷуфти товус низ рӯзона аз лобалои шохаҳои баҳам печидаи дарахтон танҳо барои обу дон поён мешуд ва шабона думи дарози худро кашолакунон ба хонаи чӯбине мехазиданд, ки ҷавони хизматгор барояшон омода карда буд. Фаришта низ акнун барои гардиш дар ҳавлӣ ангезае надошт, бораш вазнинтар

мешуд ва тифли батнаш такон мехӯрду модарро аз вуҷуди худ огоҳ мекард. Моҳи шашуми ҳомиладориаш ба охир мерасид, аммо шикамаш намоён набуд.

Танҳо Ҳашматулло медид, ки шиками чун маска нарму ҳамвори занаш то рафт тарангу бузургтар мешавад. Мӯйсафед хушҳол набуд, ки Фаришта ба ин зудӣ обистан шуд, ӯ ҳанӯз аз оғӯши ӯ сер нашуда буд.

Фаришта хулқу хӯи шавҳарашро медонад, аз ин ҷост, ки банди ҳамаи шалворҳояшро кӯтаҳ кард, то саҳар рӯ ба девор мехобид, то мабодо ин пиракии хира эзори ӯро поён бикашад ва нутфаи ҳаромашро ба рӯи тифл бирезад.

Хаёли оғо ҳам дигар Фариштаро мисли гузаштаҳо озор намедод, дардаш кунд шуда буд. Гоҳо ин алам, ки ӯ якбора пушташро холӣ кард, нохудогоҳ мисли вулқони бедоршуда аз қалби зарбхурдааш берун меҷаҳид ва аз нӯки ангушт то решаи мӯяшро месӯзонд. Аммо ба ҳамон суръате, ки берун меҷаҳид, фурӯкаш мекард. Гоҳо бе ҳеҷ ҳадаф, бе ҳеҷ хаёл соатҳо ба як нуқта хира мешуд, дақиқан мисли Жило, хонуми бузурги оғо, ки занҳо мегуфтанд тарёк мекашад.

-Ҳатман дурӯғ мегӯянд, ман, ки бетарёк хаёлӣ шудаам, чӣ расад ба Жило, ки оғо ба рӯяш бо сад зан ишқварзӣ кардааст!

Рӯзҳои охир дар бораи аҷуза бештар меандешид фоли аҷуза, ки мегуфт, рӯзе пули бузургро убур мекуниву ба назди хонаводаат бармегардӣ, тарҳи бозгаштро бо сад ранг дар зеҳни Фаришта тарроҳӣ мекард.

Даст рӯи шиками дамидааш мегузошт ва тифлакашро навозиш мекард.

Ягона дилгармиву дилхушиаш ҳамин пораи ҷонест, ки дар зери қалбаш дил мезанад ва рӯз то рӯз бузургтар мешавад. Дар ин мулки ғарибӣ, дар байни ин ҳама бегонаҳо, дар ин тирагиҳо ин тифл ягона хешу ҳамхунаш мешуд. “Дар ин харобкада на духтур аст на дармонгоҳ, худоё худат кумакам кун!”

Моҳи ҳафтуми ҳомиладориаш даромада буд, ки хола Наврӯз як субҳ зани ҷандапӯшеро бо худ ба хонаи Ҳашматулло овард. Шабеҳи лулиҳои Тоҷикистон буд он зан, дар тан чанд қабат либосу ҷомаву ҷелак дошт ва чеҳрааш кулчаи мухпарзадаро мемонд. “Ин чӣ маконест, ки ҳар нафари дуюм дар сураташ доғи чечак дорад!?” Он зан Фариштаро рӯи долон хобонду шикамашро ин тарафу он тараф тоб дод, болову поёнашро даст кард, дуру дароз сукут варзид ва ниҳоят натиҷаи “муоина”-ашро элон кард.

-Уштуку нанаш ҳарду саҳату солиман!

-Аз куҷо фаҳмид, ки уштук солим аст, бо худаш хо дастгоҳе надошт? -пурсид Фаришта вақте доя бо хола Наврӯз пасопеш бо эҳтиёт аз зинаҳои яхбаста поён мешуданд.

-Бубин духтар, шояд дар ватани ту занора табибо зоймон кунан, аммо иҷа Афғонистон аст, иҷа духтур камёб аст, и зане, ки мебинӣ, аз сад табиб болотара, садҳо уштуки чаппара рост када ва садҳо бачаи дар шиками нана дармондара берун кашида. Ҳеҷ касе ба пош намераса!

-Мо ҳам як кампири Сокина доштем... дояи маҳалла буд, то духтур мерасид, ки бачаҳо рӯи дастони ӯ таваллуд мешуданд...”Чаро ман аз Сокина ёд кардам? Шояд хостам хола Наврӯз нороҳат нашавад, ки ватанашро қафомонда гуфтам? Ё шояд мехоҳам бачаам рӯи дастони кампири Сокина таваллуд шавад, мисли хоҳарони нозанинам, мисли бачаҳои маҳаллаамон?

Хола Наврӯз нагузошт, ки Фаришта онҳоро то дами дар бадрақа кунад.

-Баргард бачем, худа заҳмат наде, мо худмон роҳа пайдо мекунем, -гуфту аз остини “доя” кашиду ҳарду дар такяи якдигар аз ҳавлӣ берун шуданд.

Фаришта аз баландии зинаҳо ба қомати резаи хола Наврӯз нигоҳ мекард.

Худо хайрат диҳад хола Наврӯз, ки дар рӯзҳои бад маҳрами розам будӣ ва аз ман рӯ нагардондӣ!”

Рӯзе, ки ин андеша аз зеҳни Фариштa мегузашт, ӯ ҳатто наметавонист тахмин бизанад, ки байни сифати рӯзи “бад”-у “бадтарин” фосилаи зиёдест. Замоне, ки ба бадтарин рӯз мерасӣ, он гоҳ дарк мекунӣ, ки он чӣ то ҳол “бад” мепиндоштӣ, танҳо як нохушӣ будаст.

Рӯзҳои бадтарини Фариштa бо қаҳ-қаҳи Марворид ба хонаи Ҳашатулло ворид шуд. Ӯ садои хандаи Марворидро аз хонаи хоб шуниду хушҳолона ба долон давид. Хоҳаршӯяш танҳо набуд, марди ғулбанге ба думболи Марворид аз зинаҳо баланд мешуд. Фариштa хоҳаршавҳарашро бо оғӯши боз истиқбол кард.

-Гуфтӣ дилтангум мешӣ, ина баргаштам, арӯсхонум, тано нестум, писарта бо худ овардум, - гуфт Марворид бо ханда ва рӯ ба марди ғулбанг овард, ки ҷомадонҳоро дар гӯшаи айвон мегузошт.

Марди чоқи миёнқад рост шуду кулоҳашро, ки то чашмонаш хамида буд аз сар бардошт ва рӯ ба Фариштa овард. Аммо, ангор, ӯро мор газид, ки ба худ печид ва чашмонаш аз ҳайрат бузург шуданд.

-И бародарзодаи мо меша, Байтулло, писари бузурги шуҳарут, ма ба и гуфтум, ки падараш зан гирифта, аммо нагуфтум, ки бо зани ҷавону зебора орӯсӣ карда! Марворид аз заковату зарофати худ танҳо худаш кайф мекард. Бародарзодааш чун ҳайкал шах шуда, ёрои лаб кушодан надошт.

Фариштa ӯро аз нигоҳи аввал шинохт!

Мардеро, ки Марворид писари Ҳашматулло муаррифӣ кард, ҳамон марди гарданкулуфте буд, ки шаби додугирифт дар меҳмонхонаи оғо бо чашмони равғаниаш Фариштaро урён мекард, бо панҷаҳои мисли ҳасиб лундааш синаҳои ӯро дар кафаш мефишурд ва зорӣ мекард, ки ин занро ба ӯ бифурӯшанд.

Пойҳои Фариштa аз изтироб ларзиданд ва рангаш мисли гаҷи девор сафед шуд.

Марворид нигарони борҳояш буд ва Фариштаро бо писари Ҳашматулло танҳо гузошта, ба хонаи худ гузашт. Фаришта ҳам мехост ба ҳуҷраи хобаш дарояд, аммо Байтулло аз остинаш кашид ва пеши роҳашро гирифт.

-И падари лавдаи мо каси дига наёфт, ки пасмондаи додарзодаша ба занӣ гирифт??

Фаришта хост суоли ӯро беҷавоб гузорад ва Ҳашматуллоро, ки ду рӯз боз мариз буду дар ҳуҷра мехобид, ба ёрӣ бихонад, аммо аз қавлаш гашт. “Агар ҳоло ба даҳони бадбӯи ин гарданкулуфт назанам, шояд фардо ҳоламро аз будаш бадтар кунад!”

-Даҳонатро бубанду ба ман туҳмат назан! Ман ҳамсари падарат ҳастам, ту дар ин хона меҳмонӣ, қадри худро бидон ва илло ба оғо шикоят мекунам!

-Ма хо медонум, оғо пушту паноҳет буда...

-Хуб аст, ки медонӣ, пас худро аз ман канор бигир, сайъ кун, чашмам ба чашмат наафтад! Аз сари роҳи ман дур шав!

Таҳдиди шикоят ба оғо корагар шуд ё ҷасорати Фаришта Байтуллоро ғофилгир кард, ки ӯ як қадам ақиб рафту роҳро барои Фаришта боз намуд.

Фаришта беҳолона ба гӯшаи тахти хоб, ки Ҳашмат-оғои зуком ду рӯз боз дар гӯшаи дигараш ҳалқа зада буд, нишаст. Хост достонро ба ӯ бигӯяд, аммо аз фикраш гашт. “Бош то бубинам, ки ин номард мехоҳад чӣ кор кунад.”

Хадиҷа рӯи тахти айвон, ки онро бухории бузург мисли ҳаммом гарм мекард, суфра кушод ва ҳамаро ба шом даъват кард. Марворид “аз роҳ расидам, гуруснаам” гуфта, ба ғизо часпид, бародарзодааш бо ахмҳои гирифта менишаст ва ба нон нигоҳ намекард. Аҳволи Ҳашматулло каме беҳтар шуду ӯ бо Фаришта ба сари суфра омад. Марворидро ба оғӯш гирифт, вале бо писараш хеле сарду саридастӣ салом кард. Фаришта хушҳол шуд ва табақи кабобро ба Ҳашматулло наздиктар овард.

Байтулло ҳаракати Фариштаро таъқиб мекард, аз

меҳрубонии ӯ ба Ҳашматулло рашкаш меомаду ба худ мепечид. Аммо касеро ба ӯ коре набуд, гӯё дар сари суфраи шом ҳузур надошт. Танҳо Хадиҷа, ки ҳар лаҳза барои меҳмонҳо чою шарбату ширинӣ меовард, ташаннуҷи даври ин сурфро эҳсос мекард ва гоҳ лаб мегазиду гоҳ сарашро такон медод.

-Дига кас набуд, ки бо хизматгори додарзодат орусӣ кадӣ? - ниҳоят таркид Байтулло, ки аз қаҳр меларзид ва мехост падарашро хафа кунад.

Ҳашматулло пораи гӯштеро, ки ним соат боз дар даҳони бедандонаш тоб медод, бо қаҳр фурӯ бурду онро бо як пиёла чой аз гулӯяш поён тела дод.

-Тура ба и коро чӣ кор? Ма хо бояд ай ту машварат мехостум? Кӣ аз ту хоста ин ҷо биёӣ?

-Магар ма авлодут нестум? - садои Байтулло аз алам ларзид. Ӯ пораи нонеро, ки борҳо ба даҳон наздик бурда, гашта ба лаби суфра мегузошт, дар байни ангуштонаш фишурду шалворашро пур аз нонреза кард.

-Бадбахт будам, ки Худо мара авлоди мисли ту дода, эй кош намедод! Марворид худат хо омадӣ, и лавдара чаро бо худ овардӣ? Мага нагуфта будум, ки дига пош и хонара набина?

-Гуфтем бирем модари ҷадидмона бинем, ага медонистум, ки и ҳаму зани қочоқии даст ба даст шуда аст, валло по да ба иҷа мегузоштум!

-Ма як тори мӯи и зана аз авлоди мисли ту болотар медонум!

Байтулло бо кароҳат аз падараш рӯ гардонд. Ҳарду хомӯш шуданд. Сукутро чап-чапи даҳони Марворид халадор мекард, ки зоҳиран ба ҷанҷолҳои хонаводагии бародару бародарзодаҳояш одат карда буд ва сар аз табақи кабоб боло намекард.

Суфраи шом мисли театри ду ҳунарманд буду Фариштаву Марворид тамошобин! Падару писар рӯи аъсоби

якдигар роҳ мерафтанд ва ҳар яке мехост ба дигаре сахтар неш бизанад. Ниҳоят сабри Байтулло лабрез шуду бо вазни шиками дамидааш басахтӣ аз ҷой бархост ва аз паллаҳои яхзада лағжида поён фаромад.

-Кабоб хеле хушмаза буд, дасти Хадиҷа дард накуна, - гуфт Марворид, ки аз рафтани бародарзодааш аслан нороҳат набуд. Ёдам рафт бигам, ки бари ту ва уштук ай бозори Кобул кулли колоҳо харидум, мехой барет нишон бидум? Ӯ хушҳолона ба ҳуҷри хобаш давид ва баъди лаҳзае бо дастаи либосҳои кӯдакона баргашт.

-Бештар пираҳани духтарона гирифтум, ҳисе дорум ки духтар мезой, гуфт ӯ хушҳолона ва шиками Фариштаро навозиш кард, - як духтари мисли нанаш хушгил, хушрафтор! Хушҳолии Марворид сохта набуд, самимона менамуд, ин зан ё аз ҳад сода буд ё аз ҳад одами хуб. Магар мешавад бовар кард, ки пири фартуте мисли Ҳашмат-оғо метавонад занеро бордор кунад?

Фаришта аз ду бари рӯи Марворид бӯсид ва миннатдорона “ба заҳмат афтодед, хонумҷон”, - гуфт.

-Байтулло дар ин шаби тор куҷо рафт, -пурсид Фаришта вақте Ҳашматулло ҷони хаставу маризашро базӯр то хонаи хоб кашонд.

-Пеши оғо рафт, у дига ҷойи рафтан надора, то субҳ шаробнӯшӣ мекунаву айёшӣ!

-Дигар ба ин хона барнамегардад?

-Худо кунад, ки барнагарда!

Байтулло он шаб барнагашт, шаби дигар низ, як ҳафта гум буд. Аммо шабе бехабар дар остонаи дар пайдо шуд. Шаби сарде буд ва барфи тар чапу рост ба дару тиреза мезад. Маст буду бешармона механдид ва бо чашмони равғанин аз сар то пойи Фариштаро мелесид.

-Шабе, ки тура дар хонаи оғо дидум, як дил не, сад дил ошиқут шидум, оғо розӣ нашуд ва илло имрӯз зани ма будӣ. Чиро ба и ришсафеди лавда орусӣ кадӣ? Ага шӯй мехостӣ,

мага ма беҳтар аз и набудум? Чӣ мекунӣ и пиракии фарсудара, имрӯз не фардо мемира, бо ман ба Кобул биё, як зиндагии хуба ҷӯр мекунем. Аз сар то пот тилло мерезум, барет хона мегирум, чизе дилут бухоя омода мекунум. Чӣ гуфтӣ, нафас?

Фариштa рӯ ба Байтулло меистоду пушт ба ҳуҷраи хоб, зеҳнаш мисли мошин кор мекард, ки чӣ тавр ноаён вориди ҳуҷра шавад. Даст ба пушт ҳалқаи дарро меҷӯст. Ниҳоят оҳанро пайдо карду дарро ба шаст кушоду ба хона даромад, аммо аз қазо дар қуфлу калид надошт ва дар атроф мизу курсие ҳам набуд, ки тамбаи дар шавад. Китфҳояшро ба кор бурд, аммо он марди нарғул тамоми вазнашро ба дар партофту Фариштaро ба васати ҳуҷра тела дод. Ҳашматулло дар ҳаммом таҳорат мекард, Хадича дар ошпазхона буду Марворид худро орову торо медод то ба ҷавони хизматгор нон бубарад. "Худоё худат ба додам бирас!"

-Гуфтам кор бо ризоияти ту ҳал шава, аммо ангор шуданӣ нест, ба хубӣ ки нашуд ба зурӣ ҳатман меша!

Ӯ Фариштaро дар кунҷи девор пахш карду аз сару рӯяш ҳарисона бӯсид.

-И рақам хонуми қашанг бояд моли ма боша, -мегуфт ӯ, дар ҳоле ки нафасаш дар гулӯяш дармемонд.

-Аз барои Худо, раҳм кун ман бордорам, чӣ тур метавонӣ ба зани бордор дастдарозӣ кунӣ? Гуноҳ дорад охир!

-Гуноҳу савобаш бар гардани ма, ту шалворта бикаш, ки дорам девона мешам.

-Бошад, дастатро дур кун, шалворамро берун меорам, гуфт Фаришта ва чашми Байтуллоро хато карду ба сӯи дар давид ва ҷонсарак фарёд кашид, ки ёрӣ диҳед. Садояш он қадар баланд буд, ки ба гӯши ҳамсояҳо ҳам мерасид. Байтулло мисли девонаҳо шуд, аз гардани Фаришта кашиду ӯро ба замин хобонд. Банди шалвори сифтбастаро наёфту шабеҳи даррандаҳо эзорро бо дандон пора кард. Бо як даст

даҳони Фариштаро мепӯшонд ва бо дасти дигар шалвори худро поён меовард.

Фиғони ҳавлноки Фаришта ба гӯши Хадиҷа расиду сатили пуроб аз дасташ афтид, шояд фарёди имдодталабонаи духтарҳои таҷовузшудаашро ба ёдаш расид, ки ҷонҳавла ба тарафи паллаҳо давид. Ӯ дар дами дар Марворидро дид, ки ранг дар рӯ надошту дастонаш меларзиданд.

Марворид шояд омадани бародарзодаашро дида буд ва шояд чун ҳамеша худро аз ҷанҷолҳои хоаводагӣ канор мегирам гуфта, аз хонааш берун наомад.

-Ном худо Хадиҷа, ту и дара боз ку, ма метарсум...

Хадиҷа қадаме ба сӯи дар гузошт буд, ки каллаи бедастори Ҳашматулло аз дари ҳаммом намён шуд. Ӯ дар тан тагпӯш ва дар китф патуи ғафсе дошт. Занҳоро диду лаби патуро поён кашид то пойҳои урёнаш намоён нашаванд.

-Хайр аст? Чӣ шуда? Чаро иҷо ҷамъ шуден??

Намедонем чӣ шуда... Хадиҷа худро ақиб кашиду роҳро барои Ҳашматулло боз кард. -Хонуми кӯчак фарёд зад, овозаш ваҳмнок буд, шояд фалокате саруш омада...

Ҳашматулло бетардид дарро боз карду саҳнаеро дид, ки мӯйро дар сари качалаш рост мекард. Байтулло дар болои Фаришта пешу қафо мерафту тунд тунд нафас мекашид, Фаришта дар зери бори сангини тани ғафси ӯ мисли оҳӯи ба чанги паланг афтода дасту по мезад. Ӯ Ҳашмаоғоро дар дами дар диду шерак шуд ва ба риши ғуллии Байтулло панҷа зад. Як даста риш бо пусту хун дар кафи дасташ монд, Байтулло, ангор, дардро эҳсос намекард.

Ҳашматулло марди чолок нест, аммо ҳоло мисли гурбаи ҷангалӣ ба гардани писараш париду аз ду гӯшаш ба ақиб кашид.

-Модарсаг, мекушамат! Байтулло, ки акнун ба авҷи хоҳишҳои шаҳвонии худ мерасид, аз дард якпаҳлу афтид. Фаришта бо истифода аз ин худро сареъ то дами дар расон, патуеро, ки Ҳашмат дар афту дарафт бо писараш афтонда

буд, аз замин бардошту ҷонсарак аз зинаҳо ба ҳавлӣ давид. Ёд надорад, ки дар дами дар кафши киро пӯшид, кафш бузург буду аз пояш берун меомад ва давиданашро мушкил мекард. То дами дарвоза расида буд, ки фиғони Марворид ба осмон печид. Фариштаро дигар ба ин садоҳо коре набуд.

Ба маҳзи дур шудан аз хонаи Ҳашматулло ӯ дар дуроҳае манъ шуд, ки яке ба хонаи оғо мебурд, дигаре ба хонаи Алтанхотун. Бетардид роҳи хонаи хотунро пеш гирифт. Тунд қадам мебардошту ҳар лаҳза ба пушти сараш нигоҳ мекард, ки мабодо Байтулло думболагираш кунад. То ними роҳ расида буд, ки дарди шадид камарашро фишор дод ва оби гарме аз шармгоҳ ба ронҳояш сарозер шуд. Хаёл кард, ки аз тарс шошидаст. Шикамаш, ки то имрӯз дар гирди нофаш туп зада буд ба шиддат пойин омад ва мисли халтаи дуғ дар пушти хичакаш овезон шуд. Дарди шадиде камарашро фишор медод. Кафшҳояш тар шуданд, аммо на аз барфе, ки акнун заминро сафед мекард, хуни гарм аз почаҳои шалвораш ба замин мечакид ва дохили кафшҳояшро часпак мекард. Дарди камараш гоҳ суст мешуду баъди лаҳзае дубора шиддат меирифт. Атроф суту кур буд, танҳо садои гургҳои гурусна, ки барои дарёфти ғизо аз даштҳо ба деҳа мерехтанд, аз низдикиҳо ба гӯш мерасид.

Фаришта гоҳ хам мешуд, то дард камарашро раҳо кунад ва гоҳи дигар суръати қадамҳояшро бештар мекард, то зудтар ба хонаи Алтанхотун бирасад. Дарди шадид тадриҷан аз камар ба шикамаш печид, дарде буд, ки устухонҳояшро мешикаст ва мисли сели рахнагар ҳар чизи дар шикамаш бударо аз боло ба поён тела медод. Моҳи ҳафти ҳомиладориашро тай мекард, аммо ангор тифли батнаш мисли меваи норасида майли аз шоха ҷудо шудан дошт. Ба худ печидаву нолида хеле роҳ рафт. Роҳ то кулбаи Алтанхотун даҳ дақиқа беш нест аммо имшаб ин роҳ дар назари Фаришта тӯлонитарин роҳи дунё намуд. Милт-милти чароғи ҳавелии Алтанхотунро аз дур медид, аммо ҳар қадар

пеш мерафт, чароғ ба ҳамон андоза аз ӯ дур мешуд. Дардаш ончунон авҷ гирифт, ки гӯё кураи оташ дар шикамаш тоб мехӯрд. Рӯ ба осмон нолиш кард.

-Худоё, ман чӣ кардам, ки мӯҷиби ин ҳама озор шудам? Ё ҷонамро бигир, ё аз ин дард наҷотам бидеҳ! Дарди ҷонкоҳ неруяшро мебалъиду ӯро хаставу лакот мекард. Эҳсос кард, ки дигар маҷоли роҳ рафтан надорад, худро то дарахти канори ҷода расонду беҳолона ба замин афтид. Дард дар камару шикам ва фиғон дар гулӯяш мепечиду роҳи берунрафт меҷуст. Ӯ замини яхзадаро бо нохун ханҷол мезад ва лаб зери дандон дарду фиғонашро фурӯ мебурд.

Ногоҳ ғайриихтиёр шурӯъ ба зурзадан кард, устухони косаш гӯё пора мешуд ва садо дармедод. Дигар на дард дар ихтиёраш буду на фиғон, фарёди ҷонкоҳе кашиду бехуд шуд. Вақте ба худ омад на дард буду на кураи оташ ва ҷисми гарме дар дохили шалвораш мисли гурбаи навзод виз-виз садо мебаровард. Аз почаи даридаи шалвор тифлакро, ки ба андозаи арӯсаки хоҳарзодааш вазн дошт, берун овард. Қалби кӯдак дар синаи кӯчакаш дил мезаду пойҳояш меларзиданд. Фаришта бачаашро бо пату пӯшонд, аммо нофи нобуридааш ҳамроҳаки модарро бо худ ба боло кашонд. На корде буд, на шишаву на оҳане, ки кӯдакро аз ин пардаи ғафс, ки ҳафт моҳ хонаи бароҳаташ буд, ҷудо кунад. Зиёд фикр накард, ҳамроҳакро баланд бардошту рӯдаро ки хеле ғафсу тасма буд бо дандон газид. Чанд дафъа гоз гирифт, то лӯлаи тасма дарид ва ноф аз ҳамроҳак ҷудо шуд. Сари нофро басту кӯдакро ба оғӯш гирифт ва ӯро бо ҳаври даҳонаш гарм мекард.

-Худо хайрат диҳад, кампири Сокина, ки вақти зоймони модарам ба мо мегуфтӣ, "буридани нофи кӯдакро ёд бигиред, шояд рӯзе даркор шавад."

Кудаки нимҷонро ба сандуқи синааш пахш мекарду мисли гаҳворачумбон такон мехурд. Ногоҳон эҳсос кард, ки касе дар ин шаби сарди бечароғу бемаҳтоб, ки атрофро танҳо

барфи сафед рӯшан мекунад, ба тарафи ӯ зул мезанад.

Сар аз пату бардошту гургеро дид ба бузургии паланг, ки рӯи по менишаст ва бо чашмони дурахшонаш аз зери пешона ба Фаришта менигарист. Гург ғуррос мезад ва ду бачаи шабеҳи болишт лундаашро, ки қатраҳои хунро аз рӯи барф мелесиданд ва бо ҳар қадам ба Фаришта наздиктар мешуданд, ба ақиб мехонд. Гулӯи Фаришта аз ҳарос хушк шуд, ҳарчанд қурт медод аммо даҳонаш обе надошт, ки гулӯяшро тар кунад. Оҳиста дасташро поён бурду заминро ламс кард ва санги ба андозаи мушатро аз зери барф берун овард. Сангро баланд бардошту гургро таҳидид кунад.

-Бирав аз ин ҷо, ба ман интурӣ нигоҳ накун, худат модар ҳастӣ, хуб аз бачаҳоят муроқибат кардаӣ, ки пӯстатон аз фарбеҳӣ барқ мезанад. Бачаи нимҷони маро бубин, ки дар сандуқи дилам аз сардӣ меларзад ва намедонад, ки оё соати дигар зинда мемонад ё не. Туро ба Худое, ки халқат кардааст савганд медиҳам, бирав, ба ман кордор набош, агар танҳо мебудам, розӣ мешудам, ки тӯмаи ин шаби туву бачаҳоят шавам. Аммо ман бача дорам, ба ҳолаш раҳм кун, худо рисқи туро ҷойи дигар медиҳад... магар ғайри ин аст?

Гург дуру дароз ба Фаришта нигоҳ кард ё аз санги дасти ӯ тарсид, ё воқеан ҳарфашро фаҳмид, ки бачаҳояшро пешандоз карду дар торикӣ аз назар нопадид шуд.

- Бархез ҷони модар, ту бо чӣ сахтиҳое ба ин дунёи бешафқат омадӣ, бояд зинда бимонӣ, охир ман ба ҷуз ту дар ин дунё касеро надорам, бархез, то хонаи хотун ду қадам роҳи дигар аст!

Он ду қадам ба чӣ сахтиҳое пушти сар шуд. Фаришта ангушт ба панҷараи Алтанхотун заду дар остонаи дар беҳолона афтид.

Вақте Алтанхотун тани аз сардӣ ва зоймон хастаи ӯро аз дами дар ба назди бухорӣ мекашонд, ва либосҳояшро иваз мекард, як лаҳза дар назараш намуд, ки хоб асту кобус мебинад. Саргузашти имрӯз дар назараш як хоби ваҳшатноке

беш набуд. Аз баландии сақфи пастаки Алтанхотун ба ҳаракатҳои ӯ назора мекард ва он зани беҷону беҳолро, ки тифли мисли бачаи гунҷишкро дар оғӯш дошт, намешинохт. Гоҳ бахуду гоҳ бехуд буд.

- Фариштаҷан, даҳани худа боз ку мадар, и ави зарчубара буху ва илла мариз мешӣ. Алтанхотун сари Фариштаро аз болишт баландтар бардошту пиёларо ба лабонаш наздик овард, аммо натавонист даҳони ӯро боз кунад. Дандонҳояш зиреҳ баста буданд. Оберо, ки Алтанхотун аз як гӯшаи лаб ба даҳонаш мерехт, аз гӯшаи дигари лабаш ба болишт сарозер мешуд.

- Итурӣ намеша бачем, ту таб дарӣ, баяд ира бухурӣ. Ира мадаршӯи ма амада када, мега ага бухурӣ то саҳар саҳат мешӣ.

Фаришта чашмонашро оҳиста боз кард.

- Магар... модаршӯи... шумо зинда аст?

- Чира зинда набаша? Албатта ки зинда аста. Бубин духтари тура навазиш мекуна.

- Духтари ман? Фаришта акнун фаҳмид, ки он пораи гӯшти аз дохили шалвораш берун омада духтар будааст. Беҳолона лабханд зад. Хонаи гарм ва садои нолиши тарошаҳои хушки дохили бухорӣ ба ӯ оромиш мебахшид. Чашмонаш беихтиёр пӯшида шуданд.

- Фаришта хав наку, як каме ғазо бухӯр, беҳал шудӣ ахи.

- Бимон, бихобад, фардои и духтар аз имрӯзаш тиратар аст...Садои аҷуза гӯё аз даруни ғори торик ба гӯши Фаришта расид.

Хоби аҷибе дид, хоб дид, ки дар чоҳи бетаге дасту по мезанад ва касе ба додаш намерасид. Об то гулӯяш мерасид ва дошт зери об мерафт, ки ин дам дасте ба сӯяш дароз шуд. Фаришта он дастро шинохт, аз ангуштарии алмосаш шинохт, ки нарангушташро зеб медод. Он даст ӯро аз чоҳи бетаг берун меовард ва "гули нози ман" мегуфт.

Дар васати ин хоби ширин дари хонаи Алтанхотунро

касе бо лагад куфт ва Алтанхотун “ё бисмиллаҳ” гуфту аз ҷой бархост.

Субҳ акнун медамид. Алтанхотун бо касе дар саҳни ҳавлӣ суҳбат мекард, садои онҳо канда-канда ба гӯш мерасид, фаҳмида намешуд, ки онҳо кистанд ва дар ин субҳи сард, ки саг аз хонааш берун намешавад аз хотун чӣ мехоҳанд. Фаришта аз ҷой нимхез шуд. Бачааш дар рӯпӯши сафед мисли кирми пилла печида, рӯи синаи хушкидаи аҷуза мехобид. Ҳарду масти хоб буданд. Фаришта то ҷогаҳи аҷуза хазиду бо нуги ангӯш чеҳраи шабеҳи махмал нарми кӯдакашро навозиш кард. Дилаш лабрези муҳаббат шуд. Мехост ӯро аз рӯи синаи аҷуза бардораду ба оғӯш бигирад.

-Коре ба и бача надошта бош, хеле барвақт аз реша канда шуд, хобаш ҳанӯз хом аст... Аҷуза инро гуфту бачаро рӯи болишт гузошт ва дар паҳлуяш дароз кашид. “Ин бачаи ман аст, чаро намегузорӣ бағалаш кунам?”

-Оре, бачаи ту ҳам ҳаст...

Алтанхотун аз ҳавлӣ бо рангу рӯи парида баргашт, лабонаш аз изтироб меларзиданд.

-Фариштаҷан... и адамо пулисанд ба ту кар даранд. Тура сурағ мекунан... меган Ҳашматаға мурда, иё меган ту баяд ҳамраҳшан ба идораи пулис бирӣ. Гуфтам, ки ту нав займон кадӣ, маҷал надарӣ, гуфтан и тавҷеҳ қабул неста, бояд бо мо бияа. Ту чӣ мегӣ бачем?

-Ҳашмат-оғо мурда?? Чӣ тур мумкин аст? Шаб вақте ман аз хона фирор мекардам, ӯ зинда буд, бо писараш афтударафт дошт! Худоё, дар он хона чӣ иттифоқ уфтод?

-Валлоҳ наданам, ина палисо меган...

-Бошад... меравам, Худое нокард шуморо даргири ин моҷаро накунам...

-Ту фикре мара накун, худа хаҳад, ҳамаш хуб меша..., - гуфт Алтанхотун бо оҳанге, ки худаш ба оқибати хуби ин кор бовар надошт.

-Бачаам чӣ мешавад? Ман то ҳол ба ӯ шир надодам...

Фариштаро гиря гулӯгир кард ва ӯ рӯяшро бо кафи даст пӯшид.

-Нигарани бачат набош, модаршӯи ма ай ӯ хуб мурақибат мекна, ту хав будӣ, ма шири буз бареш дадем, як уймақ, кам мехӯра, заъиф аст...

Алтанхотун чодарашро ба сари Фаришта пӯшонд ва як ҷуфт кафшу ҷӯробро, ки шояд тоза харида буд, пеши пояш гузошт,

-Хотунҷон инҳо даркор нестанд, ман зуд бармегардам.

-Меданам..., амма и патураам бо худ бигӣ, ҳаво сард шуда.

Пулисҳои мусаллах Фариштаро дар саҳни ҳавлӣ мунтазир буданд. Онҳо бе ҳеҷ каломе бо ишораи даст мошинеро нишон доданд, ки дар беруни дар меистод. Фаришта бо яке аз онҳо дар сандалии ақиб ва пулиси ҷавонтар дар паҳлуи ронанда нишаст. “Эй Худо, дурӯғ аст, агар бигӯям, ки марги Ҳашмат-оғоро орзу намекардам. Аммо на ҳоло ва на дар шароите, ки бештар аз ҳар вақти дигар ба пуштибонияш ниёз доштам.”

Мошин дар назди бинои яктабақаи девораш бо гил андовашуда манъ кард. Сохтмони дигар каме дуртар ҷойгир буд ва чандин тирезаи кӯчак дошт. Он ду пулис бо силоҳҳои дар ҳоли омодабош Фариштаро пешандоз карда, ба сохтмон аввалӣ бурданд, ки ҳудудан се утоқ дошт ва аз яке садои чиқ-чиқи мошини чопӣ ба гӯш мерасид.

Дар утоқи васатӣ марде менишаст, ки дар тан тумбонуваскат ва дар сар аммома дошт.

-Авардемаш сайиб, гуфт яке аз пулисҳо ва он мард сар аз коғазҳо бардошту аз сар то пойи Фариштаро аз назар гузаронд.

-И зани шуҳаркуш ҳамин аст? - гуфт ӯ ва бо лабханди тамасхуромез ва аз ҷой нимхез шуд. Дар чеҳраи гӯсфандмонанди ин мард ҳеҷ узве ба узви дигар мутобиқ набуд. Ангор, офаридгор бо аҷала чашму димоғи бегонаро

иштибоҳан ба чеҳраи ӯ часпондааст. Чашмонаш он қадр бо ҳам наздик буданд, ки гӯё банди димоғе дар байн набуд. Димоғи қоқи аз ҳад борикаш занҷабили тундро ба хотир меовард, кӯсариш буду мӯйлабҳое борике дошт шабеҳи думи мӯш. Шикофи байни дандонҳои иллатиаш ба андозае бузург буд, ки вақте ҳарф мезад, нӯки забонаш аз он сӯрох берун мешуд.

Фариштa бо шунидани иттиҳоми куштор наздик буд аз тарс ғаш кунад. Ранг дар рӯ надошт ва даруни бе ин ҳам зардобаш аз изтироб меларзид.

-Ма қозии парвандаи шумоюм, ба ма ростша бугӯ, ки шуҳари худа чӣ рақам куштӣ?

-Ман касеро накуштам, шуҳарам одами хуб буд, бо ман меҳрубон буд, ягона пушту паноҳам буд, чаро ман бояд ӯро мекуштам?

-Ина ту ба ма бугӯ, ки чаро ва чӣ рақам ӯра куштӣ?!

-Оғои қозӣ, ман то дишаб бордор будам, аз зулме, ки ба сарам омад, бачаи норасид таваллуд кардам, магар як зани бордор, ки сад мушкил дорад, метавонад одам бикӯшад?

-Чаро намеша? Меша! Шояд мехостӣ молу манолаша бигирӣ?

-Молу манолаш ҳама аз ман буд, чизеро аз ман дареғ намедошт...

Қозӣ нобоварона ба Фаришта нигоҳ кард... Гӯё мехост росту дурӯғро аз чеҳраи ӯ бихонад, ки нигоҳи чашмони серҳаракаташ дар як нуқта манъ намешуд.

-Ту аз куҷо астӣ? Чаро лаҳҷат ба афғоно монанд нест? Аз куҷо омадаӣ?

-Ман табаи Тоҷикистонам.

-Чи рақам ба сарзамини мо омадӣ?

-Қочоқ шудам...

-Бугӯ хо зани таҷрибадоре астӣ, мага не?

...

-Ҳодисаи дишаба ба ма қисса кун.

-Дишаб писари шуҳарам ба ман дарафтоду дастдарозӣ кард... Шуҳарам ба ёриам расиду ба писараш дарафтод. Ман бо истифода аз ин фурсат фирор кардам. Вақте аз хона берун мешудам, садои фиғони хоҳаршӯямро шунидам, аммо манъ нашудам, метарсидам, ки он ғӯл думболагирам мекунад. Дар моҳи ҳафти бордорӣ таҷовуз шудам ва бачаам дар роҳ ба сӯи хонаи Алтанхотун, дар замини яхзада, ҳафтмоҳа ба дунё омад, Азоби саги бесоҳибро кашидам. Ба худое, киману шуморо халқ кардааст савганд мехӯрам, ки вақте ман аз хона бадар мешудам, шуҳарам зиндаву саломат буд. Ман шоҳид дорам, дурустии ҳарфи маро аз хоҳашӯям ва хизматгори хона пурсон кунед.

-Ҳмм... и ҳарфои ту як пайса арзиш надора, хоҳаршуҳарат ва писари шуҳарат ҳарду тура да и куштор муҷрим эълон кадан. Пас хуб меша, ки ростша бигӣ, шояд чанд солаке аз ҳукмат кам шава, ё эъдомат ба ҳукми маҳбас иваз шава. Мефомӣ чӣ ба сарат омада?

-Бахудо қасам, росташро гуфтам...

-Ростша ба ма бигӯ, ки читури як зани ҷавони қашанг метона бо як пиракии ҳамсоли падарбузургаш зиндагӣ ҷӯр куна? Ё шояд ту бо писари шуҳарут робита доштӣ? Ку қисса ку у чи рақам тура таҷовуз кад?

-Ҷаноби қозӣ, таҷовуз тафсиру тавзеҳ надорад вақте як марди чоқи чанд баробар аз ман сангинтар як зани бедифоъро дар замин пахш мекунад, тасаввур карданаш душвор нест, ки чи ҳоле дорад...

-Ма ира хо фомидум, ура бугӯ, ки чӣ рақам шалворта кашид, пота боло бардошт...

Фаришта он чӣ аз сараш гузаштаро ба қозӣ мегуфт, аммо аз як ҷойе эҳсос кард, ки ин марди бадандом чавкии худро наздик кашида, аз тасвири саҳнаи таҷовуз ӯ ба ваҷд меояд.

-Шумо маро масхара мекунед ё аз достони таҷовузи як зан хушатон меояд?

-Ту думбурида бо забондарозӣ ҳам мекунӣ, ришсафеда

куштӣ, писарша таҳрик кардӣ, сазоят тано сангсор аст!

-Ҷаноби қозӣ, чаро ба ман туҳмат мезанед? Инсофатон куҷост? Магар кишвари шумо додгоҳу додситон надорад, ки як инсонро бидуни тафтишу маҳкама ба марг маҳкум мекунед?

Шикофҳои димоғи занҷабилмонанди қозӣ аз хашм шукуфтанд.

-Ту модасаги одамкуш, бо ба мо адолату маҳакама меомӯзӣ??

-Сарбоз!

-Бале сайиб!

Яке аз ҳамон сарбозҳо, ки Фариштаро аз хонаи Алтанхотун ба идораи пулис оварда буд, даст дар чаккаи сар барои иҷрои фармон ҳозир шуд.

-Муҷрима ба зиндон бубарен, ҳукми эъдомуш фардо содир меша!

Сарбози мусаллаҳ Фариштаро ба сохтмоне бурд, ки бо панҷараҳои хурди оҳанинаш шабеҳи саисхона буд. Сохтмон чароғ надошт ва ҳарорати дохил сардтар аз ҳавои берун буд. Ӯ шамъро рушан карду дари оҳании утоқро кушод. Ҳуҷра ба ҷуз як тахти чубини бе курпаву болишт чизи дигаре надошт.

-Буру хав ку, пату дорӣ ниёз ба болопӯш нест. Сарбоз шамъро бо худ бурду Фаришта тамоми даҳшати ба сараш омадаро дар ин хонаи сарду торик бештар дарк кард. "Худоё, хобаму кобус мебинам ё ончӣ аз сари ман мегузарад воқеъият дорад? Наход бегуноҳ эъдом шавам?"

Ӯ дар ин харобкада барои худ ҳар балоеро интизор буд, аммо на ин якеро. Рӯи тахти чӯбин патуи Алтанхотунро ба сар кашиду мисли калобаи саргум ба худ печид. "Хотун бароям патуи ғафс дод, пас медонист, ки ман дигар барнамегардам... гуфт аз бачаат нигарон набош, бо шири буз бузургаш мекунем, пас медонист, ки эъдом мешавам. Эй кош, аҷуза мегузошт, ки пеш аз марг духтаракамро як бор мебӯсидам! Мағзи аз фишори равониву ҷисмонӣ вармосидаи

Фариштa aкнун кaм-кaм бa дaрки ин воқеъият мерaсид, ки фaрдо метaвонaд ё сaнгсор шaвaд ё сaр бa дор. Мӯй дaр бaдaнaш рост шуд вa тaнaш бa лaрзa дaромaд, бехудонa сaр бa тaхти чӯбин мекуфт, то ҳaде, ки мaғзaш кaрaхт вa худaш бехaёли эъдому чӯби дор шуд.

Чӣ тaрснок aст дaр хонaи тaнгу тору бегонa чaшм кушодaн. Фариштa бa сaдоҳои ношиноси мaрдонa, ки aз тирезaи тaнги зиндон бa гӯш мерaсид, гӯш медод. Ёд нaдошт, ки ин ҷо куҷост. Чaнд дaфъa мижa зaд вa aз рӯи одaти моҳҳои охир дaст бa шикaмaш бурд, то тaконхӯриҳои тифлaшро эҳсос кунaд. Аммо нa тифле буду нa шикaми дaмидae. Ҷойи тифл, як рaҳми пур aз дaрду зaрдоб буд, ки ҳaр рaгу пaяш aз дaрд дил мезaд.

Субҳ оҳистa медaмид вa порaи рӯшноӣ, ки aз пaнҷaрaи кӯчaк бa ҳуҷрa медaромaд, aз поёни ин шaби вaҳшaтбор aломaт медод.

Зиндон aз дирӯз сaрдтaр буд, девори бетониaш мисли яхчол хунукӣ хориҷ мекaрд вa бӯи зaҳ димоғро месӯзонд. Дaр бaдaни Фариштa ҷойе нaмондa буд, ки дaрд нaкунaд, сaропо дaрд буд. Шир aз нӯги синaҳои вaрaмидaaш мечaкид вa пероҳaнaшро шaхшул мекaрд. Рӯдaҳояш aз гуруснaгӣ бa ҳaм мепечидaнд. Фикрҳояш низ мисли рӯдaҳои холияш печидa будaнд, мaдоре нaдошт, ки aз ҷой бaрхезaд. Шaбеҳи бaчaҳое, ки aкнун роҳ рaфтaн меомӯзaнд, чорғов то нaзди пaнҷaрa рaфт вa бо тaкяи девор aз ҷой бaлaнд шуд. Мехост бубинaд, ки дaр берун чӣ мегузaрaд, aммо дaстaш бa пaнҷaрa, ки дaр поёни сaқф ҷойгир буд, нaрaсид.

Зaбонaш aз тaшнaгӣ дaр комaш мечaспид.

Тaмоми неруяшро ҷaмъ кaрду бо мушт бa дaри оҳaнин зaд.

-Чӣ хaбaр aст!? - бо ғaзaб пурсид сaрбозе.

-Тaшнaaм, хоҳиш мекунaм бa мaн об бидиҳед...

-Инҷa ҳотел нест, ки бaри ту обу нон ҷур кунем, буру хaв ку, бaхтут булaнд будa, қозӣ сaйиб мaриз шудa, имрӯз сaри

кор намеоя ва илло то зуҳр сангсор мешудӣ.

Дар берун зоғҳо қар-қар мекарданд ва аз куҷое бӯи ҳезуми сӯхта ба димоғ мерасид. Дили Фариштa гум зад. Ҳеҷ гоҳ фикр намекард, ки рӯзе қар-қари зоғ ва дуди бухорие барояш намоди зиндагӣ ва бақои умр шавад. “Сарбоз гуфт қозӣ мариз шуду умри туро то як рӯзи дигар тамдид кард. Ҳеҷ кори Парвардигор бе ҳикмат нест, мегуфт кампири Сокина, шояд бемории қозӣ ҳам ҳикмате дорад? - аз дил гузаронд ӯ ва ногаҳон ба ҳоли худ ришханд зад. Ту ин ҳама муддат мегуфтӣ, Худоё ҷонамро бигир, ба думболи худкушӣ мегаштӣ, зиндагибезор будӣ, аммо бубин, бо ин ҳама заҷр ва ҷабру ситам, мурдан намехоҳӣ... ”

Гоҳ хобу гоҳ бедор он рӯзро ҳам бегоҳ кард, ташна буд, чашм мепӯшиду дарё хоб медид. Гуруснагиро таҳаммул мекард, аммо тоби ташнагӣ надошт. Ноилоҷ домани пероҳанашро боло бардошту синаи дамидаро берун овард. Даст ба сина бурду ба танаш рашъа дамид. Синааш таб доштy дард мекард. Кафи дастро пиёла карду як мушт шир ҷӯшид, аммо нисфи шир аз шикофи ангуштон ба замин рехт. Бе ҳеҷ тардид кафши нави Алтанхотунро аз пой кашиду ба синааш наздик овард ва лаб зери дандон пистонҳои варамидаашро фишор дод. Ӯ ширро бо аҷала дам кашид. Шири сина мазаи қандчойи нимаширинро дошт. Гиряаш омад, “ҳақи кудаки бечораамро хурам”, - гуфту навҳа кишид. Ашку шир баробар ба кафши Алтанхотун мерехт ва ҳиқ-ҳиқи гиряҳои Фариштa дар фазои суту кури зиндон бо навои зоғҳои сиёҳ ҳамоҳанг мешуд.

Шир ташнагиии ӯро шикаст ва гушнагиаш низ рафъ шуд. Ба патуи пашмини Алтанхотун печиду ба хоби гарон рафт...

-Буланд шу хонум, қозӣ тура мепурса! - аз дами дар фарёд зад сарбозе, ки дишаб як пиёла обро аз ӯ дареғ дошт.

“Тамом шуд... ҳамааш тамом шуд... ман Фариштa, духтари Сафар дар синни 31-солагӣ, дар як кишвари бегона, имрӯз бо иттиҳоми куштори ҳамсар ё сангсор мешавам, ё

маро ба дор мекашанд. Сарнавишти ман дар дасти як қозии ноодилу баднамуд аст, ки баъди лаҳзае бо як имзои қаҷукилеб риштаи умрамро мебуррад. Алвидоъ, духтараки бадбахти ман, ки рӯятро басерӣ надидам, алвидоъ, Алтанхотуни меҳрубон, алвидоъ, хола Наврӯз, алвидоъ, модари азизам, алвидоъ, оғои дили ман...”

Фаришта патуро ба сар кашиду ба думболи сарбоз аз утоқ берун шуд. Ҳаво сард буд, аммо чашмаки офтоб аз зери абрҳо ба замин нур мепошид ва замини барфпӯш мисли ҷавоҳирот медурахшид. Бод барфҳоро аз шохаи дарахтон ба замин парт мекард ва зоғҳои сармаст дар ҳавзҳои барфӣ ғел мезаданд.

Фаришта бо ташнагии як инсони маҳкум ба марг, ки гӯё таровату зебоии атрофро бори аввал мебинад, ба абрҳои сафеди осмон нигоҳ кард. “Мегӯянд дар лаҳзаи марг тамоми зиндагии инсон мисли барқ аз пеши назараш мегузарад. Агар ин афсонае беш нест, мехоҳам оғоро бубинам, таҳдаштро, ҳавзи ҷӯшонро, мехоҳам тамъи бӯсаҳои оғоро, гармии тани ӯро бори дигар эҳсос кунам, мехоҳам ба мӯи Шабдиз панҷа занам ва ба шохаи хушкидаи дарахти мурод бигӯям, ки ваъдаҳоят дурӯғ будаст... Оғои дили ман, ҳар заҷре кашидам, ба хотири ту буд, маро аз ёд набар ва аз ягона нишони ман дар ин дунё, духтараки норасидаам, муроқибат кун, дар он дунё ҳам ошиқат хоҳам буд.”

-Истод наку, роша! - сарбоз Фариштаро бо қундоқи силоҳ тела доду ба ҳамон биное бурд, ки қозӣ дафтар дошт.

Қозӣ мутакабирона дар чавкии савлат менишаст, гӯё сарнавишти дунё дар дасташ буд. Ӯ ҳар лаҳза бинӣ мекашиду оби димоғашро бо лаби дастораш пок мекард. Димоғи занҷабилмонандаш сурху пӯстканда буд.

-Мо хо ҳеҷ гоҳ аз муҷрим намепурсем, ки чи рақам эъдом шава, худмон тасмим мегирем, аммо бари худут истисно мекунум, - гуфт қозӣ ва ниҳоят ба Фаришта нигоҳ кард. Ҳеҷ таассуфе ё дилсӯзие дар он нигоҳ эҳсос намешуд.

Гӯё Фариштаро на ба марг, балки ба пахтачинӣ мефиристод. Ба ҳамин содагӣ, бедалелу беҷиҳат...

-Мехоҳам Алтанхотунро бубинам, ҳамон хонумеро, ки сарбозони шумо маро аз хонааш гирифтанд. Мехоҳам бачаамро бубинам...

Чашмони Фаришта ғарқи об шуд, дилаш ба ҳоли худаш сӯхт, он чунон сӯхт, ки ҳеҷ гоҳ ба ин андоза доғ нашуда буд.

-Да и мамлакат зиндонии маҳкум ба марг ҳаққи мулоқот надора, ту хо ҷурми сахтеро муртакиб шудӣ, одам куштӣ, шуҳари худа куштӣ.

Фаришта эҳсос мекард, ки ба охири хат расидаст ва зориву тавалло ба ин қозии ноодил корагар нест. Ӯ тамоми тамоми ғуруру шарофаташро ҷамъ кард ва рӯ ба қозӣ овард.

-Ҷаноби қозӣ, агар парвандаи банда ба ин содагӣ хатм шуда ва агар интихоби навҳаи мурдан бо ман бошад, лутфан бароям чӯби дор таъин кунед ва ба зердастони худ бигӯед, ки ҷасади маро ба Алтанхотун бисупоранд. Ин охирин хоҳиши ман аст.

Қозӣ ҳанӯз ба дархости Фаришта посух надода буд, ки дар боз шуду сарбоз "иҷоза аст сайиб", - гуфту порчаи коғазеро ба ӯ дароз кард. Қозӣ аз ҷой париду оби димоғашро, ки дар пушти лабаш медурахшид, бо дастор пок кард ва ба думболи сарбоз аз дар берун шуд.

Хеле вақт гузашт, шояд ним соат ё аз ин бештар. Фаришта пушт ба дар ва рӯ ба панҷараи дафтари қозӣ менишаст. Дар берун зиндагӣ идома дошт, садои суҳбату хандаи одамон ба гӯш мерасид, касе ҳезум мешикаст ва ҳар бор, ки табарро ба кунда мезад, "ҳу" мегуфт. .

Ногоҳ Фаришта гушу ҳӯш шуд, бӯи ошное ба димоғаш расид. Ӯ наметавонист ин бӯйро бо бӯйҳои дигар иштибоҳ бигард. Рӯзҳои хушбахтарини умраш бо ин накҳат пайванди ногусастанӣ дошт. Башиддат бархосту рӯ ба сӯи дар овард, чашмонаш аз ҳайрат бузург шуданд ва қалбаш аз сина ба гулӯяш хазид. Қадаме ба пеш гузошту аз ҳуш рафт.

- Гули нози ман, ту бо худ чӣ кардӣ?

Оғо ашкҳои Фариштаро бо дастмол хушк мекард ва дилаш аз аз ин ғусса, ки ӯ ҳам дар сарнавишти талхи ин ғариба нақше дорад, лабрез мешуд.

-Ҳашмат-оғоро ман накуштам... ба Худо қасам, ман бегуноҳам... - ҳазён мегуфт Фаришта.

Фаришта суроби оғоро аз паси пардаи ашк диду гумон кард, ки хоб мебинад. Ду се бор мижа зад, пардаи ашкро дарид ва оғоро дар канори худ диду домани гиряро сар дод.

-Медонам, ман туро хуб мешиносам... Гирён наку ҷони ман,

-Аз куҷо фаҳмидӣ, ки ман ин ҷоям?

-Алтанхотун дишаб омад, ҳамаи достона ба ма қисса кад.

-Оҳ, духтар, барот кулли суол дорам..., чӣ рақам тонистӣ ин ҳама заҷра танҳо бикашӣ?

-Вой худоҷон, ҳоли бачаи ман чӣ шуд? Хеле зайиф буд...

-Хотун гуфт, ҳолеш хубе, аммо то ҳол чашмоша боз накада... Фаришта дасти оғоро бӯсиду ба чашмонаш молид.

-Қозӣ гуфт, ки маро сангсор мекунанд ё ба дор мекашанд, туро дидам, дигар армоне дар дилам намонд... танҳо як илтимос дорам, муроқиби духтари ман бош, нагзор, ки хору зор шавад.

Бигзор дар дасти Алтанхотун бимонад, ту фақат аз ҳолаш хабар бигир...ӯ ба ғайри ману ту дар ин дунё касеро надорад...

Оғо дастҳои сарди Фариштаро бӯсид.

-Гиря накун, ҳамаш хуб меша, магар ма мурда бошум, ки ту ба пойи дор биравӣ.

Ҳоло Марвориду хизматгори кокора меоран, қозӣ шуморо бо ҳам рӯ ба рӯ мекуна. Агар он ду нафар ба тарафдорит ариза бидан, қазия баста меша. Агар не барот вакил мегирум.

-Ту ҳоло меравӣ?

-На хайр, ма дига тура танҳот намегузорум, дар утоқи

дига мебошум.

Оғо Ҳашматуллоро мисли падар дӯст медошт ва шояд фикр мекард, ки агар Фариштa бегуноҳ бошад, бигзор бегуноҳияш дар ростои қозӣ собит шавад.

Марворид ва Хадичаро пулисҳо нимаи рӯз овარданд, ҳарду дар сар чодари сиёҳ доштанд ва чашмонашон аз тарс бехудона ба ин бинои мисли кафтархона нигоҳ мекард. Марворид аз паҳлуи Фаришта бесалому алейк гузашт, гӯё ӯро намешинохт.

Қозӣ ҳарсеро рӯ ба рӯ нишонд ва ҷараёни ҳодисаро нахуст аз Марворид пурсид. Марворид пушт ба Фаришта бо сари хам дурӯғ мегуфт, садояш меларзид ва як ҷумлаи аз бар кардаашро борҳо ба забон меовард.

-Арӯсхонум бо бародарам даъво кард, ғолмағоле шуд, бародари мора бо лагад зад, сари Ҳашматулло ба бухорӣ бархӯрд. Биродари мора ами занака кушта..., бале ами занака кушта.

-Шумо тасдиқ мекунен, ки биродартона ҳамсараш кушта?- пурсид қозӣ бори дигар.

-Бале, тасдиқ мекунум...

-Ту чӣ мегӣ? Ҳашматуллора ҳами занака кушта?

Фаришта аз дурӯғи ошкорои Марворид ноумед шуд, ва баъид медонист, ки хизматгор ҳарфи соҳибашро инкор кунад.

-Ма... берун дар будум чизера надидум... Хадича забон хойиду нигоҳашро аз Фаришта гурезонд, маълум буд, ки ҳарду қабл аз омадан ба қозиёт нақшҳои худро тамрин кардаанд.

Фаришта ба ин ду зани чодарпӯши намозхон, ки калимаи “аллоҳ” аз забонашон дур набуд ва ҳоло ӯро бо туҳмат ба пойи дор мебаранд, бо таассуф нигоҳ кард. Ӯ сандалии худро пештар кашиду сайъ кард Марворидро ба сари инсоф биёрад.

-Хонумҷон, мо қириб як сол зери як сақф бо ҳам зиндагӣ кардем, ман шуморо мисли хоҳар дӯст доштам, ҳурмати

шумо ва бародари марҳуматонро ҳамеша ба ҷо овардам... хуб медонед, ки ман дар ин ҷурм даст надорам ва замоне, ки таҷовуз шудаму аз хона фирор кардам Ҳашмат-оғо зинда буд. Медонам, ки аз додарзодаи таҷовузгари худ пуштибонӣ мекунед ва ба қозӣ дурӯғ мегӯед, аммо дар он дунё, дар наздии қозии ҳақ ҳарфе барои гуфтан доред? Чӣ гуна ин гуноҳро тавҷеҳ мекунед, ки як инсони бегуноҳ бар асоси дурӯғи шумо кушта мешавад?

-Хадиҷа, тура ба ҳурмати рӯҳи ду духтари нозанинат, ки қурбонии таҷовуз шуданд, савганд медиҳам ва илтиҷо мекунам, ки ҳақиқатро ба қозӣ бигӯ, вагарна рӯҳи духтаронат аз ту норозӣ хоҳад буд.

Чашмони Хадиҷа аз ҳайрат бузург шуданд, хаёл намекард, ки Фаришта достони талхи зиндагии ӯро медонад. Ангор, акнун аз таҷовуз шудани духтаронаш огоҳ шуд, ки даст ба зону заду сарашро бошиддат такон дод.

-Оғои қозӣ, шумо китоби Қуръон доред? Марворид панҷ вақт намоз мехонад, мехоҳам бо Қуръони маҷид савганд ёд кунад. ки бародарашро ман куштам.

Қози аз ғалладони мизи кориаш Қуръони кӯҳнаеро баровард, ки муқовааш хурда шуда, баъзе саҳифаҳояш овезон буданд.

Марворид ҳанӯз ҳам пушт ба Фаришта менишаст.

-Хонумҷон, туро ба Худо ва ин китоби муқаддас қасам медиҳам, бигӯед, ки Ҳашмат-оғоро ман куштам?

Марворид вонамуд кард, ки суоли Фариштаро нашунидаст, аммо чодари шоҳӣ меларзиду изтиробу ҳаяҷони ӯро ошкор мекард.

-Хонумҷон... Фаришта даст ба шонаҳои ӯ гузошт. Марворидро гӯё барқ зад, ки як қад париду ба сандалии дуртар нишаст.

-Ма ба қозӣ сайиб дурӯғ гуфтум... - гуфт ниҳоят Хадиҷа, ки ним соат боз бо худ набарди “бигӯям нагӯям” дошт.

-Чуп шу Хадиҷа, ҳарфи дига нагӯ, ки пушаймонут

мекунум!

-Хонуми куҷак дуруст мега, вақте Ҳашмат-оғора куштан у да хона набуд, фирор када буд. Ману Марворид хонум шоҳид будем. Хадиҷа аз таҳдиди Марворид наҳаросид ва достонро ҳамон тавре, ки Фаришта ба қозӣ гуфта буд, қисса кард.

-Ҳашмат-оғора Байтулло кушт. Оғо дид писаруш занша таовуз мекуна, девона шуд, ба сари писаруш парид. Байтулло ура бо лагад зад, сари ришсафеди бечора ба бухорӣ бархӯрд, айвон ҳавзи хун шуд, тифлак зуд ҷон дод. Баъд Марвориду Байтулло ба ма таҳдид каданд, ки касе пурсид уштури сафеда дидӣ, бугӯ, ки надидӣ.

Қозӣ баъди мулоқот бо оғо сари ҳол буд ва шоҳидии Хадиҷа ӯро хушҳол кард.

-Хонум, ба Қуръона савганд бухӯ, ки хизматгорут дурӯғ мега! Агар дурӯғ бигӣ, рост ба зиндон мебарумут, шароити зиндони ай арӯсхонумут бупурс, ба ту мега, чӣ сарут ход омад.

Марворид Қуръонро ба даст нагирифт. Ба шиддат аз ҷой баланд шуду гӯё бо қозӣ ҷанг мекарда бошад, дастакзанон бо садои баланд фарёд зад.

-Охи чӣ бигӯм, оғо, и рақам шармандагира чӣ турӣ ошкор кунум, ки писар зани падара таҷовуз мекуна ва падара ба қатл мерасона!

-Байтулло амиёли куҷост?? - пурсид қозӣ.

-Ҳамиҷост, дар хонаи бародарум, хайру худоии падарша ҷӯр мекуна.

-Сарбоз! - фарёд зад қозӣ, бо худ силоҳ бигирен ва оҷилан ба манзили Ҳашматулло биравену Байтуллора ба дафтари ма ҳозир кунен!

-Хонум, ту озодӣ, метонӣ бирӣ, - гуфт қозӣ ба Фаришта ва мӯйлабҳои борикашро хушҳолона тоб дод. Аз давиданаш ба утоқи дигар маълум мешуд, ки оғо ба ӯ пули хубе додаст.

Фаришта дастҳои аз кори рӯзгори шахшули Хадичаро

бӯсиду ба дидаҳояш молид.

-Хубии шуморо ҳеҷ гоҳ фаромӯш намекунам, ҷони маро харидед, Худо шуморо нигаҳбон бошад!

Марворид пушт ба Фаришта аз дафтари қозиёт берун шуд. Аз он ки дар ду рӯз ҳам бародару ҳам бародарзодаашро аз даст медиҳад, мотамзада буд.

Фаришта аз ҳавои тозаи ин рӯзи зимистонӣ, ки офтоб ҳам наметавонист сардиашро бишканад, ҳарисона нафас мегирифт. “Худоё, беадад шукр ба даргоҳат, чӣ қудрати бузург дорӣ, ки инсонро то дами марг мебарӣ ва агар нахоҳӣ дами теғро ба пушти теғ бадал мекунӣ!”

-Маро ба хонаи Алтанхотун бубар, мехоҳам духтарамро бубинам, - гуфт ба оғо, ки ӯро бағал карду дар сандалии пуштии мошин нишонд.

-Бача ба муроқибати вежа ниёз дора, хотун гуфт, ки норасида ба дунё омада, хеле заъиф аст. Ту ҳам доктар кор дорӣ.

-Барои ман роҳаттар аз хонаи хотун ҷойе нест, лутфан маро ба он ҷо бубар...

-Ҳар рақам, ки бихой, гуфт оғо бо дили нохоҳам ва мошинро рӯшан кард.

Алтанхотун Фариштаро диду аз шодӣ ашк рехт. Сару рӯи ӯро навозиш карду дасташ якбора ларзид.

-Мӯҳот сафед шуда...

Фаришта маҳзунона лабханд зад. “Ман то дами марг рафтаму баргаштам хотунҷон!”

Хотун торҳои сафеди мӯи қатронии Фариштаро бо нӯги ангушт навозиш кард ва дилаш аз ғусса реш реш шуд. “Чӣ бояд бикашӣ, ки мӯят дар як шаб мисли барф сафед шавад?”

-И уштука бин, ном Хода, иқада мақбул шуда! Алтанхотун мавзӯъро дигар карду кӯдакро ба бағали Фаришта гузошт. Бачат олиям исм надара, номша чӣ меманӣ?

Фаришта кӯдакро боэҳтиёт бағал карду аз гунаҳои

махмалинаш бӯсид.

-Духтари қашанги ман исм дорад, измит зебое ҳам дорад. Дар батнам буд, ки исмашро интихоб кардам. Номаш Гулиноз аст.

-Гулиназ, машаллаҳ, исми мақбул аст, ба худуш мезеба. Бача нарасӣ таваллуд шуда, амма намегӣ нарасӣ буда, рӯз та рӯз бузургтар меша. Иштиҳаш ам хуб шуда, машаллаҳ.

Фаришта бори аввал ба чеҳраи кӯдакаш зеҳн монд. Кӯдак бо пусти махмалин, холи бари рухсор ва мӯйҳои чун қатрон сиёҳи нусхаи оғо буд, вале димоғи нозук, лабҳои пурра ва мижгонҳои чапгараштаро аз модар мегирифт.

Парпечро боз кард ва аз сар то пойи ӯро бӯсид, мисли арӯсак зебо буд кӯдакаш, дилаш аз як эҳсоси бузург лабрез шуд. Фаришта хоҳарони кӯчакашро худаш бузург кард, онҳоро дӯст медошт, аммо эҳсосе, ки нисбат ба ин кӯдак дорад, чизи дигар аст. Соатҳо аз ӯ чашм намеканд. Бо лабханди тасодуфии ӯ механдид бо гиряҳояш ашк мерехт.

-Фариштаҷан, бачем, ту и уштука дастамуз кадӣ, валла дига дар замин наход хав кад.

-Алтанхатун чаро Гулиноз шаб рӯз хоб аст, мабодо мариз шудааст?

-Чизеш нест, уштук дар хав ҷан мегира, бузург меша, али чиллаш бурояи, ана баъд барет хав намегузара. Амиёли, ки хав дора, турам сар ба балишт бигзар.

Алтанхотун иҷоза намедод, ки Фаришта аз ҷой баланд шавад. Бо фарорасии сармо субҳона ва чошти келинҳои хотун аз хонаи калон таъмин мешуд. Хотун акнун келинҳояшро дер-дер медид ва бештар аз Фаришта мерасид, ки заъфи зоймони барвақтӣ ва сардиҳои зиндон саломатиашро зайиф карда буд. Қумғони рӯи бухорӣ пайваста меҷӯшид ва Алтанхотун рӯзе чанд дафъа барои Фаришта асалчой омода мекард, то пистонҳояш бешир намонанд. Дар ҳавои сард, бо пойҳояи дардмандаш ба ошпазхона мерафт, атола мепухт, пӯшакҳои бачаро мешӯст

ва барои Фариштa бо сад гулу гиёҳ ҳаммом гарм мекард. “Худоё, ба ман фурсат бидеҳ хубиҳои хотунро баргардонам”, ба худ мегуфт Фаришта ва дилаш аз эҳтиром ба ин зани меҳрубон, ки дар ғамхорӣ камтар аз модар набуд, лабрез мешуд.

Хола Наврӯз ҳам рӯзе ба меҳмонӣ омад, шармрӯ буд. Медонист ки нохудогоҳ Фариштаро ба бадтарин имтиҳон гирифтор кард, аммо ҳар бор даҳҳо тавҷеҳ меоварду мегуфт:

- Агар пойи Байтуллоҳи лавда дар миён намебуд, ҳама кор дуруст мешуд.

Кӯдаки Фариштаро ба даст гирифту чашмонаш аз ҳайрат бузург шуданд.

- Фаришта бо и уштук зинҳор ба хонаи калон нару, валлоҳ танҳо аблаҳ наход фомид, ки и уштук аз камари оғост. Туба, туба, оғо дар замони уштуки нусхаи Гулиноз буд!

Оғо дигар пайдо нашуд, аммо Шопур рӯз дар миён меомаду ҳазор нушу неъматро ба рӯи дастрхони Алтанхотун мерехт, барои Фаришта доруву дармон ва барои бачааш сару либос меовард. Бо тараҳҳум ба онҳо ва кулбаи бечораҳолонаи Алтанхотун нигоҳ мекарду мерафт.

-И аға адами баде набудаст, аз шума мурақибат мекуна. - гуфт Алтанхотун, ки либосҳои парпарии кӯдаконаро аз кулвори овардаи Шопур берун мекард. -У саҳар, ки тура пулисо бурдан, ма ба ханаш рафтум, хав буд, бареш тавзеҳ додум, ки чара Фаришта бо Ҳашмат орусӣ кад, гуфтум, ки и уштук аз камари ту шуда. Ҳайран шуд, гуфт чира кулли ин ҳарфара ба ма барвақтар нагуфтӣ? Чира Фаришта хамӯш буд? Бареш гофтам ҳали наҷат бите и ғарибара, аз зиндан халас, ки шуд , пасон и суалара ай у пурсан ку.

-Худо хайрат диҳад Алтанхотун, ин ту будӣ, ки маро наҷот додӣ, вагарна он шаби сард дар остонаи дарат мемурдам. Ман бачаамро ростӣ аз даҳони гург берун овардам, агар дарро боз намекардӣ, тифлакам аз даст мерафт.

-Духтари хул..., он гург нигаҳбони ту буд... гуфт ногаҳон аҷуза ва тани наҳифашро, ки акнун хурдтару бориктар шуда, аз берамақӣ шабеҳи қолаби инсон буд, аз тушак бардошт.

– Бачаро ба ман бидеҳ, - гуфт.

Фаришта илтиҷоомез ба Алтанхотун нигоҳ кард.

-Нигаран набаш, ӯ аз ману ту када аз уштук беҳтар муроқибат мекуна, бареш қувва мета, -гуфт бо мулоимати хотун.

Кӯдак дар бағали модараш ҳамеша хоб аст, аммо дар бағали аҷуза дасту почак мезанад, чашмонашро боз мекунад ва садоҳое мебарорад. Ҳар бор ки аҷуза кӯдакро ба даст мегирифт, хоби гароне вуҷуди Фариштаро беҳол мекард ва ӯ соатҳо сар аз болишт барнамедошт.

Рӯзҳо пушти ҳам бад-ин минвол гузаштанд ва яххҳои бомҳо об шуданду дарахтон муғча бастанд. Фаришта сиҳат шуду аз ҷой бархост ва кӯдакаш ҳам ҷон гирифту акнун “иғу биғ” мегуфту бо забони худ тарона мехонд. Модарашро мешинохт, бо ӯ лабханд мезад, пистонашро сар намедод, аммо аҷузаро медиду мисли гунҷишк ба сӯяш қанотак мезад. Бачаи Фаришта панҷмоҳа мешуд.

Ҳавелии Алтанхотун бо дарахтҳои гулафшон ва хониши мурғакон, ки акнун аз маконҳои гарм баргашта, зиндагии наверо оғоз мекарданд, таровати тоза мегирифт. Аҷуза ҳам ба макони дӯстдоштааш, ба зери дарахти сада кӯч баст. Ӯ акнун соатҳо чангу доира мезаду бо пирҳояш “ваҳдати вуҷуд” мекард ва баъд мисли ғуки баҳорӣ дасту пояшро меёзонду рӯ ба офтоб ба пушт мехобид.

Дар яке аз ин рӯзҳо Шопур омад.

-Оғо тура соати ду баҷа дар пеши ҳисор интизор ход буд, гуфт, уштука бо худ биёрӣ...

Фаришта аз хушҳолӣ бол даровард. Кудакро ба Алтанхотун доду мӯйҳои худро бо гулоб шӯст, беҳтарин пероҳанашро ба бар кард, ба чашмонаш сурма кашид ва бачааш сари даст ба сӯи ҳисори аспҳои оғо шитофт.

Оғо Шабдизро бо худ овард. Ӯ Фариштаро дуру дароз бӯсид ва кӯдакро боло сараш бардошт.

-Эй шайтонак, бари худ нусхаи мана сохтӣ, ба хату холаш сайъ ку, мага шабеҳи ман нест? Гулиноз гоҳ ба риши оғо панҷа мезад, гоҳ ба ёли Шабдиз. Асп шояд одами ба ин кӯчакиро бори аввал медид, ки дастони ӯро бо эҳтиёт мебӯид.

-Диди Шабдиз, и мақбулак духтари нози ман аст. Қалби Фаришта аз ифтихору хушбахтӣ метапид.

-Исмаш Гулиноз аст...

-Медонам, гумон кади ма бехаёли духтарам шудам? На хайр, ма дар бораи шумо ҳама чира медонум, танам он ҷо буду қалбам ин ҷо.

-Роша, Шабдиз, Гулиноза ба у маконе бубар, ки бобову нанаш бареш зиндагӣ додан.

Оғо аз дидори Фаришта ва тифлакаш он қадр хушҳол буд, ки ҳардуро мебӯсиду навозиш мекард, ангор ҳеҷ гоҳ ба ин андоза хушбахт набуд.

-Чаро ба ман нагуфти, ки бордор шудаӣ, чаро ира пинҳон кардӣ? Мага ман бари ту бегона будум? Охи ба кадом ақл ба кокои ма арӯсӣ кадӣ?

-Оғо, ман ба ин пурсишҳо посух надорам, агар мешуд замонро пас гардонд, ҳеҷ гоҳ ин аблаҳиро намекардам. Он шабу рӯз якбора нопадид шудӣ, ман танҳо мондам, дар як кишвари бегона, дар як муҳити носозгор, дигар чорае надоштам, магар ба машварати хола Наврӯз гӯш диҳам. Ман дигар он Фариштаи пешин нестам, ман ҷаҳаннамро бо чашми худ дидам... Ту дигар ин суолҳоро аз ман напурс...

-Гули нози ман, ҳамаи бадбахтиҳоятро ҷуброн мекунам, дигар иҷоза намедиҳам, ки дар хонаи хотун бимонӣ, ҷойи ту хонаи ман аст, ҷойи ту қалби ман аст. Ба андозаи як дунё дӯстат дорам...

Сайри таҳдашт ва суханҳои ширини оғо Фариштаро ба зиндагӣ баргардонд, ҳарчанд дарк мекард, ки дар хонаи

калон на ҳама чиз ба оғо вобаста аст. Оғо аз Маҳваш метарсад ва аз Зарандуд ҳарос дорад. Хола Наврӯз мегуфт, Зарандуд ба ҳамсари хурдии оғо тӯҳмат зад, ки бо писарандараш робита дорад ва ӯ ҷомадонашро бардошту батамом аз хона рафт. Бо вуҷуди ин Фариштa исрорҳои Алтанхотунро рад карду озими бозгашт ба хонаи оғо шуд.

Хотун кӯдакро бағал карду бо алам гирист.

-Ма ай и рафтани ту ҳиси хубе надарам, бачем, бо ма биман, мага иҷа хушҳал нестӣ?

-Хотун бачаро ба ман бидеҳ. Аҷуза дастони шабеҳи чӯби ғӯза хушку қаҳварангашро ба сӯи Алтанхотун дароз кард.

Кӯдак аз хушҳолӣ бол даровард ва ба хармуҳраҳои гардани аҷуза часпид. Бағали аҷуза барои ӯ беҳтарин бозигоҳ буд.

Шопур дар дами дар бесаброна равуо дошт ва ҳар дам ба Фариштa ишора мекард, ки зудтар берун барояд. Билохира тоқаташ тоқ шуду мошинаш баланд буғ зад.

Фариштa Гулинозро бо аҷала аз оғӯши кампир берун кашид, кӯдак чиррос мезаду дасти аҷузаро сар намедод.

-Духтари парии обӣ, диқ наку, ту ҳамеша бо ман мемонӣ. Лабханди мармузе дар лабони аҷуза зоҳир шуд ва ӯ оромона дасти кӯдакро аз панҷаҳои худ раҳо кард.

Барои Фариштa, ки акнун беваи Ҳашмат-оғо ба ҳисоб мерафт, дар хонаи оғо ҳуҷраи муҷаҳҳазе омода карданд. Чашмони Маҳваш аз косахонаи сараш даромад ва Зарандуд чун мор дар атрофи ҳуҷраи Фариштa мехазиду ором намегирифт.

-Чиро ба хонаи шуҳари марҳумаш намера? Чида да и хона чамбарак зада?- мегуфт ва оташи хашми Маҳвашро бештар мекард. Фариштa номи хонаи Ҳашмат-оғоро шунидан намехост ва хоҳиши Марворидро, ки мегуфт ба хонаи худ баргардад, хона бо ҳамаи мону манолаш ҳақи ҳалоли Фариштa ва бачааш аст, рад кард. Ӯ аз туҳмате, ки Фариштаро то пойи дор бурд, эҳсоси гуноҳ мекард ва

сандуқи сару либос ва ҷавоҳиротро, ки Фаришта дар хонаи Ҳашмат-оғо ҷо гузошта буд, баргардонд.

-Дар и замон кадом одами боақл аз мерос даст мекаша, - сарзаниш кард хола Наврӯз, - амиёлиям дер нашуда, бура хоната соибӣ ку.

-Издивоҷам бо Ҳашмат-оғо аз аввал иштибоҳ буд, хола, ман ӯро фиреб додам, ҳоло ҳам азоби виҷдон дорам. Агар бо ӯ арӯсӣ намекардам, шояд ҳоло зинда буд. Шабҳо ба хобам меояд, чизе намегӯяд, дуру дароз ба ман зул мезанад ва нопадид мешавад. Худо маро бубахшад...

Хола гунаҳкорона сар такон дод, аммо баъди сукути кӯтоҳ, хоки Ҳашмату хонаводаашро бо элаки худ бехт.

-У ришсафеди лавдара паймонаи умруш пур шуда буд, ага ту намебудӣ, худо ҷонша бо як сабаби дига мегирифт, худа азият накун, уқа одами хубе набуд..., мисли ами додарзодаи занбозаш, ки тура ба и рӯзо гирифтор кард!

Фаришта хомӯшона ба ҳарфҳои хола розӣ мешуд. Оғо ӯро ба хонааш ҳамчун ҳамсари Ҳашмат-оғо овард ва ба аҳли хонавода дастур дод, ки аз "беваи коко" муроқибат кунанд. Дар ҳузури мардум ба Гулиноз нигоҳ намекунад, вале дар танҳоӣ сару рӯяшро мелесад ва духтари нози ман мегӯяд. Гоҳо шабона аз хона берун меравад ва вонамуд мекунад, ки то саҳар барнамегардад ва баъди хобидани аҳли хонавода аз роҳи дигар ба ҳуҷраи Фаришта меояд ва чанд соатеро бо онҳо хуш мегузаронад. Мегӯяд, ки танҳо дар ин ҳуҷра эҳсоси хушбахтӣ мекунад. Аммо Фаришта хушбахт набуд. Ӯ аз ин васлҳои нимашабӣ метарсид, метарсид, ки ин роз билохира ошкор ва рӯзаш сиёҳ мешавад.

Хола Наврӯз ҳам ағлаб ба ӯ ёдрас мекард, ки зимоми сарнавишташро ба дасти худ бигирад.

-Бубин духтар, ту хо дигар канизи зархарид нестӣ, беваи як марди сарватманд шудӣ, ай оғо талаб кун, ки тура ба ватанут баргардона, фомидӣ? Хонаи оғо бари ту як донаву сад дом дора, як рӯз не як рӯз ба сурут бало меора. Надидӣ,

ки Зарандуд холи бари рӯи Гулинозро диду мисли мор ба худ печид?

Фариштa худаш ҳам дар ин хонаи пур аз дому тазвир роҳат набуд. Шабҳо бачаашро бағал мекарду то рӯз ба замин намегузошт, аз ҳар садо ба ҳарос меомад, васвосӣ мешуд. Аммо ба оға чизе намегуфт, намехост нороҳаташ кунад.

Мушкил рӯзе худ ба худ ҳал шуд, ба шевае ҳал шуд, ки Фариштa интизорашро надошт. Як субҳи тобистон, касе ба дари хонаи оға бо исрор мушт зад, Шопур дарро боз карду се марду як занро ба думболи худ ба саҳни ҳавлӣ овард. Яке аз мардҳо либоси низомӣ дошт ва бинобар чеҳраи сабзинааш, аз мардуми маҳаллӣ буд, ду марди дигар мисли мақомдорон короват зада буданд ва куту шалвор доштанд. Зани сафедпӯсти малламӯй, ки зоҳиран фарангӣ буд, дар тан шалвору болопӯш ва дар сар русарии норинҷӣ дошт. Шопур ҳаш-ҳашкунон аз зинаҳои баланди сохтмони оға баланд шуд, то ӯро аз омадани меҳмонҳои нохонда огоҳ кунад. Занҳо аз дари ошпазхонаву панҷараи сохтмон калла мекашиданд ва бо кунҷковӣ меҳмонҳоро тамошо мекарданд.

Оға хушлибос билофосила ба дидани меҳмонҳо наомад. Гӯё ҳар рӯз даста-даста зану марди хушлибос аз ӯ зиёрат мекарданд, ки баъди ним соат бо салобати ҳамешагиаш ва бо оромӣ аз паллаҳо пойин шуд. Ба мардҳо даст доду меҳмони занро танҳо “хуш омадед” гуфт ва суоломез ба онҳо нигоҳ кард.

-Гулоға сайиб, ин ду нафар намояндаи Тоҷикистон астан ва ин хонум ҳам аз Салиби Сурх омада... гуфт, марди низомипӯш бо узру маъзарат.

Бо заковате, ки оға дорад, танҳо калимаи Тоҷикистон кофӣ буд, ки ӯ ҳадафи омадани меҳмонҳоро дарк кунад.

-Инҳо чӣ мехоян?- гуфт ӯ бо ахмҳои гирифта. Марди низомӣ варақеро аз пӯша берун овард.

Талаб доран, ки табааи кишварашон хонуми Фариштa Сафаруворо ба онҳо таслим кунӣ...

Оғо тамасхуромез лабханд зад, аммо пӯсти сафедаш дар пеши назари меҳмонҳо чанд дафъа ранг иваз кард, мисли анор сурх шуд ва мисли девор сафед.

-Аз куҷо фомиден, ки и хонум дар и хона зиндагӣ мекуна? Ира кӣ ба шумо гуфта? - омирона пурсид ӯ.

-Касе ба сафорати Тоҷикистон нома зада, гуфта, ки шумо и занакара иҷборан дар и хона ҳабс каден. Марди низомӣ бо оғо гӯшакӣ мекард, то дигарон нашнаванд.

Оғо мушти дасти росташро башиддат ба кафи дасти чапаш зад ва пушт ба меҳмонҳо ба гӯшаи дигар ҳавлӣ рафт. Зери лаб номанависро мазаммат мекард. Аз Фариштa гумонбар набуд, хулқу атвору зарфиятҳои ӯро хуб медонист. Сар бардошту чеҳраи Маҳвашро пушти панҷара дид, ки аз зери чодар ба оғо нигоҳ мекард. “Ин кор аз ту баъид аст, номаро нафари аз ману ту зарангтар навиштаст.”

Оғое, ки бо ҳама забон меёфт ва дили ҳамаро ба даст меовард, акнун дар баробари як амали ногузир ва аз тасаллуташ хориҷ нороҳат буд.

-Гулоға сайиб, и мардум вақти зиёд надоранд, лутф кунену, аму хонуми тоҷикира садо кунен, биген, берун буроя..., шумо хо намехоен, мунасибати ду давлата хароб кунен...

Оғо ин таҳдидҳоро намешунид. Ӯро ин эҳтимол, ки дигар Фариштаро ҳеҷ гоҳ намебинад, карахту пакар мекард.

-Оғо, мардумро зиёд манъ накунед, хубӣ надора...

-Кӣ гуфт, ки и хонум хоҳиши баргаштан дора, ма ҳамчунин ҳарфера бори аввал мефомум? - гуфт ӯ ниҳоят.

-Барои и ҳарфо дига як зарра дер шуда... сафорат барош поспурт ҷӯр када, ҳамватанош, хоҳару биродарош хабар доран, ки и зан зинда аста, аз мо мехоян ки ура илло кунем, аз мансабдорошон талаб мекунан, ки ура ба ватан биёран. И коро хо ба и содагӣ нест..., кореш намешава кад.

-Агар и хонум нахоҳа, касе ҳақ дора ура маҷбур ба ватануш баргардона?

-На...ҳақ надора.

Чеҳраи оғо каме кушода шуд.

-Фаришта... ӯ ба ҷамъи занҳо нигоҳ кард, ки аз соати расидани меҳмонҳои нохонда гоҳ дар як гӯша ҷамъ мешуданд, гоҳ дар гӯшаи дигар.

Фариштa кӯдак дар бағал ва буғчае дар даст аз дари ошхона берун омад. Дар тан пероҳани панҷобӣ ва дар сар чодари осмониранг дошт. Гӯё барои ин сафари деринтизор кайҳо омода буд. Ҷисмаш баъди зоймон пурра ба ҳолати пешина баргашта, бо вуҷуди заҷрҳои кашида, аз ҳусни модарзодаш заррае кам нашуда буд.

Оғо ба зани хизматгор ишора кард, ки кӯдакро аз дасти Фаришта бигирад. Сафири тоҷик баробари дидани Фаришта ба тарафи ӯ давид.

-Худоро шукр, ки пайдо шудӣ, хонаводаат дар ҷустуҷӯи ту ай пой афтод. Чаро як бор аз худ дарак надодӣ? Сафир бо аҷала аз ҷайбаш шиносномаи обирангро берун оварду бо ифтихор ба Фаришта супурд.

-Мо ин рӯзро аз замони нопадидшуданат интизор будем, медонам хеле заҷр кашидӣ, аммо дигар ҳамааш тамом шуд, ин поспурт роҳи туро ба ватан боз мекунад ва ба дидори азизонат мерасонад. Муборак бошад!

Фаришта ҳаяҷонӣ шуд, шиносномаро бӯсиду ба синааш пахш кард ва бо дастони ларзон саҳифаи аввалашро кушод. Аз шиноснома Фариштаи ҳаждаҳсола бо чашмони орӣ аз заҷр ва чеҳраи мотамнадида ба Фариштаи акнунӣ, ки тамоми мусибатҳои кашидаашро мешуд аз оинаи чашмонаш хонд, нигоҳ мекард.

-Ин аксро аз куҷо гирифтед?

-Аксро холаат фиристод, хеле барои пайдо карданат заҳмат кашид, холаат ва Рашид. Идорае намонд, созмоне намонд, ки онҳо муроҷиъат накарда бошанд. Рашид Салиби Сурхро ба по хезонд, онҳо туро дар чандин вилоят ҷустуҷӯ карданд, аммо пайдо нашудӣ. Дар бораи инҷо буданат, ба мо

тасодуфан кадом хайрхоҳе навишт, нома беимзо буд, аммо кори хубе шуд.

Фаришта, лутфан аҷала кун, ҳамин ҳоло бояд ба роҳ барой, мо туро то фурӯдгоҳи Кобул мебарем. Ғамҳоят тамом шуд, дидори азизон дар пеш аст!

Қалби Фаришта аз шодӣ дар синааш намегунҷид, аз ин пешомад, ки ҳамин рӯз ба дидори азизонаш мерасад, шодикаф мешуд.

Оғо суҳбати ду тоҷикро аз дур назора медиду бетоқатона дар саҳни ҳавлӣ қадам мезад, гоҳ ба ришу чонааш даст мебурд ва гоҳ панҷа ба мӯйҳои фирфириаш мезад. Аз ин нигарон буд, ки сафир Фариштаро барои бозгашт ба ватан таҳрик медиҳад.

-Фаришта... пешам биё...

Фаришта бо дили нохоҳам дар рӯ барӯ оғо қарор гирифт. Шиносномаи обӣ ҳамоно дар сандуқи дилаш буд ва чашмонаш аз шодӣ барқ мезаданд. Оғо ноумед шуд, ӯ ҳеҷ гоҳ Фариштаро ба ин андоза хушҳол надида буд, ҳатто замоне, ки аз зери чӯби дор берунаш овард.

Асабонияту нороҳатӣ ба ҳама намезебад, аммо ба ҳусни оғо зам мекард. “Худоё, чаро ин мардро чунин зебову афсунгар офаридӣ, ки бо як нигоҳ муқаддастарин хоҳишҳоямро ба нестӣ мебарад!”

-Фаришта, худат медонӣ, ки чӣ қадар вобастаат шудам, дӯстат медорам, дурии туро то хонаи Алтанхотун наметавонам таҳаммул кунам, чӣ бираса ба як сарзамини дига, ки шояд ҳеҷ гоҳ якдигарро набинем... Ном Худо, пуштама холӣ накун...

Фаришта лол шуд. Қотеияте, ки як лаҳза пеш тамоми вуҷударо фаро гирифта буд, гӯё дуд шуду ба осмон рафт. Боз дар ҳамон дуроҳае қарор гирифт, ки як роҳаш ба сӯи таҳдашт мебарад, роҳи дигар ба сӯи ватан.

“Духтари беирода, ақлат куҷост, магар ту набудӣ, ки мегуфтӣ агар як бори дигар модарамро бубинам, дигар армон

надорам, пас бардор бору бандатро ва ба роҳ баро!” Чашмаш ба хола Наврӯз афтод, ки бо ишораи сар “буру” мегуфт.

-Маъмур сайиб, лутфан як лаҳзи ин ҷо биё, сайъ ку худи хонум чӣ мега, у нагуфта, ки аз ин ҷо ход рафтан.

Марди низомӣ дуртар аз меҳмонҳои дигар бо Фаришта суҳбат кард..

-Бубин хонум, иҷа ҳама мардуми масъул ҷамъ шуда, мехойуму намохойум намеша, и рақамӣ намеша. Ошкоро бигӯ, ки азми рафтан дорӣ ё мехой иҷа бимонӣ?

Фаришта сокит буд.

-Оғо мега, ки тура аз иҷа хушат мейод ва рафтан намехойи, дуруст мега? Шиноснома дар кафи Фаришта арақ кард.

-Ба назди хонаводам бармегардам... гуфт ӯ бо овоз нимшунаво.

Абрувони марди низомӣ аз ҳайрат боло шуданд.

-Гулоғо сайиб, пеш аз и ки мардума ба ҳарфат мутмаин кунӣ, лоақал аз и хонум мепурсидӣ, ки дилуш чӣ мехоя. Ӯ даст афшонду ба назди меҳмонҳо баргашт. Сафири тоҷик бо асабоният сигор мекашид.

Оғо аз хиҷолат сарафканда шуду лаб зери дандон гузошт, то ҳарфи дурушти аз забонаш берун наояд.

-Фаришта? И чӣ рақам ҳарф буд, ки ба моъмур гуфтӣ? Ту хо лофи ишқу садоқат мезадӣ, пас у ҳарфо ҳамаш дурӯғ буда? Ҳарф бизан, чаро чуп шудӣ!?

Хола Наврӯз аз беҷуръатии Фаришта ба хашм меомад ва ҳар лаҳза бо ишораи сар “буру” мегуфт

Таъсири ишораҳои хола буд ё бетобиҳои сафир, ки Фаришта нафаси амиқ кашиду оҳиста ба гап даромад.

Оғо... оғои дили ман, ман ҳеҷ касеро дар ин дунё ба андозаи ту дӯст надоштам, рӯзҳое, ки бе ту гузашт, бадбахтарин рӯзҳои умрам буд. Ман 31 сол дорам, як сол агар 366 рӯз бошад, метавонӣ ҳадс бизанӣ, ки чӣ қадар рӯзҳоям бе ту ҳадар рафтанд. Ба ту дил бастам, дар набудат

бо рӯъёи ту ишқ варзидам.

Аз ин воқеъаят, ки дигар туро намебинам, дилам сад пора мешавад. Аммо бояд баргардам, ниҳоли умри ман дар хоки сарзамини ту ҳеҷ гоҳ реша намегирад. Ман ин ҷо як ғарибаам, решаҳоям дар он сӯи рӯдхонаи Омӯянд. Бигзор биравам ва боқии умрро бо хотироти ширине, ки аз ту дорам, сипарӣ кунам. Ҳеҷ гоҳ фаромуш намекунам, ҳамеша ошиқат мемонам...

Ашк дар чашми оғо ҳалқа зад. Агар ӯ то ҳол умед дошт, ки розӣ кардани Фаришта содалавҳ кори душвор нест, акнун дарк мекард, ки дигар ҳеҷ чиз мисли гузашта нахоҳад буд. Фаришта кайҳо аз чангаш раҳо шудаст.

Ноумедиаш ба ғазаб табдил шуд ва бо қаҳр аз Фаришта рӯ гардонд

-Моъмур сайиб, ага и хонум дилгармие дар хонаи мо надора, маҷбурӣ хо нест, роҳаш боз аст, - аммо бача иҷа мемона, қонун хо ҳаст, кӯдак табаи ин кишвар аст! Модаруш табааи кишвари худ аст, метона баргарда, аммо уштук дар и мамлакат мемона! Оғо қарори худро бо садои баланд ва ба ҳама шунавонда эълон кард.

Сукути ваҳшатноке ҳавелиро фаро гирифт, маҳмонҳо бо таассуф ба якдигар нигоҳ карданд.

-Оғо, туро ба Худо ин корро бо ман накун... Магар намебинӣ, ки ман ин ҷо бадбахтам..., агар то ҳол намурдам, танҳо ба хотири Гулиноз аст. Ӯро аз ман бигирӣ, маҷбурам ин ҷо бимонам, аммо ғуссаи дурӣ аз ёру диёр маро билохира мекушад... Бимон мо биравем, ту медонӣ, ки ман бе духтарам ба ҷойе намеравам. Хола Наврӯз, бачаи маро биёр!

-Ҳеҷ кас ҳақ надора уштука ай хона берун бурора, фомиден!?

Фаришта беҳолона ба замин афтид. – бачаамро биёред, бачаамро биёред... мегуфту шабеҳи гаҳвораҷумбон ба ҳар тараф такон мехӯрд.

Гулоғо сайиб, ҳарфи шумо дуруст аст, - бо мулоимати

шурӯъ кард сафири тоҷик, - бача табааи кишвари шумост, аммо аз рӯи инсоф нест, ки кӯдаки ширмака аз модараш ҷудо кунед.

-Ҳамин ки гуфтам, бачаи аз и сарзамин берун намеша!

Фиғони Фариштa ва гиряи кӯдак, ки дар дасти хола Наврӯз почак мезад, ҳавлиро пур кард. Меҳмонҳо маъюс шуданд, зани малламӯй Фариштаро аз замин бардошту ашкҳояшро бо нӯги рӯсарияш пок кард.

-Фариштa, шояд аввал шуморо ба Тоҷикистон расонем ва баъд барои баргардонидани кӯдак талош кунем? Созмонҳои байналмилалиро миёнҷӣ мекунем, ҳукуматҳоро сафарбар мекунем, чӣ гуфтед? - гуфт ӯ бо нармӣ.

-Ман бе кӯдакам аз ин кишвар хориҷ намешавам, зорӣ мекунам, тавалло мекунам, роҳашро пайдо кунед, маро бо бачаам ба ватан баргардонед...

Меҳмонҳо дар гӯшае ҷамъ шуда, хеле машварат карданд, сипас ҳамон зани фарангӣ Фариштаро ба гӯшаи дигари ҳавлӣ бурд, то муҳтавои суҳбат ба гӯши дигарон нарасад.

-Ба назди бачаат баргард, мо бояд одамҳоеро пайдо кунем, ки ҳарфашон ба оғо мегузарад. Ҳама талошамонро ба харҷ медиҳем. Мувозиби худату бачаат бош, азизам, -гуфт он зан ва сари Фариштаро бо тараҳҳум навозиш кард.

Меҳмонҳо рафтанду ҳавлӣ холӣ шуд. Фариштa ноумедона аз паси онҳо нигоҳ кард, дилаш гувоҳӣ медод, ки ин одамҳо дигар барнамегарданд. “Кӣ аз ҷонаш безор шудааст, ки бо ин оғои сарватманд, ки ҳар киро бихоҳад мехараду мефурӯшад, сар ба сар шавад!? Ман кӣ ҳастам, ки ватанам ба хотири раҳоиям бо ҳамсоя мунозира кунад? Ту ин ҷо мондагор шудӣ, Фариштa, ту дур аз ёру диёр дар ин ғамкада агар аз заҳри занҳои ҳасуд намирӣ, яқин аз ғусса мемирӣ ва духтаракат умре дар ошпазхона чӯрии ин хонадон мешавад.” - ин андешаҳои мантиқӣ пеш аз омадани меҳмонҳо низ дар зеҳни Фариштa чарх мезаданд. Бовар надошт, ки оғо даст аз сари ӯ бардорад, акнун бешак дарк

мекард, ки агар мурдааш аз ин хона бадар нашавад, зиндаашро раҳо намекунанд.

Баъди ин ҳодиса ӯ хомӯшу андешаманд шуд, кам ҳарф мезад, духтарашро соатҳо ба синааш пахш мекард ва ба як нуқта хира мешуд. Ӯ роҳи фирор аз хонаи оғоро меҷӯст. Хола Наврӯз барои фирор ҳамдасти хубе набуд, танҳо як нафар метавонист ба ӯ кумак кунад -Зарандуд!

Зарандуд худаш ба думболи Фаришта омад.

-Саҳнаи биравам наравами тура аз дур тамошо кардум, хеле ҷолиб буд, мисли филмҳои ҳиндӣ, - гуфт ӯ бо тамасхур.

-Ман аз оғоз медонистум, ки ту аз оғо бордор шудӣ ва он орусии аҷулона фақат ба хотири рӯпуш кардани ҳомиладорит буда. Ба ҳунари коргардонии хола Наврӯз бояд қоил шуд, ҳатто Истивен Испилберг ба пояш намерасад!

-Ту аз ман чӣ мехоҳӣ? Зарандуд кароҳатро дар садои Фаришта эҳсос карду лабонаш аз ғазаб фишурда шуданд.

-Мехом ин ҷа набошӣ, мехом биравӣ, ба ҳар харобкадае, ки дилут меход, мехом гумном шавӣ, мисле, ки аслан ин ҷа набудӣ. Зарандуд лабонашро ба гӯши Фаришта назик овард, нафасаш сӯзанда буд.

-Кӯмакат мекунам, ки бо уштукат аз ин ҷо гум шавӣ. Хаёл накун, ки ма и кора аз дилсӯзӣ барет мекунум, дили ма ба ҷуз худум ба касе намесӯза. Оғо то ҳол танҳо моли ма буд ва моли ма мемона! Ҳиҷ ба худ суол кадӣ, ки оруси охири оғо куҷо шуд? Ҳеҷ ба худ суол кадӣ, ки чира Жило хул шуда? Олиям ага нафомида бошӣ, пас бидон, ҳар кӣ сари роҳ ма сабз шава, рӯзаш сиёҳ меша...

-Чӣ турӣ кумакам мекунӣ?

-Бубин духтар, манофеъи мо нохудогоҳ баҳам омада, ту мехой ба ватанут баргардӣ, ма мехом рехти тура набинум..., кӯмакут мекунум, барет мошин ҷур мекунум, пайсашам метум, ки тура то марз бубара, ун тарафуш кори худут, чӣ рақам ки биҳоҳӣ ба ватанут буру.

-Наметарсӣ, ки оғо буфома ҷазот мета?

-На хайр, оғо аз куҷо мефома, ага ту ба ӯ хабар надӣ, ту хо девона нестӣ? Ё ҳастӣ?

…

-И ма будум, ки ба сафорати кишварут нома задум, ва илло ту дар и хона мемурдӣ ва дига рӯи нана бобота намедидӣ!

-Ангор бадхоҳит ба фоидаи мо буда...

-То ду-се рӯзи дига ронанда пайдот мекунум, бояд нимашаб аз и хона берун шавӣ, то оғо нафома ва ба думболут нарава.

-Аз ин дарвозаи баланди пур аз нигаҳбон чӣ рақам берун мешавам?

-Дар қиссаи нигаҳбонҳо набош, унаш бо ман.

Ҳарфҳои ин зани заранг Фаришта бештар дарунгаро кард. Аз фирори нимашабӣ меандешиду аз тарс меларзид. Мехост аз хола машварат бигирад, аммо истиҳола мекард. Хола ба Зарандуд эътимод надорад ва эҳтимол ӯро аз ин сафар мунсариф мекунад.

Ду се рӯзи ваъдагии Зарандуд ба андозаи ду-се сол тӯлонӣ буд. Об аз гулӯи Фаришта намегузашт.

Оғо аз рӯзи омадани меҳмонҳо худро аз Фаришта канор мегирифт. Ӯро дар ҳавлӣ медиду, роҳашро дигар мекард, аламаш сахт буд.

Ниҳоят шабе Зарандуд надимаашро ба суроғи Фаришта фиристод.

-Омода шу, фардо шаб ба роҳ мебароӣ.

-Фардо??

-Ё аз фирор мунсариф шудӣ??

…

-Соати чор бачҳа худа ба дами дар бирасон, сайъ ку, бачат садо накуна, ки ҳама кор барбод мера.

Он рӯз Фаришта аз хона набаромад, ба суолҳои хола Наврӯз, ки "чаро и рузо чуп шудӣ", мегуфт, ки афсурдаҳолӣ дорад. Тамоми ҷиҳозашро дар як халтаи ҷо кард. Барои

бачааш либос гирифту шири хушк. Аз сандуқи ҳадяҳои Ҳашматоғо, ки Марворид барои ҷуброни гуноҳаш овард, як мушт тилловорӣ ва якчанд пероҳани пурарзишро бардошт, ки агар марзбонҳои фосид аз ӯ пул бихонад, чизе ба кафи дасташон бирезад.

Шаби моҳтобие буд он шаб. Атроф он қадр рӯшан буд, ки гӯё ҳавлиро чароғон кардаанд. Фаришта кӯдак дар бағал ва борхалта дар даст, таг-таги деворҳои баланди сохтмон, ки нури моҳтоб ба онҳо намерасид, худро то дами дар расонд. Зарандуд чодари бузургеро ба тан печида буд ва мисли занҳои ҷодугар "биравӣ ва дигар барнагардӣ!"- гуфту дарро аз пушти Фаришта баст. Мошин дар дами дар қарор дошт ва ронанда баробари дидани Фаришта чароғҳоро рӯшан кард.

-Ҳамшира чодари худа бипӯш, роҳ пур аз мардуми силоҳдор аст, азият мекунан.

Фаришта кӯдакашро рӯи сандалӣ гузошту сайъ кард, борхалтаашро боз кунад. Дастонаш аз ҳаяҷон меларзиданд ва қалбаш мисли девонаи аз банд раҳида дар тамоми рагҳояш метапид. Ронанда ҳаракатҳои ӯро аз оина тамошо мекард. Ӯ шишаеро аз бағоҷи мошин берун овард.

-И об бинӯшу ором шав, ин рақам агар касе мора истод куна мефома, ки фирорӣ астӣ. Тавре рафтор ку, ки амсари ма бошӣ. Фомидӣ?

Фаришта обро нӯшиду бурқаи кабудро ба сар кашид. Аз шикофҳои танги бурқа кӯчаеро медид, ки қариб се сол пеш, дар як шаби боронӣ, бо як даста мардҳои бадбӯй аз он убур карда буд. "Ангор сад сол пеш буд, чӣ рӯзҳое, ки надидам!"

Намедонист, ки ин ҳама вақт дар кадом қисмати Афғонистон зиндагӣ кардааст.

-То марз чанд саот роҳ аст?

-Агар иттифоқе наафта соатои се бачаи бегоҳ мерасем, аммо то дами марз намерум, баром хатар дора, дар аму наздикиҳо шумора илло мекунум. У тарафуш ду қадам роҳ аст.

Тамоми рӯз дар роҳ буданд. Соати мошин чаҳори баъд аз зуҳрро нишон медод. Ниҳоят ба як мавзеъе расиданд, ки шабеҳи чулистон буд, на хонае надошт, на долу дарахте.

-Пиёда шу ҳамшира.

-Расидем?

-Ами роҳ рост ба марз мебара, ма бояд пас гардум. Ҳоло рузо дарозан ба рушанӣ то марз мерасӣ. Ронанда дигар имкон надод, ки Фаришта лаб боз кунад, мошинро пас гардонду бо аҷала аз роҳи омадааш баргашт.

Ҷодае, ки он мард Фариштаро бо кӯдаки ҳафтмоҳа аз мошин берун кард, холиву машкук буд, на одаме менамуд на мошине. Дар самти рости ҷода санглохи бузурги монанд ба гузаргоҳи селҳои баҳорӣ доман меафрохт. Дар тарафи чап як кавири хушке. ки заминаш аз беобӣ сафолак баста буд. Кӯдак тамоми роҳ сар аз хоб набардошт ва ҳоло гушна буду гиря мекард. Фаришта синаҳояшро ламс кард. Шаб аз ҳаяҷон лаб ба ғизо набурд ва ҳоло синаҳояш мисли машки беоб холӣ буданд. Сари санге нишасту пистонашро ба даҳони кӯдак гузошт, бача дилтангӣ мекард, мисле, ки таб дошт. Ӯро басахтӣ ором карду рӯ ба сӯи ҷодае рӯ овард, ки ронанда мегуфт “аз ин ҷо марз як қадам роҳ аст.”

Як соат роҳ рафт, аммо на марз менамуд на марзбоне, атроф холӣ буду ҷода ваҳмангез. Нигарон шуд, “наход ронанда ин қадар номусалмон бошад, ки маро бо кӯдаки ширхор дар ин кавири беодам раҳо кард?

Бо ин андешаҳои мағжуш ҷодаи пур аз хокро бо лаби бурқа дарозаш меруфту пеш мерафт. Намехост лаҳзае манъ шавад, метарсид, ки агар дер кунад марз шабона масдуд шавад. Кӯдаки лоғаракаш, ки мисли пари қӯ сабук буд, акнун дар назараш мисли кӯҳ сангин менамуд ва роҳ рафтанро душвор мекард. Аз бӯғча патуеро берун оварду “гаҳвора” сохт ва кӯдакро ба пӯшташ савор кард. Бораш гӯё сабуктар шуд, аммо ҳар қадар пеш мерафт, манзараи атроф тағйир намеёфт, гӯё беҳуда по мезад. Як соати дигар роҳ рафт, ду

соат роҳ рафт, забонаш аз ташнагӣ дар комаш мечаспид. Ногаҳон аз дур пиракии харсавореро диду аз шодӣ ба тарафаш давид.

Пиракӣ аз дидани як зан дар ин кавири хушк ҳайрон шуд.

-Салом падар, то марз чӣ қадар роҳ аст? Ҳар қадар роҳ меравам, вале намерасам..

-То марз ду се соат роҳ аст бачем, дар и дашти беодам танҳо чӣ мекобӣ?

-Бачам бо мане, - гуфт духтар ва ба пушташ ишора кард.

-Як соат роҳ аз ин ҷо як рустои хурде аст, шабро он ҷо рӯз кун, баъд ба роҳ буро. Ин ҷодаҳо бари мардҳо пурхатар аст, ту хо як занҳои танҳоӣ.

-Падар, шумо об надоред?

Мӯйсафед шишаи пур аз обро аз хурҷин берун овард ва “худо нигаҳдорат” гуфта ба роҳаш идома дод.

“Хонаат бисӯзад, Зарандуд, чӣ тур тавонисти ин корро бо ман бикунӣ, ман ки ҳеҷ, дилат магар ба ҳоли ин тифл намесӯзад!?

Фаришта гушнаву ташна, хаставу лакот, кӯдаки ширхор дар пушт ва бӯғчаи либосҳо дар мушт пойҳои худро базӯр пеш мекашонд. Пояш ба пойи дигар мепечид, кул мехӯрду мекалавид, аммо манъ намешуд, бо ғазаб пеш мерафт, раҳ ба раҳ бо сарнавишти носозгораш, бо падари ҷарроараш, ки рӯзашро рӯзи саг кард, бо мӯйсафеди сӯфинамо, ки ӯро ба пушти «Кӯҳи Қоф» фиристод, бо марзбонҳо, ки ӯро аз чанги қочоқбарҳо наҷот надоданд, арбада мекард. Нафасаш дар дохили бурқаи ғафс мепечид, аммо манъ намешуд, ҳатто вақте, ки кӯдакаш шош мекард ва пушти араққардааш ба сӯзиш меомад. Иродаи оҳанинаш, ки ин ҳама солҳо дар кадом гӯшаи танаш пинҳон буд, акнун сар бардошта, амр мекард, ки аҷала кунад.

Офтоб охирин нурҳои худро ба ин дашти беодам мепошиду ба сӯи кӯҳҳои сар ба фалак мехазид. Фаришта аз

панҷараи бурқа рӯ ба осмон оварду лаҳзае бар абрҳои сафед, ки сар ба домани якдигар гузошта, чун тифл дар бағали осмони кабуд алвонҷ мехӯрданд хира шуд. Ногоҳ ба ёдаш омад, ки чанд соат боз аз бачааш хабар нагирифтааст. Ба замин чумбак заду патуро боз кард ва кӯдакро рӯи зонуш гузошт.

-Азизи дили модар, духтари гули модар, бубахш маро, ки туро ҳам ба сарнавишти худ гирифтор кардам, ками дигар монд, сабур бош, ҷони модар, туро ба сарзамине мебарам, ки касе озорат надиҳад, касе базӯр аз бағали модар берунат накунад, ками дигар сабр кун ҷони оча..

Аммо кӯдак намеҷумбид, ангор ғарқи хоб буд. Фариштӣ ӯро ду се бор такон дод, аммо бедор нашуд. Гулиноз ҳар вақт, ки эзори хисашро берун кунанд, инҷиқӣ мекунад ва аз хоб бедор мешавад. Фаришта поҷомаро аз тани кӯдак берун оварду аз тарс шах шуд, тани бача мисли барфи зимистон сард ва лабҳояш мисли нилоб кабуд буд.

- Вой, духтарам, чашмота боз кун маро натарсон, ҷони модар, бедор шав!- Ӯ бачаро такон медоду мебӯсид, ба синааш пахш мекард, аммо тифлак хомӯш буд ва тани кӯчакаш мисли арӯсакҳои фарангӣ сарду шах мешуд.

Бачаро, чунон ки зани нонпаз чанд дафъа нишон дод, сарнишеб карду ба пушташ чанд тап-тап зад, аммо натавонист ӯро бедор кунад. Фаришта бо дастони аз тарс шахшуда синаашро аз гиребони куртаи танг берун овард ба даҳони нимабози гӯдак ду се қатра ҷӯшид. Шир аз байни комҳои бастаи бача ба гарданаш рехт. Нурҳои охирини офтоб бо мардумаки чашмони нимабози духтари Фаришта бозӣ мекард.

-Зинда аст, чизеш нашудаст! - панҷаҳои Фаришта аз тарсу ҳаяҷон чун барги сафедор меларзид, бачаро рӯи пату ба замин гузошт ва хам шуду сар ба синаи кӯчакаш гузошт, садое нашуниду девона шуд. Чанд тори мӯи худро дар панҷаҳои кӯдак диду фиғонаш ба осмон печид ва селаи

калоғҳоро, ки дар ин замини холӣ барои худ ғизо мекофтанд, ба осмон бардошт.

Бачаи беҷонро чапу рост такон медод, наметавонист бовар кунад, ки кӯдак мурдааст.

-Войи ман, вой бар ман, худо маро кӯру кар кард, ки нидои туро нашунидам! Ту дар талвосаи ҷон, мӯи модаратро кашидӣ, ки аз ҳолат бохабар шавад, аммо ҳуши ман дар кадом гӯр буд, ки ҷумбиши дастҳои кӯчаки туро эҳсос накардам... Бишканад ин даст, ки тавони бардоштанатро надошту туро ба пушт ҳавола кард! Духтараки гӯшнаву ташнаи модар, духтараки дар орзуи оғӯши модар, кош ба ҷойи ту ман мемурдам, духтараки ноосудаи ман! Фаришта худро ба замин партофту мушти сангин ба сару сина зад, хок бар сар кард ва ба сару рӯяш ханҷол зад. Ӯ аз ақл бегона мешуд.

Дар рӯи хок паҳлуи духтараш дароз кашиду ӯро бағал кард.

-Бихоб ҷони модар, як ҳафта боз хоби дуруст надоштӣ, комҳоят варам кардаанд, бароят гандумкӯчӣ ваъда кардам, ҳатман мепазам ва ба тамоми маҳалла тақсим мекунам, донаҳои гандум мекафанд ва дандонакҳои ту ҳам сар мезананду мисли биринҷ саф мекашанд. Бихоб духтараки дилсӯзи ман, духтараки сабури ман, ту он қадар беозорӣ, ки шабҳо хоби модаратро беовоз посбонӣ кардӣ. Ту аз шиками ман бузургу оқил таваллуд шудӣ, ангор, аз тамоми сарнавиштам огоҳ будӣ, ангор, дилат ба ҳоли ман месӯхт... Пораи тани ман, ҳамдилу ҳамроҳи ман, духтари дилсӯзи ман.

Бихоб, ман барои ту афсонаҳои ногуфта дорам, гуфта будам, каме бузургтар шавӣ он достонҳоро бароят ҳикоят мекунам, достони духтари шоҳро, достони париҳои пушти Кӯҳи Қофро.

Тамоми шаб гоҳ бохуду гоҳ бехуд дар паҳлуи ҷасади кӯдак ҳазён гуфт, гоҳ аз боғу гоҳ аз роғ мегуфт, афсона мегуфт, гоҳ механдиду гоҳ чун гург уллос мекашид.

Суратаки сарди духтарашро мебӯиду мебӯсид, зулфакони қатрониашро навозиш мекард, аз дидори ӯ серӣ надошт.

Қарибиҳои бомдод якбора хомӯш шуд, чеҳрааш чун санги хоро сарду дурушт ва чашмонаш чун ҳавзи хушкида холиву бенур гашту лабони аз ғазаб фишурдааш ба як хати нозук табдил ёфт.

Оҳиста аз ҷой баланд шуд ва дар байни ин дашти холӣ чун ҳайкали санг қад афрохт.

Ӯ рӯ ба машриқ овард, аз шафақи субҳгоҳӣ нишоне набуд, аммо сафедии субҳ домани торикиро кӯтоҳ мекард ва қадам ба қадам баланд мешуд. Фаришта чор тарафро аз назар гузаронд, ӯ бегоҳ дар ин мавзеъ баландиеро дида буд, ба самти ҳамон теппа қадам бардошт. Ҳар дам пояш ба санге бармехӯрду хуншор мешуд, аммо дарди аз даст додани фарзанд он қадар сангин буд, ки ӯ дардҳои дигарро эҳсос намекард. Теппа аз дур наздик менамуд, роҳ то он ҷо хеле тӯлонӣ будаст. Ӯ замоне ба пойи теппа расид, ки субҳ дамиду акнун пеши пояшро восеҳтар медид. Ҷасади кӯдакро ба замин гузошту рӯяшро бо лаби пату пӯшонд ва сипас аз санглох ду се санги теғадор пайдо кард. Аввал сангҳоро ба рӯи теппа бурд ва баъд ҷасади кӯдакро бо эҳтиёт бардошту боло баромад. Дар он баландӣ ҳамвориеро интихоб кард, ки дарахтҳои кӯтоҳ дошт ва сафедхоки нармаш ба осонӣ аз замин канда мешуд. Гоҳ бо дасту гоҳ бо санг барои духтараш як гӯри начандон амиқ кофт, тани ӯро бо обе, ки мӯйсафеди раҳгузар дода буд шусту дар пероҳани сафеди худаш печонд ва аз пату барояш бистари нарм сохт. Рӯ ба рӯи гӯри бачааш сукут кард.

Зиндагии кӯтоҳи Гулиноз аз шаби ваҳмноки таваллуд то дирӯз, ки дастонашро ба гардани Фаришта ҳалқа мекарду панҷаи марямро берун мекашид, аз пеши назараш гузашт.

-Духтараки марҷондӯстдори ман, дилат кашоли панҷаи марям буду ман онро аз ту дареғ доштам, хотири оғоро аз ту боло гузоштам. Бигир ҷонам, ин занҷир моли ту аст. Ӯ берун

оварду ба гардани кӯдак ҳамоил кард ва сипас ба рӯяш хок кашид. Селаи калоғҳо дар фарози санглох чарх мезаданд ва қар-қар тарона мехонданд. “Гум шавед калоғҳои бехосият, хоби духтарамро ҳаром накунед.” Ӯ дубора аз тепа поён шуду сангҳои хурду бузургро дар доманаш ҷамъ овард ва гурро сангпеч кард, то паррандаҳои ваҳши натавонанд ҷасади бачаашро аз гӯр берун биёранд. Шохаи ғафсеро аз дархт шикасту ба замини рӯи қабр ғутонд ва рӯсарии обиашроба он чӯб аст.

Дар замин чорзону заду сураҳоеро, ки зани нонпаз ба ӯ ёд дода буд, пушти ҳам ба забон овард.

-То ба дунё омадани ту ман мурда будам, ангезае барои зиндагӣ надоштам, ту таваллуд шудиву маро зинда кардӣ, дар тамоми дунё ягона маҳбубам будӣ, лабханд мезадиву ман мегуфтам “магар мешавад ин фариштаро напарастид? Ман барои хандаҳои ту мемурдам, гиряҳоятро аз бар карда будам, медонистам, ки кадом вақт ва чаро гиря мекунӣ. Ҳоло туро, пораи танамро, равонамро, қалбамро бо дастони худ дар хоки хунук гузоштам. Оҳ, мағз-мағзи ҷонам барои ту месӯзад. Кош он шаби гаравгонгирӣ дар рӯди Омӯ ғарқ мешудам ва ту ҳам бехабар аз ман дар батни модари дигар месабзидӣ. Мурдан дар ихтиёри инсон нест, ҷони модар, вагарно ҳоло мехостам рӯи гӯри ту дароз бикашаму дигар баланд нашавам. Падруд, гули нози ман, нозанини ман, ҷони модар, дидор дар қиёмат!

Фаришта синазанон аз теппа фаромад. Пардаи ашк пеши чашмашро мегирифту пешпо мехурд ва хуни нохунҳои шикастааш сангҳоро гулгун мекард. Ӯ ба ҷодаи дирӯза барнагашт, аз рӯи сангҳо бо шитоб қадам мезад. Мехост аз ин сарзамин, ки гаронмоятарин гавҳарашро аз ӯ рабуд, талхтарин рӯзҳоро ба сараш овард, эътимод ба инсонро аз даст дод ва мисли санги бари кӯҳ сарду шахшул шуд, зудтар фирор кунад.

Бо гунаҳои харошхурда, лабҳои парсингбаста, сару рӯи

пур аз хок, кафшҳои дарида ва нохунҳои шикаста ӯ девонаҳои кӯчагардро мемонд, ки кӯдакон ба сӯяшон санг меандозанд. Аз Гулоғо нигарон набуд, медонист, ки таъқибаш намекунад, танҳо дилозурда мешавад, ки ба муҳаббаташ носипосӣ кард. Аммо метарсид, ки мабодо марзбонҳо хурдагирӣ кунанд ва нагузоранд ба ватанаш баргардад.

Ниҳоят баъди се соат дар рӯ ба рӯи худ бурҷи баланд ва парчами Афғонистонро дид ва бурқаи кабудро дубора ба сар кашид. Мусофирбарҳои хурду бузург ва комюнҳои пурбор дар майдони назди бурҷ саф кашида, интизори убури марз буданд. Сарбозҳои мусаллаҳ дар байни мошинҳо мерафтанду меомаданд, бо баъзе ронандаҳо худмонӣ суҳбат мекарданду лабханд мезаданд, бо бархи сиёсат нишон медоданд.

Фариштa даст ба ҷайб бурду шиносномаашро берун овард. Аз замоне, ки сафир шиносномаи кабудро ба дасташ дод, ӯ ин санадро борҳо ҳарф ба ҳарф хонду чун гавҳараки чашм ҳифз кард. Ҳоло ҳам шиносномаро аз паси тури бурқа бори дигар аз назар гузаронд ва сафи комюнҳоро убур карда, мустақиман ба постгоҳи марзбонҳо рафт.

-Афсар сайиб, ман мариз астум, хоҳиш мекунум ба ма иҷозаи убури марза бутен. Фариштa шиносномаашро ба афсари марзбон дароз кард. Чашми афсар ба дастҳои пур аз хоку гил ва нохунҳои шикастаи духтар афтод.

-Рӯи худа боз кун, - амр кард ӯ. Фариштa лаби бурқаро бардошт. Сарбоз бо нигоҳи машкук ба зан чашм духт.

-Аз куҷо меоӣ? Чаро сару рӯят касиф шуда?

-Афсар сайб, мушкил чӣ аст, поспортум нодуруст аст?

-Паспурт мушкил надора, аммо худут машкук мезанӣ.

-Саргурд сайиб иҷа як зан омада, поспурти тоҷикӣ дора, аммо хеле машкук мезана, -сарбоз ба воситаи дастгоҳи мухобира фармондеҳи аз худ бузургро ба машварат даъват кард.

Саргурд шиносномаи Фариштaро тагу рӯ карду “бо ма

биё” гуфт.

-Чераи худа боз ку, - гуфт афсар вақте онҳо ба ҳуҷраи кӯчак ворид шуданд. Фаришта лаби бурқаро бардошт ва бо нафрат ба афсари шофбурут, ки шиками дамидааш занҳои моҳурӯзро мемонд, нигоҳ кард

Саргурд низ аз ӯ чашм намеканд.

-Қисса ку, ки чи тур ин ҷо афтодӣ, чаро ин тури шикаставу рехтаӣ, ҷинояткор хо нестӣ?? Фаришта аз сарбоз чашм намеканд, эҳсос кард, ки рафтанаш аз ин кишвар даргумон аст. Рангу рӯяш парид, лабҳояш ларзиданд, муштҳои гирехбастааш худ ба худ боз шуду ӯ мисли чанори решакан ба замин афтид.

-Э-э-э, Хонум? Хонум, буланд шу, чиро афтодӣ, чиро и рақамӣ шудӣ? Саргурд бо як даст китфи Фариштаро такон дод ва бо дасти дигар тавассути дастгоҳи мухобирот зердасташро ба ёрӣ хонд.

-Ба намояндаи Тоҷикистон бугӯ дар тамос шава, дар ҳамин атрофо буд, бугӯ, худа зуд ба ин ҷо брасона.

Фаришта аз бӯи тези амиак ба худ омад, хонуме пахтаи бадбуро дар зери димоғи ӯ пасту баланд мекард.

-Шукри Худо, ба ҳуш омад, -саргурд сайиб и занака ба худ омад.

Саргурд бо як марди дигар ба ҳуҷра даромад, шиносномаи Фаришта дар дасти марди ношинос буд.

-Хайрият пайдо шудед, хоҳар, ин қадар шуморо ҷустуҷӯ кардем! - гуфт марди ношинос, ки дар ин гармо дар тан куту шалвор дошт.

-Хонаводаи шумо, шавҳаратон чанд рӯз дар лаби марз чашм ба роҳ буданд.

-Кадом шавҳар? - пурсид Фаришта бо ҳарос. Марди ношинос ҳайрон шуд.

-Шумо чанд шавҳар доред? Фаришта посӯх надод ва сайъ кард аз замин баланд шавад.

-И бечора ҳазён мега ва илло ба шуҳараш телефон

кардем аз шодӣ ба мутараш париду роҳии марз шуд, - саросема гуфт марди ношинос то саргурд шубҳа накунад.

-Шумо и зана амиёли мебарен? Афсари афғон мехост ҳар чӣ зудтар аз ин зани девонавзоъ халос шавад.

-Бале сайиб, мебаремаш, мошин ҳам омодааст, муҳра ба поспуртуш бузан, то мо роҳӣ шавем. Мошини шостибаланд, ки дар пешаш парчами Тоҷикистон насб шуда буд, постгоҳи марзиии Афғонистонро пушти сар гузошт. Фаришта пули ҳамвори тӯлониро убур мекарду ҳарфҳои аҷуза дар гӯшаш садо медод:

- Рӯзе аз фарози пули бузург бодвор мегузарӣ ва ба пушти сарат нигоҳ мекуниву мебинӣ, ки чӣ ганҷеро дар ин сарзамин ҷо гузоштаӣ.

Тамоми ғаму андӯҳ, таҳқиру табъиз ва таҷрубаҳои талхи қариб сесолаи ғурбат чун корвони ҳомили бори андуҳ аз биёбони зеҳнаш убур карданд. Аммо на дурӣ аз модару хоҳар, на сардии оби Омӯ дар зимистони қаҳратун, на таҷовуз ва ғурбату хориву танҳоӣ, ба сӯзиши аз даст додани духтараки ширинаш баробар намешуд. Ӯ аз тирезаи мошин ба ақиб нигоҳ кард, мехост бори охир тепаи сафедхок ва қабри кӯчаки духтарашро бубинад. “Гули нозам, бубахш маро, ки озодиамро ба қимати ҷони ту харидам. Илоҳо дар ҷаҳаннам бисӯзӣ, аҷуза, ки сари ин кӯдаки ноком бо ман муомила кардӣ, илоҳо гурат дар бигирад!”

Мошин Фариштаро аз сарзамини қабри кӯчаки духтараш то рафт дур мекард. Фиғону шеван дар синааш ҷӯш мезаду роҳи бурунрафт меҷуст. Хеле таҳаммул кард, аммо сабраш саромад ва мисли девонаҳо мӯя кашид:

- Войи ман, вой бар ман, падруд ҷони модар, падрӯд духтараки нокоми ман”- мегуфту мушт ба сина мезад. Ронанда ва марди роҳбалад аз ҷой такон нахӯрданд, онҳо намедонистанд, ки аз сари ин зани бечора чиҳо гузаштааст, аммо ҳадс мезаданд, ки ранҷҳои болотар аз тавонашро кашидааст. Ҳарду ноаён ашкҳои худро пок мекарданд.

-То дидбонгоҳи марзӣ ками дигар монд, Худо хоҳад зуд мерасем. Мард мехост Фариштаро рӯҳбаланд кунад.

-Хоҳиш мекунам, як дақиқа ин ҷо манъ кунед.

Ронанда ва роҳбалад маънидорона ба якдигар нигоҳ карданд.

-Нигарон набошед, кори баде намекунам...

-Бошад, гуфт ронанда бо дили нохоҳам ва мошинро дар канори пул нигаҳ дошт.

Фаришта мероси Ҳашматоғо, зару зевар ва пероҳанҳоеро, ки бо худ гирифта буд, аз мошин берун овард ва бе тардид аз фарози пул ба рӯдхона андохт. Ӯ аз охирин нишонаҳои зиндагии пурмоҷарояш дар ғурбат, ки достонаш боварнокарданист, раҳо мешуд.

Мошин ҳанӯз дар хоки Афғонистон буд, аммо аз дур парчами ватан парафшонӣ мекард ва дашту деҳкадаҳои сабзу хуррам чун баҳри азиме мавҷ мезаданд.

-Тирезаро пуш, боди афғонӣ сар шуд. -гуфт марди роҳбалад ба ронанда.

Гирдбоде дар фазо чарх мезад ва хасу хорро ба осмон мебардошт. Мошин бо суръат пеш мерафту пардаи ғубор, ки ногаҳон аз осмон ба замин афтида буд, Фариштаро аз он сарзамини ғурбат ҷудо кард. Ангор, дигар на Афғонистоне буд, на оғое! Рашидро дид, ки аз баландие бесаброна ба самти роҳ дастафшонӣ мекард. “Бечора дар ин се сол ба андозаи даҳ сол пир шуда буд.”

(Ҳикоя)

# КӮЧАИ ХОТИРАҲО

Зангҳои телефонии саҳаргоҳӣ маро нигарон мекунанд. То гӯширо мебардорӣ, сад хаёли нохуш аз зеҳнат мегузарад. Махсусан, вақте тараф боисрор занг занад. Соат панҷи саҳар асту телефонам дар ҳуҷраи дигар занг мезанад. Зангҳоро ҳисоб мекунам. Гуфтам, агар телефон баъди занги сеюм хомӯш шуд, пас хабар он қадар муҳим нест. Агар ҳисоб то даҳ расид, бояд баланд шаваму гӯширо бардорам.

- Апа?

Садои додарам аст. Аз оҳанги апагӯиҳояш эҳсос мекунам, ки сари ҳол аст, пас чизе нашудаст, Худоро шукр.

- Хоб будӣ, апа? - бо меҳрубонӣ пурсид ӯ.

- Хобам куҷо буд? Занги туро интизор будам, - гуфтам бо киноя, - чӣ гап аст? Иттифоқе уфтодаст?

- Не-е, чӣ иттифоқ, ҳама тинҷ аст.

- Ҳмм, ҳама тинҷ бошад, бемор дорӣ, ки дар соати панҷ одамҳоро аз хоб бедор мекунӣ? - гуфтам шӯхиомез, то ба дилаш сахт нарасад.

- Ёдат ҳаст, гуфта будӣ, мехоҳӣ дар назди хонаи падариямон ҳавлӣ дошта бошӣ?

- Дар соати панҷи саҳар занг задӣ, то ҳарфи кадом вақт аз сари мастӣ гуфтаи маро ёдрас кунӣ? О, ин ҳарфи даҳ сол пеш буд!

- Пас гапи ҳавоӣ буд? - садои бародарам оҳанги ранҷиш гирифт.

- Э-э-э,  хуб ёдам ҳаст, гуфта будам? Чӣ шудаст?

- Як хонаи хуби фурӯшӣ аст, харидори зиёд дорад. Агар хоҳӣ, аз соҳибаш мепурсам, барои ту нигаҳаш дорад.

Чӣ бигӯям ба ин бача! Боре дар хонаи падариам ҷамъ шудем. Дилам барои даврони наврасиям гум заду гуфтам, ки

мехоҳам дар ин кӯча хонае дошта бошам. Ҳоло додари хираи ман маҷбурам мекунад, ки ҳамон ҳавлиро бихарам.

- Нархаш гарон нест, бо соҳибхона боз мешавад муомила кард. -пофишорӣ мекард додарам.

- Бошад, ман ҳафтаи дигар меоям, маслиҳат мекунем, - гуфтам барои ҷонхалосӣ.

- Ҳафтаи дигар дер мешавад, ... наметавонӣ ин ҳафта биёӣ?

Додарамро дӯст медорам, мисли нусхаи модарам аст. Одатан ҳарфашро ба замин намегузорам. Ӯ ҳам бисёр вақт аз муҳаббати ман суиистифода мекунад. Аз тарафи дигар, то Қӯрғонтеппа ду соат роҳ аст. Рӯзи шанбе равам, якшанбе бармегардам ва додарзодаҳоямро ҳам мебинам, дилам барояшон танг шудааст.

- Агар кори муҳимме набарояд, рӯзи шанбе меравам.

- Гап нест апа, интизор мешавем, Худо нигаҳдор!

- Худо ҳофиз, додар!

Баъд аз сари волидон мо хоҳару додарҳо маслиҳат кардему хонаи падариро ба додари хурдӣ додем, хато накардем. Ӯ ҳамеша моро баҳам меорад, дона-дона ба шаш акаву хоҳар занг мезанад ва ҳамаро ба хонааш мехонад. Мегӯяд, ки барои сарҷамъии мо дар баробари падару модар масъулият дорад. Мард шудааст, аммо барои мо хоҳарон ӯ ҳамон бачаи кӯчак аст, ки дар доманамон бузургаш кардем.

Аз ёдам наравад, ба ӯ хабар диҳам, ки саҳар ба роҳ мебароям.

Бегоҳ аз фурӯшгоҳ барои додарзодаҳоям туҳфаву ширинӣ харидам, намехостам саҳарро сарфи бозоргардӣ кунам. Сафар дар масири Қӯрғонтеппа то тулӯи офтоб ва бо таронаҳои писандида аҷаб кайфияте дорад. Ман тамоми роҳ бо овозхонҳо ҳамовозӣ кардам. Таллу теппаву дашту дарёҳо ингор бо ман ҳамсадо шуданд, аҷаб симфонияе буд! Ду соат мисли як мижа задан гузашт. Маро субҳонаи шоҳона дар айвони бародарам интизор буд.

Хонаи падариам қариб дигар нашудааст. Фақат кати байни ҳавлиро, ки ману хоҳари бузургам шабаҳои тобистон дар он рӯ ба осмон мехобидему ситораи худро мекофтем, бардоштанд. Хайрият, дарахтҳои пахтасебро набуридаанд.

- Чоятро бинӯшу равем, хонаро бубинем. - бетоқатӣ мекард додарам, ки бештар аз ман ҳавасманди он хона буд. Ҳамсараш норозиёна ба ӯ нигоҳ кард.

- Одам нав аз роҳ омадаст, бимон, каме истироҳат кунад, хона мегурезад магар?

- Айбе надорад, рафтем, дур нест? Агар дур бошад кафши сабуктар пӯшам.

- Дур? - додарам баланд хандид, - ба он ҷо пойлуч ҳам равӣ мешавад.

Маънии хандаашро вақте фаҳмидам, ки хонаи фурӯширо нишон дод ва он ду қадам роҳ, дар рӯ ба рӯи хонаи худаш буд.

- Ин ҳавлии Гулнисо нест?

- Офарин, дар ёдат мондааст, хонаи Гулнисо аст. Писараш дар ёдат ҳаст? Хонаро ӯ мефурӯшад. Модарам мегуфт, ки ин хона ҷойи дӯстдоштаат буд, дар кӯдакиат туро аз ин ҷо базӯр мебароварданд.

- Рост мегуфт, ман дар ин хона як дугонаи тотор доштам, ки ба ҷонам баробар буд... Гулнисо хонаро аз онҳо харид, аммо зиёд зиндагӣ накард, ним сол буд ё як сол.

Додарам занги дарро чанд дафъа пахш кард. Гӯё касе дар хона набуд, нороҳат шуд.

-Нороҳат нашав, ман ҳар кунҷи ин хонаро аз ёд медонам, агар бар сари нарх созиш кунем, ҳавлиро мехарам, гуфтам. Аз хурсандӣ маро бардор-бардор ба хона овард. Ман ӯро дарк мекунам, мо ҳама ба пойтахт кӯчидему додарамро танҳо гузоштем. Дилаш мехоҳад ҳаддиақал як фарзанди падар дар наздикаш бошад.

Панҷараро боз кардам, то хонаи ояндаамро тамошо кунам. Гӯё пардаи синаморо боз кардам: занҳои ҳамсоя, ки

бо модарам мисли хоҳар буданд, мардҳои кӯчаамон, дугонаҳоям, ҳама як-як аз пеши назарам гузаштанд. Гулнисо ҳам пеши назарам омад, бо ҳамон пироҳан, ки бори аввал дар кӯчаи мо зоҳир шуд. Худоё, кадом сол буд? Ёдам нест...

Аммо тобистон буду себи пешпазаки ҳавлиамон меваҳои пухтаашро аз шохаҳояш ба замин парт мекард ва раҳгузарҳо аз бӯйи хуши себҳои кафида маст мешуданд. Ман себҳои доманамро як-як ба ҷӯйбор сар медодам ва кӯдакони маҳалла барои қапидани онҳо бо сару садо қад-қади ҷӯй медавиданду сабқат мекарданд. Онҳо хандон-хандон себҳоро газ мезаданд ва шираи пахтасеб аз гӯшаи лабонашон мешориду дар тани урёнашон ҷӯя мекашид. Дар авҷи ин бозӣ будем, ки мошини пур аз ҷиҳоз буғзанон ба кӯча даромаду рӯ ба рӯи хонаи мо, дар назди ҳавлии фурӯшии ҳамсояи пешинамон истод ва зани ҷавоне аз кобинаи мошин берун ҷаҳид. Ӯ рӯймоли шоҳии сафедашро, ки вақти берун шудан аз мошин аз сараш ғеҷида буд, бо шеваи занони ҷануб каҷ басту як бари онро ба рӯи синаҳои дамидааш кашид. Ба думболи ӯ як саги сафед ва як писараки даҳ-дувоздаҳсола низ аз болои мошин фаромад. Писарак дар тан зершалворӣ дошту як куртаи беостин. Хоболуд буд, шояд ӯро аз ҷогаҳи хоб бардошта оварданд. Саги гӯшбурида бо чеҳраи гирифта ва чашмони хамида ба сӯи ҷодаи калон, ки мошин ӯро аз он роҳ вориди кӯчаи мо кард, назаре афганду сипас дар пеши дарвоза ҳалқа зад. Ронандаи лоғарандом, ки ба гуфтаи модарбузургам "биниашро биқапӣ ҷонаш мебарояд" сар аз тиреза берун карда, барои боркашонӣ дастёри беминнат мекофт.

Ӯ марди хуштолеъ будаст, зеро одамони маҳаллаи мо кори худро бо ҳашар буд мекарданд: бо ҳашар хона месохтанд, обчакорӣ мекарданд, арӯс мефаровowарданд ва ин суннатро дар хуни бачаҳои худ ҷой медоданд. Ин аст, ки баробари баланд шудани нидои "ёрдамда биё, бача!" якчанд ҷавони навхат ба мошин часпиданд. Зан дарвозаи ҳавлиро боз карда, "садқаи бачаҳои хушрӯ, асбобҳоро дар айвон

монед» гуфту худаш ба боз кардани қуфли дарҳои хона машғул шуд. Бори зиёд надошт, тамоми асбобу анҷомаш дар як мошин меғунҷид.

Ман ҳам бастаеро аз мошин бардоштаму ба думболи онҳо рафтам.

Ин ҳавлӣ бо боғчаи замоне сабзу хуррамаш ҷойи дугонабозии ман бо духтараки тотор буд, ки рӯзе ҳамроҳи хонаводааш бе бору банд ва танҳо бо чанд ҷомадон ба Қазон кӯчид. Ман он Қазонро, ки боиси ҷудоӣ бо дугонаи даврони кӯдакиву наврасиам шуда буд, бад дидам. Модараш рӯзи сафар дастонашро ба гардани модари ман ҳалқа карду “нону намакатро бубахш” гуфт. Ҳамаи занҳои ҳамсоя гиристанд, мисли он ки аз хоҳарашон ҷудо мешуданд. Модарам як ҳафта аз хобу ғизо монд. Дугонаи ҷониам баъди рафтанаш ҳар ҳафта нома менавишту мегуфт, ки барояш дар мактуб барги гул бифристам. Мегуфт, ки кӯчаамонро ёд кардааст. Баъдан номаҳо камтар шуданд, шояд ба ватани бобоияш одат кард ё дугонаи нав ёфт.

Бошандагони кӯчаи мо солҳо паҳлуи ҳам мезистанд ва ба мисли чанорҳои канори ҷода решапайванд буданд. Шодии яке, шодии ҳама буд, мотами яке андуҳи ҳар хонадон. Занҳо дар ин ҷо тифлакони якдигарро сина медоданд ва онҳоро бародару хоҳарҳои ширхӯрда мекарданд. Даҳсолаҳо боз аз ин ҷо касе кӯч набаста ва касе ҳам кӯч наоварда буд. Ин аст, ки хабари омадани соҳибхонаи нав зуд ба атроф паҳн шуд ва занҳои ҳамсоя як-як аз дарвозаҳои худ калла кашиданд. Ҳатто Майсара, ки аз пастии фишори хун доим дар такяи девор хобаш мебурд ва бисёр вақт аз ғайбату гапу хабари кӯча бехабар мемонд, он рӯз бо кунҷковие, ки хоси ӯ набуд, оҳиста ба ронанда наздик шуд ва пурсид:

- Ин занак мардина надорад?

Ҳамсояи нав дар нигоҳи аввал паричеҳра набуд, балки як зани сиёҳҷурдае буд, ки дар сураташ чанд хол дошт. Пӯсташ махмалин буду ҷаззоб ва ин ҷаззобият аз чеҳрааш чашм

канданро душвор мекард. Вақте механдид, радаи дандонҳои сафедаш аз байни лабони пуррааш чун садафи дарёӣ медурахшиданд. Чоқ буд, аммо қомати баландаш фарбеҳияшро мепӯшонд ва куртаи начандон кушодаш зебогии ҳайкалашро намоиш медод. Чашмони шарарборе дошт, ки мислашро дар занҳои кӯчаамон надида будам. Чеҳрааш аз ин шарораҳо барқ мезад. Мегуфтӣ, аз сураташ чашм наканӣ. Ба гуфтаи модарбузургам, сабзинаи ситорагарм буд.

Тамоми он шаб чароғи хонааш рӯшан буду аз он ҷо садоҳои "бигиру бимон" ба гӯш мерасид. Саҳар, вақте модарам говро ҷӯшиду шохашро аз банд раҳо кард ва ба дасти подабон супурд, бо ҳамсояи нав, ки пеши хонаашро ҷорӯб мезад, шинос шуд. Сипас, зуд омаду ширу нону равған гирифт ва ба хонаи ҳамсоя рафт. Модарбузурги бедандонам, ки як дона мавизро аз саҳар боз дар даҳонаш тоб медод, пичинг паронд:

– Акнун ин занака Худо дод, дигар дар хона намешинад.

Ӯ модаршӯи бад набуд, келинашро чун духтари худаш дӯст медошт, аммо содагии модарам асабониаш мекард.

Модарам бо дили нарму ашкҳои сари остинаш кони эҳсос буд, ба ҳама чиз мегирист. Ҳафт бача зоида, ба гуфтаи худаш ҳафт бор мурдаву дубора зинда шуда буд, аммо тоби дарди зоймони говашро надошт. То аз шиками модагов берун шудани гӯсола сипанд дуд мекарду мегирист ва ҷойи нишаст намеёфт. Мегуфт, мо он илтиҷоеро, ки ӯ дар чашмони модагов мебинад, намебинем. Тамошои филмҳои ғамангез бо модарам як маҳшар буд! Он қадар мегирист, ки мегуфтӣ, дар сараш об намемонд. Падарам мегуфт, ки модарам ашкро беқадр кардааст.

Он саҳар ӯ аз хонаи ҳамсоя бо чашмони маҳзун баргашт, пушти лабаш мепарид. Ин аломате буд, ки мо бояд ба шунидаи як достони ғамангез омода шавем. Як оҳи амиқ кашиду қиссаро аз ин шурӯъ кард, ки ҳамсояи нав як зани

бадбахти шавҳармурда аст. Дар бисоташ як бача дорад. Додаршӯяш ин хонаро ба ҳурмати арвоҳи бародараш харид, то янгаи бевамондааш дар ба дар нашавад. Гулнисо ном дорад ва дар кадом тарабхона ошпазӣ мекунад. Модарам дар хулосаи ин достони ғамангез эълон кард, ки фардо ҳамсояи навро бо занҳои дигар ба меҳмонӣ мехонад.

Хабари муҷаррад будани ҳамсояи нав бо суръати нур дар кӯчаамон паҳн шуд ва дар дили занҳое, ки "лагом"-и шавҳарҳои занакбози худро басахтӣ мекашиданд, алов андохт. Онҳо модарҳое хубе буданд ва ҳамсарҳои хидматгору ҷоннисор, вале зоймонҳои сол дар миён чеҳраашонро бенур мекарду синнашонро аз будаш бештар нишон медод. Либосҳои хуб ҳам надоштанд ва агар ба маъракае мерафтанд, куртаҳои якдигарро мепӯшиданд. Гоҳо медиданд, ки чӣ тавр чашмони мардҳояшон бо дидани занҳои ҷавон ба бозӣ медаромад ва хоҳишҳои пинҳонашон дар сураташон зоҳир мешуд.

Меҳмонии рӯзи дигар, мисли нишастҳои пештара шӯру ғавғои "боғи зоғон"-ро надошт. Занҳо камгап буданд, фурт-фурт чойро дам мекашиданду бо қираи чашм ҳамсояи навро меомӯхтанд. Гулнисо воқеан ширинрӯву ширингуфтор буд ва хандааш чун зангӯла садо медод. Ӯ достони зиндагиашро, аз рӯзи издивоҷ то бемории тӯлонӣ ва мурдани ҳамсараш тавре ба занҳо ҳикоят менамуд, ки гӯё на зиндагии худ, балки порчаи филми кайҳо дидаашро нақл мекард. Модарам ҳар сухани Гулнисоро бо сарҷунбонӣ тасдиқ мекард, гӯё тамоми умр дугонааш буд. Бечора мехост дар дили ҳамсояҳо нисбат ба ӯ тараҳҳумро бедор кунад. Ҳамсояи дасти рости мо Майрамбӣ каме афсӯс хӯрду бо киноя гуфт, ки зиндаҳо умрашонро мебинанд, мехӯранду механдад, войи ҷони мурда, ки дар зери хок мепӯсад.

Шавҳари Майрамбӣ аз мардҳои пулдори кӯчаи мо буд. Ӯ соле, ки Майрамбӣ бачаи яксола дар сари даст дошт, ба як овозхони маҳаллӣ ошиқ шуду аз баҳри пулу молаш гузашт ва

бо як пероҳан аз хона бадар рафт. Модарбузургам боре гуфт, ки мардҳои кӯча чанд дафъа ба назди ӯ “делегат” фиристоданд, фоида накард, аз паси ҳамон занак тӯй ба тӯю консерт ба консерт мегашт. Дигар наомад. Майрамбӣ дар ду сол гандапир шуд.

Мардҳои кӯчаи мо на ҷавон буданд на пир, ангор, умрашон дар як марҳилаи зиндагӣ манъ шуда буд. Бо муйҳои сиёҳу аҳён-аҳён сафед шӯълаи ҷавонӣ ҳанӯз ҳам дар чашмонашон забона мезад. Бачаи бисёр доштанд, мисли Алӯлаку Булӯлак ва зиндагии хонводагиашон якранг буд, имрӯзашон аз дирӯз фарқ намекард. Мардҳо дар авҷи камолоти ҷисмонӣ, вале занҳо хаставу лакот буданд. Онҳо аз субҳ то дили шаб мешустанду мепухтанд ва шабона нимҷон то тахти хоб мехазиданд. Мардҳо баъзе саҳаргоҳ бо сари хаму чеҳраи гирифта ҷодаро убур мекарданд, мегуфтӣ, бо одаму олам қаҳрӣ буданд.

- Ҳамсоя ба мавқеъ расидӣ. Ҳафтаи дигар Мавҷуда тӯй дорад, духтарашро мебарорад. Ту ҳам биё, дилат кушода мешавад. - гуфт модарам ба Гулнисо. Чеҳраи Гулнисо аз шодӣ шукуфт.

Тӯйю маърака барои занҳои кӯчаи мо, ки дуртар аз ин шаҳри кӯчак ҷойеро намедиданд ва ба театру синамо ҳам намерафтанд, ягона имкони тафреҳ буд. Занҳо як ҳафта пеш нақша мекашиданд, ки чӣ бипӯшанд ва худро чӣ гуна оро диҳанд. Дар байни занҳо Ҳуснигул сарбофи моҳир буд ва торсарии занҳоро бурёбофӣ мекарад. Кори дасташ ҳарф надошт. Эътибори ӯ пеш аз туйи духтари Мавҷуда даҳчанд меафзуд. Занҳо бо шонаву кокулҳои муҳрадор ба хонаи ӯ мешитофтанд ва барои зебо шудан навбат мегирифтанд.

Шаби туй хурду калон ҳама мерақсид, садои мусиқиву ҳуштаккашӣ ба осмон мерасид. Арӯсу домодро бо шеваи “комсомолӣ” пушти миз нишонданд. Қолини пушти сари онҳо бо навиштаҷоти “Хуш омадед” ҳамаро ба дилхушӣ даъват мекард. Арӯс мегиристу мегирист, ангор, ӯро на ба

хонаи бахт, балки ба куштан мебаранд. Оби чашмаш сурхиву сурмаашро батамом мешуст, оби димоғаш манъ намешуд. Аммо касе парвои арӯсро надошт. Гӯё ин саҳна ҳам дар баробари кӯрбазм як бахши барномаи тӯёна буд.

Модарбузургам мегуфт, ки арӯс бояд гиря кунад, гиряи арӯс аломати шарму ҳаё аст. Дар тӯйҳои кӯчаи мо баъзе арӯсҳо аз гиря ҳатто беҳуш мешуданд, ки он шояд аз назари модарбузургам баландтарин нуқтаи шарму ҳаё буд.

Ҳоло ҳам наздик буд, ки духтари Мавҷуда аз ҳуш равад. Дугонааш дам ба дам ӯро шамол медод. Домод, ҳамон тавре ки як мусофири автобус ба ҳампаҳлуи ношиноси худ нигоҳ мекунад, ба сӯи арӯс нигоҳе афканду бо шаҳбачаҳои бараш чақ-чақро идома дод. Овозхон чорзарбро ҷӯр карда, пушти сари ҳам таронаҳои рақсӣ мехонд. Марду зан ҳама дасту поча мезаданду мерақсиданд. Чанг ба осмон мехест.

Кадоме аз занҳо ҳамсояи навро ба рақс кашид. Ӯ он шаб дар тан пероҳани сабз ва дар сар рӯймоли ҷопонии сергул дошт. Хонуми сабзе буд. Мисли занҳои дигар ноз накард, бо карашма ба саҳна баромад ва бо як табассуми ошиқкуш радаи дандонҳои сафедашро намоиш дод. Чунон рақсид, чунон нозу карашма кард, ки мардҳо об шуданду рехтанд ва занҳо аз ҳасад ба худ печиданд.

- Аҷаб беваи бешарм будаст. О, мурдани шавҳарашро як сол нашудаст, тавба! - гуфт Майрамбӣ, ки ба раққосаву овохон мардум ҳассосият дошт.

- Ғайбат чӣ даркор, мумкин ӯ ғами дилшро бо рақс мебарорад! - тарафгирӣ кард ҳамсояи дигар.

- Майрамбӣ рост мегӯяд, як бор чашми мардҳоро бин, ҳичи нагӯӣ, ҳозир хомталошаш мекунанд!

Гулнисо на аз ғайбати занҳо парво дошт ва на аз тирандозии чашмони мардҳо. Ё шояд баъди мурдани шавҳараш ба ин ҳолатҳо одат карда буд. "Зани бешавҳар мисли деги бесарпӯш аст, ҳар чи ба дарунаш меафтад." - мегуфт модарбузургам, ки аввали гапу охири гапаш матал

дошт.

- Аҷаб саҳназеб аст! Мо занҳоро афсун кард, вой бар ҳоли мардҳо!” - гуфт зани Сафоли мӯзадӯз ва бо ин ба оташи ҳасади дугонаҳояш, як дарза ҳезуми қоқ партофт.

Чанде аз мардҳо бе даъват ба саҳна баромаданду дар гирди Гулнисо парвона шуданд. Яке аз онҳо, ки эҳтимол ширакайф буд, пеши пойи ӯ ба зону зада, синакӯбӣ кард. Мардҳои дигар он фидоиро зуд аз саҳна берун бурданд. Ду-се боҷуръат ба нӯги руймоли Гулнисо пул бастанд ва бо ӯ рақсиданд. Ин дам Бозоралии “магазинчӣ” – ҳамсояи панҷ шаш хона аз мо дуртар, дарзаи пулро ба сари Гулнисо пошид ва сару садо ва ҳуштаккашӣ ба осмон печид. Бачаҳо аз зери қадамҳои Гулнисо пул мекашиданд. Ӯ мерақсиду бо ноз тоб мехӯрд ва чеҳраи араққардааш барқ мезад. Чашмонаш кони шарора буданд. Он шаб шояд ними мардҳо ба ӯ ошиқ шуданд ва бо хаёли ӯ, вале бо чашмони пӯшида занҳои худро бӯсиданд.

Рӯзи дигар дар тамоми кӯча гапи Гулнисо буду девонагии мардҳо дар шаби тӯй. Зани Бозоралӣ саҳари рӯз хона ба хона гашту зорӣ кард, ки пулҳоро баргардонанд, зеро даромади якрӯзаи мағоза будаанд. Модари ман ором буд. Ӯ ба ин ғайбатҳо ҳамроҳ намешуд, ангор, рақсу пулпартоӣ ва ба зону задани мардҳо дар пеши пойи як зан кирои гап надошт. Танҳо модарбузургам андешамандона гуфт: “Худо оқибати ин занро бахайр кунад”.

Ҳамсояи нав мардҳои моро афсун кард. Роҳи хонаи Гулнисо барои онҳо мисли зиёратгоҳ муқаддас шуд. Саҳару бегоҳ, беҳудаю баҳуда аз пеши хонааш мегузаштанд. Мисли сарбоз дар гашти низомӣ баробари наздик шудан ба хонаи Гулнисо сарҳояшон сареъ ба самти чап тоб мехӯрд. Ӯ мардҳоро бебанд дар назди хонааш тавила мекард.

Дар кӯчаи мо акнун, гӯё баҳор шукуфта буд. Мардҳои якбора хушлибос шуданду муйҳояшон дигар ягон тори сафед

надошт. Онҳо гоҳ дар ин гӯшаи кӯча туп мезаданд[1], гоҳ дар гӯшаи дигар. Аз пеши ҳавлии Гулнисо мегузаштанду гашташон суст мешуд, гуё мехостанд ин порчаи роҳ ҳаргиз тамом нашавад. Дар ин миён танҳо касе, ки дар сабқати дилёбӣ иштирок накард, Сафари ошпаз буд. Мардҳои кӯча бо Сафар шину хез доштанд, вале дар асл дилашон аз ӯ дур мерафту бо ҳам гӯшона мезаданд, ки ӯ “наромода” аст. Сафар аз мардҳо дида бештар бо занҳо хайл мегирифт. Бо онҳо дар бораи хариди пероҳани наваш ё ғизои шаб пухтааш суҳбат мекард, дастак мезаду абрӯ мепарронд. Занҳо ҳам аз ӯ истиҳола намекарданд, мисли дугонаашон буд. Сафар ба модарам гуфт, ки дар бораи ҳамсояи нав як чизҳое медонад ва гӯё як одами серпул хушдораш шудааст, аммо Гулнисо розӣ нест.

Модарбузурги ман дарди по дошт ва зиёд ҳаракат намекард. Мо баъзан ӯро ба кӯча мебаровардем, то устухонҳояш дар офтоб гарм шаванд. Дар ин охирҳо ӯ бештар ҳавасманди кӯчаборой буд. Дар такяи болишти нарм бо чашмони нимпӯш рӯ офтоб менишаст. Ҳама фикр мекарданд, ки кампир хоб аст. Танҳо мо медонистем, ки модарбузурги кунҷковамон бе дурбин ҳамаро мебинад. Ӯ баъди ду-се рӯзи кӯчанишинӣ ба модарам гуфт, ки Гулнисо дар зоҳир сабукрафтор метобад, аммо дар асл ягон мард ҳад надорад ба погаҳи дараш қадам гузорад. Падарам дар рӯи ҳавлӣ ба коре машғул буд, вале бо шунидани исми Гулнисо аз ҳаракат монд ва баъдан, гӯё иттифоқӣ дар назди модараму модарбузургам зоҳир шуд. Кампир пинҳон аз назари модарам писарашро песонд. Кӣ мегӯяд, ки солмандҳо камақлу фаромӯшхотир мешаванд? Модарбузурги 85-солаи ман он қадар пухтаву доно буд, ки ҳатто дар ҳамин синну сол метавонист дар бахши истихбороти артиш кор кунад.

Саги сафеди Гулнисо рӯз то рӯз хашмгинтар мешуд.

---

[1] Тавзеҳ: дар гӯишҳои тоҷикони ҷанубу шарқи Тоҷикистон таъбири «туп задан» маънои дар як ҷо ҷамъ омаданро медиҳад.

Рӯзҳо дар пеши дар ҳалқа мезад, гӯё хоб буд, аммо садои пойи занро аз мард фарқ мекард. Занҳоро бо чашмони хамидааш мепесонд, ба тарафи мардҳо хашмгинона ғуррос мезад. Гулнисо мегуфт, ки сагро ҳамсари худораҳматиаш солҳо пеш аз кадом чӯпоне харид. Аввал саги меҳрубоне буд, аммо баъди марги соҳибаш бадрашку гиранда шуд. Саг аз ҳама бештар Сафоли мӯзадӯзро бад медид. Сафол дар сари кӯча пайдо мешуду саг ба ҷакиш медаромад. Туфҳояш ба ҳар тараф мепариданду пеши чашмашро хун мегирифт. Чеҳраи гирифтаи Сафол аз саги Гулнисо зиёд фарқ намекард. Ӯ марди камгап буд, андоми хуб ҳам надошт ва агарчи аҳёнан механдид, мегуфтӣ, ки мегиряд. Зимистону тобистон як либос дошт ва даҳонаш ҳамеша пури нос буд. Бечора Гулнисо. Ишқи марде мисли Сафол ҳатто барои як беваи бечора ҳам таҳқиромез буд! Сафол рӯзҳои ахир абрӯвони ғафсашро аз рӯи чашмони норозиаш бардошта, пероҳани нав пӯшид. Роҳи кораш дар самти дигар буд, аммо кӯчаро тай карда, то хонаи ҳамсояи нав меомад. Саг ӯро медиду девона мешуд. Чӣ гапе буд, ки онро танҳо саг медонисту Сафол.

Ҳамон тавре ки модарбузургам хулоса кард, Гулнисо ба ҳама рӯи хуш медод. Хушаш меомад, ки мардҳо барои ӯ сабқат мекунанд, аз сари девораш калла мекашанд, мехоҳанд хизматгори беминнаташ шаванд, роҳашро мепоянд, аммо ҳеҷ мардеро ба худ наздик шудан намемонд. Ӯ мардҳоро бозӣ медоронд. Баъзе мардҳо табиати ӯро омӯханд ё шояд аз интизорӣ хаста шуда, канор рафтанд. Аммо баъзеҳо ҳанӯз умедвор буданд, махсусан мудири бозор, ки хонааш дар аввали кӯча буд. Ӯ пайваста барои Гулнисо халтаи орду сабзиҷоту гӯшт мефиристод, аммо тавре модарбузургам гуфт, “додугирифт якҷониба буд, ва аз тарафи Гулнисо инъоме ироа нашуд”.

Модарам акнун пиёлаи чояшро бе ҳамсояи нав наменӯшид ва аз падарам мехост, ки чароғи сӯхтаи ҳамсояро иваз кунад ё баргҳои хамидаи ангурашро боло бардорад.

Падарам давдавон амри модарамро иҷро мекард.

- Э Гулбарг, кадом рӯзе аз ин дилсӯзиҳот шаттаи сахт мехӯрӣ, ман гуфтаму ту шунидӣ! - бо сарзаниш мегуфт модарбузургам. Бадии кор дар ин буд, ки пешгӯиҳояш ҳамеша рост мебаромаданд, кампир келинашро хеле хуб омӯхта буд.

Дӯстии модарам бо ҳамсояи нав аз ҳама бештар ба қадимтарин бошандагони кӯчаи мо – Ҷаҳонгулу Баҳригул, ки хонаaашонро аз ҳавлии Гулнисо як девори кухна ҷудо мекард, хуш наомад.

Хоҳарон аз комсомолҳои замони барқарорсозии ҳокимияти Шӯравӣ буданду аз солмандӣ шабеҳи ҷасадҳои мумиёишудани фиръавнҳои Мисри қадим, ҳатто мижа намезаданд. Гоҳ модарам ғизои хушмаззае мепухуту мегуфт, ки ба он ду хоҳар бидиҳам. Як соат мегузашт, то дар кушода шавад. Онҳо фарзанд надоштанд, аз рӯи гапи худашон пушташон тахти арӯсиро надидааст. Кадом хеши дурашон гоҳ-гоҳ аз ҳолашон хабар мегирифт. Хоҳарон бо ифтихор мегуфтанд, ки хизмати ҳизбро аз издивоҷу бача авлотар медонистанд ва бо аспу қамчин деҳа ба деҳа гашта, сохти шӯравиро тарғиб мекарданд. Акнун ҳизб онҳоро муҳтарам медошт ва имтиёз медод. Соле чанд дафъа мақомоти маҳаллӣ хоҳаронро бо ордену медалҳояшон ба маъракаҳои сиёсӣ мебурданду дар минбар менишонданд ва баъд бо туҳфаву орденҳои нав ба хона меоварданд. Ордену медалҳои онҳо аз мӯи сарашон зиёд буд. Аз барқароршавии Шӯравӣ ҳафт даҳсола мегузашт, аммо орденҳо ҳамоно меомаданду меомаданд. Бо касе рафтуомад надоштанд, дар худ мезистанд, модарамро дӯст медоштанд, аз падарам хушашон намеомад.

Падарам марде буд қоматбаланду хушқиёфа ва камгап, аммо ҳайбат дошт. Агар саҳар садояш баланд мешуд, мо аз ҷогаҳи хоб чун тир аз камон берун меҷаҳидем. Ӯ мегуфт: - Ин чӣ гап аст, ки мисли Фиръавн то ними рӯз мехобед!?

Мо кӣ будани Фиръавнро намедонистем, падарам дар зеҳни мо Фиръавнеро эҷод карда буд, ки ландаҳур буд, танҳо мехӯрду мехуспид, дуруст мисли мо. Падарам ҳамеша сахтгир набуд, гоҳ-гоҳ меҳрубон мешуд. Ману хоҳарҳоямро навозиш мекарду ба канор мегирифт ва «духтарҳои нозанини ман» мегуфт. Мо шод мешудем, аз меҳрубониҳояш об мешудем, аммо худро каме канор мекашидем, то нафаҳмад, ки пеши барамон баланд шудааст. Ман 14-сола будаму хоҳарам ду сол аз ман бузургтар.

Рӯзҳои охир ӯ зуд-зуд ба назди панҷараи меҳмонхона мерафт ва соатҳо аз хонаи Гулнисо чашм намеканд. Панҷараҳои мо барои тамошои кӯча дидбонгоҳи хубе буданд. Хоҳари бузургам, ки акнун аломатҳои балоғат хату холи наврасиро аз чеҳрааш мезудуд, соатҳо дар ин дидбонгоҳ гузаштани бачаи ҳамсояро интизор мешуд. Ӯ хаёл мекард, ки асрорашро ба ҷуз худаш касе намедонад, аммо ман медонистам, фақат ба рӯяш намекашидам. Хоҳарам мусиқӣ гӯш мекарду оҳ макашид. Бачаи ҳамсоя мегузашту ба ӯ нимнигоҳе намекард. Шояд дар гӯшаш мусиқие садо медод, ки бо оҳангҳои хоҳари ман ҳамсадо набуд. Хоҳарам рубоиҳои китоби фолклорро ба варақҳо мекӯчонду мисли тӯмор секунҷа мекард ва шояд мехост ба он бача бифиристад, аммо ҷуръат надошт. Ӯ аввалин лагадҳои ишқи беҷавобро мехӯрд.

Падари сахтгири ман, ки бо фарзандонаш чун фармондеҳи артиш бо сарбозонаи тозадаъват бархӯрд мекард, ногаҳон нарму хаёлӣ шуд ва ба мисли хоҳарам панҷараи дигари хонаро "иҷора" гирифт. Ӯ ҳамеша хушлибос буд, аммо ҳоло бештар ба худаш мерасид, атр мезаду ба мӯйҳои хурмоирангаш равғани хушбуй мемолид. Рӯҳаш болида буд ва зери лаб тарона замзама мекард. Рӯзе аз кор бо як рубоб баргашт, онро соатҳо ҷӯр кард, баъд садои сурудхониаш аз меҳмонхон баланд шуд. Бечора садои хубе ҳам надошт. Сурудаҳои Одина Ҳошимро мехонд. Гӯё хониши Одина ӯро қонеъ намекард, ки таронаҳоро бо сабки худаш месуруд.

Бештар дар назди панҷара ва бо сӯзу гудоз мехонд: «Як гуле аз гулшани боғи ҷаҳон гум кардаам...». Ҳунарнамоӣ бо садои зинда дар назди панҷара низ ӯро қонеъ накард ва рӯзе бо дастгоҳи сабти савт баргашт. Ӯ акнун месуруду садои худро сабт мекард ва наворро дар ниҳояти баландии садо соатҳо гӯш мекард. Хоҳари ошиқам рубоиҳои ба шакли тӯморҳои секунҷаашро дар таги қолин мегузошту падарам фиттаҳои сабткардаашро дар ҷевонаш.

Баъд ҳодисае шуд, ки ман нагӯяму шумо нашнавед.

Аввали тобистон буду ману хоҳарам рӯйи суфаи ҳавлӣ мехобидем. Шабона себи пешпазак тап-тап ба замин мефтоду бедорамон мекард. Мо сар ба зери кӯрпа мекардем ва дар ҳавои салқин бо ҳаври нафасҳои якдигар гарм мешудему хобамон мебурд ва хобҳои ширин медидем. Маро саҳар зангӯлаи кокулҳои модарам ва шир-шири ба сатил рехтани шири модаговамон бедор мекард. Модарам он модаговро, ки худаш аз хурдӣ бузургаш карда буд, чун хоҳараш дӯст медошт ва ӯро хору мол мекарду бо ӯ ҳарф мезад. Гов ҳам ба ин ишқ бо муҳаббати бузургтар посух мегуфт ва касеро ба ҷуз модарам ба пистонҳояш роҳ намедод. Модарам сол дар миён бача мезоид ва дар набуданаш зани ҳамсоя куртаи модарамро ба бар мекард, сару рӯяшро бо рӯймол мепӯшонд то гов ӯро модарам пиндорад. Модагов гӯё чизеро пай мебурд, чашмонаш ало мешуд, аммо баъд бӯи модарамро мешамиду ором мегирифт ва пистонҳошро ба зани ҳамсоя боз мекард.

Хоби ман мисли хоби заргӯш буд, камтарин садо бедорам мекард. Баъд то рӯз тоб мехӯрдаму хоби гурехтаамро мекофтам. Хаёлам маро ба кимкуҷоҳо мебурд: аз кӯчаи худамон ба кӯчаи ҳамсоя, аз он ҷо ба кӯчаи калон ва ба даште, ки дар он ҷо шоҳзодаи афсонавӣ бо аспи сафедаш маҳмез мезад ва арӯси орзуҳояшро меҷӯст. Кадом шоҳзода, кадом дашт, бихоб девона!?, мегуфтам бо худ ва аз ин хаёлбофиҳо хандаам меомад. Хоҳари ошиқам, ки шоҳзодаи

воқеияш се хона аз мо дуртар мезист, дар хоби ноз буд ва гоҳ-гоҳ дандон мехоид. Шояд хоби баде медид. Шабе аз шабҳо, ки домани сиёҳи осмон акнун бо ҳарири сапеди бомдод ҳамоиш меёфт ва дарахти себ меваҳои пухтаашро пушти ҳам ба замин парт мекард, ногаҳон суроби падарамро дидам, ки нӯг-нӯги по аз айвон берун шуд ва каме дуртар аз ман дар назди дарахти себ истод. Ӯ дар даст халтаи коғазӣ дошт ва себҳои беҳтаринро аз шоха мечиду дар он ҷо мекард. Хостам садо баланд кунам, аммо истиҳола кардам. Халта аз себ пур шуду падарам боз ҳам нӯг-нӯги по дарвозаро боз кард ва аз хона берун рафт. Нимхез шудам, то бубинам ки куҷо меравад. Дидам, ки роҳро убур карду ба назди дари ҳамсояи нав рафт. Дар бесадо ба рӯяш боз шуд. Аҷаб, чаро саги гӯшбурида, ки аз парвози гунҷишк дар осмон ва ҷунбиши мӯрча дар замин ба хашм меомад, садо намебаровард? Хоб аз чашмам парид. Хоҳарамро бедор кардам, дар ҳоле ки забонам мепечид, гуфтам, ки падарам хонаи Гулнисо рафт. Ӯ чашмонашро боз кард, чанд бор миҷа зад ва сипас сарашро ба болишт гузошту хобид. Маро дигар хоб набурд. Падарам баъди як соат баргашт ва ба хонаи хобаш рафт. Андешаҳоямро садои зангӯлаи кокулҳои модарам парешон кард. Ӯ шим-шим мегуфту гов медӯшид. Аз дунё бехабар буд.

Надонистам, ин розро ба кӣ бигӯям. Гуфтам, шояд иштибоҳ фаҳмидам, чӣ бадӣ дорад, агар падарам субҳи содиқ ба ҳамсояи бешавҳар себ бубарад? Агар ҳарфи дигаре мебуд, Гулнисо магар модарамро хоҳарвор дӯст медошт?

Шаби дигар низ падарам бо халтаи себ ба хонаи Гулнисо рафт. Шаби сеюм низ. Ба худ мегуфтам, эй кош, ин себҳо зудтар ба замин мерехтанду мекафиданд, то падарам барои сафарҳои нимашабӣ баҳона наёбад!

Падарамро фаъоли комсомол фурӯхт.

Шабе аз шабҳо халтаи себ бо падарам боз ба хонаи Гулнисо рафт, аммо баъди чанд дақиқа фарёди ҷонкоҳи Баҳригул, яке аз хоҳарони фаъоли ҷамъиятӣ ва қаҳрамони

меҳнат дар хомӯшии шаб ба осмон печид ва ҳамзамон бо ин фарёд чизи сангине ба замин бархӯрд. Давоми ҳодиса мисли достонҳои ҷиноӣ буд. Падарам дав-давон худро ба хона зад. Модарбузургам “а бача, касе мурд чӣ? Равен бинен чӣ шуд!?”- гуфт. Модарам ба кӯча давид. Се-чор ҳамсоя ҷамъ шуда, касе аз сари девор ба хонаи Баҳригул парид. Гуфтанд, ки кадоме аз хоҳарон аз сари девор афтидаву зинаи вазнин ба болояш чаппа шудаст.

- А бача, Баҳригул дар соати 4-и саҳар дар сари девор чӣ мекофтаст? - пурсид касе аз ҷамъшудаҳо

- Кӣ медонад, дар зеҳни ин кампирҳои давраи Николай чӣ мегузарад. -ҷавоб дод дигаре. Аз дохил садои Ҷаҳонгул меомад, ки “хоҳараме, хоҳарам мурд” - мегуфт.

То омадани мошини ёрии таъҷилӣ ҳамсояҳо Баҳригулро аз зери оворҳои рехта берун кашиданд. Ҳуш дар сар надошт, нолиш мекард. Духтурҳо ӯро бо занбар ба мошин бор карданд. Хоҳараш кастуми ордендорашро пӯшида, аз хона ба берун хазид. Ӯ бо ғазаб ба тарафи хонаи мо ва ба тарафи модараам нигоҳ карду ангушти таҳдидро боло бардошта, “Ман медонам, бо шумо чӣ кор кунам!” - гуфту бо кӯмаки ҳамсояҳо ба мошин нишаст. Ҳама ҳайрон ба якдигар нигоҳ мекарданд. Модарам нафаҳмид, ки аз девор афтидани Баҳригул ба ӯ чӣ рабт дорад. Модарбузургам дар рӯи ҷогаҳи хобаш шах шуда, бо нигоҳаш писарашро мекофт. Танҳо ман медонистам, ки он шаб чӣ иттифоқ афтод. Медонистам, ки баъди чанд соати дигар ин достон сақичи дахони ҳар хонадон мешавад.

Субҳ мошини раиси шаҳр Ҷаҳонгулро аз бемористон ба хона овард. Падарам саҳари муллоазон бесубҳона ба кор рафта буд. Ба кор? Дар рӯзи якшанбе? Кӣ бовар мекунад! Модарам хотирпарешон буду модарбузургам дар интизори тӯфоне, ки худаш пешгӯӣ мекард. Майрамбӣ хабарҳои охирин дар нӯл давида омад. Гуфт, ки пойи Баҳригул аз ду ҷояш шикаста, чанд қабурғааш каҷ шудаст ва Худо медонад,

ки устухонҳояш дубора пайванд шаванд.

- Кампир азоб мекашад, осон аст, аз сари девори думетрӣ афтидан!? Аз ин дида мемурд беҳтар буд, ба умраш арча намондаст. - гуфт ӯ. Маълум намешуд, ки ин дилсӯзӣ буд ё баёни воқеият. Майрамбӣ аз ҷояш наҷумбида буд, ки Давлатбӣ омад, баъд Мавҷудаву Моҳпайкар ҳам расиданд ва гуфтанд, ки занҳои дигар дар роҳанд. Айвон пур шуд. Аз ҳама охир Майсара омад ва баъди шунидани хабари қабурғаҳои каҷшудаи Баҳригул, ба девор такя заду хобаш бурд. Занҳо мағз об мекарданд, ки кампир дар сари девори Гулнисо чӣ мекофт?

Дар ҳадсу гумонзанӣ буданд, ки дар боз шуду кампири Ҷаҳонгул дар такяи асо, вакили гузар ва пулиси маҳаллӣ ҷузвдонаш дар зери бағалаш ба ҳавлӣ даромаданд. Ман чойники чойро ба гӯшаи дастархон гузоштаму ба берун гурехтам. Дигар чӣ шуду чӣ монд намедонам. Хоҳарам гуфт, ки вакилу пулис ба хонаи Гулнисо рафтанд ва таъкид карданд, ки падарам зуд худро ба идораи пулис расонад. Модарам аҷулона либосҳояшро ҷамъ мекард. Модарбузургам зорӣ дошт, ки "ӯ аз хари шайтон фарояд". Занҳои ҳамсоя боақлӣ карданду хона ба хона шуданд. Хоҳарам гуфт, ки Баҳригул чанд рӯз ин ду нафарро аз сари девор поидаст ва шаби гузашта вақте падарам шеърхонон ба сӯи Гулнисо даст дароз кардаст, кампир "ҳой!" гуфта, хостаст онҳоро аз бадахлоқӣ боздорад, вале пояш ғеҷида сарозер шудаст.

Модарам буғчаи либосҳояш ва хоҳари хурдиямро бардошту ба хонаи бародараш рафт, ки дар он тарафи роҳи калон зиндагӣ мекард.

Падарам аз тағоям, ки ба ӯ ҳукми хусурро дошт, сахт метарсид ва сарзанишҳояшро бо сари хам фурӯ мебурд. Ӯ қариби шом ба хона баргашт, ранг дар рӯй надошт. Аз даъват шуданаш ба идораи милиса хабар надошт. Вале эҳтимол бозпурсии пулис барояш аз рӯ ба рӯ шудан бо тағоям, ки ду соат боз роҳашро мепоид осонтар буд. Тағоям охирин ҷуръаи

чояшро нӯшиду пиёлаи холиро чапагардон кард ва бе ягон пешгуфтор ба ҳамла гузашт.

- Ту нархари беҳаё хоҳари маро бесоҳиб ёфтаӣ??? - гуфту борони ҳақоратро бар сари падарам рехт.

- Рав талоқашро бидеҳ, пагоҳ барояш шӯйи аз ту беҳтар меёбам. - гуфт. Падарам даҳон боз накард, тамоми ҳақоратҳоро бо сари хам шунид. Ҳатто сар набардошт. Модарбузургам ҳоли зоре дошт. Дилаш ба писараш месӯхт, вале чизе намегуфт ва чун намозгузорони яҳудӣ дар ҷойи нишасташ меҷунбиду меҷунбид.

Тағоям бегоҳ модарамро бо хоҳаракам овард ва “касе, ки бояд аз ин хона биравад, ана ҳамин мардаки беномус аст”. - гуфту бо ҳамин рисолаташро анҷом дод. Модарам бо падарам қаҳрӣ шуд, кӯрпаву болишташро аз хонаи хоб берун андохт ва бо ӯ дар сари як дастархон наменишаст.

Вакили кӯчаи мо, ки исми кӯчакашро касе намедонист ва ҳама ӯро бо номи хонаводагиаш Собирова садо мекарданд, қаҳрамони ҷангу меҳнат ва шахси боэҳтироме буд. Хоҳаронро дӯст намедошт. Ӯ шомгоҳ хона омад, худаш танҳо буд, падарамро мазаммат кард: “Ҳай-ҳай, аз ту ин корро интизор надоштам.” - гуфт.

Васвасаи ишқи Гулнисо барои падарам бисёр гарон афтод: як моҳ пояш аз идораи милиса канда набуд, аз ҳамсояҳо шарм медошт, аз хона намебаромад, модарам ба рӯяш нигоҳ намекард.

Модаркалони бечораам як ҳафта дар кӯча нишаста, ба тарафдории падарам аз ҳамсояҳои раҳгузар имзо ҷамъ мекард, то ӯро аз ҳизб хориҷ накунанд. Мегуфт кампирҳо дучори таваҳҳум шудаанд. Ё имзоҳо сабаб шуданд ё воқеан мақомдорҳо ба даъвои хоҳарон шак карданд, ки парванда баста шуд ва билети ҳизбии падарам дар ҷайбаш монд.

Дар ин муддат аз Гулнисо ҳам хабаре набуд. Кай кор мерафту кай бармегашт, касе намедид. Саги гӯшбуридааш ҳам садо баланд намекард, ҳайвони безабон хабар надошт, ки

номи ӯ ҳам дар ҳодиса ҳамчун як саги фасодкор зикр мешуд.

Ҳамсояҳо гоҳ-гоҳ ба хонаи мо сар мезаданд. Вонамуд мекарданд, ки чизе нашудаст, намехостанд модарамро озурда кунанд.

Гулнисо ногаҳон пайдо шуд. Бомдод буду ман рӯи кат мехобидам. Модарам говашро ҷӯшиду сатили ширро ба шохи ангур овехт. Дарро кушоду хост говро ба подабон супорад. Гулнисоро дид, ки дар пушти дар истодааст. Ӯ хам шуда аз домани модарам гирифт.

- Гулбарг, Худо шоҳид, ман акама ба хотири худат ба хона роҳ додам. Қасам ба сари фарзанди ягонаам дастамро нақапидаст, танҳо дарди дил карду ман гӯш додам, бовар кун, ба Худо рост мегӯям. - гуфт. Модарам говро аз дар берун карда, интизори подабон нашуд ва дарро ба рӯи Гулнисо пӯшид. Моҳҳо гузашту дигар бо ҳамсояи наваш рӯ ба рӯ нашуд. Як рӯз Сафари ошпаз гуфт, ки Гулнисо шӯ мекунад, ҳамон марди сарватманди ҳавохоҳаш ниҳоят дилашро ёфтааст.

Сафар гуфт, ки Гулнисо дар фикри шӯ кардан набуд, аммо баъди ин ҳодиса ... маҷбур шуд.

Бегоҳ модарам дари хонаи Гулнисоро куфт. Ӯ баъди чанде бо чашмони аз гиря варамида ба хона баргашт. Рӯзи дигар ба дугонаҳояш гуфт, ки беҳуда ба гапи Баҳригул бовар карду аз Гулнисо гумонбар шуд.

- Баҳригул як кампири 90 сола аст, таваҳҳум дорад, шояд чизи нашуда дар назараш намудаст. Бечора Гулнисо маҷбур шуд, ба касе, ки дилаш намекашад, хонадор шавад. Гуфтам, накунад ин корро, гуфт, дер шудаст... Занҳо ба якдигар нигоҳ кардану сарҳояшонро поён андохтанд.

Рӯзе ки дар кӯча тӯй шуду садои “барор-барор хушрӯра” танин андохт, занҳо аз хурсандӣ дойра заданду рақсиданд. Ончунон рақсиданд, ки чанг ба осмон хест. Домод он қадар мошину ҳофиз оварда буд, ки ангор ба духтари 18-сола издивоҷ мекунад. Модарам арӯсро худаш оро дод ва тоҷи

нуқрагинро ба сараш гузошт. Мехост нишон диҳад, ки дар дил нисбати ӯ кина надорад ва ба ҳарфаш бовар кардааст. Вақте охирини ҷузъи ороиши арӯс, ҳарири муҷалалро ба рӯяш партофтанд, Гулнисо хам шуду гирист.

– "Арӯсро бароред, дер шуд" - фарёд кард касе аз берун. Арӯс дар иҳотаи занҳо ва бо садои доира аз дари ҳавлие, ки ним сол пеш дар як рӯзи тобистон бо як саги гӯшбурида ва бачаи 12 сола ба он ворид шуда буд, берун баромад.

Мардҳои маҳалла ба базмгоҳ наомаданд, танҳо Сафоли мӯзадӯз дар як гӯшаи базмгоҳ бегонавор меистод. Лабханд дошт, аммо маълум набуд, ки механдид ё мегирист.

"Барор-барор"-и арӯсро падарам аз панҷараи меҳмонхона медид, чашмам ба ӯ афтоду рӯямро тарафи дигар тофтам, гӯё надидамаш. Намедонам чӣ ҳол дошт. Дар хона худаш танҳо буд, ҳатто модарбузургам бо пойи дардмандаш ба тамошои арӯсбаророн баромад.

Вақте домод арӯсро бо мошини пеши он замон ва бо сурнаю карнай аз кӯчаи мо бурд ва охирин меҳмон қуфли калонеро ба дари Гулнисо зад, падарам пардаҳоро басту аз пеши панҷара дур шуд, ангор сафҳаи дардноки зиндагиашро пӯшонд...

…Аз хоб хестан дар хонаи падарӣ маззаи аҷибе дорад, мавҷи хотираҳо ба соҳили зеҳнат медаванд ва наврасиатро мебинӣ, ки пойи урён рӯи реги соҳил нарм қадам мезанад. Аз ҳамсояҳои пешин дар кӯчаи мо касе намондаст, аммо нусхаҳои онҳоро мебинам, ки кӯчаро пур кардаанд. Додарзодаи ман себҳои доманашро як-як ба об сар медиҳад ва нусхаи Майрамбӣ, Майсара, Моҳпайкар, Давлатбӣ, Сафол, Сафар ... бо сару садо қад-қади ҷӯйбор аз паси себҳои пешпазаки мо медаванд.

Даст ба ҷойбам мебараму дилам аз шодӣ гум мезанад. Ин калиди хонаи хотираҳои ман аст, ки шаб бародарам овард. Ман дар ин хона чизеро иваз намекунам, танҳо ду ҷуфт пахтасеб мешинонам, ки шабона меваҳои пухтаи худро ба

замин парт кунанд ва раҳгузарҳо аз бӯи себи кафида маст шаванд...

(Ҳикоя)

# РАҚСИ ГУЛБАРГҲОИ ГЕЛОС

Беморро субҳи муллоазон дар занбар оварданд. Ӯро писараш овард, бачаи тахминан 16-17- сола. Дари ҳавлӣ баста буд, писар каме дар гирди дару девор тоб хӯрд, вале тугмаи зангро пахш накард. Шояд намехост соҳиби хонаро бедор кунад ё мехост дуздона ворид шавад. Аз сари девори начандон баланд париду қуфлро аз дохил боз кард ва сипас дастаи пеши занбарро гирифту бо ишораи сар ба ронанда “бардоштем” гуфт. Аз кӯча то ҳавлӣ даҳ-дувоздаҳ қадам роҳ буд, вале ҷавону ронанда дар ин фосилаи кӯтоҳ ду бор занбарро ба замин гузошта, бо “уфу пуф” дам гирифтанд. Онҳо ба бемори дохили занбар нигоҳ намекарданд, гӯё зуғол мекашонданд. Ронанда, ки як марди паҳлавонҷуссаи сиёҳпӯст буд, аз рӯи тану тӯш мебоист ин борро худаш танҳо сари даст меовард ва зери бори вазнин сурху кабуд намешуд. Аммо чеҳраи арақшораш мегуфт, ки бо ин ҷуссаи бузург ӯ мисли чанори миёнаш ковок ҳайбат дораду дар асл хӯсае беш нест. Ҷавони қоқи гарданборик, ки мӯи пушти лабаш пашми чӯҷаи тоза аз тухм баромадаро мемонд, дар обу арақ ғӯтида буд. Рагҳои дасту пешонааш он чунон таранг буданд, ки гӯё ҳоло ё замони дигар пӯсташро медаранд ва берун меҷаҳанд. Занбарро бо азобе ба айвон бароварданд ва ҳарду оҳи сабук кашиданд. Ронанда аз ҷайбаш рӯймолчаи ғиҷимшудаеро, ки шояд моҳҳо рӯи обро надида буд, баровард ва арақи сару гарданашро пок кард. Ҷавонак дастмол надошт, арақашро бо остини куртаи сафедаш рӯфт.

Одами дохили занбар овоз баровард. Аммо гӯё рег дар даҳон дошту ғурунгос мезад, маълум набуд, чӣ мегӯяд. Ҷавон аз пушти шонааш ба сӯи овоз нигоҳ кард, вале аз ҷой наҷумбид. Ӯ ба манзури “акнун чӣ кор кунем?” суоломез ба

ронанда чашм дӯхт.

Ронанда як сулфиду бо садои ғулдуросиаш “соҳибхона” гӯён фарёд зад.

Ҳуҷраи назди айвон бо панҷараҳои бузург ва пардаҳои ҳарираш эҳтимол хонаи пазироии меҳмонҳо буд, вале ин эҳсосро медод, ки дари он солҳо боз ба рӯи касе боз нашудааст.

Ғиҷирроси дар аз кунҷи дигари ҳавлӣ, аз тарафи хонаҳои қадимитар баланд шуд ва зани миёнасоли сафедпӯш, ки эҳтимол аз сари ҷойнамоз баланд шуда буд, аз дур ба ин ду мард дидаи зеҳн монд ва оҳиста пеш омад.

Се-чор қадам пеш гузошту ногоҳ дар ҷояш шах шуда, аз ҷавон чашм намеканд, мисли ин ки ӯро шинохт. Абрӯвони сиёҳаш гиреҳ заданд. Ҷавон ба сӯи айвон нигоҳ кард. Зан низ оҳиста аз чеҳраи ӯ чашм канд ва рӯ ба айвон овард. Дастаи занбарро диду суоломез ба меҳмонҳои саҳаргоҳӣ нигарист. Одами даруни занбар дасташро бардошту чӣ ишорае кард, вале дасташ беҳолона ба замин афтид. Зан акнун мутаваҷеҳ шуд, ки ин ду нафар дар каллаи саҳар дар ҳавлии ӯ чӣ мекобанд.

- Инро куҷо овардед? - пурсид ӯ бо садои баланд. Гӯё мехост ҳамсояҳо низ овозашро шунаванд.

Ҷавон гунаҳкорона сар хам кард, ангор нақши худро то ин ҷо хуб медонист, аммо аз ин ба баъдашро тамрин накарда буд.

- Худаш хост… - гуфт ӯ ва ангушти ишораашро сӯи айвон баланд кард.

- Инро-ку мағзаш сакта кардааст, модари ту чӣ? Магар девона шудаст, ки шӯяшро ба хонаи ман фиристод? - зан то рафт оташ мегирифт.

Ҷавон рӯяшро тарафи ҳавлии ҳамсоя гардонд, мехост зан дилашро зудтар холӣ кунад, қаҳраш паст шаваду беморро бипазирад ва онҳо аз пайи кори худ раванд.

- Бардор бубар падаратро! Ҷавону пулдору тануманд буд,

модари ту ӯро бурд. Ҳоло ки сактаву маъюбу бистарӣ шудаст, оварда бар сари ман бораш мекунад?

- Апа, ин кӯдак ба корҳои шумо чӣ корад, гуфтанд бар, гирифта овард. -ронанда тарафи ҷавонакро гирифт.

- Кӣ гуфт ӯро ба хонаи ман биёред?

- Худаш хоҳиш кард, гуфт, ки дар хонаи падариаш мурдан мехоҳад. - ҷавон инро гуфту ба тарафи дар рафт.

- Куҷо? Ин одами ниммурдаро овардед, ки ман бо ӯ чӣ кор кунам? Ин ҷо касе нест, ки ӯро пасту баланд кунад. Ман на тавони ахлотшӯӣ дорам, на бемордорӣ.

- Мошини калон ёфтан осон нест, ин одамро базӯр хоҳиш кардам, - гуфт ҷавон ва ба тарафи ронанда ишора кард, - ҳар гапе доред, ба падарам бигӯед. Худаш моро маҷбур кард, дасти чапаш кор мекунад, гапҳояшро менависад...

Ронанда араќи пушти сарашро поккунон оҳиста аз дар баромад, ҷавонак ҳам ба думболи ӯ шитофт.

- Бардор занбарро, вагарна дод мезанаму ҳамаи маҳалларо ба по мехезонам!

Онҳо дигар ба ҳарфи зан гӯш надоданд ва ба сӯи мошини канори роҳ, ки шабеҳи ёрии таъҷилӣ буд, давиданд.

Ронандаи паҳлавонҷусса, ки дар кобинаи мошин базӯр меғунҷид, муҳаррикро рӯшан кард.

Ҷавон бо як ҷаҳиш худро ба паҳлуи ронанда гирифт ва гуфт:

- Ҳай кун!

Зан аз дастаи дари мошин дошта, фарёд мекашид:

- Э бача, фаро падаратро бигир!”

Ҷавон пушташро ба тиреза гардонд. Рафтораш хашми занро бештар кард. Ӯ санги ба мушташ баробарро аз замин бардошт ва ғазаболуд ба сӯи тирезаи мошин ҳаво дод. Санг ба оҳани болои тиреза бархӯрду гашта ба дарахти тути лаби ҷӯйбор зад.

Мошин он чунон тунд пеш рафт, ки ангор, мехост парвоз кунад. Дар ҳаво чангу хок, дар кӯча зани дар ҳоли шок ва

дар айвон бемори дар занбар монд, ки сарнавишташ дар байни замину осмон муаллақ буд.

Зан беҳолона рӯи хараки назди дарвоза нишаст. Ӯ дар тӯли зиндагиаш рӯзҳои сахтро бисёр дида, ба қавли маъруф, аз байни обу оташ гузаштааст, аммо ҳоло намедониист чӣ кор кунад. Беморе, ки нимзиндаву ниммурда дар дохили занбар мехобид, замоне шавҳараш буд, вале 25 сол пеш, дуруст дар синни 40-солагӣ васвосӣ шуд ва кастумаш дар китфаш рафту дигар барнагашт. Дур нарафт, ду кӯча он сӯ ба муаллимаи забони англисӣ хонадор шуд.

Зан монду се кӯдаки пешодумкол,  мисли Алулаку Булулак ва як хусури пири барҷомонда, ки базӯр то ташноб мерафт.

Зан ним сол пеш хабар ёфт, ки мағзи сари шавҳараш сакта кардаст. Ӯ ин хабарро аз тариқи занги видеоӣ ба фарзандаш расонд, то нагӯянд, ки чаро ба мо нагуфтӣ. Писари калонӣ, бо шунидаи хабар файласуфона “мда-а-а” гуфт. Модар нафаҳмид, ки  ин нидо аломати тараҳҳум буд ё тааҷҷуб.  Писари дуюмаш дар ҷое буд, ки телефонаш «антен» намедод: “алло, алло”- гуфту гӯширо қатъ кард. Духтараш, фарзанди аз ҳама хурдии хонадон, бо нидои «Oh, my God!» ҳарзамонанд чизе гуфту аз пайи кораш рафт.  Беэътиноии фарзандон ба модар нафорид, аммо онҳоро дарк мекард. Хотираи фарзандонаш, ки вақти рафтани падар калонӣ даҳсола, мобайнӣ ҳаштсола ва хурдӣ шашсола буд, дар тӯли 25 сол чун аксҳои албоми қадимӣ зарду камранг шудааст.

Писари калонӣ духтури ҷарроҳ аст. Мегӯянд, ки дар соҳаи худаш назир надорад, аммо беандаша ҳарф мезанаду бераҳмона мебураду медӯзад. Ҳарфаш чун тир одамро шикоф мекунад. Модар гоҳо фикр мекунад, ки шояд ин сангдилӣ таъсири касбаш бошад.

Писари дуюмаш ҳам духтур аст, бо «Салиби сурх» дар ким-кадом давлати африқоӣ кӯдаконро аз марг наҷот медиҳад. На зан дораду на кӯдак ва  дар дунёи худаш зиндагӣ

мекунад. Мегӯяд, ки дар ин солу замон издивоҷ муҳим нест. Ӯ ҳар моҳ ба модараш пул мефиристад, аммо худаш намеояд. Духтараш дар кадом ширкате тарҷумони забони англисӣ аст. Ду сол пеш бо як кӯдак аз шавҳараш талоқ гирифт ва баъди суду судбозӣ хонаи ҳамсарашро бо ними тиҷораташ соҳиб шуд. Зан гоҳо ба духтараш менигарад ва ҳайрон мешавад, ки ӯ ин густохиро аз кӣ мерос гирифтаст ва баъд мақоли “мева аз дарахт дур намеафтад”- ро ба ёд меорад.

Аммо ҳоло ноилоҷ буд, ба раҳнамоӣ ниёз дошт, бояд аз касе машварат мегирифт. Гӯширо бардошту ба писари бузургаш занг зад.

- Алло?

- Салом писарам, хубӣ?

- Хубам модар, шумо чӣ ҳол доред?

- Шукр, хубам... садоят хаста ба гӯш мерсад, корат зиёд аст?

- Нав аз ҷарроҳӣ баромадам, каме тӯл кашид. Худоро шукр ба хайр гузашт. Ягон кори оҷил буд?

- Не-ю, гуфтам як ҳолатро пурсам...

- Аз садоят маълум, ки чӣ ҳодисае шудаст, чӣ шудаст?

- Метавонӣ имрӯз ба хона биёӣ?

- Нигаронам кардӣ… мегӯӣ чӣ шудаст?

- Гапи телефонӣ нест, бояд бубинамат.

- Ин ҳафта омада наметавонам, чанд амали ҷарроҳӣ дорам, ҳамин ҷо бигӯ…

- Модар?

- Намедонам, чӣ тавр бигӯям.

- Э-э-э, воқеан хавотир шудам!

- Падаратро оварданд...

- Киро??

- Падаратро, писараш овард, бо як марди дигар дар занбар оварданд, дар рӯи айвон партофтанду рафтанд. Ҳар қадар даъво кардам, ӯро набурданд, гурехтанд. Ман инро чӣ кор кунам писарам?

- Чӣ хел партофта рафтанд?

- Ҳамин хел, саҳар омаданд.

- Рав ба занаш бигӯ омада, шавҳарашро бубарад!- писар сухани модарро ба тундӣ бурид.

- Худаш хостаст, гуфтаст мехоҳад дар хонаи падариаш ҷон диҳад, шояд нигаҳаш дорем чанд рӯз, одам аст охир…

- Одам аст? Шояд одам бошад, аммо падар нест. Ӯ барои ман 25 сол пеш, ҳамон рӯзе, ки аз хона рафт, мурда буд. Дар бораи он одам ба ман чизе нагӯ!

Зан даҳон боз кард ва хост дили писарашро нарм кунад, аммо ҳарфаш дар даҳонаш монд, писар телефонро қатъ кард.

Зан медонист, ки гуфтугӯ бо писараш кори беҳуда аст. Аз одаме, ки ба суолат бо суол посух мегӯяд, чӣ мегирӣ! Хеле дар хараки назди дар нишаст. Кӯча холӣ буд ва аз ҳавлиҳои атроф акнун садоҳои бедоршавӣ ба гӯш мерасид. Пояш намекашид ба хона дарояд, сараш дар фикр гум буд. “Сад сол ҳам ин ҷо нишинам, бояд рӯзе ба хона дароям охир!”. Ӯ дарро боз карду бо қадамҳои қотеона ба ҳавлӣ даромад, аммо то зинаҳои айвон расиду ҷуръаташ тамом шуд. Айвони рӯ ба офтоб ғарқи нур буд. Бемор дасташро беҳолона баланд кард, то пеши рӯшноиро бигирад, аммо нурҳои офтоби тобистон гардан намедоданд, ӯ қувват накард ва дасташро беҳолона ба пешониаш гузошт.

“Гардиши рӯзгорро бин, кӣ медонист, ин марди хушсурату хушгап ва таҳсилкардаву пулдор як рӯз ин қадар хору зор ва муҳтоҷ мешавад ва писараш ӯро дар занбар ба ҷойе мебарад, ки солҳо сояашро аз девор метарошиданд”. Зан бо ин андешаҳо як-як аз зинаҳо баланд шуд.

Бемор болои кӯрпаи кӯҳна рӯ ба сақф мехобид. Зан аввал як тарафи рӯяшро дид, тарафи чапашро, ки аз сакта осеб надидаст. Ҳамон чеҳраи зебо, ки мешинохт, аммо пӯсташ каме ҷинчак задаст ва абрӯвонаш аз баландии пешонии васеъаш поён фуромаданд. Тарафи фалаҷшудаашро дертар дид, вақте зинаҳо тамом шуданд ва ӯ дар болои сари бемор

қарор гирифт. Чашмаш шах шудаву нимабоз ва лабаш кач буд, гӯё пӯсти рӯяшро кашида дар поёни манаҳаш часпонданд. Чашми нимабозаш мисли мурдоб тираву беҳаракат буд. Чашми сиҳаташ ҷудо аз ҷуфташ дар олами дигар мезист. Зинда буд ва пилкҳояш меларзиданд. Дар зери дасти чапаш дафтару қалам дошт ва қаламро бо ресмон ба занбар баста буданд. "Чӣ фарҷоми ҳузнангезе" бо таассуф аз дил гузаронд зан.

Соле, ки шавҳараш зан гирифт, ӯ 35 сол дошт. Бачаҳояшро, ба истилоҳе, аз обу гил бароварда буд ва акнун майли ишқварзӣ дар вуҷудаш ҷӯш мезад. Вале аз қазо шавҳараш ошиқ шуд.

Ӯ аввали баҳор ошиқ шуд, шабу рӯзе, ки гелос гул карда буд ва гулбаргҳояш дар саросари ҳавлӣ парвоз мекарданд ва рақскунон ба замин менишастанд. Замин ҳавзи гулобро мемонд. Шавҳараш он шабу рӯз хаёлӣ буд ва дар зери дарахти гелос рақси гулбаргҳоро бо ишқ тамошо мекард. Гуфт, ки гелосро ба ин зебоӣ бори аввал мебинад. Зан ба дарахти гелос чашм дӯхт, аммо чизи аҷиберо надид. Ҳамон дарахтеро дид, ки ҳар сол гул мекунад, гулбаргҳояш ба замин мерезанд ва ӯ аз рӯбучини ҳавлӣ хаста мешавад. Шавҳараш ғарқи тамошои ҳавзи гулоб буд, ки зан ҷорӯбро овард ва ҳамаро рӯфт. Мард сахт нороҳат шуд:

- Ту зебогиро чӣ мефаҳмӣ?- гуфт ва бо танаффур аз ӯ рӯй тофт.

Ишқи шавҳараш муаллимаи забони англисӣ буд, ки дарсҳояш аз телевизион пахш мешуданд ва ишқ бо ҳамин забон дили шавҳарашро тасхир мекард. Соати пахши дарсҳо дар куҷое бошад, худро ба назди телевизион мерасонду дафтару қалам дар даст калимаҳои навро менавишт ва онҳоро ба думболи муаллима такрор мекард. Занаш мегуфт:

- Ту як тоҷирӣ, забони англисиро чӣ кор мекунӣ? Мард ба манзури "ақли ту ба ин корҳо намерасад" даст меафшонд. Зан талоши забономӯзии ӯро ба дугонаҳояш тавсиф кард ва

дугонаҳояш маънидорона хандиданд. Дилбастагии шавҳараш ба муаллима он қадар бузург шуд, ки дигар дар доираи забон нағунҷид ва овозааш шаҳрро пур кард.

– Худоё, ман бо ин чӣ кор кунам?-

Зан ва дар назди занбар сари зону нишаст ва мисли ин ки бо одами кар гап мезада бошад, даҳонашро ба гӯши бемор наздик овард.

- Чӣ ҳол дорӣ? Ташна нестӣ? Об менушӣ?

Бемор чизе нагуфт, оби чашми фалаҷаш ба чаккаи сараш мешорид ва гиребонашро тар мекард.

- Мегӯям ташна нестӣ? Шояд гушнаӣ?

Бемор ниҳоят чашми сиҳаташро боз кард, дасташро такон дод ва чизе гуфт. Зан гӯшашро ба даҳони ӯ наздиктар бурд, аммо аз калимаи иборат аз ҳарфҳои "ғ" ва "қ" чизеро нафаҳмид.

Дилаш танг шуд.

- Намефаҳмам, ки чӣ мегӯӣ?- гуфт ва ин дам қаламу дафтар ба ёдаш омад.

Қаламро ба дасти сиҳати бемор дод, болишти хурдеро рӯи синааш гузошт ва барои дафтар такягоҳ сохту гуфт:

- Бинавис!

Бемор як ба қалам нигоҳ мекарду як ба варақи холӣ. Нӯги қаламро ба варақ расонд ва мисли имтиҳондиҳандае, ки ҳалли муодилаи алҷабрро балад нест, зеҳн мемонду зӯр мезад. Аммо чизе ба ёдаш намеомад, ҳарфҳо, ангор, аз зеҳнаш парида буданд.

- Бинавис охир, ташнаӣ, гушнаӣ, ягон ҷоят дард мекунад! Худоё, ин чӣ бало буд, ки ба сари ман омад!- зан асабонӣ шуд.

Бемор ҳаросон нӯги қаламро ба дафтар шакид ва хати каҷукилебе кашид, ки ҳарф набуд. Дасташ ларзиду қаламро афтонд, мисли бачае, ки ногаҳон косаеро шикастааст, ҳаросон ба зан нигоҳ кард. Дили зан он чунон ба бечорагии шавҳараш сӯхт, ки мағзаш ба сӯзиш даромад.

- Ин хел намешавад. - гуфт ва қотеона аз ҷой бархост. Бемор бо дасти сиҳаташ ба домани ӯ чанг зад ва бо забони нофаҳмо ду калимаро чанд дафъа такрор кард. Нигоҳаш пури илтиҷо буд. Зан забони ӯро нафаҳмид, аммо тахмин кард, ки “аз баҳри ман нагузар” мегӯяд.

- Ту дам бигир, ман ҳоло бармегардам.- гуфт.

Ӯ роҳи кӯчаеро пеш гирифт, ки чаҳоряк аср аз он дурӣ меҷуст. Раҳ ба раҳ хонаводаи шавҳарашро нафрин мекард, мехост муаллима ҳамин ҳоло дар пешаш бошад ва ӯ ба мӯю рӯяш ханҷол занад.

Занги дарро пахш накард, дарвозаро бо пояш кушод.

- Касе дар хона ҳаст?- пурсид бо садое, ки табли ҷангро мемонд.

Ҳамон ҷавоне, ки саҳар падарашро дар занбар партофту гурехт, даҳонаш то бехи гӯш дар телефонаш нависонавис дошт. Занро диду ханда аз лабонаш нопадид шуд ва “о, блин” гуфту ба сӯи айвон гурехт. Баъди лаҳзае муаллима оромона аз зинаҳои айвон фаромад.

- Ассалому алайкум, биёед хуш омадед. – гуфт.

Дар ин 25 сол ӯ бори аввал муаллимаро аз наздик медид. “Қариб ки дигар нашудаст, ҳамон зани лоғараки гесубурида, ки дунё чаппа шавад ҳам, табассуми сохтааш аз лабонаш дур намешавад. Гӯё ҳамеша дар рӯ ба рӯи дурбини телевизион бошад. «Як каме пир шудаст, аммо ҳоло ҳам ҳуснаш баҷост”, аз дил гузаронд зан.

- Аз боло гузаред, чӣ хел шуду шумо тарафҳои мо омадед, - муаллима сайъ дошт занро бо меҳрубонӣ “халъи силоҳ” кунад, ки даъво пеш наояд. Аммо ин меҳрубониҳои сохта оташи хашми занро бештар мекард. Ӯ фақат намедонист ин ҳама ғазабро чӣ тавр ба сари ин зани бе дидаву рӯ холӣ кунад.

- Ту аз Худо наметарсӣ?- ӯ тамоми нафраташро дар ин ҷумла ҷо кард.

Муаллима бечораҳолона лабханд зад, вале чизе нагуфт.

- Дилат ба ҳоли шавҳарат намесӯзад? Одам бо як саг чанд сол зиндагӣ кунад дилаш намешавад аз хона берунаш кунад, ту чи тавр тавонистӣ шавҳаратро ба кӯча партоӣ?

- Чӣ кор ҳам мекардам? “Маро ба хонаи падариам баред», гуфта ҳамаро безор кард. Шумо намедонед мо дар ин ним сол чӣ азоб кашидем, асабҳои кӯдакҳо хароб шуд, ман афсурдаҳолӣ гирифтам.

- Барои ҳамин масъулияти ӯро бар дӯши ман партофтӣ?

- Бубинед, агар мантиқӣ фикр кунем, шумо ҳам бист сол бо ӯ зиндагӣ кардед, се фарзанд доред, аз шумо ҷудо шуд, аммо ҳар моҳ ҳақи бачаҳояшро медод. Баъдан, хонае, ки шумо дар он зиндагӣ мекунед, дар асл хонаи ҳамин одам аст.

Зан чизе нагуфт, нахост он пули ночизро, ки шавҳараш ҳар моҳ ҳамчун “ордпулӣ” барои се кӯдакаш медод, бо ин зан баҳс кунад.

- Худо аз одамҳои мисли ту паноҳ диҳад, бо ин сангдилӣ ва беинсофӣ дар он дунё чӣ ҷавоб медода бошӣ, -гуфт ӯ бо таассуф.

- Э, аввал суолу ҷавоби ин дунёро тамом кунем, баъд дар фикри он дунё мешавем. -гӯё шӯхӣ кард, муаллима.

Зан дарк кард, ки асабҳои ин зан мисли ҷавшани тирногузар аст ва баҳс бо ӯ ё роҳ ба сӯи сактаи қалб аст ё сактаи мағзӣ.

- Писари бевиҷдонат падарашро монду фирор кард, ақалан нагуфт, чӣ доруву дармон дорад чӣ мехурад, чӣ мепӯшад.

- Шумо ҷанг кардед, писарам худашро гум кард, вагарна ҷомадони падараш дар мошин буд. Парвиз ҷомадонро биёр! -гуфт муаллима бо аҷала, ки мабодо зан аз фикраш нагардад, – дастуру реҷаи рӯзи ӯро дар ҷомадон гузоштам, доруҳояшро ҳам. Либоси кофӣ дорад, тамом шуд, бигӯед, Парвиз бурда медиҳад. Ин ҷумлаҳо мисли тири мусалсал дар як нафас аз даҳони муаллими берун шуданд.

Ҷавон беҷуръатона як ҷомадони зардро оварду ду қадам

дуртар гузошт ва зуд нопадид шуд.

Зан ҷомадони вазнинро бардошт ва сад ҳақорати ногуфта дар забон аз хонаи кундошаш берун рафт.

- Ту ба кучҷои ин зани бедидаву рӯй ошиқ шудӣ, мардаки аблаҳ! - гуфту кӯчаро миёнбур кард, то зудтар ба хона бирасад.

Ҷомадонро дар назди занбар гузошт ва дари меҳмонхонаро боз кард. Аввал хост барои бемор дар меҳмонхона ҷой дуруст кунад, аммо аз фикраш гашт.

- Имшаб дар ҳамин айвон бихобад, то бубинем, Худо чӣ медиҳад? - гуфт ва аз хонаи поён чанд қабат кӯрпаву болишт овард. Кӯрпаҳоро болои ҳам чид ва як бистари роҳат дуруст кард. Акнун бояд беморро аз занбар ба ин бистар мекӯчонд. Хост, бачаи ҳамсояро ба ёрӣ даъват кунад, аммо "гапу хабар мекунанд" гуфта, худаш даст ба кор шуд.  Болои сари бемор рафт ва аз зери бағалаш бардошт, аммо зӯраш нарасид. Бо вуҷуди сактаи мағзӣ, бемор вазнашро бой надода буд, сангин буд. Зан каме дам гирифт ва дубора аз зери бағали мард бардошт. Баъди чандин талош ниҳоят беморро аз занбар берун оварду ба замин хобонд. То бистар ду-се қадам монда буд. Ӯро кашон-кашон гоҳ аз китфаш ва гоҳ аз пойҳояш бурду ба бистар тела дод, аммо аз бадии кор бемор ғел хӯрду ба шикам зад. Зан "э вой" - гуфту  ӯро боз аз бистар ба замин ғелонд. Арақ аз сар рӯяш мешорид, пеши бару таги синаҳояш тар шуданд. Ба замин нишаст ва мардро гоҳ бо даст гоҳ бо пой ба бистар тела дод ва болиштро зери сараш гузошт. То ин ҷо корашро анҷом дод ва каме хурсанд шуд. Аммо ногаҳон ба ёдаш зад, ки бояд шалвори ӯро берун орад ва либоси тоза пӯшонад. Аз қаҳр гиряаш омад. Гоҳ ба мард менигарист, гоҳ ба шалвор ва гоҳ ба тӯдаи либос, ки аз ҷомадон берун оварда буд.

"Солҳо пеш дар ҳасрате будам, ки як бори дигар дастам ба баданаш бирасад, шабҳои танҳоӣ тани зебояшро ба ёд меовардаму вуҷудам аз шавқ меларзид. Ҳоло ин ҷисм нимҷон

ҳеҷ эҳсосеро ба ҷуз дилсӯзиву таассуф бедор намекунад. Баъд ин бечораро дигар мардигариаш ҳам намондаст», - гуфт ва билохира даст ба шалвори шавҳараш дароз кард.

Тугмаҳои шалвори бемор боз буданд, ангор, шалворро ҳадаҳа ба тани як хӯса кашиданд. Тугмаҳои куртааш ҳам ё дар нӯги ресмон овезон будан ё аслан набуданд, шояд дар кашокаши саҳар афтиданд.

Аз хонаи писари дуюмаш як даста либоси хоб пайдо кард, аз либосҳои дар танаш буда беҳтар, роҳат болову поён мешуданд. Хост шалвори ӯро аз танаш берун биёрад ва либоси роҳатро ба танаш кунад, аммо бемор ғурунгоз зад ва бо дасти сиҳаташ шалворашро қапид.

- Ман ҳам аз даст расондан ба бадани ту хуш нестам, аммо чӣ кор кунам, ки дигар илоҷ надорам. Агар туро тоза накунам, ҳама ҷоро бӯ мегиронӣ, дастатро бигир. Бемор эзорашро сар намедод.

- Агар дастатро набардорӣ, хозир дар ҳамин занбар бор мекунам ва хонаи занат мебарам, фаҳмидӣ?

Бемор дасташро аз шалвораш дур накард, аммо қабзааш суст шуд.

-Зарур бошад, раво бошад. - гуфт зан ва шалворро аз тани бемор берун кашид.

Дар тағора оби гарм овард ва бо лиф аввал дасту по ва сипас байни пойҳои мардро шӯст, вақте ӯро яктараф хобонд ва хост пасашро тоза кунад, дид, ки пушту босанаш пур аз захми бистар аст. Муаллимаро дуои бад кард. Гуфт, ки ба ҷазои Худо гирифтор шавад, беморро ба ин ҳол овардаст. Захмҳояшро шӯст, доруву дармон молид ва пӯшакашро иваз кард. Оби даҳони бемор дар фуку гарданаш парсин баста буд. Рӯяшро бо порчаи нарм шуст ва либоси тоза пӯшонд. Баъд аз пайи хӯрокпазӣ шуд. Муаллима дар дафтар навишта буд, ки бемор ғизоҳои сабук мехӯрад. Ду пойи мурғро ба дег андохт ва барои бемор шӯрбо пухт. Аз рӯи дастури муаллима аввал дорӯҳояшро бо чакона ба даҳонаш рехт ва баъд бо косаи

шӯрбо, ки дар дохилаш каме нон пора карда буд, дар канори бистари бемор нишаст.

- Падаратро се сол бо қошуқ хӯрок додам, меъдааш ғизоро ҳал намекард, бечора фақат тарит мехӯрд. Худо раҳматаш кунад, аҷаб инсони хубе буд... Зан шӯрборо хеле пуф кард, то ширгарм шуд.

- Даҳонатро боз кун, шӯрбо хунук шуд, як-ду қошуқ бихӯр, қувват мегирӣ.

Бемор даҳонашро боз накард, мисли бачаи хурд лабонашро маҳкамтар пӯшид.

- Биё, ноз накун, аз гушнагӣ ҳангат намондаст.

Мард рӯяшро тарафи девор гардонд.

- Как-кам дорӣ асабониам мекунӣ, бигир, бихӯр ман сад кори дигар дорам.

Мард қошуқро бо дасти сиҳаташро тела дод ва оби шӯрбо ба болишт рехт. Зан нороҳат шуд, аммо чизе нагуфт.

Бемор бистарро даст-даст кард ва аз зери кӯрпа қаламро бардошт, зан зуд дафтарро дар рӯи болиштак гузошт. Хеле зӯр зад, бо дасти чап навиштанаш осон набуд. Билохира бо ҳарфҳои каҷу килеб "ИШТИҲО НАДОРАМ" навишт.

- Омаданатро панҷ шаш соат шуд, чӣ хел иштиҳо надорӣ? Гуфт зан ва ногоҳ аз зеҳнаш гузашт, ки мушкилаш қазои ҳоҷат аст, шояд шарм медорад.

- Ман хеле гуруснаам, аз саҳар об дар даҳон накардаам, агар ту нахурӣ ман ҳам чизе намехурам, фаҳмидӣ?

Мард бо аломати "фаҳмидам" мижа зад.

- Офарин, акнун даҳонаро боз кун, як қошуқ ту мехӯрӣ, як қошуқ ман.

Ғизо хӯрдан барои бемори фалаҷ осон набуд, оби шӯрбо аз канори лабаш мешорид, нонро хоида наметавонист. "Ҳайф, ки ба ин ҳол афтодӣ, чӣ қадар марди хушандому олуфта будӣ". - мегуфт зан худ ба худ ва ӯро сер мекард. Ба сахтӣ ним коса шӯрборо хӯрд.

Бо ин андармонӣ рӯзи зан кӯр шуд ва шом ҳам фаро

расид. Ӯ ҳар лаҳза аз бемор мепурсид, ки ташна нест ё дард надорад? Бемор бо ишораи даст аломат медод, ки ҳолаш хуб аст.

Шом бо доруву дармони бемор гузашт ва шаб фаро расид.

Зан аввал хост ба хонаи хоби худ баргардад, аммо дилаш нашуд одами беморро танҳо монад, аз меҳмонхона кӯрпаву болишт гирифт ва каме дуртар аз бемор барои худаш ҷогаҳ андохт.

Ӯро як тарафа хобонд, то захмҳояш баданаш шифо ёбанд, дар пушташ чанд болиштро ҳамчун такягоҳ гузошт, хотираш ҷамъ шуд, ки бемор бо тани тоза ва шиками сер мехобад. Худаш ҳам ба ҷогаҳаш дароз кашид, хаста буд, аммо хобаш намеомад.

- Хобидӣ? - пурсид аз бемор.

Мард чизе нагуфт, аммо чашми сиҳаташ дар рӯшноии моҳтоб медурахшид.

-Аз тақдир гурехта намешудаст,, охир гашта-гашта ба рӯи дӯкони падарат омадӣ.

Ман ба фолбину табиб мардум эътиқод надорам, аммо вақте маро партофтӣ, дарди ҷудоӣ он қадар афгорам кард, ки ба ҷустуҷӯи фолбинҳо рафтам. Як зани фолбин буд, ҷавон, зебо, бузургҷусса, ду дафъае, ки ба наздаш рафтам мардуми зиёдро дар кӯча дидам, беморҳои барҷомонда, занҳои ҳомила, духтарҳои замонавӣ, ҳама навбат мепоиданд. Аммо моро қабул накард, дар роҳрави хонааш мисли чанори сарнагун ба тахтаи пушт хоб буд, хоҳараш гуфт, ки ҳар бор табибро «касалаш бигирад», ҳамин тавр ду се рӯз дар ҷойи афтидааш беҳуш мехобад. Чанд дафъа рафтам, роҳи хонааш дур буд, билохира рӯзе моро ба ҳузур пазируфт. Ин зан ба ман як ҳарфи ҷолиб гуфт, ки он вақт боварам нашуд, аммо ҳоло ба гуфтаҳояш сарфаҳм меравам. Ӯ гуфт, ки шавҳарат ба пойи худ ба хона барнамегардад. Ҳамин тавр ҳам шуд, ту ба пойи худ наомадӣ, туро дар занбар оварданд.

Зан ногаҳон дарк кард, ки дар бораи дарднокторин марҳилаи зиндагиаш он қадар бедард сӯҳбат мекунад, ки ангор на сарнавишти худ, балки достони зани дигарро ҳикоят мекунад.

То дер хобаш набурд, он рӯзҳоро ба ёд овард, порча-порча, қисматҳоеро, ки дар хотираш монданд, мушкилоти хурду резааш дар таҳхонаи зеҳнаш мағор баста, эҳсосеро бедор намекарданд. “Аҷаб, дарду ғам низ муҳлати истифода доштаст, куҳна мешудаст. Дарде, ки мағз мағзи устухонамро месӯзонд дар тӯли ин солҳо фарсуда шуду рафт. Агар хашми он солҳо то ҳол боқӣ мемонд, мебоист ин мардакро бо занбараш шаттазанон ба кӯча мепартофтам. Аммо ҳоло дилам ба бекасиаш месӯзад. Бо ин андешаҳо бехабар хобаш бурд. Даводави рӯз, асабоният ва нигоҳубини бемори фалаҷ ӯро беҳол кард, аммо хобаш роҳат набуд, чанд дафъа бедор шуду ба сари болини шавҳараш омад, нафаскашиашро гӯш кард. Қарибиҳои саҳар падаршӯяшро хоб дид, мӯйсафед ғамгин буд ва бо илтиҷо ба келинаш нигоҳ мекард. Ҳарфе назад, аммо маълум буд, ки ташвиш дорад.

Субҳ бо хониши мурғкон ва шафақи лолагун дар домани осмон фаро расид. Бемор барвақт бедор шуд, рагаш намеҷумбид, мижа ҳам намезад, шахшудаву беҳракат буд, мисли ҳайкали санг. Аммо зан дар хоб монд, намозашро ҳам қазо кард, агар нури офтоб намебуд, шояд то нимирӯз мехобид. Ҳадаҳа аз ҷой ҷасту сари болини бемор рафт. Нури офтоб рост дар рӯи бемор мезад.

- Садо баланд намекунӣ, ки ман ҳам бедор шавам охир! - гуфт ва ба тарафи ҳаммом давид. Оби гарм оварду беморро шустушӯ дод, либосашро иваз кард, дасту рӯяшро шӯст, ба захмҳояш марҳам молид ва ба баданаш атр пошид. Дорӯҳояшро дод, баъд атола пухт. Бемор ин дафъа саркашӣ накард, даҳонашро нимабоз карду атоларо хурд, аз пиёлаи нӯлдор чойи ширин нушид ва беҳол шуду чашмашро пӯшид.

- Ту бихоб, ман каме ин тарафу он тарфро ҷамъ кунам,

баъд бароят ягон ғизои бомазза мепазам. Дилат чӣ мекашад?

Бемор дасти сиҳаташро бо ишораи “ҳеҷ чиз даркор нест” ҷумбонд.

- Ҳо, ҳоло мегӯи ҳеҷ чиз даркор нест, ду се соат баъд шикамат чангу рубоб мезанад, - гуфт. Ба назараш намуд ё мард воқеан табассум кард. Зан шод шуд.

Ӯ аз пайи рӯбучини хона рафт. Се сол боз танҳо зиндагӣ мекунад. Метавонад ҳавлиро ҳафтаҳо ҷорӯб назанад, касе ба меҳмонӣ намеояд, ки эрод бигирад. Аммо ӯ ҳар саҳар ҳавлиро об мезанад, боғчаро об медиҳад, хӯрок омода мекунад, баъд дар рӯи айвон дастархон мепартояд, аммо ба ҷуз як пиёла чой ва як пора нон чизе аз гулӯяш намегузарад. Пештар гоҳ-гоҳ зани ҳамсоя меомад ва ҳарду бо шавқ соатҳо чой менушиданду суҳбат мекарданд. Аммо ҳамсояро духтараш ба хонаи худаш бурд, нахост модараш танҳо бошад. Фарзандони зан ҳам модарашонро дӯст медоранд, аммо ӯро зиёд ба меҳмонӣ даъват намекунанд. Боре писари калониаш гуфт, ки ҳавлиро иҷора диҳанд ва модар ба хонаи ӯ кӯч бандад. Зан розӣ нашуд, медонад, ки келинаш одамдӯстдор нест. Хонаи духтарашро як бор дидаст, соле, ки ӯ кӯдак зойид ва модарашро барои “чиллабарорӣ” бурд. Духтараш ӯро борҳо ба хонааш даъват кард, аммо зан нарафт. Дар хонае, ки пардаву қолину девору нимкаташ чун барф сафеду тоқчаҳояш пур аз ҳайкалҳои каҷукилеби муҷҷалал ва деворҳояш пур аз нақошии гаронбаҳост, ӯ худро дар осорхона ҳис мекунад ва аз даст расондан ба чизе меҳаросад. Писари дигараш аслан хонае надорад, то рафтан ба хориҷа ҳамоҳи модар зиндагӣ мекард. Зан ба хонаи худаш одат кардааст, хушаш меояд, ки фарзандон ба диданаш биёянд.

Ӯ дар байни корҳои хона чанд дафъа аз бемор хабар гирифт. Барояш бо гӯшти чархкарда ғелакшӯрбо пухт. Шарми бемор тадриҷан мепарид, ӯ акнун аз амрҳои зан сарпечӣ намекард. Зан аввал ӯро сер кард ва баъд худаш як ду қошуқ шӯрбо хӯрд. Меҳрубонияш бо мард сохта набуд,

самимӣ буд. Ба захмҳояш малҳам меолиду ӯро ба оянда хушбин мекард.

- Ноумед набош, шунидаам, ки бемориони фалаҷ бо нигоҳубини хуб ба по мехезанд ва асли қадим мешаванд. Худо меҳрубон аст, ту ҳам сиҳат мешавӣ, иншоаллоҳ. Аз ин ҳарфҳо ба гунаҳои мард сурхӣ медамид. “Бечора, муҳтоҷи ҳарфи хуб аст”- аз дил мегузаронд зан.

Ногоҳ ба ёд овард, ки аз дирӯз пероҳани худашро иваз накардаст. “Ин мардак мегуфтагист, чӣ қадар зани шалақ доштам, ки бо як пероҳан кор мекунаду бо ҳамин пероҳан мехобад. Бӯйи атри муаллима як кӯчаро пур мекард, ин зан бошад, бӯи хоку чанг мекунад”- аз дил гузаронд ӯ. Сареъ душ гирифту ҷевонро кушод, то либоси тоза бигирад. Аввал хост як куртаи нимдошти хонапӯширо ба тан кунад, аммо дар хона мардак аст гуфту либоси беҳтар пӯшид. “Тавба, мардаки бечора эзорашро поён карда наметавонад, ман бошам чӣ хаёлҳои ботил дорам”, - аз ин андешаҳо хандааш омад. Зан баҳори ҳамин сол ба синни шаст қадам гузошт. Агарчӣ дар ин 25 сол сахтиҳоеро аз сар гузаронд, аммо гандапир нашуд. Ба пичаҳои чун шаб сиёҳаш сафедӣ дамид, аммо чашмони бодомияш ҳанӯз хам назадаанд, чеҳрааш ҳоло ҳам дилкаш аст ва раддаи дандонҳои чун садаф сафеду зебояш осеб надиданд. Атрофи чашмонаш каме оҷанг дорад, аммо, вақте механдад, аз синну солаш ҷавонтар метобад.

Нисфирӯзӣ ғайриинтизор духтару писараш омаданд. Модар шод шуд, ки фарзандонаш одамгарӣ доштаанд. Аммо акаву хоҳар ба сӯи айвон нигоҳ ҳам накарданд, саросема буданд, ангор мехостанд ҳарфи муҳимеро бигӯянду бираванд.

- Бирав бо падарат салом кун, рӯҳаш бардошта мешавад.- хоҳиш кард аз духтараш.

Духтараш, ки бо қомати баланд, гесувони чун шоҳӣ ҳамвору баррок ва чеҳраи зебо моделҳои рӯи саҳнаро мемонд, дасташро ба кунҷи лабаш бурд ва бо овози пасти

танҳо баро модараш шунаво гуфт,

-Ман ӯро ёд надорам, кӯдак будам, ки шумо ҷудо шудед, биравам, чӣ бигӯям, салом падар, ман духтари шумоям??

Модар ба либосҳои тангу кутаҳ ва ба танаш часпидаи духтараш норозиёна нигоҳ кард.

- Барои дилбардорӣ ҳарф задан шарт нест, муҳим эҳсоси шафқат аст. Мутаасифона, ин эҳсосро дар ту бубанданд ҳам намеистад,- гуфт бо таассуф.

Духтар чашмонашро норозиёна чархонд.

Писараш файласуфона дар ҳавлӣ қадам мезад ва носеҳона модарро сарзаниш мекард.

- Бояд ӯро ба хона роҳ намедодӣ, намедонам чаро барои худат дарди сар гирифтӣ. Ман ҳамон рӯз дар телефон гуфтам, ки сари ман ҳисоб накун. Барои ман падарӣ накардаст, ки имрӯз дасташро бигирам. Аз даҳсолагӣ бозор ба бозор бор кашондам, ки ду танга ба хона биёрам. Бо саводи худам донишҷӯ шудам. Ҳамкурсҳоям бо духтарҳо ба театру кино мерафтанд, ман дар истгоҳи роҳи оҳан халта- халта зуғол мекашондам, ки пули иҷорароро бидиҳам ва китоб бихарам.

Ёдат рафт, туро чӣ тавр таҳқир мекард?

Модар ангушт ба лаб гузошт ва ишора кард, ки пасттар гап занад, то бемор нашнавад.

- Бигзор бишнавад, ман гапи пинҳонӣ надорам, метавонам ин ҳарфҳоро дар рӯяш бигӯям, - таҳдид кард писар.

Зан аз дасти писараш кашид ва нагузошт, ки ба айвон наздик шавад.

- Ӯ ба ман бадӣ кард гуфта, агар бо бадӣ ҷавоб диҳам, пас ман аз ӯ чӣ фарқ дорам? Мегӯянд, ки агар падару модар хук шаванд, фарзанд бояд хукбонӣ кунад. Ин марде, ки чун чанори шикаста дар рӯи айвон хобидааст, падари шумост, ҳатто агар дар ҳаққи шумо ҳеҷ хубие накарда бошад, барои ба дунё омаданатон сабаб шудааст. Шумо ин зиндагиро мадюни ӯ ҳастед, мефаҳмед? Хурд будед, вақте бемор

мешудед, ӯ ҳам баробари ман дар сари болини шумо бедорхобӣ мекашид, ними шаб духтуркобӣ мекард, шуморо дӯст медошт. Ақаллан ба ҳурмати падарбузург, ки шуморо аз ҷонаш бештар дӯст медошт, метавонистед ба писари ӯ тараҳҳум кунед?? Худоё, ман киро бузург кардам! Шумо аз кадом тоифаед?

Ин дам бемор садо баланд кард, нисбат ба ғурунгоси рӯзи гузашта баландтар буд.

- Нороҳаташ кардед, акнун дошт ҳолаш беҳтар мешуд, гуфт зан ва беҳолона дар лаби кат нишаст. Писару духтараш, ки аз лаҳзаи ворид шудан ба ҳавлӣ азми рафтан доштанд, дар паҳлуи модар нишастанд.

- Модар, шумо дигар ҳастед, мо шуморо чун мардумаки чашми худ эҳтиёт мекунем, - гуфт писараш ва сарашро дар китфи модар гузошт. Духтараш низ модарро бағал кард...

- Чашме, ки аз шумо дидаам, Худое накарда фалаҷ шавам, дар рӯзи аввал маро ба хонаи ғарибон месупоред. Биравед, аз пайи кори худ шавед, ман на ба машварати шумо ниёз дорам на ба дилбардориатон. Дуруст гуфтаанд, олим шудан осону одам шудан мушкил.

Бародару хоҳар хомӯшона аз ҳавлӣ баромаданд, онҳо пеш аз нишастан ба мошинҳояшон модарро ками дигар сарзаниш карданд ва ҳайрон буданд, ки чаро ӯ аз гапи ҳақ меранҷад.

-That's crazy, - гуфт духтараш ва мотори мошинашро рӯшан кард.

Баъди рафтани фарзандон чеҳраи бемор мисли рӯзи гузашта карахт шуд, ӯ аз сақф чашм намекард.

- Ба дил нагир, ҷавонанд, як рӯз не як рӯз аз аспи ҷаҳл мефароянд, гӯштро магар мешавад аз нохун ҷудо кард? Зан инро мегуфт, аммо ба гуфтаҳои худаш бовар надошт.

Бемор дар дасти чапаш қаламро мефушурд, нафасаш танг ва қафаси синааш пасту баланд мешуд. Зан қаламро диду аз дилаш гузашт, ки шояд ӯ мехост ба фарзандонаш

чизе бигӯяд.

- Мехоҳӣ чизе бинависӣ? - пурсид ӯ аз бемор, - бинавис, шарм надор.

Бемор қаламро сахттар фишурд, дасташ меларзид, ҳолаташ бад мешуд. Зан зуд дастури навиштаи муаллимаро аз ҷомадон берун овард, яке аз доруҳо бояд мусаккин бошад. Доруро пайдо кард ва бо чакона ба даҳони бемор рехт. Бемор баъди чанд лаҳза чашмашро пӯшид ва нафаскашиаш тадриҷан муътадил шуд.

Бегоҳи ҳамон рӯз писари дуюмаш занг зад. Аз фалаҷ шудани падараш изҳори таассуф кард ва гуфт, ки як дӯсташ духтури асабшинос аст ва метавонад дар эҳёи падар кӯмак кунад. Писараш ваъда дод, ки ҳамин ҳоло ба духтур занг мезанад. Зан хурсанд шуд, “ аз се фарзанд ҳаддиақал якеаш одам баромад”-гуфт. Писараш баъди як соат занг зад ва гуфт, ки духтур бегоҳ ба хона меояд.

Духтур қарибиҳои шом омад, як марди айнакии камгап будаст, тахминан ҳамсоли писари бузургаш. Қабл аз муоина таърихи бемориро пурсид. Зан тамоми санадҳои бударо аз ҷомадони зард берун овард. Ӯ хеле варақҳоро таку рӯ кард, тасвири мағзи беморро дид ва ҳар дам “ҳмм” мегуфт. Ниҳоят аз коғазҳо сар бардошт ва рӯ ба бемор овард. Аз дастонаш гирифту ӯро аз ҷой хезонд, дастонашро болову поён кард, пойҳояшро санҷид, ки эҳсос доранд ё не.

Аз омадани духтур якуним соат гузашт, аммо ӯ ҳоло ҳам бо бемор ҷумбуҷул дошт. Хеле оҳиста ва эҳтиёткорона кор мекард. Ҳар мушаки беморро месанҷид, дар ҷомадонаш хеле асбоб дошт.

- Корҳои тавонбахшии беморро кай оғоз кардед? - пурсид духтур.

- Намедонам ...чӣ бигӯям, ӯро дирӯз оварданд,

- Фарҳод гуфт бемор падари ӯст..

- Бале падари Фарҳод аст, аммо аз мо ҷудо зиндагӣ мекард, бо хонаводаи худаш.

Духтур дигар кунҷковӣ накард ва аз бемор пурсид, ки чӣ ҳол дорад.

Ғайричашмдошти зан бемор бо духтур бозтар буд, ба ҳар суоли ӯ ё бо ишораи чашм ё даст посух медод, кӯшиш мекард гап занад. Аз нутқи ӯ чизе фаҳмида намешуд, аммо мисли ин ки духтур мефаҳмид, ки бемор чӣ мегӯяд.

Ӯ ниҳоят муоинаро тамом кард ва занро ба кунҷи дигар айвон бурд, то бемор суҳбати онҳоро нашнавад.

- Агар шумо масъулияти беморро бар дӯш гирифтаед, бояд хеле сабур бошед, худро ба ин омода кунед, ки барои ба по хезондани ӯ бояд кори бисёреро  анҷом диҳед, ҳар соат, ҳар рӯз. Ин гуна беморҳо таваҷҷуҳи бештар талаб мекунанд...

- Ба по мехезад? - пурсид зан бо хушнудӣ.

- Бале, аммо аз муроқибати бемор вобаста аст, бояд тамоми вақти шумо сарфи нигоҳубин шавад. Ин хел имконият доред?

- Ман як одами бекорам, ҳарчӣ аз дастам биёяд анҷом медиҳам.

- Хеле хуб, ман фардо парастор мефиристам, ӯ бо шумо роҳу равиши муроқибат аз беморро нишон медиҳад. Беморро дар замин хобондан зарар дорад, бояд дар кат бихобад.

- Дар хонаи поён чанд кат дорем, якеашро меорем.

- Кати махсус даркор,

- Кати махсус? -

- Шумо нигарон набошед, ман инро ҳал мекунам.

- Ташаккур писарам, савоби ду дунёро мегиред.

- Духтураш доруҳои дуруст таъйин кардаст, ман як доруи иловагӣ навиштам, фардо бо парастор мефиристам, тахти хобро то охири ҳафта меоранд.

Зан духтурро то дами дар бурд, гаштаву баргашта сипос гуфт. Духтур меҳрубонона бо ӯ хайрухуш кард ва гуфт, ки барои сиҳат шудани падари Фарҳод кӯмакашро дареғ намедорад.

-Ман як сол бо писари шумо дар хориҷа кор кардам ва

мисли ду бародар будему аз ӯ некии зиёд дидам. Шумо марди хубе тарбият кардед. - гуфт.

Чашмони зан аз ифтихор пури об шуд, духтурро модарвор бағал кард. Раҳ ба раҳ ашки чашмонашро пок мекард ва дилаш барои дидани бачаҳояш гум мезад. Зан ба айвон баргашта доруву коғазҳоро дубора ба ҷомадон андохт. Бемор аз ҳаракатҳои ӯ чашм намеканд, хавотир буд. Рӯ ба зан овард ва бо ҳамон садоҳои номафҳум чизе гуфт. Ҳамон як чашми бозаш он қадар илтиҷо дошт, ки мегуфтӣ, чорчашма илтимос дорад.

Зан дар канори бистар нишаст ва суоломез ба ӯ чашм дӯхт. Дар чашми бемор ашк ҳалқа зад, маълум набуд, ки аз зеҳнаш чӣ мегузарад. Чизе буд, ки ӯро метарсонд, шояд фикр кард, ки баъди таъкидҳои духтур зан аз нигоҳубинаш даст мекашад ва ӯро ё ба хонаи маъюбон мефристад ё ба хонаи муаллима.

- Нигарон набош, аз нигоҳубинат даст намекашам, ман аз падари худобиомурзат, ки то дами маргаш ба мо вафодор монд, қарздорам. То туро рӯи по намонам, аз ман халосӣ надорӣ, -шӯхӣ кард ӯ. Духтур ба сиҳат шуданат хушбин аст, фардо парастор мефиристад, оҳиста-оҳиста бояд машқ кунӣ ва дубора роҳ рафтан омӯзӣ. Бемор нобоварона ба ӯ нигоҳ кард.

- Бовар намекунӣ? Ҳоло мебинӣ, фардо парастор меояд ва охири ҳафта бароят кати махсус меорад, ки пасту баланд мешавад ва лӯлае дорад, ки дастҳоятро машқ медиҳӣ.

Он шаб бемор ҳаяҷон дошт, бо забони нофаҳмояш ғурунг-ғурунг мекард, шояд таъсири хушбиниҳои духтур буд ё ҳарфи занаш, ки гуфт, аз баҳраш намегузарад.

Парастор зани миёнсоли хушчақ-чақ будаст, аз қабили занҳое, ки сурати зебо надоранд, аммо забони ширинашон одамро мафтун мекунд. Ӯ саҳар омад, хилъати сафед дар тани чоқаш тангӣ мекард, аз парастор дида ба ошпаз монанд буд. То бегоҳ ба зан дарси бемордорӣ омӯхт ва маҳси дасту

пойро ёд дод. Гуфт, ки то расидани кати махсус, рӯзе чанд дафъа беморро дар такя бигирад ва  дар ҷойи хобаш шинонад. Барои маҳси рӯяш шонаи барқӣ дод. Парастор гуфт, ки ин шона мушакҳои шахшударо дубора фаъол мекунад.

Зан ҳамаи гуфтаҳои парасторро дар дафтар навишт баъд ӯро бо бемор танҳо гузошт ва аз пайи оши палав шуд. Ошро бо ҳам хӯрданд ва каме ба бемор ҳам доданд. Хушаш омад, шояд моҳҳо ош нахӯрда буд.

- Шавҳари шумо одами хушбахт будаст, баъзе занҳо ҳамаро бар дӯши духтур мепартоянд ва худашон барои бозгашти ҳамсарҳояшон ба зиндагии маъмулӣ коре анҷом намедиҳанд, - гуфт парастор.

- Ӯ шавҳари ман нест, яъне буд, ҳоло нест, солҳо пеш зани дигар гирифт.

- Занаш дар қайди ҳаёт нест?

- Чаро? Хеле зиндаву сиҳату саломат аст, ду кӯча он тараф зиндагӣ мекунад, вале бори шавҳари бемораш ба дӯши ӯ сангинӣ кард ва ӯро ба хонаи ман фиристод.

- Шӯхӣ мекунӣ!

- Шӯхии чӣ, бомдоди парерӯз ӯро дар занбар оварданд ва партофта гурехтанд. Парастор сарнавишти занро хомӯшона гӯш кард, ҳайрону мутаассир шуд.

- Ба гузашта салавот бигӯед, бадиҳоро ба кунҷи фаромушӣ биспаред, аз ӯ муроқибат кунед, Худо ҳатман подош медиҳад. Ҳоло шумо барои ин бемор фариштаи наҷотед. Кӣ медонад, шояд дар сари пирӣ боз якҷо шавед, гуфт ӯ ва ба тарафи зан чашмак зад. Ҳарду хандиданд. Ҳавлӣ аз садои хандаи занҳо зинда шуд, синаҳои калони парастор мисли кӯҳони шутур ларзиданд, бемор ҳам лабханд зад аммо занҳо хандаи ӯро намедиданд, онҳо дар кати рӯи ҳавлӣ машғули ҳарфҳои занона буданд.

Парастор ду рӯз пайи ҳам омад, баъд кори занро имтиҳон карду гуфт, ки маҳсро хеле хуб ёд гирифтаст ва метавонад аз

бемор мустақилона парасторӣ кунад.

Акнун ба шустушӯи субҳгоҳӣ, маҳси тани фалаҷи бемор илова шуд. Зан дасту пои ӯро болову поён мекард, дар такяи худ мешинонд ва баъд мехобонду бари рӯи шахшудаашро бо шонаи барқӣ ва латтаи нарм молиш медод. Ин корро рӯзе се дафъа иҷро мекард, хаста мешуд, арақ мекард, аммо маҳсро идома медод. Агар касе қиссаи занро надонад ва талошҳои ӯро бубинад гумон мекунад, ки ин мард умре ба занаш хизмат карда буд ва ҳоло зан дар посухи он хубиҳо талош дорад, ӯро рӯи по монад.

Дар ин рӯзҳо боре ҳам аз худ суол накард, ки чаро аз ин одам муроқибат мекунад, чаро рӯзи аввал бо дидани занбару марди фалаҷ ба воҳима афтод, доду фарёд кард, вале ҳоло чун ғилдирак беист тоб мехурад ва наметавонад манъ шавад. Хел ба хел ғизоҳои парҳезӣ мепазад, то хуни бемор тоза шавад ва зудтар бо пойи худ аз бистар бархезад. Шояд дар гӯшаи дилаш эҳсос мекунад, ки бо ҳузури ин марди фалаҷ гузори рӯзҳои якнавохти зиндагиашро осонтар шудааст.

Духтур таъкид кард, ки бо бемор танҳо дар бораи ҳодисаҳои хотирмони зиндагиаш суҳбат кунад, то ҳуҷайраҳои мағзаш фаъол шаванд ва чизҳоеро, ки фаромӯш кардааст ба ёд биёрад.

Зан беморро дар бистар шинонд, ҳарду пушт ба пушт нишастанд. Хост бо ӯ дар бораи ҳодисаҳои мусбати зиндагии шарикиашон нақл кунад. Ҳар қадар хотираҳояшро такурӯ кард, аммо чизе ба ёдаш наомад. Аз рӯзи аввали издивоҷ то рӯзи талоқ дунё гӯё дар гирди ҳамин мард чарх мезад ва зан шодиву фароғати маҳдуде дошт. Хушбахтарин шабҳояш ҳамон шабҳое буданд, ки мард рӯяшро тарафи ӯ мегардонд ва дар торикӣ ба оғӯш мекашид... баъд зуд хобаш мебурд, ё шояд амдан худро ба хоб мезад.

Бемор вазнашро бештар ба пушти зан мепартофт, мисли ин ки хаста шуда буд.

- Хаста шудӣ? Ба ҷогаҳ фарорамат? - пурсид зан.

Мард бо ишораи даст гуфт, ки ҷояш роҳат аст.

- Бошад, роҳат кун.

Ҳодисаҳои манфӣ, ки аз таҳхонаи мағорбастаи зеҳни зан чун ҷин аз кӯза берун мешуданд, барои худаш нохушоянд буданд. Намехост аламаш дубора тоза шавад ва ба рафтораш нисбати бемори барҷомонда таъсир гузорад. Аммо ҳайҳот, ҳодисаҳо чун корвони шутурҳо, ки дар хурҷинашон хирман-хирман қиссаҳои ношод доштанд, аз пеши назараш гузаштанд. Ӯ аламҳояшро хомӯшона ба худаш мегуфт.

“Медонистам, ки ҳеҷ гоҳ ошиқи ман набудӣ, аз аввал медонистам, худро ба кӯриву карӣ мезадам, аммо ҳис мекардам. Солҳо бароят танҳо хизматгор будам, шӯстаму руфтаму пухтам, то ту роҳат бошӣ, бароят бачаҳои зебо ба дунё овардам, такягоҳат будам. Вақт дарду ғами одамро кам мекардаст. Ман бисёр аламҳояро фаромӯш кардам, аммо як нигоҳатро, умре дорам фаромӯш намекунам. Рӯзе, ки гулбаргҳои ҳамон гелосҳоро руфтам, ту бо танаффур ба ман нигоҳ кардӣ, ҳис кардам, ки аз ман мутанаффирӣ. Он нигоҳ мегуфт, “ту як мавҷуди ночизӣ ва кирои дар ин зебоӣ зистанро надорӣ, он нигоҳ мехост ҳукми марги маро эълон кунад. Оё ту чунин нигоҳро боре таҷриба кардаӣ? Агар накарда бошӣ, муҳол аст, маро дарк кунӣ. Ман он нигоҳро солҳо хоб медидам ва ҳар бор бо ҳарос бедор мешудам. Он баҳор эҳсос кардам, ки ҳарф заданам, нон хурданам, роҳ рафтанам ва ҳатто нафас кашиданам бароят нафратовар аст. Чӣ дарднок буд он эҳсос!

Зан ногаҳон дарк кард, ки бо тамоми бораш ба бемор такя кардааст.

- Вой, ман инро куштам ку.- гуфту аз ҷой парид ва беморро ба ҷогаҳ хобонд.

-Камарат дард кард, лат хурдӣ? - пурсид ӯ бо нигаронӣ.

Мард бо ишораи инкор дасташро ҷумбонд.

- Мехоҳӣ боз бишинӣ? Мабодо зӯрат наояд?

Ишора кард, ки мехоҳад бишинад.

Зан пушт гардонду ба мард ҷафс шуд ва вазни ӯро бар дӯш гирифт. Бемор оҳи сабук кашид, барои ӯ ин нишастанҳо оғози умедворӣ барои баланд шудан аз ин ҷогаҳ буд. Аммо барои зан ҷафс шудан бо мард парда бардоштан аз рӯи дарунитарин розҳояш.

“Соле, ки ту рафтӣ, ман 35 сол доштам ва дар давутози бача бузург кардан ҷогаҳи ҳамсариро ба серӣ надидам. Бачаҳоямро аз обу гил баровардам ва акнун каме роҳат мешудам, ки ту юрға бадар кардӣ. Ташнаи навозишу ишқварзӣ будам. Ҳар шаб рахти хоб иваз мекардаму гулоб мепошидаму худамро оро медодам ва туро интизор мешудам. Ту гоҳ меомадиву гоҳ шабҳо гум мешудӣ. Шабе, ки меомадӣ, дағалона “он тараф хоб кун мегуфтӣ”. Ман аз шарми бешармиам ба худ мепечидам ва чун хорпушт дар кунҷе кулула мезадам.  Чӣ беҳуда буданд он солҳо!

Баъди ту чандин нафар хостгор баромад, ман ба ҳамааш ҷавоби рад додам, ту маро аз ҷинси мард гурезон кардӣ, эътимод ба нафсамро шикастӣ. Ба андозаи як дунё ба ту қаҳр доштам, вале ба андозаи ду дунё дӯстат медоштам.

Муаллима дирӯз маро таъна зад, ки бачаҳои ман пули туро хӯрдаанд ва бояд падарашонро нигоҳубин кунанд. Ту намедонӣ мо чӣ қадар азоб кашидем!

Пуле, ки ба мо медодӣ, барои хӯрондан ва пӯшонидани се бача кофӣ набуд, то зинда будани падари худораҳматиат пули бознишастагии ӯро харҷи рӯзгор мекардем, ӯ мурду мо дармонда шудем. Чанд вақт кор кофтам, вале коргари бедиплом ба касе даркор набуд. Боре ба дӯкони сабзавотфурӯшии канори роҳ рафтам, то ҳаддиақал сабзиву пиёз қарз бигирам. Фурӯшанда як марди лақайи рафидарӯ буд, гунаҳояш сурх ва чашмонаш мисли шикофи сӯзан танг. Гуфтам, ки сабзавот қарз диҳед, пулро охири ҳафта меорам. Ӯ сабзиву пиёзро бармекашид ва мегуфт, «ҳайф ки мо мардҳои бузбула истодагӣ шумо хорӣ бикашед». Нигоҳаш мисли шуллук часпаку нафратовар буд ва аз зери пилкҳои

дамидааш сар то ба пойи маро мемакид. Сабзию пиёзро партофтаму гурехтам. Ниҳоят як дугонаам кумак карду маро дар ошхонаи донишҷӯён ҳамчун назофатчӣ ба кор гирифтанд. Шояд ту надонӣ, аммо ман фарзандонамро бо сарқути донишҷӯён бузург кардам. Ту ду кӯча он сӯ гули либосро мепӯшидӣ, барои бачаи навзодат тӯй медодӣ, аммо писарҳои ман як кафши зимистонаи шарикӣ доштанд, ки калонӣ саҳар мепӯшиду ба мактаб мерафт ва дуюмӣ баъд аз зуҳр кафшҳоро дар ними роҳ аз пойи ӯ мекашиду ба дарс медавид. Чӣ сахт буданд он солҳо!

Падарат марди оқиле буд, Худо раҳматаш кунад, мегуфт:
- Доимо яксон намонад ҳоли даврон ғам махӯр!

Чанд бор даъваташ кардӣ, ки ба хонаи нават кӯч бандад, розӣ нашуд. Пеш аз маргаш вакилро даъват кард ва ин хонаро ба номи ман навишт. Дуру дароз бемор шуд, се сол бемори ҷогаҳӣ буд. Неберахояш ӯро чун гул нигоҳубин карданд. Аз ту норозӣ рафт, аз ғояти хиҷолат фақат мегиристу мегуфт, агар мурдам, ба ҷанозаам наояд. Аммо мо туро даъват кардем. Баъди панҷ соли ҷудо шуданамон туро бори аввал дар ҷанозаи падарат дидам. Дилам аз ҳаяҷон ҷағид, дар назарам он қадар дастнорас будӣ,  ки, ангор, на ду кӯча дуртар, балки дар сайёраи дигар мезистӣ. Баъди гӯручӯби мӯйсафед, ба ҷойи он ки ба рӯям нигоҳ кунӣ, дар лаби кӯрпачаи айвон пул гузоштӣ ва гуфтӣ, ки ин пулҳоро дар хайру худоии мӯйсафед сарф кунем. Падарат дар рӯзҳои сахт ҳамеша ба хобам меояд, хеле меҳрубон аст, ҳамоно мегӯяд: “доимо яксон намонад ҳоли даврон ғам махур”. Падарат боре ба хоби ту омадааст?

Зан нохудогоҳ ҷумлаи охиринро баланд гуфт, бемор такон хӯрд ва зан ларзиши бадани ӯро дар пушти худ эҳсос кард.

- Бас аст, биё дароз бикаш, - гуфт ва беморро ба бистараш хобонд.

Ӯ акнун рӯзе чанд дафъа дар такяи зан менишаст ва аз ин

нишастанҳо хушаш меомад. Агар зан дертар кунад, бемор бетоқатӣ мекард, мехост худаш нимхез шавад.

Духтур ба ваъдааш вафо кард ва кати тавонбахшро охири ҳафта овард. Онро бо ронандаи ёрии таъҷилӣ дуруст карданд ва беморро аз замин ба кат кӯчонданд. Ин кат барои бемори фалаҷ роҳати ҷон буд, пасту баланд мешуд, барои машқи дасту по лӯлаҳои махсус дошт. Аз рӯи машварати духтур бемор рӯзе чанд дафъа лӯларо бо дасти сиҳаташ поён мекашид ва зан дасти фалаҷи ӯро болову поён мекард ва ба лӯла мерасонд.

Аз байн як моҳ гузашт, зан ба бемордорӣ одат кард, ба дидани рӯи бемор ҳам одат кард. Чеҳраи бемор тадриҷан боз мешуд, дорӯҳои нав ва тамрину нигоҳубини хуб ҳолашро рӯз ба рӯз беҳтар мекард. Ӯ акнун баъзе калимаҳоро рӯшантар ба забон меовард ва бо дасти чап навиштанро хуб балад шуд. Ҳар рӯз мепурсид, ки ин моҳ кадом моҳ аст ва имрӯз чандшанбе аст. Зан сабурона ҳар рӯз ба ӯ таърихи рӯзро мегуфт, моҳро мегуфт, солро мегуфт.

Зан аз писари хурдиаш миннатдор буд, дар телефон ба ӯ дуои нек дод. Гуфт, ки дасти каму рӯзи ғамро набинад. Писараш зуд-зуд занг мезад ва аз бемор аҳвол мегирифт, мепурсид, ки агар кумаке даркор бошад, ҳатман бигӯяд. Модар бо ҳаяҷон аз беҳ шудани ҳоли бемор мегуфт, он қадар бо ҳаяҷон гап мезад, ки гоҳо нафасаш мегирифт. Хурсандии модар писарашро мутаҳаййир мекард.

- Агар пас аз он ҳама ҷабру хориҳо барои сиҳат шудани ин мард сидқан часпу талош доред, пас ӯ барои шумо бисёр муҳим аст. - гуфт писараш.

Зан аз шарм сурх шуд: - Худатро эҳтиёт кун, - гуфту гӯширо қатъ кард

Писари калониаш чанд дафъа занг зад ва як дафъа ба аёдати модар омад, аммо чун фаҳмид, ки беморро ҳанӯз ҳам набурдаанд, аз дами дар савғотиҳои овардаашро доду бо баҳонаи “кори бисёр дорам” ба хона надаромад.

Духтараш ҳам занг зад, гуфт, ки барои курси такмили ихтисос семоҳа ба хориҷи кишвар меравад. Ӯ ҳар бор вақти сафар духтарашро ба хонаи модараш меовард, аммо ин дафъа кӯдакро бо бобову момои падариаш дод.

- Шумо бемордорӣ мекунед, шояд барои кӯдакпоӣ вақт надоред. - гуфт. Ҳузури мард робитаи модарро бо ду фарзандаш сард кард.

Аммо инҳо камтарин нороҳатиҳои зиндагиаш буданд. Ӯ ҳоло масъулияти аз гилагузории фарзандон муҳимтар дошт.

Аз байн ду моҳ гузашт. Ҷойи рӯзҳои офтобиро боду борон гирифт. Тирамоҳ ҳам бо бодҳои тунд ва боронҳои беист фаро расид.

"Кати беморро бояд ба меҳмонхона дарорем, шабона ҳаво хунук аст, аз як дард набаромада боз бо дарди дигар даргир нашавад"- гуфт ба худ ва аз дугонаи парастораш кӯмак хост. Парастор бо як ронанда омад ва якҷо аввал катро ва баъд беморро ба хона даровард. Бухории барқӣ ҳавои хонаро гарму нарм мекард. Меҳмонхона хеле зебову пероста буд. Мард худро ноҳинҷор ҳис кард. Шояд дарк мекард, ки ин ҳама иззатро сазовор нест.

Боронҳои сели тирамоҳи кори занро мушкил карданд. То расидан аз ошхона ба айвон либосаш тар мешуд, аммо ғизоро эҳтиёт мекард. Аз ҳамом дар сатил оби гарм меовард ва дар роҳ чанд дафъа пояш дар баргҳои тар меғеҷид. Рӯзҳояш такрорӣ ҳам буданд - шустушӯ, доруву маҳсу машқ ва пухтупазу поккорӣ, мисли мошини барномарезишуда. Хаста мешуд, аммо шикоят намекард. Бо парастор дугона шуд. Парастор гоҳ-гоҳ хабаргирӣ меомад, ду зан бо ҳам ғизоҳои хушмазза мепухтанд ва соатҳо чойнӯшиву суҳбат мекарданд.

Дар чунин рӯзҳо бемор ахм мекард, хушаш намеомад, ки зан бо дугонааш хушгузаронӣ мекунад ва ба ӯ дер-дер сар мезанад.

Парастор гуфт, ки агар раванди тавонбахшӣ ба ҳамин

суръат пеш равад, мард то баҳор ба по мехезад ва эҳтимол нутқаш барқарор мешавад.

- Эй кош ба ҳамон рӯз зудтар бирасем, - гуфт зан бо ҳаяҷон.

Парастор мавзӯи сиҳат шудани мардро махсус дар миён гузошт. Дар зеҳни ӯ як суол чарх мезад, ки баъди сиҳат шудани бемор зан бо ӯ чӣ кор мекунад, аммо рӯяш нашуд бипурсад.

Як субҳ бемор оина пурсид.

- Оинаро чӣ кор мекунӣ? - пурсид зан.

Ишора кард, ки мехоҳад рӯяшро бубинад. Зан оинаи дастиашро ба ӯ дод. Мард дуру дароз ба тарафи шахшудаи сураташ нигоҳ кард ва ба ҳаҷон омад. Ӯ аввалин бор калимаи “мебинӣ”-ро возеҳ талаффуз кард. Зан аз хурсандӣ забон гум кард.

-Чиро?- ниҳоят пурсид ӯ.

Мард бо ангушт лабашро нишод дод. - Мебинӣ? - дубора пурсид ӯ.

Зан наздик омад ва ба рӯи ӯ чашм духт. Бари рӯи шахшудааш ҳамвортар ва кунҷи хамидаи лабаш болотар рафта буд. Чашмаш низ дигар мурдобро ба хотир намеовард. Зан аввал аз наздик ба ӯ нигоҳ кард, бовараш наомад, гоҳ аз ин зовия ва гоҳ аз завияи дигар ба ӯ зул зад. Дигар шубҳае надошт, ки сурати мард рӯ ба беҳбудӣ овардааст.

Мард бо дасти сиҳаташ рӯяашро пушид, дасти фалаҷаш то наздики рӯяш баланд шуд. Ӯ бо овоз гиря кард, аз омаданаш ба ин хона бори аввал домани гиряро сар дод.

- Гуфта будам, ки сиҳат мешавӣ! - зан ва ба ӯ наздик шуду китфашро тап-тап зад, ки ором шавад.

- Гиря накун, ин тарафаш дигар босуръат мегузарад ва худо хоҳад то баҳор раҳгардон мешавӣ.

Мард дасташро аз сураташ бардошт ва ба рӯи синааш гузошт, хам шуду ба тарафи зан таъзим кард.

- Раҳмат, раҳмат. - гуфт. Зан ҳам гиря кард. Мисли зани

навзо, ки ба ҳарфи аввалин кӯдакаш аз хурсандӣ ашк мерезад.

Бемор он қадар аз пешрафтҳояш илҳом гирифт, ки мисли гузаштаҳо аз хоб бедор шудани занро интизор намешуд, худаш баланд мешуду тамрин мекард. Дасти росташро дароз мекард ва лӯларо медошт. Дасташ камқувват буд, аммо тан намедод такрори ба такрор дасташро болову поён мекард. Мушакҳои рӯяш таранг мешуданд, аз сару рӯяш арақ мерехт.

- Оҳистатар, ин қадар ба худат зӯр наёр, барои қалбат хуб нест.- нигаронӣ мекард зан. Бемор гӯш намедод, кори худашро мекард.

Зан ба духтур занг зад. Духтур омад ва беморро дуру дароз муоина кард, гуфт вазъи саломатиаш, набзаш, қалбаш ҳама хуб аст. Аз заҳматҳои бемор ситоиш кард ва ба дасти росташ тупи эластикӣ дод то фишор биёрад ва хун беҳтар ба ҳуҷайраҳояш ворид шавад.

Марҳилаи сиҳатшавии бемор аз ҳамон рӯзҳо сар шуд ва бо суръат пеш мерафт. Ӯ дар як рӯз даҳ бор “мебинӣ” мегуфту занро барои дидани дигаргуниҳои дасту рӯяш мехонд ва шодӣ мекард.

Рӯзе, ки бемор аз бистар бо пойи худ баланд шуд, зимистон буд, барф мисли орд аз осмон мерехт. Зан аз шодӣ дар курта намегунҷид, ангор, худаш раҳгардон шуд. Ӯ аз сари бемор тангаву ширинӣ пошид ва пойандоз партофт. Духтур ва парастор мутаассир шуданд. Духтур гуфт:

- Дунёро шерзанҳои мисли шумо мечархонанд.

Бемор бо кӯмаки духтур чанд қадам гузошт, мехост бештар қадам бардорад, аммо духтур иҷозат надод.

-Танҳо бо асобағал, он ҳам на бештар аз 10 қадам. Асобағалро фардо мефиристам, - гуфт ӯ.

Дарахтҳои пурбарф мисли ҳамон гелоси 25 соли пеш ғарқи зебоӣ буданд ва дар рӯшноии офтоб медурахшиданд. Зан чӣ хаёле карду бо ҷорӯб барфҳоро ба замин резонд ва ба сӯи шавҳараш нигоҳ кард. Бемор масти роҳравии худаш буд

ва дар рӯи барфи сафед мисли гунҷишкҳо аз пайи худ нақшунигор мегузошт. Хеле гашт, сураташ сурх шуду дастонаш хунук хурданд, вале намехост ба хона баргардад.

Зан дигар илоҷ надошт, магар ки барояш ҷомаву телпаку дастпӯшак пайдо кунад. Хайрият, писари дуюмаш либосҳояшро бо худ набурдаст.

Се моҳи зимистон кори мард роҳгардӣ буду барфро лӯла карда ба девор задан. Мушакҳои дасти росташ оҳиста-оҳиста ба кор даромад ва ӯ акнун пиёлаи ҷойро то даҳонаш мебурд. Каломаш ҳам бурротар шуд. Зан бисёр мехост бо ӯ суҳбат кунад. Пурсад, ки дар ин 25 сол чӣ тавр зиндагӣ кард, чӣ шуд, ки сакта гирифт, аммо метарсид, ки мабодо асабӣ шавад ва дубора аз пой биафтад.

Ӯ дар ин ҳашт моҳ дубора ба шавҳараш одат кард, ҳатто меҳр баст. Рӯзе, ки ӯро бо занбар ба ин хона оварданд, як бемори барҷомонда буд, аммо ҳоло марди хушандомест, ки аз ламс кардани пусти ӯ занро, ангор, барқ мезанад ва ӯ худро гум мекунад. Бо баҳонаи махс соатҳо ба чеҳрааш нигоҳ мекунад ва дилаш ҷӯш мезанад. Либосҳои "кампирона"-ро, ки солҳои ахир мепӯшид, аз танаш дур андохта, пероҳанҳои зебо ба бар мекунад. Худро бо ангуштариву гӯшвор пероста, гоҳ-гоҳ ба чашмонаш сурма мезанад. Намедонад, бо эҳсосе, ки дар вуҷудаш бурӯз кардааст ва рӯз то рӯз чун ҷанини батни зан бузургтар мешавад, чӣ кор кунад.

Шавҳараш дигар ба тағораву шустушӯ ва пӯшидани либос ниёз надорад, бо ёрии зан то ташноб меравад. Ришашро худаш метарошад, дандонҳояшро худаш мешӯяд.

Кам шудани вобастагии мард аз ӯ, занро нигарон мекард.

Саҳар бемори сиҳатшуда гуфт, ки мехоҳад ғусл кунад. Зан ҳаммомро гарм кард ва ба ҳавз об сар дод. Ӯро то ҳаммом бурд, аммо дар беруни дар истод. Шавҳараш садо кард, ки замин лағжонак аст, кӯмак кунад, то ба ҳавз дарояд. Зан ба ҳаммом даромад ва мардро урён дид, на тани як бемори фалаҷро, балки бадани як марди хушандом ва ҷаззобро.

Дилаш ба бозӣ даромад. Ҳавзро пури кафк кард ва ӯро шинонд. Мехост аз ҳаммом берун равад, аммо дар ними роҳ манъ шуд.

-Мехоҳи танатро лиф бизанам?

-Мехоҳам. - ҷавоб дод мард, дар ҳоле ки садояш меларзид ва дар ҳавз дароз кашида буд.

Лиф бо дастони нарми зан дар тани урён мехазид, поёнтар мерафт, кафки сефед аз лаби ҳавз ба замин мешорид ва домани пероҳани занро тар мекард. Акси садои нафасҳои ӯ амиқ ҳаммоми холиро пур кард. Мард чашмонашро пӯшид ва мисли мусофире, ки бори аввал ба ҳавопаймо нишастааст, параҳои ҳавзро сахт дошт ва амиқ нафас гирифт. Зан он қадар васвосӣ буд, ки мехост ба ҳавз дарояд ва хумори бӯсаҳои нагирифта ва ишқҳои наварзидаашро бишканад. Бадани мардро лиф мезаду мемолид, хаёлаш, ки ин ғусл ҳеҷ гоҳ ба поён нарасад. Ин дам мард дасташро аз ҳавз раҳо кард ва ӯро ба сӯи худ кашид. Зан бо либосҳояш ба ҳавз фурӯ рафт ва дар оғӯши марди урён афтид. Бехуд шуд, ихтиёрашро ба тӯфони ҷунун супурд ва дигар на ҷойнамозаш ба ёдаш омад на тоату ибодаташ. Сарро ба синаи ӯ гузошту чашмонашро пӯшид, мехост дигар бедор нашавад.  Аммо  ин дам занги дар садо дод, мисли бонги хатар.  Ҳарду мисли барқзадаҳо дар оғӯши якдигар шах шуданд.  Аввал зан ба худ омад ва бо ишораи бишину садо набарор ангушт ба лаб бурд ва саросемавор аз болои куртаи тар камзулеро пӯшиду ба тарафи дар рафт. Рухсораҳояш сурх буданд ва чашмонаш барқ мезаданд. Дар дил худоро зорӣ мекард, ки пушти дар одами худӣ набошад. Аммо дар паси дар касе набуд, дар гирду атроф низ ҷони зиндае наменамуд, ҳайрон шуд. “Кӣ буд, ки занг заду наистод? ” -аз худ мепурсид ӯ. Занги нобаҳангом шавқу шӯри чанд лаҳза пешро аз сараш дур кард, баданаш меларзид. “Худоё чи коре буд, ки кардам? - гуфт ва беҳолона ба дар такя зад. Хеле дар ҳавои сард истод, ногоҳ ба ёдаш омад, ки беморро дар ҳавзи пур аз кафк танҳо гузош ва агар ӯ кӯшиши

бархостан кунад, мабодо пояш лағжад. Ба ҳаммом баргашт, аммо дигар ба мард нигоҳ накард, душро аз болои сари ӯ дошту кафки танашро шӯст ва хилъати писарашро дар китфаш партофт. Мард шармгинона хилъатро пӯшид, авзои ӯ ҳам беҷо буд.

Баъди ин ҳодиса ҳарду хеле хиҷолатзада шуданд, нигоҳҳояшон аз ҳам мегурехт. Аммо вонамуд мекарданд, чизе нашудаст. Зан ҳамчунон бо ӯ меҳрубон буд, аммо мекушид ин меҳрубонӣ марзи парасторирo убур накунад. Шабҳо аз ҷогаҳаш баланд мешуд ва кӯрпаи рӯи мардро дуруст мекард, доруҳояшро сари вақт медод, саҳар ӯро аз зинаҳо мефуровард, то ташноб мебурд ва баъд соатҳо қадамҳои ӯро мешумурд. Аммо чизе дар замираш дигар шуд, чизе, ки ӯро ҳам шод мекард, ҳам маҳзун. Ҳис мекунад, ки хурсанидияш ориятӣ аст, рӯзе тамом мешавад. Ӯ аз омадани ҳамон рӯз метарсид.

Аввали баҳор сиҳатии бемор барқарор шуд ва ӯ акнун худаш аз зинаҳои айвон болову поён мерафт. Духтур занг зад ва ӯро ба бемористон даъват кард, аз мағзаш тасвир бардорад. Дар кӯча барфи тар меборид ва гулбаргҳои дарахтони барвақт шукуфтаро ба замин мерезонд. Мард барои берун рафтан либос надошт.

- Чӣ кор кунем? Шояд зуд аз бозор як даста либосу пойафзол бихарам?

- Даркор нест, телефон мекунам, Парвиз либосамро биёрад, гуфт мард.

- Ҳар чӣ дилат бихоҳад... - зан аз зикри намояндагони он хонавода хушаш наомад, вале гӯширо ба ӯ дод.

- Рақами телефонашро дар вараќи дорӯҳоят навишта будам, дар кисаи ҷомадон аст.

Мард телефонро бардошту ба меҳмонхона даромад, ангор мехост танҳо суҳбат кунад. Зан нороҳат шуд, аммо чизе нагуфт. Парвиз дар даҳ дақиқа расид, шояд тамоми роҳ давид, ё хунук хурд, ки рухсораҳояш сурх буданд ва барфи

тар аз мӯйҳои дарозаш ба рӯяш мерехт. Ӯ халтаи либосро ба замин гузошт ва худро ба оғӯши падараш, ки дар байни ҳавлӣ дар зери барф рост меистод, афканд. Мард асои дасташро ба замин афтонд ва “шери падар” гуфту ӯро бағал кард.

Ин саҳнаи барои он ду нафар рикатовар дар замири зан ҳеҷ эҳсосеро бедор накард. Чеҳрааш мисли барфи тар сард буд.

- Парвиз бо мо биравад, - илтиҷоомез пурсид мард.

- Ҳар чӣ дилат бихоҳад, гуфт зан бо овозе, ки пур аз буғз буд.

Мард дар посухи зан норозигиро эҳсос кард ва кунҷковона ба ӯ чашм дӯхт.

- Пеш дароед, боз дер накунем, гуфт зан бо асабоният. Дар кӯча мошин киро карданд. Падару писар дар сандалии ақиб ва зан дар пеши ронанда нишаст. Тамоми роҳ он ду нафар паст-паст суҳбат мекарданд. Зан гӯшу ҳуш буд, то бишнавад, ки чӣ мегӯянд, аммо садои мусиқӣ овози падару писарро пахш мекард.

Овозхоне аз радио алами ҷудоиро месуруд. “Оташе дар дил аст, бе ту по дар гил аст мушкил аст, мушкил аст”. - мегуфт.

Пағаҳои барфи тар ба тирезаи мошин мезаданд ва гирякунон ба поён ҷар мешуданд. Косаи чашмони зан низ пури об буд, аммо ӯ метарсид мижа ба ҳам занад, то ашкҳояш сарнишеб нашаванд. Таронаи ғамангез якҷо бо барфи бӯи ранҷҳои 25 соли пешро ба димоғаш мерасонд.

Аз тиреза чашм намеканд, ангор, шаҳрро бори аввал медид. Дар ин ҳашт моҳи бемордорӣ ӯ танҳо ду ҷойи рафтан дошт - мағозаи хурокворӣ ва дорухонаи хамгашти кӯча. Парво надошт, ки писару духтараш ранҷиданд ва аз ӯ хабар намегиранд. Тамоми холигоҳи зиндагиашро ин мард пур мекард.

Мошин дар назди бемористон манъ шуд, зан пули ронандаро доду пеш аз падару писар фаромад ва ба ҷустуҷӯи

утоқи духтур рафт. Духтур аз дидани онҳо шод шуд.

-Ба Фарҳод гуфтам, ки падараш ба по хест, хурсанд шуд, гуфт аз натиҷаи озмоиш ӯро огоҳ кунам. Зан ноилоҷона табассум кард, гапҳои духтур ба гӯшаш намедаромад.

Ӯ беморро то утоқи тасвирбардорӣ бурд ва дар долон бо Парвиз танҳо монд. Ҷавон нигоҳашро аз ӯ мегурезонд.

-Ин ҳашт моҳ куҷо будӣ, ки боре ҳам аз падарат хабар нагирифтӣ?- пурсид ӯ бо киноя.

Ҷавон аввал сар хам кард, баъд даст ба ҷайб бурд ва тангаҳояшро берун овард. Ӯ бепарвоёна ба шикофи ҷевони шарбату шакалод танга партофт. Садои афтидани танга мағзи занро парма мекард. Хунаш ба ҷӯш омад, аммо худро ба даст гирифт ва ба ҳавлии бемористон баромад, то ба сари ҷавон натозад. Барфи тар ҳамоно меборид, ангор, шикамии осмон шикоф шуда буд. Ба ёдаш омад, ки вақти берун шудан аз мошин чатрашро фаромӯш кардааст. Барф ба сару рӯяш меборид ва дар гунаҳои тафсонаш об мешуд. Ҳиқ-ҳиқи дарунӣ дошт ва ашкҳои шӯр якҷо бо донаҳои барф дар рӯяш ҷӯя мекашиданд.

“Ту ба худ чӣ хаёл кардӣ, зани сода, гумон кардӣ баъди ним соли бемордорӣ ӯ мадюни ту мешавад ва аз баҳри муаллимаву бачаҳояш мегузарад? Дар ҷавониат ақл надоштӣ, ҳоло ҳам ақлат надаромадаст”-худро сарзаниш кард ӯ.

-Дугона панох-панох меоиву меравӣ-ҳа? - ин парастор буд, ки ӯро аз пушташ бағал кард.

Зан рӯяшро тарфи дугонааш гардонд ва ба зӯр лабханд зад.

- Чӣ шуд? Чаро чашмонат об гирифтаанд? Духтур гуфт, ки сиҳатии беморат 90 дар сад барқарор шудаст, он даҳ дар сади дигар кори як ду моҳ аст, хурсанд шав, заҳматҳоят самар доданд.

- Бале, самар доданд...

- Он ҷавони пушти дари духтур писараш аст?

- Писараш, ҳамон писаре, ки падарашро бо занбар оварду

фирор кард.

- Гуфта буди касе аз он хонавода ба суроғаш намеояд, ин пасар аз куҷо фаҳмид, ки падараш беҳтар шудаст?

- Худаш ба ӯ занг зад, гуфт либосҳояшро биёрад.

- Ту нороҳат шудӣ?

- Намедонам, худам намедонам чаро чунин шудам.

- Нигарон набош, ҳамааш хуб мешавад, ӯ қариб ба он дунё рафту баргашт, ту ӯро баргардондӣ, ӯ боқии зиндагиаш мадюни ту аст. Инро фаромӯш намекунад.

Парвиз аз кӯча таксӣ киро кард, вале худаш дар ними роҳ фаромад, гуфт, ки чизҳои хостаи падарашро меорад. Зан каме ором гирифт. Шавҳарашро то меҳмонхона гусел кард ва худаш аз пайи хӯрокпазӣ шуд, саҳар субҳона нахӯрда буданд, духтур гуфт, ки бемор бо шиками холӣ хун супорад. Дар мизи меҳмонхона дастархон боз кард ва дар лаъли тухмибирён овард. Бемор асояшро ба дастаи тахти хоб овехт ва бистарашро навозиш кард.

-Ин тахти хоб маро аз он дунё баргардонд, гуфт.

Ин ҳарфаш ба зан сахт расид, аз ин ранҷид, ки заҳматҳои нимсола кашидаи ӯро камтар аз ин тахти оҳанин медонад, аммо чизе нагуфт.

Хомӯшона ба лаълии шавҳараш тухмбирён гузошт, барояш нон пора кард ва дар пиёла чойи ширин рехт. Ӯ ҳафт моҳ ин корҳоро ҳамеша бо ширинсухнӣ анҷом медод, беморро ба зиндагӣ дилгарм мекард, аммо ҳоло ҳавсалаи хушсуханӣ надошт.

- Аз Парвиз хостам, ки бароям санги варзишӣ биёрад, мехоҳам машқ кунам.

- Чаро худат нарафтӣ, якбора муаллимаро ҳам медидӣ, - зан ниҳоят дилашро кафонд. Мард чизе нагуфт, гунаҳкорона сар хам кард ва чангакро як сӯ гузошт.

- Бихӯр, чаро намехурӣ? Аз саҳар об дар даҳон накарда, ҳатман гушнаӣ. Ӯ ин ҳарфҳоро мегуфту ҳамзамон нонрезаҳоро аз лаби дастархон ҷамъ мекард, чойникро аз як

гӯша ба гӯшаи дигари миз мебурд, пиёларо мебардошту боз дар ҷояш мемонд, ангор намедонист чӣ кор кунад, норохат буд.

Мард оҳиста аз ҷой бархост ва лаълии ғизояшро бардошт ва хост ба зан кӯмак кунад.

-Ту бирав дар кат дароз бикаш, он қадар коре нест, ман худам саранҷомаш мекунам, - гуфт.

Мард маҳзун шуд, лаълиашро ба лаби дастархон гузошту оҳиста-оҳиста ба сӯи кати хобаш рафт.

Зан чойнику пиёла дар даст аз қадамзании ӯ чашм намеканд, аз рафтори худ хиҷолат кашид. "Ин қадар заҳмат кашидам, ӯро рӯи по мондам, чаро ҳоло чун уқоб ба сари боша нӯл мезанам? Чаро нороҳат шудаам? Чаро буғз кардаам? Занаки девона! Ин магар моли ту аст, ки намехоҳӣ дигаронро бубинад?"- худро сарзаниш кард зан.

Чойникро дар гӯшаи миз гузошт ва ба назди мард рафт, ки ба ӯ кумак кунад.

- Болоятро бор кунам? Берун сард аст боз хунук нахурӣ?

Мард хурсанд шуд, дасташро дар китфи зан гузошт ва оҳиста ба кати хоб нишаст. Дилаш мехост, ки зан мисли рӯзҳои гузашта латифа бигӯяд, дилҷӯӣ кунад ӯро дилбардорӣ кунад. Ӯ бо меҳрубонӣ одат карда буд. Тағйири авзои зан ӯро ба ташвиш меовард.

- Ту бихоб, ман каме ин тараф он тарафро тоза кунам ва баъд бароят як тушбераи хушмазза мепазам. Ёдам ҳаст тушбера ғизои писандидаат буд. Мард аз шодӣ лабханд зад ва бо аломати тасдиқ сар ҷумбонд.

-Азизам, ту дигар ландаҳурӣ накун, бо ишораи сару даст ҳарф назан, забонат боз шудааст, ҳарф бизан, зиёд ҳарф бизан, зиндагиатро ба ман қисса кун, бигӯ, ки рӯзгорат дар ин солҳо чӣ ранг дошт...

Мард боз ба ишораи сар "хуб" гуфт. Ҳарду хандиданд.

Кору бори хона ва бастани тушбера хеле вақт гирифт, ғизо қарибиҳои аср омода шуд. Ӯ дар ин миён ду дафъа

мардро то ташноб бурд ва дар беруни дар истод. Дилаш ором набуд, шӯр мезад, ҳар қадар мард қадамҳои устувор мегузошт, имкони дар ин хона монданаш ба ҳамон андоза камтар мешуд. “Барои дар ин ҷо монданаш баҳонае даркор, ин баҳона ҳаст магар?” - мепурсид ӯ аз худ.

Дар лаълии пур аз нағшу нигор тушбера бардошт, болояшро бо гашничу райҳон оро дод ва қаймоқ дар даст ба меҳмонхона даромаданӣ буд, ки дар боз шуду борхалтае дар даст Парвиз омад.

Зан ӯро “биё” нагуфт ва зуд ба меҳмонхона даромад. Табақи тушбераро рӯи миз гузошту дастархонро боз кард. Дилаш намехост ба мард бигӯяд, ки писараш омадааст, мехост Парвиз борашро дар берун гузораду биравад. Аммо ин дам Парвиз “дада” гуфт ва падараш аз хурсандӣ як қад парид.

- Парвиз омад! - гуфт ва бо аҷала тараддуди аз кат фаромадан кард.

- Оҳиста, Парвиз намегурезад, боз наафтӣ! Бо кӯмаки зан аз кат фаромад ва ба сӯи дар шитофт.

- Асоятро намегирӣ? - бо киноя пурсид зан ва ба табақи тушбера нигарист, ки бӯяш меҳмонхонаро пур карда буд. Дари меҳмонхона боз шуд ва падару писар гардан ба гардан ва лабханд дар лаб ба меҳмонхона ворид шуданд.

- Парвиз бо мо бишинад? Берун хунук аст. -гуфт мард илтиҷоомез. Зан чизе нагуфт, ба ҳарду дар ду коса ғизо кашид ва бо баҳонаи “чой биёрам” берун баромад.

“Одами ориятӣ ҳамин аст, ҷонатро дар ҷонаш ҳам монӣ, боз чашмаш ба сӯи дар аст”. - гуфт зан бо алам ва ба хонаи хоби худаш рафт. Дилаш намекашид ба меҳмонхона баргардад.

Ӯ то бегоҳ ба меҳмонхона барнагашт. Тирезаи хонаи хобаш ба сӯи меҳмонхона боз мешуд, аз тиреза чашм намеканд, мехост рафтани Парвизро бубинад ва баъд баргардад. Мехост ошкоро аз мард бипурсад, ки акнун чӣ кор

мекунад, ба хонаи занаш бармегардад ё ин ҷо мемонад? Аммо Парвиз ҳоло ҳам бо падараш буд. Ёд надорад чанд соат гузашт, ниҳоят хаста шуду сарашро дар пештахтаи тиреза монд ва хобаш бурд. Ӯ вақте бедор шуд, ки хурӯсҳо фарёд мезаданд ва субҳ ковок мешуд. Ҳаросон ба меҳмонхона давид, шавҳараш масти хоб буд. “Худоро шукр” гуфт ва оҳи амиқ кашид. Аз ин метарсид, ки ба меҳмонхона баргардад ва ӯро наёбад.

Парвиз қариб ҳар рӯз меомад, дурудароз бо падараш менишаст, бо ҳам суҳбат мекарданд, механдиданд. Вақте зан ба хона ворид мешуд, оташи суҳбати онҳо фурӯкаш мекард. Ҳис мекард, ки ӯ дар ҷамъи падару писар зиёдатӣ аст, мисли ангушти шашум, ки ба ягон дард намехӯрад, аммо наметавон ӯро нодида гирифт. Зан нороҳату асабӣ мешуд.

Як бегоҳ Парвиз омад ва гуфт, ки дӯстони падараш мехоҳанд ба дидорбинӣ биёянд. Зан хурсанд шуд.

- Бисёр хуб биёянд, меҳмонхона бузург аст, чанд нафар меоянд? - пурсид ӯ.

Парвиз маънидорона ба падараш нигоҳ кард, мард хомӯш буд.

- Онҳо ба хонаи мо меоянд, падарамро дар хона интизор мешаванд.

Ин хабар занро ғофилгир кард, дилаш ларзиду шикамаш сард шуд, барои гуфтан ҳарфе наёфт, бечораҳолона китф дарҳам кашид ва дар кунҷи нимкати меҳмонхона нишаст. Падару писар ба якдигар нигоҳ карданд ва писар бо ишораи “рафтем” сарашро тарафи дар тоб дод. Ҳарду аз дар берун шуданд, зан ногаҳон аз ҷой баланд шуд ва ба думболи онҳо давид. Ҷомадони шавҳарашро аз гӯшаи айвон бардошт.

-Ҷомадонатро намегирӣ? - пурсид ӯ бо киноя.

Мард аз роҳравӣ монд, дар ҷояш шах шуд. Хомӯшии байни онҳо тӯл кашид. Ин дам Парвиз аз роҳаш баргашту ҷомадонро аз дасти зан гирифт ва бо аҷала ба кӯча баромад.

Мард бо ҳамон ҳолати карахтӣ чанд дақиқаи дигар истод

ва баъд, бе онки ба пушташ нигоҳ кунад, ба сӯи дар рафт.

Зан пушаймон шуд, мард ҳанӯз аз ҳавлӣ набаромада пушаймон шуд.

- Чаро ҷомадонро додам? Дастам бишиканад! - гуфту силӣ ба дасташ зад. Ҷомадон барои ӯ замонати ҳузури мард дар ин хона буд, риштаи ноаёне, ки онҳоро бо ҳам пайванд мекард. Бовар дошт, ки мард куҷое биравад, ҳатман бармегардад, чун ҷомадонаш ин ҷост.

Ӯ бемадорона дари меҳмонхонаро боз кард, бӯи танҳоӣ ва ноумедӣ ба димоғаш зад. Меҳмонхонаи холӣ нуру сафо надошт, гармии ҳамешагиаш гӯё чун дуд аз мурӣ берун рафт ва ҷояшро сармои зимистон гирифт.

Чанде дар меҳмонхона гашт, ҷойе барои нишастан намеёфт, мисли хаёлиҳо худ ба худ ҳарф мезад. “Ҷомадон ҳам рафт, соҳиби ҷомадон ҳам рафт, ман мондаму як мушт хобу хаёл, ки барои худ бофта будам. Чӣ хуб буд бо ҳам будан, аз ӯ муроқибат карданд, ӯро ҳар лаҳза дидан, бо ӯ маҳзун шудан ва бо ӯ хандидан! Ҳайҳот, ки тамом шуд, чи зуд тамом шуд! Мегӯянд, ки кӯр асояшро як бор гум мекунад, ман ду бор гум кардам, боз дар ҳамон чоҳи шинос афтидам, вале ин чоҳро хуш дорам, мехоҳам аз ин чоҳ берун нашавам. Беҳтарин рӯзҳои умрам буд ин ҳашт моҳ. Ҳеҷ кас ба андозаи ӯ аз дидани ман шод набуд, ҳеҷ кас ба андозаи ӯ ниёзманди ман набуд, ӯ дар чашми ман зиндагиро медид, умедро медид, ман фариштаи наҷоташ будам, ӯ ин фариштаро мепарастид.”

Бистари холии бемори сиҳатшударо навозиш кард, ҳанӯз гарм буд. Рӯзҳои ахир соатҳо рӯи ин бистар менишаст ва дасти росташро машқ медод, чизе менавишт, хат мезаду боз менавишт. Зан кунҷков набуд, ки ӯ чӣ менависад. Борҳо чашмаш ба дафтар афтид, аммо ба он даст назад. Ҳоло он дафтари муқовааш сиёҳ ягона нишони мард буд.

Зери болиштро палмосид, вале дафтарро наёфт. “Рафтанӣ будаст, ки дафтарашро бо худ гирифт!”- гуфт ва бештар нороҳат шуд. Як-як курпаву болиштро ҷамъ кард,

хаёлаш ки катро бароварда ба кӯча партояд. Бистарро бардоштанӣ буд, ки дафтару қалам ба замин афтид. “Чӣ навишта бошад, ки ин қадар чуқур пинҳон кардааст?”- гуфт ӯ бо зарда ва вараќи аввалро боз кард.

Саҳифа пур аз ҳарфҳои калони каҷу килеб буд. “Инҳоро рӯзҳои аввал бо дасти чапаш барои ман навишта буд, мисли “иштиҳо надорам, намехоҳам, намекунам, намехӯрам, дард дорам, - рӯзҳое, ки забонаш лолу дасташ фалаҷ буд.” Навиштаҳо аз саҳифа ба саҳифа ҳамвортар мешуданд. Бештар дар бораи вазъи сиҳатиаш навиштаст. Инро духтур аз ӯ хоста буд.

“Имрӯз нӯги қаламро пойи ростам халондам, шояд ба назарам намуд, аммо ҷойи неши қалам дард кард”. “ Пойи ростамро бо дастам ламс кардам, ба назарам намуд ё воқеан поям ҷумбид?”

Зан варақгардон то миёнаҳои дафтар расид ва ногоҳ аз ғояти ҳаяҷон нафас дар гулӯяш печид. Мард навишат буд:

“Ҳар рӯз аз худ мепурсам, ки чаро ӯ аз ман муроқибат мекунад? Аз мане, ки ба ӯ хиёнат кардам, ба зани дигар бартарӣ додам, тавҳинаш кардам ва бо се кӯдак дар нимароҳ гузоштам. Аввалҳо фикр мекардам, ки масхараам мекунад ва бо намоиши меҳрубониву ғамхорӣ мехоҳад нокасиҳои маро ба рӯям бикашад. Аммо иштибоҳ кардам, ин андешаҳо ҳатто дар гӯшаи хаёлаш набуд. Ман мисли як кӯдаки навзод бечораву дармонда будам, ӯ бо ман шабзиндадорӣ кард, доруву дармон дод, дар такяи худ нишастан омӯхт ва ангезаи зистанро дар ман бедор кард. Ба андозае самимиву воқеъӣ буд, ки ман аз шармандагӣ ҳар рӯз мемурдаму зинда мешудам...”

“Маро дар меҳмонхонааш ҷой дод, захмҳоямро табобат кард, бароям духтур овард. Чӣ таззоди ғамангез! Вақте аз бемористон мураххас шудам ва маро ба хона бурданд, муназзимон аз ҳамсарам пурсиданд, ки беморро дар куҷо мехобонед, ӯ хоначаи падари худораҳматиашро нишон дод,

ки солҳо фалаҷ буд ва дар ҳамон ҳуҷраи кӯчак танҳо мурд. Муназзимҳо дудила шуданд, ман ишора кардам, ки ҳуҷра хуб аст. Барои одами миранда чӣ фарқ дорад дар куҷо мемирад, хонаи хоби пероста ё ҳуҷраи кӯчак. Ҳис кардам, ки мурданам наздик аст, гуфтам маро ба хонаи падарам бубаранд, бигзор дар онҷо ҷон диҳам. Ба меҳрубонии ҳамсари собиқам умедвор набудам, аммо медонистам, ки маро ба кӯча намепартояд.”

“Имрӯз бо дасти ростам қаламро доштам, қалам наафтид! Ин хабарро ба ӯ гуфтам, аз шодӣ гул-гул шукуфт, “гуфта будам, ки ту ба по мехезӣ иншоаллоҳ”- гуфт. Чӣ қадар самимона шодӣ мекард!”

Ҳар ёддошт таърихи рӯз дошт. Навиштанро аз рӯзи аввал шурӯъ кардааст, вале матнҳои калонтар ба аввали зимистон сабт шудаанд.

“Сахтарин рӯзи ман дар ин хонадон ҳамон рӯзе буд, ки фарзандонам аз дидани ман ор карданд ва гуфтанд, ки ман ба онҳо падарӣ накардам. Даҳшатнок аст, аммо ҳақиқатро мегӯянд. Ман барои онҳо падари хубе набудам.”

“Рӯз то рӯз ҳолам беҳтар мешавад, ин зан бо ман кореро кард, ки ягон табиб қодир набуд. Имрӯз ба ӯ гуфтам, ки пӯсти карахти рӯям нарм шудааст ва гӯшаи лабам боло меравад. Аз хурсандӣ дошт мерақсид!

“Бо духтур аввалин қадамҳоро бардоштам. Боварам намеояд, ки дубора роҳ меравам, бигзор бо асобағал, вале роҳ меравам. Худоро шукр!

“Ӯ дар назари ман рӯз то рӯз бештар муҳтараму муқаддас мешавад, мисли зиёратгоҳ, ки одамон аз он талаби сиҳатӣ мекунанд. Ман барои мурдан ба хонаи падариам омадам, чун барои зистан дигар ангезае надоштам. Ҳис мекардам, нодаркор шудаам. Аммо ӯ маро аз роҳ гардонд ва барои якумр қарздор кард. Кош метавонистам ин қарзро баргардонам”.

“Имшаб падарамро хоб дидам, пештар ҳам хоб медидам,

аммо дар он хобҳо ҳамеша бо ман қаҳрӣ буд. Бори аввал дар бист сол ба рӯям нигоҳ кард, гуфт келинамро наранҷон, ӯ мисли фаришта аст. Ман магар метавонам ӯро ранҷонам?".

"Он рӯз, ки хостам маро барои ғусл ба ҳаммом бубарад, ба худ гуфта будам, ки тамоми сарнавиштамро ба ӯ мегӯям, мегӯям, ки "наздики Худованд бадӣ нест фаромӯш", ман ҷазоямро дар ин дунё дидам, аз рӯзи рафтанам то имрӯз. Аммо дар ҳаммом иттифоқе афтод, ки ман ҳанӯз аз ёдовариаш хиҷолат мекашам. Эй кош дар занг намезад!"

"Ман акнун бо пойи худ роҳ меравам ва бо дасти ростам ғизо мехӯрам. Дастам ҳоло каме заъиф аст, аммо дуруст мешавад. Дигар баҳонае барои мондан надорам. Метарсам, ки як рӯз бигӯяд, «акнун сиҳат шудӣ, аз пайи зиндагиат шав». Гоҳо фикр мекунам, ки бо вуҷуди бист соли зиндагии муштарак, шинохте аз ӯ надоштаам, дар борааш чизе намедонам, ҳатто намедонистам, ки дар гарданаш хол дорад. Вақте маро мешӯсту маҳс мекард, чашмам ба холаш меафтид, ин нуқтаи сиёҳ дар баёзи гардани сафедаш чӣ зебанда аст. Ба ҳама чизи ӯ одат одат кардаам, ба холаш ба садои пояш ба чашмонаш, ҳатто ба ожангҳояш. Агар сиҳат шавам ва ӯ маро аз хонааш берун андозад, бе ин ҳама чӣ тавр зиндагӣ мекунам?"

Навиштаҷот дар ҳамин ҷо қатъ мешуд. Зан аз ин кашфиёт шах шуд. Ӯ матнҳои марбут ба худашро гаштаву баргашта хонд, мехост боз бихонад, аммо пардаи ашки ифтихору ғурур пеши чашмашро баст. Донаҳои ашк ба саҳифаи дафтар мечакид ва ҳарфҳоро як-як кӯр мекард. Ин барояш дигар муҳим набуд. Суханони мард дар мағз мағзи ҷонаш ҳаккокӣ шуд. Ӯ дафтарро чун китоби муқаддас бӯсиду ба синааш пахш кард, гӯё бол баровард ва то чархи барин баланд шуд. Ҳар он чӣ то кунун муҷиби нороҳативу ноосудагиаш буд, аз он баландӣ хурду ночиз менамуд. На рашк буд на ҳасад на аламҳои мағорбаста. Чанд соатеро бо сархушӣ гузаронд ва ниҳоят айвон баромад. Аз ҳавои баҳорӣ баҳорӣ сина пур

кард. Парандаҳо дар шохаи дарахтони боғчааш “чирик-чирик таронасароӣ доштанд. Дарахти гелос ғарқи гул буд ва гулбаргҳояш дар оғӯши бод рақскунон дар ҳавлӣ чарх мезаданд ва замин ҳавзи гулоб мешуд. Зан мафтуни ин манзара шуд. Ӯ ҳеҷ гоҳ дарахтеро ба ин зебоӣ надида буд. Ногаҳ дилаш барои бачаҳояш гум зад. “Қаҳри онҳо кай паст мешуда бошад? -пурсид аз худ, аммо мисли гузаштаҳо нороҳат нашуд. Медонист, ки ду кӯча дуртар дили як нафар барои ӯ гум мезанад ва маътали ишора аст, ки бо ҷомадони зард баргардад.

(Ҳикоя)

# ШАБЕ КИ ОФТОБ ТАВЛИД ШУД

Шабе, ки ӯро ба зоишгоҳ оварданд борони сел меборид ва садои даҳшатноки тундар тифлаконро дар батни модарҳояшон метарсонд. Ман омадани ӯро аз панҷара дидам, аз мошини ёрии таъҷилӣ берун мешуд, ки дардаш зад, чун дарахти пурбор вазнин ҳой хӯрду борашро ба пушт партофт ва, дар ҳоле ки рӯяш ба сӯи осмон буд, фарёд кашид. Саҳнаҳои олуда ба дардҳои тоқатфарсо ва доду войи зоймонро ман ҳар рӯз мебинам ва намегӯям, ки сангиндил шудаам, шояд ба диданашон одат кардаам. Аммо ин яке фарқ мекунад.

Интизор нашудам, ки кай ӯро сабти ном мекунанд ва сипас ба ман, ки навбатдори шифти шабам, таҳвил медиҳанд. Ба парастор дастур додам, ки ҷой омода кунад ва худам ба поён давидам. Ӯ дар утоқи ёрии фаврӣ танҳо набуд, занҳои дигар ҳам буданд. Яке Худо мегуфт, дигаре модар фарёд мезад ва сеюмӣ бе ҳарф нолиш мекард. Ӯ маро диду хост аз ҷой бархезад, аммо нагузоштам, дар паҳлуяш нишастаму мӯйҳои перешонашро навозиш кардам, чашмонаш пур аз об буд.

-Ҳамааш хуб мешавад, натарс, ман ин ҷоам, - гуфтам.

Духтури утоқи ёрии фаврӣ хурсанд шуд, ки ман ин занро бо худ ба боло мебарам ва ӯро аз коғазбозиву озмоишҳои зарурӣ озод мекунам. Ҳарду бо лифт хомӯш ба ошёнаи ҳуҷраҳои зоймон омадем. Ӯ нигоҳашро аз ман мегурезонд. Аз дилам гузашт, ки шояд шарм медорад ва беҳтар аст, агар пизишки дигар дар зоймонаш кумак кунад.

Ӯро дар кати ҳуҷраи алоҳида хобондам, озмоишҳои даркориро анҷом додам ва гуфтам, агар хоҳад барои зоймонаш духтури дигарро даъват мекунам. Бо аломати

инкор сар ҷумбонд. Ба ӯ мусаккин задам, миёнашро молиш додам, арақҳояшро пок кардам ва дар зери пойҳои вармосидааш болишт гузоштам. Парастор ҳаракатҳои маро бо ҳайрат назорат мекард. Чеҳраашро дар зери ниқоб намебинам, аммо чашмонаш мегуфтанд "аз кай боз пизишкҳо кори парасторро иҷро мекунанд, бало занад, ин зан кӣ аст?

Парастор аз сокинони деҳкадаи атрофи пойтахт аст ва ҳафт сол пеш, як моҳ баъди ба кор омадани ман истихдом шуд. Ситораҳои мо зуд ба ҳам мувофиҳ омад ва аз сардухтур хоҳиш кардем, ки моро дар як шифт навбатдор монад. Дар ин ҳафт сол мо аз чашми якдигар хондани ҳарфҳоямонро ёд гирифтем. Охир чеҳари мо доим дар зери ниқоб аст. "Бало занад" аз ифодаҳои писандидаи парастор аст. Ӯ ин ибораро беҳудаву баҳуда истифода мекунад. Мо ҳарду дар як баст гоҳо то 10 кӯдакро ба гуфтаи ӯ "момагӣ" мекунем. Гӯшҳоямон ин қадар аз садои нолиши модарону фиғони кӯдакон пур мешавад, ки ин садоҳо дар хона низ моро думбол мекунанд.

Бо ин ҳама ман ҳуҷраи зоймонро дӯст медорам, ин ҳуҷра коргоҳи сеҳргарро мемонад. Даъватҳои "зӯр бизану зӯр бизан" ва дардҳои миёншикан баробари аз батни модар берун омадани тифл хомуш мешавад, ангор, аслан дарде набуд. Чеҳраҳо аз шодӣ мешукуфанд ва ҷаззобияти афсункунандае фазоро пур мекунад. Модарон, ки чанд лаҳза пеш гумон доштанд аз ин дард ҷон ба саломат намебаранд, бачаҳояшонро мебӯсанду мебӯянд аз хурсандӣ ашк мерезанд ва бо онҳо ширинзабонӣ мекунанд. Ману парастор на шавҳар дорем, на бача ва ҳар бор ин саҳнаҳоро мебинему ба модару кӯдак ҳасад мебарем. Ҳасудии мо зери ниқобҳоямон пинҳон мемонад.

Ман аз зан чашм намеканам, гӯё агар нигоҳамро аз ӯ дур кунам, ҳодисае мешавад. Мусаккин дардашро каме коҳиш дод, ки чашмонаш пӯшида шуданд. "Бихоб, азизам, неру

бигир”- мегӯям зери лаб. Ашк раддаи мижгонҳои дарозашро аз ҳам ҷудо карда, чун марворид дар байни онҳо дамондааст. Ӯ гоҳ гоҳ нолиш мекунаду ба худ мепечад, дардҳояш раҳми маро ба дард меоранд...

Чӣ қадар бароям азиз шудааст!

Ману ӯ се моҳ пеш дар авҷи як мусибати шарикӣ шинос шудем. Ӯ ҳамсарашро аз даст дода буд, ман нафари бароям бисёр азизро. Дурусташ, мо ҳарду як мардро дӯст медоштаем, ки бо марги нобаҳангомаш моту маҳбутамон кард. Ман ҳисоби шабу рӯзро гум карда будам. Гоҳо соатҳо ба як нуқта хира мешудам, бар чизе меандешидам, аммо фикри хосе надоштам. Андешаҳоям дарҳаму барҳам буданд, мисли филмҳои сурреолистӣ, ки саҳнаҳояш гӯё бо ҳам иртибот надоранд. Хобам намебурд, бедориам мисли хоб буд. Қалбам, ки як соли ахир танҳо нохудои киштии зиндагиам буд ва ақлу хирадамро ҳамчун як чизи нодаркор аз мағзам берун андохт, акнун мисли санги сиёҳи даҳманӣ дар синаам вазнинӣ мекард.

Модарам мегуфт, ки ман ғамбода гирифтаам. Ӯ аз деҳа барои бемордорӣ омадааст. Гоҳ-гоҳ ғур-ғурашро аз ошхона мешунавам, гӯё бо худаш ҳарф мезад, вале дар асл маро мешунавонд. "Мурд, худо раҳматаш кунад, банда миранда аст. Шӯи дову дастгаҳат набуд, ки барояш ғамбода бигирӣ. Худо амонаташро гирифт, одами боақл магар бо Худо ситеза мекунад?" Модарам барои ман "ҳалилов" мепухт, ғизое, ки ба беморони бистарӣ медиҳанд. Як ду қошуқ мехӯрдам, то наранҷад. Дили ӯ барои гову молаш танг шуда буд, мехост ба деҳа баргардад. Ман ҳам мехостам баргардад, мехостам зудар танҳо монам, мехостам ба умқи худ фурӯ равам, мисли сӯфиҳо, ки дар чилланишинӣ ба Ҳақ мерасанд ва худу Худоро мешиносанд.

Баъди рафтани модарам рӯзҳо аз ҷогаҳи хоб берун намешудам, нигоҳам соатҳо дар сақфи хона дармемонд. Дард доштам, аммо намедонистам куҷоям дард мекунад, шояд

ҷонам дард мекард? Ҷойи ҷон куҷо бошад? Ҷони ман ӯ буд, ки аз ман бурида шуд. Шояд ин холигоҳи ҳамон ҷон аст, ки дард мекунад, мисли пойи қатъшуда, ки дигар вуҷуд надорад, аммо шабаҳаш дард мекунад. Дар кунҷи сақф анкабуде барои худ хона танида буд. Ҳаракатҳояшро коҳилона тамошо мекардам. Ангор, ҳоли маро медонист, ки нотарсона чун дорбозҳо бо торҳои танидааш поёну боло мешуд. Хонаам низ шабеҳи худам фалаҷ мешуд.

Яке аз ин рӯзҳо буд, ки зане дар остонаи хонаам пайдо шуд. Ман ӯро пештар надида будам ва хаёл кардам аз ин фурӯшандаҳост, ки хона ба хона молу мавод пешниҳод мекунанд. Намехостам дарро боз кунам, аммо ӯ мисли худиҳо се дафъа занг зад. Дарро кушодаму суоломез ба ӯ нигаристам. Дурудароз ба ман нигоҳ кард, мисли табиб, ки аломатҳои амрозро аз чеҳраи бемор мехонад. Ниҳоят, "ман зани фулониям" гуфту бе онки ман чизе бигӯям бебокона ба хона даромад, гӯё, ин ном корди сабзи воридшавӣ ба манзили ман буд.

Зан дар бар болопӯши сиёҳ, дар сар шоли сафед ва дар пой ҷӯробҳои пашмин дошт. Як моҳи ахир ман коре ба тақвиму фасли сол надоштам, аммо панҷараи боз бӯи охири баҳор ва аввали тобистонро ба хона меовард.

Нигоҳаш беқарор буд, гоҳ дар ҷевони китобҳо манъ мешуд, гоҳ дар соғару сурохии ҷевони шишагӣ, гоҳ дар мизи ороишот. Гӯё чизе мекофт ва ниҳоят дар қоби аксҳои девор қарор гирифт. Дар он суратҳо саҳнаҳои зиндагии як соли ахир бо маҳбуби дилам акосӣ шуда буд - аксҳои зебо, пур аз ишқ ва хушбахтӣ, дар Порис, Дубай... Меҳмони ғайриинтизор ҳар аксро бодиққат меомӯхт, гоҳ гунаҳояш сурх мешуд, гоҳ нафасаш мепечид ва гоҳ дардолуд табассуми мекард. Ниҳоят аз тамошои аксҳо чашм бардошт ва рӯ ба ман овард.

-Ман дар ҳеҷ яки ин шаҳрҳо набудам, - ӯ ин ҷумларо бо лаҳне гуфт, ки ҳам гила дошт, ҳам таассуф ва ҳам эътироз.

Ман мисли гунаҳкорони маҳкум ба дуздӣ чашм ба замин дӯхтам. Зан заъфи ману бартарии худро медонист.

Ман дар 30-солагӣ, дуруст замоне, ки хоҳишҳои ишқварзии зан комилу урёнтар мешаванд ва мағзро беақлу қалбро шайтони гӯшдаро мекунанд, баъди як издивоҷи ноком дубора ба дунёи ҷунун ворид шудам. Намедонам ӯ аз куҷо пайдо шуд ва чӣ тавр зиндагии якранги маро пурнишот кард – ҳар чӣ то ӯ буд, аз зеҳнам шуста шуд, ҳар чӣ бо ӯ буд, дар банд банди дилу ҷигарам нақш мебаст. Ангор дар биҳишт будам. Ман он солро ба баҳои тамоми умрам мехаридам. Ҳеҷ гоҳ аз ӯ дар бораи зиндагиаш суол накардам, намехостам чизе бидонам, намехостам аз ин биҳишт ронда шавам. Воқеъияте, ки аз он мегурехтам, акнун дар симои ин зани сиёҳпӯш омада буд, то товони он солро аз ман биситонад.

Меҳмон аз ҷой бархосту каме дар долон гашту гузор кард ва сипас беибо ба ҳуҷраи хоб даромад. Аз зеҳнаш чӣ мегузашт, намедонам, аммо чеҳрааш чун санги мармар сарду беранг буд. Ӯ аз ҷогаҳи ноғундоштаи ман чашм намеканд.

- Чӣ қадар ғел мезадаӣ, бистарат ғиҷим шудааст ё хобат намебарад? Ба бистари бесомонам нигаристам, гӯё онро бори аввал медидам. Чаро лол шудаам? Чаро намегӯям, ки ман ғамбеморам ва бӯи атри азизи дилам ягона ҳавоест, ки мехоҳам аз он нафас бигирам, худро дар он ғарқ кунам. Шармам омад аз бечорагиам, аз коҳилиам, аз забони булбули гӯёям, ки акнун дам ба дарун зада буд. Зан дар гӯшаи тахти хоб нишаст, ман беҳолона дар рӯ ба рӯяш ба девор такя задам. Ӯ ҳамоно аз бистари ман чашм намеканд, аз ду болишт, онеро бардошт, ки наздик ба девор буд. Онро навозиш кард, бӯ кашид ва сипас ба рӯи зонувонаш гузошт.

- Ӯ ҳамеша пушт ба девор мехобид, мегуфт, ин хел хобаш хубтар мебарад, -гуфт ӯ. Як соли ахир рӯ ба девор овард... Зан худро хунсард нишон медод, аммо садояш адвори дардолуд дошт, мисли таронае, ки матнаш бо мусиқӣ

созгор нест. Ҳарду хомӯш будем, то ҳаде ки нафасҳои вазнини якдигарро мешунидем.

- Ӯ туро чӣ тавр мебӯсид?

Ин суолаш бароям он чунон ғайриинтизор буд, ки шах шудам. Дилам ларзид ва як коса хуни гармро ба гунаҳоям рехт, сурх шудам. Хаёл кардам ғаш мекунам (Ту чӣ кор мекунӣ зан!? ).

Зан, ангор, посухеро мунтазир набуд, ки болиштро сахттар бағал кард, дар ҳоле ки ба дуриҳои дур менигарист, лаб ба сухан кушод.

- Вақте мо издивоҷ кардем, ӯ як ҷавони заннодидаи нобӯсида буд, -дар чеҳраи зан лабханди зебое шукуфт.

-Мо ҳамдигарро дар шаби никоҳ дидем, ду одами ношинос, шармгин, бетаҷриба, намедонистем аз чи сар кунем. Ман 18-сола будам, ӯ 20-сола. Вақте янгаҳо ӯро ба таги чодари арусӣ оварданд, пойҳояш меларзид. Салом гуфт, шояд овозаш дар гӯши худаш бегона намуд, ки дигар гап назад. Ман мисли барги бед меларзидам. Бо ҳамон ҳаяҷон русуми арӯсиро ба ҷо овардам ва ба сӯяш таъзим кардам. Як муддат ҳарду беҳаракат будем. Ниҳоят ӯ даст ба гӯшаи пероҳани арӯсиам зад, вале гӯё дасташ сӯхта бошад, ки худро ақиб кашид. Тамоми вуҷуди ман меларзид, гӯе як калоба набз будам. Дар хомӯшии зери чодар мешунидам ки ӯ ҳам дам ба дам аз ҳаяҷон туфашро фурӯ мебурд. Ёд надорам чӣ қадар рӯи по истодам, як вақт дидам, ки домодро дар пеши поям хобаш бурдаст. Хам шудаму ба зери сараш болишт гузоштам ва чеҳраашро аз наздик дидам. Пештар ҳам дида будам, аммо аз дур. Ӯ мисли фаришта зебо буд, мӯйҳои сиёҳи ҷингилааш бо пусти сафедаш чӣ даъвое доштанд! Дилам аз ин хаёл, ки ман акнун ҳар шаб ба ин мӯйҳо панҷа мезанам ва ин чашмони зеборо мебӯсам, пар-пар мезад.

Чашмони зан пӯшида шуданд. Ман бори аввал чеҳраашро боҷуръат тамошо кардам. Зани зебое буд, гандумгун, ситорагарм, мижгондароз. Холи бари рӯяш ба

ҳуснаш меафзуд. Дар зоҳир аз ман се чор сол бузургтар менамуд. Ӯ нигоҳи маро ҳис накард, дар дунёи худаш буд.

- Мо танҳо шаби сеюм, вақте холаву янгаҳо рафтанд ва хона холӣ шуд, ба висол расидем. Оҳ чӣ шабе буд, он шаб! Мехостам лабонам аз лабонаш канда нашаванд ва ҳалқаи дастонаш аз даври камарам дур нагардад. Ман дар осмонҳо парвоз мекардам ва ӯ ҷисми табкардаи маро ваҷаб ба ваҷаб мебӯсид. Мо он қадар бо ҳам печида будем, ки чун шохаҳои дарахти пайвандӣ бо ҳар ҷумбиш дар ҷони якдигар нумуъ мекардем. Ӯ мегуфт, чашмонатро бипӯш, то туро ба осмонҳо бубарам. Ман ҳам ҳар амри ӯро мутеона иҷро мекардам. Мо як моҳ он қадар дар осмонҳо парвоз кардем, он қадар якдигарро бӯсидему бӯидем, ки бисёр лоғар шудем...

Зан ногаҳон чашмонашро кушоду болиштро канор гузошт.

- Дер шуд бояд биравам, - гуфт ва ҳамон тавр ки ногаҳон омада буд, бе хайру хуш аз дар бадар шуд.

Ман вақте ба худ омадам, ки дар бо қаҳр пӯшида шуд ва тоблуи девори долон ба замин афтид. Ин тоблу ҳамеша вақте дарро бо қаҳр бипӯшӣ, меафтад, мехаш кӯтоҳу худаш сангин аст... Ғайри ихтиёр ба сӯи балкон давидам. Чаро хостам ӯро бори дигар бубинам? Намедонам. Ӯ роҳравон худ ба худ чизе мегуфт, магар телефони ҳамроҳ дошт? Агар медошт, медидам. Ё ҳанузам аз таъсири ҳикояи ширини зери чодари арусӣ берун нашуда буд? То нопадид шуданаш дар гардиши кӯча аз ӯ чашм накандам. Шом медамид. То хонааш чӣ қадар роҳ бошад?

Рӯи тахти хоб дароз кашидам ва болиштеро, ки зан чанд лаҳза пеш дар оғӯш дошт, бағал кардам. Гарм буд, гӯё таб дошт. Рӯямро ба болишт гузоштам, бӯи аҷибе дошт, мисли омезиши ду атри мухталиф, ки асолаташон гум мешавад, вале ҳамоно хушбӯй мемонанд. Ман оҳиста аз ҳолати карахтӣ берун мешудам ва ҳодисаи имрӯзро, аз замоне, ки дари хонаам се бор занг хурд, то афтодани тоблу чун навори

филм пеши назар овардам. Аҷаб, дар тамоми ин муддат боре ҳам оби чашмаш нарехт. Ӯ чаро омада буд?

Шабро дар ҳавои он дидори мармуз рӯз кардам. Ҳиси аҷибе доштам, монанди таъсири хобҳои шайтонӣ, ки тамоми шаб дар ҳарири хоҳишҳои номатлуб тобат медиҳанд, вале ҳамин ки чашм кушодӣ аз зеҳнат пок мешаванд. Баъд тамоми рӯз ҳис мекунӣ, ки дар хобат чизи аҷибе дидаӣ, вале намедонӣ он чӣ буд. Ман ҳам тамоми рӯз машғул будам. Пораҳои дидор бо меҳмони мармузро, ки ҳатто номашро намедонам, дарбеҳ мекардам, мехостам мантиқи рафтори ӯро дарёбам.

Шуғли нав каме маро ба худ овард, саҳар ҳатто қаҳва пухтам ва бо финҷон ба балкон баромадам. Ман аз ин балкон омадану рафтани маҳбубамро медидам. Гоҳо ғайриинтизор меомад ва маро ғофил мекард, қалбам аз шодӣ меларзид. Он соатҳо беҳтарин соатҳои умрам буданд.

Дар берун зиндагӣ ҷӯш мезад. Занҳои ҳамсоя бо хандаву шӯхӣ ҳашари гилемшӯӣ доштанд. Аз таҳти дил механдиданд ва хушбахтии онҳо якҷо бо бухори обу собун атрофро пур мекард. Дилам ба ҳоли худам сӯхт, хориам омад, ашкҳоям дона дона ба замини тафсони балкон рехтанд. Ҳаври онҳо бӯи бадахтиву танҳоӣ медод.

Худро ба зери душ задам ва оби сардро кушодам, гиряам аз ҳиқ-ҳиқ ба фиғон мепечид. Он қадар гиристам, ки чашму рӯям бод кард. Аз рӯзи марги ӯ бори аввал буд, ки ман домани гиряро сар дода, дар пеши худ гиребони ғам пора кардам.

Хеле сабук шудам.

Аз кӯча таронаи ҳазине ба гуш мерасид, ба назди панҷара рафтам, то бубинам садои мусиқӣ аз куҷо меояд. "Ҳама меган, ки ту рафтӣ. Ҳама меган, ки ту нестӣ, дурӯғе” - ттаронаи эронӣ аз дохили таксие баланд мешуд, ки ронандааш ба курсӣ такя зада, сурудро бо чашмони пӯшида гӯш мекард. Шояд хобаш бурда буд ё мисли ман ашкҳояшро

фурӯ мебурд. Матни тарона баланд набуд, шеъргуна буд, аммо овозхон онро чунон бо дард месуруд, ки дили маро ҳам ба дард меовард. Ногоҳ суруд қатъ шуд, дидам, ки як марди қадпасти чоқ ба курсии ақиб нишасту амр дод, ки мошин ҳаракат кунад. Ӯро ба ғами ману ронанда коре набуд, ба куҷое шитоб дошт. Ман аз назди панҷара ду қадам дур шудам, ки занги дар садо дод, се дафъа. Дилам ба бозӣ даромад.

Ман баъзан зангҳоро мешиносам, шояд ҳисси шашум дорам. Садои занги маҳбуби диламро зуд ташхис медодам, дилам ҷӯш мезад, он садо мисли таронаи хушбахтӣ буд. Занги хоҳарамро аз зангҳои додарам фарқ мекунам. Модарам мисли қадимиҳо ба дар ангушт мезанад.

Дарро боз кардаму худро канор кашидам, то зан роҳат ба хона ворид шавад. Ӯ ба чеҳраи аз гиря варамидаи ман як нигоҳи кӯтоҳе карду рост ба хонаи хоб гузашт. Шолу болопӯшаш ҳамоне буд, ки дирӯз дида будам, ангор аслан нарафта буд.

Хостам ба ӯ чой ё қаҳва пешниҳод кунам, аммо ҷуръат накардам ва мисли гунаҳкорони интизори ҷазо мутеона дар гӯшаи дигари тахти хоб нишастам. Зан бо шилшилаи шоли сафедаш "бозӣ" мекард, гоҳ онро мисли кокул тоб медоду мебофт ва лаҳзае баъд бо асабоният мекушод. Ин амалро чанд дафъа такрор кард, шояд ба дилаш зад, ки билохира сар бардошт.

- Ту бача надорӣ? - пурсид ӯ.

- Не, надорам,- гуфтаму гиря гулӯгирам кард. Ӯ аз ман чашм намеканд, нигоҳаш сард буд, гӯё дилсӯзӣ надошт.

- Ман аз ӯ ду нишона дорам, ки ҳарду нусхаи падаранд - ҷингиламӯи чашмсабз, оғоз кард зан. Вақте бори аввал обистан шудам, аз шодӣ хобаш намебурд, соатҳо бо шиками дамидаам суҳбат мекард, аз ҳар ҷумбиши тифл ба ваҷд меомад, намегузошт, ки даст ба оби сард бизанам. Пойҳои варамидаамро масҳ мекарду ангуштонамро дона-дона

мебӯсид. Вақте бори аввал писарашро ба даст гирифт, аз шодӣ гирист ва қавл дод, ки як умр маро рӯи даст мегардонад. Вақте ду сол баъдаш духтарамро таваллуд кардам ӯ маро аз бемористон чун арӯс бо карнаю сурнай ба хона овард.

Чӣ қадар ифтихор дошт суханҳои ин зан! Гӯё мехост бартарии худро бар ночиз будани ман таъкид кунад.

Ман чун ҳайкали санг ноҷунбон будам, ҳарчанд мехостам нола кунам, барои бачаи ҷингиламӯи сабзчашм, ки таваллуд накардам, барои марде, ки ҳеҷ гоҳ ангуштҳои поямро дона-дона набӯсид, ҳам барои касе, ки фурсат надошт маро рӯ рӯи даст гардонад. (Зиёдаравӣ мекунӣ зан, ту аз ман чӣ мехоҳӣ!?)

- Баъд ту пайдо шудӣ, - гуфт зан, дар ҳоле ки рӯяш ба девор буд.

- Пеш аз ман дигарон ҳам буданд, - гуё худро сафед кардам.

- Бале буданд, - эътироф кард ӯ, - бори аввал бӯи атри гаронбаҳои занонаро дар тани ҳамсарам се сол пеш шамидам. Оҳ, чӣ қадар сӯхтам, хаёлам диламро бо юғу сипор шудгор карданд, аммо муносибаташ бо ман дигар нашуд, бӯсаҳои гарм, ҳарфҳои ширин, ки дар гӯшам мегуфт, навозишҳо, ҳамоно идома доштанд. Танҳо бешармтар шуда буд...

Баъдҳо низ гоҳ шабҳо гум мешуд, мегуфт сафари корӣ дорад, аммо бо бӯи атри дигар бармегашт. Ман атршинос шудам, медонистам, имшаб бо соҳиби кадом атр шабро рӯз кардааст. Рашк мекардам, охир ӯ нимаи ман буд, балки тамоми ман буд! Аз алам банди дастамро мегазидам ва моҳҳо куртаи остиндароз мепӯшидам, то доғҳои дастамро набинад. Ман аз хурдӣ аламамро бо ин шева паст мекунам. Модарам барвақт ба раҳмати Худо рафт ва падарам зани ҷавон овард, ки маро дӯст намедошт. Ҳар бор ҷанҷолам

мекард, ё ба падарам хабар мекашиду ноодилона шаллоқ мехӯрдам, аз алам банди дастамро мегазидам.

Зан остини болопӯшашро баланд кард, банди дастҳояш пур аз доғҳои ҳалқа-ҳалқа буд.

- Вақте ту пайдо шудӣ, ман аз ин одат даст кашидам, зеро шиддати рашку аламам танҳо бо гоз гирифтани банди даст паст намешуд. Бори аввал ҳис кардам, ки ӯро аз даст медиҳам. Дилаш аз ман то андозае хунук буд, ки агар шаб дар бистари хоб дастам амдан ба баданаш мерасид, мисли хорпушт худро дарҳам мекашид. Дар ин муддат танҳо як бор бо ман ҳамхоба шуд, он ҳам баъди навозишҳои бепоёни ман, ки мехостам бо ҳар қимате бошад ӯро ба худ моил кунам. Шабҳо пушташ бо ман буд, ангор, дар хобаш низ ишқу садоқаташ ба туро посбонӣ мекард. Ин робита доғи бузургеро дар ҷигарам гузошт, ки ман наметавонам онро ба ту нишон диҳам.

Зан хомӯшона аз ҷой бархосту аз ҳуҷраи хоб берун шуд, ман аз пайяш нарафтам. Садои дар ва афтодани тоблу аз рафтанаш дарак дод. Беихтиёр ба сӯи балкон давидам, ӯ вазнин-вазнин роҳ мерафт, сараш хам буд, гӯё дар душаш даҳ ман бор дошт...

Чанд соат дар балкон нишастам, то ки ҳаво торик шуд ва чир-чиракҳо ба сурудхонӣ оғоз карданд. Фазо пур аз таронаи дӯстдоштаи шабгардҳо шуд. Чӣ мегуфт ин зан? Гуфт, ки ман ба дилаш доғ гузоштам? Магар ман ин қадар бешафқат будам? Бо худам дар ҳоли ҷанг шудам - як нимаи ман бегуноҳиямро бо далели ишқу ҷунун тавҷеҳ мекард - нимаи дигарам аз ин нимаам мутанаффир буд. Маро аз ин хаёлҳои мағшуш парвози ҷуфти парасту ба худ овард, ки беист болои сарам чарх мезаданд. Онҳо ин баҳор дар тоқи балкони ман лона гузоштанд ва ҳоло мехостанд ба хонаи худ дароянд. Дилам аз тасвире, ки ин ҷуфт дар он лонаи зебо то саҳар бо нулҳояшон парҳои якдигарро навозиш мекунанд ва мебӯсанд, гарм шуд. Бигзор ҳаддиақал дар як гӯшаи хонаи

сарди ман зиндагӣ ҷӯш занад. Фардо барояшон гандум мерезам то дар ҷустуҷӯи ғизо ба хамгаштҳо нараванд ва бо ҳам танҳо дар осмонҳо парвоз кунанд.

Қавл додам, ки имшаб ба ҳар қимате бошад, бояд бихобам, вагарна мағзам метаркад. Аз қуттии доруҳо сахттарин қурси хобро пайдо кардам, ки равоншиносам ду сол пеш, баъди талоқ аз ҳамсарам барои табобати зиндагибезорӣ дода буд. Ду дона қурсро хурдаму ба ҷогаҳи хоб даромадам. Чашмонам зуд пушида шуданд.

Рӯзи дигар соати се, дуруст замоне бедор шудам, ки офтоб ними осмонро тай зада, оҳиста ба самти ғуруб мерафт. Хонаи ман дар ошёнаи панҷум аст, ҷойи бисёр муносиб барои тамошои ғуруби офтоб. Аз балкон силсилакӯҳҳои барфпӯш, ки чун марворид гардани шаҳрро зеб медиҳанд, он қадар наздик метобанд, ки гӯӣ даст дароз кунӣ, ба доманашон мерасад. Ҳоло ин ҳама зебоӣ дар дили ман, ки чун даҳанаи вулқони нимахоб дуд мекунад, намегунҷид. Хостам аз балкон дур шавам, аммо ҳиссе гуфт, ба он сӯ нигар. Ман ӯро зуд шинохтам, аз шоли сафеду болопӯши сиёҳаш ва шеваи роҳ рафтанаш, ангор, қадамҳояшро то хонаи ман мешумурд. Дарро кушодаму нимабоз гузоштам, бигзор роҳат биёяд. Эҳсос кардам, ки ҳеҷ касеро ба андозаи ӯ хоҳиши дидан надоштам.

- Ӯро хоб мебинӣ? - пурсид аз ман

- Гаҳ гоҳ, аз дур мебинамаш, аммо ҳарф намезанад...

- Намедонам чаро ба хоби ман намеояд, -гуфт ӯ бо таассуф, - шояд аз ман ранҷидааст. Моҳҳои пеш аз мурданаш ду се дафъа даъвоямон шуд, ҷанҷол сари ту буд ва ман ба ӯ ҳарфҳои дилхарош гуфтам, шояд дилашро шикастам... Баъди гӯру чӯбаш дигар тоб наовардам ва рӯзи сеюм барои зиёраташ ба водии хомӯшон рафтам. Бори аввал қабристонро медидам ва аз паҳлуи гӯрҳои куҳнаву нав убур мекардам. Аҷаб, водии хомӯшон низ бою камбағал доштаст. Баъзе гӯрҳо тахттасангҳои мармару катиба доштанд, баъзеи дигар

як пораи оҳан, ки дар он синну соли мурдаи гӯр сабт шудааст. Муйсафедеро дидам, ки дар байни ду гӯри тоза ба зону зада хок бар сар мекард ва фиғон мекашид:

- Эй Худо, чаро раво дидӣ, ки тобутбардори фарзандон шавам, чаро ҷони мани пирро нагирифтӣ!

Ёдам омад шабе азизи ман мариз шуд, таб карду ҳазён гуфт, то рӯз бемордорӣ кардам, саҳар дар рӯи зонуям хобаш бурд. Поям шах шуда буд, аммо аз ҷой наҷумбидам, то бедор нашавад. Он субҳ ман аз Худо илтиҷо кардам, ки баъди сари ин мард маро як соат ҳам зинда намонад. Ман аз паҳлуи он муйсафед, ки мисли девонаҳо саллааш ба гарданаш хамида, синаи пираш урён шуда буд, гузаштам. Ӯ маро ҳатто надид.

Қабри азизи ман болотар, дар баландии теппа аст. Қабри гулпӯш, мисли арӯс ороста. Садбаргҳои болои сарашро шояд ҳамон субҳ оварда буданд, зеро ки тару тоза буданду бӯи биҳишт доштанд. Онҳоро кӣ овардаст, намедонам, шояд ҷигарсӯхтаи дигаре мисли ман. Зан озмоишкорона ба ман нигарист, ман нигоҳамро гурезондам. Аз он хиҷолат кашидам, ки ин ҳама рӯз ба ҳоли худ гиристам, аммо боре ба ёдам нарасид, ки ба зиёраташ биравам. Он гулҳоро кӣ бурда бошад?

- Ман қабри азизамро ба оғуш гирифтаму гиристам, он қадар ки аз беҳолӣ хобам бурд, - ашкҳои зан дона-дона аз гунаҳои афсурдааш ба болопӯши сиёҳаш рехтанд. Қуттии дастмолҳоро ба сӯяш дароз кардам, ӯ якеро бардошту ашкҳояшро пок кард ва қиссашро идома дод.

- Маро садои зане ба худ овард, ки дуртар бо теппаи хок сухбат мекард. Хок нам набуд, шояд гурро се чор моҳ пеш канда буданд. Ҳар қадар гӯш додам, нафаҳмидам, ки чӣ мегӯяд. Ниҳоят он зан аз ҷой бархосту домани пероҳанашро афшонд. Ҳудудан 24-25 сола буд. Зани бисёр зебо, мисли ин ки чеҳраашро суратгаре бо ҳавас кашида буд. Он қадар хушрӯй буд, ки ҳатто либоси беранги азодорӣ ва чодари сиёх ҳуснашро халалдор намекард. Ӯ дам ба дам чодарашро пеш

мекашид, аммо бод онро аз сараш мерабуд ва бо зулфони сиеҳаш бозӣ мекард. Азбас роҳаш аз паҳлӯи гӯри азизи ман мегузашт, интизор шудам, то наздиктар биёяд. Салом додам, бо эҳтиром даст пеши бар алек гирифт.

- Худованд гузаштагони шуморо раҳмат кунад, - гуфт ӯ ва пурсид, ки ба зиёрати кӣ омадам.

- Ба аёдати ҳамсарам омадам, се рӯз пеш гузашт, 37-сола буд.

- Худо раҳмату мағфират кунад ва ҷояш ҷаннат шавад.

Ҳарду омин гуфтем.

Пурсидам, ки ӯ киро аз даст додааст. Гуфт шавҳарашро ва оби чашмаш рӯяшро шуст.

- Се моҳ пеш ба раҳмати Худо рафт. 27 сол дошт. Ҳамаги се сол хонадорӣ кардем. Ҳоло ҳар шаб ба хобам меояду мегӯяд бо ман биё. Ман ба ҷону дил мерафтам, аммо як кӯдак дорам, бесоҳиб мемонад, на модар дорам на падар. Худораҳматӣ ҳам як модари касалӣ дорад, ки худаш муҳтоҷи як коса об аст. Имруз омадаму диламро холӣ кардам, гуфтам ту азизтар аз ҷонамӣ, аммо дигар наё ба хобам, бигзор ман ғами бевагию муҳтоҷиамро бинолам ва бачаи туро бузург кунам. Як кӯза оби сардро ба гӯраш рехтам то таспи дилаш бинишинад ва дигар маро ба сӯяш нахонад.

Гуфтам:

- Хуш ба ҳолат, ки хобат мебараду азизатро дар хоб мебини, ман дар ҳасратеам, ки ҳамсарамро як бори дигар бубинам.

- Мурдаро дар хоб дидан хосияти хуб надорад, - гуфт ӯ бо лаҳне, ки ба синну солаш мувофиқ набуд, - калонтарҳо ҳамин тавр мегӯянд, баъзе мурдаҳо аз наздикони худ дил канда наметавонанд, мехоҳанд онҳоро бо худ бубаранд. Хоб набинед беҳтар аст.

Меҳмони ман ба сукут рафт, шояд дар бораи он зани ҷавон меандешид, ки дар қабристон дида буд. Ё шояд риштаи гумкардаи қиссаашро меҷуст, ки аз суоли "ту ӯро хоб

мебинӣ” оғоз гирифт. Хомуширо тик-тики соат халалдор мекард.

Ба қасди рафтан вазнин аз ҷой бархосту дарро боз гузошта рафт. Дилам мехост наравад, ӯ ягона пайванди байни ману маҳбубам буд ва агар ин пайванд гум шавад, ангор, ман низ гум мешавам. Дарди муштарак ва марди муштарак маро бо он зан, ки огоҳу ноогоҳ ба ҷигараш доғ гузоштам, қарин мекард. Бехабар мондам, ки чӣ тавр ба ин дидорҳо алоқаманд шудам...

Рӯзи дигар саҳар аз хоб бархоста ба гулҳои пажмурдаи балкон об додам, барои ҷуфти парасту дона рехтам ва хонаро тамиз кардам. Анкабуд куҷое рафта буд, ки дар хонааш набуд, хонаи ӯро низ руфтам. Ҳаммоми гарму либоси тоза ҳоламро беҳтар кард. Тамоми рӯз чашм ба роҳаш будам, гоҳ ба балкон медавидам гоҳ ба назди панҷара ва гоҳ ба соат менигаристам. Вақт коҳилона мехазид. Нигоҳам аз ақиби раҳгузаре то сари кӯча мерафт ва бо раҳгузари дигар бармегашт. Шаб шуду ӯ наомад, шояд ба зиёрати қабри шавҳараш рафта буд, ё имрӯз ба кӯдакони ҷингиламӯи сабзчашмаш расид. Дору хурдаму хобидам, то вақт зудтар гузарад ва субҳ зудтар бидамад. Аммо ӯ рӯзи дигар ҳам пайдо нашуд, рӯзҳои дигар ҳам. Аз рафтуо дар роҳи балкону панҷара хаста шудам ва телефонро, ки як моҳ боз хомӯш буд, рӯшан кардам. Огоҳии даҳҳо паёму зангҳои беҷавоб пушти сари ҳам садо дод, паёмҳои дӯстон, хоҳарам, ҳамкоронам, ки эҳтимол аз нопадид шуданам нигарон буданд. Паёмҳоро нохонда руфтам, чун тоби хондану шунидани таъзияву афсусҳои қолабиро надоштам. Ҳадаф аз рӯшан кардани телефон рақами як дӯсти муштарак буд, ки ба хонаи маҳбуби ман равуо дошт.

Ӯ гӯширо зуд бардошт, садои маро шинохт ва каме даступоча шуд.

-Ҳолат хуб аст? Чанд дафъа занг задам гӯшиат хомӯш буд, аз мо ягон хизмат ҳаст? - гуфт ӯ.

- Мақсадамро бе пешгуфтор баён кардам.

- Метавони адреси хонаи ӯро ба ман бидиҳӣ?

- Чаро? Чӣ кор мекунӣ?

- Ҳеҷ, мехоҳам хонаашро аз дур бубинам.

- Боз коре накунӣ, ки озурда шаванд, бе ин ҳам хун мегирянд.

- Магар девонаам?

- Намедонам, хар чӣ шуданаш мумкин.

Ин ки ӯ бовуҷуди дӯстии яксола шинохти хубе аз ман надоштаст, маро озурда кард, аммо ҳоло вақти ранҷиш набуд.

- Хоҳиш мекунам... - исрор варзидам ман.

- Бошад, бо паёмак мефиристам.

- Ташаккур, ки кумак кардӣ...Худо ҳофиз

- Як лаҳза бош мехоҳам чизеро бароят бигӯям, ...ҳмм ...намедонам медонистӣ ё не, ӯ туро бисёр дӯст медошт, марди дарундор буд, розашро ба касе намегуфт, аммо рӯзҳои охир дигар шуда буд. Мегуфт, агар садоятро нашнавад, хобаш намебарад, ...мехостам, бидонӣ... хушбахттар аз оне будӣ, ки худат фикр мекунӣ...

Ҳиқ-ҳиқи гиряи ман садои ӯро пахш кард, ки давоми ҳарфашро нашунидам. Мехостам, фарёд занам, ки ман ҳам дӯсташ медоштам, ӯ ҷони ман буд, оину меҳроби ман буд, ангезаи зистанам буд, балки зиндагиам буд. Худро ба тахти хоб партофтам ва кӯрпаро ба рӯям кашидам то фиғонам ба гӯши ҳамсояҳо нарасад.

Рӯзи дигар қариби зухр бо эҳсоси омехтаи ҳаяҷону беҷуръатӣ аз хоб бедор шудам. Дар умқи дилам дарк мекардам ки ман на ба он зан, балки ба хотироте, ки ӯ аз маҳбуби ман дорад, алоқаманд шудаам. Мехоҳам ӯ соатҳо достон бигӯяду ман бишнавам. Ин достонҳо халоеро, ки баъди марги азизам пайдо шудааст, пур мекунанд. Ман ҳоло наздиктар ва ҳамрозтар аз ин зан касеро надорам, ман ба ӯ эҳтиёҷ дорам, ӯ ба ман. Гаравгони ин хоҳишҳо будам.

Хостам пеш аз рафтам мӯю рӯямро ба тартиб биёрам, аммо чеҳраи хазонамро дидаму аз фикрам гаштам. Ороиш вақти зиёд мегирифт, ман таҳаммули ба дарозо кашидани вақтро надоштам. Мӯйҳоямро дар теппаи сарам ғунча кардаму рӯсариву айнаки сиёҳ пӯшидам.

Раҳнамои мошин масофаи хонаи ӯро, ки дар шаҳраки навбунёди канораи пойтахт будааст, 30 дақиқа нишон медод. Бе ҳеҷ дудилагӣ пойро аз тормуз бардоштам. Вақте ба маҳаллаи ӯ расидам, соат аз чаҳор гузашта буд.

Хонаи барҳавое доштаст, дар кӯчаи сарватмандон, ки ҳар манзил на камтар аз ду ошёна дошт ва кӯча пур аз мошинҳои гаронбаҳо буд. Эҳсоси аҷибе доштам. Тасаввур кардам, ки маҳбуби ман ҳар субҳ аз ин дарвозаи барҳаво берун мешуд, дар дами дар бо занаш худоҳофизӣ мекард ва ӯро мебӯсид. Зан ҳам кӯртаву пидҷаки шавҳарашро як бори дигар аз назар мегузаронд, гарди китфҳояшро меафшонд ва мегуфт "худо ёрат, ҷонам". Ӯ ба назди ман ҳамеша ороставу шик меомад. Бӯи атрҳои гаронбаҳояш то расиданаш ба хонаи ман чаҳор ошёнаи дигарро хушбӯй мекард. Ман ҳеҷ гоҳ куртаи ӯро нашуста будам...

Аз дарвозаи боз як-як занҳои сиёҳпӯш ва мардҳои ҷомапӯш берун мешуданд. Ду соат дар дохили мошин нишастам, то соат аз шаш гузашт ва дар кӯча ба ҷуз ду-се кӯдак, ки дар канори ҷода бозӣ мекарданд, дигар касе намонд. Парвонаи зебое гирди мошини ман хеле чарх зад ва шояд ранги сурхи мошин хушаш омада буд, ки ба шишаи пеш нишаст. Он қадар наздик буд, ки ман чашмонашро медидам. Оҳиста аз мошин берун шудам, дар ҳоле ки аз ҳаяҷон ҳалқам қоқ шуда буд, ба сӯи дар рафтам ва зангро пахш кардам. Касе набаромад ва ман қадам ба пеш гузоштам

Ҳавлӣ ҳам холӣ буд, танҳо мизу курсиҳои зиёд аз хатми маъракае дар ин хона дарак медод. Паррандаҳо аз дегҳои калони даҳонашон нимапӯш, ки маъмулан дар тӯю худоиҳо истифода мешаванд, дона мебардоштанд ва бо минқорҳои

пур ба кучҷое парвоз мекарданд. Гирдогирди ҳавлӣ либосҳои маҳбуби маро овехта буданд. Ман так-таки ин либосҳоро мешинохтам ва аз ҳар кадомаш як хотира доштам. Хотираи дидори аввал, хотираи бӯсаи аввал... Хона пур аз бӯи ӯ буд. Хостам пероҳани сафедашро, ки ба ӯ бисёр мезебид, ба оғӯш бигирам, аммо истиҳола кардам ва танҳо чашмонамро пӯшидаму он ҳаворо бо ҷону дилам нафас кашидам.

Зан дар айвон нишаста буду кокулони духтарашро мебофт ва гоҳ-гоҳ писарашро, ки сар ба зонуи модар гузошта буд, навозиш мекард. Чӣ тасвири зебое! Мисли наққошиҳои суратгарони давраи Ренесонс. Ман аз онҳо чашм намекандам, ангор афсун шудам. Ҳарду бачааш нусхаи падар буданд, ҳамон чашмони сабзи зебо ва ҳамон мӯйҳои ҷингилаи монанди шаб сиёҳ. Писараш тахминан 12-13-сола буд, духтараш каме аз ӯ хурдтар. Чеҳраи зан лабханди мармузе дошт, маро диду ҳайрон нашуд, биё ҳам нагуфт.

Чанде рӯи по истодам, то ӯ корашро тамом кард, ҷабини духтарашро бӯсид ва "акнун метавони биравӣ" гӯфт. Писараш низ аз ҷой бархост, вақте аз паҳлуям мегузашт, бо гӯшаи чашм ба ман нигоҳи маънидоре кард, ангор, медонист ман кӣ ҳастам. Дилам мехост ӯро ба оғӯш бигирам, дар сандуқи дилам пахш кунам, аммо истиҳола кардам.

- Дер кардӣ, барвақттар интизорат будам, хеле ба тоқат будай, -маро садои зан ба худ овард. Нафаҳмидам, ки ситоишам кард ё накуҳиш. Аммо нигоҳаш имрӯз нармтар менамуд. Дар хона ҳам шоли сафеду болопӯши сиёҳ пӯшида буд, гӯё онҳо дар танаш сабзида буданд. Рӯ ба рӯяш нишастам, вале намедонистам, ки саҳнаи баъдӣ чӣ хоҳад буд, мисли сериоли телевизионӣ, ки филмномаашро дар ҷараёни бозӣ менависанд. Зимоми суҳбат чун ҳамеша дар дасти ӯ буд.

- Ман он қадар ба хонаат рафтаму баргаштам, ки роҳи манзилатро аз худ кардам, - давом дод ӯ. Он роҳ олуда бо ашкҳои ман аст ва агар солҳо баъд низ аз он ҷода бигзарам,

шояд талхии фоҷиаи зиндагиамро дар комам эҳсос кунам. Аҷиб аст, ту ҳам напурсидӣ, ки чаро ман ҳар рӯз ба хонаат меоям. Чаро?

- Намедонам, шояд дорӯ мекофтӣ, дорӯе, ки шиддати дардатро кам кунад. Фоҷеа баъзан инсонҳои ношиносро баҳам меорад ва ғамшарик мекунад, -гуфтам. Ин дарозтарин ҷумлае буд, ки дар тамоми муддати шиносоӣ бо ӯ ба забон овардам. Инро гуфтаму ба рӯяш нигоҳ кардам, то дурусти ё нодурустии фарзияаамро шунавам. Зан бо ҳамон шеваи ба худаш хос чашм ба дуриҳо дӯхта буд.

- Он шабу рӯз бо ҳама қаҳр будам, ҳатто бо Худо, ки маро ба тахти бахт нишонд ва беҳтарин марди дунёро насибам кард. Хаёл мекардам, ки касе дарди маро дарк намекунад, магар ту, ки мисли ман ғамбемор будӣ. Медонистам, ки ту барояш азизӣ, хонаи ту барояш азиз аст. Ӯ ҳатто барои ман атри туро харид, то дар хона ҳам аз бӯи ту нафас бикашад. Рӯзи аввал ҳоли зоратро дидаму ором шудам, дидам, ки ту аз ман дида бадбахттар будаӣ...

Ҷумлаи ахираш хориамро овард, димоғам сӯхт ва ашкҳоям дона-дона ба домонам рехтанд. Дастмол надоштам, ашкҳоямро пок кунам ва оби чашмамро чун ятимони аламдида бо пушти дастам мерӯфтам. Зан оҳиста ба ман наздик шуд ва сарамро ба рӯи зонуяш гузошт. Ӯ ашкҳои маро бо ангуштонаш пок мекард ва ман ба ӯ ҷафс мешудам, ангор, мехостам дар бағалаш гум шавам. Ногаҳ шах шудам, мисле, ки маро барқ зад, сарамро ба шиддат баланд кардам ва ба чашмонаш нигаристам. Худои ман, ӯ обистан буд! Ман тик-тик лагад задани бачаашро ҳис кардам. Дар чеҳраи зан боз ҳамон лабханди despite мармуз шукуфт, ӯ сари маро дубора ба зонӯяш гузошт ва ман шиками дамидаашро бӯсидам... Дар батни ӯ як ҷони зинда лингак мезад ва аз идомаи зиндагӣ дарак медод...

Вақте ман аз хонаи онҳо берун мешудам, офтоб дар паси кӯҳҳои барфпӯш нишаста буд ва охирин нурҳояш домани

осмонро лолагун мекард. Парвона аз шишаи мошин бархосту чанд лаҳзаи дигар даври сарам чарх зад ва сипас нопадид шуд. Мегӯянд мурда баъди чил рӯз билохира мефаҳмад, ки ӯ дигар дар байни одамони зинда ҷой надорад ва ба дунёи худаш меравад. Бирав азизам, ба дунёи худат, ба он маҳалли ҳаёти ҷовидона, ҷойе, ки бошандагонаш намемиранд ва дар боғҳои сарсабз аз ҳусни ҳурҳои биҳиштӣ лаззат мебаранд...

Он шаб ман баъди ҳафтаҳои бехобӣ аввалин бор бе доруву дармон хобидам, вале то рӯз дар хобам дарди зоймон доштам ва бача таваллуд мекардам.

-Духтур, меҳмонатон бетобӣ дорад, шиддати дардҳояш аз дақиқа ба сония гузашт, - садои парастор маро ба худ овард.

- Соат чанд аст?

- Соат се шуд.

- Сеи бомдод?

- Бале духтур, сеи бомдод, - парастор аз ҳолати имрӯзаи ман чӣ рамузе бардошта буд, ки дигар "ақлакӣ" накард. Даступохӯрда шудам.

- Ӯро ба ҳуҷраи зоймон бубар, ман ҳам омода мешавам.

Зан дар тахти зоймон аз дард "вой мемурам" мегуфт. Роҳ барои таваллуди тифл боз шуда буд.

- Зӯр бизан ҷонам, зӯр бизан, маҳкамтар, боз зӯр бизан, офарин духтари боҳуш! Акнун каме манъ шав, нафаси амиқ бикаш, баъд боз якҷо зӯр мезанем, бошад? Зан амиқ нафас мекашид, ман низ бо ӯ нафаси амиқ мекашидам, ангор, худам зоймон доштам.

- Рафтем, зӯр боз зӯр як зӯри амиқ бо тамоми неру офарин! Ин дам садои фарёди модар бо гиряи кӯдак баҳам печид ва ҳамон ҷаззобияти асрорангез ҳуҷраро пур кард. Модар аз беҳолӣ ёрои сухан гуфтан надошт ва танҳо бо нигоҳи пур аз хоҳиш чашмони маро меҷуст. Тифлро болои сар бардоштам.

- Чӣ шоҳписаре зоидӣ зан! Муборакат бод!

Нофи кӯдакро худам буридам, банди нофаш дар мушташ буд, намехост сар диҳад. Парастор нимшӯхиву нимҷиддӣ гуфт:

- Мардаки пулёб мешавад.

-Азизам, ту чӣ қадар ширинӣ, ҷингиламӯи ман,- ин ҳамаро зери лаб гуфтам, ангор кӯдаки худамро навозиш мекардам. Мехостам ӯро сахт ба оғӯш бигирам ва ба ҳолаш бигирям, ба бепадариаш, ба ғаму андуҳе, ки дар батни модар ҳис мекард ва ба шири ғамолудае, ки акнун аз пистони модар мехӯрад... Кӯдакро рӯи пистони модари беҳолаш гузоштам ва ба назди panҷара рафтам. Бигзор ӯ бо писараш дар танҳоӣ дарди дил кунад.

Субҳ медамид, чи шаби дарозе буд имшаб, ангор, тамоми роҳи умрамро дубора тай кардам. Хеле хаста шудам. Мисли одамоне будам, ки пас аз анҷоми рисолати муҳим якбора бидуни ҳадаф мемонанд.

-Духтур! - зан аввалин бор маро садо кард. Ба наздаш рафтам. Парастор бачаро кайҳо бурдаст. Ба зан гуфтам, ки ками дигар дар тахти зоймон бимонад ва бастаи яхро аз шикамаш дур накунад. Ӯ аз дастам гирифт.

-Ман аз ту миннатдорам, аз замин то осмон, хоҳиш мекунам аз мо дур нашав, мо наздиктар аз ту касеро надорем, ёдат бошад, ин писарро мо ҳарду бо оби чашм парваридем, ӯ писари ту ҳам ҳаст.- инро гуфту гирист. Ман низ гиристам.

Шифти шаб тамом шуду шитобон ба берун баромадам. Офтоб харобкориҳои борони сели шабаи гузаштаро, ки дарахтонро урён ва заминро пур аз барги хазон карда буд, бо ранги беҳтаре ҷилва медод. Вой, ман як дунё кор дорам. Бояд барои кӯдак либос бигирам, баъд хабари таваллуди додарро ба ду бачаи дигараш расонам ва аз пайи карнаю сурнай шавам, намехоҳам кам биёрам. Мехоҳам писари шарикиамон бо созу тарона ба хонааш биравад...

(Ҳикоя)

# АТАН

Ӯ нимашаб аз дарди барояш шинос бедор шуд. Дард аз поёни ноф оғоз гирифту оҳиста ба камараш хазид ва дар ронҳояш истод. Ҳаросон даст ба шармгоҳаш бурд ва дасташ тар шуд. Мавҷи афсурдагӣ башиддат вуҷудашро фаро гирифт ва комаш ях баст. Аз дард буд ё аз сардӣ, ки ба танаш мурғак дамид, ангор, пӯст аз баданаш ҷудо мешуд. Оҳи пурдардашро бо эҳтиёт фурӯ кашид, то шавҳараш бедор нашавад ва бесадо аз ҷой бархост.

Зан душ гирифту либос иваз кард, вале дигар ба хонаи хоб барнагашт. Ба ҳавлӣ баромаду рӯи кат дароз кашид. Соат чаҳори субҳ буд ва осмон пур аз ситора. Аз дур бонги хурусе ба гӯш мерасид. Дилаш сиёҳ буд ва хаёлҳояш парешон.

Ӯ ин ҳолатро панҷ соли ахир ҳар моҳ аз сар мегузаронад, гоҳ рӯзона, гоҳ нимашаб. Дар чунин рӯзҳо афсурдаву камгап мешавад, гоҳо соатҳо сар аз болин барнамедорад. Танҳо баланд мешавад, то барои шавҳараш ғизое омода кунад. Аз тамоми неъматҳои дунё танҳо як фарзанд мехоҳад, аммо ҳайҳот, ки ҷанин дар раҳмаш намепояд. Хобҳояш солҳои ахир пур аз гиряи кӯдак ва бедориаш пур аз васвасаи бордоршавист. Ҳар куҷо номи як табибро шунавад, бо умед ба даргоҳаш меравад. Моҳҳо доруву дармон мекунад. Он қадар зиёд назди табибон рафту он қадар доруи талх хӯрд, ки агар фоида мекард, ҳоло даҳ бача зоида буд. Аммо ҳайз ҳамоно ҳар моҳ, чун меҳмони номуборак нобаҳангом меомад ва бунёди зиндагиашро хароб мекард.

Ӯ баъзан аз қаҳр бо Худо мунозира мекунад:

- Эй Худо, адлат куҷост? Ба ҳама тӯда-тӯда фарзанд ато мекунӣ, вале аз ман якеро ҳам дареғ медорӣ. Чаро бо ҳама раҳмону раҳим, вале бо ман номеҳрубонӣ? Бигӯ, гуноҳам

чист?

Баъд ҷойнамоз мепартояд ва барои ин шаккокиҳояш тавба мекунад.

Рӯзҳои ҳайзашро маъмулан аз шавҳараш пинҳон медорад, барвақт ба ҷогаҳ медароядва худро ба хоб мезанад. Аммо аз бахти бадаш шавқи ишқварзии шавҳараш ҳамон рӯзҳо боло мегирад. Аз бегоҳ чун наҳанги мавсими ҷуфтгирӣ гирди занаш давр мезанад ва ӯро ба тахти хоб мехонад. Занро ба оғӯш мекашад, синаҳои тарангашро дар панҷаҳояш мефишорад, худро ба думбаи дамидаи ӯ ҷафс мекунад. Зан намеҷунбад, гӯё хобаш бурдааст. Мард бо як ҳаракати сареъ ӯро ба пушт мехобонад, лаб ба лабҳояш мегузораду забони нармашро мемакад. Дастонаш шиками ҳамвори занашро молиш медиҳанд ва пойнтар мехазанд. Нафасаш мегирад ва мехоҳад ҳар чӣ зудтар ба он боғи ғунчаи нимшукуфта фурӯ раваду дар он гулзор ғарқ шавад. То ин ҷо мерасад, ки зан дасти ӯро дур мекунад. Мард лаҳзае шах мешавад, аммо зуд пай мебарад, ки занаш боз ҳайз дидааст. Солҳои аввал бо вуҷуди ҳайз хирагӣ мекарду мегуфт:

- Шери хуфта бедор шудааст, оромаш кун. Ба пушт мезад ва занаш ӯро мебӯсиду мелесид, то комаш бароварда шавад. Аммо моҳҳои ахир дар чунин рӯзҳо норохат шуда, дар мехмонхона мехобад ва танҳо баъди хуфтани ҳамсараш ба хонаи хоб бармегардад…

Зан дар пеши шавҳараш эҳсоси гуноҳ мекунад. Бачаро бештар аз худаш барои ӯ мехоҳад, то дар баробари хешу табор забокӯтоҳ набошад. Дӯстони шавҳараш бачаҳои бақадди худ баробар доранд ва гоҳо онҳоро боифтихор ба меҳмонӣ меоранд. Шавҳараш сари бачаҳоро навозиш мекунаду "марди бузург шудаед" -мегӯяд ва баъди рафтани онҳо пушти ҳам сигор мекашад.

Зиндагиаш дигар лаззати гузаштаро надорад. Ҳар бор ба сурати зебо ва шиками ҳамвораш менигарад, худро дарахти ороишие мебинад, ки ҳама гӯё зебоияшро ситоиш мекунанд,

аммо, дар асл, чашмашон ба сӯи дарахтони мевадор аст. Ин андешаҳо ӯро торафт ғӯтавари ғуссаҳо мекунанд.

Зан аз ҷой баланд шуд. Пушташ дар гилемаи рӯи кат қолаб гирифта буд. Субҳ бо садои сатили ҳамсояи ширфурӯш ва сулфаи падаршӯи пираш, ки бо овози баланд оби таҳорат мепурсид, фаро мерасид. Ғиҷ-ғиҷи аробаи майдафурӯшҳои бозор дар оромии бомдод чун сози шикаста садо медод ва андуҳи занро бештар мекард. Ӯ аз роғи дар ба берун нигарист. Арӯси хушлибосе, ки ҳафтаи пеш бо сурнаю карнай ва буғзании корвони мошинҳо ба хонаи рӯ ба рӯ фаромад, кӯчаро об мезаду ҷорӯб мекашид. Бо як даст чоки амиқи гиребонашро медошт, то синаҳои анормонандашро кас набинад. Об аз нӯки мӯйҳои ба қад баробараш ба замин мечакид Бечора, дар ин саҳари муллоазон аз оғӯши гарми шавҳараш баланд шудаст, то модаршӯяш нагӯяд, ки арӯс нокора баромад.

Зан ба ёд овард, ки солҳои пеш ӯ ҳам ба хотири дилгармии хешовандони шавҳараш барои ҳамаи онҳо курта медӯхт, кӯдакони хоҳаршӯяшро нигоҳубин мекард, рӯзе ду дафъа ғизои хушмазза мепухту ба хонаи модаршӯяш мефиристод. Аммо баъдҳо фаҳмид, ки ин талошҳо беҳудаанд, агар бачае набошад.

Ӯ даҳ сол пеш бо хоҳиши хонаводааш бо ин мард издивоҷ кард. Модаршӯяш ӯро дар як туй аз байни даҳҳо духтар писандид ва аз хешонаш нишонӣ гирифт, то ӯро барои писараш хостгорӣ кунад. Бо қомати баланд, гесувони дарози пурпечутоб, чеҳраи нозук, лабҳои пурра, чашмони сабз ва абрувони шамшерӣ, ӯ зеботарин духтари ин ноҳия буд. Пойи хосгорҳо аз дари хонаашон канда намешуд, аммо волидонаш бо баҳонаи "ҳоло ҷавон аст, донишгоҳро хатм кунад, баъд мебинем" хостгорҳоро ноумед мекарданд. Ду моҳ пеш аз хатми бахши тарроҳии донишгоҳи маҳаллӣ хостгорҳои шаҳрӣ ба дари хонаи духтар ангушт заданд. Модараш бо дархости падар дар хилват аз ӯ пурсид, ки агар дилдодае

дорад, бигӯяд, агар не, табаку тавсини ин хостгорҳоро қабул мекунанд. Гуфт, ки касеро надорад ва меҳмонон омин карда, рӯзи туйро ба охири моҳ гузоштанд. Ситораи ӯ бо шавҳараш аз рӯзи аввал мувофиқ омаду бо ҳам унс гирифта, ягдигарро дӯст доштанд. Ҳамсараш марди хушандому қоматбаланд аст ва гоҳо вақте онҳо ба тамошои шаҳр мераванд, духтарони раҳгузар аз ӯ чашм намеканаанд. Зан норҳат мешавад, ахм мекунад, аммо мард ӯро ба оғӯш гирифта, “ту зеботарин зани дунёӣ”, - мегӯяд. Зан ба муҳаббати шавҳараш дилпур мешавад. Хонаводаи ҳамсараш одамони баде нестанд. Онҳо ҷудо зиндагӣ мекунанд, вале зуд-зуд меҳмон мешаванд ва ҳамеша масъалаи ҳамлу бачаро доман мезананд.

- Ҳамсолони ту як хона кӯдак зоиданд, ту чаро намезоӣ, мехоҳам набераи яккаписарамро бубинам. - мегӯяд хушдоманаш гӯё бо шӯхӣ. Кампир паёми таҳдидомезашро бо ханда мерасонад. Келинаш ин таҳдидро бо кӯчактарин ҳуҷайраи ҷисмаш эҳсос мекунад.

Панҷ соли аввал умедаш барои бачадорӣ қавитар буд ва ба шӯхиҳои нешдори модаршӯяш “як рӯз не, як рӯз мезоям”, - мегуфту механдид. Аммо панҷ соли ахир аз ин суол метарсад. Метарсад, кӯдаки сари дасти модареро дӯстдорӣ кунад, то напурсад: “Худат кай мезоӣ?”. Ҳар ҷо ҳарфи ҳомиладорӣ дар миён бошад, ӯ аз он ҷо бо баҳонае берун меравад. Шунидани калимаи “фарзанд”, ки ба андозаи як дунё бароящ пураҳаммият аст, акнун ӯро нороҳат мекунад. Хоҳарҳои шавҳараш дар синну сол аз ӯ хурдтаранд, вале ду-се фарзанд доранд. Онҳо гоҳ-гоҳ меҳмон мешаванд ва огоҳу ноогоҳ ӯро доғ-доғ мекунанд. Панҷ соли аввал хонаводаи шавҳарашро зуд-зуд меҳмондорӣ мекард, чеҳрааш шод буд, зери лаб суруд мехонд. Панҷ соли ахир дарундор шуд. Дилаш пури ғам аст, аммо ғамгусоре надорад, магар як саги зарди бовафо, ки аз хурдӣ худаш мисли бачаи одам бузург карда буд.

Тобистони соли панҷуми издивоҷаш буд, ки шавҳараш

сагбачаеро ба хона овард. Пӯсти зарди омехта ба қирмиз дошт, мисли бахмал нарм буд, чунон хурд буд, ки дар кафи даст меғунҷид. Тифлак, ки онро аз пистони модар канда буданд, фуки кӯчакашро ҳар тараф тоб медоду сина мекофт. Шавҳараш гуфт:

- Инро бубин, чӣ қадар ширин аст, мисли бачаи одам, дастатро боз куну бигираш. Ӯ қасди баде надошт, танҳо мехост занашро каме ҳам бошад, аз ғуссаи бефарзандӣ раҳо кунад.

Зан бачаи сагро ба даст гирифту ба лабонаш наздик овард. Кучуки гурусна лабони ӯро бо забони кӯчакаш лесид. Дили зан гум зад. Дарҳол аз пайи шишаву пистонак шуд, то ба ҳалқаш шир бирезад. Ӯ акнун машғулият ёфта буд, сагчаро мешусту шир медод, одоб меомӯхт, соатҳо аз оғӯшаш раҳо намекард.

Рӯзи сеюми сагдорӣ аз шавҳараш хост, барояш номе пайдо кунад. Шаҳараш чанд исми забонзадаро пешниҳод кард, ки агар ба кӯча бароиву ин номҳоро фарёд занӣ, чандин саг аз ҳавлиҳо овоз баланд мекунад. Зан хандиду гуфт:

- Ту намедонистӣ, ки саги мо модина аст?

- Чӣ тавр? Наход? Пас, бояд инро баргардонам, ба ҷояш саги нарина биёрам, агар дӯстам то ҳол ҳамаи сагҳояшро тақсим накарда бошад.

Зан розӣ нашуд, дар ин ду-се рӯз бо саг одат карда буд.

-Бигзор модина бошад, ман ӯро дӯст доштам, - гуфт.

Вақте онҳо барои саг ном мекофтанд, дар телевизион барномаи мусиқии ҳунармандони афғон ҷараён дошт ва муҷрӣ рақси “Атани миллӣ”- ро эълон кард.

- Бигзор номаш Атан бошад. - гуфт шавҳараш ва номи саг Атан шуд.

Саг аз хурдӣ бо хонуми хона унс гирифт ва аз хулқу хӯи ӯ нусха мебардошт. Зан кӯчагардиро дӯст намедораду хеле кам берун меравад. Саг ҳам кӯчабезор аст. Дар ҳузури марди хона эркагӣ намекунад, аммо бо хонуми хона, ки танҳо монд,

меҷаҳад, бо ду пои ақибаш рост меистад, даҳонашро боз мекунаду садоҳои аҷиб мебарорад, ангор, ҳарф мезанад. Дар ҳузури мард ҳалқа мезанаду мехобад, аммо бо зан эҳсоси амният мекунад, дасту пояшро мисли бачаи одам ба чор тараф мепартояду ба пўшт мехобад. Қарибиҳои бегоҳ зан даҳҳо бор аз панҷара ба берун нигоҳ мекунад, то омадани ҳамсарашро бубинад. Саг ҳам ин амалро ҳар бор такрор мекунад, ду дасташро дар пештоқи панҷара мегузорад ва сўи роҳи калон чашм медўзад.

Ҳар бор зан ғизо омода кунад, саг чун таҷрибаомўзи боҳавсала ягон ҳаракати дасти занро аз мадди назар дур намекунад. Нигоҳаш аз думболи дастони соҳибаш ба сўи табақу коса меравад, ба сўи яхчол ба сўи деги ғизо. Ноаён дар кунҷе менишинад, то зери пойи соҳибаш напечад ва аз ошхона берунаш накунад.

Зан дарунитарин рўъёҳояшро ба сагаш мегўяд:

- Худо хоста бошад, духтари кучулуе ба дунё меорам, айни бачагиҳои ту – таннозу ширин. Номашро Суман мегузорам, дар радифи Атан. Барояш беҳтарин куртаҳоро медўзам. Мўйҳои фир-фириашро бо гулҳо оро медиҳам. Мардум ўро мебинанду даҳонашон аз ҳайрат боз мешавад. Баъд роҳрав мешаваду туро саворӣ мекунад, аз гўшҳоят мекашад. Иҷозат медиҳӣ, ки духтари ман туро савор шавад? Саг сарашро каҷ мекунад ва ба ҳарфҳои соҳибаш бодиққат гўш медиҳад. Гўшҳояш сих мешаванд ва садоҳои аҷиб дармеорад, гўё ҳарфи соҳибашро мефаҳмад. Ин суҳбатҳо ба саг мефоранд.

Вақте зану шавҳар ба хонаи хоб мегузаранд, саг пушти дар оромиши онҳоро посбонӣ мекунад. На гурбаро ба долон роҳ медиҳад, на ягон паррандаро. Устухонро дўст медорад, бо устухон бозӣ мекунад. Ҳар бор зан маъюс шавад, саг азизтарин молаш – устухонро ба пеши пойи ў мегузораду худаш дуртар меравад. Ғамхории саг занро мутаассир мекунад.

Дар ин панҷ сол саг ба андозаи як гӯсфанд бузург шуд. Ҷуссаи калони махмалинаш на танҳо ношиносҳо, баъзан худиҳоро низ метарсонд. Пӯсти зарди омехта ба қирмизаш дар офтоб медурахшад ва чашмонаш вобаста ба рӯҳияаш ранг иваз мекунанд: ҳангоми шодӣ ранги асалӣ ва дар маҳзунӣ намуди қаҳваи сиёҳ мегиранд. Ӯ бо дигарон аз зовияи рафтори соҳибаш муносибат мекунад. Агар зан аз омадани меҳмоне шод шавад, саг ҳам ба он одам меҳрубонӣ нишон медиҳад, дум меликонад. Агар зан қошу қавоқ кунад, саг нигарон мешавад, ба кунҷе мераваду чашмашро аз меҳмон намеканад.

Бо зан он чунон меҳрубон аст, ки ҳар бор сарашро сила кунад, ҳаваси бозияш мегирад ва мисли кӯдак шодӣ мекунаду худро ба замин мепартояд. Дастонашро дар пойи зан ҳалқа мекунад ва намегузорад, ки ӯ аз ҷой биҷумбад.

Марди хона аз кор меояду занаш аз хурдсанди гул-гул мешукуфад, саг дуртар меравад ва аз онҳо чашм намеканад. Нигоҳаш саршори садоқат аст. Занро бештар дӯст медорад. Мардро низ ба хотири муҳаббате, ки зан ба ӯ дорад, эҳтиром мегузорад.

Ҳамсараш боре бо шӯхӣ занашро ба “куштӣ” кашид, саг девона шуд ва ба рӯи марди хона парид. Агар зан ӯро намекашид, яқин дасташро газ мегирифт. Мард аз ин рафтори саг озурда нашуд ва гуфт:

- Атан аз авлоди сагҳои олмонӣ аст, ки як умр ба соҳибони худ вафодор мемонанд ва барои наҷоти онҳо худро ба обу оташ мезананд.

Атан бо ин ҷуссаи бузург дили нарме дорад. Зан ба мусиқиҳои орому ғамангез бартарӣ медиҳад. Ин оҳангҳо бо рӯҳияи солҳои ахираш созгоранд. Саг мусиқиҳои писандидаи соҳибашро аз ёд медонад. Ҳар бор таронаи ошно садо диҳад гӯшҳояш сих мешаванд, баъд фукашро болои дастонаш мегузорад ва бо чашмонаш маҳзун ба дуриҳо менигарад. Зану саг бо ҳам робитаи отифӣ доранд ва ҳолати равонии зан

рӯи саг таъсири амиқ мегузорад.

Андешаҳои занро садои тақ-тақи дар баҳам зад.

- Апа шир мегирен? - аз паси дар садои духтараки ширфурӯш баланд шуд, ки ҳар субҳ аз ноҳияи атрофи шаҳр пиёдаву савора барои муштариёнаш ширу ҷурғот меорад.

-Мегирам, як лаҳза бош! - гуфту аз ҳамёнаш пул бардошт ва дарро боз кард. Духтар ширро бо эҳтиёт ба зарф рехт.

Ӯ ин духтаракро бори аввал панҷ сол пеш дид. Он вақт ӯ навраси 15-сола буд ва ҳоло мисли дарахти бодом шукуфтаву зебо шудааст. Хеле духтари хушрӯву ширин аст. Рӯъёҳояш низ мисли худаш содаву заминиянд. Аз зиндагӣ таваққуи зиёд надорад, ба ҷуз либоси арӯсии зебо ва як ҳамсар хуб. Ӯ боре ду рӯз наомад. Мегуфт:

- Дугонааш издивоҷ кард, куртаи зебои арӯсӣ пӯшид ва ба сараш тоҷ гузошт, шаби тӯй даҳ хел либос пӯшид, яке аз дигаре зеботар буд, баъд бо домод дар пояи ҳайкале гул гузоштанд ва акси бисёр гирифтанд, хеле хурсандӣ кардем.

Зан пурсид: - Домод кӣ буд?

Гуфт: - Намедонам, арӯс ҳам уро намедонист, кадом ҷавоне аз деҳаи ҳамсоя.

Зан гоҳо фикр мекунад, ки барои он духтар либоси сафеду тоҷи арӯсӣ ва гулгузорӣ бар пояи муҷассама аз кӣ будани ҳамсариояндааш муҳимтар будааст.

Зан зарфи ширро ба ошхона бурд то барои ҳамсараш субҳона омода кунад. Саг тамоми субҳ ба думболаш мегашт. Сари сагашро сила кард.

- Ту куҷо меоӣ, чаро намехобӣ, маро ғусса хобидан намемонад, ту чӣ дард дорӣ?

Саг дум ликонд ва дуртар аз ӯ дар гӯшае ҳалқа зад, бе соҳибаш хобаш намебарад, ҳоло чашмони асалияш оҳиста пӯшида мешаванд.

Сахттарин рӯзҳои саг дар ин хонадон рӯзҳоеянд, ки зан барои ду-се ҳафта ба дидорбинии хешонаш ба ноҳияи дур меравад. Дар чунин рӯзҳо ҳавлӣ барои саг тангӣ мекунад, ӯ

гоҳ дар як гӯша ҳалқа мезанад, гоҳ дар гӯшаи дигар, то бегоҳ, то аз кор баргаштани марди хона, тамоми ҳавлиро пай мезанад. Мард ӯро канор мегирад ва сарашро сила мекунад.

- Ба косаи ғизоят лаб назадӣ, соҳибатро ёд кардӣ-а? - мегӯяд. Ин меҳрубониҳо маҳзунии сагро кам намекунад ва ӯ шаби дароз паст-паст зуза мекашад. Дидори дубораи зан барои саг мисли таваллуди дигар аст. Ӯ аз хушбахтӣ он қадар ба қади соҳибаш меҷаҳаду пойҳояшро мелесад, ки ангор, ҳеҷ гоҳ сер намешавад. Мехоҳад аз доманаш бигираду ӯро дигар дигар сар надиҳад.

Зан ҳам Атанро пазмон мешавад, баробари расидан ӯро ба оғӯш мегирад. Вазни саг ҳардуро меафтонад, ба замин ғел мезананду механданд.

- Атан, ту дигар бузург шудаӣ, дар бағали ман намеғунҷӣ. Пӯстат ҳам касиф шудааст, биё, саратро бишӯем. - мегӯяд зан. Саг оббозиро дӯст намедорад. Чашмонаш аз кафки собун месӯзанд, аммо ҳар амри соҳибашро мутеона иҷро мекунад. Баъд зан машғули кор мешаваду саг дар гӯшае бо ҳавас ба ӯ менигарад. Зан дилтангии сагро бо тамоми вуҷудаш эҳсос мекунад.

- Аз ман дилхурӣ, ки танҳоят мегузорам? Охир дилам барои модарам танг шуда буд, ӯ ҳам маро мисли ту дӯст медорад. Дар як сол як бор мебинамаш. Пир шудааст ва мехост бимонам, магар мешавад? Ман ин ҷо ҳамсарамро дорам, ки аз ҷонам бештар дӯсташ медорам ва туро дорам, ки аз ҷонат бештар дӯстам медорӣ... Модари ту куҷо бошад? Шояд дили ӯ ҳам бароят танг шудааст?

Шир баланд шуду аз дег сар рафт. Зан саросемавор дегро як тараф кашид ва дасташ сӯхт. Рӯзҳои ахир фикру хаёлаш ӯро ба ким куҷоҳо мебарад ва бисёр вақт ё равғанро месӯзонад ё ғизоро. Як эҳсоси мағшуш дорад, мисли эҳсоси беморони маҳкум ба марг, ки ҳар рӯз ӯро ба охири хат наздиктар мекунад. Зиндагиаш мисли ҳавои пеш аз тӯфон аст. Осмонаш тираву тор, абрҳояш обистани ҳавзҳои об ва

ғурриши тундар.

Саг аз оҳу воҳи соҳибаш, ки ангуштҳои сӯхтаашро пуф мекард, бедор шуд ва ба назди ӯ омад. Меҳрубонии саг занро ба риққат овард.

- Зиқ нашав ҷонам, агар аз ин хона берунам карданд, куҷое рафтам, туро бо худ мебарам, ту азизи манӣ, медонӣ? Ман оромишамро дар ин хона бо ту дарёфтам, мадюни туям.

Гӯшҳои саг сих шуданд, ӯ сарашро ба домани соҳибаш молид.

-Ту бало, забони маро мефаҳмӣ!- гуфту сагро бағал кард.

Субҳ пура дамиду ҳавлӣ пур аз садои мурғакон шуд. Зан косаи ширро рӯи дастархон гузошту рафт то ҳамсарашро бедор кунад. Аз дами дар овозашро шунид, ки асабонӣ бо касе телефонӣ гап мезад.

- Гуфтам, ки имрӯз мегӯям! Як ҳарфро чанд бор такрор кардан мумкин? Монед фишор наоред ба ман, бе ин ҳам ҳолам хуб нест. Ӯ саг нест, ки аз дасташ бигираму берун андозам, инсоф ҳам чизи хуб аст оча!? - гуфту телефонро ба тахти хоб партофт. Ҳамааш дар як сония ба зан маълум шуд. Имрӯз ё фардо ҷавобашро медиҳад. Танашро ларза фаро гирифт. Ҳар як узви баданаш алоҳида меларзид. Дилаш, ҷигараш, рӯдаҳояш, дандонҳояш ба ҳам бархӯрда садо медоданд ва ҳатто қабзаи мӯяш, ки ба рӯяш афтода буд, меларзид. Ба таҳхона давид, то шавҳараш ӯро бо ин ҳол набинад ва нафаҳмад, ки ҳарфҳояшро шунидаст. Саг ҳам аз паси соҳибаш ба таҳхона даромад.

Зан дари таҳхонаро пӯшиду хост занҷиро ба ҳалқаи дар андозад, аммо ангуштонаш ба ӯ итотат накарданд. Дарақ-дарақ меларзид ва дастонаш гӯё аз ихтиёри ӯ берун буданд. Намедонист худро чӣ гуна ором кунад. Таҳхонаи хурд ҷойи гаштугузор надошт. Зан наметавонист дар як ҷо қарор бигирад. Гӯш ба овоз буд, ки шавҳараш кай “як дақиқа ин ҷо биё” мегӯяд. Оҳ, метарсид аз ин даъват! Дар торикӣ ба мизи кунҷи таҳхона такя кард ва чизе ба думбааш халид. Мошини

хайётиашро дид, ки дар зери чангу хок чун бозёфти таърихӣ танҳо суробаш менамуд. Бо дастмоле, ки аз ошхона дар китфаш оварда буд, беназм чангҳои мошинро гаштаву баргашта пок кард, он қадар пок кард, ки аз тозагӣ барқ мезад. Ин дам овози шавҳараш баланд шуд, ки гуфт: -Ман чой наменӯшам, кор дорам. Садои пӯшидани дарвоза ба гӯш расид. Зану саг аз таххона берун шуданд.

Ларзиши баданаш фурӯкаш кард, аммо сахт парешон буд. Дастонаш аз рӯи одат ҳаракат мекарданд ва дастархон меғундошт, аммо зеҳнаш гуфтугӯи телефонии шавҳарашро такрори ба такрор тоб медод. Чой дар пиёла сард шуда, рӯи шир қаймоқ гирифта буд.

Намедонист рӯзро чӣ тавр кӯр кунад. Аз кор баргаштани шавҳарашро ҳамеша бесаброна интизор мешуд, аммо ҳоло аз рӯ ба рӯ шудан бо ӯ метарсид. Ӯ аз шунидани ҳукме, ки ба дафтари зиндагиаш муҳри ботил мезанад дар ҳарос буд. Саг ҳам қарор надошт ва аз саҳар об дар даҳан нагирифт. Ҳатто ба гурбаи ҳамсоя, ки устухонҳои дӯстдоштаи ӯро мехоид, нимнигоҳе накард. Нороҳатии соҳибаш равони сагро озурда мекард.

Бо наздик шудани соати бозгашти шавҳараш танаш дубора ба ларза даромада, нафасаш мегашт. Ба назди панҷара нарафт, метарсид: -Худоё раҳм кун ба ҳоли ман. - мегуфт бечораҳолона.

Соат наздики шаш буд, ки дари ҳавлӣ боз шуду модаршӯяш бо домуллои маҳалла ба ҳавлӣ даромад. Мулло бо эҳтиром гуфт: - Хуб ҳастед, келин? Модаршӯяш, ангор, азми ҷанг дошт ва ба саломи келинаш ҷавоб надод. Зан худро гум кард ва дилаш аз тарс меларзид. Бо ин ҳол болишту кӯрпача овард ва меҳмонҳоро ба нишастан даъват кард. Хост дастархон боз кунад, аммо домулло бо ишораи даст манъаш кард. Муллои маҳалла пир нест. Ҳудудан 40-45 сол дорад, аммо шахси обрӯманд аст ва бисёр вакт дар қазияҳои печида дахил мешавад. Соли гузашта мурдаи писари ҳамсояро аз

Русия оварданд, касе ҷуръат накард ин хабарро ба волидонаш расонад. Мулло бо мисол аз ҳадису Қуръон хабарро тавре расонд, ки падару модари шӯрбахт девона нашуданд ва ба тақдир тан доданд.

- Бишин хоҳар, мо чойи хонаи шуморо бисёр худаем. - бо садои нарм оғоз кард ӯ. Аз ин садо ба тани зан рашъа дамид.

- Ман бо рисолате омадам, ки барои худам хушоянд нест, аммо ба ҳурмати рӯҳи худораҳматии падаршӯят, ки рафиқи мо буд, ҳарфи ин хонаводаро ба замин нагузоштам. Намедонам аз чӣ сар кунам ва матлабро чӣ тавр баён кунам, ки дилат озурда нашавад.

Домулло ҳар ҷумлашро дар тарозуи эҳтиёт бармекашиду баъд ба забон меовард. Модаршӯяш аз ҳошияравии домулло бетоқат шуда, овоз рӯшан мекард. Пешонаи домуллои хушлибос, ки саллаи сафедашро ба шеваи рӯҳониҳои замонавӣ, болотар аз ҷабин гузошта буд, пурчин шуд. Донаҳои арақ аз пешонааш ба абрӯвони сермӯяш ва мижаҳояш чакид. Ӯ зуд-зуд мижа мезад. “Ин чӣ рисолат аст, ки муллои таҳсилкардае чун туро дар обу арақ тар кард?” ин суол бо ҳарос аз зеҳни зан гузашт. Домулло рӯймолчаеро аз ҷайбаш берун оварду ҷабинашро пок кард ва нарм-нарм ба гуфтор даромад.

- Хоҳари азиз, дунё пастиву баландӣ ва беадолатӣ зиёд дорад. Гоҳо мешавад, ки инсон ба хостаҳояш намерасад ва аз худу Худо норозӣ мешавад. Аммо мутмаин бош, ки ҳеҷ кори Парвардигор бе ҳикмат нест. Агар як даре ба рӯи инсон пӯшида шавад, Парвардигор дарҳои дигарро ба рӯи ӯ боз мекунад.

Аз лаҳзаи ворид шуданаш ба хона модаршӯяш боре ҳам ба тарафи келинаш нигоҳ накард. Шояд рӯяш месӯхт, зеро даҳ сол нону намаки якдигарро хӯрданд. Ӯ сар такон медод ва ҳарфҳои муллоро тасдиқ мекард, гоҳо дилаш танг мешуду мехост ба ҳарфҳои ӯ чизе илова кунад.

- Хутбаи никоҳи шуморо худам хонда будам, -идома дод

домулло, - орзу доштам, ки бо ҳам ба пирӣ бираседу соҳиби бачаҳои бисёр шавед. Аммо насиб набудаст. Ҳамсарат одами боинсоф аст, хеле таҳаммул кард. Даҳ сол фурсати каме нест ... баъзе мардҳо дар ду сол ҷавоби занашонро медиҳанд... Ҳарфҳои дигари домулло ба гӯши зан надаромаданд ва гӯшҳояш қуфл заданд. Фақат медид, ки лабҳои домулло меҷунбанд.

Ин дам садои ҷарангосии модаршӯяш баланд шуд, зан як қад парид, гӯё мағзашро барқ зад.

-Зани бефарзанд мисли дарахти беҳосил аст, сад нигоҳубин кунӣ, мева намеорад

Чӣ бепарда ва бераҳмона гуфт, хушдоманаш! Гӯё ба ҷигараш ханҷар зад.

- Писарам ҳақ дорад, ки падар шавад, бо ту нашуд, бо каси дигар бахташро бинад.

Зан сураташро бо дастонаш пӯшонд. Саги зард, ки то ҳол гоҳ ба мулло нигоҳ мекарду гоҳ ба модарарӯси соҳибаш, якбора хашгинона ба сӯи модаршӯи зан ғуррос зад ва дандон нишон дод.

-Дафъ кун сагатро! - гуфт кампир бо ғазаб, – аз сагбозӣ дида фарзанд мезоидӣ, ҳолу рӯзамон ин намешуд. Писарамро дар назди дӯсту душман сарпаст кардӣ. Домулло, ин қадар ҳошия наравед ва асли мақсадро бигӯед. Гов нест, худаш мефаҳмад, ки масъала чӣ аст. - гуфт ӯ, дар ҳоле ки сурх шуда буд ва аз чашмонаш алов мепарид.

Зан дастонашро аз сураташ бардошту ҳаросон ба домулло нигоҳ кард. Рангаш дар як они воҳид зард шуд, ангор, бемори чандинсола буд.

Мулло ҳоли ӯро пай бурд ва нутқи модаршӯро бо ишораи даст қатъ кард.

- Хоҳар, ту зани боақлӣ, медонистӣ, ки ин пешомад як рӯз не, як рӯз иттифоқ меафтад. Медонам сахт аст, аммо чӣ илоҷ...

- Талоқам медиҳад? - ниҳоят пурсид зан дар ҳоле, ки

садояш меларзид.

Домулло чизе гуфтанӣ шуд, вале модарарӯс ҳарфашро бурид.

- Талоқат медиҳад, дигар илоҷ надорад, дар ин солу замон магар бо ду зан мешавад зиндагӣ кард? Ҷавобгарӣ дорад! Калонтарҳоятро занг зан, биёянд, никоҳу талоқ шоҳид мехоҳад. - кампир тараҳҳум надошт, сарнавишти келинашро бераҳмона валангор мекард.

- Бо зани дигар? Чаро худаш наомад ин ҳарфҳоро ошкоро бигӯяд?

- Худаш кор дорад, рӯзи ҷумъа маросими никоҳ аст. Хостем огоҳат кунем, то ин хабарро аз даҳони мардум нашунавӣ. - гуфт модаршӯ ва аз ҷой бархост.

Домулло норозиёна сар ҷунбонд, ботараҳҳум ба сӯи зан нигоҳе карду аз паси ҳамроҳаш берун баромад.

Саг аз ақиби меҳмонҳо аккос мезад ва ба соҳибаш гардан намедод. Касе то ҳол ӯро чунин хашмгин надида буд. Агар зан тасмаи гарданашро намекашид, модаршӯро хом мехӯрд. Ӯ сагро кашон-кашон то пояи кат овард ва худашро ба замин партофт. Атан дар гирдаш чарх мезад, гӯё девона шуда буд. Гоҳ манъ мешуду дастони соҳибашро мелесид, гоҳ бо сараш ӯро теле медод, ки бархезад. Забонаш як қулоч аз даҳонаш берун шуда, ба атроф туф мепошид. Аз зеҳни зан сад фикр мегузашт. Яке дигареро босуръат иваз мекард, аммо пучу холӣ буданд, мазмун надоштанд. Дар байни андешаҳои пучи зудгузар чеҳраи домуллоро медид ва сурати сурхшудаи модаршӯяшро, ки лабҳояшон меҷунбид, вале овоз надоштанд. Онҳо низ пучу бемазмун буданд.

Саг ниҳоят ором гирифту гунаҳкорона дар паҳлуи соҳибаш нишаст. Шояд фикр кард, ки соҳибаш аз рафтори ӯ нороҳат аст. Аммо зан дар ботлоқи мушкилоти худ фурӯ мерафт ва худро танҳотарин ва бадбахтарин зани дунё медид.

Ҳаво тира мешуду ҳеҷ рӯшноие дар ғори бетаги бадбахтиаш ба назар намерасид.

Марди хона нимашаб баргашт. Нигоҳи чашмони имдодҷӯи зан ба сӯяш дӯхта шуд. Ба худ мегуфт: “Эй кош, модаршӯям дурӯғ гуфта бошад. Эй кош, ҳамсарам ин ҳамаро рад кунад, маро ба оғӯш бигирад аз лабонам бибӯсад ва бигӯяд, ки ман туро ба ҳеҷ зани дунё иваз намекунам, эй кош.”

Аммо чашмони ҳамсарашро диду ноумед шуд. Нигоҳаш бегона буд, нур надошт. Аз ин чашмон сардии зимистон мевазид ва мағз-мағзи ҷони занро ба ларза меовард. Мард ба хонаи хоб даромаду аз ҷевон либосҳояшро бардошт.

- Куҷо меравӣ?

Мард хомушона либосҳояшро ҷамъ мекард, гӯё суоли занашро нашунид.

- Маро дар нимароҳ танҳо мегузорӣ? Ба ҳамин осонӣ? - гиря гулӯяшро сӯзонд.

Мард абрӯ чин кард, мехост ин гуфтугӯ аслан оғоз нашавад, бе ҳарфу калом ва азоби виҷдон биравад.

- Ту дидӣ, ки ман даҳ сол таҳаммул кардам, бештар ҳам таҳаммул мекардам, аммо аз гапи мардум хаста шудам. Модарам ҳам набера мехоҳад. Насиб набудаст, чӣ кор кунем, баъдан туро дар биёбон намегузорам. Ӯ аз ҷайбаш коғазеро берун кашиду ба зан дароз кард.

- Ма бигир, ин хона моли туст ва ин ҳам санадаш. Бароят пули кофӣ медиҳам, рӯзгорат аз пештара фарқ намекунад.

Зан гӯё намешунид, на ҳадя барояш аҳаммият дошт на пулу мол.

- Гуфта будӣ, ғам нахӯрам, агар фарзанддор нашудем, аз ятимхона бача мегирем. Чаро дар қавлат устувор нестӣ?

- Оре, гуфта будам, аммо хешу табор ҷамъ шуданду ба ҳамин қарор расиданд...

- Ба чӣ қарор?

- Ба қароре, ки фарзанд аз бари худам бошад...

- Ман чӣ кор кунам?

Мард либосҳояшонро дар ҷомадон гузошту занҷирашро баст ва аз болои ҷевон ҷомадони дигарро бардошт.

-Ту зиндагӣ кун мисли дигарон.

- Мисли дигарон? Дигарон киҳоянд? Занҳои матрука?

…

- Инро бояд бипазирӣ, ки зиндагии мо танҳо марбути худамон нест. Агар ин кор ҳоло намешуд, даҳ сол баъди дигар мешуд, моро билохира аз ҳам ҷудо мекарданд. Ту медонӣ, ки хонаводаам барои ман чӣ қадар муҳим аст ва наметавонам рӯи ҳарфи онҳо по гузорам... Арӯсро ҳам интихоб кардаанд, вале намедонам кӣ аст? Надидамаш, гуфтанд, ки фардо маросими никоҳ аст..

Гӯшҳои зан маҳкам шуданд, гӯё хоб буду кобус медид. Ӯ ҳамеша ба наҷобати ҳамсараш бовар дошт ва гоҳо ба худ мегуфт, чӣ тавр аз ин модари бераҳм ин қадар писари наҷиб ба дунё омадаст. Дилаш мехост занҷири ҷомадонро боз кунад ва либосҳоро берун оварад, бигӯяд: - Нарав, ман бе ту мемирам. Аммо чеҳраи сарду сангини ҳамсарашро диду фаҳмид, ки қисса тамом шудааст, дигар на зорӣ фоид дорад, на зӯрӣ. Лаб фурӯ басту дар гӯшаи тахти хоб нишаст ва сураташро бо дастонаш пӯшонд. Гӯиё ҷон аз танаш мерафт.

- Бояд саҳар якҷо ба идораи ЗАГС равем ва хати талоқ бигирем, мо фарзанд надорем, мушкиле пеш намеояд. Омода шав, якҷо меравем. - мард инро гуфту аз пеши оина тамоми атрҳояшро бардошт ва боэҳтиёт ба ҷомадон гузошт. Баъд ба ҳаммом рафту ришгираку мисвокашро гирифт. Хеле бепарво буд ё вонамуд мекард, ки бепарво аст.

Ҳиқ-ҳиқи гиряи ҳамсараш ӯро асабӣ мекард. Мехост ин саҳна зуд хотима ёбад. Дил канданаш аз ин чеҳраи маъсуму зебо осон набуд. Дар тӯли даҳ соли зиндагӣ аз ин зан он қадар ишқу дӯстдорӣ дид, ки ҳар ҷо мерафт тахти хобашро пазмон мешуд. Он қадар қадар ҳурмату эҳтиром дид, ки эътибораш дар назари худаш баланд шуд. Дарк мекард, ки рафтораш беинсофӣ аст ва тавҷеҳ кардани ин рафтор бо

безурётии зан, амали бештар аз беинсофӣ.

-Ҷавобамро бидеҳ. - гуфт зан бо садои паст, вале қотеона. Ӯ номуси латмадидаашро дар мушташ ҷамъ кард ва ашкашро ғазаболуд руфт.

Мард вонамуд кард, ки сухани занашро нашунидаст, аз ҷой бархосту ҷомадонҳояро бардошт.

Атан дар гӯшае ҳалқа зада аз ҳарду чашм намеканд. Ӯ аз рӯи одат баробари мард аз ҷой бархост. Саг ҳамеша бо хонуми хона мардро то дами дар гусел мекард, мард занашро мебӯсиду сари сагро навозиш мекард. Аммо соҳибаш ин дафъа аз ҷой наҷумбид. Атан ҳам аз қасдаш гашт ва ба ҷояш нишаст. Ақли сагонаи ӯ, ки матояшро аз вафодорӣ танидаанд, барои дарки воқеияти зиндагии инсонҳо кӯтоҳӣ мекард. Ӯ танҳо медид, ки зан аз чизе озурда аст ва ин озурдагӣ сагро ҳам нороҳат мекард. Ноаён омаду дар пеши пойи зан, ки дар тахти хоб менишаст, дароз кашид ва фукашро балои пойҳои ӯ гузошт. Меҳрубонии саг хории занро овард ва ӯ фиғон кашиду мушт ба зонувонаш зад. Саг тарсиду уллос кашид.

Саҳар ба маҳзар рафту бо худ хати талоқ овард. "Ақди никоҳ бо хоҳиши тарафайн бекор карда шуд", - навишта будан дар он пораи коғаз. Зан хати талоқро даҳ бор хонд, ангор, агар ҳар бор бихонад ҳарфи наве дар он изофа мешавад. Аҷаб, як порча коғаз фосилаи байни ӯ ва ҳамсарашро ба андозаи замину осмон аз ҳам дур кард, Гӯё даҳ соли умр хобе буду гузашт

Ҳамсарашро бо либоси домодӣ дар паҳлӯи зани дигар тасаввур карду дар дилаш тӯфон хест. Мисли девонаҳо шуд, сар ба девор мезад ва мушт ба сина. Саг дар беруни хонаи хоб аккос мезад ва бо нохунҳояш дарро мехарошид. Зан хеле худро заду кӯфт, то беҳолу нафасгир шуд.

Он шаб мисли сад сол буд, тамомӣ надошт, субҳ намедамид, бонги хурӯс баланд намешуд ситораҳо, ангор, дар осмон часпида буданд. Ба худ мегуфт, Худоё, чаро мурдан дар

ихтиёри инсон нест, ки дароз бикашиву чашмонатро бипӯшӣ ва то сад бишмарӣ ва дигар барнахезӣ? Чашмонаш дигар ашк надоштанд ва вуҷудаш пур аз рашк буд. Ин тасвир, ки шавҳараш имшаб бо духтари ҷавоне ҳамоғӯш мешавад ва баъди ишқварзии тулонӣ дар канори ҳам хобашон мебарад, ӯро девона мекард: - Ман сӣ сол дорам, ӯ шояд 20-сола ва 10 сол аз ман ҷавонтару зеботар! Ин нахли самаровар баъди 9 моҳ барои ӯ писар мезояд, баъд духтар ва ҳамин тавр як хона кӯдак. Шавҳарам армони солҳои бефарзандиашро дар ӯ мешиканад ва якумр мадюнаш мешавад.

Шояд тани зани ҷавонашро бо тани ман муқоиса мекунад?

Ӯ ба назди оинаи бақад омаду беихтиёр либосашро берун оварду гесӯвони дарозашро боз кард, шаршараи абрешими сиёҳ ба қади баландаш саросер шуд. Тани урёнаш дар рӯшноии чароғи шаб мисли шир нарму сафед буд. Ӯ бо синаҳои дамида, камари борик ронҳои таранг ва думбаи барҷаста муҷассамаи антиқиро мемонд. Зебогиаш он қадар комил буд, ки чизе барои афзудан надошт. Бори аввал ба пайкари худ ҳамчун як харидор нигарист. Зане, ки аз оина ба ӯ нигоҳ мекард мисли меваи расида ширину ҷаззоб буд. Ногоҳ сагро дид, ки ба ӯ зул мезанад, шарм дошту куртаашро ба сараш кашид. Аз кучое садои бонги хурӯс ба гӯш расид. Зан ба тахти хоб дароз кашид, саг дар пойни пойи ӯ. Бехобиву афсурдагии рӯзҳои ахир ҳардуро ай пой афтонд.

Қарибиҳои зуҳр занги дар садо дод. Зану саг барбар тарафи дар давиданд. Зан мӯъҷизаеро интизор буд, ки шояд ҳамсараш меояду мегӯяд: «- Аз фикрам гаштам, розиам аз ятимхона кӯдак бигирем, бе ту наметавонам, дӯстат медорам». Ӯ ҳам ба пешвозаш оғӯш мекушод ва онҳо то охири умр бо ҳам хушбахтона зиндагӣ мекунанд. Дарро бо аҷала боз карду домуллоро дид. Умедворие, ки дар фосилаи байни хонаи хоб то дами дар чеҳрааш буруз карда буд,

нопадид шуд. Худро ба даст гирифту гуфт: - Биёед ака.

- Раҳмат хоҳар, ҳарфамро ҳамин ҷо мегӯям, ба хонаи бемардина ворид шудани марди бегона хуб нест.

“Хонаи бемардина” чӣ барчаспи шармоваре фикр кард ӯ, яъне хонаи як зани танҳои бадбахт!

- Омадам бигӯям, ки бо вуҷуди исрори модаршӯят, хутбаи никоҳи ҳамсаратро нахондам. - гуфт домулло, - ман як арзишҳое дорам, ки ба ҳеҷ ваҷҳ рӯи онҳо по намегузорам. Мутанаффирам аз онҳое, ки занро озор медиҳанд. Фарзандро Худо ато мекунад, ҳеҷ коре бе ризоияти Худо намешавад, ҳамсарат рафтори ноҷавонмардона кард...

Мавҷи ларза дубора ба зан ҳамлавар шуд, даҳонашро бо дасташ пӯшид то садои ба ҳам бархӯрданашон дандонҳояш баланд нашавад. Домулло бо таассуф лаб газид, дилаш ба ҳоли зан сахт сӯхта зерилаб дуо кард: -Парвардигоро, худат мадад кун.

- Медонам бароят мушкил аст... Рашк дарди бедавост. Вақте Расули акрам (дуруди Худо нисорашон), занеро ба никоҳи худ даровард, ҳамсари дӯстдоштааш Оиша (Худо аз ӯ розӣ бошад), аз рашк ончунон ларзид ки тавони рост истодан надошт ва ба дарахти сафедор такя зад. Дидаӣ, ки сафедор то ҳол меларазад?

Зан ҷавоб надод. Ларзаи танаш он қадар бармало буд, ки доммуло тарсид. Атан наздиктар омад ва ба сӯи домулло дандон гиз кард. Домулло худро ақиб кашид.

-Э бача, рав як пиёла об биёр! - гуфт ӯ ба кӯдакҳое, ки дар канори ҷодда бозӣ мекарданд. Баъди лаҳзае зани ҳамсоя бо косаи об шитобон расид. Ӯ ҳолати занро диду ба рӯяш як панҷа об зад ва маҷбураш кард, ки каме об бинӯшад. Натавонист, дандонҳояш аз ҳам ҷудо намешуданд.

- Домулло, шумо биравед, ман танҳояш намегузорам. - гуфт ҳамсоя. Аммо домулло рафтан намехост, ӯ худро дар он чӣ ба сари зан омад худро муқассир медонист.

- Хоҳари азиз, зиёд ғам нахӯр,  ҳоло маълум нест, ки дар

қазияи шумо баранда кисту бозанда кӣ? Худо меҳрубон аст, таваккул бар Худо кун. - гуфт ва бо дили нохоҳам тарафи масҷид рафт.

Зан дар такяи ҳамсоя ба рӯи кат хазид ва ба худ печид.

- Худатро ин қадар бой надеҳ, духтар, ту аввалин зане нестӣ, ки шавҳараш ба рӯяш зан меорад. Дунё пур аз ин қиссаҳост, – гуфт ҳамсоя, ки зоҳиран аз қазия огоҳ будаст. Ӯ занро дар рӯи кат хобонду аз хонааш мусаккин овард. Саг аз назди кат дур намешуд, гоҳ фукашро ба пойи соҳибаш мемолид, гоҳ дастонашро мелесид.

-Аҷаб ҷондори вафодоре, - гуфт ҳамсоя, - садоқатро бояд аз ин саг омӯхт. Сагҳои вафодорро дар филмҳо дида будам, боварам намеомад, хаёл мекардам, ки тамрин шудаанд, аммо инро бин, агар забон медошт, таскинат медод.

Чашмони зан аз ашк пур шуд. Ӯ меҳрубонона ба сагаш нигарист.

- Барои ман шуда аз кору боратон мондед... Ӯ ҳеҷ намехост, ки ҳамсоя дар бораи шавҳараш ва талоқу никоҳ суол кунад. Ҳамсоя ҳам зиёд кунҷков набуд, шояд ҳодисаро беҳтар аз ӯ медонист.

Ӯ як зани чилсолаи хушсурат аст, ду бачаи 10-12 сола дорад. Аз хонааш ҳамеша садои ханда меояд. Ҳамсараш ҳам шабеҳи худаш аст, чоқу сафедпӯст ва шоду пур аз ханда. Зан бо онҳо зиёд рафтуомад надорад, гоҳ-гоҳ дар кӯча ё маъракаҳо якдигарро мебинанд.

- Чаро ба хонаводаат хабар намедиҳӣ? - пурсид ҳамсоя бо эҳтиёт, то мабодо машвараташ чун фузулӣ садо надиҳад. - меомаданд беҳтар буд...

- Ин ҳама роҳ биёянд кӣ чӣ кунанд? Чӣ бигӯям ба онҳо? Биёед, ки шавҳари ман зани дигар гирифту маро партофт? Бигӯям, ки номардӣ кард? Бигӯям, ки ман мондаму чор девору ин саг? - ӯ бо овоз гирист. Саг хавотир шуду дубора ба назди соҳибаш омад.

- Инро мебинӣ? Аз инсонҳо дида меҳрубонтар аст, ман

агар як саги мисли Атан медоштам, дигар касе даркорам набуд. - гуфт ҳамсоя бо лабханд. Ӯ аз суоли додааш пушаймон шуда, азми рафтан карду гуфт, ки агар мушкиле пеш омад, аз сари девор садо кунад.

- Хоҳиш мекунам, ҳодисаи имрӯзаро ба касе нагӯед, намехоҳам ин ҳарфҳо ба гӯши шавҳарам бирасанд. Бигзор зиндагиашро бинад..

- Нигарон набош, ин роз байни ҳардуи мо мемонад. Дунё чархи гардон аст, кӣ медонад, шояд як рӯзи дигар ту ба доди ман бирасӣ.

-Худо накунад, ... як хоҳиш дорам, ӯ аз ҷой бархосту як қуфли калонро ба ҳамсоя дод, дарро аз берун қуфл занед ва калидро аз зери дар партоед.

Ҳамсоя суоломез ба ӯ нигарист.

- Намехоҳам, ин рӯзҳо касеро бубинам. Пиндоранд, ки ман нестам, дуд шудаму ба осмон рафам, гум шудам.

Танҳо наметарсӣ?

-Танҳо нестам, Атан бо ман аст.

Зан се шабу се рӯз таб кард, дар лабонаш табхол дамид, на тавони аз ҷой баланд шудан дошт на майли ғизо хурдан. Гоҳ-гоҳ ба сӯи косаи об, ки дар мизи назди тахти хобаш буд даст дароз мекард. Атан ҳам афсурдаву бемор шуд. Косаи ғизояшро мурғакон талла карданду устухонҳояш бозичаи гурбаҳо гардид. Доллон пур аз порӯи паррандаҳо буд. Сагу зан ҳарду ғамбемор шуданд. Зан дар ғами шӯяш месухт, саг дар ғами соҳибаш. Рӯзи сеюм буд, ки якбора гӯшҳои саг сих шуданд, касе ба қуфли дар даст мезад, гӯё мехост онро боз кунад.

Атан хост садо баланд кунад, аммо зан ӯро сахт ба оғӯш кашид ва даҳонашро бо дасташ пӯшид.

Садо зоҳиран хомӯш шуд, аммо занги дари ҳамсоя овоз дод.

- Ҳамсоя, мебахшед, намедонед оилаи ман куҷост? Дарашон баста аст.

Зан беҳолона ба рӯи бистар нишаст. - ин садои ҳамсараш буд.

- Марди зандор суроғи занашро аз мо мегирад? -ҳамсоя бо зардаву истеза посух дод.

- Не, ҳамту пурсидам, гуфтам, шояд ба шумо чизе гуфта бошад...

- Намедонам, чанд рӯз боз наменамояд, шояд хонаи модараш рафта бошад...

- Атан чӣ? Садояшро намешунавед? - пурсид ӯ бо умед

- Чизе нашунидам, агар мебуд, мешунидам. - гуфт ҳамсоя бо асабоният, ки аз дурӯғи худаш хушаш намеомад.

Мард чанд дақиқаи дигар дар атрофи хона гашт. Худаш намедонист чӣ мекобад. Аз хона чашм намеканд, мисли маллоҳе, ки баъди солҳо баҳрнавардӣ, ба хонааш бармегардад ва аз дидани дару девораш сер намешавад. Мард ин хонаро даҳ сол пеш бо ҳазор орзу барои арӯсаш сохта буд. Дар гузашта ҳар бор аз сафар меомаду хонаашро аз дур медид, дилаш гум мезад, хона ӯро гарм ба оғӯш мегирифт, занаш гирди сараш парвона мешуд, сагаш меҷаҳиду хез мезад. Дилаш аз ин воқеият, ки акнун на зан ёри ӯст ва на хонаву саг моли ӯ, таҳ кашид. Худро ноҳинҷор ҳис мекард, хаёлаш ҳамсояҳо аз шикофи дарҳояшон ба ӯ чашм медӯзанд ва ӯро нафрин мекунанд. Бо дили нохоҳам аз хона дур шуд, дилаш мехост мисли Атан дар кунҷе ҳалқа бизанаду омадани соҳибашро интизор шавад.

- Духтар, куҷои ту? - ҳамсоя аз сари девор овоз баровард, - рақами телефонатро намедонам, маҷбурам аз усули бобоӣ истифода кунам. - гуфт ӯ бо ханда.

Аввал саг ба берун ҷаҳид, ба думболаш соҳибаш аз хона баромад. Ҳамсоя рангу рӯи занро диду тарсид, мисли заъфарон буд, табхолҳояш сураташро воҳиманок мекарданд.

- Чӣ шуд ба ту? Чаро варам кардаӣ? Дору дармоне, чизе кор надорӣ?- пурсид ӯ бо нигаронӣ.

- Чизе нест, каме шамол кашидам...мегузарад

- Ҳмм, шавҳарат омада буд, вой, чӣ ҳоле дошт! Харобу хазон, афсурдаву бечора.

-Арӯси нав дорад, шояд шабҳои бехобӣ хастааш кардаанд. - гуфт зан бо садои ношӣ аз дарду ноумедӣ.

Чашмони ҳамсоя танг шуданд, ӯ тасвири чанд лаҳза пеш дидаашро пеши назар меовард.

- Мисли одамҳои хушбахт набуд, - гуфт ӯ хаёломез, - бештар мисли одамҳои шикастхӯрда буд. Бо ҳасрат ба дару деворат нигоҳ кард, ангор мехост онҳоро бибӯсад, шояд пушаймон шудааст?

Суханони ҳамсоя ба ҷони захмхӯрдаи зан чун малҳам мефорид, рӯҳи шикастааш каме болида шуд ва ғурури саркӯбшудааш аз зону бархост.

Рӯзи дигар ҳанӯз субҳ надамида, Атан соҳибашро аз хоб бедор кард. Саг дастонашро рӯи тоқи панҷара гузошта, ба кӯча нигоҳ мекард. Назди панҷара мерафт ва кӯрпаро рӯи соҳибаш мекашид, то ки баланд шавад.

- Туро чӣ дард гирифтаст ин саҳар!? Ба панҷара наздик шуду мошини ҳамсарашро дид, ки оҳиста аз назди хонаи онҳо дур мешуд.

Зиёрати хонаи ҳамсари пешин барои ин мард акнун одат мешуд. Ӯ ҳар рӯз меомад ва дурудароз ба дарвоза чашм медухту мерафт. Дили зан бо дидани ӯ меларзид, аммо на мисли ларзаҳои дахшатноки рӯзҳои аввал, ин ларза ноаён буд, мисли таконҳои кӯчактари баъди зилзилаи шадид. Дарди ӯ оҳиста фурӯкаш мекард ва оташи ғазабаш низ паст мешуд. Ӯ акнун дар бораи зиндагииояндааш меандешид. То ҳол дар сояи сари шавҳар бе каму костӣ зиндагӣ дошт, акнун бояд ба танҳоӣ одат кунад. Ба хоҳараш «смс» заду гуфт, ки аз шавҳараш ҷудо шуд, аммо хоҳиш кард ба дигарон чизе нагуяд. Хоҳараш қавл дод, ки охири ҳафта меояд.

Аз издивоҷи ҳамсараш як моҳ гузашт. Дар ин як моҳ ҳамсояаш барои ӯ хуб хизмат кард, ғизо мехарид, аз ҳолаш бохабар мешуд, доруву дармонаш мекард. Баъди Атан ягона

мӯнису ғамгусораш ҳамин ҳамсоя буд. Як саҳар ӯ аз ҳамсоя хост, ки қуфли дарро боз кунад.

-"Бандии Қафқоз" билохира озод мешавад? - шӯхи кард ҳамсоя ва қуфлу калидро ба як гӯшаи ҳавлӣ партофта гуфт, - бигзор аз чашмат дур бошаду он рӯзҳоро ба ёдат наорад.

- Ман аз шумо миннатдор, ҳамсоя бароям хоҳарӣ кардед, ман зиндагиамро ба шумо мадюнам, намебудед, ба Худо мемурдам. Ҳамсоя ӯро бағал кард, оғӯшаш мисли худаш роҳату ғамзудо буд.

- Китоби зиндагии ҳар инсон саҳифаҳое дорад, ки хондани онҳо ба ҷуз дард чизи дигаре намеорад. Он саҳифаҳоро бояд пӯшид ва ба оянда нигоҳ кард.

Зӯҳри рӯзи дигар, вақте гармои тамуз ҳамаро аз ҳавлиҳо ба хонаҳои салқин меронд ва дар атроф ба ҷуз садои қумриҳо, овозе ба гӯш намерасид, зан садои аккоси Атанро шунид. Ӯ садоҳои сагашро аз ёд медонад. Медонад, ки ба сӯи худиву бегона ва гурбаву гунҷишкҳо чӣ тавр аккос мезанад. Ин аккоси шодӣ буд, саг одами худиро дидаст. Ба ҳавлӣ баромаду дар ҷояш шах шуд, шавҳарашро дид, ки хам шуда сагро навозиш мекард. Атан дар зери пойи мард ғел мезаду бо банди кафшҳояш бозӣ мекард. Зан аз ғазаб сурх шуд, гӯшаҳои лабаш мепарид.

-Ту инҷо чӣ кор мекунӣ, - садои зан паст вале пур аз танаффур буд.

Мард сар набардошт, ҳамоно гӯшу шиками сагро мехорид ва лабханд мезад.

-Атан ин ҷо биё! - саг аз рӯи замин бархосту ҳайрон ба зан нигоҳ кард. Сарфаҳм намерафт, ки чаро соҳибаш аз ӯ нороҳат аст. Мард хоки шимашро тоза карду аз ҷой бархост.

- Пурсидам, ки ту ин ҷо чӣ кор мекунӣ?

- Ҳеҷ, дилам танг шуд, гуфтам шуморо бубинам.

- Дилат танг шуд? Ҷойе, ки дили тангатро шод мекунанд, ин ҷо нест. Мо дигар бо ҳам нисбате надорем, ман як зани танҳоям, хонаи бемардина омадани шахси бегона хуб нест.

Мард аз занаш чашм намеканд.

- Хеле лоғар шудаӣ, аммо ба ту мезебад.

- На ман ва на зебоиам дигар ба ту тааллуқ надорем. Ту ёри дигарӣ, ман моли дигар.

- Ту моли кии?

- Моли касе, ки ба қадрам бирасад, нимароҳам накунад, бо ҳама ҳусну қубҳам дӯстам бидорад.

- Бахубӣ бирав ва ба пушти сарат нигоҳ накун, вагарна ба арӯси нав занг мезанам ва мегӯям, ки шавҳарат чун анкабуд дар гирди хонаи ман тор метанад.

Мард асабонӣ шуд, на аз таҳдиди телефон ба арӯсаш, ӯро ин суханони зан, ки «ман моли марди дигар мешавам» девона кард, ангор, хун ба сараш зад.

- Ту бо ман чӣ кардаӣ, ки наметавонам аз ин хона дил биканам? Чаро дилам барои ин ҷо гум мезанад? Гуфтанд зан бигиру бачадор шав, зиндагиат ширинтар мешавад. Чаро комам маззаи ин шириниро эҳсос намекунад? Ту маро ҷоду кардаӣ.

Мард инро гуфту дасти занро гирифт ва ӯро самти хонаи хоб кашола карду  ба тахти хоб тела дод ва худро ба болояш партофт. Лабҳояшро мебӯсид ва дар гӯшаш чизе мегуфт. Зан дар зери бори вазнини ӯ метапиду муқовимат мекард. Ашкҳояш аз бари рӯяш ба болин мечакиданд, аммо зӯраш ба ин девонаи аз занҷир раҳида намерасид. Мард ончунон ташна буд, ки ангор мехост ӯро саропо фурӯ барад, гӯё солҳо ҷинси занро надида буд. Куртаро дар танаш пора карду дар байни синаҳои чун шир сафедаш сар ниҳод ва онҳоро бӯиду бӯсид. Гардану синаи зан аз доғҳои сурху кабуд пур мешуд. Дастони занро, ки аз беҳолӣ дигар муқовимат намекардан, сар дод, хам шуду аз сар то пояшро бӯсид. Чашмони зан ба нуқтае дар шифти сафед хира шуд ва ҳаловат тамоми ҷисмашро фаро гирифт.

-Бе ту, ширин, наметавонам, бе ту мемирам. - мегуфт мард. Ҳарду тапиданд ба ҳам печиданд ва бо нолиши баланд

дар оғӯши якдигар бехуд шуданд. Ин тӯлонитарин ҳамхобагӣ дар тӯли даҳ соли ҳамзисташон буд.

Ҳаловат мисли бод гузашту ҷойи онро пушаймониву нафрат гирифт. Зан куртаи даридаашро аз тан берун овард ва бо ахмҳои гирифт аз ҷой баланд шуд. Дар роҳ ба сӯи ҳаммом Атанро дид, ки оромона устухон мехоид. Зан қаҳрашро ба сари саг рехт.

-Ту чӣ посбонӣ, ки соҳибатро таҷовуз мекунанду садоят намебароят? Ландаҳур, бо ду хору мол дили туро ёфт?! Саг намедонист, чӣ гуноҳ дорад, ки имрӯз соҳибааш бо ӯ номеҳрубонӣ мекунад. Ӯ аз ин шӯхиҳо, ки мард занашро аз ҳавлӣ бардошта ба хонаи хоб мебурд ё базӯр кашола мекард, бисёр дидааст, бечора хаёл кард ин аз ҳамон шӯхиҳост.

Зан ба ҳаммом даромад, сурати худро дар оинаи бақад диду рӯ гардонд, нафраташ омад, аз беиродагии худаш шармаш омад. Шармаш омад, ки аз навозишҳои мард об шуд. Ӯ ҳафтаҳо оғӯши мардро надида буд.

Оби сарди душ аз сару бар ба байни ронҳои зан шориду тафси ҷисми оташгирифтаашро паст кард. Дар гузашта баъди ишқварзӣ бо шавҳараш, эҳсоси сархушиву саодат мекард, он ишқварзиҳо пур аз меҳрубониву навозиш аммо якранг буданд. Ин ишқбозӣ бо дуруштиву девонагиаш мадҳушкунанда буд. Ӯро аз худ бехуд кард, ангор, руҳашро аз танаш берун кашид ва ба авҷи бехудӣ расонд. Аммо дилаш хиҷил буд. Аз он хиҷолат мекашид, ки тан ба шаҳват супурд ва бо марде ҳамхоба шуд, ки аз танаш бӯи зани дигар меояд.

Амонат дар лаби кати ҳавлӣ нишаст. Мард каме дертар омад. Шармгин буд ва қатраҳои об аз мӯҳои тараш ба сураташ мечакид. Зан фаромӯш карда буд, ки дар ҳаммом сачоқ гузорад ва мард ҳам ҷуръат накард, ки даст ба ҷевон занад. Ҳарду хомӯш буданд, мисли ду ношинос, ки дар торикии шаб дар ҳуҷраи қатори мусофирбар бо ҳам ишқ варзиданд, вале дар рушноӣ наметавонанд ба чашми якдигар нигоҳ кунанд. Мард сари Атанро сила карду гуфт:

- Маро ёд накардӣ зардак?

Саг, азбаски ташнаи хорумол буд, каме дум ликонду худро боз ба замин партофт.

-Биё боло. – гуфта мард сагро бағал кард. Сару гарданашро хорида, ҳарфҳои ширин гуфт. Саг кайҳо боз чунин роҳат накарда буд. Фукашро рӯи зонуи мард гузошту чашмонашро пӯшид ва гоҳ гоҳ сар баланд мекарду дастони ӯро мелесид. Ин саҳна рӯзҳои осудаи зиндагиро ба ёди саг меовард. Мард тавре рафтор мекард, ки гӯё байни ӯ ва ҳамсараш мушкиле вуҷуд надорад. Ангор, ӯ саҳар кор рафта буду ҳоло баргашта дар канори хонаводааш хастагӣ мебарорад. Ин саҳна занро ба хашм меовард, аламашро тоза мекард, билохира сабраш саромад.

- Охири ҳафта хоҳарам меояд, бо модарат биёву талоқатро эълон кун. Агар хаёл кардай, ки бо ин гунгакбозиҳо ҷонат халос мешавад ва рӯз ин ҷо ком мегириву шаб он ҷо шавҳари намунавӣ мешавӣ, иштибоҳ кардай! Талоқамро надиҳӣ, то қозиёт меравам ва фатво мегирам.

Мард ҳанӯз ҳам бо саг бозӣ мекард, гӯё таҳдиди занашро намешунид, аммо сурх шуда буд, дандон ба дандон месоид ва мушакҳои рӯяш таранг мешуданд. Ӯ чизе нагуфт, сагро сар доду ба сӯи дар рафт, аммо чанд қадам гузошту пас гашту гуфт:

-Атанро бо худ мебарам.

-Сагро куҷо мебарӣ, чаро интиқомҷӯӣ мекунӣ? Ба саг чӣ кор дорӣ? Ӯ бе ман наметавонад, даст нарасон ба ӯ, Атан ин ҷо биё!.

Мард мисли девонаи занҷирканда буд, зориҳои занро намешунид, тасмаро ба гардани саг басту бандро васл кард ва ӯро ба сӯи дар кашид.

- Набар сагамро беинсоф.

Саг имдодҷӯёна ба соҳибаш нигоҳ мекард, зан тасмаи сагро қапиду ба тарафи худ кашид, шавҳараш мисли девонаҳо ҳардуро рӯ рӯи хок ба тарфи кӯча бурд. Атан саги

нерӯманд аст, ӯ метавонист ҳаллос занад ва мардро аз пой афканад, аммо ин корро накард. Дар замин ба шикам зад ва аз ҷой намеҷумбид, ангор, мехкӯб шуда буд. Мард бо хашм тасмаро кашиду занашро ба гӯшае партофт ва Атанро рӯ рӯи обу гил кашон-кашон ба кӯча баровард ва ба курсии ақиби мошинаш партофт.

Саг рафту хона холӣ шуд, хонаи холӣ дар назари зан уллос мекашид. Ӯ дар замин нишасту ба кат такя зад, нола мекард, аммо ашк надошт. Баданаш меларзид. Якандози лаби катро палмосиду мусаккинеро, ки зани ҳамсоя оварда буд, бардошт ва доруро бо дастони ларзон аз байни дандонҳои зиреҳбаста ба ҳалқаш рехт. Дорӯи талх гулӯяшро сӯзонд. Дарунаш гарм шуд ва гӯё пораи оташро фурӯ бурд.

Ёд надорад чӣ қадар дар рӯи замин нишасту кай хобаш бурд. Ними шаб аз карахтии ҷисмаш бедор шуд, ларза гузашта буд, мусаккин шиддати дарду аламашро кам нишон медод. Нимхобу нимбедор ба хона даромад ва бо ҳамон сару либоси хоколуд дар бистараш дароз кашид.

Саҳар садое дар гӯшаш ҷарангоз зад, саргарангона рӯи бистар нишаст. Намедонист, ки ин чӣ садо аст ва аз куҷо меояд. Мусаккин мағзашро карахт карда буд. Касе занги дарро беист пахш мекард. Зан калавида-калавида ба ҳавлӣ баромад. Он кӣ пушти дар буд, бетоқат шуд ва дарро бо мушт кӯфт.

- Кист он ҷо? - бехолона пурси ӯ.

- Дарро боз кун, - ин садои шавҳараш буд.

- Боз чӣ мехоҳӣ?

- Атан ин ҷост?

Зан дарро боз карду суоломез ба шавҳараш нигоҳ кард.

- Атанро дирӯз бурдӣ, имрӯз суроғашро аз ман мегирӣ? Ё барои ба ин ҷо омадан баҳонаҷӯӣ мекунӣ?

- Атан шаб аз хона гурехтаст, кӯчаҳои атрофро кофтам наёфтам, гуфтам шояд пеши ту омада бошад.

- Аз хонаи ту то ин ҷо камаш 10 километр аст, магар ӯ

метавонист ба хонаи ман биёяд? Сагамро куҷо кардӣ? Ба сараш чӣ бало овардӣ?

-Бахудо қасди баде надоштам, дилам танг шуда буд, медонам, ки Атан барои ту азиз аст, мисли нимаи ту аст, хостам он нима каме бо ман бошад...меёбамаш, қавл медиҳам.

- Ту аҳли қавл нестӣ, ту як инсони сабуки беарзишӣ! Сагамро пайдо кун, вагарна ман медонаму ту!

Мард гунаҳкорона сар хам кард. Зан ӯро бо ҳамон ҳол гузошту рафт. Либос иваз кард ва худаш ба ҷустуҷӯи саг баромад, зеро ба шавҳараш эътимод надошт.

Ду рӯз аз саҳар то бегоҳ Атанро кофт. Рӯзи аввал чаҳор истгоҳро пиёда то сари бозор рафта, таги пулҳо, назди ошхонаҳо ва маконҳоеро дид, ки сагҳои оворагард ҷамъ мешаванд, аммо нишоне аз Атан набуд. Аз раҳгузарҳо мепурсид, ки оё саги зарди бузургҷуссаро надиданд? Баъзеҳо мегуфтанд, ки ин гуна сагро дар фалон кӯча дидаанд ва зан аз пайи ин тахмин ба ҳамон кӯча мерафт. Рӯзҳои дигар ба кӯчаҳои дуртар ва маҳаллаҳое рафт, ки ҳеҷ гоҳ надида буд, аммо сагашро наёфт. Мардҳои раҳгузар ба ӯ ҳамдардӣ нишон медоданд, нишонаҳои сагро мепурсиданд, вале аз чеҳраи зебо ва думбаву синаҳои дамидаи ӯ чашм намеканданд.

Шавҳараш дигар наомад, сагро пайдо накард, аз шарм ё аз тарс намехост бо ӯ рӯ ба рӯ шавад. Зан монда буду ин хонаи холӣ, ки ҳар сояаш чун шабаҳи деву парӣ буд ва ҷунбиши ҳар буттааш ӯро ба ҳарос меовард. Атан қуввати дили соҳибаш буд, посбонаш буд, зан баъзан фаромӯш мекард, ки дарро қуфл занад, медонист, ки Атан синасипар ӯро ҳимоят мекунад. Ду шаб боз ӯ тамоми чароғҳоро рӯшан мекунад ва тамоми дарҳоро мебандад, аммо аз тарс хобаш намебарад. То омадни хоҳараш лаҳзашуморӣ мекунад.

Хоҳараш қириби бегоҳ расид. Ҳайрон-ҳайрон ба ҳамширааш нигоҳ кард. Он қадар афсурдаву харобу хазон буд, ки агар ӯро дар кӯча медид, намешинохт. Якдигарро

бағал карданду бӯсиданд. Ҳамшираащ гирист, хоҳараш сари ӯро навозиш карду гуфт:

- Ҳамааш хуб мешавад.

Зан бо ҳусни худод, ақлу заковат, сабурӣ, ҳушмандӣ ва ғурур ҳамеша улгуи хоҳаронаш буд. Онҳо ба шеваи либоспӯшӣ, ороиши мӯй, рафтору гуфтор ва ҳатто тарзи роҳравии ӯ тақлид мекарданд. Ба думболи ӯ ба донишгоҳ дохил шуданд ва ифтихор доштанд, ки зеботарин духтари ноҳия хоҳари онҳост. Хиҷолат кашид, ки хоҳараш ӯро дар ин ҳоли бечорагӣ мебинад. Духтар кунҷковона интизори шунидани ҳодисаи ҷудошавии ҳамшираащ буд, аммо ӯ дар ин бора лаб во намекард. Дар бораи сагаш мегуфту мегирист, аммо гӯё шавҳаре дар зиндагиаш вуҷуд надошт.

Зан баъди гум шудани сагаш одати нав пайдо кард. Дар аккоси ҳар саги раҳгузар садои Атанро мешунид ва дар суроби ҳар саг Атанро медид. Бехобу бетоб шуд. Нимашаб аз хобааш як қад мепарид ва ба назди панҷара медавид, дигар то саҳар хобаш намебурд.

Рафтори зан, бо бехобиаш, аз паси сагҳо ба кӯча давиданаш, дам ба дарун задану рӯзҳо хомӯш нишастанаш хоҳарашро нигарон кард. Хоҳараш ӯро насиҳат мекард, ки ин қадар васвосӣ нашавад. Инҳо сагҳои велгарданд, ки зуза мезананд ва дар паси панҷараҳои мардум барои худ ғизо меҷӯянд. Зан ин ҳарфро қабул надошт, ӯ мегуфт, ки овози Атанро аз байни даҳҳо садои дигар мешиносад. Хоҳараш духтари бо фаҳм аст, медонад, ки баҳс бо ӯ фоида надорад, аз ин рӯ, ҳар чӣ ҳамшираащ бигӯяд, ӯ мегӯяд: “чашм”.

Шабе аз шабҳо зан аз бистар париду хоҳарашро бедор кард, садои Атанро шунидам гуфт. Хоҳараш курпаро ба сараш кашиду аз ҷой наҷунбид, бечора дар ин чанд рӯз аз кобусҳои ҳамшираащ хаста шуда буд. Зан танҳо ба ҳавлӣ баромаду дарро боз кард. Кӯча холӣ буд, панҷараҳои бечароғи хонаҳо мисли косаи чашми кӯр холиву бенур менамуданд. Кӯча хомӯш буду мардум дар хоби ноз. Танҳо

дуртар ду сагеро дид, ки бо ҳам ҷафс-ҷафс қадам мезанаданд ва думҳои дарозашон чун гесувони занҳои деҳот ба чапу рост ҳой мерафт. Ба ҳеч тарафе нигоҳ намекарданд ва рост мерафтанд. Он қадар ором роҳ мерафтанд, ки ангор, дар дунё ба ҷуз онҳо касе набуд. Ҷусаашон ба Атан монанд буд. Зан зӯр зад, то бубинад, ки сагҳо чӣ ранг доранд, аммо натавонист. Ранги онҳо мисли ранги кӯча дар рушноии моҳтоб бунафш буд. Хост номи сагашро садо кунад, аммо истиҳола кард, то ҳамсояҳо девонааш нахонанд. Ба хона баргашту хобаш набурд, он ҷуфти саг аз зеҳнаш дур намешуд. Рӯзи дигар ба хоҳараш гуфт, ки шаб Атанро дид.

Хоҳараш омӯзишгоҳи тиббӣ хондааст, бо донише, ки аз омӯзишгоҳ гирифтааст, метавонист ташхис диҳад, ки ҳамшираaш афсурдаҳолӣ дорад, ҳассос шудааст, зуд-зуд мегиряд ва рӯзҳо лаб ба ғизо намезанад. Хоҳараш медонад, ки ин ашкҳо танҳо барои гум шудани Атан нест, ҳамшираaш хушбахтиашро гум кардааст. Қатори зиндагиаш, ки ӯро солҳо аз паҳлӯи чаманистонҳо ба водии орзӯҳояш мебурд, якбора аз милҳои роҳи оҳан берун шуд ва ба тӯдаи оҳан табдил ёфт.

Язнааш гоҳ-гоҳ сар мезанад, баъзан хуроквориӣ меорад, баъзан ширинӣ, халтаҳоро аз остонаи дар ба хоҳарзанаш медиҳад ва бармегардад. Баъди нопадид шудани Атан аз рӯ ба рӯ шудан бо ҳамсараш истиҳола мекунад. Зан ба хоҳараш гуфт, ки дигар дарро ба рӯи ӯ боз накунад ва халтаҳояшро нагирад.

- Ман аз гуруснагӣ мемираму ба ғизоҳои овардаи он мард даст намезанам, инро ба он кӯрмеҳрубон бигӯ. Бигӯ, ки агар бори дигар сару каллаш пайдо шавад, халтаҳояшро ба кӯча мепартоям. Бигӯ, агар хаёл дорад, ки гӯшту сабзиву пиёз мақоми ӯро дар ин хона ҳифз мекуанд, иштибоҳ мекунад. Ман ӯро ҳамон шаб, ки ҷомадонашро бардошту бо ҳавои арӯси нав пар-парзанон аз хона рафт, дар дилам гӯр кардам. Хотироти хуби зиндагии даҳсолаам бо ин мард ҳамроҳи Атан

гум шуд.

Дар як моҳи буду боши хоҳараш дар ин хона зан бори аввал дар бораи ҷудоияш ва захмҳои бозаш бо ӯ суҳбат кард.

-Медонӣ, гоҳ шаб аз бори сангини ғусса бедор мешавам. Ҳис мекунам, ки дилам сиёҳ аст ва зиндагиам пучу беарзиш. Ба акси худ дар оина менигараму худро намешиносам ва мегӯям, ки ту кистӣ, ин ҷо чӣ кор мекунӣ? Он лаҳзаҳо мехоҳам, ки набошам, мехоҳам бимирам.

Чашмони духтар пури об шуд. Ӯ ҳамшираашро бағал карда, аз чеҳрааш бӯсид ва сар ба зонуяш гузошт.

- Ҳодисаро бояд ба хонавода мегуфтӣ, модаршӯят дар ҳамсоягии мо хешутабор дорад, хабари зан гирифтани шавҳарат ҳатман ба гӯши онҳо расидаст, хуб нест, ки модарам ин хабарро аз дигарон бишнавад, дилаш хун мешавад.

- Намедонам чаро нагуфтам, шояд муъҷизаро интизор будам, шояд ба шавҳарам аз ҳад беш бовар доштам. Гумон мекардам, ки аз сари косаи оби никоҳ фирор карда, ба хона бармегардад ва мегӯяд, ки арӯсе даркор нест ва аз ятимхона кӯдак мегирему то охири умр хушбахтона зиндагӣ мекунем. Шояд барои он нагуфтам, ки намехостам озурда шаванд. Сарнавишти ман ҳамин будаст, хоҳар, аҷиб нест, ки аз як авлоди кӯдакзо мани бечор безурёт баромадам? Гиря гулӯгираш кард ва нахост хоҳарашро нороҳат кунад, ба ҳавлӣ баромад.

«Дилаш чӣ қадар ғусса дорад. 24 соат ғам хӯрдан магар осон аст? Фил ҳам бошӣ, аз пой меафтӣ. Бояд ӯро аз ин варта берун кард, вагарна девона мешавад», - аз дил гузаронд хоҳараш ва дар ин андеша буд, ки чи тавр ҳамшираашро аз ин ҳолат берун кунад.

Ӯ баъди ним соат коса дар даст ба рӯи ҳавлӣ баромад,

- Апаҷон, як хӯроки хушмазза пухтам, агар як коса нӯши ҷон кунӣ, қавл медиҳам, ки фардо ҳамроҳ ба ҷустуҷӯи Атан мебароем. Ман як даста эълонро бо акси Атан чоп мекунам

ва менависам, ки касе саги моро пайдо кунад, ҷоиза мегирад. Ин эълонҳоро дар тамоми кӯчаҳо насб мекунам. Чӣ гуфтӣ апаҷон?

Ҳарфҳои хоҳараш занро умедвор кард.

Онҳо аксҳои Атанро бо эълони ҷоиза ва рақами телефон дар сутуну долу дарахти кӯчаҳои дуру наздик бо ширеш часпонданд. Як ҳафта интизор шуданд, вале касе занг назад, зан ноумед шуд.

- Апаҷон, ёдатон ҳаст, қавл дода будед, ки барои ман пероҳани монанд ба либоси моделҳои рӯи саҳнаро медӯзед.

- Ёдам ҳаст, медӯзам, ягон вақти дигар.

- Тирамоҳ дугонаам Санам тӯй дорад, ман шоҳиди акди никоҳ интихоб шудам, куртаро барои ҳамон тӯй мехоҳам.

- Санам издивоҷ мекунад? О дина мӯяш пахмоқ пойлуч давида мегашт-ку?

- Апаи аз дунё бехабарам, Санам ду сол аз ман хурд аст 18 сол дорад. Медӯзӣ куртаро?

- Бошад рафтем, порчаҳоро аз сандуқ барор, аввал кӯрпаҳоро худат фарор.

- Чашм, апаҷон.

Духтар як пероҳан хост, аммо барои даҳ пероҳан матоъ интихоб кард. Агар ҳамшираваш монеъ намешуд, порчаҳои дигарро ҳам мебардошт. Курта барояш муҳим набуд, мехост ҳамшираашро ба коре банд кунад, то аз ғами шавҳар, саг ва бефарзандиаш девона нашавад.

Мошини хайётиро аз таҳхона бурун оварданд. Он аз тозагӣ медурахшид. Хоҳараш ҳайрон шуд, ки чӣ тавр ин дастгоҳ дар як таҳхонаи пур аз хоку чанг тозаву озода мондаст. Зан чизе нагуфт, хотираи он рӯз ва ҳодисаҳои минбаъда мағзи ӯро ба сӯзиш меовард.

Ӯ як моҳ беист пероҳан дӯхт. Як рӯз ҳам манъ нашуд. Хоҳараш дар гирдаш паровонавор чарх мезад, латифа мегуфт, шеър мехонду ракс мекард. Саҳнаҳои хандадори даврони кӯдакиро ба ёд меовард. Дар тақлид устухон надошт.

Модаршӯи ҳамшираашро тақлид мекард. Бовиқор рӯ ба девор менишасту худро шамол медод ва телефони мобилашро чаппа дар гӯшаш гузошта, ҳамаро ғайбат мекард. Ҳамширааш ба девонагиҳои хоҳараш механдид ва рӯҳаш каме болида мешуд. Зан хоҳарашро бисёр дӯст медорад. Бо ҳамон қомати баланд, чеҳраи зебо ва мӯйҳои марғуладор нусхаи худи ӯст, танҳо табиаташон фарқ мекунад. Хоҳараш духтари ҷасур аст ва ҳарфашро беибо мегӯяд. Зиндадил аст, хандааш мисли зангӯла садо медиҳад. Барои ҳар мушкил роҳи ҳал пайдо мекунад ва хеле замонавӣ аст. Ҳамшираааш табиати ором дорад ва бештар суннатист.

Саргармии эҷодкардаи хоҳараш рӯҳияи занро бардошта, ҳолати равониашро беҳтар кард. Дар бораи шавҳараш аслан гап намезад, ангор ӯ ҳеҷ гоҳ дар зиндагиаш набуд. Шояд барои он ки захмҳои қалбаш ҳанӯз хуншор буданд ва даст расондан ба онҳо ҷонашро ба дард меовард. Сагашро бисёр ёд мекард. Баъзе шабҳо хобаш намебурд, панҷараро боз мекарду ба садоҳои кӯча гӯш медод. Ба хоҳараш мегуфт:

- Шояд маро девона хонӣ, аммо ман ҳузури сагамро дар ин атроф ҳис мекунам ва садои зузакашиашро мешунавам.

Пероҳанҳо билохира омода шуданд. Хоҳараш мисли моделҳои муд куртаҳоро як-як пӯшида, аз пеши назари ҳамшираааш гузашт. Хеле зебо буданд ва зан аз кори худ қаноатанд шуд.

Хоҳараш зеботарин куртаро барои туйи дугонааш интихоб кард ва гуфт, ки пероҳанҳои дигарро мефурӯшад.

- Ба кӣ мефурӯшӣ, девона, ин ҷо магар ноҳияи худамон аст. - хандид ҳамшираааш.

- Маро дасти кам нагир, агар дар як ҳафта тамоми куртаҳоро нафурӯшам номамро иваз мекунам.

Хоҳараш акси куртаҳоро дар чанд саҳифи интернетӣ нашр кард ва рақами телефон гузошт. Пероҳанҳо дар ду рӯз ба фурӯш рафтанд ва пули хубе оварданд. Муштариёни дигар

пероҳанҳои хости дили худро фармоиш доданд. Зан дар тӯли се моҳи ахир аввалин бор аз тахти дил шодӣ кард, мисли солҳои пеш.

Шодмонияш танҳо аз фурӯши куртаҳо набуд. Хоҳараш тасмим гирифт, ки бо ӯ бимонад ва барои дохил шудан ба донишгоҳи тиббӣ омодагӣ бигирад.

Ӯ тадриҷан ба шароити нав: набудани шавҳараш, бистари сарди танҳоӣ, бори рӯзгор ва тиҷорат одат мекард. Аз пулҳои ба дастомада мошини беҳтар харид ва акнун фармоиши муштариҳоро дар хона қабул мекард. Танҳо чизе, ки зан ба он одат накард, набудани Атан буд. Меҳрубониҳои Атанро ба ёд меоварду бетоб мешуд. Рӯзҳо мегузаштанд, аммо саг дигар пайдо нашуд. Хоҳараш оҳиста-оҳиста занро ба ин омода мекард, ки шояд Атан дигар барнагардад. Чашмони зан аз ин пешгӯи маъюс мешуданд.

Рӯзе аз ҳамин рӯзҳои бетобӣ буд, ки ногаҳон аккоси саг ба гӯшаш расид, садо аз ҳавлӣ меомад, як садои гирифтаи сангин, ав-ави монанд ба нолиш. Зан пероҳани нимдӯхтаро ба гӯшае партофт ва побараҳна ба ҳавлӣ давид. Хоҳараш ба таваҳҳуми рӯз дар миёни ӯ одат карда буд ва ҳафҳояшро ҷиддӣ намегирифт, вале ин дафъа аз думболаш рафт. Он чӣ онҳо диданд, ба андозае такондиҳанда буд, ки занро аз пой афканд.

Аз гулӯи саг садои Атан берун шуд, аммо ба Атан монанд набуд, як саги велгарди пӯсташ ба хуну хок олӯда, харобу хазону маҳзуну шикаста.

Саг бори дигар ҷакиду қадаме ба пеш гузошт.

- Апа, ин Атан нест, ин кадом саги бесоҳиб аст, эҳтиёт кунед, бо шуморо нагазад.

Зан оҳиста ба сӯи саг хазид. Сари хами ӯро бардошту ба чашмонаш нигарист. Чашмони саг ба ранги қаҳваи сиёҳ монанд буд. Оҳ, чӣ қадар маҳзун буданд ин чашмҳо! Саг фукашро дароз карду дасти соҳибашро беҷуръатона лесид.

- Ин Атани мана аст, сояи шикастаи ман, ҳомии

гумшудаи ман, фарзанди ман. - зан гардани сагро гирифту нола кард.

- Ту куҷо будӣ, чаро маро партофтӣ. Медонӣ, баъди рафтанат чиҳо аз сари ман гузашт. Медонӣ, ки дар ҷустуҷӯят асоям сӯзану кафшам ғалбер шуд?

Саг хомӯшона сар ба китфи соҳибаш гузошт, хеле бечуръатона ва хастаҳолона. Атани пешина дар вақти дӯстдорӣ соҳибашро чанд бор аз пой меафтонд. Атани феълӣ бори тани худро базӯр мекашид. Саг ниҳоят сар аз китфи соҳибаш бардошт ва ӯро теле дод, ки бархезад.

Саг ба сӯи таҳхона рафт, аммо боз истоду ба ақиб нигарист ва гӯё мехост мутмаъин шавад, ки соҳибаш ба думболаш меояд ё не.

Зан моту маҳабут шуд. Ин андеша, ки саги нозпарвараш чӣ рӯзҳои сахтеро аз сар гузаронидааст, дилашро реш мекарду ашкашро шашқатор.

Хоҳараш ба ӯ як пиёла об дод, то каме ба худ биёяд.

- Апа, ин саг чӣ дарде дорад, мисле, ки чизе гуфтан мехоҳад.

Саг ба сӯи таҳхона рафт ва дар дами интизор шуд, то соҳибаш биёяд. Нигоҳаш он қадар имдодҷӯёна буд, ки дилро реш мекард. Зан бархоста, ба думболи саг рафту хоҳараш ба думболи ҳарду.

Таҳхона торик буд. Зан аз он рӯзе, ки гутфугӯи телефонии шавҳарашу модаршӯяшро шунид ва ларза дар ҷонаш афтод, дигар ба таҳхона сар назада буд. Деворро палмосиду тугмаи баркро пахш кард, таҳхона рӯшан шуд. Атан ба кунҷе рафту дар паҳлуи як тӯда болишту кӯрпаҳои кухна қарор гирифта, чашм аз соҳибаш намеканд. Ин дам чизе дар зери кӯрпа ҷунбид ва садое монанд ба ҷив-ҷиви гунҷишкон ба гӯш расид. Зан лаби патуро бардошту дар ҷояш шах шуд. Чаҳор тӯлаи саг, ки ҳар кадоме дар мушт меғунҷид, якдигарро тела медоданду ҷар мешуданд ва фукҳояшонро боло карда, пистони модарро меҷӯстанд.

- Худоё, ин чӣ аст? Атан зоидаст? Ҳарду хоҳар аз дидани ин саҳна дар шигифт шуданд. Замини таҳхона ва кӯрпаи зери пойи тӯлаҳои саг хунолуд буд. Шояд дар вақти дарди зоймон аз бетоқатӣ таҳхонаро давр задасту ҷой иваз кардаст.

- Азизи ман, шарики рӯзҳои танҳоии ман, магар ман ин қадар бароят бегона будам, ки дар танҳоӣ дард кашидиву маро садо накардӣ? Шояд дидӣ, ки соҳибат намезояд, барояш бачаҳоятро туҳфа овардӣ? Хоҳар, дилам аз дард месӯзад. Ман ин сагро бо эркагӣ дар бағалам бузург кардам. Бубин, ба чӣ рӯз гирифтор шудаст.

- Апаҷон, ин қадар ғам нахӯред, дар куҷое хонда будам, ки сагҳо дар вақти зоймон ба ҳарими хусусӣ тарҷеҳ медиҳанд, аммо бечора чӣ қадар касиф шудааст, гӯё ин ҳама вақт дар ахлотҷой хоб буд.

Зан даст дароз карду хост тӯлаи сагро бардорад, Атан ғуррид, дандонҳояш гиз шуданд.

Зан ақиб нишасту сари сагро сила кард.

-Ҷони ман, наход ман ба бачаҳои ту осеб расонам? Ман туро чун бачаи худам дар кафи дастам бузург кардам, натарс, ман онҳоро бештар аз ту дӯст медорам. Ӯ даст дароз кард ва аз тӯлаҳои мисли калобаҳои зард ба ҳам печида, якеро бардошту ба рӯяш наздик овард. Бачаи саг фукашро ҳар тараф тоб медоду пистони модарашро меҷӯст.

- Айни кӯдакиҳои модараш аст. Солҳо пеш ман Атанро ана ҳамин тавр дар кафам гирифтаму бӯсидам ва барои якумр дӯсташ доштам. Ӯ ҳам фукашро ба ҳар сӯ тоб медоду пистон мекофт. Зан пистонҳои Атанро бо эҳтиёт ламс кард, синаҳои кашоли саг холӣ буданд. Эҳтимол рӯзҳо чизе нахӯрда буд.

Аз хоҳараш хоҳиш кард, ки дар як коса шир биёрад ва дар косае гӯшти бирён. Биёрад ки аз шаб монда буд. Саг ширро хурду ба гӯшт даҳон назад, хеле беҳол буд, ба замин ғелиду чашмонашро пӯшид. Дили зан фишурда шуд.

- Саг мариз аст,  бояд ба Забир занг занем. Ӯ табиби ҳайвонот аст, дардашро пайдо мекунад, вагарна ин мемирад.

- Шояд онҳоро аз таххона ба долон бубарем? - машварат дод хоҳараш.

- На бигзор ин ҷо бошанд, Атан ин ҷоро худаш интихоб кардаст.

Забир ваъда дод, ки баъд аз кор меояд. То омадани ӯ як пойи зан дар ошхона буду пойи дигараш дар таххона. Ба тӯлаҳои саг бо пистонак шир дод. Каме хурданду хаста шуданд, кафки шир дар лаб хобашон бурд. Зан онҳоро паҳлӯи ҳам гузошт, мисли навзодҳои таваллудгоҳ ва бо пату пӯшонд. Атан сар аз замин намебардошт, зуд-зуд нафас мегирифт ва шикамаш бо суръат пасту баланд мешуд.

Забир ба ваъдааш вафо карду бегоҳ ба хона омад ва зан ӯро рост ба таххона бурд. Табиб ҷузвдони омпулу доруҳояшро дар як гӯша гузошту пушти сарашро хорида, қадаме ба пеш гузошт.

- Хуб, аз кӣ сар кунем, аз модар ё навзодҳо? Гӯшҳои саг сих шуданд, ӯ аз ҷой бархосту ба нади бачаҳояш рафт ва ба тарафи Забир аккос зад.

- Маро нашинохтӣ ҷӯра? О, аз хурдӣ бо доруву дармони ман бузург шудӣ, ҳоло ин бегонагӣ чаро?

Забир табиби хуб аст, ҳайвонҳои кӯча ӯро мешиносанд, ӯ модаговҳоро доягӣ мекунад, сагу гурбаҳоро аз марг мераҳонад ва бисёр вақт барои хизматаш пул ҳам намегирад.

Ба касбаш эҳтиром дорад, бо айнаки гирду хилъати сафед, олимҳои давраи то инқилоби русро мемонад. Одамҳо механданд, ки Забир барои гову хар хилъати сафед мепӯшад.

Атан садои Забирро шинохту беҳолона дум ликонд ва ба ҷойи аввалааш баргашт. Духтур тӯлаҳои ӯро як-як муоина кард: тапиши қалбашонро шунид, гӯшу даҳонашонро дид, шикамҳояшонро ламс кард, айни духтури одамҳо. Сипас, “ҷӯра акнун навбати ту”, - гуфта, Атанро ба замин хобонд. Тамоми аъзои баданаро чек кард, барои озмоиш хун гирифт ва ба танаш ду омпул зад.

Забир хулосаи муоинаи тӯлониашро дар рӯи ҳавлӣ эълон

кард. Ӯ гуфт, ки тӯлаҳои саг мисли алмоси суфта тозаву беолоишанд, аммо худи саг фарсудагии ҷисмониву равонӣ дорад ва шояд хунаш уфунат гирифтааст. Табиб гуфт, ки ҷавоби ташхиси хунро фардо меорад ва равиши табобатро муайян мекунад. Ӯ аз ҷузвдонаш шишаеро бароварду ба зан дароз кард ва гуфт, ки сагро бо оби гарм шустушӯ диҳад ва аз ин дору ба танаш бимолад:

- Кӣ медонад ин бечора дар кӯчаҳо мехобид, ҳатман кайку кана дар пӯсташ хона кардаанд.

Зан ба ҳамон тағораи калоне, ки Атан доим дар он оббозӣ мекард, чанд сатил оби гарм рехт ва як шиша шампунро дар дохилаш холӣ кард. Кафк аз тағора ба замин рехт ва бӯи хуше ҳавлиро фаро гирифт. Атанро бо эҳтиёт аз таҳхона берун оварданд, бечора мутеона ба об даромад. Зан лифу шонаи майдадандон овард, то пӯсташро аз кайку кана тоза кунад. Мехост сагро зудтар бишӯяду пашми зардашро бубинад. Аммо ҳеҷ интизор надошт, ки ин раванд барои ҳарду дарднок мешавад. Бадани сагро лиф зад, аммо баробари ба пӯсташ расидани дандонҳои шона Атан нолиш кард ва аз тағора хест. Зан шонаро берун кашиду зери пӯсти сагро ламс кард. Захми амиқро дид, ки шояд асари корд ё оҳани тез буд. Ҷароҳат тоза набуд, эҳтимол дар рӯзҳои аввали оворагардиаш ба ӯ ҳамла карданд.

- Бишканад дасти касе, ки туро захмӣ кард. Худо рӯзи туро ба сари ӯ биёрад. - зан мегуфту мегуфт ва сагашро навозиш мекарду ашк мерехт.

-Апаҷон, ин захмҳо шифо меъбанд, биёед сагро якҷо мешӯем, баъд ман худам ба танаш малҳам мемолам.

Хоҳарон фарсудагии ҷисмонии сагро замоне мушоҳида карданд, ки кафк шӯста шуд ва пашми зарди Атан ба танаш часпид. Он қадар лоғар буд, ки дандаҳояшро ба осонӣ мешуд ҳисоб кард.

Саг баъди оббозӣ каме ба худ омад, ҳатто ду се порча гӯшт хурд. Зан таҳхонаро тоза карду дар замин палосу

кӯрпаи тоза партофт. Саг шабро дар канори фарзандонаш рӯз кард, зан дамидани субҳро бесаброна интизор буд, то аз онҳо хабар бигирад.

Саҳар дари таххонаро боз карду манзараи аҷиберо дид, Атан ба пушт хобида буд ва бачаҳояш ӯро савор шуда, пистонҳояшро мемакиданд. Лабҳояшон широлуд буд. Зан хурсанд шуд, ки ба синаҳои саг шир омад. Дар курсӣ нишасту онҳоро тамошо кард ва аз дилаш гузашт, ки бо вуҷуди ин ҳама заҷр Атан аз ӯ дида хушбахттар аст, чаҳор бачаи кучулу зоидааст.

Забир бегоҳ аз бемораш хабар гирифт. Ӯ гуфт, ки ташхиси хун уфунатро нишон дод ва саг бояд даҳ рӯз антибиотик бигирад.

- Медонам барои омпулзаниам маро дӯст намедорӣ, аммо ҷӯра тоқат кун, дармонат ҳамин аст. Худо хоҳад, то ҳафтаи дигар давида мегардӣ. Пешгӯии духтур занро шод кард

- Ростӣ, фаромӯш кардам бигӯям, ки тӯлаҳои Атан аз нутфаи саги зотӣ, мумкин зоти худаш ё аз он болотар, ба дунё омаданд. Ҳаво хунук мешавад, онҳоро то фарорасии зимистон тақсим кунед ё барои нигаҳдорӣ ҷой омода кунед, инҳо зуд калон мешаванд.

Зан то ҳол дар ин бора фикр накарда буд, магар дилаш мешавад, ки ӯро аз бачаҳояш ҷудо кунад?

- Ҷудоӣ бо фарзандонашро таҳаммул мекарда бошад?

- Сарнавишти ҳайвонҳо ҳамин аст, хоҳар онҳо хотираи тӯлонӣ надоранд, одат мекунанд. Агар шумо мухолиф набошед, ман яке аз инҳоро мехарам. Як саг доштем, соли гузашта аз пирӣ даргузашт. 15 сол бо мо буд, мисли узви хонавода. Бачаҳо хоҳиш доранд, ки саг бигирем ва то ҳол саги хости дили худро намеёфтам.

- Аз сина ҷудо шавад, баъд, акаи Забир, сагро намефурӯшам, дар ивази табобати модараш ба шумо тухфа мекунам. Бачаҳои Атан зуд бузург мешуданд, ангор, соат ба соат бузург мешуданд. Зан кучукҳоро ба офтоб мебаровард то

дар таҳхона нам накашанд. Онҳо дар рӯи ҳавли мисли туб ғел мезаданд. Зани ҳамсоя, ки дар сахттарин рӯзҳои зан дасташро гирифта буд, талабгори яке аз тӯлаҳо шуд.

- Бачаҳо девонаам карданд, он сагчаҳоро аз сари девор диданд, пофишорӣ доранд, ки якешро бигирем. Шояд якеашро ба мо мефурӯшед? Зан хиҷолатомез лабханд зад.

- Ман ба шумо бидеҳкорам апа, магар метавонам не бигӯям? Хоҳед ҳамаашонро бигиред.

- Ҳамсояи рӯ ба рӯ ҳам хостгори бачаи Атан аст. Хуб мешавад, якеашро ба онҳо бидиҳед, ҳам бори шумо сабук мешавад ва ҳам бачаҳои Атан дар пеши назари модарашон бузург мешаванд.

- Охиринашро ба ноҳия мефиристем, бигзор дар хонаи худамон калон шавад, чӣ гуфтед апа? Хоҳараш аз рӯзи аввал мегуфт, ки як бачаи Атан бояд дар хонаи падариашон калон шавад.

Атан аз ин барномаҳо хабар надошт, ӯ бачаҳояшро мелесид, мемаконд ва бо онҳо бозӣ мекард. Бачаҳояш мисли чаҳор болиштаки махмалин буданд, Атанро саворӣ мекарданд, гӯшҳояҳро мегазиданд, намегузоштанд, ки мижа ба ҳам бигзорад. Зан ин саҳнаҳоро мебинаду аз пешомади ногувори сагаш дилаш фишурда мешавад.

- Ба даҳон гуфтан осон аст, ман ин бечораи ҷабрдидаро чӣ тавр аз ҷигарбандҳояш ҷудо кунам? -мегуфт ӯ ба хоҳараш.

Маслиҳат карданд, ки бачаи ҳамсоя ва бачаи Забир ҳар кадоме бо навбат биёянд ва бо сагҳо бозӣ кунанд, то чашми Атан ба дидани онҳо одат кунад

Атан оҳиста ба зиндагӣ бармегашт, аммо Атани пешина набуд, чизе дар ӯ дигар шуда буд, ангор милаи зиндагиаш шикаста буд. Гоҳо дар чашмони ӯ ҳузни беандозае бурӯз мекард, ки зан намунаашро дар ягон чашм надида буд. Аз сари Атан чӣ гузашт, худаш медонаду Худо, аммо эҳсос мешуд, ки дар қалби як замон пур аз шодиву нишоташ халои бузурге пайдо шудааст. Шояд ин паёмади заҷрҳои кашидааш

буд, ё дилаш барои он саги хушзот танг шудаст, ки дар тӯли саргардониҳояш бо ӯ ошиқу ҳамхоба шуд?

Атан аз бозии бачаи ҳамсоя бо тӯлаҳояш ҳаловат мебурд, чашмонашро мепӯшиду бехобиҳои шабҳои гузаштаашро ҷуброн мекард. Писари ҳамсояро мешинохт, аммо рӯзҳои аввал бачаи Забирро ба тӯлаҳояш наздик шудан намемонд, ба тарафаш мeғуррид. Зан ҳамон сагчаеро, ки бача интихоб карда буд ба дасташ дод.

- Атан ин бачаи акаи Забир аст, ҳамон марди хилъатсафед, ки туро аз мурдан наҷот дод. Мебинӣ, ӯ ба тӯлаи ту осеб намерасонад, дӯсташ медорад. Саг норозиёна ба ҷойи пешинааш бармегардад, аммо аз бачаи Забир чашм намеканад. Бачаҳо ду ҳафта омаданду рафтанд, Атан ва тӯлаҳояш ба онҳо одат карданд.

Шаби аввал, ки бачаҳо бо сагҳои худ ба хонаҳояшон баргаштанд, Атан маҳшар андохт. Садои ак-аки бачаашро аз хонаи ҳамсоя мешуниду сарашро ба девор мезад, то рӯз девонагӣ кард ва оқибат дар пояи девор хобаш бурд. Хонаи Забирро намедонист, вагарна зузакашон ба кӯчаи ӯ ҳам мерафт. Рӯзи дигар бачаҳо сагҳояшонро оварданд. Вой, Атан чӣ шодие дошт! Онҳоро мелесиду мелесид, сер намешуд ва намегузошт як қадам аз бараш дур шаванд. Аммо сагҳо ба тарафи бачаҳо медавиданд, ба сару пушти онҳо мебаромаданд ва шӯхиву бозӣ мекарданд. Бачаҳояш бегоҳ ба хонаҳои худ баргаштанд. Атан аз ғусса нолиш кард, аммо мисли шаби гузашта сар ба девор назад.

Талабгори тӯлаи сеюм, ҷавони ҳамсоя буд, шавҳари ҳамон арӯсе, ки саҳар кӯчаро об мезаду дасташ дар чоки амиқи гиребонаш, ҷорӯб мекашид.

-Арӯс дар хонаи худашон саг доштаст, ҳоло пофишорӣ дорад, ки барояш саг бигирем, аз ҳамсоя шунидем, ки саги шумо зоидаст, шояд якеашро ба мо фурӯшед?

Зан беихтиёр рӯзеро ба ёд овард, ки ҳамсараш кучуки якҳафтаинаро ба хона овард ва гуфт, инро бубин мисли бачаи

одам ширин аст.

- Дуо мекунам, ки бо пою қадами ин тӯла ҳамсарат зудтар бача ба дунё биёрад. -гуфт ӯ ва ба ҷавон рӯ овард.

- Агар арӯси шумо ин сагро хоста бошад, онро ҳамчун туҳфаи туёна қабул кунед. Аммо ман як шарт дорам, сагро ҳар рӯз барои се-чор соат бигиред ва баъд баргардонд. Намехоҳам модараш зарбаи равонӣ бубинад. Бигзор, ба ин ҷудоӣ оҳиста одат кунад.

- Ҳар чӣ шумо бигӯед.

- Саломи маро ба арӯси нозанин расонед, хушбахт шавед ва то охири умр якҷо бошед.

Ҷавон даст ба синааш гузошту ташаккур гуфт ва нимтаъзим кард. Ӯ бо чашмони пур аз ишқ ва чеҳраи аз хушбахтӣ нурафшон замони домодии ҳамсарашро ба ёди зан овард. Чӣ замоне буд!

Рафтуомади бачаҳои Атан ба ин се хона як моҳ давом кард ва ниҳоят тӯлаҳо батамом ба хонаҳои худ рафтанд. Атан бетоб шуд, бо бачаи охиринаш соатҳо дар таги девори ҳамсоя мехобид, қад қади девор медавид, ҳаллос мезад. Садои хандаву бозии кӯдакон ва ав-ви тифлонаи фарзандаш ӯро ранҷур мекард. Зан аз бачаи ҳамсоя хост, ки сагро барои як ду соат ба назди модараш биёрад. Модару писар хеле бозӣ карданд. Аммо вақте бачаи ҳамсоя “Рекс, рафтем хона гуфт” саг лаҳзае истоду ба модараш нигоҳ кард ва баъд аз думболи соҳибаш рафт. Атан дар замин дароз кашид, фукашро рӯи дастонаш гузошт ва дуру дароз аз паси бачааш нигоҳ кард. Саг ба ин воқеият, ки бачаҳояш ӯро кам-кам аз ёд мебаранд, ба сахтӣ одат мекард. Ӯ акнун тӯлаи охиринашро сар намедиҳад, агар як лаҳза ӯро набинад ҳаросон мешавад. Бачаи шӯхаш гоҳ дар таҳхона пинҳон мешавад, гоҳ дар ошхона. Атан бачаашро меёбаду соатҳо мелесад навозиш мекунад. Зан ба хоҳараш гуфт, то саг яксола нашавад онро ба ноҳия намефиристанд.

Тӯлаи Атан аз паси арӯси хонаи рӯ ба рӯ чун дум овезон

аст, саҳари барвақт ҳамроҳи ӯ ба кӯча мебарояд, духтар кӯчаро ҷорӯб мезанад, саг дар гирдаш парвона мешавад, аз шерозаи эзораш мекашад, ҷорӯбашро мехояд, дар пеши пояш ғел мезанад ва ӯро роҳ рафтан намемонад. Духтар сагро ба даст мегираду навозиш мекунад, бо ӯ ҳарф мезанад, баъд корашро тамом мекунад ва ҳарду дав-давон ба хона медароянд. Атан баробари кушода шудани дарвозаи рӯ ба рӯ ба назди дар меояд, худро ба замин мепартояд ва бозиҳои бачаашро аз роғи дар тамошо мекунад. Ӯ саҳарҳоро барои тамошои бозии бачааш дӯст медорад.

Зиндагии зан тадриҷан ба маҷрои оромтар ҳаракат кард. Дасташ дар куртадӯзӣ онҷунон рост шуд, ки тарҳҳои нав мекашид ва пероҳанҳои зеботар медӯхт. Муштариёнаш рӯз то рӯз бештар мешуданд. Бо хоҳараш машварат карданд, ки каме пул ҷамъ мекунад ва коргоҳ мекушояд, ду-се коргари дигарро ба кор мегиранд. Ин барномаҳо ӯро ба ояндааш хушбин мекарданд.

Рӯзе ҳамсараш омад, аз остонаи дар хоҳарзанашро садо кард, ҷуръат накард, ба ҳавлӣ дарояд. Духтар дар бораи ёфт шудани Атан, модар шуданаш, захмҳои баданаш ва тӯлаҳои зотияш ба мард қисса кард. Мард хурсанд шуд, гуфт метавонад Атанро бубинад? Хоҳаршӯяш ба аломати инкор сар ҷунбонд.

- Он чӣ аз сари Атан гузашт, ҳамшираамро таҳти таъсир қарор додаст. Ӯ бештар аз шумо домангир аст, ки сагашро базӯр бурдеду ба бало гирифтор кардед.

Мард забханд зад ва ин лабханд бо чашмони маъюсаш дар таноқуз буд. Аз он лабхандҳое буд, ки ғайриихтиёр пайдо мешаванд, ё вақте инсон барои тавҷеҳи гуноҳи худ ҳарфе надорад.

-Апаат дар бораи ман чӣ мегӯяд? -пурсид ӯ ногаҳон.

-Мехоҳед чӣ бигӯяд? Зиндагиашро хароб кардед, ба болояш зан гирифтед, ӯро дар нимароҳ гузоштед, сагашро ба ин ҳол овардед.

- Худам ҳам раҳгум задаам, ба ҳар роҳе равам, пойҳоям маро ба ин ҷо мекашонанд. Фикр мекунӣ, ки дер шудааст? Роҳе барои баргашт надорам?

- Язна, маро ба масоили зиндагии хусусиатон дахил накунед, дар ин қазия, агар рӯзе тараф шавам, мутмаин бошед, ки дар тарафи шумо нестам.

Мард ба чашмони хоҳарзанаш дуру дароз нигоҳ кард. Духтар бо ишораи чашм пурсид, ки чаро нигоҳ мекунӣ? Мард ишораро надид, фикраш дар ким-куҷои дигар буд. Ниҳоят ба худ омаду аз духтар хост, ки халтаҳои хӯроквориро аз мошин бардорад.

-Беҳуда пул сарф накунед, язна, ҳамшираам ба ғизоҳои овардаи шумо даст намезанад ва онҳоро мепартояд, беҳтараш ба хона бубаред.

-Бошад.

Мард бо сари хам аз хона дур шуд. Хоҳаршӯяш бори аввал мушоҳида кард, ки шонаҳои ӯ хам задаанд.

Тирамоҳ бо нафаси сарди бодҳо ва рақси баргҳои хазон дар гирди дарахтҳои урён фаро мерасид. Зан ду ҳафта боз танҳо аст, хоҳараш барои иштирок дар тӯйи дугонааш ба ноҳия рафт, занг зад, ки ҳафтаи дигар бармегардад. Ӯ бачаи Атанро бо худ бурд. Саг аз рӯзи рафтани охирин бачааш бетобӣ дорад. Ӯ дигар худро ба дару девор намезанад, хаста шудаст, мисли одамҳое, ки аз зарбаҳои пай дар пайи зиндагӣ хаста мешаванд ва дигар ангезае барои муқовимат надоранд.

Зан сагро ба хонаи хоби худаш бурд, Атан акнун чун солҳои пеш дар поёни тахти хоби соҳибаш мехобад. Баъзе шабҳо бо дард нолиш мекунад, шояд дилаш барои бачаҳояш танг мешавад. Зан аз тахт поён мешавад ва дар паҳлуи ӯ дароз мекашад.

- Биё ҷонам, биё канорат бигирам. Медонам, ки дилат лах-лах шудааст. Касе туро беҳтар аз ман дарк накунад. Имсол соли мову ту набудаст, азизам. Мо ҳарду шикастему рехтем, азизони худро гум кардем. Онҳо дар ҳамин атрофанд,

аммо дигар аз мо нестанд. Мо бояд бо ин дардҳо одат кунем, бо ин дардҳо зиндагӣ кунем, он гоҳ ин дардҳо моро азият намекунанд. Маро мефаҳмӣ азизам?

Саг ба соҳибаш ҷафс мешавад, зан сари ӯро сила мекунад, барояш лолой мехонад ва бехабар мемонад, чӣ тавр хобашон бурдаст. Саҳаргоҳон сагро дар пойи кат хоб намеёбад. Атан субҳи барвақт ба назди дар меравад, то бозии бачаашро бо арӯси хонаи рӯ ба рӯ тамошо кунад.

Як рӯз домулло дари хонаи занро кӯфт, ҳамон домуллои таҳсилдидаи хушлибосе, ки хабари издивоҷи ҳамсарашро бо ҳадису қиссаҳои мазҳабӣ дар гӯшаш хонд. Домулло танҳо набуд, як марди ношинос бо ӯ буд.

Атан ба думболи соҳибаш омада домуллоро диду ба сӯяш аккос зад, аммо зан "Атан хона даро!"- гуфта, сагро аз назди дар дур кард.

Зан боодобона ба ҳарду салом дод.

- Салом хоҳар, хуб ҳастӣ? -пурсид домулло.

- Худоро шукр, хубам.

- Ин одам вакили кӯчаи шумо аст, мо ҳарду барои як кори хайр омадем, вале намедонам худат чӣ хел қабул мекунӣ.

Зан аз ташрифҳои домулло хотираи хубе надошт, бинобар ин, бо шунидани ибораи "кори хайр" нигарон шуд.

- Иҷозат медиҳӣ ба хонаат ворид шавем? Масъала ҷиддӣ аст ва онро ба саросемагӣ дар кӯча намешавад ҳал кард.

Азбас ҳаво сард буд зан онҳоро ба меҳмонхона даъват кард, аммо домулло гуфт, дар рӯи кат мешинанд. Зан кӯрпачаву болишт баровард ва дастархон боз кард. Домулло мисли дафъаи гузашта аз чой даст накашид. Интизор шуд, ки зан ороиши дастархонро ба анҷом расонад. Чойники чойро пеш кашид ва аввал ба ҳамроҳаш ва сипас ба худаш чой рехт.

- Хоҳар, ёдат ҳаст гуфта будам, ки агар як дар ба рӯи банда баста шавад, Худованд дарҳои дигарро як дарро ба рӯяш боз мекунад. Фикри "ин муллои таҳсилкардаи

ҳошиярав барои хостгорӣ омадаст чӣ бало?” чун барқ аз зеҳни зан гузашт.

- Бори охир, ки дидамат ҳолат хуб набуд, хеле нороҳат шудам. Борҳо он гуфтугӯро пеши назар овардам ва худамро накӯҳиш кардам, ки чаро вориди ин қазия шудам. Хуб, гузаштаҳо гузаштанд, ҳоло бояд ба оянда нигоҳ кард.

Ӯ суханашро дар ин ҷо қатъ кард ва рӯ ба ҳамроҳаш овард.

- Муаллим, қазияро шумо бигӯед, беҳтар аст, зеро маълумоти шумо дар ин бора комилтар аст.

Вакил як марди тақрибан 65-солаи лоғарандом буд ва чашмони меҳрубон дошт. Ӯ чояшро нӯшиду ба манзури «дигар чой наменӯшам» пиёларо дар лаби дастархон чаппа кард.

-Мавзӯъ бисёр зариф аст, хоҳар, агар шумо пешниҳодро қабул накунед ҳам мо намеранҷем. -шурӯъ кард вакил.

Зан бетоқат шуд. Мехост дод занад, ки “ба сари мақсад биёед, куштед маро аз нигаронӣ”, аммо дандон ба ҷигар заду таҳаммул кард.

- Ман аз ноҳияи Варзобам, бо хонаводаам дар кӯчаи шумо зиндагӣ мекунем, аммо тамоми хешу таборам дар он ноҳияанд. Дар ҳамсоягии хоҳари ман як оилаи бисёр хуб зиндагӣ мекард, онҳо панҷ фарзанд доштанд, одамони камбизоат буданд. Аз қазо як ҳафта пеш зану шавҳар ҳарду дар як садама ҷон доданд. Бачаҳо бесоҳиб монаданд, кӯдакони калонтарро хешони дурашон зери пар карданд, аммо кӯдаки се моҳаро касе ба гардан нагирифт. Диламон нашуд ба сағирахона супорем. Домулло дар бораи сарнавишти шумо нақл карданд, гуфтем, агар хоҳед ҳамон бачаро ба фарзандӣ бигиред. Санаду коғазбозиашро ман худам дуруст мекунам...

Зан карахт шуд, хаёл кард, ки аз шодӣ ғаш мекунад. Мехост чизе бигӯяд, аммо ҳарфе аз даҳонаш набаромад. Ӯ аз ҷой баланд шуду беихтиёр дасти вакилро бӯсид ва домани

гиряро сар дод. Меҳмонҳо аз вокуниши зан дар тааҷҷуб шуданд. Домулло пиёлаи чояшро ба зан дароз кард. Чойро нӯшиду оромтар шуд.

-Ба ҷону дил мегирамаш, мисли гул нигоҳубинаш мекунам, ҷонамро дар ҷонаш мемонам, кай равем ба диданаш? Мешавад ҳозир равем?

- Як шаби дигар тоқат кун, хоҳар, фардо вакил бо ҳамсараш ба ноҳия мераванд ва кӯдакро меоранд. Кори савоб мекунӣ, ҳам барои он тифлак хуб мешавад ва ҳам барои худат.

Зан сарашро бо аломати ризо такон дод, ончунон хушбахт буд, ончунон пур аз шодӣ буд, ки дар тирамоҳи хазонрез дар дилаш баҳор мешукуфт.

Меҳмонҳо барои зан ва барои он тифлак дуо нек карданд, омин гуфтанд ва бо азми рафтан аз ҷой баланд шуданд. Зан кафши онҳоро пеши пояшон гузошт. Вакил пеш аз рафтан рӯ ба зан овард.

- Напурсидӣ кӯдак духтар аст ё писар.

- Ака, он қадар ба нохуни кӯдак зор шудам, ки дигар ҷинсаш бароям фарқ надорад, Худо ба ман ҳар киро дод, беадад шукр мегӯям.

-Тифлак духтар аст, ҳамроҳу дастёрат мешавад, иншоаллоҳ.

Меҳмонҳо рафтанд, зан мехост дастархонро ҷамъ кунад, аммо аз ҳаяҷон дасташ пеши кор намерафт.

Ин ҳама сол фикр мекард, ки кӯдакро барои ҳамсараш мехоҳад, то ки ӯро дар назди дӯсту душман сарбаланд кунад, бехабар аз ин ки худаш ташнаи фарзанд будааст.

“Кори Худоро бин, ман ин ҳама сол тапидаму аз ғусса пар-пар шудам, аз даргоҳаш фарзанд гадоӣ кардам, аммо Худо бо ман муомила кард, якеро аз ман гирифту дигареро дод. Ман аз қазову қадари илоҳӣ сар дар намеорам, вагарна чӣ мушкил дошт, агар ин духтарро ҳамон солҳои аввал ба шиками ман меандохт, ҳоло ҳамсарам дар барам мебуд, сагам

низ аз оташи дӯзах намегузашт".

-Атан, Кучҷоӣ? Чаро садоят намебарояд? - зан ба ёд овард, ки сагро ба тундӣ аз назди меҳмонҳо ронда буд.

Саг аз ҷояш наҷумбид, аз соҳибаш ранҷида буд. Зан ҳеҷ гоҳ ба ӯ тунд намегуфт.

- Атан, қаҳр кардӣ аз ман? Биё ноз накун, агар медонистӣ чӣ ҳодиса шуд!

Саг ҷумбон-ҷумбон аз зери дарахти себ баланд шуд ва ба назди соҳибаш омад.

- Биё бағалат кунам, ки аз баракати богашти ту бахти ман ҳам кушода шуд. Дар ғамхонаи ман фардо овози кӯдак садо медиҳад, ин кӯдак фарзанди ман аст ва ман модари ӯ. Шабҳо духтарамро бағал мекунам ва барояш алла мехонам, барояш курта медӯзам мӯйҳояшро шона мезанам, по ба пояш меравам ва ба ӯ роҳгардӣ меомӯзам. Духтарамро сари даст мекунам ва ба маъракаҳо меравам, дигар хиҷолат намекашам, бо сари баланд мегардам, ин фаришатаи осмонӣ сари маро ба осмон мерасонад. Боз хаёл накунӣ, ки духтардор шудам, туро паспартов мекунем, ҳаргиз! Ту барои ман азизӣ, ба ҳамон андозае ки духтарам азиз аст.

Саг дасту гардани соҳибашро бӯ кашид, ин бӯйро аз байни садҳо бӯи дигар фарқ мекунад, зеро бо ин бӯй бузург шудааст. Ҳаяҷони соҳибаш ба саг низ таъсир кард, ҳаллос заду худро ба пушт партофт, ғелиду аккоси хушбахтӣ сар дод. Ӯ моҳҳо боз соҳибашро чунин ҳаяҷониву хушбахт надида буд.

Занро шаб аз бетоқатӣ хоб набурд.

Қаламу коғаз гирифт ва феҳрасти ҷиҳози зарурии кӯдакро омода кард. Рӯйхат хеле тӯлонӣ шуд: гаҳвора, коляска, пӯшак, либос, шири хушк пистонак... Ин ҳама ҷиҳозро ӯ ба танҳоӣ ба хона оварда наметавонад. Ба хоҳараш «смс» зад, ки фардо баргардад. Баъд аз сандуқ матоҳои гаронбаҳои пахтагину абрешиминро берун овард ва сари мошини хайётӣ нишаст. Ӯ барои духтари орзуҳояш пероҳан

медӯхт. Ҳар пероҳанро бо тугмаву муҳраҳои дурахшон оро медод ва бо риштаҳои заррин гулдузӣ мекард. Лабханд мезаду зери лаб тарона мехонд ва дилаш дар интизори фардо гум мезад. Саг аз соҳибаш дур намешуд, чеҳраи шоди ӯ ба саг оромишу ҳаловат мебахшид. Хоб аз дидаи ҳарду парида буд. Кош зудтар субҳ медамид!

Хоҳараш қарибиҳои зуҳр расид. Дар обу арақ ғутида буд ва гуфт, ки аз «смс»-и ҳамшираaш нигарон шуда, соати чаҳори саҳар ба роҳ баромад.

-Аз чеҳраи шумо нур мeборад, чӣ ҳодиса шуд? Зудтар бигӯед, ки аз кунҷковӣ метаркам.

Зан ҳодисаро ба хоҳараш ончунон ширин ва тӯлонӣ қисса кард, ки ангор афсонаи ҳазору як шабро мегуфт:

- Боварам намеояд, ки имрӯз духтарамро бағал мекунам.

- Ҳамшира, ман аз шумо як маъзарат бидеҳкорам. - гуфт духтар ва хомӯш шуд.

-Чӣ шудаст? -нигарон шуд зан.

-Тоқат накардам, рафтани шавҳаратро ба модарам гуфтам. Ҳамин саҳар гуфтам, пеш аз роҳӣ шудани мусофирбар. Хеле гиря кард, духтари бадбахтам гуфт, мумкин ҳамин рӯзҳо биёяд, гуфтам хабар кунам, ки омода бошӣ.

….

- Аз ман асабонӣ нестӣ?

- На, иттифоқан кори хубе кардӣ. Биёяд, қадамҳояш болои чашм, набераашро мебинад, мебинад, ки ман хубам, осуда мешавад. Либосатро иваз кун ва як дасте ба ҳуҷраҳо бизан, дар меҳмонхона дастархон боз мекунем, барои ин меҳмонҳо худам оши палов мепазам.

Хоҳарон то зуҳр аз кор фориғ шуданд ва дар интизори меҳмонҳо ҳар лаҳза ба соат нигоҳ мекарданд. Зан шӯре ба дилаш дошт, ки бо тӯл кашидани вақт авҷ мегирифт ва ӯро ба сад кӯчаи сарбастаи шубҳаву гумон мебурд: “Шояд кадоме аз хешон розӣ шудаст кӯдакро ба фарзандӣ қабул кунад ва

акнун ӯро ба ман намедиҳанд? Шояд вакил натавонист санад бигирад ва мақомот гуфтанд, ки кӯдакро ба он зан додан хилофи қонун аст? Ё кӯдак мариз шуду ба бемористон афтид?». Зан худашро сарзаниш мекард, ки чаро рақами телефони домуллоро ё вакилро нагирифт.

Зуҳр ҳам гузашту баъди зуҳр ҳам, аз кӯдак хабаре нашуд, дилаш тоқат накард, ба хонаи ҳамсоя рафт, то адреси вакил ё домуллоро бигирад. Ҳамсоя аз таҳаввулоти ахир шод шуд, ҳатто аз шодӣ ашк рехт. Зан нишонии вакилро гирифт, ҳамсоя хонаи домуллоро намедонист. Манзили вакил дар охири кӯча будаст, дарро духтараки зебое боз кард, ки зоҳиран духтари вакил буд,  мисли чашмҳои падараш чашмони меҳрубон дошт. Духтарак гуфт, ки волидонаш бо ду меҳмони дигар ба ноҳияи Варзоб рафтанд ва то ҳол барнагаштанд.

- Ҳамин соатҳо меоянд, шаб намемонанд, як меҳмони раҳдурӣ дорем, бояд ба шаҳр баргардад, мардуми деҳаро медонед, меҳмонро ба осонӣ раҳо намекунанд. Зан осуда шуда, ба хона баргашт, шарм дошт рақами телефон бигирад.

Ҳарду хоҳар дар интизори омадани меҳмонон рӯи кати ҳаавлӣ нишастанд, гӯш ба овози дар буданд. Зан ҳар лаҳза аз хоҳараш мепурсид, ки "соат чанд аст?".

Соат ҳашт шуду кӯча торик. Хоҳар, ки то ин дам ҳамшираашро ба сабурӣ даъват мекард, худаш ҳам каме ноумед шуд. Саг дар поёни пойи онҳо нишаста буд ва ба монанди соҳибаш чашм аз дар намеканд. Ногоҳ гӯшҳояш сих шуданд ва аз ҷой бархосту ба сӯи дар давид, зан аз зону сар бардошт. Ин дам саг аккос зад ба ва ба думболаш занги дар баланд шуд.

Аз ҳама аввал зани вакил тифл дар бағал "бисмиллоҳу раҳмону раҳим" гуфту аз дар даромад. Дили зан аз синааш лағжид, чашмаш танҳо ҳамон парпечи бағали зани вакилро медид, дигар касе дар назараш наметофт. Зан аз шодӣ шок шуд.

Меҳмонҳоро хоҳараш ба хона даъват кард ва дар гирди

мизи пур аз нозу неъмат нишонд.

Чаҳор нафар буданд, домулло, вакил, ҳамсари вакил ва як марди малламӯйи 30-35-сола, ки зоҳиран тоҷик набуд. Домулло бо хилъату саллаи қаҳваӣ ва болопӯши ҳарири сиёҳ ба қаҳрамонҳои филми «Симбоди дарёгард» монанд буд.

- Духтаратро ба даст намегирӣ? - гуфт зани вакил бо лабханд.

Зан бечуръатона кӯдакро аз бағали ӯ бардошт ва беихтиёр ба синааш пахш кард, гӯё ҷаҳонеро ба оғӯш гирифт, вуҷудаш аз эҳсоси ширин ва беназир пур шуд. Кӯдакро ба лабонаш наздик овард ва бӯй кашиду чашмонашро пӯшид, ягон атр ба бӯи ин кӯдак баробар намешуд.

Ҷавони малламӯй аз ҷувздонаш дастгоҳи аккосиашро баровард ва аз чанд зовия акс бардошт. Зан кӯдакро мебӯсиду мебӯсид, шарм аз рӯяш парида буд, ҳузури касеро эҳсос намекард

- Чаро дер кардӣ, азизам, медони чӣ қадар мунтазират будам? Медонӣ солҳо хоби туро медидам, дар рӯъёҳоям бароят лолоӣ мехондам, ҷони ман хуш омадӣ, ба ғамхонаи ман сафо овардӣ.

Ин саҳна меҳмонҳоро мутаассир кард. Зани вакил ашки чашмашро бо нӯги рӯймолаш пок мекард. Вакил ва домуло сарашонро хам карданд, то чашмони нами онҳоро дигарон набинанд. Ҷавони малламӯй ҳамоно акс мебардошт.

Атан ин саҳнаро аз остонаи дар тамошо мекард, аз парпечи дасти соҳибаш чашм намеканд, ҳайрон буд. Ин дам чашми меҳмони малламӯй ба Атан афтод.

-Вау, ин саги Доберман моли шумост? - хитоб кард ӯ ба забонии тоҷикии лаҳҷадор.

Зан ба сагаш нигарист, ӯ номи зоти Атанро бори аввал мешунид.

-Бале ин саги ман аст, худам бузургаш кардам, биё Атан, биё хоҳаратро бубин.

Атан аз ҷой наҷумбид, забонаш аз даҳонаш берун буд ва

зуд-зуд нафас мегирифт.

- Биё натарс, биё ҷонам, ҳасудӣ накун, ҷойи ту ҳамеша дар дили ман аст, ҷонам, биё.

Атан бо дили нохоҳам пеш омад, парпечро бӯй кашиду дасти соҳибашро лесид ва боз ба остонаи дар баргашт. Меҳмонҳо хандиданд.

- Метавонам бо саги шумо акс бигирам? - пурсид марди малламӯй

- Ҳоло не, бигзор чашмаш каме бо шумо одат кунад, Атан саги меҳрубон аст, аммо бо бегонаҳо ба сахтӣ хӯ мегирад. - гуфт зан.

Хоҳари зан бо табақ ба хона ворид шуд ва ҳамаро ба ошхӯрӣ даъват кард. Меҳмони лаҳҷадор аз ош ҳам якчанд акс бардошт.

- Ин ҷавон бародарзодаи ман аст, Ҷон ном дорад ва аз Утриш меҳмонӣ омадаст. Нороҳат нашавед, қасди баде надорад, аз сарнавишти кӯдак хабар дошт, чун шунид ӯро пеши модараш мебарем, “ман ҳам меравам”, - гуфта, пофишорӣ кард. Диламон нашуд хоҳишашро рад кунем.

Меҳмонҳо ошро хӯрданду омин карданд. Зан мехост зудтар бираванд, то бо кӯдак танҳо монад. Вакил санади таваллуди кӯдакро ба зан дод ва гуфт, ки ба идораи Сабти номҳо биравад ва барои кӯдакаш шаҳодатнома бигирад.

- Ин дигар духтари шумо аст, дар шаҳодатнома низ исми шумо навишта мешавад. Зан санадро бӯсиду ба синааш зер кард ва рӯ ба домулло овард.

- Қиссаи як дари баста ва сад дари бозро ёд дорам, ака, ман аз шумо то қиёмат миннатдорам.

Домулло даст ба дуо бардошт: “Худованд ҳардуи шуморо дар паноҳаш нигаҳ дорад, ман дар намозҳоям барои шумо дуо мекунам”- гуфт.

Зан ба меҳмонҳои дигар рӯ овард ва дар ҳоле, ки ашк гулӯгираш мекард гуфт:

- Ман ин тифлро аз Худо талабида будам. Худо ӯро ба

дасти шумо фиристод ва аз ҳамаи шумо миннатдорам. Ӯро аз ҷонам бештар дӯст медорам ва бузургтар шуд, бо хоҳарону бародаронаш шинос мекунам. Мехоҳам бидонад, ки решаҳояш дар куҷоанд.

Меҳмонҳо ба ҳавлӣ баромаданд, зани вакил ба хоҳарон фаҳмонд, ки ба кӯдак кай ва чӣ қадар шир диҳанд. Ҷон мехост бо Атан акс бардорад, аммо саги ҳама ҷо ҳозир худро куҷое пинҳон карда буд.

- Метавонам пагоҳ биёям? - хирагӣ мекард ҷавони лаҳҷадор, - аксҳоро ҳам меорам, шумо ҳам омода шавед бо кӯдак акс мегиред.

- Бошад, биёед, розӣ шуд зан.

Баробари пӯшида шудани дар хоҳарон парпечи кӯдакро боз карданд. Кӯдаки ширинрӯю зебое буд.

- Апаҷон, ин духтарак нусхаи шумо аст, чашмоша бинед, пӯсти сафедаш, мӯйҳои фир-фириаш, эҳитимол модараш зани зебо буд ё падараш марди хушандом. Бечора ба замин по нагузошта аввалин зарбаҳои зиндагӣ ба сараш зад.

- Ман ӯро бо ишқ бузург мекунам, ҳам падараш мешавам, ҳам модараш. Ҳоло хоҳӣ дид, чи духтаре мешавад!

Ду хоҳар кӯдакро мисли арӯсак то ними шаб шустанду даҳ хел либос пӯшонданд, ҷойи хоби нарм омода карданд ва шир доданду алла гуфтанд. Хеле кӯдаки ором буд, ширашро хурду зуд хобаш бурд. Зан бехоб шуда буд, мехост кӯдак ҳам хоб наравад, то ӯро тамошо кунад, чашмонашро, чеҳраашро, хандаашро.

Атан ними шаб пайдо шуд. Касе ба ӯ аҳаммият надод ва хоҳарон дар гирди он парпеч давуғеҷ доштанд. Саг ба хонаи хоб надаромада, дар долон дароз кашид ва фукашро рӯи дастонаш гузошта, маҳзунона ба фикр фурӯ рафт.

- Ба назарам Атан қаҳр кардаст, - гуфт хоҳараш вақте бори дуввум барои кӯдак шир гарм мекард,- дар долон дароз кашидааст, гуфтам биё, ҳатто сар набардошт.

- Шояд рашк мекунад, то ҳол тамоми муҳаббати ман

моли Атан буд, ҳоло ин муҳаббат бояд тақсим шавад ва ҳиссаи бузургтарро духтарам бигирад, чун мухтоҷтар аст.

Атанро дар долон хоб набурд, ӯ ними шаб ба хонаи хоби соҳибаш гузашт ва дар кунҷе ҳалқа зад.

Шаб кӯдак ором хобид, ҳатто боре ҳам бедор нашуд. Хонуми вакил гуфт, ки кӯдак соати шаши саҳар шир мехӯрад. Зан ширро пештар аз бедоршавии кӯдак омода карда, чашм аз рӯяш намеканд.

- Ту чӣ қадар нозӣ, чӣ қадар ширинӣ, ҷони ман, бедор шав чашмонатро бубинам, бедор шав, бо забони мурғҳо бо ман суҳбат кун, ҷони модар. Зан бо ангуштонаш абрувони кӯдакро шона мезад, рухсораҳояшро навозиш мекард ва аз ӯ чашм намеканд. Атан ҳам аз соҳибаш чашм намебардошт. Зан аз дирӯз бо ӯ ҳарфе назад, навозиш накард, саг маҳзуну афсурда буд.

Саг бо садои паст зуза кашид.

-Атан, наздик биё бо духтари ман шинос шав, ёдат ҳаст гуфта будам, ки исми духтарам бо номи ту ҳамқофия аст? Ту Атани духтари ман Суман. Бо ӯ меҳрубон бош, мисли хоҳар, рашк накун. Ман туро мисли ҷонам дӯст медорам, ту ҳам духтари маро дӯст дор, мисли ҷонат. Саг бо шикам хазида ба назди кӯдак омад, дастони кӯчаки тифл аз парпеч берун буданд. Ин дасти кӯчак шояд хотираи кӯдаконашро дар зеҳни Атан зинда кард, ки ӯ ангуштони кӯдакро буй кард ва сар ба болинаш гузошт. Ин дам кӯдак бо садои баланд гиряро сар дод ва Атан аз тарс ба берун гурехт.

Қарибиҳои зуҳр Ҷон омад, бародарзодаи вакил, бо худ як даста таҷҳизот овард. Либосҳои аҷибу ғарибе дошт, шими кӯтоҳи сафед, куртаи гулобӣ ва дар гарданаш як рӯймоли арабӣ. Зиёд хушандом набуд, аммо чеҳрааш ҳамеша механдид, ангор агар ғаму андуҳ ӯро бубинанд, роҳашонро дигар мекунанд.

Атан бо Ҷон зуд унс гирифт, гӯё ӯро солҳо медонист. Ҷон чатри сафеди бузургро боз кард, пояҳои дастгоҳи аккосиро ба

замин гузошт ва бо Атан дар ҳар шакл акс бардошт. Ӯ ҳамроҳи саг ғел зад, сагро пуштора кард, ҳамроҳаш ба замин дароз кашид ва сагро маҷбур мекард, ки ӯро бибӯсад, дастгоҳи аккосӣ худаш сурати онҳоро мегирифт.

Баъд ба зан гуфт, омодааст бо кӯдак як силсила акс бигирад?

- Намедонам, бояд либос иваз кунам, худро оро бидиҳам..

- Зарур нест, шумо бисёр зани зебо ҳастед, ороише даркор нест. Гунаҳои зан сурх шуданд, то ҳол ҳеҷ марде ба ҷуз ҳамсараш ҳусни ӯро ошкоро ситоиш накарда буд. Ӯ пироҳани зебо пӯшид гесувонашро шона зад, пероҳани беҳтаринро ба духтараш пӯшонд ва дар рӯ ба рӯи дурбин қарор гирифт. Ҷон даҳҳо акс бардошт, кӯдакро, модарашро, ҳардуро якҷо. Хоҳиш кард, ки зан дар бари кӯдак дароз кашад ва бо ӯ бозӣ кунад. Зан хаста шуд, гуфт, ки бас аст, бояд ба бозор раванд ва барои кӯдак гаҳвора бигиранд.

- Агар хоҳед ман ба шумо кумак мекунам, -гуфт Ҷон

- Кумаке лозим нест, ба мо мошин даркор.

- Мошин ҳаст, мошини амак, ба ман дод, то рафтанам

- Айб мешавад, беҳтараш мо аз пеши мағоза мошин киро мекунем.

- Айб нест, даҳ дақиқа сабр кунед, ман бармегардам.

Ҷон ҷиҳози аккосиашро партофту мисли бачаҳо дав-давон рафт.

- Апа, ба фикрам, Ҷон ба шумо ошиқ шудаст чӣ бало?- хандид хоҳараш.

- Ҷон? Ба ман? - зан аз ханда пуштак зад, - ин мардак мисли масхарабози сирк аст, агар рӯзе ба марде таваҷҷӯҳ кунам, Ҷон дар ин рӯйхат охирин хоҳад буд, яъне аз ночорӣ.

Ҷон зуд баргашт. Чеҳраи зардинааш аз саросемагӣ сурх шуда буд ва гуфт:

- Овардам мошин.

- Шояд ту бо Ҷон биравӣ, ман аз духтарам муроқибат

кунам,- гуфт зан ба хоҳараш.

- Не, апаҷон, Ҷон барои ту ин қадар ҷон меканад, бехтараш ман бо хоҳарзодаам мешинам, шумо худатон равед.

Зан ноилоҷ розӣ шуд.

- Ширашро сари вақт бидеҳ, либосашро зуд-зуд иваз кун.

- Чашм, шумо биравед, мо кори худро баладем. Ба ҳар ҳол ду додар калон кардаем. - хандид хоҳараш.

Зан қарибӣ бегоҳ баргашт духтарашро ёд карда буд, ӯро дар замин намемонд, мебӯсиду бӯ мекашид. Фаромӯш кард, ки ҷиҳози харидааш дар мошини Ҷон монд. Ҷиҳози зиёд харида буд, дар мошин базӯр ҷо шуданд. Ҷон ҳамаро ба хона даровард ва асбобҳои амакашро аз мошин берун овард ва қисматҳои гаҳвораро бо ҳам васл кард ва ба хонаи хоби зан гузаронд. Баъд мизу курсии кӯдакро дуруст кард ва коляскаро ҳам.

-Акаи Ҷон тахассуси шумо чӣ аст? - пурсид духтар, ки аз чолокии Ҷон ба ҳайрат афтода буд. Ҳамшираaш норозиёна ба хоҳараш нигоҳ кард.

- Ман муҳандиси сохтмон, инжинер,

- Ман хаёл кардам шумо суратгиред ё наворбардор

- Не, суратгирӣ ҳоббии ман аст, дӯст медорам.

- Ҳамсари шумо зани хушбахт аст, устои тайёр дар хонааш,- гуфт духтар ва ба тарафи ҳамшираaш чашак зад.

- Ман ҳамсар надорам, ҳеҷ вақт надоштам.

- Чаро? - пурсид духтар. Зан дасти хоҳарашро ба қаҳр пучид, чӣ кор дорӣ ба ӯ, гуфт оҳиста дар гӯшаш.

- Дар Аврпуо мардум дер издивоҷ мекунанд, барои издивоҷ бояд ошиқ шавӣ, дӯст дорӣ - гуфт Ҷон ва корaш идома дод. Зан ба хона даромаду хоҳарашро ба ишораи даст “биё” гуфт.

- Девонаӣ ту духтар, чаро часпидӣ ба ин бечора, боз фикр накунад, ки мо барояш барнома кашидаем.

- Аз Худо мехоҳад, ки барояш барнома кашида бошед, магар намебинӣ чӣ тавр ба шумо нигоҳ мекунад?

Кори Ҷон тӯл кашид, зан дар рӯи кат дастархон кушод, бо ҳам шом хӯрданд.

-Ҷон, шумо ба мо хеле кумак кардед, миннатдорам.

- Арзиш надорад, ин кӯдак барои ман ҳам муҳим.

- Бори дигар ташаккур. - гуфт зан бо табассум.

- Суратҳоро пагоҳ биёрам?

- Пагоҳ? Аҷалае нест, то рафтанатон биёред мешавад.

- Пагоҳ меорам, - хирагӣ кард марди утришӣ.

Зан пеш аз посух додан каме фикр кард, мехост бигӯяд, ки ин ҷо Аврупо нест, як мард ду дафъа хонаи зани бешавҳар дарояд, мардум сад ҳарф дармеоранд. Аммо чизе нагуфт.

- Ҳмм, бошад пагоҳ биёред, гуфт.

Ин рӯзҳо Атан барои худ машғулият ёфт, аз хонаи кӯдак дур намешуд, меҳри сарфнашудаи модариашро ба ин тифл баст. Садои гиряи кӯдак баланд шавад, мисли модарарӯси ҷанҷолӣ хонаро ба сараш мебардорад, ки биёед, кӯдак гиря дорад. Гаҳвораи кӯдакро бо сараш тела медиҳад ва меҷумбонад. Хеле бо ӯ меҳрубон аст. Вақти хоби кӯдак дар пойи гаҳвораaш менишинад ва хобашро посбонӣ мекунад ҳамон тавр, ки хоби соҳибашро посбонӣ мекард. Дигар барои тамошои бачааш саҳар ба назди дар намедавад ва дар гирди девори ҳамсоя ҳам намегардад. Кӯдак барои ӯ маънии зиндагиаш шуда буд. Зан сагро барои ин муҳаббат ва садоқаташ бештар дӯст дошт. Тирамоҳ рӯзҳои офтобии башумор дорад, зан рӯзҳо коляскаи кӯдакашро берун мебарорад, то кӯдак дар ҳавои тоза хоб кунад. Атан дар пойи коляска ҳалқа мезанад ва гоҳ-гоҳ онро тела медиҳад, меҷумбонад. Рӯзе, ки Ҷон бо албоми суратҳо омад, Атан коляска меҷумбонд. Ҷон дастгоҳи аскосиашро гирифта, чанд аксу навор бардошт. Аксу наворҳҳои бардоштааш оливу хеле устодона буданд.

Зан Ҷонро ба сари дастархон даъват кард. Хоҳараш бо чӣ баҳонае онҳоро танҳо гузошту рафт.

- Ман фардо ба Утриш бармегардам, истироҳатам тамом

шуд, хостам якбора бо шумо хайрухуш кунам. Бо шумо одат кардам. Шумо зани фавқулоддае ҳастед, масъулияти ин кӯдаки ятимро бар дӯш гирифтед, ман хеле мутаассир шудам. Мехоҳам ба кӯдак кумаки молӣ кунам. Зан мехост ҳарфи ӯро қатъ кунад, аммо Ҷон имкон надод, - хоҳиш рад накунед, ман мехоҳам як кори хуб анҷом диҳам ва аз он ифтихор кунам. Агар зид набошед адреси почтаи электронии шуморо гирам ва рақами телефонро.

Зан адреси худро дар телефони Ҷон навишт.

-Ман бо Атан бисёр одат кардам, саги оличаноб аст, агар сагро фурӯшед мехостам онро бо худам бубарам.

-Атанро? - абрувони зан чин шуданд. - Шумо намедонед Атан дар зиндагии ман чӣ ҷойгоҳ дорад, Атан ҷони ман аст, ӯ наздиктарин каси ман аст. Як нафар ӯро боре бурду барои се моҳ гумном кард, ман қариб мемурдам. Ман бе Атан мемирам. Ӯ ҳам бе ман зиста наметавонад. Ин ҳарфро дигар нагӯед, ман меранҷам.

- Саги фавқулодда аст. - гуфт мард бо ҳасад.

- Бале, Атани ман мисли инсон ҳассос аст, доно аст, танҳо забон надорад, ки ҳарфи дилашро бигӯяд.

Ҷон пушаймон шуд, ки чаро ҳарфи Атанро дар миён кашид ва шоми худоҳофизиро хароб кард.

Ӯ сагро хеле бағал кард, ба забони утришӣ чизе дар гӯшаш хонд, кӯдакро бӯсид ва дасти занро фишурду рафт.

Зан ҳам ҳис кард, ки дар ин чанд рӯз бо ҳузри ин марди сару либосаш аҷибу ғариб одат кардааст.

- Беҳтарин номзадро аз даст додед. – гуфта, хоҳараш ҳамшираашро мазоҳ кард.

Охири ҳафта модараш омад. Аз дигаргуниҳои босуръати зиндагии духтар шигифтзада шуд, аммо ӯро накӯҳиш накард. Духтарашро ба оғӯш кашида, набераашро бӯсид. Зани ҳамсояи бо табақи ош омад, то бо меҳмон саломуалейк кунад.

Модараш як ҳафта бо духтаронаш монд. Ҳавлӣ пур аз

садо шуд, садои Атан, гиряи кӯдак, рақсу таронасароии хоҳараш, қаҳ-қаҳи ҳамсоя ва аллагӯии модараш. Модараш гуфт, ки як қисми боғи падариро фурӯхтанд ва пулашро дар бонк гузоштанд.

- Хоҳарат гуфт, ки коргоҳ мекушодай, ин пул барои оғоз ва идомаи корат кофӣ аст.

- Даркор набуд очаҷон, ман худам оҳиста-оҳиста ба по мехестам.

- Хонавода барои ҳамин рӯзҳост, боғ ба мо чӣ даркор, агар донем, ки духтарамонро он мард нимароҳ кардаст. Модараш билохира тоқат накарду гирист.

Зан аз кӯдакаш серӣ надошт, хоб бошад базӯр бедораш мекунад, то хандаашро бубинад ва чун гунҷишк "ғут-ғут" карданашро.

- Вой, ман бе ту ин ҳама сол чӣ тавр зистам, азизам, ту куҷо будӣ, дардат ба ҷони модар.

Кӯдак чаҳормоҳа шуд ва акун чеҳраҳоро мешинохт. Модарашро бинад, мисли гунҷишк даҳонашро боз мекарду нӯлҳояшро борик ва бо забони худаш чизе мегуфту дастак мезад, ангор, мехост парвоз кунад. Атанро мебинаду механдад. Дили Атан мехоҳад, ки сар то пои кӯдакро забон занад, аммо зан иҷозат намедиҳад. Ӯ гоҳ-гоҳ дар набудани зан кафи пойи кӯдакро мелесад ва ӯро механдонад. Зани вакил чанд дафъа хабаргирӣ омад, ширу ҷурғот овард ва барои кӯдак муҳраи чашмӣ. Ду дафъа ҳарфи Ҷонро дар миён андохт, зан ҳарфи ӯро об надод.

Зиндагии зан ширин шуд, ширинтар аз оне, ки буд. Бо пули боғи падарӣ коргоҳ кушод, чанд нафарро истихдом кард, куртаҳои дӯхтааш дар байни муштариҳо маъруф шуданд, ҳатто ситораҳои синамо ва телевизион ба ӯ пероҳан фармоиш медоданд дар борааш мақолаҳо навиштанд ва ба ҷаласаҳои занҳои тоҷир даъват мекарданд. Аммо ҳоло ҳам вақти бештарашро бо духтараш мегузаронд.

Рӯзе аз ҳамин рӯзҳо, ки сари зан аз хушбахтӣ ба осмонҳо

мерасид ва хонааш пур аз навоҳои ширин буд, садои занги дар баланд шуд. Пеш аз ҳама, Атан ба тарафи дар давид, аммо баъди лаҳзае бесадо ақиб гашт, на аккос зад на ғуррид, ангор касе онҷо набуд, зан ҳайрон шуд. Дарро боз карду ҳамсарашро дид, бечораҳол буд. Ӯро ба хона даъват намуд. Бори аввал эҳсос кард, ки дар дилаш нисбат ба ин мард на хашм дорад, на муҳаббат ва на бадбинӣ. Мард дар берун коляскаро дид ва аз дохили хона садои хандаи кӯдак ва хоҳарзанашро шуниду ҳайрон шуд.

- Меҳмон доред? - пурсид бо садои паст

- Не, меҳмоне нест,

- Овози кӯдак аз куҷост?

- Ин овози духтари ман аст, мехоҳӣ духтари маро бубинӣ, як духтари ноз аст, асал аст.

- Суманро биёр хоҳар!

Хоҳараш кӯдакро, ки дар танаш либосҳои саропо гулобӣ дошт ва ба тути фарангӣ монанд буд, ба ҳавлӣ баровард. Ӯ нуҳмоҳа шуда буд ва рӯзи гузашта аввалин бор оча гуфт.

-Ин духтари деринтизори ман аст, ба амакат салом бигӯ ҷони модар.

Мард дасти кӯдакро бӯсид, аммо чизе напурсид, аз модару кӯдак чашм намеканд. Ӯ занро дар солҳои аввали издивоҷашон чунин хушбахт дида буд.

- Аз ту пурсем, хонавода хуб ҳаст? Модарат, ҳамсарат ҳама хубанд?

Мард чизе гуфт, ҳарфаш рушан набуд, зан нафаҳмид ӯ чӣ гуфт.

- Ту тағйир ёфтаӣ, чизе дар ту дигар шудааст, гуфт ӯ

- Ман аз рӯи роҳнамои ту амал кардам. Шабе, ки ту ҷомадонҳоятро бардоштиву рафтӣ, пурсидам, ки ман чӣ кор кунам, гуфти зиндагӣ кун, мисли занҳои дигар. Машварати хубе буд, ман ҳам зидагӣ кардам, ба он шевае, ки дар тавонам буд. Ту барои ман муаллими хубе будӣ.

Мард чизе нагуфт, лабҳояш фишурда шуданд. Каме

нишаст, бе он ки чизе бигӯяд, аз ҷой бархост.

- Нагуфтӣ, ки ҳамсарат ҳомила шуд билохира?

- Не, нашуд.

- Боке нест, ягон кӯдаки ятимро бузург кунед, зиндагиатон ширин мешавад, ман инро таҷриба кардам.

- Гуфти номи духтарат чӣ аст?

- Суман!

- Ҳамон тавре, ки орзуяшро мекардӣ, ҳамқофияи номи Атан. - гуфт мард андешамандона, гӯё бо худаш ҳарф мезад.

Ӯ ғарқи андеша аз дар берун шуд.

Аз почта ду қуттии бузург оварданд, ки Ҷон аз Утриш фирстода буд. Дар яке портрети зан бо духтараш буду дар дигаре Атан, ки гаҳвораи кӯдакро меҷумбонад. Атан акси худро диду ба тарафаш аккос зад, хеле хандаовар буд. Ҷон дар дохили портрет номае фиристод. Навиштааст, ки видиеои гаҳвораҷумбонии Атан дар як сабқати муҳим баранда шуд ва пули калон ба даст овард. Ҷон дар як бонк ба номи Суман ҳисоб боз кардааст ва он пулро ба ҳамон ҳисоб мегузаронад. Маросими ҷоизасупорӣ тобистон баргузор мешавад ва қаҳрамонҳои акс бояд дар он маросим иштирок кунанд. Сафар аз ҳисоби Кумитаи маросим аст.

- Апаҷон маро ҳам баред, - зорӣ кард хоҳараш, - ман аз Душанбе дуртар ҷоеро надидаам, маро ҳам баред. Ба Ҷон нависед, ки мо ҳама меоем, ҷон апаҷон!

- Мо рафтему ту мондӣ! Кӣ гуфт, ки мо Утриш меравем, духтарам ҳоло барои чунин сафарҳо хурд аст. Коргарҳо чӣ мегӯянд? Хоҳараш маъюс шуд.

Ҷон ҳар рӯз паём мефиристод, саҳару бегоҳ, зиндагиашро соат ба соат менавишт, он қадар бисёр навишт, ки зан ба паёмҳои ӯ одат кард ва агар як рӯз нанависад безобита мешавад. Дар яке аз номаҳояш навишт, ки "дилам бароят танг шудааст, кош бо ман мебудӣ". Зан "қаҳр" карду дигар ба номаҳояш ҷавоб надод. Як ҳафта гузашт, Ҷон ҳам дигар чизе нанавишт. Зан зуд-зуд телефон рӯшан мекард,

аммо дигар паёме наомад. Ноумед шуд, хуморӣ шуд.

Як субҳ хоҳаронро садои ав-ави Атан бедор кард. Саг ба сӯи дар ҳаллос мезад ва мехост онро боз кунад. Садояш хашин набуд, бетоқатии олуда ба ҳаяҷон буд. Хоҳараш рафт, ки дарро боз кунад. Зан дасташро боэҳтиёт аз зери сари духтараш берун кашид, то бедор нашавад. Ин дам аз ҳавлӣ нидоҳои шодӣ ва ханда баланд шуд. Зан ба сӯи овозҳо шитофт. Ҷонро дид, ки дар зери бори Атан ва хоҳараш дар замин ғел мезанад. Ҳавлӣ пур аз ханда буд. Ҷон занро диду гунаҳкорона аз ҷояш бархост.

- Маро бубахш, ки дигар тоқат накардам ва беиҷозат омадам..

Қалби зан аз ҳаяҷон меларзид, аз шарм сурх шуд ва дасташро барои салом ба сӯи Ҷон дароз кард.

- Дили ман ҳам барои ту танг шуда буд. - гуфт.

- Дили як нафари дигар ҳам барои шумо танг шудаст. - гуфт хоҳараш ва ба сӯи айвон ишора кард.

Суман калавида-калавида аввалин қадамҳояшро дар рӯи замин мегузошт.

## Мундариҷа

Фаришта дар дӯзах……………………………………………....5

Кӯчаи хотираҳо…………………………………………..328

Рақси гулбаргҳои гелос………………………………….350

Шабе ки офтоб тавлид шуд…………………………....395

Атан……………………………………………………………..416

# ФАРИШТА ДАР ДУЗАХ

**Муаллиф:**
Соҷидаи Мирзо

**Муҳаррир:**
Олим Бухориев

Ба чопаш 23.05.2022 имзо шуд. Андозаи 60x84 $^{1}/_{16}$. Коғази офсет.
Чопи офсет. Гарнитураи Times New Roman Tj.
Ҷузъи чопии шартӣ 30. Теъдоди нашр ____ нусха.